ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

ҲАФТАИ ИЛМ

М А В О Д И
Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)»

Ҷилди II

НЕДЕЛЯ НАУКИ

М А Т Е Р И А Л Ы
Республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «5500-летию древнего Саразма», «700-летию выдающегося таджикского поэта Камола Худжанди» и «20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования (2020-2040 годы)»

Том II

Душанбе – 2020

УДК: 001 (01) (575.3)
ББК: 72.3 (2Т)
М – 12
М – 34

Зери назари доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ва доктори илмҳои химиё, профессор Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо

Котиби масъул:
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калон
Рустам Наботӣ

Мураттибон:
Абдуллозода Р. А.
Ҷӯраева Л. Р.

Ҳайати таҳририя:
Ибодова М. К.
Абдуллоева Ш. П.
Набиева М. Н.
Асадова М. Р.

Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – Ҷилди II. – Душанбе: Чопхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. – 449 саҳ.

ISBN 978-99975-77-13-9

@ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
@ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П Е Ш Г У Ф Т О Р

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, чун анъана, ҳафтаи савуми моҳи апрели ҳар сол Конференсияи илмию назариявии ҳайати бисёрҳазорнафараи устодону кормандон, донишҷӯёну магистрантон ва аспирантону докторантон бахшида ба ҷашну санаҳои муҳим ва шахсиятҳои таърихии ин миллат баргузор мегардад. Ҳамин аст, ки конференсияи имсола ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», «5500-солагии Саразми бостонӣ» ва «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» бахшида мешавад.

Рушду пешрафти илмҳои дақиқ ва дар зимн дар истеҳсолот татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ, заминаи саноатикунонии босуръат, инчунин, нишондиҳанда ва баёнгари сатҳи баланди иқтисоди миллӣ мебошанд. Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааанд, **«Имрӯз бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузошта намешавад»**.

Эълон шудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барои омӯзиш ва рушди илмҳои риёзию табиӣ такони ҷиддӣ бахшида, бе шак, барои амалӣ намудани Стратегияи чоруми ҷумҳурӣ – саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

Пӯшида нест, ки дар ҳама давру замон тамоми ҷанбаҳои зиндагии башарият, пеш аз ҳама, ба рушду нумӯ ва кашфиёту ихтирооти илмҳои табиию риёзӣ вобастагӣ дорад. Хусусан, дар асри кунунӣ, ки асри ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо унвон гирифтааст, рушду пешрафти илмҳои табию риёзӣ муайянкунандаи рушду пешрафти кишварҳо маҳсуб меёбад.

Мавриди зикр аст, ки дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат аз 18-уми марти соли 2020 аз ҷониби Ҳукумати кишвар Нақша-чорабинӣ дар 59 банд тартиб дода шудааст, ки зиёда аз 30 банди он ба Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ тааллуқ дорад ва мо дар иҷрову татбиқи онҳо саъю талош менамоем.

Ҳамзамон, соли ҷорӣ таҷлили «5500-солагии Саразми бостонӣ» ба нақша гирифта шудааст. Воқеан, бозёфтҳои зиёди таърихӣ ишора ба он мекунанд, ки Саразм ҳамчун маркази маданияти кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозӣ ҳанӯз дар ҳазорсолаи IV-III қабл аз мелод ташаккул ёфта, далели қотее аз давлатдориву давлатсозӣ ва таърихи ғанӣ доштани миллати тоҷик мебошад.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки устодон ва донишҷӯёни факултети таърихи Донишгоҳи миллӣ дар Саразм корҳои зиёди бостоншиносӣ гузаронида, ёдгориҳои зиёди таърихиро аз ин ҷо ба даст овардаанд.

Вобаста ба таҷлили «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ», ки имсол бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бунёди илму маориф ва фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид (ЮНЕСКО) ҷашн гирифта мешавад, Донишгоҳи миллӣ ҳамоишҳои илмию назариявии сатҳи гуногунро ба нақша гирифтааст. Бе тардид, омӯзиш ва таҳқиқи осори ин суханвар беҳтарин василае барои тарбияи қишри ҷавон дар рӯҳияи худшиносиву меҳанпарастӣ мебошад.

Бовар дорем, ки маводи конференсия, ки фарогири фишурдаи маърӯзаҳои ҳайати устодону кормандон, докторантону аспирантон ва магистрантон аст, дар ҳалли масоили гуногуни илмӣ ва ҳамгироии илму амал мусоидат менамояд.

Ректори ДМТ,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Хушвахтзода Қ. Х.

БАХШИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ

ВКЛАД АКАДЕМИКА Н. Н. НЕГМАТОВА В ИЗУЧЕНИЕ ИСТОРИИ ДРЕВНЕГО ХУДЖАНДА

Ходжаев М. П. – к.и.н., заведующий кафедрой истории древнего мира, средних веков и археологии ТНУ

Академик Негматов Нумон Негматович в историко-археологической науке практически основал и развил раздел Худжандоведения древнего, средневекового и нового времени. Когда он в 1954 г. начал в городе Худжанде первые стационарные археологические и историко-топографические исследования, наука об этом великом городе знала очень мало и отрывочно. Сведения письменных источников о средневековом городе собрал академик В. В. Бартольд. Публицистическую очерковую книжку о славном сыне Худжанда - Темурмалике и героической борьбе Худжанда против нашествия орд Чингизхана написал С. Айни.

Занимавшихся историей древнего Худжанда исследователей в основном интересовал лишь один вопрос - локализация города Александрии Эсхаты (Крайней), основанной Александром Македонским во время его восточного похода в 334-324 гг. до н.э. Причем, многими учеными разных стран выдвигались различные гипотезы, касающиеся места локализации Александрии Эсхаты, расположенного по всему Сырдарьинскому бассейну и даже за его пределами. Некоторые ученые предполагали, что искать ее необходимо на территории современного Спитаменского района, другие - в Киргизии или Узбекистане, третьи - даже в Китае. В мировом востоковедении последние 250 лет шли дискуссии о местонахождении города Александрии Эсхаты. В ней участвовали видные историки многих стран, которые немало лет пытались найти следи загадочного города. Естественно, что стремление археологически изучить эти следы охватило и таджикских историков. Под руководством Н. Н. Негматова, начиная с 1954 года велись активные поиски города, связанного с именем Александра Македонского. Был создан Худжандский отряд таджикской археологической экспедиции, который заложил на территории Худжанда, почти в центре города, первые шесть шурфов.

Таким образом, создавался кадровый, исследовательский и научно- методический потенциал Худжандоведения, в котором возмужали и Н. Н. Негматов и его сотрудники, и археологическая наука Таджикистана в целом. Таким образом, почти все уникальные памятники Худжанда и его округи были детально изучены и освещены в печати самим Н. Н. Негматовым или его учениками.

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ МАКТАБУ МАДРАСАҲОИ ҚӮРҒОНТЕППА ВА ҚУБОДИЁНИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XX

Қушматов А. – д.и.т., профессори кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии ДМТ

Қабл аз он ки масъалаи вақфи мактабу мадрасаҳои тоинқилобии водии Вахшро зикр кунем, бояд мухтасар дида бароем, ки ин мактабу мадрасаҳо чӣ буданду чӣ хусусияте доштанд. Мо мухтасар мегӯем, зеро оид ба ин масъала ҳам олимони тоинқилобӣ ва ҳам олимони муосир асарҳои зиёд навиштаанд ва бисёр ҷанбаву ҷиҳатҳои ин масъаларо равшан кардаанд. Албатта, на ҳама нуқтаҳои иброздоштаи олимони тоинқилобӣ қобили қабуланд, вале маълумоте, ки онҳо меоваранд, барои тасаввур кардани восеъи воқеӣ кофӣ мебошад. Мо мухтасар изҳори ақидаи карданием, ки маорифи халқ пеш аз инқилоб аз ҳисоби чӣ вуҷуд дошт. Аз куҷо маблаг мегирифт.

Қабл аз ҳама бояд гӯем, ки он замон муассисаи давлатие, ки ба корҳои маориф машғул шавад,вуҷуд надошт. Манбаи асосии маблағи мактабу мадраса даромади вақф буд, домуллову мударрис ҳам аз ҳисоби вақф маош мегирифтанд. Пеш аз ҳама, мо шартан чунин нуқтаро ба асос мегирем, ки мактаб зинаи аввали маориф ва мадраса зинаи болотари он маҳсуб меёфтанд.

Мактабҳои куҳна ҳама динӣ буданд, худро ба ҳамин мактабҳо диҳанд, зеро, ба ҳар ҳол ҳеҷ набошад баъзе талабаҳо хондану навиштанро меомӯхтанд. Дар ҳақиқат мактабҳо яке аз камвақфтарин муассисаи вақфдор буданд.

Баъд худи вақфи мактабҳо ҳам аз 3 таноб замин ва каме об зиёд намешуд. Бояд иқрор шуд, ки вақфи мактаб дар системаи вақфҳои Осиёи Миёна мақоми казоӣ надошт. Дар Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ), шаҳр он тараф истад деҳае набуд, ки мактаб надошта бошад, шумораи ин талабагон бошад, дар ҳар мактаб тақрибан аз 6 то 25 талаба буд. Чи тавре мебинем, шумораи мактабҳо кам набуданд ва қариб саросари кишварро фаро мегирифтанд. Агар ҳеҷ имконияте набошад, мактаб дар назди масҷид кушода мешуд. Бояд қайд кард, ки барои муаллим ҳеҷ гуна маошу моҳонаи расмӣ вуҷуд надошт, баръакс барои таълимӣ фанҳои динӣ пул гирифтан гуноҳ ҳисоб мешуд. Таърихи мадрасаҳои бекиҳои Қӯрғонтеппа ва Қубодиёни водии Вахш ва номи асосгузорони онҳо маълум нест. Тибқи маълумоти муаллифони тоинқилобии рус, дар бекиҳои Қӯрғонтеппа ва Қубодиёни водии Вахш дар интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX, 10 мактаб ва 10 мадраса вуҷуд дошт:

мадрасаи Қабодиён дар маркази вилояти Қӯрғонтеппа; мадрасаи Ҷилликул (Дустӣ) дар амлокдории бекии Қӯрғонтеппа; мадрасаи шаҳри Қӯрғонтеппа;

мадрасаи ш. Панҷ (дар гузашта Сарай); мадрасаи Домулло Дӯстмуҳаммад;

мадрасаи деҳаи Тугул (ноҳияи Панҷ); мадрасаи деҳаи Чечка; мадрасаи Ёвон (2 мадрасаи).

Хуллас, вақфҳои мактабу мадрасаҳои калони Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ яке аз шаклҳои заминдории феодалӣ маҳсуб меёфтанд.

ВАЗЪИ КУНУНИИ МУНОСИБОТИ МИЛЛӢ ВА РАҚОБАТҲОИ СИЁСӢ ДАР АФҒОНИСТОН

Маҳмадшоев Р. – д.и.т., профессори кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии ДМТ

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба ҳайси кишвари дорои мавқеи хосси геосиёсӣ ва давлати сермиллат дар тӯли таърих мароҳили мушкил ва мураккаберо пушти сар намудааст, ки масоили миллӣ ва муносиботи қавмиву қабилавӣ дар мадди аввал меистанд. Таърихчаи он аз ҳамон оғози ба сари қудрат омадани пуштунҳо дар соли 1747 ва ишғоли замин ва мулкияти тоҷикон ва аҳвоми дигари ғайрипуштун оғоз гардида, хислати мухолифату хушунат ва рақобатро ба худ касб кард. Баъдан, дар солҳои 80-90 асри XIX, дар замони ҳукумати амир Абдурраҳмонхон (1880-1901), дар асари сиёсати фишор, таъқиб, табъиз, наслкушӣ ва табъиди мардуми шиамазҳаби ҳазора муносиботи байни пуштунҳо ва аҳвом ва қабоили ғайрипуштун боз ҳам бадтар гардида, бар замми ин, мухолифатҳои қавмӣ–қабилавӣ моҳияти динӣ-мазҳабӣ гирифтанд.

Дар солҳои 20–30-ми асри XX, дар асари муҳоҷир намудани қабоили пуштун/афғон ба самти шимол ва ҷойгузин намудани онҳо дар заминҳои тоҷикон, ҳазораҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо ва муҳоҷирати иҷбории онҳо ба заминҳои камҳосил ва беоби ҷануб сабаби боз ҳам муташанниҷ шудани муносиботи байниқавмӣ ва байнимиллӣ гардид. Акнун ба мухолифатҳои қавмӣ–қабилавӣ ва байнимиллиӣ зиддиятҳо ва мухолифатҳои динӣ-мазҳабӣ илова шуда, дар солҳои 90–уми асри XX ба задухӯрдҳо ва муборизаи шадиди сиёсӣ мубаддал гардиданд, ки заминаҳои ҷуғрофӣ ва таърихӣ доранд. Решаҳои он ба умқи таърих фурӯ рафта, асоси онро таркиби мураккаби этникӣ ташкил медиҳад.

Сукунати халқҳо ва қабоил ниҳоят мураккаб ва омехта буда, шароити табиӣ, ҷуғрофӣ, иқлимӣ, дастнорасии манотиқи кӯҳистонӣ ва ғ., аз як тараф ва дар тайи садсолаҳо анҷом

гирифтани тохтутозҳо ва таҳоҷуми аҷнабиён аз тарафи дигар, ба таркиби мураккаби этникӣ, гуногунрангии нажодӣ, забонӣ ва мазҳабӣ мунҷар гардида, якпорчагии ҷуғрофиёӣ ва якрангии аҳолии бумии Хуросон–тоҷиконро барҳам зад. Акнун, ба истиснои баъзе манотиқи Кӯҳистон, Кӯҳдоман, Кобулистон, Панҷшер, Бадахшон, самти шимолӣ, дигар дар тамоми қаламрави кишвар тоҷикон ба шакли пароканда дар байни аҳвому қабоили баъдомада сукунат доранд. Дар тақсим ва парокандагии халқҳои минтақа, бахусус тоҷикон нақши муҳимеро Британияи Кабир ва Русияи подшоҳӣ бозӣ карданд. Дар натиҷаи сиёсати "қисмат кардану ҳукумат рондан" қисмати азими тоҷикон ҳамчун ирридента - аҳолии аслӣ ва бумии кишвар ва халқҳои дигар, ба монанди ӯзбекҳо, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, балуҷҳо дар охири асри XIX шомили давлати Афғонистон гардиданд.

Аммо, ҳоло боз мазҳакаи нави интихоботии соли 2019-ро оғоз карданд. Боз тақаллуб, фиреб ва хокпошӣ ба чашми мардум. Бо хатми раъйдиҳӣ, аз 18 номзади раиси ҷумҳур Абдулло Абдулло бо сароҳат эълон кард, ки пирӯз шудааст. Ашраф Ғанӣ ҳам бозиҳои пуштипардагиро давом дода, ба умеди он аст, ки бозингарони асосии пуштипардагии хоричӣ ӯро дубора ба сари қудрат меоранд. Аммо, бо дарназардошти панҷ соли нокомии ин ду роҳбари ноуҳдабарои "Ҳукумати вахдати миллӣ" моҳҳост, ки баъди хатми интихобот ҳанӯз натоиҷи он эълон нашудааст. Шояд бозингарони асосӣ дар сададі кофтукови номзади лоиқтаранд.

ИНЪИКОСИ НИЗОМИ ИДОРИИ ИМПЕРАТОРИИ ҲАХОМАНИШИҲО ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК

Муродов Н. С. – ассистенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии ДМТ

Империяи Ҳахоманишиҳо аз ҷумлаи он саҳифаи мубрами давлатдории аҳди қадими ниёгони тоҷикон мебошад, ки ба таври бунёдӣ дар осори муҳаққиқони тоҷик инъикос гардидааст. Дар саргаҳи ин таҳқиқот аз муҳаққиқони тоҷик Б. Ғафуров, Н. Неъматов, Ю. Яъқубов, Қ. Расулиён ва дигарон бо осори худ қарор доранд. Онҳо вижагии низоми давлатдории Ҳахоманишиҳоро инъикос намуда, саҳми ин сулолаи ориётаборро дар таҳкими ин сохтори сиёсӣ нишон додаанд. Махсусан сохтори маъмурии ташкилнамудаи онҳо тӯли асрҳо ҳамчун намунаи ибрат нигоҳ дошта шуд. Онҳо империяро ба сатрапҳо, гипархияҳо ва марзҳои бузурги ҳарбӣ тақсим намуда, дар таърих нахустин маротиба сохтори хоссаи давлати федеративиро ба вуҷуд оварданд, ки дар он зиёда аз 70 халқияту қавмҳо бо теъдоди 13 млн нафар ба сар мебурду масоҳаташ баробар ба масоҳати имрӯзаи ИМА буд. Дар мукаммал гардидани давлатдорӣ нақши ислоҳотҳои Дорюши Кабир барҷаста аст. Ташкили сохтори муназзами маъмурӣ, баланд бардоштани мақоми шоҳ, ташкили шӯрои назди шоҳӣ, ки аз шаш хонадони элитарии ҷомеа таркиб ёфта буд, қӯшуни доимоамалкунанда, низоми ягонаи ҳуқуқӣ, пеш гирифтани сиёсати ҳамгироӣ дар бобати дину оинҳои мавҷуда, ба роҳ мондани низоми махсуси андозу хироҷ, сохтмони босуръати роҳҳои тиҷоратӣ ва корвонсаройҳо, аз ҷумлаи инъикоскунандаҳои вижагии низоми идории империяи Ҳахоманишиён маҳсуб меёбанд.

ИССЛЕДОВАНИЕ ПАМЯТНИКОВ БРОНЗОВОГО ВЕКА В ДАНГАРИНСКОМ РАЙОНЕ

Абдулхаев Ш. – ассистент кафедры истории древнего мира, средних веков и археологии ТНУ

Историографический обзор археологического изучения памятников бронзового века осуществлен впервые. Краткие упоминания о работах и составе экспедиций в Дангаринском районе позволяют отметить некоторую неравномерность расположения открытий в хронологическом порядке. Исследование памятников бронзового века связано с археологическими исследованиями Н. М. Виноградовой, Л. Т. Пьянковой, А. Х. Юсуповым,

М. А. Бубновой, Т. Г. Филимоновой и М. Р. Ахметзяновым. Историографическое описание проведённых археологических работ отразило участие населения в исторических процессах, происходивших в бронзовом веков в данном регионе. В связи с тем, что памятников датированных временем ранней бронзы не выявлено, последующий период показал наличие контактов степных и земледельческих племен и процессов жизнедеятельности, характерных для всей Центральной Азии. Более детальное изучение памятников предполагает продолжение археологического изучения Дагаринского района. В Дангаринской долине следы поселений поздней бронзы раннежелезного века отразили непрерывность и продолжение жизнедеятельности древнего населения. Но поскольку раскопки на них не были осуществлены, сейчас трудно судить о характере и материальной культуре памятников. Выявленные, наряду с поселениями могильники позволяют выделить культуру погребения, известную по материалам Южно-бактрийского круга комплексов Сапалинской культуры ее раннего Муллалинского этапа и контактной андроновской культуры. Связь элементов материальной и духовной культуры населения поры финальной бронзы и последующего этапа раннего железа позволяет предполагать и их этническую преемственность.

АНЪАНАҲОИ ҲЭЛДОРӢ ДАР БАДАХШОН

Саидшоева М. Ф. – докторанти Ph.D кафедраи таърихи, дунёи қадим асрҳои миёна ва бостоншиносии

Аз замонҳои бостонӣ то ба имрӯз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чорводорӣ яке аз соҳаҳои фоидаовари хоҷагии халқ ба шумор меравад. Аз ин рӯ аксарияти аҳолии водиҳои Бартанг, Гунд ва баъзе деҳаҳои ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ, Роштқаълаву Ишкошим ва Мурғоб ин анъанаро то ба ҳол идома дода, дар рушди ин соҳа саҳми беандоза мегузоранд.

Чорводорон чарогоҳҳои махсуси тобистона доранд, ки онҳо аслан дар наздикии рӯду чашмаҳои мусаффо қарор доранд. Аз оғози мавсими гармо чорвордорон ба сӯйи айлоқи куҳӣ кӯч мебанданд ва бо чорво пои пиёда аз 10 то 15 км роҳи куҳиро тай мекунанд. Чарогоҳҳои тобистонаи ҳар деҳа муайян аст, ҳар як оила каппа- эли худро дорад, ки он аз ҷойгоҳи омодасозии таом, хонаи хоб ва тановули таом, хоначаи сангини алоҳида барои нигоҳдошти шир ва маҳсулоти гуногуни ширӣ, ҳели чорво (ҷойи нигаҳдошти шабонаи чорвои майда ва говҳои ширдиҳанда) иборат аст.

Хусусияти хосси зиндагӣ дар айлоқ ба фазои зист бидуни ягон намуди алоқа, истифодаи неруи барқ вобаста аст.

ТАДБИҚИ КАШФИЁТҲОИ ОЛИМОН ДАР СОҲАИ ИЛМҲОИ ДАҚИҚ ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР (АСРҲОИ IX- XI)

Қурбонов Б. Р. – д.и.т., профессор, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Бузургтарин донишмандони қарнҳои IX ва XI, ки дар рушду ва пешрафти илмҳои дақиқ саҳми назаррас гузоштаанд, Ҷобир ибни Ҳайён (кимиёшинос), АбӯАлӣ Яҳё ибни АбӯМансур (ситорашинос), СаҒони Абу Ҳамид Аҳмад ибн Муҳаммад Астурлаби (математик, астроном), Сабу ибни Саҳл (табиб ва гиёҳшинос), Наҳма Абу Наср (ҳандасадони машҳур), Эроншаҳрӣ Абул Аббос (астроном ва файласуф), Абуали ибни Сино (табиб гиёҳшинос, дорушинос, кимиёшинос, табиатшинос, мантиқшинос, файлсуф олим ва энсклопедист), Ҷузҷони Абу Убайд Абдулвоҳид (математик, астроном, табиб, олим ва энсклопедист шогирди Абуали ибни Сино) ва инчунин Муҳаммад Закариёи Розӣ мебошад. Аз осори донишмандон, адибону фозилони он давр бармеояд, ки дар он рӯзгор васоити таҳқиқ ва мутолиа дастраси ҳамагон набудааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилотҳо яке аз олимони ин замон Муҳаммад Закариёи Розӣ саромади давру замони худ гардид ва асарҳои зиёде ба мо ёдгор гузошт.

Муҳаммад Закариёи Розӣ аз овони ҷавонӣ ба омӯзиши илм майли беандоза доштааст. Ба омӯхтану аз худ намудани илм гуногуни замони худ, аз ҷумла,физика, тиб, кимиё, мантиқ, табииёт, риёзиёт ва нуҷум, фалсафа, илоҳиёт ва ғайра рағбати зиёд зоҳир намудааст.

Агар ба шумораи умумии китобу рисолаҳои навиштаи Муҳаммад Закариёи Розӣ дар «Феҳрист»-и Абӯрайҳони Берунӣ назар афканем, он ба чунин тартиб навишта шудааст: 22 китоб дар кимиё, 33 китоб дар табииёт, 56 китоб дар тиб, 7 дар мантиқ, 10 дар риёзиёт ва нуҷум, 7 дар тафсиру талхис ва ихтисори кутуби фалсафӣ ё тибби дигарон, 17 дар улуми фалсафа ва тахминӣ, 6 дар мо ва фавқуттабиат, 14 дар илоҳиёт, 2 дар куфриёт, 10 дар фунуни мухталифаю иқтисодиёт ва дигар илмҳои замонавӣ. Маҷмӯи умумии ин китобҳо ба 184 адад мерасад.

Ибни Абӯасибаъ аз пизишкони қарни ҳафтум аст, ки ӯ 238 китобу рисоларо ба Муҳаммад Закариёи Розӣ мансуб донистааст. Тавре,ки дар боло зикр гардид, Муҳаммад Закариёи Розӣ бо омӯзиши илмҳои табиӣ, фалсафа, адаб, калом, тиб ва кимиё рағбати зиёд доштааст.

ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ЖЕНСКИХ НПО ПО ВОВЛЕЧЕНИЮ ЖЕНЩИН В ПОСТРОЕНИЕ НОВОГО ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО ОБЩЕСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Зикриёева М. Ф. – д.и.н., профессор кафедры история таджикского народа ТНУ

С приобретением независимости республики и в ходе осуществления политических реформ менялась как структура, так и содержание женских массовых организаций. Такое явление было обусловлено следующими факторами: во-первых, по объективным причинам продолжается расти количество женщин в обществе; во-вторых, в условиях Центрально-Азиатского региона, в частности Таджикистана, в основном женские организации занимались гендерными проблемами; в-третьих, на новом историческом этапе, они фактически не только проводят государственную линию, но и практически организуют работу по улучшению экономической жизни, повышению культурного уровня, приобретению специальности, способствуют воспитанию и уделяют внимание правовой защите женщин.

Массовые женские организации хотя и являются правительственными и неправительственными, они фактически решают одни и те же вопросы.

В статье А. А. Кувватовой «Роль женских неправительственных организаций в процессе укрепления мира и построении гражданского общества в Таджикистане» сделана попытка раскрыть программу этих организаций. Так, она пишет: «Женские НПО определили свою миссию в следующих направлениях:

– способствовать созданию гражданского общества через усиление роли женщин в демократических преобразованиях;

– направить женское движение на обеспечение стабильного мира и согласия в обществе;

– предоставлять равные возможности для сельских женщин во всех сферах жизни, защищать их интересы и права;

– давать женщинам и девушкам правовое образование;

– организовать различные виды обучающих программ с целью активизации деятельности женщин во всех сферах социально-политической и экономической жизни;

– поддерживать и развивать участие женщин в бизнесе и предпринимательстве;

– способствовать расширению роли женщин в науке, культуре, искусстве и шире использовать их творческий потенциал;

– исследовать проблему насилия в отношении женщин и осуществлять реабилитацию жертв насилия;

– гарантировать репродуктивные права и репродуктивное образование населения».

ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ВА ТУҶҶОРИИ БЕКИ ҲИСОР ОСТОНАҚУЛ ҚУШБЕГӢ

Шодипур Ю. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Дар сарчашмаҳои хаттӣ доир ба ташаккул ва фаъолияти доираҳои сармоядорӣ, соҳибкорӣ ва туҷҷорӣ дар мулки Ҳисор маводу санадҳои судбахш пайдо кардан мумкин аст. Яке аз намояндагони бонуфузи доираҳои сармоядорӣ, соҳибкорӣ ва туҷҷорӣ дар Аморати Бухоро, беки Ҳисор Остонақул қушбегӣ ба шумор мерафт. Бино бар ахбори маъхазҳои таърихӣ, Остонақул қушбегӣ (солҳои 1886-1906) яке аз ҳокимони маъруф ва номдори на танҳо мулки Ҳисор, балки аз симоҳои машҳур ва сарватманди Аморати Бухоро ба ҳисоб мерафт. Мувофиқи ахбори муҳаққиқи тоинқилобии рус В. И. Липский, «беки Ҳисор машҳуртарин симо (ӯ як вақтҳо қушбегӣ–вазири дарбор буд) ва бойтарин шахс дар тамоми қаламрави Бухоро мебошад. Ғайр аз тиллову нуқра (мегӯянд, ки вай дар таҳхонааш якчанд халта нуқра дорад), ӯ соҳиби галаи аспону рамаи гӯсфандон мебошад. Рамаҳои ӯро дар маҳаллоти дурдасти кӯҳистон, ҳатто дар ҳудуди маҳаллоти русҳо дидан мумкин аст. Инчунин, вай дорои захираҳои доимии ҳар гуна молу маноли аз Русия овардааш, ширавору шакар, чой, мураббову кулчақанд, боз шоҳивору суф, қолинҳову матоъҳои дигар ва ғайра мебошад».

Аз рӯйи маълумоти муҳаққиқон, ӯ яке аз шахсони бойтарини Аморати Бухоро ба шумор мерафт. Мавсуф дорои миқдори зиёди тилло, якчанд галаи асп ва рамаи калони гӯсфандон низ будааст. Ҳамаи ин боигариву сарвати синфи ҳукмрон аз ҳисоби мардуми заҳматкаши ин минтақа ба даст меомад. Агар теъдоди рамаҳои ҳазорсарии гӯсфандон ва галаи аспон, ҳар гуна даромадҳои иловагии натуравӣ, хизмати бемузди (ройгони) нукарону канизон ва соир қувваи коргарӣ ба он зам ва ҳамроҳ карда шаванд, пас албатта, Остонақул қушбегӣ ҳамон тавре ки ба амалдорону ҳарбиёнаш маъмул буд, дар доираву макёси боз ҳам фарохтару калонтар амал мекард.

Ҳокими Ҳисор Остонақул аз ҳисоби андозҳои бекиҳои Бухорои Шарқӣ, соле 200-300 ҳазор танга (аз 12500 то 18750 рубли русӣ)-ро ба нафъи худаш чун фоидаи соф соҳиб мегардид. Бесабаб нест, ки Мирзо Абдулазими Сомӣ дар асараш «Таърихи салотини Манғития» Остонақулро чунин сифат кардааст: «Санаи ҳазору бисту чаҳори ҳиҷрӣ мастур мабод, ки аз ибтидои ҷилуси ин подшоҳи комкор то алҳол, ки муддати 21 сол шудааст, вазоратпаноҳ, мадоруссалтана Остонқул қушбегӣ ба вилояти Ҳисори Шодмон ҳоким ва фармонфармо буда, то ақсои мамолики Дарвозу Кӯлоб ва Қаротегин дар таҳти идораи ӯ буда, дар коргоҳи салтанат ва дарбори подшоҳӣ аз ӯ бузургтаре набуд».

Аз рӯйи шаҳодати Лилиентал, баробари ба вазифаи беки Ҳисор таъйин гардидани Остонқул қушбегӣ ва ба тартиби навбатӣ ба ӯ додани унвони атолиқ, панҷ амлокдории беки Сариҷӯй ба сифати танхоҳ ба ӯ бахшида шуд, ки даромади онҳо пурра ба ҳисоби қушбегӣ мегузашт. Аз ин марҳамату чорачӯиҳо комилан аён мегардад, ки манбаъҳои ғункунӣ ва ҷамъ овардани сарвату боигарии ҳокими Ҳисор Остонқул қушбегӣ то кадом андоза ва дараҷа васеъ ва густурда буданд, мушоҳида намудан душвор нест. Феълан он боигарие, ки В. Липский ба қалам овардааст, ба даҳ соли аввали ҳукмронии Остонақул қушбегӣ мансуб мебошад.

Инчунин, ӯ боз 10 соли дигар дар сари ҳокимият буда, имконияти бештари гирд овардани сарвату боигариро соҳиб мегардад. Зимнан, агар аз як тараф дараҷаи сарватдории ҳоким тасаввур карда шавад, аз тарафи дигар, ба хулосае омадан душвор нест, ки дар мулки Ҳисор то чӣ миқдор сарвату боигарӣ гирд овардан мумкин аст. Дар воқеъ, маҳз аҳди ӯ давраи боэътимоди андухти сарват ва ташаккули моликияти ҳокими Ҳисор Остонақул қушбегӣ буда, қабл аз ҳама, нишонаҳои асосӣ ва омили муҳимми дар мулки Ҳисор ва умуман Аморати Бухоро комилан ва пурра ҳукмрон гардидани ҳаёти орому осоишта ба шумор мерафт.

СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Тоҷов Н. Т. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

28 соли роҳи пурифтихори тайкардаи Тоҷикистон ва дипломатияи тоҷик таҳти роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон роҳи ҳамвору осонгузаре набуд. Ба роҳбарияти ҷумҳурӣ лозим меомад, ки барои ба ҷаҳониён нишон додани чеҳраи аслии хеш ва муаррифӣ намудани симои воқеии тоҷикон ҳамчун миллати бофарҳангу сулҳхоҳ чораҳои мушаххаси судманд андешад. Хиради сиёсии Эмомалӣ Раҳмон дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо Созмони Милали Муттаҳид ва бевосита бо роҳбари он – Сармуншии Созмон – робитаи кории мустақим пайдо намуд ва минбари ин маркази бонуфузи ҳамоҳангсозии масъалаҳои умумисайёравиро ҳамчун пойгоҳи шиносонидани Тоҷикистон истифода бурда, ҷомеаи ҷаҳониро аз вазъияти воқеии Тоҷикистон, равандҳои умдаи сиёсиву иҷтимоӣ ва роҳи ҳалли мусолиматомезе, ки роҳбарияти мамлакат бо иродаи халқи худ пеш гирифта буд огоҳ намуд.

Эмомалӣ Раҳмон баъди сарвари давлат интихоб шудан сиёсати «дарҳои боз»-ро пеш гирифт. Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули «дарҳои боз» ба он мусоидат намуданд, ки Тоҷикистон узви шоистаи созмонҳои байналмилалӣ гардад ва равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ба роҳ монад. Имрӯз Тоҷикистон дар арсаи сиёсати ҷаҳон симои хосси хешро дорад ва ҳамчун узви соҳибэътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст. Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирию пуштибонӣ шудани ибтикорҳои Тоҷикистон дар шахси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, бахусус дар ҳаллу фасли масъалаҳои обу энергетика, муборизаи бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, аз байн бурдани мушкилоти Афғонистон баёнгари мавқеи хосси Тоҷикистон дар низоми равобити байналмилалӣ ва обрӯи баланди роҳбари кишвари мо дар назди сиёсатмадорони ҷаҳон аст.

Ҳамин тавр, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро Эмомалӣ Раҳмон муайян ва эҷод намуда буд, шароити мусоиде фароҳам овард, то ин, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро аксари кулли кишварҳои ҷаҳон ба расмият шиносанд ва давлати моро ҳамчун кишвари демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эътироф намоянд.

САҲМИ ЗАНОН ДАР РУШДИ САНЪАТИ РАССОМӢ

Муҳаббатова Г. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Халқи тоҷик дар соҳаи санъати меъморӣ ва санъати ороишию амалӣ мероси гаронбаҳоеро доро мебошад. Солҳои 20-30-уми қарни XX дар заминаи анъанаоти мусаввирии мардуми тоҷик санъати тасвирии нав ташаккул меёбад. Ғояи даврони мазкур аз рассомон ҷанбаи тарғиботиву ташвиқотиро тақозо дошт.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар соҳаҳои гуногуни санъати тоҷик занони Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштаанд. Дар рӯшду нумӯи санъати рассомӣ низ занон саҳми беандоза гузошта истодаанд, ки миллати тоҷикро бо нақшу мусаввараҳои худ ба ҷаҳониён муаррифӣ карда истодаанд. Асарҳои офаридаи занони Тоҷикистон дар соҳаи санъати рассомӣ нақши боризи худро гузошта истодаанд. Аз ҷумла асарҳои Ҳамидова Н., Боронова С., Каримова Г., Ҳамитова Ф., Ҷалолова П., Каримова М. ва бисёр дигаронро номбар кардан мумкин аст, ки маҳсули эҷоди онҳо бо назокат ва обуранги шарқиёна фарқ менамояд. Ҳар як рассом кӯшиш мекунад, ки дар асарҳояш назари хеш, мавқеи худро нисбат ба олами атроф нишон диҳад. Мусаввараи “Суруди алла”-и Ҳамидова Наргис он қадар моҳирона эҷод шудааст, ки кас аз тамошои он худро дар дунёи рангини кӯдакӣ, дар оғӯши пурмеҳри модар тасаввур мекунаду гӯё садои суруди “алла” ба гӯшаш танинандоз мегардад.

Инчунин, дар мусаввараи “Суманак” Ҳомидова Н. шукӯҳи иди миллиамон Наврӯзро тасвир намуда, ҳиссиёти шодӣ ва маъракаи пурҷӯшу хурӯши суманакпазиро моҳирона бозгӯ кардааст.

Асарҳои офаридаи Боронова Саодат « Қишлоқи тиллоӣ», « Анорҳо», « Рақс», « Навои Наврӯз», « Субҳ», « Духтарони деҳа» ва ғайраҳо мебошанд,ки тараннуми оинҳои тоҷиконро дар бар мегиранд.

Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва берун аз ҷумҳурӣ асарҳои офаридаи бонувони тоҷик дар соҳаи санъати рассомӣ ба намоиш гузошта шудаанд.

УЧАСТИЕ ЖЕНЩИН В ПРОМЫШЛЕННОМ ПРОИЗВОДСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Худжасаидова Н. Х. – к.и.н., доцент кафедры истории таджикского народа ТНУ

В процессе перехода к рыночной экономике, осложненного социальным и экономическим кризисом, гражданской войной и их последствиями, стали меняться роль и место женщин на рынке труда. Участие женщин на рынке труда важно по многим причинам: оно является источником экономической независимости женщин; дает им право на социальное и пенсионное обеспечение и соответствующие услуги здравоохранения; предоставляет возможности для улучшения общественного положения и развития личности.

Для обеспечения планомерного и научно обоснованного экономического развития страны, искоренения гендерного неравенства в данной сфере Правительством республики в рассматриваемые годы были приняты и в настоящее время реализуются долгосрочные и среднесрочные программы – «Национальная стратегия развития на период до 2016г.» и «Стратегия снижения уровня бедности на 2007-2009гг.». Главной целью Правительства Таджикистана при реализации этих документов является обеспечение стабильного развития экономики, повышение уровня и качества жизни населения страны, показатели которых согласуются с документом «Цели Развития Тысячелетия», предполагающего в процессе проведения экономических реформ в стране достижение фактического равноправия мужчин и женщин в различных ее сферах, реализацию конкретных мер по улучшению положения женщин, в том числе в промышленном производстве.

Следует отметить, что в этих документах особое внимание, в качестве приоритетных направлений, уделяется развитию малого и среднего предпринимательства, расширению объемов привлечения инвестиций, импорту новых современных технологий для переработки местного сырья до степени конечной продукции, созданию новых рабочих мест, дальнейшей либерализации экономической деятельности, еще большему укреплению прав собственности, неукоснительному соблюдению законности в этой сфере, расширению сотрудничества государства с частным сектором и борьбе с коррупцией.

Реализация этих приоритетов создаст условия для построения развитого государства и формирования цивилизованного общества, в котором все его члены, в том числе женщины будут иметь равные возможности и права для использования благ социально-экономического развития.

БО ТАҶҲИЗОТИ МУОСИР ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕШҚАДАМ ТАҶҲИЗОНИДАНИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГӢ

Набиев Я. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Соҳаи бофандагӣ дар Осиёи Миёна аз қадим мавҷуд буд. Ҳанӯз дар ҷамъияти ғуломдорӣ соҳаҳои бофандагӣ, ресандагӣ, гилембофӣ ва ғайра мавҷуд буданд. Дар асри XIX фабрикаҳои бофандагӣ, ресандагӣ, комбинатҳои абрешимбофӣ, қолинбофӣ ташкил карда шуданд, ки дар натиҷа аҳолӣ, бештар занҳо, ба ин соҳа ҷалб карда мешуданд. Дар асри XX корхонаҳои бофандагӣ бо дастгоҳҳои механикӣ ва нимавтоматии бо қувваи барқ кор мекардагӣ таъмин карда шуданд. Дар ин соҳа кадрҳои маълумотноки баландихтисос лозим буд. Аз ин рӯ, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо, мактабҳои шабона, донишкадаҳои техникӣ ташкил карда шуданд. Корхонаҳои бофандагӣ бо дастгоҳҳои ватанӣ ва хориҷӣ таҷҳизонида мешуданд. Имрӯз дар асри XXI, ки асри илму техника аст, дар соҳаи саноати бофандагӣ

дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд, дастгоҳҳои электронӣ, компютерии идорашаванда дастрас карда мешаванд.

Аз тарафи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсан бо талошҳо ва пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои инкишофи саноати бофандагӣ як қатор чораҳо адешида шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корхонаҳои муштарак ва хусусӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд. Дар ин корҳонаҳо аз Федератсияи Россия, Хитой, Туркия, Ӯзбекистон дастгоҳҳои муосир ва технологияҳои пешқадам насб карда шудаанд, ки як дастгоҳ аз 10-56 ҳазор сомонӣ арзиш дорад. Иттиҳодияи истеҳсолии «Нассоҷии тоҷик», Комбинати абрешимбофӣ, фабрикаи дӯзандагии «Ёқут- 2000» дар шаҳри Душанбе, фабрикаи ресандагӣ дар шаҳри Ҳисор, комбинати бофандагӣ дар (шаҳри Қӯрғонтеппа) ш. Бохтар, фабрикаи ресандагӣ дар шаҳри Данғара, комбинати бофандагӣ ва абрешимбофӣ дар шаҳри Хуҷанд, фабрикаи қолинбофӣ дар шаҳри Қайроққум, заводи пахтатозакунӣ ва ресандагии «Олим-Текстайл» дар ноҳияи Мастчоҳ ва ғайра мавҷуд аст, ки бо дастгоҳҳои муосир таҷҳизонида шудаанд

Бештар ба ин соҳа Хитой маблаггузорӣ мекунад.

Коргарон курсҳои махсус гузашта, нозукиҳои истифодабарии дастгоҳои муосирро аз худ мекунанд. Фабрикаи дӯзандагии ҶДММ «Ёқут 2000» аз соли 2001 ба фаъолият шурӯъ карда, имрӯз либосҳои низомӣ, мактабӣ, махсуси корӣ истеҳсол мекунад. Дар худи корхона, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст, зиёда аз 500 нафар дӯзандаҳо ва дар филиали, он, ки дар шаҳри Ваҳдат аст, зиёда аз 100 нафар дӯзандаҳо фаъолият мекунанд. Як дастгоҳи дӯзандагӣ қариб 20 намуд (функсия) тарзи корро иҷро мекунад, ки арзиши як дастгоҳи дӯзандагӣ аз 1,5 ҳазор сомонӣ то 30 -35 ҳазор сомонӣ мебошад. Коргарон то 1000 сомонӣ ва зиёдтар аз он, шогирдон 500- 600 сомонӣ маош мегиранд. Дар ҳар ҷашну маросимҳо коргарон бо туҳфаҳои моливу пулӣ ҳавасманд карда мешаванд. Барои дӯзандаҳо матоъ аз фабрикаи нассоҷии Душанбе ва Хуҷанд оварда мешавад.

Хулоса, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои саноати бофандагӣ бо таҷҳизоти муосир (дастгоҳҳои замонавӣ) таҷҳизонида шуда, коркарди маҳсулот осон ва сифати он баланд гардида, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш рафта, шумораи коргарони ин соҳа меафзояд.

НАТИҶАҲОИ КОРИ КОМИССИЯИ ТАҚСИМОТИ МИЛЛӢ-ҲУДУДИИ ОСИЁИ МИЁНА

Ҷӯраев Ҷ. Г. – н.и.т., муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

15 сентябри соли 1924 Сессияи фавқулодаи КИМ-и Туркистон ва 20 сентябри соли 1924 Сессияи Умумибухороии Шӯроҳо тарафдории худро барои ташкилёбии ҷумҳуриҳои миллӣ изҳор карданд. Вале сессияи КИМ ҶМШС Туркистон ҷонибдори дар ҳайати Ӯзбекистон ташкил намудани вилояти мухтори Тоҷикистон буд.

Сарфи назар аз ин, тавассути дастгирии шахсиятҳои шинохтаи онвақтаи Шӯравӣ дар асоси пешниҳоди комиссия таҳти роҳбарии В. В. Куйбешев Бюрои Сиёсии КМ РКП (б) 11-уми октябри соли 1924 ягона қарори одилона қабул кард:,, «Ҷумҳурии худмухтори тоҷикон (ба ҷойи вилояти худмухтор) дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташкил карда шавад». 14-уми октябри соли 1924 иҷлосияи II КИМ-и Умумииттифоқ (даъвати 11) қарори Бюрои Сиёсии РКП (б)-ро «Дар бораи таҚсимоти миллии Осиёи Миёна» тасдиқ кард. Аз ин рӯ, 14-уми октябр рӯзи тавлиди Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон навоҳии Панҷакент, Фалғар, Ӯротеппа, Мастчоҳ, Ғарм, Ҳисор, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва аз 2-юми январи соли 1925 Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ (ВАБК) дохил шуданд. Ноҳияҳои Хуҷанд, Нов, Исфара, Конибодом, Ашт дар округи Хуҷанд муттаҳид шуда, ба ҳайати ҶШС Ӯзбекистон дохил шуданд. Ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон 135620 километри мураббаъ, аҳолиаш 739503 кас буд, ки 65,4 фоизашро тоҷикон ташкил медоданд. Аз ҳайати ҶМШС Туркистон ба Тоҷикистон 135665 кас ва аз ҶХШБ 6038338 кас дохил шуданд.

26-уми ноябри соли 1924 дар шаҳри Тошканд, Ҳукумати Тоҷикистони Шӯравӣ-Комитети Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ба ҳайати он раис- Нусратулло Лутфуллоев, ҷонишинони раис-Б. Додобоев ва Р.Бобоҷонов таъйин гардиданд. Душанбе пойтахти Тоҷикистон эълон гардид.

Тақсимоти миллию ҳудудии Осиёи Миёна қадами бузурге дар роҳи ҳалли масъалаи миллӣ ва дар роҳи инкишофи демократияи Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Ба туфайли ин тақсимот тоҷикон пас аз даҳ аср тавонистанд давлати миллии хешро таъсис дода, баробари дигар халқҳои соҳибдавлат барои шукуфоии кишвари хеш заҳмат кашанд.

Ҳамин тавр, халқи тоҷик дар ҷараёни ин тақсимот, дар натиҷаи муқобилияти сахти туркпарастон ва баъдан ӯзбекпарастон соҳиби ҷумҳурии мухтори худ гардид, ки барои ин халқи қадима аҳамияти бузурги таърихию сиёсӣ дошт.

САҲМИ Б. ҒАФУРОВ ДАР ТАҲҚИҚИ ИЛМУ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Шомахмад Ш. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Халқи тоҷик дар тӯли таърихи тӯлониаш бисёр абармардони фарҳангу тамаддун ва нобиғагони илму маърифатро ба дунё овардааст, ки бо осори ҷовидонаашон на танҳо ба халқу кишвари худ хизматҳои пуарзиш анҷом додаанд, балки дар рушду нумӯи илму фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштаанд. Яке аз чунин абармардони таърих, сиёсатмадори маъруфи халқи тоҷик, олим ва мутафаккири бузурги Шарқ, Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров мебошанд.

Бе муболиға, рушди илму фарҳанги тоҷик дар иртибот бо ҷараёни пуршӯри сиёсати ҷаҳони онвақта бо номи Б. Ғафуров иртиботи қавӣ дорад. Ба нақши оламшумули аллома дар инкишофи илми тоҷик Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дода, аз ҷумла зикр кардаанд: «Бобоҷон Ғафуров дар радифи бузургтарин фарзандони Ватани мо қарор дорад. Агар Абулқосим Фирдавсӣ гузаштаҳои пурифтихори Ватанашро дар «Шоҳнома»-и безаволи худ пеши назари наслҳои нав ба нави инсонҳо ба ҷилва оварда бошад, айни ҳамин корро устод Бобоҷон Ғафуров дар китоби безаволи худ «Тоҷикон» бо санадҳои илмӣ анҷом додааст». Бобоҷон Ғафуров ҳамагӣ 68 сол умр дида бошад ҳам, аз он 50 солашро ба хизмати халқу Ватан, рушду нумӯи Тоҷикистон ва илму фарҳанги он бахшидаанд.

Бобоҷон Ғафуров 15 сол дар ҳайати роҳбарон ва 10 сол сарвари аввали Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон буданд. Дар давраи роҳбарии Бобоҷон Ғафуров ҷумҳурӣ ба сарзамини иқтисодиёту фарҳангаш пешрафта, ба яке аз манбаъҳои асосии истеҳсоли пахта, консерваю мева ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, маркази муҳимми истихроҷ ва коркарди фулузоти нодир табдил ёфт. Он кас дар айёми зиндагӣ барои худ ду ҳайкали ҷовидон гузоштанд: яке ҷумҳурии шукуфони Тоҷикистон аст, ки тараққиёти он аз бисёр ҷиҳат ба заҳматҳои Бобоҷон Ғафуров вобаста мебошад. Ва дигаре шоҳасари оламшумули «Тоҷикон» мебошанд, ки тамоми таърихи бисёрҳазорсолаи халқи моро инъикос мекунад. Аз дигар иншооти муҳим, ки таъсиси он бевосита бо номи устод Бобоҷон Ғафуров иртибот дорад ва натиҷаи талошҳои ин фидоии миллат дар рушди илму фарҳанг аст, ин таъсиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 1948 мебошад.

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА (СОЛҲОИ 1991-2016)

Шоев Ғ. А. – н.и.т., муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Талошу кӯшиш ва ҷустуҷӯву такопӯ ба хотири ба вуҷуд овардани меъёрҳои ахлоқӣ дар тамаддуни инсонӣ мавқеи муҳим доранд. Аз замоне, ки инсон ҳамчун мавҷуди дорои фикр, андеша ва хирад ба тафаккур намудан пардохтааст, тарбияи одобу ахлоқ яке аз мавзӯъҳои

муҳимми ҳаёти ӯ будааст. Зеро таълиму тарбия дар рӯҳияи одобу ахлоқи нек нахустин ва муҳимтарин василаи саодату камоли одамӣ ва ҷомеаи инсонӣ аст.

Гузаштагони тоҷикон ба таълиму тарбия аҳамияти бисёр медоданд. Хираду дониш ва одобу ахлоқ дар назди онҳо пурарзиштарин сифатҳои инсонӣ ба шумор мерафтанд. Дар китоби “Авасто” ва дигар китобҳои фалсафию адабӣ дар васфи донишу адаб гуфторҳои ниҳоят зиёде ёфт мешаванд, ки дар тӯли қарнҳои дигар дар китобҳои гуногун ба тарзи мухталиф баён шудаанд, нишондиҳандаи таваҷҷуҳи ниёгони мо ба таълиму тарбия ва гиромӣ будани мақоми донишу хираду адаб дар назди миллати мо мебошанд.

Дар тамаддуни башарӣ ба мисли халқи тоҷик халқеро ёфтан муҳол аст, ки бузургонаш бидуни истисно, қисматҳои бузурге аз осори худро ба панду насиҳат дар боби ростӣ, дурустӣ, некӣ ва накукорӣ, адлу инсоф, беозорӣ, эҳсон, мурувват, дӯстию рафоқат, ҳифзи обрӯ ва мавқеи инсонӣ бахшидаанд. Бузургтарин шоҳкории адабиёти ҷаҳонӣ, ифтихори тоҷикон ва тамоми форсизабонон “Шоҳнома”-и ҳаким Фирдавсӣ бо ситоиши хирад оғоз мегардад. Чуноне, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз намудааанд: “Тамоми осори гузаштагони моро –аз “Авасто” сар карда то Рӯдакию Фирдавсӣ, Мавлавию Хайём, Носири Хусраву Хоҷа Камол, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Соиб, Сайидою Дониш ва садҳо дигар маҷмӯи одобу ахлоқ номидан мумкин аст”.

Муссалам аст, ки дар кори таълиму тарбияи наврасону ҷавонон саҳми ВАО дар шароити феълӣ хеле пуртаъсир буда, ВАО дар тағйири тафаккури онҳо ба таври мусбат ё манфӣ таъсир мерасонанд.

Хушбахтона, ба шарофати истиқлолияти давлатӣ фаъолияти ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле фаъол гардида, онҳо тамаоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро таҷассум месозанд

САҲМИ АКАДЕМИК ЮСУФШОҲ ЯҚУБОВ ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ҚАДИМИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Муродов С. – ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Халқи тоҷик, ки яке аз қадимтарин халқҳои соҳибтамаддун маҳсуб меёбад, дорои таърихи пурғановат ва куҳан буда, пас аз ба даст овардани истиқлолият ба шинохти арзишҳои волои миллии худ рӯ овард. Давлат ва ҳукумати Тоҷикистони соҳибистиқлол низ барои эҳё намудан ва зинда нигоҳ доштани ин таърихи пурғановат ва тамаддуни пурарзишу воло чораҳои зарурӣ меандешанд. Новобаста ба вазъияти ногувори иқтисодӣ бостоншиносони тоҷик аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба баъд анъанаҳои неки илми бостоншиносӣ ва бостоншиносони давраи шӯравиро идома дода, дар гӯшаю канори манотиқи гуногуни кишварамон, аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоб ба кашфи ёдгориҳои нодири таърихӣ идома дода истодаанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар арафаи таҷлили 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ковишҳои бостоншиносӣ авҷ гирифтанд. Ба таври намуна метавон аз ин ҳафриёт ва натоиҷи он ҳарф зад: дар соли 1993 аз ҷониби бостоншиносон П. Т. Самойлик ва М. Азизов дар наздикии мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ воқеъ дар маркази шаҳри Кӯлоб хумдони кулолиро, ки дар он зарфҳои сафолӣ пухта мешаванд, пайдо намуданд.Таҳқиқот нишон дод,ки ин кӯраи сафолпазӣ мутааллиқ ба асрҳои 7-6 то мелод мебошад. Он яке аз калонтарин хумдонҳои то ин давра пайдо намудаи бостоншиносон дар саросари Осиёи Миёна маҳсуб меёбад. Хумдон доирашакл буда, аз ду қисм: болоӣ, яъне қабати пухтани сафолҳо ва поёнӣ, яъне оташдон иборат мебошад.

Аз қабати болоӣ фарши доирашакл бо сӯрохиҳои гармидиҳанда бо қутри (диаметри) 3 метр боқӣ мондааст. Гирдогирди канораҳои фарш 9 сӯрохии гармидиҳанда ҳар кадом бо қутри 20 сантиметр ҷойгир шудаанд. Дар миёнаи фарши кӯра боз 9 сӯрохиҳои гармидиҳанда мавҷуд аст, ки ҳар кадоми онҳо дорои қутри 9-сантиметрӣ мебошад.

Даричаи оташдон ба андозаи 50х60 см ва дар баландии як метр аз сатҳи замин ҷой гирифтааст. Қабати поёнии ин хумдони кулолӣ чунин ҳаҷм дорад: баландӣ аз сатҳи замин то қабати болоӣ 2,1 метр, қутри қисми болои оташдон-1,5 метр, қутри поёнӣ-1,9 метр, қутри

мобайнӣ-2,6 метр. Аз дохили ин ёдгории нодири таърихӣ пораҳои маснуоти сафолӣ, аз қабили лаличаҳо, кӯзаҳо, хумҳои калон пайдо гардидаанд.

МАСОИЛИ МУБРАМИ ДАВЛАТДОРИИ КУШОНИЁН ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ТАЪРИХИ ТОҶИКОН АЗ НИГОҲИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Шарипов Ҷ. С. – ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон нишон дод, ки давлатдории онҳо маҳсуб меёфт. Кушониён баъд аз вуруди юнону мақдуниҳо ва заволи ҳаёти фарҳангию иқтисодӣ дубора тавонистанд чун Ҳахоманишиҳо дар рушди ҷомеа саҳм гузошта, заминаи ташаккули халқи тоҷикро гузоранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз марҳилаҳои олии рушди тамаддуни ориёиҳо маҳз ба замони Кушониён марбут аст. Сиёсати ислоҳотгароёнаи шоҳони Кушонӣ аз Кучула Кадфиз сар карда то Канишкаи Кабир нисбат ба соҳаҳои афзалиятноки ҷомеа омили асосии рушди маънавиёту иқтисодиёт гардид. Эмомалӣ Раҳмон натиҷаи таҳқиқотҳои бостоншиносиро дар сарзаминҳои муосири Тоҷикистону Афғонистон, яъне Бохтари таърихӣ ба инобат гирифта, саҳми Кушониёнро дар рушди унсурҳои фарҳангӣ, махсусан эҳёи хат, забон, дин ва суннатҳои ниёгон барҷаста арзёбӣ намудааст.

Заминаи асосии ин маълумотҳо натоиҷи таҳлили катибаҳои “Сурхкутал” ва “Работак”-и Афғонистон мебошанд. Ҳамин тавр, замони Кушониёнро новобаста аз баъзе даргириҳо аксарият муаррихон давраи тараққиёт ва рушду нумӯи тамоми соҳаҳо шуморидаанд. Яке аз чунин соҳаҳои пешрафта муносибатҳои тиҷоратӣ чи дар сатҳи дохилӣ ва чи дар сатҳи хориҷӣ маҳсуб меёфтанд. Мувофиқи маълумоти муаррихон, давлати Кушониён бо якчанд шоҳаҳои роҳи бузурги тиҷоратӣ, ки аз ҷониби румиҳо “Роҳи Абрешим” номида мешуд, бо Хитой ва Рум пайваст мешуд. Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи мазкур ба сарчашмаҳои румӣ ва чинӣ такя намуда, сиёсати махсуси вобаста ба ин соҳаи афзалиятноки шоҳони Кушониро дар осори хеш инъикос намудааст.

СИЁСАТИ ТАШАББУСКОРОНАИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ КУМАКИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ҶИҲАТИ ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОС

Шарифзода Р. А. – аспиранти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ

Дар сиёсати давлатӣ дар меҳвари муносибатҳо қарор гирифтани илм ва маориф ба он хотир аст, ки инкишофи худи ин бахш, яъне инкишофи илм барои худи илм ва маориф равзана мекушояд ва соҳаҳои дигар, аз ҷумла, иқтисодиёт, иҷтимоиёт фарҳанг ва ғайра бидуни илм пеш рафта наметавонанд. Тамоми соҳаҳои ҳаёт аз соҳаи маориф вобастагӣ доранд. Сиёсати маориф, ё худ сиёсати давлатӣ дар бахши маориф, фаъолияти давлат оид ба таъмин намудани инкишофи системаи миллии маориф мебошад. Дар сиёсати маориф якчанд ҷанбаҳо дида мешаванд, ки миёни ҳам робита доранд: сиёсӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, ташкилӣ-идорӣ ва ғайра. Дар хусуси муҳим будани соҳаи маориф зимни мулоқот бо ҷавонон 23 майи соли 2015 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд:«Ҷавонон бояд ба омӯзишу такмили донишу малакаи худ диққати ҳамаҷониба диҳанд, чунки Тоҷикистон ба мутахассисони соҳибтаҳсилоту ташаббускоре ниёз дорад, ки мувофиқи талаботи иқтисоди бозорӣ вусъати рушди иқтисодию иҷтимоии кишварамонро таъмин менамоянд».

Мувофиқи қарордодҳои байнидавлатӣ омода намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳояшон дар хориҷи кишвар аз соли 1998 шурӯъ шуд. Барномаи Шӯрои амрикоӣ оид ба маорифи байналмилалӣ 30 январи соли 2003 бо иштироки кормандони масъули Сафорати ИМА дар Тоҷикистон ва созмонҳои амрикоие, ки фаъолияти худро дар соҳаи илму маориф дар Тоҷикистон ба роҳ мондаанд, машварат доир гардид. Доир ба сиёсати пешгирифтаи

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи илму маориф, раванди қабул ва ба таҳсил фаро гирифтани донишҷӯёни тоҷик ва бачагони лаёқатманд ибрози андеша шуд.

Аз ҷумла, соли 1996 созишномаҳои байниҳукуматӣ оид ба соҳаи маориф бо Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Белорус, Украина ва Қазоқистон, созмонҳои байналмилалии АКСЕЛС (Шӯрои амрикоӣ оид ба маълумоти байналхалқӣ) Хазинаи Оғохон ва ДААТ (барномаи табодули академӣ дар Олмон) Хазинаи Сорос ба имзо расонида шуданд. Дар доираи ин созишномаҳо таҳсили донишҷӯёну мутахассисон дар Туркия, Чин, ИМА, Олмон, Славакияву Чехия ва ғаира амалӣ мегардад. Дар ин давра дар Ҷумҳурии Халқии Чин 20 нафар, Ҷумҳурии Туркия зиёда аз 300 нафар, ИМА 158 нафар, дар Олмон тақрибан 150 донишҷӯ таҳсил намуданд. Инчунин, донишҷӯёни мо низ дар мактабҳои илмии Чехия ва Словакия таҳсил доранд. Албатта, мо ба он умед мебандем, ки дар оянда муносибатҳои кишвари мо бо ташкилотҳои байналмилалӣ боз ҳам ҷонноктар мешаванд. Барои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ Тоҷикистон як фазои сулҳу суботро фароҳам оварда, кафолати амнияти онҳоро таъмин менамояд. Аз ҳамин сабаб шумораи ташкилотҳои кумакрасон сол то сол дар ҷумҳурӣ зиёд шуда истодааст.

ПРИЧИНЫ И ПОВОД ВТОРЖЕНИЯ США В АФГАНИСТАН В 2001 Г.

Мунавваров М. – к.и.н., доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран ТНУ

Поводом для вторжения вооруженных сил США в Афганистан стали трагические события 1998г. в Кении Танзании. Группа террористов взорвала одновременно посольства США в Кении и Танзании, в общей сложности погибло 250 человек, в основном мирные жители проживающие в близлежащих домах.

Америка возложила ответственность на террористическую организацию «Аль Каида» во главе с Усама бен Ладеном. Спецслужбы США начали охоту за руководством Аль-Каиды. Они в организации террора обвинили Бен Ладена. Тем временем в Афганистане в ходе гражданской войны Движение Талибан победило, 90 процентов территории Афганистана к началу 2001 года контролировали талибы. Руководство Аль Каиды во главе с Усама Бен Ладеном нашли укрытие в Афганистане. США в ультимативной форме потребовали от «Движения талибан видать им Бен Ладена и других руководителей Аль-Каиды. Талибы отказались видать Бен Ладена. Тогда Вооруженны силы США с согласия Совета безопасности ООН 7 октября 2001 года вторглись в Афганистан.

События с взрывами в посольствах Кении и Танзании, по мнению некоторых аналитиков, были поводом для начала боевых операций против Афганистана, а основная причина вторжения США в эту страну-это стремление мировых держав укрепиться в Афганистане. Борьбу за влияние в Афганистане вели США, Китай Россия, Иран, Пакистан и Евросоюз. Поэтому, это события послужили хорошим поводом для начала вторжения США в Афганистан и укрепления своей позиции в целом в Центрально-Азиатском регионе.

Цель нашей статьи заключается в том, чтобы дать достоверную информацию о целях и задачах Соединённых Штатов Америки в Афганистане. Была ли эта цель достигнута или нет, мы постараемся рассмотреть в нашей статье.

Таким образом многострадальный афганский народ опять был ввергнуть в пучину военных действий, террора, разрухи и многочисленных человеческих и материально потерь. Более 18 лет продолжается эта бессмысленная война, конца которой все еще не видно. По-видимому история ничему не научила великие державы, которые с поводом и без повода вторгаются в чужую страну с одной только целью-укрепить свои геополитические амбиции и продемонстрировать миру мощь своих вооруженных сил, лишая народ своей независимости и священного права самому решать свою судьбу и выбирать свой путь дальнейшего развития, который соответствует его традициям, менталитету и духовно нравственному развитию.

ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲИЯИ ТЕСТҲО

Мунавварова Т. З. – н.и.пед., дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии ДМТ

Яке аз усулҳои муосиру инноватсионии омӯзиш ва назорати донишазхудкунӣ истифодаи тестҳо дар раванди таълим буда, таваҷҷуҳ ба онҳо афзудааст. Оид ба моҳият, мазмун, аҳамият, функсияҳо ва навъу намуди тест ва усули тестронӣ дар адабиёт илмӣ-методии ватанӣ фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд.

Пеш аз ҳама, ҳар як омӯзгор вобаста ба донишу фаҳмиши худ, таҷрибаи педагогиаш мустақилона тест тартиб медиҳад, аммо баъзи аз онҳо он ба талаботи илмӣ-методӣ ҷавобгӯ намебошанд. Ошноӣ бо баъзе аз онҳо нишон дод, ки меъёрҳои таҳияи тестҳо риоя карда намешаванд.

Махсусан омӯзгорони ҷавони навкор саволномаҳои тестиро ҳамон тавре мураттаб месозанд ва онҳо истифода мебаранд, ки онро аз ягон ҳамкасби таҷрибадори худ омухтаанд. Ҳол он ки навъу намуди тестро омӯзгор бояд вобаста ба хусусиятҳои фанни тадрисшаванда, функсияи он (омӯзишӣ, назоратӣ, тарбиявӣ ва ғайра), намуди назорат (қаблӣ, ҷорӣ, баъдӣ) ва дигар омилҳои муайянкунандаи сатҳи сифати дониш интихоб намояд. Инчунин, синну соли донишҷӯён, соҳа ва зинаҳои таҳсилот (бакалавтура ё магистратура), қоидаҳои анъанавии забон бояд баинобат гирифта шаванд.

Бояд дар назар дошт, ки таҳияи саволномаҳои тестӣ, аз фанни таърихи умумӣ, аз унсурҳои гуногун иборат буда, вазифаҳои таълимии фанро бояд ба пуррагӣ дар бар гиранд, аз он ҷумла;

-аз худ кардани воқеаҳову ҳодисаҳои асосии таърихи гузаштаю ҳозира;

-мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо асосҳои фаҳмиши мафҳумҳои таърихӣ;

-ба вуҷуд овардани тасаввуроти илмӣ оид ба даврaҳои муайяни таърихӣ;

-сарфаҳм рафтан ба масъалаҳои сабаб, оқибат ва моҳияти ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ;

-аз худ кардани асосҳои мазмуну моҳияти қонунҳо оиди инкишофи ҷамъияти инсонӣ ва ба ҳамин васила ташаккул ёфтани асосҳои ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён.

Баробари ичрои ин талаботҳо саволномаҳои тестӣ, дар маҷмӯъ, тамоми донишҳоро оид ба фанни омӯхташуда дар бар гирифта онҳоро дар алоқаи мантиқӣ бо ҳам мепайванданд.

Таҳлилкунандагони саволномаҳои тестӣ одатан дар интихоби савол аҳамияти онро ба назар нагирифта, онҳо фарогирии мавзӯи алоҳида ва ё якчанд мавзӯъ набуда, ягон унсури алоҳидаи на он қадар муҳимми саволро дар бар мегиранд. Дар ин ҳолат донишҷӯ аксар вақт ҷавоби аниқро таваккалӣ интихоб мекунад. Аз ин сабаб саволҳои дуюмдараҷаю сеюмдараҷаро дар тестҳо дохил кардан хатост. Саволҳоро ба мақсади ташаккули тафаккури таърихӣ, маърифат, тарбияю ташаккули шахсияти донишҷӯён бояд таҳия кард.

Хулоса, тартиб додани тестҳои босифат аз омӯзгор дониши назариявӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами устодон, донишу малака, маҳорату эҷодкориро талаб менамояд.

ЭВОЛЮЦИЯ ПРЕДСТАВЛЕНИЙ ОБ ОСНОВНЫХ ПРИЗНАКАХ ВОЗНИКНОВЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В ИСТОРИИ

Иброимова Г. С. – н.и.т., доцент кафедры новая и новейшая история зарубежных стран ТНУ

На современном этапе международных отношений в мире существует более 3 тысячи международных организаций различного типа, которое отличаются друг от друга.

Изменения в мире в начале XXI века в связи с глобальным процессами в определённом мере изменили характер и формы деятельности международных организаций. В связи с этим возникает вопрос о том, что насколько они соответствуют доктринальном определениям международных организации, о том, что это объединение государств, созданное на основе международного договора для выполнения определенных целей; Это дефиниция в многом

представляется устаревшей, что требует от исследователей нового подхода к определению современны международных организаций.

2.В международной практике имеются немало примеров, где международные организации возникают на основе межгосударственных договоров, на подобие Европейского сообщества, которое возник на базе таких международных правовых документов как Единый Европейский акт, Маастрихский, Амстердамский, Ницский, Лиссабонский договоры.

Существуют также другие примеры. Возникновение международной организации происходит не на основе международного договора, а на основе резолюции Организации Объединенных Наций по промышленному развитию (ЮНИДО)на основе резолюции Генеральной Ассамблеи ООН; ОБСЕ- на основе Хельсинского документа СБСЕ от 1992 г.

Напрашивается вопрос? Почему такими путями возникали международные организации. По этому вопросу необходимо специальное исследование.

3.В настоящее время один из серьёзных проблем в деятельности международных организация связаны сих функциональных задачах. Дело в том, что Венская конвенция о правах международных договоров от 1969г. предусматривает, что изменения учредительных договоров производится на основе закреплённых в них норм. Однако Венская конвенция о правах международных организациях о 1986г. по другому рассматривает этого вопроса. В частности, международной организации предоставляется проводит самостоятельную политику без учёта нормативно- правовых норм, что противоречит конвенций 1969г.

Если обратиться к истории возникновения международных организации, можно проследит такую ситуацию, что знание о международных организациях появились за- долго до их внедрения в международные отношений.

Предоставление о признаках и видах международных организации происходит в процессе общественно-политического развития государств мира, что непосредственно оказывает влияние на процесс активизации возникновения международных организаций. Например, если за пятьсот лет (1300-1800) было составлено до 30 проектов международных организации, то в началеXX в. появилось более 80-х таких проектов. А в начале XXI в. ситуация прослеживается иная.

Мы становимся свидетелем того, что происходит процесс возникновения международных организаций различного типа и видов. Как уже было отмечено выше, их насчитывается более 3-х тысяч.

Следует отметить, что это новое явление в истории до сих пор соответствующим образом не изучено исследователями. На наш взгляд комплексный подход в вопросах о генезисах международных организации может дать новое определение функции и назначения международных организаций.

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН ДАР СОҲАИ ТУРИЗМ

Турсунов Т. Х. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии ДМТ

Дар ҷаҳони муосир яке аз соҳаҳои зудрушёбандаи хоҷагии ҷаҳонӣ туризми байналмилалӣ ба шумор меравад ва омӯзиши масъалаҳои гуногуни ин соҳа барои таъриху фарҳанг ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бузург дорад, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои фаровон барои рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созишномаҳои дутарафаи сиёсиву иқтисодӣ ҳамкориҳоро дар соҳаи туризм бо ҳама субъектҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба роҳ мондааст. Яке аз ин кишварҳо, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сайёҳӣ равобити ҳасана дорад, Ҷумҳурии Ҳиндустон мебошад.

Дар Ҷумҳурии Ҳиндустон соҳаи туризм аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин соҳа 39,3 миллион аҳолии кишвар фаъолият доранд, ки 7,9%-и аҳолии қобили меҳнати Ҳиндустонро ташкил медиҳад. Аз рӯйи таҳлилҳо, дар даҳсолаи наздик

ҳамасола туризми Ҳиндустон 7,7 % инкишоф меёбад ва аз нигоҳи рушди туризм дар ҷаҳон миёни 139 давлат тақрибан ҷойи 28-умро ишғол менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз хотимаи ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1997, сайёҳӣ дар кишвар тадричан рушд кард ва аз миёнаҳои солҳои 2000-ум ба туфайли такмил ёфтани инфрасохтор ва сифати хизматрасонӣ ба сатҳи сифатан нав баромад. Дар айни замон дар ҷумҳурӣ зиёда аз 190 иншооти фаъолияти туристӣ, аз ҷумла муассисаи санаторию истироҳатӣ, меҳмонхонаҳо ва базаҳои туристӣ мавҷуданд вале қисми зиёди инфрасохторҳои мавҷуда ба талаботи туризми ба таври фаъолона инкишофёбанда ҷавобгӯ намебошанд, зеро 60 % -и он ба таҷдид ва азнавсозӣ эҳтиёҷ дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои густариши соҳаи туризм солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон кардааст. Дар самти тараққӣ додани соҳаи туризм омӯзиши таҷрибаи Ҷумҳурии Ҳиндустон аз манфиат холӣ нест. Миёни ду кишвар созишномаҳои дуҷонибаи дар самти сайёҳӣ имзо расидааст. Дар рафти ҷаласаи якуми комиссияи муштараки Тоҷикистону Ҳиндустон оид ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ аз 12 -13 декабри соли 2001 дар шаҳри Деҳлии Нав ҳамкориҳо дар бахши туризм мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар рафти муҳокима оид ба таҳкими туризм ва маблағгузории он, бахусус танзими инфрасохтори он вобаста ба қонунгузориҳои дохилии ҳар ду кишвар андеша иброз гардид ва тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориро дар самти рушди омилҳои инсонӣ ва сектори меҳмонпазиро̄ ҷоннок менамоянд. Ҷониби Ҳиндустон омодагии худро барои мусоидат ба рушди бомароми истифодаи маводҳои рекламавӣ ва брошюраҳои Тоҷикистон изҳор намуд.

Бо мақсади таҳкими дӯстӣ ва эҷоди ҳамдигарфаҳмӣ байни Тоҷикистон ва Ҳиндустон, густариши ҳамкорӣ дар соҳаи туризм, дар асоси баробарҳуқуқӣ ва манфиати мутақобила, ҳангоми ташрифи сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон А. Б. Вечпайи, 14 ноябри соли 2003, дар шаҳри Душанбе байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм дар 14 модда ба муҳлати панҷ сол ва тамдидшавандаи ҳамин муҳлат созишнома ба имзо расид. Дар моддаи якуми он қайд гардидааст, ки тарафҳо ба таҳким ва густариши муносибатҳо дар соҳаи туризм бо мақсади шиносии бештар бо таърих ва анъанаҳои якдигар, аҳамияти хосса хоҳанд дод.

Ду кишвар ба густариши минбаъдаи туризм кӯшиш намуда, ҳамкориро байни идораҳои туристии миллӣ, корхонаҳои хусусӣ, ассотсиатсияҳо, ташкилотҳо, туроператорҳо, оҷонсиҳои туристӣ, шабакаи меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои соҳаи туризми ду кишвар таъкид намуданд.

Барои осон гардонидани воридоту содироти маводу ҳуҷҷатҳо барои реклама, инчунин маълумоти туристӣ ва маводи рекламавӣ, наворҳо ва маводи намоишӣ мусоидат карда, ҳамаи маводҳои воридотиро то ҳадде ки қонунгузории дохилии кишварҳо имкон медиҳад, аз пардохтҳои гумрукӣ озод мекунанд.

ТАҲЛИЛИ НИШОНАҲОИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ ДАР МОВАРОУННАҲР ВА ТАЪСИРИ ОН БА АРЗИШҲОИ УМУМИБАШАРӢ

Ғуломов Т. М. – н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи ДМТ

Дар имтидоди таърихи дунёи қадим ва асрҳои миёнаи барвақта тамаддунҳое шакл гирифтанд, ки бештари онҳо дар асоси арзишҳои динию мазҳабӣ ташаккул меёфтанд. Дар ҳудудҳои ҷуғрофии Ҳинд ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ тамаддуни буддоӣ, дар ҳудуҳои ҷуғрофии императории Византия – тамаддуни масеҳӣ ва дар ҳудудҳои ҷуғрофии Арабу Аҷам тамаддуни исломӣ шакл мегирифт. Дар ташаккули тамаддуни исломӣ саҳми фарзонафарзандони тоҷик беназир буда, онҳо тавонистанд бо таҷрибаи динофарии ирсии хеш ва дахолати фаъоли ақлониашон ба эҳёи арзишҳои илмӣ ва амалии дини ислом даст зананд ва бад-ин восита бори дигар номи неки худро ҳамчун миллати фарҳангӣ дар густариши тамаддуни ҷаҳонӣ гузоранд.

Бо баҳрабардорӣ аз динҳо ва фарҳангҳои пешини худ аҷдодони тоҷикон ба эҳёи арзишҳо ва нишонаҳои асосии тамаддуни исломӣ даст зада, дар асрҳои минбаъда як мазҳаби

хосси Мовароуннаҳрро ба вуҷуд оваранд, ки тавонистанд аз сарҳадоти Чин то сарҳадоти Аврупо – як минтақаи фазои ҳуқуқиву ахлоқӣ ба вуҷуд оварданд ва ба воситаи меъёрҳои ахлоқӣ аз тариқи адолат ва саодат, арзишҳои ахлоқии форсӣ-тоҷикиро аз қабили; урф – маросим ва анъанаҳои миллӣ, ахлоқ, сиёсат, низоми идорӣ, ҳуқуқ ва забону адаби форсӣ-тоҷикиро на танҳо вориди ахлоқи умумиисломӣ намуданд, балки бо қабои ҳуқуқӣ бахшидани арзишҳои миллии форсӣ-тоҷикӣ ва омезиши он бо арзишҳои исломӣ, арзишҳои миллии хешро ба арзишҳои волои исломию инсонӣ ва умумибашарӣ табдил доданд. Мутафаккирони форсу тоҷик тавонистанд бо хадамоти мутақобилаи худ дар ҷабҳаҳои улуми исломӣ саҳмгузорӣ намоянд ва бад-ин восита арзишҳои миллии хешро аз тарқи зайл ба арзишҳои умумиисломӣ ва ё умумибашарӣ табдил диҳанд:

- бо роҳи тарҷума ва таҳияи осори илмии юнонӣ, ҳиндӣ, паҳлавӣ, форсӣ, ибронӣ, суриёнӣ ба арабӣ ва мақоми забони илм бахшидан ба забони арабӣ ва форсӣ;
- бо роҳи поягузории улуми исломӣ, аз қабили илмҳои фиқҳ, ҳадис, сарфу наҳв, улуми Қуръон ва тафсиру таҷвид;

ба тариқи кашфи улум ва фунуни замонавӣ, аз қабили илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ (кимиё, физика, риёзиёт, нуҷум):

- бо таъсиси фазои ягонаи ҳуқуқӣ ва ворид намудани арзишҳои миллии форсии тоҷикӣ ба арзишҳои исломӣ аз тариқи урф, қиёс ва раъй;
- бо ба роҳ мондани дастгоҳи девонсолории низоми идории замони Сосониён дар хилофати исломӣ;
- бо тариқи афзалият ва тавсеа додани забони форсӣ-тоҷикӣ дар қаламрави хилофати исломӣ;
- бо роҳи ҳамхунӣ, наздикшавӣ ва давлатшарик гардидан бо аъроб ва таъсиси давлатҳои миллӣ дар қаламрави хилофат.

Эрониён-тоҷикон тавонистан бо кашфу густариши илмҳои ақливу нақлӣ, ба монанди тиббу нуҷум, риёзиёту физика, кимиёву мусиқӣ ва таъриху адабиёти муштараки исломӣ дар тамаддуни исломӣ нақши боризи хешро гузоранд. Бо таҳлили чунин фишурдаҳо ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки ҳанӯз муҳаққиқи ин давра Наййири Нурӣ гуфта буд: «агар эрониён-тоҷикон намебуданд, аъроб ба неъмату осоиш ва зиндагии муаззам ошно намешуданд». Ва дини овардаи эшон низ то бад-он шукӯҳу шаҳомати воло намерасид, ки расида буд.

РОБИТАҲОИ ИЛМИИ ДМТ БО КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ҶАБҲАИ ЗООЛОГИЯ ВА ПАРАЗИТОЛОГИЯ

Иброҳимов М. – д.и.т., профессори кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи ДМТ

Омӯзиши илмҳои зоология ва паразитология дар Тоҷикистон яке аз иқдомҳои аввали мутахассисони рус баъди ташкилёбии Давлати Шӯравӣ мебошад, ки таърихи бою куҳан дорад. Ҳанӯз соли 1932 дар Тоҷикистон ячейкаҳои илмии зоологӣ ва омӯзиши касалиҳои зараррасони хоҷагии қишлоқ дар доираи шабакаи илмӣ амал мекарданд, ки ба сектори паразитологӣ табдил ёфта, онро олими барҷастаи шӯравӣ Э.И.Павловский сардорӣ мекард.

Баъдҳо он ба Институти зоология ва паразитология, табдил дода шуд. Институт бо роҳбарии Э.Н.Павловский ба омӯзиши мукаммали олами ҳайвоноти Тоҷикистон шурӯъ кард. Дар он солҳо ба мушкилиҳои зиёди иқтисодӣ, техникӣ ва кадрӣ нигоҳ накарда, ин олими барҷаста аввал ба интихоби кадрҳо машғул шуд. Дар муддати кӯтоҳ ин олими нуқтасанҷ институтро бо кадрҳо ва мутахассисони лаёқатманд таъмин кард. Ҳанӯз соли 1929 зери роҳбарии Э. И. Павловский маҷмӯае бо номи «Паразитҳои ҳайвонҳо ва баъзе касалиҳои инсонӣ дар Тоҷикистон» ба нашр расид.

Институти зоология ва паразитологияи Тоҷикистон аз солҳои 60-ум сар карда узви бисёр ташкилотҳои илмии байналхалқӣ, аз ҷумла ВОЗ, ЮНЕП ва ва дигар ташкилотҳо мебошад. Олимони зиёде, ба монанди академик М.Н. Нарзиқулов, А.И.Иванов, С.А.Черновол дар институт фаъолият доштанд, ки онҳо шуҳрати ҷаҳонӣ доранд.

Дар асри XX дар институт 7-то шуъба ва лаборатория ташкил дода шуд, самтҳои асосии тадқиқотӣ пайдо шуданд.

САҲМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАБЛИҒИ СУЛҲ ДАР ҶАҲОНИ ИМРӮЗА

Зикриёв Ф. Б. – д.и.т., профессори кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии ДМТ

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёр давлатҳои ҷаҳон муносибати сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро мустаҳкам карда истодааст. Бештар аз 50 ташкилоти байналмилалӣ бо Тоҷикистон робита барқарор кардаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти байналмилалӣ сиёсати сулҳпарваронаро дастгирӣ намуда, бар зидди озмоиши силоҳи ҳастаӣ баромад мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ-истеҳсол накардани силоҳи ҳастаӣ; хомӯш кардани оташи ҷангҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва ғайра саҳм гузошта истодааст.

Аз моҳи январи соли 2003 сар карда Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати дарҳои кушодро пеш гирифт ва дар натиҷа кишварҳои хориҷ дилпурона сармояашонро дар сохтмонҳои калони саноатӣ, неругоҳҳои барқи обӣ, роҳҳо, кӯпрукҳо ва ғайра мегузоранд.

Сиёсати дарҳои кушод ба Тоҷикистон имконият медиҳад, ки давлатҳои хориҷӣ бо мо ҳамкориҳои муфиди иқтисодиро ба роҳ монанд. Ва дар айни ҳол, мо ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дохил шуда, ба раванди интегратсионии ҷаҳонӣ пайваст гардидем.

Ҳоло зиёда аз 150 мамлакати хориҷӣ, аз ҷумла Русия, Эрон, Хитой, Корея, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Нидерланд, Швейтсария, Туркия, Австрия, Литва, Британия, ИМА, Олмон, Нигерия, Ҷопон ва дигар давлатҳо бо Тоҷикистон ҳамкорӣ доранд.

Солҳои охир робита ва ҳамкорӣ байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ беҳтар гардида, дар пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ тағйироти мусбӣ ба назар мерасанд. Барои ташкил намудани фазои ягонаи иқтисодии минтақа Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ, ки ба он ҷумҳурии Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Русия дохил шуданд, фаъолияти хуб нишон дода истодааст.

«НАВОДИР-УЛ-ВАҚОЕЪ» АЗ НИГОҲИ САДРИДДИН АЙНӢ

Ёрмуҳаммадов А. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии ДМТ

Садриддин Айнӣ дар саргаҳи илму фарҳанг ва маорифи Тоҷикистони муосир меистад. С. Айнӣ аз ҷиҳати маънавӣ дар тайёр кардани заминаи Истиқлолияти ватанамон хизмати беандоза кардааст. Вай ба маориф, адабиёт, фарҳанг ва таърихи марҳилаи нави халқамон асос гузоштааст. Ин хизматҳои С. Айниро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори аввалинҳо унвони олӣ-Қаҳрамони Тоҷикистонро ба С. Айнӣ сазовор донист. Инчунин, бо ташаббуси вай нахустин муассисаи олии таълимии кишварамон- Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон бо номи С. Айнӣ гузошта шуд.

Дар ташаккулёбии ақидаи фарҳангӣ, адабӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятии С. Айнӣ шахсият ва эҷодиёти Аҳмади Дониш саҳми калон дошт. Аҳмади Дониш аз ёздаҳсолагиаш то чиҳилсолагиаш дар шаҳри Бухоро дар мадрасаҳои мухталиф таҳсил кардааст. Хушбахтона, С. Айнӣ дар соли аввали таҳсилаш дар мадрасаи Мири Араб борҳо Аҳмади Донишро аз наздик дида буд. Дар ҳамон соли аввали таҳсилаш имкони ба ҳавлии Аҳмади Дониш рафтан ба С. Айнӣ муяссар мешавад, ки ба вай таассуроти амиқ мегузорад.

Бештар маълумотҳо оиди фаъолият ва эҷодиёти Аҳмади Дониш дар асари безаволи С. Айнӣ «Ёддоштҳо» ҷой дода шудаанд. Он бо мушоҳидакории ба С. Айнӣ хос тасвир ёфтааст. Аз мушоҳидаи С. Айнӣ бармеояд, ки Аҳмади Дониш шахси қоматбаланд, дар тан ҷомаи банораси подшоҳӣ дошт. Гардани вай мувофиқи қадаш дароз ва муносиби баданаш пурра буд. Аммо сари ин одам аз одат берун калон буд. Рӯйи ин шахс сабзина ва пурра буд, риши ӯ миёна ва кулӯта (лунда) буда, торҳои сафедаш аз сиёҳаш бештар менамуд. Муллоҳои мадраса бо вай боодобона таъзим кунанд ҳам ,баъди ба ҳуҷрааш ворид шудан дар бораи вай

ҳар гуна ғайбатҳо мебофтанд. Ин кунҷкобии С. Айнии ҷавонро нисбат ба шахсияти Аҳмади Дониш боз зиёдтар мекард.

С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» воқеаи гирифтани моҳро дар мадрасаи Мири Араб, ки онро Аҳмади Дониш пешгӯӣ карда буд, хеле хотирмон тасвир кардааст. Дар хонаи Аҳмади Дониш муллоҳо, ба гуфти С. Айнӣ, дар тоқчаи болохона доира, тамбур, дутор ва рӯбоб барин асбобҳои мусиқиро дида онҳоро асбоби бозиҳои шайтонӣ мегӯянд, ки бидъаткории Аҳмади Махдумро «исбот» мекард. Ҳамин тавр, С. Айнӣ дар ҳамсоягии ҳуҷраи Аҳмади Дониш дар мадрасаи Мири Араб истиқомат карда, ба фаъолияти вай хело ҷиддӣ муносибат мекард. Рӯз то рӯз эҳтиром ва муҳаббати С. Айнии ҷавон ба Аҳмади Дониш меафзуд. Иштирокчиёни шабнишиниҳои хонаи Шарифҷон Махдум ҳама ба Аҳмади Дониш эҳтиром ва эътиқоди калон доштанд. Махсусан худи соҳибхона-Шарифҷон Махдуми Садри Зиё.

Шарифҷон Махдум вобаста ба имконияташ ҳама гуна маводе, ки ба фаъолияти Аҳмади Дониш алоқаманд буд, пайдо мекард. С. Айнии ҷавон ҳамчун мухлиси Аҳмади Дониш бо ин маводҳо шинос мешуд. Дар баъзе ҳолатҳо худи Шарифҷон Махдум оиди зиндагии Ахмади Дониш ба С. Айнӣ суҳбатҳои тӯлонӣ мекард. Бо ҳамин, шиносоии С. Айнӣ бо асари машҳури Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» дар фаъолияти С. Айнӣ инқилоби бузурги фикриро ба амал овард.

Ҳамин тавр, Аҳмади Дониш бо асари маъруфаш «Наводир-ул-вақоеъ» дар ташаккули мактаби илмӣ, эҷодӣ ва сиёсии С. Айнӣ таъсири калон расонидааст. Минбаъд С. Айнӣ дар саргаҳи давлатдории муосири тоҷикон истода, барои рушди илм, адабиёт ва таърихи мо саҳми назаррас гузошт. Ин ҳама зери таъсири мактаби маорифпарварӣ ва омӯхтани «Наводир-ул-вақоеъ» ба амал омада буд. Асар дар мустаҳкам кардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки мо дар арафаи ҷашни 30-солагии он қарор дорем, хизмати арзанда карда метавонад. Нахустин бор таҳлили он аз тарафи С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ба амал оварда шуда буд. Ин барои муҳаққиқони оянда фотеҳаи нек шуда ба онҳо роҳ кушод.

ГОСУДАРСТВЕННЫЙ СТРОЙ КОКАНДСКОГО ХАНСТВА НА ОСНОВЕ ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКОВ

Азимова Б. Т. – к.и.н. доцент кафедры историографии и архивоведении ТНУ

В XVIII-XIX вв. в жизни народов Средней Азии, Казахстана и Восточного Туркестана большую роль играло Кокандское ханство. Распространяя свою власть на отдельных исторических этапах примерно на половину территории Средней Азии и почти на весь юг Казахстана, Кокандское ханство вело активную внешнюю политику. Это была эпоха коренного перелома в судьбах народов указанного региона.

Территориально-административное устройство Кокандского ханства, представлявшего собой классическую восточную деспотию, имело определенную специфику. Во главе государства находился хан из династии Минг-оседлой и кочевой знати, получавшей содержание из казны и владевшей землями, которые выдавались за военную и гражданскую службу.Исследования историков свидетельствуют, что кокандские ханы пытались первоначально обосновать законность своей власти ссылками на авторитет суфийских пиров [1,98-99]. Они были окружены крупной феодальной знатью и чиновниками.Этим титулом наделялись и некоторые правители на местах. Некоторые правители, включая Худайар-хана, предпринимали попытки поднять престиж престола, что иногда им удавалось. Тем не менее ханская власть, будучи слабой, никогда не была прочной, что явилось одной из главных причин потери Кокандом своей независимости в 1842 г. и в 1876 г. Со времени основания Кокандского ханства с 1709 г. по 1865 г., то есть за 156 лет в Коканде сменилось 18 правителей, один из которых Худайар-хан занимал трон трижды (1852-1858,1862-1863,1865-1875 гг.)

Характеризуя систему власти в ханстве, российский востоковед царского периода В.В. Вельяминов-Зернов подчеркивал, что «система управления в Коканде очень дурна. Хан есть высшее лицо, но сам он распоряжается редко. Обыкновенно при нем образуется партия, не из нескольких приближенных лиц, а из целого племени, рода и отделения, которому случится

оказать услуги государству или другим каким-либо образом приобрести влияние и силу». «Тиранство партий, – писал В.В. Вельяминов-Зернов, – длится до тех пор, пока члены ее не рассорятся между собою или не одолеет другая, противная сторона. Перемена власти выражается обыкновенно страшным беспорядком и кровопролитием» Чины, титулы и звания должностных лиц Кокандского ханства имеют сходство с титулатурой Бухарского эмирата. Однако их значения и места в иерархической лестнице ханства не всегда совпадали. Как свидетельствуют изученные нами материалы,ханство делилось на вилаяты, которыми управляли ханы или вали. Первым человеком в столице ханства был мехтар, который ведал также финансовыми делами и караванной торговлей. Он имел право ввести новый налог, что может свидетельствовать о широких полномочиях этого должностного лица.

Таким образом, Кокандского ханство по внешне представляло из себя настоящее восточное деспотическое государство и стало одним из наиболее видных в Туране. Анализ источников по истории Кокандского ханства в XIX в. свидетельствует о довольно сложной системе государственного аппарата с многоступенчатой иерархией чинов, титулов, должностейвоенных и административно-придворных функций, статус которых с течением времени менялись.

ИССЛЕДОВАНИЯ АКАДЕМИКА В.В. БАРТОЛЬДА, ПОСВЯЩЕННЫЕ КУЛЬТУРНОЙ ЖИЗНИ ТАДЖИКОВ В XIII-XV ВВ

Шарофуддинов С. С. – к.и.н., доцент кафедры историографии и архивоведении ТНУ

Исследования истории культуры Центральной Азии при монголах, хотя имеет давнюю историю, однако постепенное накопление фактических материалов, совершенствование научных методов и методологии поставили перед специалистами немало сложных вопросов. Вопросы, такие как историческая и культурная информация в XIII-ом и середине XIV вв., изменения духовной и материальной культуры в покоренных монголами странах мусульманского Востока, борьба двух цивилизаций (кочевая и оседлая), проблемы городской жизни, культурных взаимоотношений народов Центральной Азии с соседними странами (в том числе с Китаем), входивших в состав Монгольской империи и многие другие, несомненно подлежат глубокому анализу, имеющему прямое отношение к истории XIII-го середины XV вв. Центральной Азии.

В своем труде «Культура мусульманства», В.В. Бартольд отмечал, что в начале XIII века хорезмийскому султану Мухаммеду удалось объединить под свою власть Туркестан и Иран, но его государство было так недолговечно, что едва ли могло иметь влияние на успехи культуры. При потомках Чингиз-хана в Туркестане образовалось особое монгольское государство, причем отношения между ханами туркестанскими и персидскими обыкновенно были враждебные. Монгольские ханы были равнодушны к местной литературе и до принятия ислама, также к мусульманскому богословию. Сам факт появления ряда серьезных и достойных исторических сочинений в годы монгольского владычества в Средней Азии и ряде сопредельных стран, так или иначе, сохранивших исторические и культурные связи с регионом, подтверждает данное мнение. В XIII и начале XIV вв. литература развивается, главным образом, в тех местах, которые не были подвластны монгольским захватчикам, - в Малой Азии, на юге Ирана и в Индии. Лишь к концу XIV-началу XVвв. литературные центры вновь сосредотачиваются в Мавераннахре и Хорасане.

Наиболее крупными представителями таджикско-персидской поэзии XIII века являются Джалаладдин Руми, Саади, Амир Хусрау Дехлави, Гафиз, Камоли Худжанди, Джами, Хусайн Воизи Кошифи, Носир Бурхон и др. Их произведения «Маснавии маънави», «Гулистон», «Бустон», «Хамса», «Хафт авранг» «Бахористон» и др. пополнили сокровищницу таджикского культурного населения.

В XIII веке с Малой Азией была связана деятельность первостепенного персидского поэта Джалальаддина Руми, основателя дервишского ордена - ордена мевлеви, и по мнению некоторых ученых, величайшего из мистиков. Муслихаддин Саади Ширази (род. 1219 г. -ум. в 1292 г.) начал свое образование в Ширазе, затем переехал в Багдад и там закончил курс

обучения. Его страсть к путешествиям и полная тревог обстановка, создавшаяся на родине Саади во время монгольского нашествия, заставили поэта долго скитаться по разным странам Востока. Во время своих многочисленных путешествий, продолжавшихся 30-40 лет, Саади посетил Хиджаз, Багдад и Северную Африку. В 1256 году он вернулся в Шираз и занялся обработкой своих произведений. Творчество поэта сформировалось под воздействием раннесредневековой таджикской поэзии и неразрывно с ней связано. Кроме известных произведений «Гулистон» и «Бустон» Саади написал множество стихов, в частности, несколько циклов газелей.

В XIV веке дальнейшее развитие получила художественная литература. В это время творили Шамсаддин Мухаммад Хафиз Ширази (ум. 1389 г.), признанный классик персидской и таджикской поэзии, и Камол Худжанди (ум. 1400 г.).

Таким образом, анализ и обобщение трудов академика В.В. Бартольда посвященные истории культуры таджикского народа привели автора к выводу о том, что всестороннее знание первоисточников позволило великому ученому внести огромный вклад в изучение средневековой культуры народов Средней Азии, особенно таджикского народа.

САБАБҲОИ ТАҒЙИРИ АЛИФБОИ ФОРСИАСОС ВА СИЁСАТИ ТАЪҚИБКУНИИ ҲУКУМАТИ ШӮРАВӢ НИСБАТ БА ЗИЁИЁНИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ ХХ

Неъмонов Б. З. – н.и.т., муаллими калони кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии ДМТ
Асратбекова А. Д. – ассистенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии ДМТ

Бо мақсади ворид намудани дигаргуниҳои куллӣ-инқилобӣ дар тафаккури одамон дар нимаи дувуми солҳои бистум ва ибтидои солҳои сиюми асри сипаришуда, Ҳукумати Шӯравӣ арзишҳои анъанавиро, ки ба ҷамъияти сотсиалистӣ ва назарияи коммунистӣ муқобил буданд, аз байн бурд. Роҳандозии чунин сиёсат “Инқилоби фарҳангӣ” унвон гирифта, дар баробари тадбиқи ин сиёсат теъдоди зиёди мероси фарҳангии ниёгон, арзишҳои миллию маънавӣ ва неруҳои зеҳниву интеллектуалӣ, аз қабили зиёиён, ходимони ҳизбиву давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз миён бурда шуданд. Минбаъд инқилоби фарҳангӣ тақдири тамоми табақаҳои аҳолиро муайян намуда, ҳам “босаводон” ва ҳам “бесаводон”-ро ба коми худ фурӯ бурд. Барои дар амал тадбиқ намудани инқилоби фарҳангӣ, роҳандозии сиёсати маҳви бесаводӣ ва дар тафаккури мардум ҷой додани асосҳои ғояҳои марксистӣ-ленинӣ на фақат, арзишҳои фарҳангии ниёгон сабаб мегардид, балки ворисон ва донандагони онҳо низ душмани халқ эълон гардида, қисми зиёди онҳо ба қатл расонида шуданд.

Иваз намудани алифбои ниёгон (форсиасос) ба алифбои лотинӣ ва баъдтар ба кириллӣ ҷузъи таркибии инқилоби фарҳангӣ ва сиёсати мақсадноки Ҳукумати Шӯравӣ маҳсуб ёфта, роҳандозии он бо мақсади наздик кардани халқу миллатҳои гуногун ва сохтани “миллати ягона” ҳанӯз соли 1922 дар Маскав, дар назди Комиссариати халқӣ оид ба умури миллатҳо, ки И.В. Сталин сарвари он буд, оғоз гардида буд. Ҳукумати Шӯравӣ бо ин мақсад дар ҶМШС Тоҷикистон маъракаи гузариш ба алифбои навро моҳи январи соли 1927 расман оғоз бахшид.

Қайд намудан бамаврид аст, ки муҳаққиқон ва донишмандони таърихи солҳои 20-30-юми асри ХХ ба масъалаи тағйири алифбои форсиасос ба алифбои лотинӣ баҳои якранг надодаанд. Иддае аз донишмандон бар он назаранд, ки тағйири алифбо ташаббуси рушанфикрони тоҷик буда, гӯё онҳо бо ин васила худро барои ҳизби коммунистӣ ва асосҳои он содиқ нишон медода бошанд. Қисми дигар сабабҳои қабули алифбои лотиниро таъсири Туркия ва кишварҳои ҳамҷавори вай медонанд. Ҳуҷҷату санадҳои муҳимми таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки табдили алифбои ниёгон ба алифбои лотинӣ дар Тоҷикистони шӯравӣ ташаббуси на туркгароёну- рушанфикрони маҳаллӣ, балки амри маҷбурии Маскав будааст. Ному насаби ашхоси ба алифбои нав муқобилбаромада, ки мехостанд, тоҷиконро аз мероси таърихиву маънавии аҷдодони гузаштаашон ҷудо насозанд, дар рӯйхатҳои махсуси давлатӣ дарҷ гардида, фишори Маскав дар роҳи табдили алифбои нав ба муассисаҳои ҳизбию шӯравӣ ва илмию фарҳангӣ равона мешуд. Баъди гузаштан ба алифбои лотинӣ, китобҳои

гузаштагони мо мероси ҷадидҳо, куҳна ва феодалӣ унвон гирифта, аксари онҳо аз мардум ҷамъоварӣ шуда, қисман дар натиҷаи таъқибу фишорҳо нисбат ба зиёиён нобуд гардиданд. Таблиғоти шадиди Ҳукумати Шӯравӣ ба муқобили алифбои форсиасос аз соли 1928 шурӯъ гардида, барои қабул ва дар амал тадбиқ гардидани алифбои нав заминае ба вуҷуд оварда тавонист.

Дар интиҳо ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки амри тағйири алифбои форсиасос ташаббуси Ҳукумати Шӯравӣ буда, рушанфикрону доираи донишмандони тоҷик дар роҳи муқобилат ба ин падида оҷиз буданд. Агар мухолифатҳои расмӣ нисбат ба масъалаи қабули алифбои лотинӣ сурат мегирифт, бо боварии амиқ гуфтан мумкин аст, ки чунин ашхоси муқобил зери шиорҳои “Марг ба душманони халқ”, “Гузариш ба алифбои лотинӣ – ҳукми Инқилоб” гунаҳкор ҳисобида шуда, “Душмани халқ” унвон мегирифтанд ва ҷазои тамғадорони душмани халқ танҳо қатл буд. Дар солҳои бистуму сиюм қисми зиёди зиёиёни тоҷик, (С. Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ, Н. Бектош, Қ. Комилӣ, Ҳ. Карим, Б. Азизӣ, Ҷ. Икромӣ, С. Рабиӣ, Р. Абдулло, С. Вализода, Алӣ Хуш, Маъруф Расулӣ ва ғай.) таҳти фишору таъқибкуниҳои шадид қарор гирифта, иддае аз онҳо ҳабсу бадарға ва боқимонда ҷисман аз байн бурда шуданд.

ВАЗЪИ ТАБЪУ НАШРИ АДАБИЁТИ ТАЪЛИМӢ ДАР ИБТИДОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Умаров А. Қ. – н.и.т., муаллими калони кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи ДМТ

То эълон гардидани Истиқлолияти давлатӣ дар мамлакат аллакай мушкилоти норасоии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба миён омада буд. Зеро, аксар мутахассисону омӯзгорони равшанфикр бо таҳозои замон иваз кардани нақшаҳову барномаҳои таълимӣ ва дар заминаи он таълифу нашри китобҳои дарсиро амри зарурӣ меҳисобиданд. Ҳамзамон, дар стандартҳои давлатӣ ва барномаҳои таълимӣ ҷорӣ намудани фанҳои навро пешниҳод намуда буданд. Албатта, иҷроиши ин амал барои мамлакати мо дар давраи тағйиротҳои ҷиддии сохти давлатӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ яке аз мушкилоти муҳимми маорифи халқ гардид.

Ҳанӯз соли 1990 коллегияи Вазорати маориф барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта барномаи такмилёфтаеро нашр кард, ки мебоист китобҳои дарсӣ дар асоси он таҳия гарданд.

Дар ин замина аз 1 апрели соли 1991 Вазорати маорифи ҶШС Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии ҶШС Тоҷикистон оид ба матбуот бо мақсади таҳия намудани китобҳои дарсӣ дар асоси консепсияи мактаби миёнаи маълумоти умумӣ барои таҳияву танзими як силсила китобҳои дарсию барномаҳои таълимӣ, ба монанди “Забон ва адабиёти тоҷик”, “Алифбои ниёгон” ва “Матни классикӣ” озмун эълон кард. Эълони озмун оиди таҳияи китобҳои дарсӣ дар як қатор ҳафтанома ва маҷаллаҳои кишвар нашр гардида, шартҳои гузаронидани озмун оиди ҳар як китоби дарсӣ муқаррар карда шуданд. Дар низомнома миқдори соатҳои таълимӣ ва теъдоди ҷузъи таълифи китобҳо муайян гардида, барои қадр кардани меҳнати муаллифони дастхатҳои китобҳои дарсӣ ба ҳар як китоб се мукофот муқаррар гардид. Мукофоти аввал 4000, мукофоти дуюм 3000 ва мукофоти сеюм 2000 сомонӣ муайян гардид. Бо ин васила Вазорати маориф ва илм мехост, ки ба мазмуну мундариҷаи таҳсилот тағйирот ворид намуда, муассисаҳои таълимии кишварро бо китобҳои дарсии зарурӣ таъмин намояд.

Бо тағйир ёфтани сохти давлатӣ ва ислоҳоти системаи маориф дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар синфҳои 1-5 мазмуну мундариҷаи маълумот пурра тағйир ёфта, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли хониши 1992 дар асоси “Консепсияи мактаби миллӣ” нақшаҳои таълимиро дар 3 нусха таҳия намуда, бо тавзеҳоти васеъ ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ пешниҳод намуд. Вобаста ба тағйироти мазмуну мундариҷаи маълумот ва нақшаҳои нави таълимӣ фанҳои нави «Санъат ва меҳнат» дар синфҳои 1-4, «Таърихи халқи тоҷик ва умумӣ» ҷорӣ гардида, омӯзиши фанни «Ҳуруфот ва матни классикӣ» дар синфҳои 3-4 идома ёфта, дар синфи 5 низ ба роҳ монда шуд.

Дигаргун гардидани нақшаҳои таълимӣ ва илова гардидани фанҳои нав дар макотиби кишвар таҳия ва чопи китобҳои дарсиро тақозо мекард. Аммо ин амал ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашуда буд. Албатта, барои ҳалли ин мушкилот Вазорати маорифи кишвар, ки яке аз самтҳои афзалиятнокаш таҳия, нашр ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ мебошад, лозим буд, ки ин норасоиро бартараф намояд. Вале ҳолати ногувори сиёсӣ-иҷтимоии кишвар, буҳрони иқтисодӣ ва дигар мушкилоти дохилӣ барои иҷрои ин вазъияти баамаломада имкон намедод.

Бо талошҳои Вазорати маориф бори нахуст дар солҳои 1993-1995 китоби дарсӣ аз фанни «Алифбои ниёгон» (муаллифаш Лутфуллоев М.) дар матбааи Эрон бо теъдоди зиёда аз 400 ҳазор нусха чоп карда шуд, ки дастраси хонандагон гардид. Вале нашри як китоби таълимӣ маънои ба таври пурра таъмин гардидани хонандагон бо китобҳои дарсиро надорад. Ба ғайр аз таҳия ва чопи китобҳои дарсӣ бо забони тоҷикӣ, зарурияти нашри китобҳо бо забонҳои ӯзбекию қирғизӣ ба амал омада буд. Чунки на танҳо норасоии китобҳо дар муассисаҳои таълимии забонашон ба тоҷикӣ ба чашм мерасид, балки макотиби забонашон ғайритоҷикӣ қариб бе китоби дарсӣ ва воситаҳои аёнии хосси замони соҳибистиқлолӣ монда буданд.

ФАЪОЛИЯТИ АРХИВИ МАРКАЗИИ ДАВЛАТИИ (АМД) РСС ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 1958

Сангалиев Х. Б. – муаллими калони кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи ДМТ

Соли 1958 дар АМД корҳои истифодаи маводи ҳуҷҷатӣ ҷоннок карда шуда, зоҳир кардани маводи ҳуҷҷатӣ оиди мавзӯъҳои тараққиёти маданият дар Тоҷикистон; Ҷанги Бузурги Ватанӣ, алоқаҳои дӯстонаи халқҳои Осиёи Миёна бо халқҳои кишварҳои хориҷӣ, муборизаи мақомотҳои корҳои дохилии республика ба мқобили ҷинояткорӣ, авбошӣ ва бепарсатории кӯдакон ва ташкили банақшагирию назорат ба кори ШНХ ҶМИШ Тоҷикистон ба амал бароварда шуданд. 30 (си) фармоиши мавзӯӣ иҷро карда шуд. Инчунин, ташкил ва намоиши нигористони сайёр дар Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, китобхонаи ба номи А. Фирдавсӣ ва дигар муассисаҳо ба анҷом расонида шуданд.

Соли 1958 7000 воҳ. ниг. фондҳои таърихӣ ва 66 743 воҳ. ниг. маводи қимати шуъбаи умумӣ (бо шумораи умумии 73 743 воҳ.ниг.) картонбандӣ ва коркарди фондҳои Шӯрои нозироти халқи ҶИШ Тоҷикистон ва Банақшагирии давлатии ҶИШ Тоҷикистон иҷро шуданд.

Масъалаи баҳисобгирӣ ва дастгоҳи илмӣ-маълумотдиҳӣ: дар шуъбаи фондҳои умумӣ 1367 воҳиди нигаҳдорӣ, 8574 воҳиди нигаҳдории шуъбаи махфӣ аз нав рамзгузорӣ шуданд. Дар шуъбаи фондҳои умумӣ 316 варақи фондҳо ва 300 картотекаи фондӣ аз нав тартиб дода шуданд. Дар шуъбаи суратҳо 7012 воҳ. ниг. инвентаризатсия карда шуда, 33 албом ба ҳисоб гирифта шуданд. 5224 варақаи мавзӯӣ ба суратҳуҷҷатҳо ва 5 рӯйхат ба сураталбомҳо тартиб дода шуданд. Дар ҷараёни корҳо барои аккосии назоратӣ 659 воҳ. ниг. зоҳир карда шуд.
Соли 1958 бо мақсади экспертизаи арзиши илмӣ ва амалии маводи ҳуҷҷатӣ 2000 воҳ. ниг. дида баромада шуда, 1295 воҳ. ниг. ба нобудсозӣ, аз шуъбаи махфӣ ба қоғазкуҳна (макулатура) 399 воҳ. ниг. ҷудо карда шуд.

Қабули маводи ҳуҷҷатӣ: дар шуъбаи умумии фондҳо 1745 воҳиди нигаҳдорӣ қабул карда шуданд. Кори маълумотдиҳӣ: соли 1958 1407 дархост ба расмият дароварда шуд, аз ҷумла бо ҷавобҳои мусбӣ - 129, 404 - қисман мусбӣ ва 867 ҷавоби манфӣ. Барои беҳтар кардани кори маълумотдиҳӣ картотекаи алифбоии оиди мукофотонидан ба миқдори 1366 картотека тартиб дода шуданд.

Кори толори хониш дар соли 1958 қаноатбахш буд. Дар он 59 нафар машғули тадқиқ буданд. Ба онҳо ба миқдори 3413 воҳ. ниг. 6018 иқтибоснома ва 2235 суратҳуҷҷат дода шуданд.

Соли 1958 машғулиятҳо оиди таркиб ва мундариҷаи фондҳои анҷуманҳои Шӯроҳои ҶМИШ ва ҶИШ Тоҷикистон, Банақшагирии давлатии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Дар тӯли сол ҳайати АМД РСС Тоҷикистон ба омӯзиши забони тоҷикӣ машғул буд.

КОМЁБИҲОИ ИЛМҲОИ БИОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР МИСОЛИ ИНСТИТУТИ БОТАНИКАИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 50-70-УМИ АСРИ ХХ)

Саймуҳаммади Б. – муаллими калони кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии ДМТ

Чорабиниҳои Давлати Шӯравӣ барои таҳқиқоти хоҷагии халқи Тоҷикистон дар ин солҳо яке аз омилҳои муҳимтарини пешрафти Тоҷикистон дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ маҳсуб меёфтанд. Аз ин лиҳоз, муваффақиятҳои бадастовардаи халқи тоҷик, бахусус дар соҳаи илм беназиранд. Маъмулан, мафҳуми илми биология фарогири ҷамъи илмҳои биологӣ, аз ҷумла илмҳои ботаника, физиология ва биофизикаи растаниҳо мебошад. Ба омӯзиши илмҳои биологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти ботаника, институти физиология ва биофизикаи растанӣ машғуланд. Яке аз пешсафҳо оид ба омӯзиши ҷузъиёти масоили илмҳои биологӣ Институти ботаникаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ба шумор меравад, ки кормандони ин ниҳоди илмӣ намояндагон ва олимони тоҷик вобаста ба ҳалли масоили биологӣ ба муваффақиятҳои баланди илмӣ ноил гашта, машҳури дунё гардиданд.

Омӯзиши олами растаниҳо ҳануз аз охири асри XIX ибтидо гирифта, дар асри ХХ ба яке аз омилҳои асосии барқарорсозии робитаҳои илмии олимони тоҷик бо олимони хориҷӣ табдил ёфт. Зеро олимони институт ба омӯзиши масъалаҳои муҳимтарини илми ботаника машғул буданд. Олимони институти мазкур масъалаҳои морфологияи растаниҳо, мураттабсозии онҳо,ҷуғрофияву экология ва эволютсияи растаниҳоро дар Тоҷикистон мавриди омӯзишу тадқиқ қарор доданд. Ба ғайр аз ин, олимон корҳои муҳиме дар масъалаи интродуксияро дар мавзеҳои Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор доданд. Олимони тоҷик ҳанӯз аз соли 1951 ба омӯзишу мураттабсозии растаниҳо дар ҳудуди Тоҷикистон оғоз бахшиданд. Умуман ,дар чорчубаи институт шуъбаҳои геоботаника ва экологияи растаниҳо, шуъбаи растаниҳои зинда, шуъбаи захираҳои растанӣ ва мураттабсозии олами растаниҳо, маҷмӯи тамоми ҷузъиёти растаниҳои Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Боиси ифтихор аст, ки олимони тоҷик оид ба ин масъалаҳо асарҳои пуррарзиши илмӣ нашр менамуданд, ки мавриди омӯзиш ва истифодаи олимони хориҷӣ қарор мегирифтанд.

Олимони институт ба ин васила ҳама шаклҳои амалигардонии робитаҳои илмӣ, аз ҷумла табодули тухмиҳои гулпарварӣ, рафтуомади олимон, табодули асарҳои илмӣ ва гузаронидани таҳқиқоти якҷояи илмро густариш медоданд. Хусусан, фиристонидани тухми гулҳо ба таври пайваста аз солҳои 50-уми асри ХХ ибтидо гирифта буд. Ин раванд ҳарсола қариб ба тамоми давлатҳои дунё амалӣ карда мешуд. Олимони машҳури институт П.Н. Овчиников, В.И. Заприягаева, М.Р. Расулова ва даҳҳо дигарон илми ботаникаи тоҷикро дар арсаи байналхалқӣ муаррифӣ мекарданд.

МАНБАЪҲОИ «ТАЪРИХ»-И ҲЕРОДОТ

Каримӣ С. С. – унвонҷӯи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии ДМТ

Сарчашмаи асосие, ки Ҳеродот (484 – тахм. 425 т.м.) барои навиштани “Таърих” истифода кардааст, асосан мушоҳидаҳои худи ӯ мебошанд. Дараҷаи дурустиву саҳеҳияти асари Ҳеродот – “Таърих” (китоб аз 9 боб иборат мебошад) пурра аз сарчашмаҳое, ки вай истифода намудааст, вобастагӣ дорад. Ҳеродот анъанаҳои мавҷударо аз нигоҳи худаш тағйир надодааст. Масалан, ривоятҳои вай дар бораи Мисри қадим дар логоси мисрӣ баъзан ба таври фантастикӣ оварда шудаанд. Вале дар ин ҷо айб дар сари маълумотдиҳандагони ӯ – тарҷумонҳои маҳаллӣ, роҳбаладон, одамони каммаълумот, шахсони номаълум ва ғайра мебошад. Муаррих худ низ дарк намудааст, ки на ҳамаи нигоштаҳои вай дар асараш ҳам аз

нуқтаи назари ҳақиқатнигорӣ ва ҳам аз нуқтаи назари солимфикрӣ дуруст мебошанд ва чунин иқрор шудааст: “Ман, бояд ҳамаи он чизҳоеро, ки ба ман нақл мекунанд, бигӯям, вале вазифадор нестам, ки ба ҳамаи он бовар кунам». Вале маълумотҳои ӯ оид ба замони Саиссии Мисри қадим, ки ба замони ҳаёти ӯ хеле наздик буд, саҳеҳтар мебошанд ва бе он қисмати таърихи мазкур тира ба назар мерасид.

Он қисматҳоеро, ки “Падари таърих” дар асари худ аз эҷодиёти халқҳои юнонӣ ва ё халқиятҳое, ки ба он ҷойҳо сафар карда буд, ҷой додааст, имкони дурусту саҳеҳ будани он хеле кам аст. Таърихнигори рус Ф.Г. Мишенко ба Г. Масперо такя карда, мегӯяд, ки “ёдгориҳои меъморӣ ба мо дар бораи корҳои шоҳон-фиръавнҳои Мисри қадим – Хеопс, Рамзес, Тутмос ва дигарон маълумот медиҳанд. Аз Ҳеродот бошад, дар кӯчаҳои шаҳрҳои асосии Мисри қадим чӣ гуфтани мардумро дар бораи онҳо (фиръавнҳо) мефаҳмем”. Ҳамчунин, Ҳеродот ба маълумотҳои худ дар бораи фиръавнҳои Мисри қадим маълумотҳои аз роҳибони маъбадҳои мисрӣ ва тарҷумонҳои онҳо бадастовардаашро ҳамроҳ мекунад.

Муаллиф ҳар қадар ки ба замони худ наздик шудааст, ҳамон қадар воқеаро ба таври комилтар менигорад. Таърихи ҷангҳои Юнону Форс аз ҳама қисмати саҳеҳу боэътимоди “Таърих”-и Ҳеродот ба шумор меравад. Чунки ба замони ҳаёту фаъолияти муаллиф-муаррих наздикии бештар дорад.

Сарчашмаи асосии маълумотҳои Ҳеродот дар бораи Скифия мушоҳидаҳои шахсии худи ӯ ҳангоми сафараш ба Олвия (ҳудудҳои кунунии вилояти Николаевски Украина) ва ҳамчунин нақлҳои аҳолии маҳаллӣ ва юнониён ба шумор мераванд. Вале ҳар қадаре ки аз Олвия дур мешавад, ҳамон миқдор маълумотҳои овардааш камэътимодтар мешаванд. Ковишҳои археологие, ки дар Олвия дар солҳои охир анҷом дода шудаанд, бештари навиштаҳои “Падари таърих”-ро тасдиқ мекунанд.

Ҳеродот ҷамъоварии маводҳои лозимиро барои иншои асари универсалиаш ҳанӯз пеш аз шурӯи эҷоди “Таърих”-аш анҷом дода буд. Ф. Якобий қайд мекунад, ки маълумотҳои хаттии ҷамъовардаи Ҳеродот аҳамияти дуюмдараҷа доранд. Хусусан, дар қисмати тасвири таърихи ҷангҳои Юнону Форс (асрҳои VI-V пеш аз мелод). Вале наметавон рад намуд, ки Ҳеродот аз асари Гекатей чандин маротиба иқтибос овардааст. Масалан, ӯчор маротиба: II, 151; V, 36,125; VI, 137. Ҳамчунин, вай ба чандин асарҳои адабии замонаш ошно будааст.

Ҳамзамон, бо боварии том метавонем гӯем, ки Ҳеродот дар ин радиф ба сарчашмаҳои дигари замонаш низ такя кардааст. Аз ҷумла, сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ, солномаҳои дар маъбадҳо буда, маҷмӯаҳои оракулҳо (хусусан, оракулҳои дар Делфа буда бо номи Гипомнемата) ва ғайраҳо. Махсусан, ҳамаи иқтибосҳоеро, ки муаллиф аз сарчашмаҳо овардааст, арзиши онро доранд, ки пурра омӯхтаву таҳқиқу баррасӣ карда шаванд.

ФАКУЛТЕТИ ФАЛСАФА

ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ГЛОБАЛИЗАТСИОНИИ ОЛАМ

Абдулҳақов М. М. – н.и.с., дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Дар шароити рушди глобализатсионии олам масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ аҳамияти илмию амалиро касб намудааст. Зеро, аз оқибатҳои он ҳамзистии осоиштаи мардумон зери таҳдид қарор мегирад. Бояд қайд намуд, ки иттилоот дар ҳаёти сиёсии ҷомеа воситаи муҳимми расидан ба қудрат дониста мешавад. Воситаҳои иттилоотӣ, ки рушди онҳо бевосита аз рушди технологияҳои иттилоотӣ дар ин самт вобаста аст, қисми таркибии рушди глобализатсионии оламро ташкил медиҳад ва ҳамчун имконияти мусоид ҷиҳати таъмини самарабахшии фаъолияти сиёсии гурӯҳҳо ва қишрҳои гуногуни сиёсӣ баромад менамояд « Касе иттилоотро дар даст дорад, ҷаҳонро дар даст дорад» - шиорест, ки фаъолияти тиҷоратии оилаи Ротшилдҳо ба пайдоиши он сабаб гаштааст.Олами муосир бидуни шубҳа ҷаҳонест, ки тавассути дастрасӣ ба иттилоот дар он метавон корҳои азимеро ба анҷом расонид. Имрӯз на танҳо дақиқ ва саҳеҳ будани иттилоот, балки то ба кадом андоза боитминон ва боварибахш ба зеҳни бинандаю шунаванда ва корбарон расонидани он меъёри асосӣ дар ҷангҳои шадиди ақидавию иттилоотӣ гардидааст.

Пӯшида нест, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ истеҳсол ва истеъмоли иттилоот раванди маъмулиест, ки бидуни он моҳияти ҳастии инсонро тасаввур кардан номумкин аст. Аз ҳад зиёд будани миқдори иттилоот боис мегардад, ки миллионҳо мафкураро дар тасарруфи худ қарор диҳад. Аз ин рӯ, ҷомеаи иттилоотӣ таҳозо менамояд, то субъекти сиёсат ба доираи арзишӣ ва меъёрии фаъолияти худ дар ҷомеа доимо баҳои воқеӣ дода, дар рӯовариҳои арзишӣ боэҳтиёт бошад. Таҷрибаи рушди технологияҳои иттилоотӣ дар асри ХХ ва таҳвияти мавқеи онҳо дар ҳазорсолаи нав инсониятро водор месозад, то таҳдиди амиқи ин дастоварди худро эҳсос намояд. Зеро имрӯз рушди технологияҳои иттилоотӣ ҷанбаи дигари таҳдидкунанда ба амнияти кишварҳоро соҳиб аст. Дуруст аст, ки иттилоотонии ҷомеа ва дар ин раванд васеъ истифода намудан аз воситаҳои иттилоотӣ, аз он ҷумла шабакаи умумиҷаҳонии интернет, омили муҳимми боло бурдани сатҳи маърифати ҷомеа мебошад. Дар баробари ин набояд фаромӯш кард, ки мавҷудияти шабакаҳои фарохи иттилоотӣ ва воситаҳои дастраси онҳо эҳтимолияти сар задани ҷангҳои шабакавиро ҳам баланд мебардорад.

Вобаста ба ин дар Тоҷикистон низ заминаи мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст, ки тавассути он муносибатҳо вобаста ба мубодилаи иттилоот, таҳия ва пахши он, ҳифзу нигоҳдорӣ дар доираи муайян танзим карда мешаванд. Масъалаи дигаре, ки бо рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба он аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад, ин масъалаи таҳдидҳои иттилоотӣ мебошад, ки мутаассифона, имрӯзҳо сари ҳар қадам дар ҷомеаи мо эҳсос карда мешавад. Таҳдиди иттилоотӣ, пеш аз ҳама, амнияти иттилоотии кишварро халалдор намуда, истиқлолияти зеҳнии ҷомеаро заиф мегардонад. Мушкилии набардҳои иттилоотӣ дар он аст, ки дар фарқият аз ҷангҳои анъанавӣ дар онҳо хатти сарҳад ва истифодаи яроқу аслиҳа нест, балки маҳзшуйӣ таъсиррасонии иттилоотӣ буда, василаи камхарҷ ва осони аз дохил вайрон намудани низомҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Таҳкими давлатдории миллии мо дар замони омезиши шадиди арзишҳо бе талошҳои созанда ва муқовимати устувори иттилоотӣ бениҳоят мушкил аст. Маҳз аз ҳамин сабаб амнияти иттилоотӣ ҳамчун яке аз роҳҳои таъмини амнияти давлатию миллӣ қабул гашта, дар роҳи ба амал баровардани он чораҳои мушаххас андешида мешаванд.

Ҳамаи ин нуқтаҳо, ташаккули низоми мукаммали таъминкунандаи амнияти иттилоотиро таҳозо мекунад, ки тавассути онҳо манфиатҳои иттилоотии ҷомеа ҳифз карда мешаванд. Лозим ба ёдоварист, ки вобаста ба ин дар Тоҷикистон Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ қабул карда шудааст. Тибқи муқаррароти Консепсияи мазкур,сиёсати давлатии иттилоотии ҶТ ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатии хориҷӣ ва дохилии ҶТ доираи фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатиро дар соҳаи иттилоот муайян

менамояд. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии ҶТ системаи назариёти расмии давлат ба мақсад, вазифа, усулҳо ва самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи иттилоот мебошад.

СЕКЮРИТОЛОГИЯ – ИЛМ ДАР БОРАИ БЕХАТАРӢ

Асламзода Н. – ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Ташаккули соҳаҳои мухталифи илмӣ дар заминаи ба вуҷуд омадани тазодҳо ва бухронҳои инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ба чашм мерасад. Гӯё илм ташхискунанда, баррасикунанда ва ҳалкунандаи зиддияту мухолифат ва бартарафкунандаи мушкилоти ҷамъиятист. Дуруст аст, замоне шохаҳои илмии гуногун ба вуҷуд меоянд, ки талабот ба муайянкунии самти фаъолияти ҳаётии инсон пайдо мешавад.

Дар тӯли асрҳо, дар ҷараёни мавҷудияти худ, инсон дар бораи маънии ҳаёти осуда андеша кардааст. Бисёре аз файласуфон ва олимони соҳаҳои дигари донишҳо бар он ақидаанд, ки маънои ҳаёт ва ҳадафи фаъолияти инсон дар идомаи насли башар аст. Шароит барои нигоҳдорӣ ва мавҷудияти ҳаёти одамонро чӣ гуна фароҳам бояд кард? Расидан ба ин ҳадаф зарурияти ҳаллу фасли масъалаҳои таъмини бехатарии ҳаёти одамон, ҷомеаҳо, давлатҳо ва умуман инсониятро менамояд.

Таҷрибаи асри қаблӣ ва ду даҳсолаи ҳазорсолаи нави инкишофи ҳаёт собит намуд, ки ҳаёт ва зиндагии башарият аз ҳарвақта дида хавфноктар аст. Таъмини амният ба пайвастани институтҳо ва ниҳодҳои мухталифи сиёсию давлатӣ, ташкили сохторҳои қудратӣ (артиш, полис ва хадамоти сершумори амниятӣ, аз ҷумла мақомотҳои бартарафкунанда ва пешгирикунандаи офатҳои табиӣ), ташаккули бисёр созмонҳои байналмилалӣ иртибот дорад. Дар шароити муосири инкишоф доштани сатҳи пасти таъмини амният ба душвориҳои калон мубаддал мегардад: пошхӯрии давлатҳо, несту нобуд кардани халқҳо, хунрезии оммавӣ, несту нобуд кардани арзишҳои моддии таърихию тамаддунӣ. Давлатҳо, ҷомеаҳо, одамоне, ки бехатарии худро ба таври лозима ҳифз намекунанд, чун қоида, бебозгашт нобуд мешаванд.

Барои муайян намудани роҳу воситаҳои таъмини амният, бартарафкунии бухронҳо, методҳои муборизa бар зидди хатару таҳдидҳои замони муосир Секюритология – илм дар бораи таъмини бехатар ба вуҷуд омадааст. Мафҳуми "секюритология" аз ду калимаи асосӣ иборат аст: securitas – амният, бехатарӣ ва az logos - таълим, илм ва мутаносибан ҳамчун "илми бехатарӣ" маънидод карда мешавад. Бояд қайд кард, ки истилоҳи “бехатарӣ” мафҳумҳои гуногуни марбут ба амниятро дар бар мегирад: амният, мудофиа, ҳимоя, эътимоднокӣ, муҳофизат, махфият, таъминот, ҳифз, кафолат, ҳокимият, мустақилият ва ғ.

Секюритология илм дар бораи бехатарӣ, омӯзиши таҷрибаи таърихии, давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба таъмини бехатарӣ, дар бораи муайян кардани намунаҳо, муносибатҳо ва принсипҳои бунёди системаҳои бехатарӣ, дар бораи таҳлили муқоисавии хусусиятҳои мушаххаси миллии таъмини бехатарии дохилӣ ва беруна аз ҷониби давлат, гурӯҳи давлатҳо ва ташкилоту созмонҳо, институтҳои махсус, дар бораи пешгӯии таҳдидҳо, хатарҳо ва тамоюлҳои эволютсионии хатарзо, дар бораи тарҳрезинамоии моделҳои ояндаи системаҳои таъмини бехатарии глобалӣ, минтақавӣ ва дохилӣ, таҳияи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои арзёбии самаранокии онҳо ва ғайра мебошад.

Объекти таҳқиқот дар секюритология ноосфера мебошад, ки системаи иерархияи бисёрсатҳаи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки унсурҳои асосии онро инсон, давлат, ҷомеа ва табиат ташкил медиҳанд.

Мавзӯъҳои таҳқиқотии секюритология мушаххасгардонии равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, низомӣ, сиёсӣ, табиӣ ва ғайра мебошанд, ки бехатарии давлат ва рушди ноосфера ва унсурҳои онҳо аз ин равандҳо вобастагии зиёд доранд.

Мақсади таҳқиқоти секюритологияро фаҳмидани равандҳо ва ҳамбастагии онҳо, ки ба бехатарии давлат ва рушди ноосфера ва унсурҳои он таъсир мерасонанд, таҳияи асосҳои илмию методӣ, тавсияҳои амалӣ, тадбирҳо ва воситаҳое, ки барои таъмини бехатарӣ нигаронида шудаанд, ташкил медиҳад.

СИЁСАТШИНОСИИ МУҚОИСАВИИ МУОСИР ВА МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ ОН

Исаев У. У. – н.и.с., муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Сиёсатшиносии муқоисавӣ ба сифати илми мустақил дар солҳои 50-70-ум пайдо гардид Ин ҳам бо шарофати тадқиқотҳои муқоисавии анҷомёфта. Аз ҳамин давра сар карда омӯзиши сиёсатшиносии муқоисавӣ дар доираи илми сиёсӣ ба роҳ монда шуд. Таърихи ташаккул ва инкишофи сиёсатшиносии муқоисавӣ дар доираи донишҳои сиёсӣ хеле ҷолиб аст.

Баъд аз солҳои 70-ум муносибат ба куллӣ дигаргун шуд. Дар назарияи сиёсӣ ҳолати эмпирикиро сиёсати муқоисавӣ ба худ касб кард. Якчанд тадқиқотҳо дар ин самт анҷом дода шуданд. Аз ин миён ягона тадқиқоте, ки талаботҳо ва қонунҳои сиёсатшиносии муқоисавиро аз ҷиҳати методологӣ бо гуногуниаш новобаста ба манфиатҳо фаро гирифтааст, ки дар афкори М.Вебер ҳамчун компаративистика мебошад.

Дар асоси ин тадқиқотҳои сиёсӣ фаҳмиши сиёсии ҷомеа хеле васеъ гардид. Дар асараш М. Вебер алоқаи мустақили байни хусусиятҳои динӣ роҳбарикунандаро дар баъзе мамлакатҳо ва дараҷаи инкишофи иқтисодии бозорӣ ва системаи ҳокимияти демократиро исбот намуд. Ба ақидаи ӯ, сабаби авҷгирии бозор ва демократия ахлоқи динии протестантӣ гардидааст. Дар раванди таҳлил бештар ба шаклҳои гуногуни идоракунӣ, институтҳои сиёсӣ, субъектҳои раванди сиёсӣ, хулосаҳои илмӣ-назариявӣ, дастурҳои методологӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, ки барои пайдоиши сиёсатшиносии муқоисавӣ ҳамчун қисми мустақили илми сиёсӣ замина ба вуҷуд овард.

Дар нимаи дуюми асри Х1Х илми сиёсӣ ташаккул ёфта, предмет ва методи омӯзишро хешро соҳиб гардид. Дар ин пайвастагӣ масъалаҳои омӯзиши он муайян карда шуданд. Дар сиёсатшиносии муқоисавӣ ҳамеша рағбат ба муқоисаи таҳлили сиёсӣ мушоҳида карда мешавад, аммо дар алоҳидагӣ бо коркарди методологияи асосӣ ҳодисаву воқеаҳо мавриди муқоиса қарор мегиранд. Гарчанде илми сиёсӣ раванди гузаришро бо тадқиқотҳои муқоисавӣ қавӣ намудааст, аммо сиёсатшиносии муқоисавӣ бо самтҳои махсус ва методологияи омӯзиш дар доираи илми сиёсӣ мавқеъ пайдо намудааст. Аввалан, ин бихевиорализм ва таркиби функсионализм буд. Имрӯз бошад, постмодерн, таърихият, назарияи иқтисодиро ҳадафи тадқиқи хеш ихтиёр кардааст. Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки сиёсатшиносии муқоисавӣ чунин марҳилаҳои рушдро сипарӣ намудааст:

- ташаккули сиёсатшиносии муқоисавӣ ҳамчун соҳаи мустақил (1850-1900);
- марҳилаи «анъанавии сиёсатшиносии муқоисавӣ» (1900-1945);
- марҳилаи «муосири сиёсатшиносии муқоисавӣ», бо барқароршавӣ ва паҳншавии бихевиорализм (1945-1970);
- марҳилаи «плюралистии сиёсатшиносии муқоисавӣ» (1970-1990);
- равиши мудохилаи иқтисодӣ, марҳилаи неоинститутсионалии сиёсатшиносии муқоисавӣ (1990–2000).

ПОСТМОДЕРНИЗМ: ОМИЛҲОИ МУСБӢ ВА МАНФИИ ИНКИШОФ

Муродова Н. С. – н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Мафҳуми инкишофи сиёсӣ ифодаи ҷараёнест, ки рафти амалишавии сиёсатро дар маҷмӯъ бо ҳолатҳои тағйирпазирии он муайян мекунад. Инкишофи сиёсӣ ба худ хусусиятҳои мухталифро касб менамояд. Оид ба инкишоф сухан ронда, бо шаклҳои гуногуни он, ба мисли «трансформатсияи сиёсӣ», «модернизатсия», «модификатсия», «демократизатсия», «вестернизатсия» рӯ ба рӯ мешавем, ки ҳамчун шаклҳои тағйирпазирии ҷомеа қабул гардидаанд. Дар айни ҳол барои муайян кардани хосиятҳои инкишофи сиёсии кишварҳои абарқудрат мафҳуми постмодернизм истифода мешавад. Мафҳуми мазкур барои тадқиқи тағйирпазирии ҷомеаи пешқадам ва замонавии куллан нав истифода мешавад.

Истифодаи мафҳуми «постмодерн» аслан дар илми фарҳангшиносӣ хосияти худро соҳиб мегардад. Бо мурури замон он чун натиҷаи инкишофи модернгардидаи кишварҳои

абарқудрат фаҳмида мешавад. Яъне, дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI инкишофи тамаддунҳои гуногун бо ҷараёнҳои модернизатсионӣ омезиш ёфта, ҳолати мураккаби инкишофи ҷомеаи муосирро идома додаанд. Равандҳои модернизатсионӣ, чун шаклҳои баамалбарории саноатикунонӣ, ғарбикунонӣ (вестернизатсия), демократикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти сиёсии кишварҳо ворид гардида, бо унсурҳои анъанавии онҳо омезиш ёфта «ҷомеаи модерн»-ро тавлид сохтанд. Пас, постмодернизм давоми инкишофи пурмасъули кишварҳо мебошад, ки бештар ба минтақаи Аврупо ва Амрико мансуб аст.

Дар доираи тадқиқи назарияи модернизатсияи сиёсӣ, ки кӯшиши аз нав эҳё гардонидани омилҳои таъсиррасони инкишофи муосирро аз нигоҳи замони кунунӣ дошт, таълимотҳои дигари сиёсӣ тавлид ёфтанд, ба мисли «назарияи неомодернизатсия» (Э), «назарияи постмодернизатсия» , ва назарияи модернизатсияи экологӣ (Э., У. Бек) .

Унсурҳои ташаккулёфтаи модернизатсия, ба монанди саноатикунонӣ, урбанизатсия, рушди мутахассисони касбӣ, ташаккули дараҷаи баланди маориф ва таълим аз нигоҳи Р. чун ҷараёнест, ба сӯйи пеш ҳаракат намуда, нуқтаи олии инкишофро соҳиб гаштаанд, бинобар ин онро «постмодернизатсия» номидан мумкин аст. Дар постмодернизм меъёрҳои мавҷудаи сиёсӣ, оилавӣ, ҷинсӣ, фарҳангӣ ва динӣ бо назардошти талаботҳои ахлоқиву физиологӣ ва инфиродӣ муайян мегарданд. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки « мафҳуми баъдимодернизатсия аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад, вақте ки он равандҳое, ки ба модернизатсия мувофиқ буданд, имрӯзҳо ба дархостҳо ва талаботҳои ҷомеаи навин ҷавобгӯй нестанд ва он дар таърихи инсоният ҳодисаи охироне нест, ки моҳияти таҳаввулотҳои замони муосирро ошкор созад». Ҷомеаи постмодернизатсионӣ аз ҷомеаи модернизатсионӣ бо ҷой доштани ҷомеаи воқеан инсонпарвар, ки барои шахсият фазои васеи фаъолияти худофарин, худинъикоссозанда ва бисёрҷабҳаро баҳри муҳайё кардани имкониятҳои ӯ ташкил месозад, фарқ мекунад. Назарияи постмодернизм аз унсурҳои пешқадами ҷомеаи модернизатсионӣ, ба мисли иқтисодиёти босамар, сохтори бюрократии ҳокимият ва ратсионализми илмӣ даст мекашад ва иброз менамояд, ки ҷомеаи баъдина бояд танҳо барои инсон хизмат намояд.

АСРИ САНГИ ҶАДИД – ҶОҲИЛИЯТИ НАВ ВА ПОСТМОДЕРН

Назриев К. Қ. – ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Баҳо додан ба кулли муносибатҳо миёни одамон, шакли ҳаёт, арзишҳои мардум ва хосатан дурнамои рушд, масъалаи хеле муҳим ба шумор меравад. Дар кадом зинаи инкишоф қарор доштани ҷомеа, роҳҳои бартараф намудани мушкилиҳо масъалаҳои актуалӣ маҳсуб меёбанд. Чун рушду пешрафт барои ҷомеа зарур аст ва мардумон нисбати он таваҷҷуҳи махсус доранд, дарки падидаи «пешрафт» хеле муҳим аст. Пешрафт сифатан беҳтар шудани муносибатҳо ва воситаҳо дар ҳаёт мебошад. Ҳамеша башарият ба падидаи пешрафту тараққиёт муносибати хосса дорад ва мехоҳад ҳамқадами тамаддун ва пешравӣ дар олам бошад. Аммо на ҳамеша ҳамқадами ҷомеа будан нишони пешравию камолот аст. Пешрафт метавонад ҳолати баръакс дошта бошад, ки инро эҳтимол дорад башарият эҳсос нанамоянд. Пешравӣ ё худ ҳамон прогресс ҳамеша нишондиҳанда ва инъикоскунандаи инкишоф нест, прогресс метавонад регресс, ё ин ки қафоравӣ бошад.

Дар шароити муосир анқариб дар шинохти прогресс ва регресс ё худ пешравӣ ва қафоравӣ меъёри умумиэътирофшуда вуҷуд надорад, ки бо кадом ченак пешравӣ ва қафоравиро андозагирӣ намоем. Дар сатҳи омиёна сохтани иншоотҳои баландошёна, инкишоф ёфтани воситаҳои нақлиётӣ, пешрафти саноат ва умуман саноати вазнину сабукро пешравӣ меноманд. Аммо ин ҳама васила ва восита барои зиндагии беҳтари инсон аст. Яъне, ҳадаф худи инсон аст. Пас зарур аст, то пешравӣ ва қафоравиро дар инсон ва муносибатҳои инсон, шакли ҳаёти инсон бубинем, зеро ҳамаи пешравиҳои зоҳирӣ маҳз ба хотири инсон мебошанд. Аз ҳама масъалаи мушкил, ин шакл додани прогресс дар инсон, рушди инсон аст. Барои сохтани як иншооти аъзим якчанд соле кофӣ аст, вале барои ташаккул додани инсони пешрафта даҳҳо солҳо зарур аст, вале эҳтимол дорад натиҷа надиҳад. Сониян, замоне инфрасохтори пешрафта сохта шуда, ба инсони қафорафта месупоранд, тамоми муносибатҳо

ва воситаҳоро мисли худаш мегардонад. Аз ин хотир, «омили инсонӣ» дар шинохти падидаи прогресс ва регресс бисёр муҳим аст.

Инсоне, ки дар садаи XXI умр ба сар мебарад, воқеан пешрафта аст ва оё аз инсонҳои қарнҳои қаблӣ тафовут дорад!? Агар воқеан фарқ намояд, бо кадом афзалиятҳо ва хусусиятҳояш. Магар иқтидори ақлии инсони асри XX1 бо ақлонияти мутфаккирони асрҳои пеш аз милод ва қарнҳои аввали мелодӣ баробарқимат буда метавонад. Агар воқеан ин қиёс дуруст набошад, пас инсони одии асри XX1 аз инсони қарнҳои қабл чӣ тафовут дорад? Мумкин аст, баъзе фарқиятҳоро дар симо, либос тарзи зиндагӣ эҳсос кард, ки баъзе онҳоро инсони кунунӣ дорад ва он чизеҳоеро надорад, ки инсонҳои гузашта доштанд. Пас, зарур аст, то аз ин масъала фуругузорӣ нанамоем.

Дар даврони асри санг, агар ба маводҳои таърихӣ бовар кунем, навад дарсади умри башарият дар он паси сар шудааст. Табиист, ки чунин омил ба ояндаи башарият бетаъсир набудааст. Вобаста ба он ки воситаҳои мухталифи истеҳсолот вуҷуд надоштанд, инсон азият мекашид ва табиист, ки маводи хӯрока ва пӯшока чун камчин буд,инсон нодор ва нимлучу бараҳна буд. Чун давраи ибтидоии рушд маҳсуб мешуд, «инсон гурги инсон буд». Вале ҳоло дар даврони постмодерн – дараҷаи баланди модерн ва пешрафт, инсон ҳоло дар ҳоли зиндагии асри сангист. Бо таҳозоҳои постмодерн инсон ҳоло ҳам нимбараҳана ва луч аст. Ва ин нимбараҳнагӣ аз иллати нодорӣ ва бечорагӣ нест, ин шакли пешрафт аст. Пас, инон аз онон ҳеҷ тафовуте надоранд, агар бараҳнагӣ нишонаи пешрафт бошад.

Бараҳанагии асри санг аз нодорӣ буд, вале бараҳнагии муосир аз дороист. Замоне дар асрҳои гузашта бо сабаби бухрони ҳаётӣ либосҳои нимдарида ба бар менамуданд, дар шароити постмодерн либосҳои нимдаридаро бо сабаби бухрони маънавият ба бар менамоянд. Беахлоқии оммавӣ ва беҳаёӣ агар дар гузашта бо сабабҳои айнӣ ва зеҳнӣ вуҷуд дошт, ҳоло ин амалкард мақсаднок ҳамчун таҳозои замона сурат мегирад.

ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ДАР НИЗОМИ НАВИ ҶАҲОНӢ

Раҳимов Д. Қ. – ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Дар ҳаёти инсон давлат мақом ва нақши бузургеро соҳиб аст. Он ба сифати институте баромад менамояд, ки тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим дароварда, аз болои онҳо назорат менамояд. Аз замони пайдоиш давлат ҳамчун актори асосии муносибатҳои байналхалқӣ ширкат варзида, дар ҳар як давраи таърихӣ зина ба зина мавқеи худро мустаҳкам менамояд. Дар шароити муосир аллакай муносибатҳо хосияти дигарро ба худ касб намудаанд. Ташаккулу инкишофи акторҳои дигари сиёсати ҷаҳонӣ ва зиддиятҳову муқовиматҳои байниҳамдигарии онҳо дар инкишофи минбаъдаи олам таъсири гуногун мерасонанд. Раванди рушди консепсияҳои низоми сиёсии олам доираи зиддияту мухолифатҳоро мураккаб намуда, субъектҳои сиёсати ҷаҳониро, аз ҷумла давлатҳоро, дар муқовимати байниҳамдигарӣ қарор медиҳанд. Махсусан ҳолат ва дурнамои давлат ҷавҳари асосии рушди чунин консепсияҳо ба шумор мераванд. Ғояи марказии низоми нави олам дар ҳар сурат мавриди баҳс қарор додани пешомади давлати миллӣ, махсусан истиқлолияти миллии давлатҳо мебошад. Равандҳои интегратсионӣ ва глобализатсионӣ дар баробари он садҳо созмонҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ ва таълимотҳои гуногунеро ба вуҷуд овардаанд. Дар маркази диққати чунин созмонҳо ва таълимотҳо нақш ва ҳолати институти асосии системаи сиёсӣ- давлат қарор дорад.

Махсусан таълимоти глобализми сиёсӣ ва интернатсионализми давлатӣ, ки бештар дар ҳаракатҳои мондиализм ва федералистони олам ифода мегардад, ба масъалаи истиқлолияти миллӣ назари хоссаро ба вуҷуд меорад. Оғози ташаккули давлати миллӣ аз замони баста шудани Шартномаи сулҳи Вестфал (1648) ибтидо мегирад. Махсусияти ин шартнома дар он зоҳир мегардад, ки баста шудани он фарҷоми мантиқии реформаи дин, шикаст ва ваҳдати насронӣ буд. Дар шароити муосир равандҳои глобализатсионӣ, ки аз ҳарвақта дида фаъолтаранд, мақоми давлатро дар низоми ҷаҳонӣ маҳдуд сохта, қисме аз салоҳиятҳои онро аз худ менамоянд. Бештари муҳаққиқон бар он назаранд, ки дар ин раванд

давлатҳои миллӣ аз саҳнаи муносибатҳои байналхалқӣ берун рафта, мавқеи онҳоро созмонҳои байналхалқӣ, ғайриҳукуматӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ ишғол менамоянд.

Дар шароити муосир мактабҳо ва муҳаққиқони гуногун дар бораи мақоми давлати миллӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ андешаҳои зиёде иброз намудаанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ тарҳ ва пешомади инкишофи ҷомеаи ҷаҳониро баён намоянд. Муносибат ва муҳокимаронихои онҳоро он ҷиҳат ба ҳам пайваст менамояд, ки низоми мавҷудаи олам ин падидаи нокомил ва монеаи рушди инсоният мебошад. Дар шароити инкишофи таълимоти глобализми сиёсӣ ва равияҳои ба он марбута масъалаи принсипи асосии давлати миллӣ ва истиқлолияти сиёсии он низ таҳлил ва таҳқиқ гардидааст

Ҳамин тариқ, бо ба инобат гирифтани равандҳои глобализатсионӣ ва низоми муносибатҳои байналхалқӣ давлати миллӣ минбаъд ҳамчун бозингари асосии низоми сиёсати ҷаҳонӣ амал карда наметавонад. Махсусан, моҳияти вестфалии инкишофи хешро аз даст додааст. Ҳолат, мақоми он ба куллӣ тағйир ёфтаанд. Он дигар ҳамчун воҳиди томи муносибатҳои байналхалқӣ инкишоф ёфта наметавонад. Зеро, дар баробари давлат унсури муҳимми раванди сиёсии ҷаҳониро неруҳо ва ташкилотҳои гуногуну зиёде ташаккул медиҳанд. Донишмандону муҳаққиқони соҳаи донишҳои сиёсӣ инкишофи чунин равандҳои сиёсиро аслан аз байн рафтани давлатҳои миллӣ унвон менамоянд. Вале бо вуҷуди рушди равандҳои глобализатсионӣ ва интернатсионализми давлатӣ давлат ҳамчун институти марказии системаи сиёсӣ ва актори асосии сиёсати ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. Равандҳои сиёсии ҷаҳон танҳо ба он мазмуни навро ворид менамоянд.

МАҚОМИ МИЛЛАТГАРОӢ ДАР ШАРОИТИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯ

Раҷабов Б. Т. – н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Масъалаҳои миллатгароӣ дар шароити глобализатсия яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Ҳанӯз дар асрхои XVIII–XIX Б. Андерсон, дар ташаккули миллатгароӣ нақши асосиро ба ҷаҳони сармоядорӣ вобаста медонист. Вале равандҳои сиёсӣ дар солҳои 1990 хосияти нав пайдо намуда, боиси мавҷи нави муттаҳидӣ гардиданд. Дар шароити муосир масъалаи миллатгароӣ дар доираҳои илмӣ ва таҳқиқоти академӣ васеъ истифода мешавад. Бо вуҷуди ин, оид ба ин падидаи муҳимми ҳаёти сиёсӣ то замони мо ба таври лозимӣ тадқиқоти мушаххас анҷом нагирифтааст. Бори аввал, деструктив ҳамчун мавҷудияти агрессияи нобудкунанда аз тарафи олими немис Э. Фроммом баён ёфтааст. Ӯ дар асараш «Анатомияи инсони деструктивӣ» (1973) ба тадқиқоти матнӣ таҳлили равониро дохил кард. Ҳангоми гузаронидани таҳлил ӯ ба хулосае меояд, ки шикасти системаи сиёсӣ дар ҳаёти инсоният худро ҳамчун «шавқманд дар дилхоҳ раванди ҳукмрон нисбат ба дигар мавҷудоти зинда ва ё хоҳиши нобуд кардан доранд» ба вуҷуд меояд. Ба андешаи Э. Фроммом, хоҳиши вайронкунӣ аз усулҳои мушаххаси иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Дар он имкониятҳои дур сохтани зӯроварӣ нисбат ба инсон ҷой доранд.

Мақсад аз таҳвияти фикр ва истифода аз андешаҳои муҳаққиқони кишварҳои хориҷии мутамаддин ташхиси мақом ва нақши ғояҳои асосии инкишофи давлатдорӣ дар пешрафти ҷомеаи кунунӣ мебошад. Чунин амалҳо боиси таҳкими давлатдорӣ мегарданд.

Бинобар ин, миллатгароӣ яке аз далелҳои асосии инкишофи таърихии давлати миллӣ ба шумор меравад. Таъсири аввалини миллатгарои позитивиро ҳанӯз дар давраи инқилоби Франсия ва Америка қувват гирифта буд. Ҳатто дар охири асрҳои XVIII ва ибтидои асри XIX миллатгароӣ омили инкишофи ҷомеа ва пешрафти давлатҳои миллӣ ба шумор мерафт. Дар навбати дигар, он боиси инкишофи омилҳои модернизатсионӣ гашта буд.

Хосияти позитивӣ пайдо намудани миллатгароиро дар таълимоти аксар сиёсатшиносон ва таърихнигорону сотсиологҳои Ғарбу Шарқ, ба монанди Э. Гидденс, Ч. Тиллӣ, Ҷ. Бройн ва дигарон дидан мумкин аст. Ба андешаи онҳо ,миллат ва миллатгароӣ маҳз самараи инкишофи замони нав ва натарин буда, дар зери таъсири он маҳз давлатҳои миллӣ пайдо гаштаанд. Чуноне Э. Гидденс қайд мекунад: «Миллатгароии сиёсӣ роҳи ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, пайдо гаштани кишварҳои автономӣ ва инчунин ташаккули

онҳо гаштааст». Дар охири асри XIX бошад, миллатгароии позитивӣ заминаи инкишофи миллият ва инчунин миллатгароии агрессивиро ба миён овард.

Чуноне ки дар ин бора Ҷ. Бройн қайд мекунад, «миллатгарой - ин восита ва шакли сиёсати муосир буда, вазифаҳои иҷтимоӣ, самти инкишофи сиёсӣ ва инчунин идеологияи сиёсиро муттаҳид намуда, ба онҳо хосияти легитимӣ мебахшад». Аз рӯйи чунин хусусият миллатгарой барои инкишофи давлати миллӣ ҳамчун як шакли амалӣ сохтани барномаи сиёсӣ дар сохтори идоракунӣ ба ҳисоб меравад.Дар раванди амалӣ гаштан чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

- миллатгарой ҳамчун санъати махсуси идоракунӣ ва нигоҳ доштани ҳокимият ва қудрати он аз ҷониби элита, нишон дода мешавад;
- миллатгарой дар робита бо таълимоти ғарбӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шуда, онро падидаи мусбат меҳисобанд;
- дар муборизa бо идеологияи сиёсӣ миллатгарой ҳамчун омили ташаккули давлати миллӣ маҳсуб меёбад.

МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛАИ УМУМИЯТҲОИ ЭТНИКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ КИШВАР

Раҷабов И. Ш. – н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Дар шароити муосири рушди демократии кишварҳо зимни ислоҳоти системаи сиёсӣ ва масъалаҳои дигари марбут ба давлатдорӣ афзоиши сатҳи худшиносии умумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ, хусусан аксарият ва ақаллиятҳои миллию этникӣ бараъло намоён мегардад. Имрӯзҳо ҳар як умумияти миллию этникӣ бар он мекӯшад, ки дар асоси ташаккул ва инкишофи сатҳи худшиносии хеш, инчунин низоми махсуси давлатдории худро соҳиб бошад. Ба ибораи дигар, аз муносибати фарҳангӣ ба муносибати сиёсӣ рӯ овардани умумиятҳои мазкур амри воқеист. Аз ин лиҳоз, ҳар як давлати муосир, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд ин гуна зуҳуротро мадди назар қарор дода, дар таҳкими давлатдории навин камари ҳиммат банданд. Дар акси ҳол вазъияти сиёсии онҳо халалдор гашта, аз ин ҳолат кишварҳои дигар, алалхусус абарқудратҳо ба манфиати хеш кор мегиранд.

Баъди заволи Иттиҳоди Шӯравӣ дар қатори дигар масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар доираи муносибатҳои байниэтникӣ низ мушкилот ба миён омад. Фазои пасошӯравиро маҷрои мушкилоти мухталиф: иҷтимоӣ, сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, миллию этникӣ ва динию мазҳабӣ фаро гирифт. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам истисно набуд. Он, пеш аз ҳама, ба ҷанги ҳамватанӣ рӯ ба рӯ гардид, ки талафоти зиёди ҷониву молиро аз худ боқӣ гузошт. Аз ҷониби дигар, кишвари мо бояд сиёсати хориҷии худро дар асоси принсипҳои нав ба амал мебаровард, то дар воқеигардии манфиатҳои геополитикӣ муваффақ гардад. Ҳамзамон, таҳкими шаклҳои гуногуни сиёсати дохилӣ, аз ҷумла сиёсати миллӣ низ аз вазифаҳои муҳимтарин дар марҳилаи навини рушди давлатдории тоҷикон ба ҳисоб мерафт.

Рушди муносибатҳои байниҳамдигарии умумиятҳои мухталифи этникӣ ва таҳкими сиёсати миллӣ дар мисоли кишвари муайян замоне имконпазир аст, ки дар равобити мутақобилаи онҳо унсурҳои антагонистӣ мавҷуд набошанд. Муносибатҳои миллӣ бояд дар асоси таъмини шароити мусоид баҳри инкишофи озоди ҳамаи намояндагони халқияту миллатҳои маскуни кишвар, ҳамкориҳои сатҳи мухталифи якдигарро такмилкунанда, тасдиқи шарофати инсонӣ ва бартарафнамоии ҳолати бегонашавии фард аз забон, анъана ва унсурҳои дигари фарҳангии миллаташ рушд намояд. Таъмини манфиат ва урфу одатҳои шаҳрвандон вобаста ба мансубияти этникиашон низ аз зумраи масъалаҳоест, ки бояд дар доираи муносибатҳои миллӣ матраҳ гардад. Инкишофи мавзун ва муносиби равобити байни умумиятҳои миллию этникӣ аз зумраи он асосҳое мебошад, ки рушди босуботи ҷомеа ва таҳкими давлатдории демократии кишварро поягузорӣ намуда, инъикосгари мавқеи намоёни он дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар тадбиқи меъёрҳои гуногуни соҳаи муносибатҳои миллӣ нақши давлат хеле назаррас мебошад. Зеро маҳз он баамалбарорандаи сиёсати миллӣ-этникӣ буда, шароити мусоиди зисти шаҳрвандонро фароҳам оварда метавонад. Хусусан, дар масъалаи ҳимояи

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ ба ҳисоб мераванд, нақши давлат барҷаста аст. Албатта, дар ин ҷо чигунагии режими сиёсӣ ва сохти давлатдорӣ низ пураҳамият мебошад. Аз хотире ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати давлати демократӣ баромад мекунад, пас онро лозим аст, аз масъалаҳои мазкур ҳимоят намуда, баҳри ягонагӣ ва устувории ҷомеа кӯшиш намояд. Ба назари мо, таҳкими ҷомеа ва давлат аз ягонагӣ ва якдигарфаҳмии унсурҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла намояндагони миллату халқиятҳои гуногуни маскуни кишвар вобаста мебошад. Бинобар ин, дар марҳилаи муосири давлати мо коркарди Консепсияи давлатии сиёсати миллӣ-этникӣ амри муҳим ва саривақтӣ ба назар мерасад. Дар таҳияи он мутахассисони баландпояи соҳаи сиёсат ва инчунин ҳуқуқ метавонанд саҳмгузор бошанд.

ТАҶРИБАИ ТАЪРИХИИ МУСОЛИҲАИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Тауров Т. – н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Дар шароити муосир омӯзиш ва таҳлили мусолиҳаи миллӣ яке аз масъалаҳои марказии илмҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад.Зарурати омӯзиши он дар самтҳои зерин ба миён меояд.Якум, моҷароҳо дар ҷаҳони имрӯза пайваста рух медиҳанд, махсусан дар соҳаи масъалаи миллӣ. Дуюм, дар омӯзиши он ба рӯовариҳои арзишӣ диққати асосӣ дода мешавад ва олимон водор мегарданд, ки ҷиҳати назариявии ин проблемаро таҳқиқ намуда, роҳҳои пешгирӣ кардан ва ҳаллу фасли онро нишон диҳанд.

Олами муосир бисёр проблемаҳои муборизаҳои сиёсиро тезутунд намуда, ба дараҷаи моҷароҳои сиёсӣ бурда расонидааст. Ин моҷароҳо дар бисёр мавридҳо ба задухӯрдҳои ҳарбӣ мубаддал гардидаанд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон дар олам зиёда аз 135 моҷароҳои яроқнок шудааст, ки дар онҳо 30 давлат иштирок намуда, 10 миллион одамон қурбон шудаанд. Имрӯз вазъияти бисёр тезутунд дар Шарқи Наздик ва нимҷазираи Балкан вуҷуд дорад.

Мувофиқи муқаррароти Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, моҷароҳои сиёсӣ дар байни давлатҳо бояд бо роҳи осоишта ҳаллу фасл гарданд, на бо роҳи ҳарбӣ. Дар ҳалли моҷаро нақши муҳимро ашхос ва дували миёнарав бозӣ мекунанд. Ҳамчунин, ин нақшро ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ, давлатҳои алоҳида, ҳатто лидерҳои алоҳида бозида метавонанд, танҳо дар сурати сарпарастии Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид.

Дар ин масъала таҷрибаи мусолиҳаи миллии байни тоҷикон намунаи ибрат мебошад. Бо мақсади ба дастовардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва барҳам додани оқибати ҷанги шаҳрвандӣ панҷуми апрели соли 1994 то июни соли 1997 зери сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид гуфтушуниди байни тоҷикон давом кард. Дар ҳашт давра гуфтушуниди байни ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик доир гаштанд. Дар натиҷа тарафҳо созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро ба имзо расониданд.

Тоҷикистон низ, ки дар оғози истиқлоли хеш бо мушкилоту душвориҳои давраи гузариш рӯ ба рӯ гашта буд, пуштибонии фарогири Созмони Милалро эҳсос кард, ки ба шарофати он кишвар дилпурона ба ҷодаи рушди демократӣ қадам ниҳод. Дар суханронии худ Сардори давлат аз миқёс ва хусусияти ҷаҳонӣ доштани таҳдидҳое, ки терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятқории муташаккил ба миён меоранд, изҳори нигаронӣ карданд ва муборизa бо терроризми байналмилалӣ ва ифротгароиро вазифаи аввалиндараҷаи давлатҳои узви СММ номиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минбари СММ ҳамеша мушкилоти Афғонистонро барои муҳокимаи ҷаҳониён пешбарӣ мекунанд. Аз ҷумла, дар ҷаласа бахшида ба 70-солагии таъсиси СММ чунин зикр кардаанд: «Тоҷикистон ҷонибдори вусъати муносиботи дӯстонаву ҳусни ҳамҷаворӣ бо Афғонистон аст ва аз ҷомеаи байналмилалӣ даъват ба амал меорад, ки кӯшишҳои ҳукумати ин кишварро дастгирӣ карда, ба сулху низом дар мамлакат, ҳалли мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ, идомаи раванди мусолиҳаи миллӣ ва музокирот, инчунин ба ҷалби кишвар ба ҳамкории минтақавӣ мусоидат намояд. Тоҷикистон аз ҷониби хеш дар рушди иҷтимоиву иқтисодии ин кишвари ҳамсоя мисли пештара саҳм хоҳад гирифт».

РАВАНДҲОИ СИЁСӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА МАҚОМ ВА НАҚШИ ОМИЛИ ИСЛОМӢ

Турдиназаров А. – ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Дар шароити феълӣ дар раванди сиёсии кишвар чандон мушкилӣ ва масъалаи ҷиддие дар мавриди муносибати байниҳамдигарии иттиҳодияҳою созмонҳои динӣ, конфессияҳо ва давлат ба назар намерсанд. Гарчанде ки аксарияи мардуми кишвар аз оини ислом пайравӣ ҳам намоянд, нисбати равандҳои сиёсии ҷомеа, намояндагони адёни дигар бо таҳаммул ва камоли инсонӣ муносибат менамоянд. Чунин вазъу ҳолат аз арзишҳои баланди ахлоқӣ ва маънавию инсондӯстонаи худи таълимоти исломӣ бармеояд. Агар ислом дорои хосиятҳои душманӣ, адоват, хусумату кинатӯзиро дар ниҳоди инсонӣ парвариш мекард, наметавонист асрҳо боз дар олам, дар ин сарзамин ва фитрати мардуми тоҷик арзи ҳастӣ намояд.

Барои Тоҷикистон ва ҷомеаи байналмилалӣ дар умум хатар на аз ҷониби «фундаментализми исломӣ», балки аз ҷониби сиёсати фаъоли гегемонӣ ва пардапӯшонаи қудратҳои ҷаҳонӣ ва кишварҳои ғарбӣ бештар таҳдид менамояд. Ин кишварҳо дар аввал омили диниро ба муқобили Иттиҳоди Шӯравӣ ба кор бурда, онро сукут доданд. Акнун тактикаи мазкурро ба муқобили кишварҳои ҷаҳони ислом равона намуда, дар ҳолати тарс, даҳшат, ваҳшат ва бухронҳои амиқ нигоҳ дошта, ҷанги байни тамаддунҳоро кайҳо боз хосияти воқеӣ бахшидаанд. Ба ин тартиб, ба воситаи аҳолӣ ва сокинони худи кишварҳо ба сарварон ва доираҳои ҳукмрони онҳо таъсири фаъоли хешро дар мавридҳои дилхоҳу муносиб мерасонанд. Дар сиёсати байналхалқӣ бо истифода аз «стандартҳои дугона» созмону ҳаракатҳое, ки дар доираи манфиатҳои онҳо амал намекунанд ва ё аз зери таъсири онҳо хориҷ гардидаанд, террорист ва гурӯҳҳои дигари алоқаманду зернуфузи худро озодихоҳ ва ё ҳаракатҳои муътадил ном мениҳанд. Дар амалияи сиёсати байналхақӣ чунин ҳолатро метавон ба осонӣ мушоҳида намуда, даҳҳо мисолҳо ва намунаҳои онро пайдо намуд.

МАРҲАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ВОСИТАҲОИ ИТТИЛООТӢ

Умаров А. А. – ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Воситаҳои иттилоотӣ яке аз воситаҳои муҳим дар тамоми фаъолияти инсон ба ҳисоб мераванд. Инсони имрӯза самаранокии кору фаъолияташро бе истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои иттилоотӣ тасаввур карда ҳам наметавонад. Воситаҳои мазкур кори ӯро чандин маротиба осону беҳтар намудаанд. Чунин шароит инсонро ба инсони комилу муваффақ табдил гардонидааст. Дар шароити имрӯза воситаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла телевизион, радио, матбуоти даврӣ ва махсусан шабакаи умумиҷаҳонии Интернет ҷариб ки ба ҳама қишрҳои ҷомеа дастрас мебошанд.

Воситаҳои иттилоотии муосир тавлидкунандаи иттилоот маҳсуб меёбанд. Иттилоот бошад, дар навбати худ, дониш маҳсуб меёбад. Аз ин хотир, давлатҳое, ки ҳақиқатан технологияҳои рушдкардаи иттилоотиро мавриди истифода қарор медиҳанд, онҳо дар сафи пеш қарор гирифтаанд. Бинобар ин, ҳар як давлати муосир рушду инкишофи воситаҳои иттилоотиро вазифаи аввалиндараҷаи худ меҳисобад ва дар пайи ин амал тамоми чораҳоро меандешад. Новобаста аз оне ки имрӯзҳо воситаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ босуръат рушду нумӯ ёфта истодаанд, онҳо то ба дараҷаи имрӯзаи худ расидан якчанд марҳилаҳои ташаккул ва инкишофро тай намудаанд. Ба ақидаи донишмандон ва коршиносони соҳаи мазкур, рушду инкишофи воситаҳои иттилоотӣ аз панҷ марҳала, ки онро бештар инқилобҳои технологияи иттилоотӣ ном мебаранд, иборат мебошад.

Дар миёни дигар коршиносон ва муҳаққиқон оиди марҳилаҳои рушду инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ А.И. Ракитов фикру ақидаҳои ҷолиб баён намудааст. Ӯ марҳалаҳои мазкурро ба панҷ давра таҷсимбандӣ менамояд. Давраи якуми рушду инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ бо пайдо гардидан ва ташаккул ёфтани забон марбут аст. Инқилоби дуюми рушд ба ихтирои хат сахт алоқаманд аст. Дар инқилоби сеюм иттилоот ба сифати дониш ва маҳсулот шинохта ва

мақом пайдо намуд. Ихтирои барқ инқилоби чорум дар пешрафти технологияҳои мазкур ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила истифодаи иттилоот хосияти оммавиро ба худ касб намуд. Давраи панҷуми инқилоб ба ихтирои компютер мусоидат намуд. Бояд қайд намуд, ки марҳилаи панҷум аз миёнаҳои солҳои 80-ум оғоз мешавад, ки бо номи «технологияи компютерӣ» машҳур аст. Компютер иттилоотро оммавӣ гардонид. Маҳз тавассути он оммаи мардум вобаста ба ҳама соҳаҳо байни худ дар алоқаи доимӣ қарор доранд. Кор бо иттилоот қариб ба шуғли оммавӣ мубаддал гардида истодааст, иттилоот, дар навбати худ, хамчун сарчашмаи асосии рушди ҷамъият баромад менамояд.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ба бунёди ҷомеаи иттилоотӣ оварда расонд. Яке аз мақсадҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ дастрас будани иттилоот ба ҳар шахс барои ҳалли масъалаҳо маҳсуб меёбад. Шахс ҳуқуқи гирифтани иттилоотро новобаста аз мавқеи ҷойгиршавиаш доро мебошад. Чунин имкониятро санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишварҳо ва санадҳои меъёрии байналхалқӣ ифода менамоянд. Дар ҳолати набудани дастрасии озоди иттилоотии шаҳрвандон умуман оиди бунёди ҷомеаи иттилоотӣ сухан гуфтан хатост.

Ҳамин тариқ, воситаҳои иттилоотӣ то ба рушду инкишофи имрӯзаи худ расидан якчанд марҳилаҳоро паси сар намудаанд. Аммо бояд гуфт, ки рушду инкишофи он то ба имрӯз идома ёфта истодааст ва дар оянда низ идома хоҳад ёфт. Чи гунае ки мо дар боло қайд намудем, воситаҳои иттилоотӣ дар пешрафти инсоният саҳми назаррас доранд. Аз ин рӯ, инсоният бояд, пеш аз ҳама, онҳоро ба таври самаранок ва барои рушди худ мавриди истифода қарор диҳад.

ТАЪМИНИ АМНИЯТ ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВОБАСТА БА МУШКИЛОТИ МИНТАҚАВИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Холов Х. Қ. – н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДМТ

Таъмини амният ҳамчун муҳимтарин масъала ва мавзӯи нигаронкунанда барои ҳар як давлат, новобаста аз он ки он бузург аст ё хурд, рушдкарда аст ё дар ҳоли рушд қарор дорад, истиқлолияти куҳан дорад ва ё тоза истиқлолият ба даст овардааст, ба ҳисоб меравад. Зарур аст, ки амнияти давлат ҳамеша ва дар ҳама самтҳо таъмин ва ҳифз карда шавад, зеро чанд лаҳза мавқуф гузоштани он метавонад таҳдид ва хатарҳои зиёдро барои давлат, ҷомеа ва инчунин шахсони алоҳида ба бор орад. Саривақт посух нагардонидан ба ҳама гуна таҳдид ва хатарҳо низ барои давлат ва ҷомеа ва инчунин, барои ҳар як шахс оқибатҳои харобиовар хоҳад дошт.

Таърихи ҷомеаи инсонӣ гувоҳ аст, ки заифии низоми амнияти давлат ба оқибатҳои нохуш ва бадбахтии зиёд, аз қабили парокандашавии давлатҳо, нобудшавии халқиятҳо, хунрезиҳо ва умуман, ба зарарҳои моддиву маънавии зиёд оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, дар тӯли таърихи мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ масъалаи таъмини амнияти давлат аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, барои минтақаи Осиёи Марказӣ низ масъалаи таъмини амният ва ҳифзи манфиатҳои миллии кишварҳои узв аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятноки сиёсати амниятӣ. Аз ҷониби дигар, саривақт ҳал нагардидан ва ба таври тӯлонӣ бетағйир мондани масъалаҳои алоқаманд ба таъмини амният ва ҳифзи манфиатҳои миллии давлатҳои Осиёи Марказӣ корро дар ин самт печидатар гардонидааст. Масалан, яке аз онҳо ҳифзи тамомияти арзӣ мебошад, ки ҳамеша мубрам боқӣ хоҳад монд. Мушкилоти зиёди ҳалношудаи сарҳадӣ, ки аз собиқ ИҶШС мерос мондаанд, имрӯз ҳам дар доираи минтақа ҳалли худро наёфтаанд ва метавонанд ба амнияту оромии минбаъдаи ҳам кишварҳо ва ҳам минтақа хавфи воқеиро ба вуҷуд оранд.

Масъалаҳои ҳалношудаи сарҳадӣ сабаби ба вуҷуд омадани мушкилоти зиёди маъмурию хоҷагидорӣ мегарданд. Баъзе иншооти кишоварзӣ ва саноатии дар сарҳади давлатҳо ҷойгирбуда ба монанди иншооти идоракунии об, замин ва чарогоҳҳо дар байни Тоҷикистону Қирғизистон ва кони нафту газ дар сарҳади байни Ӯзбекистон ва Туркманистон ба кадом кишвар мансуб будани онҳо ҳанӯз ҳам номуайян боқӣ мондааст ва

сабаби ба таври пайваста ба вуҷуд омадани моҷаро дар байни аҳолии ҳаммарзи кишварҳо мегардад. Набудани ҷудокунии сарҳад байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва мавҷудияти анклавҳо шиддатро байни давлатҳои минтақа ба таври сунъӣ афзоиш медиҳанд. Ин мушкилот ба тамоми кишварҳои минтақа дахл дорад, ҳарчанд дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ, танҳо Туркманистон ҳоло ҷараёни муайян кардани сарҳади давлатиро бо ҳамсоягони худ ба анҷом расонидааст.

Комилан возеҳ аст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ имрӯз ҳамчун фазои бархӯрди манфиатҳои геополитикии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ боқӣ мондааст. Тағйир ёфтани муносибатҳои абарқудратҳо дар саҳнаи сиёсии ҷаҳон ва бархӯрди манфиатҳои геостратегии онҳо, пеш аз ҳама, ҷиҳати тасарруфи захираҳои бои табиии аҳамияти стратегидоштаи минтақа ба як амали муқаррарӣ табдил ёфтааст. Воқеан, дар чунин шароити бархӯрди бузургтарин қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таҳлили вазъи сиёсиву иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар иртибот ба масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти давлатӣ хеле печидаву сарбаста аст. Дар ин «Бозии бузург» аз ҷониби ин ё он абарқудрат сурат гирифтани як амали ноҷо метавонад ҳар гуна пайомади манфӣ, аз ҷумла сабаби аз байн рафтани амнияти минтақа гардад.

Айни замон дар минтақаи Осиёи Марказӣ тамоюли густариш ёфтани робитаҳои байниминтақавӣ ба таври мусбӣ мушоҳида мегардад. Ҳамзамон, рушди робитаҳои сиёсию иқтисодӣ ва савдои мутақобилаи дохилиминтақавӣ, ки аз аз солҳои 90-уми асри XX коҳиш ёфта буд, тамоюли хуб аст. Имрӯз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, тадбиқи лоиҳаҳои муштарак ва ҳалли якҷояи мушкилоти ба амнияти минтақавӣ таҳдидкунанда саҳмгузорӣ доранд. Ҳангоме ки кишварҳо мушкилоти минтақавии худро, аз қабили таъмини амният, демаркатсияи сарҳад, истифодаи обҳои байнисарҳадӣ ва аз як сарҳад ба сарҳади дигар гузарандаро мунтазам ҳаллу фасл менамоянд, ҳамкориҳо дар Осиёи Марказӣ дар тамоми соҳаҳо густариш меёбанд.

СИСТЕМАИ МАОРИФ ВА НАҚШИ ОН ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

Муҳаббатов А. М. – д.и.с., профессори кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ
Шаъбонов Ф. Н. – ассистенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Чунонки маълум аст, системаи маориф як қисми таркибӣ ва муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии давлат маҳсуб меёбад. Дар аксар мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин сиёсат ба таври ба худ хос, яъне баъд аз байн рафтани системаи маорифи дар тӯли зиёда аз ним аср ташаккулёфтаи системаи маорифи Шӯравӣ барҳам хӯрд ва ба системаи нави таълим гузаштани он Тоҷикистонро ба марҳилаи нави таърихии маориф ва таълиму тарбия ворид намуд, ки ин раванд ба сифати аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул гардидани Тоҷикистонро собит кардааст. Аз ин хотир, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёд намудани фазои ягонаи иттилоотии маориф ва таълим як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатиро ба имзо расонидааст, ки ба тағйирот ва мукаммал намудани маъно ва мазмуну мундариҷаи таҳсилоти имрӯза равона гардидаанд. Аммо имрӯзҳо баъзе мушкилоте низ вуҷуд доранд, ки барои тадбиқи ин мақсадҳо монеаҳо эҷод менамоянд.

Яке аз чунин омилҳои нисбатан хатарафзо, ки таваҷҷуҳи ниҳодҳои системаи маориф ва таълиму тарбияро ба худ ҷалб менамояд ва бо ҳар роҳу восита барои халалдор намудани ин системаи маърифатии ҷамъиятӣ мехоҳанд таъсир расонанд, падидаҳои номатлуби ҷомеаи муосир ба ҳисоб мераванд, ки экстремизм ва терроризм аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мераванд. Ба андешаи мо, падидаҳои номатлуби мазкур ва системаи маориф, аниқтараш тарбия ва таълим, ду самти бо ҳам мухолифу оштинопазир ба ҳисоб мераванд ва бесабаб набуд, ки ЮНЕСКО – дар ҷаласаи доирнамудаи худ дар соли 1996 системаи маорифро ҳамчун қувваи муқовиматкунандаи муназзам дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф кардааст. Дар ҳақиқат системаи маориф армияи бузурги инсониятро дар марҳилаи ташаккулёбӣ (наврасон ва ҷавонон) дар бар мегирад ва ин қувваи бузурги инсонӣ метавонад ҳамчун неру бар зидди экстремизм ва терроризм муқовимат намояд.

Яъне, чӣ тавр? Ба андешаи мо, раванди таълим метавонад аз таърихи ташаккулёбии ин падидаҳои номатлуб то ба имрӯз маводҳо ва ҳодисаҳоеро мавриди баррасӣ бо истифода аз воситаҳои таълимии муосир қарор диҳад, ки ин равандҳо ва ҳодисаҳо рухдода дар ҳаёти инсоният даҳшатҳои баамаловардаашон табиати инсонии наврасон ва ҷавононро то андозае рӯ ба беҳбудӣ ва тавлиди ҳисси инсонӣ водор намоянд. Чунин амалҳо метавонанд ба вазъи рӯҳию равонии наврасону ҷавонон таъсир расонанд. Асоснокнамоии соҳаи ягонаи маориф, талаботи раванди имрӯзаи глобализатсионии ҷаҳонии илмӣ - техникӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва бозори ҷаҳонии меҳнат ба ҳисоб меравад, ки он бояд дар оянда самти асосии системаи маорифи тамоми кишварҳои ҷаҳон гардад – навиштааст, муҳаққиқ Гадоев Н.З.

Аз ин лиҳоз, маориф на танҳо талаботи раванди имрӯзаи глобализатсионии ҷаҳонии илмӣ - техникӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва бозори ҷаҳонии меҳнат, балки муқовимат бар зидди падидаҳои манфуртарини ҷаҳони муосир – экстремизм ва терроризм низ ба ҳисоб меравад.

РАВАНДИ БУНЁДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА ЯГОНАГИИ МИЛЛӢ

Шаъбонов Н. Н. – н.и.с., дотсенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Дар интиҳои асри XX ва оғози асри XXI дар баробари дигар миллату халқҳои собиқ Шӯравӣ барои миллати тоҷик имконияти воқеии соҳиби давлати миллии мустақил гаштан ба миён омад. Имрӯз ҳамин имконият дар баробари шинохти воқеӣ, ҳифз ва ба қадри истиқлолияти давлатӣ расидан, ки ба як амри зарурӣ табдил ёфтааст, инчунин масъалаи ягонагии миллӣ ва ҳифзи ҳамин арзиши худодод низ ба миён омадааст. Чунин ба назар мерасад, ки миллати тоҷик воқеан имрӯзҳо соҳиби давлати миллӣ, нишон, суруду парчами миллӣ, ҳудуди миллӣ, Конституция, иқтисоди миллӣ, фарҳанги миллӣ ва ғайраҳо шудааст ва барои мустаҳкаму таҳвияти бахшидани онҳо аз тамоми воситаҳо истифода бурда истодааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки бо ба инобат гирифтани вазъияти ҷаҳони муосир, соҳиби давлати мустақил, ки кафили зиндаву ҷовид мондани як миллати таърихӣ ва соҳибфарҳангу куҳанзамин мебошад, яке аз ормонҳои инсоният ба шумор меравад. Истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик ба як омили давлатсозӣ ва тақдирсоз табдил ёфта буд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ чунин зикр карда буданд: «Истиқлолият дар таърихи давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳилаи сифатан нав гардида, барои шинохт ва дарёфти арзишҳои тамаддуну фарҳанги миллӣ заминаи устувору пойдор фароҳам овард».

СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ МАОРИФ ВА МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ ОН ДАР ШАРОИТИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Муҳаббатов А. М. – д.и.с., профессори кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ
Гадоев Н. З. – ассистенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Бо ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон роҳи ислоҳоти соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз он ҷумла системаи маорифро пеш гирифт. Тоҷикистон бунёди давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягонаро дар кишвар ба роҳ монда, сиёсати «дарҳои кушода»-ро дар сиёсати хориҷии худ эълон намуд ва самти бунёди давлати нави соҳибистиқлолро паймуда истодааст.

Дар Тоҷикистон раванди ба роҳ мондани ислоҳот дар соҳаи маориф ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ гардидааст, аз ҷумла масъулияти аксари вазифаҳо ба дӯши давлат аст, чун пештара, мавқеи бартариро давлат дар соҳаи маориф дар даст дорад, иштироки секторҳои ғайридавлатӣ ҳанӯз самаранокии худро дар амал хуб нишон надодааст ва ё камтаъсир аст. Қонунгузории мавҷуда, дар соҳаи маориф, дорои проблемаҳои муайян буда, мувофиқи талаботи давраи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, ба тағйирот ниёз дорад. Васеъ

намудани иштироки ҷомеа дар раванди таълим ва идоракунии маориф барои бартараф намудани проблемаҳои зинаи поёнии маълумот, давомот ва нигоҳ доштани хонандагон то анҷоми пурраи зинаҳои таҳсил зарур аст. Ғайримарказигардонӣ бояд яке аз методҳои калидии идоракунии маориф ва ҷудо намудани захираҳо гардад, ки барои он зарур аст, базаи мувофиқи меъёрӣ ва механизми ҳисоботиву назоратӣ бунёд карда шавад. Ҳамчунин, мухторияти муассисаҳои таълимӣ дар масъалаи идоракунии корҳои худ ба захираҳои молиявӣ ниёзманд аст. Дар замони ҳозира қариб тамоми вазифаҳои амалӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ марказонидашуда мебошанд, ки ба такрори вазифаҳо ва қобилият надоштани муассисаҳои таълимӣ дар масъалаи ташаббускорӣ ва масъулиянокӣ оварда расонидааст.

Масъалаи дигар, ин ҳалли масъалаи демографист, зеро то соли 2020 миқдори кӯдакони синни маълумоти мактабӣ тақрибан 850 ҳазор нафар зиёд мегардад, ки аз талаботи имрӯза бештар аст ва хизматрасониҳои таълимии зиёдеро талаб менамояд. Масалан, дар сентябри соли таҳсили 2016-2017 миқдори хонандагони синфи якум 54 ҳазорро ташкил намуд. Мувофиқи ҳисоботи баҳогузории талаботҳо, миқдори хонандагони маълумоти миёнаи умумӣ тақрибан ба 40% дар давраи солҳои 2015-2020 зиёд мегардад. Дар асоси ин пешбиниҳо, метавон интизор шуд, ки дар даҳсолаи минбаъда системаи мактабӣ зери фишори пурқуввати демографӣ қарор мегирад, ки проблемаҳои мавҷударо дар шакли маҳдудияти захираҳо ва бадшавии инфрасохтори системаи маориф боз ҳам бештар менамояд. Барои давлат зарур аст, ки солона 100-150 мактаб сохта ба истифода диҳад, то мушкилии таъмини хонандагон ба мактаб роҳи ҳалли худро пайдо намояд.

Масъалаи муҳимтар ин нарасидани кадрҳои педагогӣ мебошад. Чуноне ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, ҳамасола дар ҷумҳурӣ 6,3% кормандони соҳаи маориф бо сабабҳои гуногун аз муассисаҳои маълумоти умумӣ корро тарк менамоянд ва ҳам бо сабаби зиёд гардидани аҳолӣ талабот ба кадрҳои педагогӣ хеле зиёд мегардад, ки албатта, ҳалли ин мушкилот низ ба дӯши давлат аст.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ба принсипи «Маориф ҳастии абадии тамаддуни инсонӣ буда, қабл аз ҳама тавлидкунанда ва таҷассумкунандаи рӯҳ ва зеҳни миллат мебошад», асос ёфтааст. Дар асоси ин принсип, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳоро ошкор ва ҳаллу фасл менамояд. Аз ин ҷост, ки модернизатсияи системаи маориф дар асоси ислоҳоти роҳбарӣ ва идоракунии соҳаи маориф, бо мақсади гузариш аз системаи марказонидашудаи давлатӣ ба системаи шарикӣ дар зинаҳои мухталиф, иштироки васеи секторҳои хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар институтҳои ғайридавлатӣ дар соҳаи маорифро хеле зарур арзёбӣ менамояд, зеро онҳо метавонанд дар ин масъала мусоидат намоянд.

МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ПАДИДАИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

Хоҷаев Ш. – унвонҷӯи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Пайдоиш ва ташаккули назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба монанди дигар таълимоту назарияҳои маълуму эътирофгаштаи ҷомеаи имрӯза ба даврaҳои гузашта, ҳатто ба аҳди қадим рост меояд. Оиди аввалин раванди инкишофи масъалаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мутафаккири Юнони қадим Афлотун дар асари машҳури худ «Давлат» андешаҳои худро пешниҳод намуда, таъкид намуда буд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ин ҳамон ҷамъиятест, ки дар идоракунии он шаҳрвандон иштирок мекунанд ва он маҷмӯи одамони сиёсӣ мебошад ва онҳо одамони озод аз ҳама гуна фишор бошанд. Падидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ минбаъд дар навиштаву таълимоти ходимони сиёсӣ ва мутафаккирон инкишоф ёфт ва оиди ин назарияи баҳсбарангез андешаҳову баҳсҳои олимони зиёд то ба имрӯз идома доранд. Тадқиқ ва таҳлили падидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди тағйирёбии ҳаёти имрӯза низ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад ва аз мавқеи метод ва методологияҳои гуногуни илмӣ, ба монанди фалсафа, сотсиология, таърих, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Масъалаи мавзӯи тадқиқшаванда он тавре аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои илмҳои гуногун пажӯҳиш мегардад, ки ҳар як илми замони муосир дар асоси методи илмии ба худ

наздик онро маънидод менамояд. Аммо ин ҷо андешаи классикони марксизм бисёр ҷолиб мебошад, ки навишта буданд:, файласуфон дарки моҳияти оламро ба таври гуногун шарҳу эзоҳ медоданд, аммо сухан дар бораи он меравад, ки олам чӣ тавр дигаргун карда мешавад. Ба андешаи мо, ин ҷо баҳси мутафаккирони гузашта ва олимони имрӯза дар бораи асос ва тавассути он дар бораи бунёди ҷомеи шаҳрвандӣ меравад. Аз ин ҷо, масъала дар бораи андешаҳои ғолибу бартаридоштаро ҷиҳати бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ба таври зайл ҷудо кард:

- мутафаккирон, ходимони сиёсӣ ва муҳаққиқоне, ки асоси ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандиро ба мавҷудияти моликияти хусусӣ пайванд медонистанд ва имрӯз низ онро ҷонибдорӣ менамоянд;
- мутафаккирон ва муҳаққиқоне, ки инкишофи ҷомеаи шаҳрвандиро як қисми давлат ва ҷудо аз моликияти хусусӣ медонанд;
- мутафаккирон ва муҳаққиқоне, ки мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандиро дар доираи ҳуқуқ ва моликияти хусусӣ нишон медиҳанд.

Аз ин ҷо, ба андешаи мо, омӯзиш ва тадқиқи хусусиятҳои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди тағйирёбии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҳаввулотҳои дигар барои ҳар як муҳаққиқ осонтар хоҳад буд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ чӣ тавр бунёд карда мешавад.

ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ПЛЮРАЛИЗМ ДАР ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

Ҳукмишоев З. Д. – н.и.с., дотсенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Плюрализм яке аз принсипҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб рафта, ҷомеаи шаҳрвандӣ имконият фароҳам меорад, ки плюрализм ҳамчун неруи такомулдиҳандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ амал намояд. Плюрализм калимаи лотинӣ буда, маъноиш бисёрӣ ва гуногунӣ мебошад. Аввалин бор мафҳуми плюрализмро дар илми сиёсӣ, идеологи идеологияи либерализм олими англис Г. Лоски истифода бурда,онро соли 1915 ба илм ворид намудааст. Заминаи ба вуҷуд омадани плюрализм, ин рӯ ба таназзул овардани диктатураи дин ва тағйир пазируфтани фазои сиёсӣ дар Аврупо буд.

Дар давраи Эҳё дар Аврупо таҳаввулоти бузурги иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омада, фазои сиёсӣ имконият фароҳам овард, ки плюрализми сиёсӣ арзи ҳастӣ намояд. Инқилобҳои буржуазӣ системаҳои сиёсии давлатҳои Аврупоро тағйир дода, низомҳои сиёсии монархияи мутлақро барҳам зада, дар заминаи идеологияи либералӣ режимҳои сиёсии демократиро ба вуҷуд оварданд. Ин тамоюл заминаи ба вуҷуд омадани фазои озодӣ гардида, тадриҷан арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфта, плюрализм ҳамчун рукни асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ арзи ҳастӣ менамояд.

Дар ташаккулёбии плюрализм ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши асосӣ бозида, ҷомеаи шаҳрвандиро бе плюрализм наметавон тасаввур намуд. Зеро ин ду падида, яъне ҷомеаи шаҳрвандӣ ва плюрализм яке бе дигаре вуҷуд доштанашон ғайриимкон мебошад. Агар плюрализм дар Аврупо дар асрҳои XVIII ташаккул ёфта бошад, пас дар давлатҳои Шарқ дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX ба вуҷуд омадааст. Дар кишварҳои Шарқ дар ин марҳилаи таърихӣ дар заминаи бавуҷуд омадани таҳаввулотҳои бузург дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ таълимотҳои гуногуни сиёсӣ, аз ҷумла либерализм, коммунизм, панисломизм ва дигар идеологияҳои хусусияти динию сиёсӣ дошта вориди ҳаёти ҷомеа гардида, дар ташаккулу инкишоф додани плюрализм мусоидат намудаанд. Дар заминаи плюрализм дар қитъаи Осиё ва Африқо ҷунбишу ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсӣ ба вуҷуд омада, ин тамоюл дар ин ду қитъаи олам то ба имрӯз идома дорад.

Плюрализм бояд ҳамчун арзиши олӣ барои ҷомеаи инсонӣ хизмат намояд ва ифодакунандаи озодии виҷдон ва андешаи солим бошад. Аз гуногунандешии сиёсӣ мебояд самаранок баҳри пешрафти ҳаёти ҷомеа истифода бурд. Дар он кишварҳое, ки шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсии ҷомеа паст мебошад, гуногунандешии сиёсӣ дар ноорм сохтани авзои сиёсӣ мусоидат менамояд. Неруҳои хориҷӣ дар қитъаи Осиё ва Африқо аз плюрализми сиёсӣ ва паст будани маърифати динию сиёсии ҷомеа баҳри ноором сохтан ва амалӣ гардонидани манофеи сиёсию иқтисодии худ моҳирона истифода мебаранд. Плюрализм дар ҷомеаи

шаҳрвандӣ имконият фароҳам меорад, ки ақидаҳо ва андешаҳо бо ҳам бархӯрд намоянд. Бархӯрди ақидаҳо ва андешаҳои сиёсӣ бояд оқилона ва созанда бошанду дар пешрафти ҳаёти ҷомеа мусоидат намоянд.

ЗАРУРАТИ ОМӮЗИШИ ТИПОЛОГИЯИ ТАҲДИДҲО ВА САРЧАШМАҲОИ ПАЙДОИШИ ОНҲО

Сафарализода Х. Қ. – н.и.с., дотсент, докторанти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Таҳдидҳо яке аз категорияҳои марказии назарияи амнияти миллӣ ба шумор мераванд. Шинохти таҳдид, муайян намудани сарчашмаҳои пайдоиш ва хусусиятҳои бевоситаи ин падидаи манфӣ имкон медиҳад, ки дар самти безараргардонии онҳо роҳу воситаҳои мувофиқ истифода бурда шаванд. Дар раванди мубориза бо таҳдидҳо ба инобат гирифтани навъҳои гуногуни онҳо хеле муҳим мебошад. Муайян намудани навъҳои таҳдид, пеш аз ҳама, яке аз самтҳои муҳимтарини банақшагирии стратегӣ ба шумор меравад. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар самти безараргардонии таҳдидҳо, асосан, се навъи стратегияҳои давлатӣ қабул мегарданд: стратегияҳои дарозмуддат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуддат. Баъзан дар амалияи сиёсӣ қабул гардидани стратегияҳои бемуҳлат низ ба мушоҳида мерасад.

Муҳлати стратегия аз иқтидор ва навъи таҳдид вобаста мебошад. Масалан, барои таҳдидҳое, ки иқтидорашон зиёд аст, стратегияҳои дарозмуддат ва ё бемуҳлат, барои таҳдидҳои камиқтидор стратегияҳои миёнамуҳлат ва ё кӯтоҳмуддат қабул менамоянд. Муҳиммияти омӯзиши типологияи таҳдидҳо низ, пеш аз ҳама, бо чунин ҳолат асоснок карда мешавад. Аммо як қатор масъалаҳои дигаре низ мавҷуданд, ки муҳиммияти баррасии навъбандии таҳдидҳоро боз бештар менамоянд. Пеш аз ҳама, сатҳи омӯзиши ин масъала аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин вобаста ба ин масъала мавҷудияти андешаҳои гуногун, пароканда ва дар аксар маврид мухолифи якдигар бо тартиби муайян баррасӣ намудани ин масъаларо афзун мегардонад.

Аз ҳама муҳим ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар самти эъмори давлатдории миллӣ қадамҳои нахустини худро гузошта истода, бо мақсади рушди ояндаи мамлакат дар самти амалинамоии мақсадҳои миллӣ ва манфиатҳои миллӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода истодааст. Аммо дар ин раванд таҳдиду хатарҳое ба назар мерасанд, ки дар самти амалишавии мақсадҳои миллӣ ва манфиатҳои миллии мамлакат монеаи ҷиддӣ эҷод менамоянд ва аз ин рӯ ҳимояи онҳо аз таҳдиду хатарҳои дохилию берунӣ дар мадди аввал қарор мегирад. Бинобар ин, дар самти мубориза бо таҳдидҳо ва дар раванди ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар мавриди омӯзиш қарор додани навъҳои гуногуни таҳдидҳо ва муайян намудани хусусиятҳои бевоситаи онҳо иқдоми саривақтӣ мебошад.

Айни замон дар адабиёти илмӣ чунин навъҳои таҳдидҳоро аз ҳам фарқ менамоянд: таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, бевосита ва бавосита, дохилӣ ва берунӣ, объективӣ ва субъективӣ, аз рӯйи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (иқтисодӣ, иттилоотӣ, экологӣ, сиёсӣ ва ғ.), анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, табиӣ ва сунъӣ, мақсаднок ва тасодуфӣ. Омӯзиши типологияи мазкур имкон медиҳад, ки навъҳои таҳдид то як андоза муайян карда шаванд. Аммо дар баробари ин як қатор хусусиятҳои дигари таҳдидҳо ноаён боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, мо дар таҳқиқоти худ ҳангоми омӯзиши таҳдидҳо омилҳоеро ба инобат гирифтаем, ки дар зери таъсири онҳо таҳдидҳо пайдо мешаванд ва барои навъбандии таҳдидҳо низ манзараи дигарро ба вуҷуд меоваранд.

Чунончи, таҳдидҳо дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳо пайдо мешаванд. Аз ин нуқтаи назар боз ду навъи таҳдидҳоро низ нишон додан мумкин аст: таҳдидҳои фаромиллӣ ва маҳаллӣ (локалӣ). Навъи якуми таҳдидҳо дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва махсусан дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои миллии давлатҳои мухталиф ба вуҷуд меоянд ва ё ҳадафмандона ба вуҷуд оварда мешаванд. Навъи дуюми таҳдидҳо дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ бо манфиатҳои миллӣ ба вуҷуд меоянд. Тамоми таҳдидҳои антропогениро (яъне таҳдидҳоеро, ки пайдоишашон аз рафтори инсон вобастааанд) метавон ё фаромиллӣ ва ё маҳаллӣ номид.

ТАЪЛИМОТИ СИЁСИИ МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ

Ҷураев А. – докторанти Ph.D-и кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Яке аз намояндагони маъруфу машҳур ва мутафаккири барҷастаи афкори прогрессивии тоҷику форс, нобиғаи замон, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ (1058-1111) мебошад, ки барои рушду инкишофи ҷомеа саъю кӯшиш намуда, ақидаҳои пешқадам худро дар осори гаронбаҳояш баррасӣ намудаанд.

Бояд гуфт, ки бештари ақидаҳои сиёсию иҷтимоии ӯ дар “Насиҳат-ул-мулук”, “Кимиёи саодат”, ва “Ал-мунқиз миналзалол” баён гардидааст.

Дар бораи давлат ва ҳокимият мулоҳизаронӣ намуда, дар китоби “Эҳё улумаддин” ӯ маҷмӯи консепсияи фалсафии моҳияти ҳокимиятро бо паҳлуҳои мухталиф ва мисолҳои мушаххас таҳлил намудааст.

Ҳокимият дар андеша ва муҳокимаронии Ғазолӣ бештар мазмуни “муқаддас”-ро мегирад ва дар ҳолати набудани ахлоқи сиёсӣ механизми зӯроварӣ ҳокимиятро бо роҳи ҳавобаландӣ ва бесаранҷомӣ мубаддал мегардонад. Ба ақидаи ӯ, ҳокимият дар худ ҳам раҳму шафқат, ҳам бадӣ, зебоӣ, ҳаёт ва ҳам маргро дар бар мегирад.

Ба андешаи Ғазолӣ, агар инсон соҳиби сифатҳои ботинию зоҳирии сарварӣ бошад, новобаста ба оне, ки ӯро ба ҳокимият даъват намоянд ё не, ӯ ба он мушарраф мегардад.

Ғазолӣ ба нақши сарвари давлат диққати хосса додааст. Ӯ мегӯяд, ки подшоҳ “соя ҳайбати Худост бар рӯйи замин, яъне, ки бузург ва баргумоштаи Худояст бар халқи хеш”. Сипас мутафаккир сифатҳои шоҳигариро нишон медиҳад. Бузургтарин хислати подшоҳиро дар одилӣ мебинад. Адолат пояи асосии устувории давлат буда, фақат ғамхорӣ нисбати раият меъёри он мебошад. Ғазолӣ барои таъмину адлу амният ва осудаҳолии мардум ғояҳои зиёдеро пешниҳод намудааст.

Дар назарияи сиёсии Ғазолӣ масъалаҳои сиёсат, дин ва ахлоқ якҷоя ва дар робитаи хамдигарӣ омӯхта мешаванд. Сиёсат унсури ҷудонашавандаи дину ахлоқ пазируфта мешавад. Сиёсат хамчун санъати амал бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси ҳаёти инсон дар мувофиқа бо низоми давлат тавсиф мешавад.

Дар назарияи Ғазолӣ сиёсат ҳамчун илм ба усули динӣ, усули фиқҳ ва назарияи инсон чун вуҷуди иҷтимоӣ такя мекунад. Мабдаи ҳар се илми зикршударо ғояи тақдири инсон ташкил медиҳад. Тибқи он, ҳаёти инҷаҳонӣ мояи омурзиш ва омодагӣ ба ҳаёти онҷаҳонӣ буда, мавзӯи сиёсатро омода намудани инсон ба саодати онҷаҳонӣ ташкил медиҳад.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ СИЁСАТШИНОСИИ АМАЛӢ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муҳаммад А. Н. – д.и.с., профессори кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Сиёсатшиносӣ дар адабиёти илмии муосир маъмулан илм дар бораи сиёсат эътироф гардидааст. Вазифаи он омӯзиши моҳияти сиёсат ва шаклҳои зоҳиршавии он мебошад. Бинобар ин, табиист, ки ба назариявӣ ва амалӣ ҷудо мешавад. Илмҳои сиёсии назариявӣ, ки ҳаёти сиёсиро меомӯзад, масъалаҳои илмии марбут ба ташаккули дониш дар бораи воқеияти сиёсӣ, тавсиф, тавзеҳ ва фаҳмиши равандҳои рушди сиёсӣ, таҳияи дастгоҳи консептуалии сиёсат, методология ва усулҳои таҳқиқи сиёсатро ҳал мекунад. Дар ин ҳолат, мо ба чунин саволҳо ҷавоб мегирем - "чӣ фаҳмида мешавад?" ва "он чӣ гуна фаҳмида мешавад?"(дар ин ҷо масъалаҳои гносеологӣ (назарияи дониш) дар назар дошта шуда, дар якҷоягӣ сиёсатшиносии умумӣ ва бунёдиро ташкил мекунанд). Сиёсатшиносии амалӣ ба таҳияи методҳо, усулҳо ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои актуалии амалияи сиёсӣ машғул аст. Сиёсатшиносии амалӣ мустақиман ба саволҳои "барои чӣ?" ва "чӣ гуна?" посух медиҳад.

Ба ақидаи сиёсатшиноси маъруфи тоҷик Зокиров Г. Н., “сиёсатшиносии амалӣ – яке аз қисмҳои таркибии сиёсатшиносии махсус буда, дар солҳои 60–уми асри XX бунёд гардидааст. Хулосаҳои психология, сотсиология ва кибернетикаро таҳлилу таркиб намуда, роҳҳои асосии ҳалли масъалаҳои мушаххасро меҷӯяд”. Аз ин ҷо, сиёсатшиносии амалӣ ҷузъи

ҷудонашавандаи илми сиёсӣ мебошад, ки ба омӯзиши масъалаҳои сиёсии ҷузъӣ машғул аст, вазъи мушаххаси сиёсӣ ва тамоюлҳои пайдошавандаи рушди минбаъдаи онро таҳлил менамояд.

Вазифаҳои муҳимтарини сиёсатшиносии амалӣ инҳоянд:

- маркетинги сиёсӣ (омӯзиши бозори сиёсӣ ва таъсири иттилоотӣ ба ташаккули он);
- идоракунии (менеҷменти) сиёсӣ (таҳия, қабул, тадбиқи қарорҳои сиёсӣ, ки манфиатҳо ва талаботҳои гурӯҳҳои иҷтимоиро инъикос мекунанд);
- пешгӯиҳои сиёсӣ (таҳлили вазъи мавҷудаи сиёсӣ ва тамоюлҳои ташаккулёбандаи рушди сиёсӣ, коркарди маслиҳатҳо ва тавсияҳои амалӣ ба иштирокчиёни рӯйдодҳои сиёсӣ ва ғ. бо мақсади муътадил кардани вазъи сиёсӣ ва ба даст овардани ризоияти иҷтимоӣ).

Сиёсатшиносии амалӣ маҷмӯи моделҳои назариявӣ, принсипҳои методологӣ, усулу тартиботи тадқиқотӣ, инчунин технологияҳои сиёсатшиносӣ, барномаҳо ва тавсияҳои мушаххасе мебошанд, ки барои истифодаи амалӣ баҳри ба даст овардани самараи воқеии сиёсӣ нигаронида шудаанд. Сиёсатшиносии амалӣ ҳамеша ба мушкилот ё ба муштарӣ нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди нисбатан ҷавон будани мактаби ватании сиёсатшиносӣ, он авлавияти сатҳи аввалро ба таври возеҳ муайян кардааст, дар ҳоле ки ба таҳқиқот дар соҳаи амалӣ диққати камтар дода мешавад. Аммо, бояд дарк кард, ки ин ду сатҳ аз ҳамдигар дар алоҳидагӣ вуҷуд надоранд, балки дар ягонагии диалектикӣ ҳамдигарро пурра мекунанд. Ҳамчун меъёрҳои калидии фарқияти таҳқиқоти амалӣ ва назариявӣ бояд ҳадафҳо, объект, мавзӯъ ва субъектҳои таҳқиқоти онҳо эътироф карда шаванд.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти сиёсии амалӣ ҳалли мушкилоти таъхирнопазире, ки дар назди субъектҳои равандҳои сиёсӣ дар муҳлати аниқ муайян шудаанд, мебошад. Он вақт ҳадафи таҳқиқоти назариявӣ фаҳмонидани мушкилоти бунёдии фаъолияти ҷаҳони сиёсат аст. Гузашта аз ин, муҳаққиқ дар доираи вақт маҳдуд намешавад ва метавонад на танҳо низомҳои сиёсии дигар кишварҳоро, балки низомҳои сиёсии гузаштаро бо ҳам муқоиса кунад.

Объекти сиёсатшиносии амалӣ вазъиятҳои проблемавӣ аз таҷрибаи сиёсии ҷорӣ аст, ки ҳалли онҳоро нисбатан кӯтоҳ бояд ёфт.Объектҳои сиёсатшиносии назариявӣ маҷмӯи тамоми амалҳои сиёсии дар гузашта содиршуда ва дар ҳозира содиршаванда, иҷрокунандагони онҳо, сабабҳои ин амалҳо, инчунин натиҷаҳои онҳо мебошанд.

Субъектҳои сиёсатшиносии назариявӣ, пеш аз ҳама, донишгоҳҳо ва донишкадаҳои бонуфузи имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда мебошанд, ки гурӯҳҳои махсуси олимони сиёсатшиносро муттаҳид месозанд. Субъектҳои таҳқиқоти сиёсии амалӣ дар ҷумҳурӣ ин марказҳои таҳлилӣ мебошанд, ки ҳамчун ширкатҳои мустақил ё ҳамчун воҳидҳои сохторҳои ҳукуматӣ фаъолият мекунанд. Бо вуҷуди он ки рушди донишҳои коршиносӣ дар соҳаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Федератсияи Россия ва кишварҳои Ғарб хеле қафо монда истодааст, дар солҳои охир соҳаи таҳлили сиёсӣ бо суръати баланд рушд мекунад. Гурӯҳҳои таҳлилӣ ҳам дар мақомоти қонунгузорӣ ва ҳам иҷроияи мақомоти давлатӣ мавҷуданд.

СИЁСАТИ ФАРҲАНГӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ОН

Сулаймонов М. М. – докторанти Ph.D-и кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Сиёсати фарҳангӣ ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ мебошад. Баъзан онро сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг низ меноманд. Сиёсати фарҳангӣ маҷмӯи чорабиниҳои фарҳангие мебошад, ки барои ташаккулдиҳии ҳаёти фарҳангии ҷомеа нигаронида шудааст. Бори аввал мафҳуми «сиёсати фарҳангӣ» дар мизи мудавваре, ки соли 1967 дар Монако бо ташаббуси ЮНЕСКО баргузор шуда буд, мавриди истифода қарор дода шуд. Он замон дар зери мафҳуми сиёсати фарҳангӣ маҷмӯи меъёрҳои амалӣ, шаклҳои фаъолияти маъмурӣ ва молиявӣ, ки аз ҷониби давлат дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа амалӣ карда мешуданд, фаҳмида мешуд.

Бояд гуфт, ки соҳаи фарҳанг бо соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ алоқамандии зич дорад. Чунончи, зарурати ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодию молиявӣ, экологӣ, иттилоотӣ, техникӣ ва ғ. аз мавҷудияти чунин алоқамандӣ дарак медиҳад. Аз ин рӯ, сиёсати фарҳангӣ дар чунин маврид на танҳо бо соҳаи фарҳанг, балки бо ташаккули фарҳанги соҳавӣ низ алоқамандӣ пайдо менамояд. Беҳуда нест, ки баъзан фарҳанг ва маданиятро ҳамчун маҷмӯи дастовардҳои моддию маънавии як миллат муаррифӣ менамоянд, ки онҳо дар раванди ташаккулёбии онҳо ба вуҷуд оварда шудаанд. Бинобар ин, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати фарҳангӣ ҳифзи ин дастовардҳо мебошад, ки онҳо дар шакли хотираҳои таърихӣ, арзишҳои таърихӣ, объектҳои таърихӣ ва ғ. баромад менамоянд. Дар чунин шароит алоқамандии таърих бо соҳаи фарҳанг хеле зич дониста мешавад.

Дар раванди таърих таъсири мутақобилаи фарҳангҳо ба мушоҳида мерасид ва ин раванд то имрӯз ҳам идома дорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ афзалият пайдо намудани баъзе фарҳангҳо ва зери фишор қарор гирифтани фарҳангҳои дигар ба мушоҳида мерасад. Дар ин раванд ислоҳоти соҳавӣ низ метавонад ба дигаргуншавии фарҳанги ҷомеа оварда расонад. Масалан, дар раванди ислоҳот таҷрибаи давлатҳои пешрафта вобаста ба рушди ин ё он соҳа истифода бурда мешавад, ки албатта, ин гуна таҷрибаҳо дар заминаи фарҳанги дигар ташаккул дода шудаанд. Таҷрибаи пешрафта ҳамчун дастоварди моддию маънавӣ унсури муҳимми фарҳанг мебошад. Агар дар дохили мамлакат ниҳодҳои фарҳангӣ талаботи моддию маънавии ҷомеаро қонеъ гардонида натавонанд, пас истифодаи таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои дигар зарур мешавад.

Дар чунин шароит меъёрҳои рафтор ва ниҳодҳое ба дохили мамлакат интиқол меёбанд, ки онҳо баъзан бо меъёрҳои фарҳанги маҳаллӣ мухолифат менамоянд. Дар чунин шароит бархӯрди ниҳодҳо ва меъёрҳои фарҳангӣ ба вуҷуд меояд ва дар ҷомеа аллакай се қишри фарҳангӣ пайдо мешаванд: қишри якум, онҳое, ки меъёрҳои фарҳанги маҳаллиро ҷонибдоранд; қишри дуюм, онҳое мебошанд, ки меъёрҳои фарҳанги навро қабул доранд ва қишри сеюм бошад, ҳамчун қишри маргиналӣ дар миёни меъёрҳои гуногун мавқеи фарҳангии худро ҳанӯз майян накардаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло сиёсати фарҳангиро маҷмӯи чорабиниҳое номидан мумкин аст, ки он барои ташаккул додани ҷаҳонбинии одамон ва мувофиқи замона ба роҳ мондани рафтори онҳо мебошад. Дар ин раванд, барои дар амал тадбиқ намудани сиёсати фарҳангии давлат муассисаҳои фарҳангӣ сафарбар мегарданд.

НИЗОИ БАЙНИ ТОҶИКОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ МИНТАҚАВИИ ОН

Абилов С. А. – муаллими калони кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Бархӯрдҳои гуногун дар раванди ҷаҳонишавӣ, аз як ҷониб, барои мукаммалгардии фарҳангҳо, тарзи пешбурди ҳаёт ва арзишҳои афзалиятнок шароит фароҳам ованд, аз ҷониби дигар, сарчашмаи пуриқтидори низоъҳои ичтимоӣ ба шумор мераванд. Замоне ки одамони як ҷомеа фарҳангҳо, арзишҳо ва идеалҳои мухталифро пайгирӣ менамоянд, фазои таҳаммулнопазирӣ ва душманию хусумат дар миёни онҳо ба вуҷуд меояд, ки чунин вазъият аз оғозёбии низоъҳо дарак медиҳад. Ҳалли самараноки чунин вазъият танҳо замоне имконпазир мегардад, ки агар одамон барои дарк намудани шахсони дигар қодир бошанд ва гуногунрангии фарҳангиро ҳамчун қонунияти объективии ҳастии ҷомеа тасаввур карда тавонанд.

Воқеаҳои дар Тоҷикистон баамаломада сабаби ягона надоранд. Ғайр аз ин, ҷанги шаҳрвандии мамлакати мо аз амалҳои синфи мушаххас, гурӯҳи ичтимоӣ ва ё неруи сиёсии мушаххас вобаста набуд. Бинобар ин, шарҳу баёни паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандии мамлакат бо назардошти як сабаби мушаххас баррасии масъаларо якҷониба ва ё хеле маҳдуд инъикос менамояд. Ба андешаи мо, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар заминаи омилҳои гуногуни ба ҳам алоқаманд ба вуҷуд омада буд.

Бояд қайд намуд, ки дар охири солҳои 70-ум имкониятҳои сармоягузории ҳукумати марказӣ нисбат ба Тоҷикистон коҳиш меёбанд ва дар чунин шароит иқтисодиёти мамлакат, ки танҳо ба истеҳсоли пахта асос ёфта буд, наметавонад вазъияти баамаломадаро ба танзим

дарорад. Чунин ҳолат бухрони иқтисодиро ба амал оварда, дар натиҷаи он тадриҷан сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ паст гардид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то саршавии муқовимати байни неруҳои ҳукуматӣ ва оппозитсионӣ дар мамлакат маҳалгароию минтақагарої аллакай вуҷуд доштанд. Маҳз минтақагарої дар самти ҷалб намудани оммаи мардум ба равандҳои сиёсӣ ва сипас дар муборизаҳои сиёсӣ нақши калидӣ бозид.

Ҳамин тариқ, таҳлили сабабҳои гуногуни низои байни тоҷикон нишон медиҳад, ки даргириҳои мамлакат падидаи тасодуфӣ набуданд. Бинобар ин, низои байни тоҷикон натиҷаи мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию маънавие буданд, ки сари вақт ҳалли худро пайдо накарданд. Махсусан афзоиши фаъолнокии ниҳодҳои динию мазҳабии муташаккил ва инчунин таҷрибаи динии фардӣ, ки на ҳама вақт ба ташкилотҳои динии расмӣ такя менамуданд, вазъияти динии мамлакатро муташанниҷ гардонида буданд. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ афзоиши диндорӣ, чи дар доираи ниҳодҳои динию мазҳабии муташаккил ва чи дар сатҳи диндории фардӣ ба, мушоҳида мерасид.

ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ «ИХВОН-УЛ-МУСЛИМИН» ВА МОҲИЯТИ ИРТИҶОИИ ОН

Нурулҳақов Қ. – н.и.ф., дотсенти кафедраи онтология ва назарияи маърифати ДМТ

“Ихвон-ул-муслимин” (минбаъд “Бародарони мусалмон”) созмони динӣ-сиёсиест, ки соли 1928 дар Миср аз ҷониби муаллим Ҳасан ал-Банно таъсис ёфтааст. “Бародарони мусалмон” як равияи идеологии навъи нав дар ислом буда, дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ ҳамчун “парастиши динии нав” ва “бунёдгароии исломӣ” шинохта мешавад. Сарчашмаи ақидавии онро асосан идеяҳои панисломистӣ (исломгарої) ташкил медиҳанд. Вале ақидаҳои панисломистӣ дар идеология ва амалияи “Бародарони мусалмон” хусусияти ифротӣ касб намудаанд, бахусус андешаи панисломистӣ доир ба таъсиси хилофат. Ҳарчанд “Бародарони мусалмон” худро як ҳаракати зиддиғарбӣ ва “озодихоҳии мусалмонон” ба қалам медиҳанд, аммо дар асл он хусусияти зиддимусулмонӣ, ҳатто зиддиисломӣ дошта, аз ҷониби Ғарби дунявӣ ба хотири таъмини амният ва аз ҳисоби захираҳои табиии ҷаҳони ислом ҷуброн сохтани костагиҳои иқтисодии он таъсис ёфтааст ва аз ҷониби Ғарб пуштибонӣ мегардад.

Ҳифзи манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии Ғарб дар ҷаҳони ислом онро водор сохт, ки андешаи хилофати исломиро аз нав эҳё ва дар асоси таҷрибаи теократияи асримиёнагии масеҳӣ, ки ифротитарин шакли теократия буд, таҷдид намояд. Теократияи масеҳӣ, ки бунёди идеологияшро андешаҳои динӣ-сиёсии ниҳоят ифротишудаи калисои католикӣ ташкил медод, баъди рукуди илму фалсафаи Юнони қадим ва зуҳури дини масеҳӣ тӯли садсолаҳо Ғарбро дар ҳолати карахтӣ ва бозмондагӣ нигоҳ дошта буд. Имрӯз маҳз ҳамин шакли теократияи масеҳиро дар либоси исломӣ эҳёву таҷдид намудан барои пиёда сохтани манфиатҳои геосиёсии Ғарб дар Шарқи исломӣ созгор мебошад.

Дар айни замон, барои дар асоси таҷрибаи теократияи масеҳӣ таъсис додани ифротитарин шакли хилофати исломӣ, ақидаҳои динӣ-сиёсии ислом, бахусус андешаҳо дар мавриди “куфр” хондани ҳама гуна ақидаҳои ғайриисломӣ ва “ҷиҳод”, ки бештар хосси исломи бунёдӣ аст, низ мусоидат менамояд. Ҳоло Ғарб тавонист, ки табиати сиёсии исломи бунёдиро бо теократияи масеҳӣ дар симои “Бародарони мусалмон” бо ҳам омезиш диҳад, то ки ҷаҳони ислом чун Ғарби масеҳии асримиёнагӣ дар ҳолати рукуд ва бозмондагӣ қарор дошта бошад. Ҳамин тариқ, созмони “Бародарони мусалмон” имрӯз таҷассумгари хилофати исломии дар асоси таҷрибаи теократияи масеҳӣ буёндшаванда мебошад, ки намунаашро мо дар мисоли давлати теократи (“вилояти фақеҳ”)-и Ҷумҳурии Исломии Эрон баръало мушоҳида мекунем. Беҳуда нест, ки “Бародарони мусалмон” бо поягузори ҶИЭ Имом Хумайнӣ ҳамкорӣ дошт ва ҳоло ин ҳамкориро бо Ҳукумати исломии ҶИЭ ва ТЭТ ҲНИ идома медиҳад.

Бинобар ин, мувофиқи барномаи сиёсии аз Ғарб иқтибоскардаи худ барои таъсиси хилофати исломӣ “Бародарони мусалмон” бояд, пеш аз ҳама, аз роҳи ҷиҳоди идеологӣ (таълимоти Ҳасан ал-Банно) ҳувият, худшиносӣ ва ифтихори миллии халқҳои мусулмонро

дар зери парчами “миллати ислом” шикаста, ҳама гуна низоми дунявиро ҳамчун низоми зиддиисломӣ дар зеҳни мусулмонон ҷойгузин созанд, то ки заминаи ақидавӣ барои бунёди давлати теократӣ ва хилофати теократӣ омода гардад. Барои пиёда сохтани ин барномаи худ созмони мазкур кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки нахуст зиёиёну донишҷӯёнро ба сафи худ ҷалб созад.

Давраи ниҳоии фаъолияти “Ихвониҳо”-ро амали “ҷиҳод” ташкил медиҳад, ки онро созмони мазкур дар фаъолиятҳои террористӣ, табаддулоти давлатӣ дар Миср соли 2011 ва дар бунёди Давлати исломии Ироқу Шом ба намоиш гузошт. Ҳамин тариқ, созмони “Бародарони мусалмон” яке аз ифротитарин ҳаракатҳо дар ҷаҳони ислом буда, аз ҷониби Ғарби дунявӣ бо мақсади дар ҳолати рукуду бозмондагӣ нигоҳ доштани ҷаҳони ислом ва пиёда сохтани манофеи геосиёсии он пуштибонӣ карда мешавад.

МАҚОМИ ЗАН ДАР ҶОМЕАҲОИ ДИНИИ ТОИСЛОМӢ

Амирбекова И. Ҷ. – ассистенти кафедраи онтология ва назарияи маърифати ДМТ

Дар радифи масъалаҳои актуалии фалсафаи муосири халқи тоҷик таҳқиқ намудани тасаввуротҳои анъанавии патриархалӣ ё “мардсолорона” оид ба нақши зан ва омилҳои назариявию фарҳангии пайдоиши чунин тасаввуротҳо аз бисёр ҷиҳат муҳим мебошад. Маъмулан, аксарияти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ маншаи пайдоиши чунин тасаввуротҳои маҳдудкунандаи мақом ва нақши иҷтимоии зан ва умуман, ҳар гуна беадолатиеро, ки чи дар гузашта ва чи имрӯз дар ҷомеаи мо ва ҷомеаҳои дигар нисбат ба ҳуқуқи зан вуҷуд доштаанд, ё доранд, дар таълимоти ислом меҷӯянд ё дар ислом мебинанд.

Вале, ба ҳамагон маълум аст, ки дини ислом – ҷавонтарин дини ҷаҳонӣ мебошад ва ҳамаи динҳои дигари маълуми миллӣ ва ҷаҳонӣ – ҳиндуия, буддоия, зардуштия, яҳудия, насрония ва ғ. – садсолаҳо ва ҳазорсолаҳо пеш аз ислом зуҳур кардаанд. Аз ин рӯ, бояд таъкид намуд, ки на танҳо дар кишварҳои исломӣ, балки дар кишварҳо ва ҷомеаҳои таҳти нуфузи динҳои буддоӣ, ҳиндуӣ, яҳудӣ ва насронӣ низ дар даврони қадим ва асрҳои миёна қадру манзалат, мақом ва нақши занон нисбат ба мардон хеле паст буд ва онҳо инсони дувумдараҷа маҳсуб мешуданд.

Ҳатто, чӣ тавре воқеияти имрӯза нишон медиҳад, дар замони ҷорӣ низ дар бисёре кишварҳои ҷаҳон зан мисли асрҳои гузашта қисми бештари умри худро маҷбур аст дар муҳити хонаводагӣ гузаронад ва наметавонад дар ҳаёти ҷомеа фаъолона ширкат намояд. Умуман, дар такя ба маълумоти сарчашмаҳо ва адабиёти ба ин масъала бахшидашуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳолати дар ибтидо аз мақоми шоистаи иҷтимоӣ барҳӯрдор будани занон ва минбаъд таҳти таъсири ғояи мардсолорӣ (патриархалӣ) тадриҷан маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳои онҳо на танҳо барои ҷомеаи тоисломӣ (зардуштӣ) ва исломии Эрону Осиёи Марказӣ, балки барои кишварҳо ва ҷомеаҳои таҳти нуфузи динҳои буддоӣ, ҳиндуӣ, яҳудӣ ва насронӣ низ хос мебошад.

Аз ин рӯ, барои таъйини омилҳо ва сабабҳои маҳдудкунандаи мақом ва нақши иҷтимоии занон дар замони гузашта, дар баробари маншаҳои исломӣ, инчунин, маншаҳои дигару нисбатан қадимаи динӣ ва фалсафии маҳдудкунандаи мақом ва нақши иҷтимоии занонро низ таъйин ва таҳқиқ кардан зарур мебошад. Чунин тарзи таҳқиқи масъала барои дарки омилҳо ва сабабҳои воқеии вазъи номатлуби ҳуқуқию иҷтимоии занон дар даврони қадим ва асрҳои миёна зимнан, барои шинохти дурусти омилҳои эҳёкунанда ва таҳкимбахшандаи мақому манзалати баланди занон дар замони муосир заминаи мусоиди илмиро фароҳам меорад.

ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ И. КАНТ ДАР БОРАИ «СУЛҲИ АБАДӢ»

Маҳмадизода Н. – н.и.ф., дотсенти кафедраи онтология ва назарияи маърифати ДМТ

И. Кант яке аз ҷеҳраҳои намоёни фалсафаи классикии Олмон буда, саҳми ӯ дар инкишофи фалсафаи ҷаҳонӣ назаррас мебошад. Таълимоти фалсафии И.Кантро ба ду давра-

тотанқидӣ ва танқидӣ ҷудо менамоянд. И.Кант иброз менамояд, ки ибтидои эҷодию маънавии инсон ҳам дар сатҳи фардӣ ва ҳам дар сатҳи иҷтимоӣ кушода мешавад. Ба ақидаи Кант, инсон эҷодкунанда ва офарандаи олами санъат ва фарҳанг мебошад.

Таҳқиқи осори И. Кант нишон медиҳад, ки ӯ дар асарҳои солҳои охири ҳаёт эҷодкардааш бештар ба масъалаи инкишофи иҷтимоӣ бисёр машғул шудааст. Ба ақидаи И.Кант, фаъолияти ҷомеа ва фард, дар маҷмӯъ, ба он нигаронида шудааст, ки инсонро ба комилияти ахлоқӣ расонад. Хоҳишҳо ва мақсадҳои ахлоқӣ дар тарбияи шахсиятҳо нақши бузург мебозанд, аммо ҷомеа бошад, бо роҳи табиӣ инкишоф меёбад. Инсон табиатан одамдӯст ва одамгурезу танҳоидӯстдор аст. Яъне, инсон, аз як тараф, кӯшиш менамояд, ки бо дигарон дар алоқамандию робита бошад, аммо, аз тарафи дигар, кӯшиш менамояд, ки дар танҳоӣ ва алоҳидагӣ бошаду тамоми корҳою фикрҳояшро мувофиқи таъби худ ба роҳ монад. Ин сифатҳо байни одамон рақобатро ба миён меоранд ва дар раванди ин рақобат истеъдоду қобилиятҳои табиии инсон рушд меёбанд.

Истеъдодҳои табиии инсон муттасил инкишоф ёфта, ба тарбиятгарони динию рӯҳонӣ ниёзе наменонад ва инсон мустақилона хираду дониши худро истифода менамояд. Оғози давраи маорифпарварӣ шароите фароҳам меорад, ки инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоисиёсӣ догмаҳо ва анъанаҳои диниро бартараф карда, тафаккури озод ва фалсафиро тарғиб менамояд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон шарти зарурии инкишофи арзишҳои фалсафию – фарҳангии замони маорифпарварӣ маҳсуб меёбанд. Аммо тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ба сифати арзишҳои олии фарҳангию фалсафӣ танҳо дар «ҷомеаи ҳуқуқию шаҳрвандӣ» метавонанд пурра амалӣ шаванд. Истеъдодҳои табиии инсон танҳо дар ҷомеа инкишоф меёбанд ва ҷомеа барои инкишофи истеъдодҳои инсон бояд шароити мусоид фароҳам намояд. Ҷангҳо ва моҷароҳои байналхалқӣ садди роҳи бунёди ҷомеаи сартосарии ҳуқуқию шаҳрвандӣ мегарданд. Ба ақидаи Кант, эҷоди Давлати федеративии сартосарӣ шарти зарурии барқароршавии «сулҳи абадӣ» мебошад.

Масъалаи “сулҳи абадии” И.Кант барои инкишофи муътадили ҷаҳони муосир низ хеле феълӣ мебошад. Агар кишварҳо ғояҳои ин асари И.Кантро ба инобат гиранд, байни онҳо ҷанг, моҷаро ва хунрезӣ нахоҳад шуд. Аммо, мутаассифона, таҳаввули кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи манфиатҳост, ки ин раванд хоҳу нохоҳ кишварҳоро дар муқобили якдигар қарор медиҳад.

МАЪНӢ ВА МАЗМУНИ ФАЛСАФӢ ВА ИРФОНИИ МАФҲУМИ «ОРИФ»

Элназаров М. Б. – н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ

Дар афкору андешаҳои намояндагони мактабҳои фикрии тоҷикон, тариқатҳои гуногуни тасаввуф ва асарҳои орифон ба мазмунҳои мухталиф таърифҳои сершумори мафҳуми ориф, моҳияти ҳастию вуҷуди ӯ ба назар мерасанд.

Абӯалӣ ибни Сино дар китобаш "Ишорот", дар фасли "Мақомот-ул орифин" менависад: "Он, ки аз танаъъуми дунё рӯ гардонидааст, зоҳид номида мешавад. Он ки бар анҷоми ибодат, аз қабили намоз ва рӯза ва ғайра мувозибат (саъю кӯшиши доимӣ дар коре) дорад, бо номи обид хонда мешавад. Ва он ки замири худро аз таваҷҷуҳ ба ғайри Ҳақ (яъне Худованд Э.М.) боздошта ва мутаваҷҷеҳи олами қудс (покӣ) карда, то нури Ҳақ бад-он битобад, бо номи ориф шинохта мешавад".

Дар «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор чандин таърифи ин истилоҳ аз тарафи табақоти мухталифи орифон, ки зикри аҳвол ва аъмолашон дар ин асар рафтааст, оварда шудааст, ки аслан моҳияти ирфонӣ доранд.

Абӯбакри Шиблӣ мегӯяд: «Ориф он аст, ки ҳафт осмон ва заминро ба як мӯйи мижа бардорад. Ва гуфт ориф бидуни Ҳақ бино ва гӯё набувад ва нафси худро бидуни Ӯ ҳаргиз набинад ва сухан ғайри Ӯ нашунавад. Ва гуфт вақти ориф чун рӯзгори баҳор аст, раъд меғурад ва абр меборад ва барқ месӯзад ва бод мевазад ва шукуфа мешукуфад ва мурғон бонг мекунанд. Ҳоли ориф ҳамчунин аст, ба чашм мегиряд, ба лаб механдад ва ба дил месӯзад ва ба сар меборад ва ба номи дӯст мегӯяд ва бар дари Ӯ мегардад».

Суханони Зунуни Мисрӣ чунинанд: «Ориф лозими як ҳол набувад, ки аз олами ғайб ҳар соате ҳолати дигар бар вай меояд, то лоҷарам соҳиби ҳолот буд, на соҳиби ҳолат. Ва ориф хоиф (яъне хавбаранда) мебояд на орифи восиф, яъне васф мекунад хешро ба маърифат, аммо ориф набувад, ки агар ориф будӣ хоиф будӣ. Ва гуфт адаби ориф зери ҳама адабҳо буд, зеро ки ӯро маърифати муаддаб бувад.Чунонки аз сифати ориф пурсиданд, гуфт ориф бинанда бувад бе илм ва ба айну бехабар ва бе мушоҳида ва бе васф ва бе кашф бе ҳиҷоби эшон. Гардиши эшон багардонидани Ҳақ бошад ва сухани эшон сухани Ҳақ буд бар забонҳои эшон равон гашта ва назари эшон назари Ҳақ буд бар дидаҳои эшон роҳ ёфта».

Иброҳим Адҳам, яке аз маъруфтарин намояндагони тасаввуф шахсияти орифро чунин таъриф додааст: «Аломати ориф он бувад, ки бештар хотири ӯ дар тафаккур бувад ва дар ибрат ва бештар сухани ӯ сано бувад ва мадҳати Ҳақ ва бештар амали ӯ тоат ва бештар назари ӯ дар латоифи сунъ бувад ва қудрат».

Бушри Ҳофӣ чунин иброз медорад; «Фозилтарин чизе, ки бандаро додаанд, маърифат аст ва сабр дар фақр ва гуфт агар Худойро хосагонанд, орифонанд ва гуфт сӯфӣ он аст, ки дил софӣ дорад бо Худой ва гуфт орифон қавмеанд, ки нашиносанд магар Худой ва эшонро гиромӣ надоранд магар барои Худой».

Калимаи «ориф» лафзи арабӣ буда, маъноияш шиносанда, воқиф, огоҳ, доно, нуктасанҷ мебошад. Орифон як табақаи фарҳангие мебошанд, ки илми ирфонро ба вуҷуд овардаанд. Ориф аз шоир ва файласуф фарқ дорад. Пеш аз ҳама, ҳадаф ва мақсади онҳо мухталиф аст. Ҳадафи ориф ба воситаи убур аз як силсила манзил ва марҳала ва мақом, ки ӯро бо вусули ҳақиқӣ ва мақсади аслӣ мебарад, бо номи сайр ва сулук аст. Тавҳиди ориф, шинохти Ҳақ, яъне мавҷуди ҳақиқӣ марҳалаест барои ӯ, ки ҷуз Худо ҳеҷ надидан. Маърифати ҳаким ё файласуф фикрӣ ва зеҳнист ва ӯ бештар ба ақл истидлол (далел) ва бурҳон такя менамояд ва камоли фикрии инсонро дар фаҳмидан мебинад. Мавзӯоте, ки орифон, аслан дар назму насри хеш матраҳ сохтаанд ва мавриди баррасиву омӯзиш қарор додаанд ё васфу ситоиш намуданд, яъне орои ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносӣ, ба қавли дигар, ҳикмати ирфонии онҳоро ташкил додаст, ин пеш аз ҳама, мақулаҳои вахдати вуҷуд, вахдати шуҳуд, тавҳиди ирфонӣ, таносуби нафсу тан, шинохти ҳастию маърифати оламу одам, мақому манзалати инсон, ишқи илоҳию сайру сулуки ирфонӣ, худшиносию Худошиносӣ ва ғайра, дар умум масъалаҳои зиёди онтологӣ (ҳастишиносӣ) ва гносеологӣ (назарияи маърифат) мебошанд.

ОМИЛҲОИ ИҶТИМОИИ ЗУҲУРИ ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОЙӢ

Холова А. А. – н.и.ф., муаллими калони кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ

Масъалаи терроризм ва ифротгаройӣ аз қадим то имрӯз мавзӯи меҳварии афкори фалсафӣ, фарҳангӣ ва ахлоқию динии инсоният ба шумор меравад. Инчунин, яке аз масъалаҳои ташвишовар ва хавфнок, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро низ ба ташвиш овардааст, ифротгаройӣ мебошад. Зуҳуроти мазкур боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш - таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин ба ҷамъият, бенизомӣ, тағйири сохти конституцсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мегардад.

Терроризм содир намудани амалҳое мебошад, ки хатари марговар ба одамон доранд ва мақсади ҷисман бартараф кардани рақибони сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад. Зӯроварӣ, зулм, фишороварӣ, таҳқир ва паст задани шаъну шарафи инсон, хусусан гурӯҳҳои дигари этникӣ аз ҷониби ҷомеа ва давлат мумкин аст, эътирозро ба вуҷуд оварад, ки он мумкин ба ифротгаройӣ сабзида расад. Сабаби пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб сатҳи пасти шароити зиндагӣ, бехабар будан аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, таълиму тарбияи нодурусти насли наврас, хусусан ҷавонон мебошад. Чунин омилҳои ногувор боиси шомил шудани онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ мегарданд. Масъулияти азими таърихӣ ва рисолати шаҳрвандии мост, ки ба муқобили ин падидаи номатлуб ва

харобиовар барои ҳифозати истиқлолияти миллӣ ва осоиштагии ҷомеа ҳамеша омода бошем ва муборизе барем.

Зимни ташхису муайян кардани омилҳои ифротгароии динӣ ва сабабҳои густариши он дар байни бархе аз ҷавонони тоҷик дар назар доштан лозим аст, ки зуҳуроти ифротгарои барои фарҳанги миллию динии сокинони кишварамон, ки аксаран пайрави мазҳаби таҳаммулпарвари ҳанафӣ мебошанд, раванди тамоман бегона ва ноошно мебошад. Моҳияти ғояи ифротгароии динӣ чунин аст, ки он мафҳумҳо ва арзишҳои диниро аз мафҳумҳо ва арзишҳои миллию умумибашарӣ ҷудо намуда, онҳоро бо ҳам сахт муқобил мегузорад. Дар натиҷа ин зуҳурот боиси густариши терроризм ва ифротгароии динӣ дар байни пайравони дину мазҳабҳои гуногун гардида, дар айни замон барои ҳар як кишвари миллӣ дар роҳи таҳкими истиқлолияти давлатӣ аз тариқи ташаккули худшиносии миллӣ мушкилот эҷод менамояд.

Терроризм яке аз роҳҳои баамалбарорӣ ва тарзу усули бурдани муборизаи сиёсӣ бо истифодаи афкори даҳшатзо ва тарсафканӣ бо роҳи таҳдиду таҷовуз ва зӯроварӣ ҷиҳати бедор кардани тарсу ҳарос, ваҳмангезӣ дар вуҷуди инсонҳо мебошад. Бинобар ин, мо омӯзгорон ва дигар фаъолони ҷомеаро зарур аст, ки дар маҷрои ҷаҳонишавӣ бо дарки масъулият истиқлолияти худро на танҳо бо шиору гуфтор, балки бо меҳнати софдилона ва самимӣ дар ҳама соҳаҳо таҳким бахшем, бепарво ва масъулиятношинос набошем ва барои таълиму тарбияи наврасон, ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, инчунин ҷалби онҳо дар корҳои созандагиву ободкорӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳким бахшидани ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошем.

НРАВСТВЕННЫЕ ОСНОВЫ ДЕТЕРМИНАЦИИ ТОЛЕРАНТНОСТИ В ФИЛОСОФИИ ФАРИДУДДИНА АТТАРА И ДЖАЛОЛИДДИНА РУМИ

Умедов М. Х. – докторант кафедры
истории философии и социальной философии ТНУ

Теоретический аспект рассмотрения этой проблемы в философии Аттара и Руми связан с определением понятия «толерантность личности», описанием конкретных механизмов формирования и проявления толерантности. Это связано с тем, что основу своей этической концепции и Аттар и Руми строят на категории совершенный человек. Основой толерантности в их творчестве выступает способность человека воспринимать другого человека без враждебности, не смотря на то, что мнения последних отличаются от их собственных, поведения и внешности других так же могут отличаться.

Аттар и Руми такие нравственные качества как снисходительность или милосердие, так же считают основой толерантности. Иногда готовность принять страдания, не рассчитывая на возмездие, готовность принимать удары и не отвечать ударом на удар принимаются ими как элементы толерантности.

Часто в мировоззрении мыслителей встречается рассмотрение таких качеств как довольствоваться малым, умение выслушать, усердие в познании, смирение, терпение и любовь в значении толерантности или предпосылкой толерантного образа жизни.

В основном нравственные основы детерминации толерантности в философии Аттара и Руми явно выражены в их социально-политических взглядах. Нравственными основами детерминации толерантности в философии Аттара и Руми являются понимание того, что гармония природы, общества и человека выявляются в их многообразии. Поэтому, они призывали относится с уважением к другим формам проявления человеческой индивидуальности.

Самым интересным детерминантом толерантности у мыслителей можно представить отказ от догматизма, но при этом абсолютизация Истины. Если с точки зрения религиозной культуры это естественно, то с точки зрения философии, это противоречие. Признак толерантности это то, что на пути абсолютизации Истины, допускается многообразие идей.

Аттар и Руми, призывая к толерантности, показывали путь к этому через воспитание. Воспитывая уважение к труду, к человеку, к знанию, к Богу, к любви, к доброте мы

формируем совершенного человека, который имеет эти качества, способствующие толерантности. Это качество разумного человека. Поэтому, они считают, что основой детерминации толерантности является разум человека.

Таким образом, Аттар и Руми в своей общественно–политической концепции призывали к толерантным моральным установкам, которые способствовали бы создать для человека такие условия, чтобы ему было в них комфортно. По этой причине они призывали отказываться от агрессивных установок.

МАСЪАЛАҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Сафарова Б. Қ. – унвонҷӯи кафедраи
таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ

Масъалаҳои гендерӣ бахши муҳимми соҳаи тадқиқоти илмҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад, махсусан, солҳои охир таҳқиқоти гендерӣ бештар дар илми сотсиология ва фалсафаи иҷтимоӣ ба анҷом расидаанд. Гендер фарқияти таърихан ташаккулёфтаи нақшҳои иҷтимоии байни зану мард, тақсимоти меҳнат ва талаботу арзишҳои иҷтимоии онҳоро ифода менамояд. Ҷонибдорони ҳаракати феминистӣ бар ин ақидаанд, ки тафовути нақшии ҷинсҳо на заминаи табиӣ, балки натиҷаи иҷтимоишавии шахс ва ифодаи муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Афзалияти вижагиҳои анъанавии гендерӣ, ки нобаробарии сохтории иҷтимоиро аз рӯйи ҷинс тарғиб менамуд, дар ниҳояти кор имкон медиҳад, ки ин нобаробарӣ нисбати бисёр бонувон нигоҳ дошта шавад. Мутаассифона, ҷойҳои кории занони тоҷик дар замони мо на ҳамеша ба имкониятҳои воқеии онҳо мутобиқат мекунанд. Мавқеъ ва ҳолати зан дар ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа дар ҳоли бисёр зиддиятнок қарор дорад. Рушди мақоми зан ва дастёбӣ ба мансаб барои занон бештар дар соҳаҳои хизматрасонӣ ба назар мерасад.

Барои мувозинат ва қабули қарори аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим зарур аст, ки шумораи занҳо дар мақомотиқонунгузор ва иҷроия зиёд карда шавад. Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар даҳсолаи охир занҳо, аз як тараф, имкон пайдо кардаанд, ки дар ҳалли вазифаҳои муҳимми давлатӣ фаъолона ширкат варзанд, аз тарафи дигар, мавриди истисмор дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қарор доранд. Дар тамоми баромадҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон афзалиятнокии таъмини бонувонро дар тамоми ҷодаи ҳаёт, ҳам дар хондан ва ҳам дар меҳнат таъкид намуда, ба онҳо дар ишғоли вазифаҳои идораи давлатӣ низ бурсияи муайянро пешниҳод намудааст.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати нақши занон дар ҷомеа ва масъалаҳои гендерӣ чунин иброз намуда буданд:“Доир ба масъалаҳои вобаста ба дастгирии ҳамаҷонибаи ташаббусу ибтикороти занон, ки аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон амалӣ мегардад, инчунин ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ ва нақшу мақоми онҳо дар ҷомеа ҳангоми мулоқот бо намояндагони занону бонувон ба муносибати Рӯзи модар дар назди вазорату идораҳои марбута супоришҳои дахлдор гузошта шуданд. Дар ин раванд ба масъалаи аз байни ҷавонон ва занону духтарони лаёқатманду соҳибмаърифат интихоб кардан ва ба вазифаҳои роҳбарикунандаву масъул пешбарӣ намудани онҳо эътибори ҷиддӣ бояд дода шавад Хотирнишон месозам, ки иҷрои саривақтии онҳо боиси боз ҳам фаъол гардидани занону бонувони мо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, пешрафти ҷомеа ва афзудани саҳми онҳо дар раванди ободкории кишварамон мегардад”.

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ВА УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ-ОМИЛИ РУШДИ СИФАТИ ТАЪЛИМ

Таҳминаи Т. – н.и.ф., ассистенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ

Баланд бардоштани сифати таълим дар тамоми системаҳои таълимии ҷаҳонӣ ҳадафи асосии низомҳои маорифи муосир ба шумор меравад, зеро рушду тараққӣ додани тамоми соҳаҳои ҷомеа аз рушди сифати таълим вобастагӣ дорад. Барои ба даст овардани сифати таълим дар низомҳои маориф омилҳои зиёде вуҷуд доранд, ки яке аз онҳо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва усулҳои фаъоли интерактивии таълим ба ҳисоб мераванд. Азбаски ҷомеаи муосир ҷомеаи техникаву технологияҳои инноватсионӣ унвон гирифтааст, мо раванди таълими муосирро бе истифодаи ин технологияҳо тасаввур карда наметавонем, зеро дар замони муосир ҷомеаи инсонӣ ҳар лаҳзаву ҳар соат дар ҳоли тағйироту дигаргуншавӣ ва ба вуҷуд омадани техникаву технологияҳои нави иттилоотӣ қарор дорад.

Бинобар ин, барои баланд бардоштани сифати таълим моро зарур аст, ки аз усулҳои фаъоли таълими интерактивӣ ва техникаву технологияҳои иттилоотии муосир дар муассисаҳои таълимӣ самаранок истифода намоем. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои фаъоли таълим дар низоми таълимии донишгоҳ хело муҳим буда, дар замони муосир воситаҳое ба шумор мераванд, ки ба баланд бардоштани самаранокии таълим ва омодагии босифати мутахассисони оянда мусоидат менамоянд.

Ҷаҳони муосир таҳозо менамояд, ки самаранокии раванди таҳсилот ҳамаҷониба аз нигоҳи тафаккури нав бояд арзёбӣ гардад. Зеро дунёи муъҷизаофарро инсонҳо наметавонанд бо тафаккури якранг дарк намоянд. Имрӯз бояд ба навовариҳои илм ва маориф бо диди нав назар намуд. Аз ин рӯ, бо таҳозои замон сохаи маориф имкон пайдо намуд, ки аз усулу қолабҳои куҳнаи таълим рахоӣ ёфта, ба шаклу усулҳои наву замонавии он рӯ оварад. Дар ин ҷода истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои таълими интерактивӣ воситаи асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот ба шумор мераванд. Истифодаи технологияҳои муосир ва усулҳои фаъоли интерактивӣ дар раванди таълим барои ташаккули шахсияти таълимгирандагон шароити мусоидро фароҳам оварда, ҷавобгӯи талаботи замони муосир мебошад.

ҶАҲОНИШАВӢ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Киматшоев Ш. Л. – ассистенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи ичтимоии ДМТ

Дигаргуниҳои куллӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тағйироти системаи иҷтимоӣ - сиёсӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷаҳони муосир тадричан ба давраи сифатан нави тараққиёт ворид мегардад. Зери мафҳуми ҷаҳонишавӣ васеъшавӣ ва амиқшавии муносибатҳои иҷтимоӣ ва ниҳодҳо, дар фазо ва вақт фаҳмида мешавад. Ҷаҳонишавӣ таҳозо менамояд, ки аксари муносибатҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ характери умумиҷаҳонӣ касб намоянд.

Ҷаҳонишавӣ дар худ имкониятҳои бузурги пешрафт ва дар айни замон таҳдидҳои ҷиддиро ба ҳаёти башарият омезиш додааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр намуд, ки дар шароити мушаххаси таърихии Тоҷикистон раванди ҷаҳонишавӣ ва тамоюлоти ба он пайванд бинобар якчанд омилҳо ба сарнавишти Тоҷикистон ва мардуми тоҷик таъсири дарозмуддати манфӣ дошта метавонад. Аз ҷумла, ҷаҳонишавӣ дар баробари манфиат ба фарҳанги Тоҷикистони муосир тадричан таъсири манфӣ мерасонад.

Мувофиқи ақидаҳои олимон, фарҳанги ҷаҳонӣ як фарҳанги ғарбӣ аст, ки асли Амрико буда, дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст. Аз як тараф, ҷаҳонишавии фарҳангӣ метавонад як падидаи мусбат бошад, яъне равобити фарҳангиро мустаҳкам кунад ва дороии фарҳангӣ афзоиш ёбад. Илми ҷаҳонӣ савияи фарҳангии моро ба сатҳи ҷаҳонӣ мебарад. Тарафи манфии он, беэътимодӣ нисбат ба фарҳанги миллӣ, яъне таваҷҷуҳ ва таҳлид ба фарҳанги

бегона, боиси аз байн рафтани фарҳанги миллӣ мегардад. Хусусан таъсири манфии он ба ҷавонон хеле зиёд мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ моро зарур аст, ки дастовардҳои таърихии худро омӯзем, маъно ва арзиши фарҳангии онро тарғибу ташвиқ намоем. Рушди иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки кишварҳо бо суръати тез бо ҳам наздик мешаванд ва ин наздикшавӣ ба ҷаҳонишавии устувор оварда мерасонад. Фарҳанг дар ин раванд хусусиятҳои хосси худро пайдо карда, фарҳанги милли ягона воситаест барои пешгирии ҳар гуна падидаҳои ҷаҳонишавӣ.

Ҳамин тариқ, раванди ҷаҳонишавӣ метавонад ҳам созанда ва ҳам сӯзанда бошад. Ин раванд ба воситаи интернет, сафарҳо ва таҳсил дар давлатҳои хориҷӣ ба амал омада, бештар ҷавононро ба фарҳанги ҷаҳонӣ балад мекунад. Халқи тоҷикро зарур аст, ки насли наврасро дар рӯҳияи арҷгузорӣ муқаддасоти миллӣ тарбия намуда, ин равандро ба нафъи миллату ватан истифода намояд.

САРЧАШМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ АНДЕШАҲОИ АХЛОҚИИ ИБНИ МИСКАВЕЙҲ

Давлатов П. Н. – докторанти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ

Барои муайян сохтани паҳлуҳои асосии низоми андешаҳои ҳар як мутафаккир, пеш аз ҳама нишон додани сарчашмаҳои ақидавӣ ва ҷаҳонбинии ӯ муҳимму зарур аст, чунки онҳо барои муайян кардани мавқеи илмии он мутафаккир мусоидат мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии Ибни Мискавейҳ ва қисман дар таълимоти ахлоқии ӯ дар баробари шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ ақидаҳои намояндагони мактабу ҷараёнҳои бумиву ғайрибумии гузаштаву давронаш, махсусан, таълимоти ахлоқии зардуштӣ, ахлоқи Афлотун, Арасту, Форобӣ, Абӯбакри Розӣ ва ислом бидуни шакку шубҳа таъсири хешро гузоштаанд, ки худи Мискавейҳ инро дар асарҳояш зикр намудааст.

Таҳлили ҳамаҷонибаи осори Ибни Мискавейҳ нишон медиҳад, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ ақидаҳо ва назарияҳои мухталиф ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо тамоман муқобили якдигар таъсири худро гузоштаанд. Қабл аз ҳама, доираи ҷаҳонбинии мутафаккир зери таъсири афкори динӣ, илмӣ-фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсии юнониёну эрониён ташаккул ва такомул ёфтааст. Дар ин ҷо мо ҳамон лаҳзаҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки худи Мискавейҳ дар асарҳояш ишора ва истифода намудааст.

Яке аз сарчашмаҳои асосие, ки дар ташаккул ва рушду инкишофи таълимоти ахлоқии Ибни Мискавейҳ таъсири назаррас расонидааст, зардуштия ва китоби муқаддаси он «Авесто» мебошад. Ахлоқи зардуштӣ нисбат ба дигар ҷанбаҳои ин таълимоти динӣ-фалсафӣ қадимӣ буда, инсонро ба саодату некбахтӣ ҳидоят мекунанд. Зардуштия, ки саршори фармудаҳои ахлоқӣ аст, бо ҳамин хислати аслию писандида, яъне миёнаравӣ ва эътидол минбаъд тамоми ахлоқ ва илми ахлоқи мардуми ин сарзаминро фаро мегирад.

Дар ахлоқи зардуштиён хислатҳои миллӣ ва пеш аз ҳама ҷанбаҳои илмию адабӣ маъмуланд. Китоби «Авесто», ки китоби осмонии зардуштиён ба шумор меравад, дар баробари фарогири масъалаҳои диниву фалсафӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, зебоишиносиву зистшиносӣ, будан, инчунин дорои таълимоти комили ахлоқӣ мебошад. Ахлоқи зардуштӣ дар Машриқзамин яке аз зеботарин ва олитарину беҳтарин назорати ахлоқӣ буда, то рӯзҳои мо арзишу аҳамияти худро гум накардааст. Ҳадафи ахлоқи зардуштӣ он аст, ки некии мутлақ дар ҷаҳон ҳукмфармо бошаду бар зидди бадӣ мубориза барад. Рукнҳои асосии таълимоти ахлоқии зардуштиро се асли асосӣ - «пиндори нек», «гуфтори нек» ва «кирдори нек» ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки таъсири ахлоқи зардуштӣ, умуман дар таълифи осори ахлоқии Мискавейҳ «Таҳзиб-ул-ахлоқ», «Ҷовидон хирад», «Тартиб-ус-саодат» ва ғайра ба назар мерасад. Ба ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки манбаву сарчашмаҳои назариявии андешаҳои ахлоқии Ибни Мискавейҳ ниҳоят ғаниву гуногун буда, дар осору таълифоти хеш

аз маводу манобеи фикриву зеҳнии мавҷуда васеъ истифода кардааст. Мутафаккир тавонистааст арзандатарину муҳимтарини онҳоро интихоб карда, масъалаҳои хосси фалсафӣ-ахлоқиро, ки то замони ӯ боқӣ монда буданд, бо муҳимтарин ва фаъолтарин масъалаҳои асри худ аз назари шароити таърихии муайяни муосир дарк ва алоқаманд созад.

Манбаи дигари афкори ахлоқии Мискавейҳ ахлоқи юнонист. Ин ахлоқ бо ду роҳ ва ду наҳзати комилан фарқкунанда – яке қаблаз ислому тавассути мактаби навафлотуниёне, ки юнонӣ ва эронӣ буданду дар аҳди Нушервон мезистанд, ворид шуда, дигаре тавассути мутарҷимони араб, эронӣ, масеҳӣ, яҳудӣ, инчунин бо роҳи ақволу донишҳо ва суннатҳои шифоҳӣ роҳ ёфта буд. Муҳимтарин асарҳои тарҷумашудаи юнонӣ таълимоти ахлоқии Арасту, қонунҳои Афлотун ва ғайра мебошанд.

Ҳамин тариқ, он чи доир ба сарчашмаҳои назарии таълимоти Мискавейҳ гуфтем, мулоҳизаҳои мухтасар буда, мавзӯъҳои мазкур тадқиқоту баррасиҳои махсуси минбаъдаро талаб мекунанд.

ВЛЯНИЕ ЗАПОДНЫХ СТРАН НА ПОЛИТИЧЕСКУЮ ЗАВИСИМОСТЬ И СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКУЮ ОТСТАЛОСТЬ АФГАНИСТАНА

Давлатёров Ф. Н. – к.и.н., старший преподаватель
кафедры истории философии и социальной философии ТНУ

В течение ряда столетий Афганистан неоднократно становился объектом агрессии великих держав и вмешательства региональных государств. Ипо сей день продолжаются агрессивное вмешательство в повседневную жизнь народов этой страны.

Одновременно, широкая военно-политическая экспансия соседних стран и коалиций развитых стран мира в Афганистане, стало причиной усугубления социальных противоречий, ставших причиной деградации многих сфер общественной жизни. На этом фоне происходит невиданное усиление соперничества региональных сил и ведущих держав мира, повлекшее за собой активизацию международного терроризма, усиление религиозного экстремизма, торговлю оружием, незаконный оборот наркотиков и неконтролируемую миграцию огромного числа населения. Главная угроза продолжавшейся дестабилизации военно-политической обстановки в Афганистане заключается в расколе общества и государства, утрате независимости и территориальной целостности страны.

Для нормализации ситуации в Афганистане и в регионе в целом, необходимо определить истоки существующих проблем, масштабы вызовов и угроз для региона и мира в целом. На настоящем этапе, если не принимать во внимание исторические уроки, упустить шанс объединения народов Афганистана, не взирая на национальные, религиозные и другие различия, то проблему этой страны, которая по своим масштабам перешагнула региональные рамки и стала проблемой мирового масштаба, невозможно решить и на многострадальной земле никогда не наступит мир и спокойствие.

Таким образом, история Афганистана во второй половине XX и начале XXI вв. свидетельствует о постепенном усилении соперничества ведущих стран мира и коалиции стран, имевшее в начале «мирный» и экономический характер, а затем характер вооруженного соперничества. Уход бывшего СССР в конце 80-х годов прошлого столетия, и ввод коалиции антитеррористических сил Запада не положили конец кровавому вооруженному конфликту в Афганистане. Между двумя вооруженными экспансиями развитых стран Афганистан превратился в центр подготовки и деятельности международного терроризма и религиозного экстремизма, на борьбу с которыми были направлены вооруженные силы коалиции 35 стран мира.

В свое время, после ввода военного контингента СССР в Афганистан, страны Запада во главе с США на весь мир заявляли о нарушении суверенитета Афганистана, ставшего объектом агрессии и т.д. Сегодня под предлогом борьбы против международного терроризма и религиозного экстремизма США продолжают свою экспансию в целях достижения геополитической задачи – установления господства во всех ключевых регионах мира, основных источниках энергоресурсов и путей их доставки на мировые рынки. К

большому сожалению, афганский народ все еще не осознал, что причина привлекательности страны со стороны агрессоров в их разобщенности, и по этой причине великие державы под выдуманными предлогами будут стремиться контролировать в своих интересах страну.

КОНЦЕПЦИЯ САЙИД АХМАД-ХАНА ОБ ОБРАЗОВАНИИ МУСУЛЬМАН В ИНДИИ

Гоибова Ф. М. – к.ф.н., кафедра истории философии и социальной философии ТНУ

В данном докладе рассматривается концепция Сайид Ахмад - хана об образовании мусульман в Индии. Его талант и деятельность в области науки и просвещения сыграли главную роль в духовном возрождении мусульман Индии. Сайид Ахмад - хан, который был глубоко обеспокоен социокультурным и экономическим спадом мусульманского сообщества после поражения восстания 1857 года, понял насущную необходимость пробудить от душевной и умственной спячки мусульманское сообщество и составить план его модернизации. По инициативе данного просветителя было организовано персидское медресе в городе Морадабад, и школа в Газипуре. В мае 1875 года Сайид Ахмад-хан основал Мусульманский Англо-Восточный колледж в г. Алигарх, который в 1921 году получил статус Алигархского университета. В образовательной концепции Сайид Ахмад - хана наряду с образованием мужчин также делается акцент на женское образование.

Осознавая неотложность женского образования, сэр Сайид считал, что образование и профессиональная подготовка женщин являются основной потребностью в прогрессе человека и в целом в направлении прогресса нации. Сайид Ахмад - хан был одним из первых, кто начал образовательное движение среди мусульман и сделал особый акцент на женское образование в Индии. В 1896 году, по инициативе сэра Сайида, был организован образовательный отдел женщин при Мусульманской образовательной конференции и сформировалось женское образовательное движение. Чуть позже, в 1905 году, была открыта школа для девочек и затем в 1930 году, она приобрела статус женского колледжа при Алигархском университете.

Сэр Сайид Ахмад-хан твердо придерживался мнения о том, что образование женщин будет иметь положительную цепную реакцию воздействия на индийское общество, и что если женщины будут образованными, то все общество тоже будет образованным. Таким образом, изучение концепции образования и просветительской деятельности Сайид Ахмад-хана показывает, что он, безусловно, принадлежит к числу наиболее выдающихся деятелей прошлого столетия и одной из его основных заслуг является то, что он сумел пробудить национальное самосознание и прогрессивные устремления народов Ближнего Востока.

МОҲИЯТИ ИРТИҶОӢ ВА ИФРОТГАРОИИ СОЗМОНИ «ИХВОН-УЛ-МУСЛИМИН»

Амондуллоев Б. С. – н.и.ф., муаллими калони кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ

Дар ҷаҳони муосир таъсири давлатҳои пешрафтаи ғарбӣ ба кишварҳои мусулмоннишин эҳсос мешавад ва ҳаракатҳои зиддиистеъморӣ ва озодихоҳии миллӣ дар ин кишварҳо ба вуҷуд омадаанд. Баъзе аз ин ҷунбишҳо хусусияти исломгарой-панисломизм ба худ гирифтаанд.

Идеологҳои ислом чун диданд, ки иттиҳоди сиёсии давлатҳои мусулмонӣ имкон надорад, дар андешаи ташкил додани созмонҳои байналмилалие шуданд, ки вазифаашон таъмини ҳамоиши сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои мусулмон бошад ва яке аз чунин созмонҳо ҷамоаи «Ихвон-ул-муслимин» (Бародарони мусулмон) буд. Ин ҷамоаро соли 1928 Ҳасан ал-Банно (1906-1949) дар Миср асос гузошт ва органи он рӯзномаи онҳо «ад-Даъват» ном дошт. Ин созмон, аввалан, чун ташкилоти динӣ-маърифатӣ амал намуда, пас аз чанд сол

созмони сирф сиёсӣ гардид ва шуъбаҳои он, ба мисли ташкилоти террористии «ат-Такфир ва-л-ҳиҷра» дар Миср ва бо номҳои дигар дар кишварҳои зиёде арзи ҳастӣ карданд, ки имрӯзҳо аз ҷумлаи бонуфузтарин ҳаракат ё созмони динӣ-ифротӣ дар ҷаҳони ислом шинохта мешаванд.

Таълимоти мазкур дар заминаи идеяҳои панисломистӣ ба вуҷуд омада бошад ҳам, афкори муассиси он Ҳасан ал-Банно бо ғояҳои панисломистии Ҷамолиддини Афғонӣ, Муҳаммад Абдуҳ ва пайравони онҳо чандон мувофиқат надорад. Масалан, андешаҳои модернистии Муҳаммад Абдуҳро ба сабаби хусусияти дунявӣ доштанашон ал-Банно на танҳо намепазирад, балки хатарнок меҳисобад. Ихвониён низоми дунявии давлатдориро чун низоми куфр рад намуда, миллатро ҳамчун падидаи таърихӣ инкор менамоянд ва давлатдории миллиро намепазирад. Аммо дар усули таълимоти онҳо арабгароӣ равшан мушоҳида мешавад ва онро дар радифи дин василаи муттаҳидсозии халқҳои мусулмон меҳисобанд. Ба далели он ки, ба назари идеологҳои онҳо, аввалан, ваҳдати арабӣ дар шакли Лигаи мамлакатҳои араб ва баъдан, дар асоси ин созмон ваҳдати тамоми халқҳои мусулмон бояд ба вуҷуд ояд.

Баъдан, вақте андешаҳои “ихвониён” доир ба ваҳдати мусулмонон, аз ҷониби давлатҳои миллии мусулмоннишин ва давлатҳои ғарбӣ пазируфта нашуд, идеологҳои ихвонӣ бо такя ба оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳое, ки доир ба ҷиҳод баён шудаанд, мувофиқи тафсиру таҳрифи худашон консепсияи «ҷанги муқаддас» ва «санъати марг (фанн-ул-мавт)»-ро ба вуҷуд оварданд, ки ин ҳаракатро, тамоман, ба созмони экстремистӣ табдил дод.

Ҳамаи пайравони ин созмон ақидаи ягона надоранд. Онҳо ба се гурӯҳ: қаноти росту чап ва марказӣ ҷудо мешаванд, ки аз ҳама хатарнокашон қаноти рости он аст, ки аз ташкилоти экстремистию террористии зиёд иборат буда, усулҳои мухталифи фаъолияти ҳарбиро фаровон истифода мебаранд ва дар бисёр мамлакатҳои мусулмоннишин, хусусан дар Арабистони Саудӣ нуфузи зиёд доранд.

Имрӯзҳо созмони «Ихвон-ул-муслимин» аз ҷониби муҳаққиқони соҳа чун як ҳаракати ҷангҷӯи террористие шинохта мешавад, ки аз номи Қуръону ҳадис истифода бурда, сафи пайравонашро аз ҳисоби афроди каммаърифату хурофотпараст ва дар ботлоқи таассуби динӣ ғарқшуда пурра месозад ва дар ташаккул додани гурӯҳҳои харобиовар ва ифротгаро нақши муҳим мебозад.

МАЙХӮРӢ ВА МАЙПАРАСТӢ ДАР ТИББИ РӮҲОНИИ ЗАКАРЁИ РОЗӢ

Абубакри М. Г. – ассистенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи ичтимоии ДМТ

Майхӯрӣ ва майпарастӣ аз ҷониби Закарёи Розӣ зери танқиди шадид қарор гирифтааст. Оид ба он, Розӣ дар фасли чордаҳуми «Тибби рӯҳонӣ» сухан гуфта, қайд мекунад, ки майхӯрӣ ба табиати инсон, рафтору кирдори ӯ таъсири манфӣ расонида, натиҷаҳои нохуш ва ногуворро ба амал меорад. Баъзе аз бемориҳои асосие, ки дар натиҷаи майхӯрии зиёд пайдо мешаванд, мутафаккир ба таври мушаххас номбар кардааст, ки аз зумраи онҳо дарди дил ва нафастангӣ мебошанд, ки метавонанд ба марг расонанд. Ба истиснои ин бемориҳо, Розӣ ҳамчунин иллатҳои зиёди дигареро номбар кардааст, ки дар натиҷаи аз меъёр зиёд истеъмол кардани шароб пайдо шуда, ба саломатии на фақат ҷисмонӣ, балкии рӯҳии инсон низ таъсири манфии худро мерасонанд. Дар натиҷа, инсон шаъну шарафи худро аз даст дода, миёни мардум беобрӯ мегардад. Ҳамин тариқ, майхӯрӣ яке аз иллатҳои асосие мебошад, ки рафтору кирдори ахлоқии инсонро коста мегардонад.

Ба ақидаи мутафаккир, дар меъёри муайян истеъмол кардани шароб бо мақсади дур сохтани ғаму андӯҳ зарар ва таъсири калони манфӣ надорад. Вале, агар инсон ниёз ба қабул кардани қароре дошта бошад ва ё бояд оид ба масъалаи муҳиме андеша кунад, пас ӯро мебоист аз истеъмоли шароб даст кашад.

Ҳамин тариқ, масъалаҳои ахлоқӣ дар доираи таҳлилу таҳқиқотҳои Розӣ, махсусан дар асари ӯ «Тибби рӯҳонӣ» басо мушаххас мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Розӣ на танҳо мушкилиҳои меъёрҳои ахлоқиро таҳлил кардааст, балки роҳу воситаҳои ҳалли онҳоро

пешниҳод намудааст. Ақидаҳои Розӣ то он андозае муфид ҳастанд, ки то ҳол арзиши худро гум накардаанд ва дар амалия марвиди истифодабарӣ қарор доранд.

Хулоса, майпарастӣ азимтарин иллати ҳавою ҳавас ва бузургтарин одати зиддиақлӣ аст. Зеро, маҳз майпарастӣ ҳарду нафс, яъне нафси шаҳвонӣ ва нафси ғазабиро тақвият медиҳад.

ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Нодирхонов Г. Г. – ассистенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ

Масоили амнияти иттилоотӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавию бархӯрди тамаддунҳо аз мубрамтарин паҳлуҳои амнияти миллии кишварҳо маҳсуб меёбанд.Дар ҷаҳони муосир бархӯрди манфиатҳо, муборизаҳои геополитикии бемисл ҷараён доранд. Гузашта аз ин, инсоният ба муаммоҳое чун терроризму экстремизм, эпидемияҳову таҳримҳо, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддиру мушкилоти экологӣ, экспансияи фарҳангиву ахлоқӣ рӯ ба рӯст. Ягон кишвар аз ин муаммоҳо берун нест, ҳатто ин масоил кишварҳои абарқудратро ба ташвиш овардааст.

Дар ин замина нақши расонаҳои ватаниву хориҷӣ дар фазои иттилоотии кишвар меафзояд ва ҳам дар бораи амнияти иттилоотӣ низ бисёр мегӯянд. Бахусус, ҳангоми баҳсу баррасиҳои муборизаҳои иттилоотӣ, ҳадафҳои геополитикӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва амсоли ин, истилоҳи амнияти иттилоотӣ зиёд истифода мешавад. Пӯшида нест, ки муборизаҳои иттилоотӣ дар баъзе манотиқи олам ба ҷангҳои иттилоотӣ табдил ёфтаанд.

Андешаҳо дар бораи таъмини амнияти иттилоотӣ бояд ҷавобгӯи манфиатҳои рӯз бошанд. Зеро, имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи таъмини технологияи навини иттилоотӣ дар сиёсат пайваста бо парадигмаҳои ҷомеаи иттилоотӣ зиндагӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шабакаи Интернет ба таври васеъ доираҳои гуногуни аҳолиро фаро гирифта, мамлакатро ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ пайваст мегардонад. Технологияҳои иттилоотӣ ахборотро ба неруи мутаҳаррике табдил додааст, ки он дар пешрафти ҷаҳони муосир нақши муайянкунандаро пайдо намудааст. Манфиати давлат дар соҳаи иттилоотӣ аз ташкилкунии шароит барои инкишофи ҳамоҳангии сохторҳои иттилоотии мамлакат, амалишавии ҳуқуқҳои конституцсионӣ ва озодии инсону шаҳрванд ба хотири таҳкими сохти конституцсионӣ, мустақилият ва яклухтии ҳудудии Тоҷикистон, барқароркунии суботу осоиши сиёсию иҷтимоӣ, нашъунамои иқтисодӣ, иҷроиши бевоситаи қонун ва ҳимояи қонуният, ташаккули ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси шарикии байниҳамдигарӣ ба роҳ монда мешавад.

Имрӯзҳо дар ҷумҳурии мо низ барои ҳалли масъалаҳои номбаршуда оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ аллакай корҳои муайянеро ба анҷом расонида истодаанд:

-коркарди Консепсия ва Доктринаи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-такмили қонунияти ҷумҳурӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ;

-ташаккули инфрасохтори иттилоотии тоҷикистонӣ, интегратсияи он дар фазои умумиҷаҳонии иттилоотӣ.

Иттилоъ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ба силоҳи пуриқтидор табдил ёфтааст. Ва ҳеҷ иттилое бидуни мақсад пахш намегардад. Тавассути технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар камтарин фурсат дилхоҳ иттилоъ дар олам паҳн мешавад. Ин ҳам нишони аҳамияти иттилоъ асту ҳам водоркунандаи масъулият дар назди қабулкунандаи иттилоъ.

Муҳаққиқ Ятимов С.Р. андеша дорад, ки «дар шароити Тоҷикистон новобаста аз инкишофи дигар воситаҳои ахбори умум, ба монанди радио, телевизион, шабакаи интернет, рӯзномаву маҷаллаҳо низ дар таҷассуми ҳодисаву падидаҳои мухталиф саҳми арзанда мегузоранд». Ба андешаи ӯ, «матбуоти даврӣ ҳамчун институти ҷамъиятиву сиёсӣ баромад намуда, дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, дар таъмини пюрализми сиёсӣ, дар таҷассуми масъалаҳои мухталифи иҷтимоиву сиёсии кишвар нақши бузург доранд…». Дар ҳақиқат иттилооти пешрафтаю комил, тараннумгари суботу шукуҳи давлат, муаррифгари фарҳангу арзишҳои миллӣ ба шумор меравад.

ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ ЗУҲУРОТИ ШАРМГИНӢ ДАР МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

Алиев М. – н.и.п., дотсенти кафедраи психологияи ДМТ

Дар адабиёти илмии психологӣ, психиатрия, психологияи иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ шармгинӣ ҳамчун як хусусияти характери инсон маънидод карда мешавад. Шахси шармгин ҳамеша зери таъсири андешаи ниҳоят азобдиҳанда – андешаи ба ҷониби худ ҷалб накардани диққати атрофиён, хиҷолаткашиҳои беасоси заминаи маҷмӯи эҳсосоти ғалату нофаҳмо гарданда, саросемагию саргарангӣ, изтиробу тарсҳои ба ҷараёни муошират муқаррарӣ халалрасонанда қарор дорад. Зуҳуроти шармгинӣ ҳамчун як хусусияти хосси инсонӣ гуногунҷанба буда, аз дар доираи одамони бегона давра ба давра ҳис кардани нороҳатию нооромӣ то ба тарсу изтироби тавсифнашаванда рафта мерасад.

Хусусияти шармгинӣ дар хонандагони хурдсол, пеш аз ҳама духтарон, то андозае аз хусусиятҳои хосси характер ва шахсияти волидон вобаста мебошад. Хусусияти мазкур бештар ба хонандагони хурдсоле хос аст, ки волидайни онҳо дар муошират ва муносибатҳои байниҳамдигарии худ на он қадар фаъол, ба қудрату тавоноии худ нобовар, изтиробнок, нисбати фарзандон сахтгиру сахтмуомила ба шумор мераванд. Писарбачаҳои шармгин ҳамеша бар он ақидаанд, ки онҳо дар муқоиса бо ҳамсолони худ аз ҳад зиёд заиф, қадбаланд, фарбеҳ, зиштрӯй, дилнокашу безебанд. Ба ҳамин монанд духтарбачаҳо низ худро нисбат ба ҳамсолонашон харобу лоғар, безебу бенур ва кундзеҳну нодон мешуморанд. Хусусиятҳои зикргардида ҷанбаҳои муҳимми худэҳсоснамоӣ ва худдаркнамоии онҳоро ташкил медиҳад.

Эҳсоси шармгинӣ дар хонандагони хурдсол баъзан бо гузашти айём мегузарад, аз вай “раҳо” шудан мумкин аст, вале чунин раҳоёбии хушбахтона на ҳама вақт имконпазир мегардад. Барои бартараф кардани хусусияти шармгинӣ аксарияти хонандагони хурдсол ба кумакрасонии калонсолон – волидайн ва омӯзгорон ниёз доранд. Раванди бартарафнамоии ин хусусияти нохуш дар хонандагони хурдсол бояд дар ҳамбастагии оила ва мактаб, босаброна, эҳтиёткорона ва ба таври пайваста сурат гирад, зеро хонандагони шармгин ба ҳар гуна таъсиррасонӣ хеле ҳассосанд ва на ҳамаи онҳоро ба таври мусбат қабул мекунанд. Эҳсоси шармгинии тӯлонии офиятбахшиданашуда метавонад инсонро то ба дараҷаи афсурдаҳолӣ ва бемории рӯҳӣ бурда расонад. Сари вақт ошкор кардан ва офият бахшидани он гарави солиму комил ба воя расидани инсон аст.

Ба мактаббачагони хурдсоли шармгин хусусиятҳои хашмгинӣ ва ба имкониятҳои худ эътимод доштан хос нест. Онҳо ҳамеша фикр мекунанд, ки атрофиён ба онҳо бо назари танқид менигаранд, бинобар ин, кӯшиш мекунанд, ки мадди назари дигарон қарор нагиранд. Онҳо канорачӯ, мардумгурез, тарсончак, беҷуръат ва дараҷаи иддаояшон хеле паст аст. Мактаббачагони хурдсоли шармгин одатан камбудиҳои ғайривоқеӣ ва воқеии худро ҳис кунанд ҳам, бартарият ва хусусиятҳои мусбати худро дарк ва қадр карда наметавонанд; ба танқид ниҳоят ҳассосанд, ҳатто ҳазлу шӯхиро хеле дардовар қабул мекунанд; аксар вақт аз худ норозианд ва ба ҳама гуна сифатҳои худ баҳои паст медиҳанд; аз иртибот бо атрофиён худдорӣ мекунанд, изтироболуд ва дар ҳаяҷонанд. Онҳо ба имкониятҳои худ эътимод надоранд, дар қабули қарори қатъӣ ноустуворанд; ташаббускор нестанд, ақидаи худро тасдиқ ва ҳимоя карда наметавонанд; дараҷаи худбаҳодиашон паст буда, ба қобилияту имкониятҳои худ баҳои дуруст дода наметавонанд; дар муошират бо атрофиён беҷуръатанд, “забони ғайришифоҳиашон” хеле хароб мебошад. Худро ба тарзи номуносиб муаррифӣ мекунанд; равшану возеҳ андеша ронда наметавонанд, нутқашон паст ва ноустувор аст; аксар маврид ба доми шахсони бадкору бадкирдор меафтанд; рафторҳои номувофиқи худро пайваста дарк мекунанд ва дар ин замина ҳамеша ноором ва дар ҳаяҷону изтиробанд.

МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИНКИШОФИ ШАХСИЯТИ НАСЛИ НАВРАС

Амонов Н. Қ. – н.и.п., дотсенти кафедраи психологияи ДМТ

Ҷараёни таълим тавассути муошират сурат мегирад. Муошират воситаи асосие мебошад, ки тавассути он муаллим ба хонандагон дониш, маҳорат ва малакаи худро меомӯзонад. Ин ҷараён босамар мешавад, агар муоширати муаллим бо хонандагон созанда ва мақсаднок ташкил карда шавад. Зеро, муоширати педагогӣ, ки дар байни устод ва шогирдон ба амал меояд, ягона воситаи аз муаллим ба хонандагон гузаштани дониш, маҳорат ва малакаҳои зиндагӣ мебошад. Дар сурати нодуруст ташкил шудани муоширати педагогӣ шогирдон аз ин дониш, маҳорат ва малакаҳои барои онҳо муҳим маҳрум мемонанд. Бинобар ин, ҷараёни ташкили дурусти муоширати педагогӣ барои таълим ва тарбияи насли наврас ниҳоят аҳамияти калон дорад.

Муоширати педагогӣ усулҳои худро доро мебошад: авторитарӣ, демократӣ ва либералӣ. Ҳар яке аз ин усулҳои муоширати педагогӣ ба ҷараёни таълиму тарбия таъсири муайяни худро мерасонаду сифат ва самараи худро доро мебошад. Муаллиме, ки аз усули авторитарии муоширати педагогӣ истифода мебарад, пеш аз ҳама, хомӯшӣ ва бечунучаро иҷро кардани ҳар як супоришро талаб мекунад. Дар рафти амалӣ шудани муоширати авторитарӣ баъзан хонандагон ҷуръат намекунанд, ки саволи дар фикрашон пайдошударо пурсанд ва ё ақидаи худро оид ба мавзӯъ баён намоянд. Баҳодиҳӣ низ аз тарафи муаллим характери субъективиро доро аст. Муаллим метавонад якеро беасос баҳои баланд монаду дигареро баҳои манфӣ гузорад ва хонандагон набояд ба ҷараёни баҳогузории муаллим монеъ шаванд, зеро ин масъулияти танҳо муаллим ҳисобида мешавад.

Усули демократии муоширати педагогӣ куллан аз усули авторитарӣ фарқ мекунад. Муаллиме, ки аз усули демократии муоширати педагогӣ истифода мебарад, пеш аз ҳама, ба хоҳиш ва шавқу завқи хонандагон эътибор дода, иҷро кардани ҳар як супоришро талаб мекунад. Хонандагон аз муносибати хуби муаллим ҳавасманд шуда, имконияти ташаббус нишон доданро пайдо мекунанд. Ҳар як ташаббуси хонандагон аз тарафи муаллим дастгирӣ меёбаду боиси маромиҳамкорӣ намудани муаллиму хонандагон мешавад. Ҳама ҳаракату амали хонандагон ҳавасманд карда мешаванд. Дар рафти амалӣ шудани муоширати демократӣ хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки саволи дар фикрашон пайдошударо пурсанд ва ё ақидаи худро оид ба мавзӯъ баён намоянд. Баҳодиҳӣ низ аз тарафи муаллим характери объективиро дорост. Муаллим дар маслиҳат бо хонандагон ба беҳтаринҳо баҳои баланд мемонаду дигареро баҳои манфӣ мегузорад. Хонандагон дар ҷараёни баҳогузории муаллим фаъолона ширкат меварзанд.

Усули либералии муоширати педагогӣ нисбатан камсамар аст. Муаллим дар рафти амалӣ намудани ин усули муоширати педагогӣ масъулиятро аз худ дур карда, нисбати сифат ва самаранокии ҷараёни таълим ва тарбия беэътиноӣ зоҳир мекунад. Дар натиҷаи истифодабарии усули либералии муошират дар хонандагон маромиҳондан паст мешавад.
Тадқиқотҳои мо нишон медиҳанд, ки усули демократии муошират ба пайдо намудани дониш, маҳорат ва малака мусоидат карда, ба инкишофёбии шахсияти насли наврас бештар мувофиқ мебошад.

ОЦЕНКА УЧИТЕЛЕМ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ ОДАРЕННОСТИ УЧАЩЕГОСЯ

Хамраева Н. М. – ассистент кафедры психологии ТНУ

В «Трёхкольцевой концепции одарённости» Дж. Рензулли одарённость отражает взаимодействие между тремя основными группами человеческих качеств: общие и/или специальные способности выше среднего, высокий уровень включённости в задачу и высокий уровень креативности. При этом одарённость не связывается лишь с экстремально высокими оценками. Как предполагает концепция, эти способности могут быть развиты в различной степени у гораздо большей части популяции, чем та, которая обычно включается

в специальные программы». По мнению Дж. Рензулли, такие личности требуют широкой вариативности образовательных возможностей и служб, которые обычно не обеспечиваются традиционными программами.

Как отмечает Е. И. Щебланова, важнейшей целью диагностики на сегодняшний день выступает не столько отбор одарённых детей, сколько выявление их образовательных возможностей и потребностей на каждом возрастном этапе. Такая «диагностика развития» понимается как одно из звеньев, обеспечивающих согласованность процессов обучения с индивидуальной траекторией развития одарённого ребёнка.

Система диагностики, помимо использования специальных методик, с целью исследования в области интеллектуальной одаренности с участием самого учащегося, включает также другие источники информации: родители, учащиеся и их учителя.

Как показала практика, оценки учителей не уступают другим источникам информации, включая тесты. Учителя могли признавать одарёнными даже тех учащихся, которые не демонстрировали высоких уровней успеваемости, организованности.

Однако у них отмечаются и некоторые типичные ошибки в отнесении учащихся в группу одарённых. Это следующие причины ошибок. 1.Полуролевые стереотипы, когда считают одарёнными больше мальчиков, чем девочек. мальчики воспринимаются более способными к физике и технике, а девочки – к некоторым видам искусства и социальной деятельности. 2. Способные ученики, редко вызывающиеся отвечать, оцениваются учителями ниже, чем такие же ученики, но более активные. Одарённость тихих и скромных детей часто остаётся незаметной, хотя вовлечение таких детей в исследования, связанные с их личными интересами, может полностью изменять их поведение. 3. Если учителя используют типичные признаки одарённых, часто встречающиеся и у обычных детей, они ошибочно завышают число одарённых, если они используют признаки, которые редко наблюдаются у неодарённых, они занижают число одарённых детей и пропускают их. 4. В оценке учителями одарённости детей важную роль могут играть феномены «педагогического принятия» и особенно «педагогического отвержения», а также способность учителя продуктивно решать школьные конфликты. 5. Учителям бывает трудно оценивать творческие возможности детей, так как условия школьного обучения редко способствуют их проявлениям, некоторые из которых (необычные вопросы детей, самостоятельность мышления и др.) могут оцениваться учителями как нарушения поведения, стремление выделиться или даже унизить учителя.

Существующие методики, предлагаемые психологами учителям, - «Палитра интересов», «Первичная диагностика одарённости учителем» Дж. Рензулли, «Карта одарённости», «Список проявлений одаренности учащихся» и т. д. - помогают не допустить многие из указанных выше противоречий в их оценках, сделать их менее субъективными и более разносторонними.

Подобные методики принципиально необходимы, т. к. они конкретизируют общие положения модели одарённости и одновременно служат ориентирами для психологов и педагогов с целью адекватного построения образовательного процесса.

ОМӮЗИШИ РОҲҲОИ МУТОБИҚШАВИИ НАВАРӮСОН БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

Гулсимои А. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи имрӯза пешгирӣ намудани тамоюли зиёдшавии пошхӯрии оилаҳо ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши мутобиқшавии оилаҳои ҷавон дар солимгардонии оилаҳо нақши муҳим дошта метавонад. Ба мутобиқшавии наварӯсон ва оилаҳои ҷавон вазъи иҷтимои-психологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар таъсири худро мерасонанд. Маъмул аст, ки муноқишаҳои оилавӣ низ метавонанд боиси мутобиқ нагардидани наварӯсон ва оилаҳои ҷавон гардад. Истилоҳи “мутобиқшавӣ” дар маънои васеи калима ҳамчун мутобиқшавӣ ба шароити муҳити зист фаҳмида мешавад. Мутобиқшавии оилаҳои ҷавон аз намудҳои зерин иборат аст:

- мутобиқшавӣ ба нақшҳои оилавӣ, вазифаҳо ва уҳдадориҳои нав;
- мутобиқшавӣ ба рафтору кирдор ва хислатҳои шарики ҳаётӣ;

- мутобиқшавӣ ба талаботҳо, манфиатҳо, одатҳо, тарзи зисти шарики ҳаётӣ;
- мутобиқшавӣ ба арзишҳои оилавӣ, дарки мақсад ва маънои шарики ҳаётӣ;
- мутобиқшавии физиологӣ, аз ҷумла ҷинсӣ;
- мутобиқшавӣ ба фаъолияти касбии шарикӣ ҳаётӣ.

Мутобиқшавии оилаҳои ҷавон раванди омӯзиши хулқу атфори ҳамдигар, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамбастагӣ (муҳаббат, дӯстӣ, ҳамдардӣ ва ғ.) мебошад. Аммо ҳисси ҳамдардӣ ва муҳаббат то ҳол кафолати мутобиқшавии оилаҳои ҷавон ва пойдории оиларо таъмин карда наметавонад. Қайд кардан бамаврид аст, ки мутобиқшавии наварӯсон ва оилаҳои ҷавон аз мутобиқшавии иҷтимоӣ ва психологӣ сарчашма мегирад. Аз назари психологӣ, дар раванди мутобиқшавии оилаҳои ҷавон шахс бояд оид ба моҳияти никоҳ, ҳаёти оилавӣ ва муҳити нав маълумоти кофӣ дошта бошад, зеро шароитҳои ҳаётӣ муҳите мебошанд, ки дар асоси онҳо оилаҳои ҷавон пайдо шуда, рушд меёбанд.

Ҳадафи издивоҷ ё ташкили оила бояд фаъолияти муштарак барои қонеъгардонии пурраи эҳтиёҷоти моддӣ, маънавӣ, ҷинсӣ ва дигар талаботҳои зану шавҳар бошад. Марду зане, ки оила барпо намудаанд, тӯли солҳои тӯлонӣ дар фаъолиятҳои гуногуни муштарак қарор дошта, раванди мутобиқгардӣ аз онҳо ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамкории дақиқро талаб мекунад. Дарачаи муваффақ будани оилаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки аъзоёни оила дар вазъиятҳои гуногун худро ба ҷои ҳамдигар гузошта вазъиятро дарк карда тавонанд. Тавре ки маълум аст, муносибатҳои оиладорӣ дар ягон муассисаи таълимӣ ба таври мухтасар омӯзонида намешаванд, танҳо оид ба оила ва вазифаҳои он маълумот медиҳанд. Аммо хуб мешуд, ки вазифа ва уҳдадориҳои зану шавҳар тавассути системаи меъёрҳои иҷтимоӣ зина ба зина ба навхонадорон дар асоси урфу одат ва анъанаҳои миллии ягона омӯзонида шаванд. Ҳамин тариқ, дар оилаҳои ҷавон як услуби устувори ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамоҳангсозӣ ба роҳ монда шавад, ки боиси ҳаматарфа ташаккулёбӣ ва мутобиқгардии оилаҳои ҷавон мегардад.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки устувории оилаҳои ҷавон, пеш аз ҳама, аз дуруст ба роҳ мондани раванди мутобиқгардонӣ дар солҳои аввали ҳаёти оилавӣ вобаста мебошад. Барои мутобиқгардонии наварӯсон якчанд тавсияҳои психологиро зарур мешуморем:

- хуб мешуд, ки наварӯсон аз моҳияти оила ва одоби оиладорӣ бохабар бошанд;
- пеш аз барпо намудани оила, аз ҷиҳати физиологӣ синну соли наварӯсон ба инобат гирифта шавад;
- барои навхонадорон курсҳои махсуси омодасозӣ ба ҳаёти оилавӣ ташкил карда шаванд;
- дар назди мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои психологони оилавӣ ҳуҷраи алоҳида ташкил карда шавад, то ин ки хусусиятҳои психологии навхонадорон ба инобат гирифта шаванд;
- ба волидоне, ки фарзандони худро оиладор менамоянд, нозукиҳои муносибатҳои оилавӣ ва муоширати созандаро пеш аз барпо намудани оила омӯзонанд;
- барои мутобиқшавии наварӯсон ба муҳити нав волидони тарафи шавҳар шароити мусоидро фароҳам оваранд.

ГЕШТАЛТ-ТЕРАПИЯ ҲАМУН УСУЛИ ТАБОБАТИ НЕВРОЗҲО

Ёраҳмадов А. С. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Дар мавриде, ки сухан дар бораи табобати невроз меравад, пеш аз ҳама, дар назари одамон фаъолияти табибон дар назар гирифта мешавад, чунки ба ҳали ин масъала аввалин шуда табибон машғул мешуданд. Дар натиҷаи босуръат инкишоф ёфтани илму техника ва пайдоиши соҳаҳои гуногуни илм, ошкор гардид, ки табобати аксарияти беморон ва бахусус бемории невроз на танҳо фаъолияти табибон, балки фаъолияти кормандони иҷтимоӣ, психологон ва маҳз психотерапевтон шуморида мешавад.

Невроз бемориест, ки зери таъсири осебҳои психологӣ ба инкишофи хусусиятҳои муҳимми шахс ба амал меояд. Чи қадаре ки кӯдак хурд бошад, ҳодисаҳои ночизтарин

метавонанд ба вайроншавии асаби ӯ сабаб гарданд, ба монанди одами ношинос, овози баланди ногаҳонӣ, садои мошин, аккоси саг ва дигар холатҳо.

Невроз ҳолати психологӣ ва ё натиҷаи вайроншавии психикӣ мебошад. Дар даврахои аввали бавуҷудоии ҳолати невроз одам рафтор, гуфтор, эмотсияҳои худро идора карда метавонад. Ҳангоми ҳолати невроз одам нооромии ботиниро ҳис мекунад, ихтилофҳои ботинии бавуҷудомада намегузоранд, ки муносибати солим ба зиндагӣ ва шахсони дигари одамро иҳотакунанда барқарор шавад. Агар ҳамин гуна ҳолатҳо зуд-зуд ба амал омадан гиранд, ба ҷараёнҳои эҳсосу идрок, хотиру тафаккур, нутқу хаёл ва диққатнокӣ халал ворид мешавад. Дар натиҷа одам аз ҳаёти худ ноқаноатмандиро ҳис намуда, зиндагӣ дар назараш хушку холӣ ва бемаъно метобад.

Албатта, олимони гуногун дар бораи табобати невроз назарияҳои худро доштаанд ва ҳар яке бо усулҳои пешниҳоднамуда кӯшиш бменамуданд, ки табобати онро ба роҳ монанд. Аз ҷумлаи онҳо З. Фрейд. А. Адлер, К. Г. Юнг, К. Родҷерс, А. Маслоу, Э. Берн, Ҷ. Марено Ф. С. Перлз ва дигарон. Аммо дар тезиси мазкур кӯшиш намудем, ки табобати неврозро аз назари асосгузори гешталт-терапия Ф. С. Перлз баррасӣ намоем. Ба ақидаи асосгузори гешталт-терапия Ф. С. Перлз (1893-1970) одам дорои се ташкилкунандаи ҳудуди худ мебошад: 1. ташкилкунандаи ҳудуди воқеӣ (олами атроф, дигарон); 2. ҳудуди ҷисм (олами ботинӣ) ;3. ҳудуди тахайюлот (олами тахайюлот) ва ин ҳудудҳо дар ҳаёти одам ҳамеша омехта мешаванд, дар натиҷа одам ба невроз гирифтор мешавад. Он нафаре, ки дар олами тахайюлот (фантазия) зиндагӣ мекунад, дорои невроз мебошад. Муҳаққиқ пешниҳод мекунад, ки одам ҳамчун сохтори умумӣ ва бутун омӯхта шавад. Хиссиёт, фикр ва рафтор дар алоқамандии якдигар баррасӣ карда шаванд.

Ҳангоме ки сохторҳои ташкилдиҳандаи ҳаёти одам аз ҳамдигар ҷудо арзи ҳастӣ мекунанд, одам ба беморӣ гирифтор мешавад. Дар рафти табобат мутахассиси гешталт-терапевт зиддият ва рафторҳои муроҷиаткунандаро мушоҳида намуда, бо ёрии техникаҳои таъсиррасонии табобатӣ ҳаёти рӯҳии ӯро осуда мегардонад. Дар баробари табобат гешталт-тпсихолог образ, мақсад, маромҳои бартаридоштаи асосиро, ки ҳаёти одамро ноором кардааст, дарк намуда, онҳоро аз майнаи сари одам дур месозад.

Бояд қайд намоем, ки дар раванди гешталт-терапия тамоюли асосии табобат ба мустақилияти мизоҷ нигаронида мешавад. Лозим мешавад, ки мизоҷ проблема ва сабабҳои ба вуҷуд омадани онҳоро дар худ ҷустуҷӯ карда, роҳҳои баромадан аз он душвориҳоро дарёфт намояд. Дар ин раванд терапевт маслиҳатдиҳанда намешавад, кӯшиш менамояд, ки мизоҷ худаш ҳиссиёт, эмотсия ва рафтори худро хуб дарк намояд ва онро дар сатҳи шуур таҳлил карда, воқеиятро барои худ ошкор намояд.

Хулоса, гешталт-терапия ба инсонҳое, ки дараҷаи муайяни ақлӣ доранд ва мехоҳанд масъулияти зиндагии худ ва дигар шахсони наздики худро ба дӯши худ бигиранд, тавсия мегардад. Истифодаи гешталт-терапия ва принсипу техникаҳои он бо кӯдакон иҷозат дода намешавад.

УМСТВЕННЫЕ СПОСОБНОСТИ И ИХ РОЛЬ В ПЛАНИРОВАНИИ ЖИЗНИ ЛИЧНОСТИ

Шарипова М. Ё. – к.п.н., доцент кафедры психологии ТНУ

Планирование жизни личности является важным моментом,отражающим уровень развитости личности, ее мышления и отношения к ней, уровня субъектности и ее представления о жизни в целом. Интеллектуальные, умственные способности играют непосредственную и важную роль в процессе планирования. Именно данные способности чаще способствуют адекватному планированию и тайм-менеджменту в жизни личности.

В планировании жизни в качестве детерминирующих факторов выступают различные явления, некоторые из которых рассмотрим в рамках данного тезиса.

Воспитание в семье и учебный процесс, находятся у истока формирования способностей планирования своей жизни личностью. Настоящие процессы предоставляют условия для развития самостоятельности, направленности личности, умения обосновывать

личное мнение, личный выбор, адекватное развитие уровня самооценки, уровня притязания и планирования своего досуга, что и является изначальной почвой для развития таких способностей личности как планирование и менеджмент.

В дополнение также важно отметить факторы гендера и возраста, вклад которых в планировании жизни является существенным. Планирование жизни непосредственно связано с возрастным фактором, ведь формирование способности к прогнозированию начинает активно формироваться именно в подростковом возрасте. И несколько позже, в юношеском возрасте формировывается способность к прогнозированию собственных и чужих действий, что укрепляется к молодому возрасту, способствуя антиципации.

В планировании жизни значимым являются ориентиры - к чему склоняется личность при планировании жизни, к заранее заданным шаблонам или ориентируется на персональное мнение, возможности, способности, желания, цели, волю и мотивацию, создавая при этом благоприятные условия для построения соответствующих жизненных планов. В процессе планирования и организации жизни личности важно отметить роль умственных способностей, в том числе, видов интеллекта, вспомогающих и облегчающих процесс планирования жизни личности.

Социальный интеллект детерминирует успех в межличностном взаимодействии. Данный вид интеллекта отвечает за знания, умения и навыки, которые приобретены в процессе социализации личности. Коммуникабельность, рассматриваемая в рамках социального интеллекта, развивает качества, которые играют важную роль при планировании жизни личности. Например, активное социальное взаимодействие с целью реализации жизненных планов.

Другой вид интеллекта, также рассматриваемый в рамках социального интеллекта, является внутриличностный интеллект. Данный вид интеллекта отвечает за способность обращаться к своим внутренним психическим процессам, понимать себя, свои возможности, мотивы и эмоции, что плавно перетекает в рефлексию. Рефлексия как мыслительная операция в планировании жизни дает возможность переосмыслить не только пройденный этап жизни, но и благодаря которому становится возможным регуляция своих мыслей и действий относительно будущего. что помогает при распланировании своего дня и жизни.

Таким образом, резюмируя вышесказанное, следует отметить ведущую роль умственных способностей в планировании и построении жизни личности. Именно благодаря умственным способностям человек может соответсвенно оценить свои способности и соотносить их со своими желаниями и возможностями при планировании жизни. Умственные способности также имеют непосредственное влияние при постановке целей, при решении сложностей, возникающих на пути реализации намеченных планов и их реализации.

ОМИЛҲОИ ИҶТИМОИИ БАВУҶУДОВАРАНДАИ КАҶРАФТОРӢ ДАР НАВРАСОН

Раҷабов Н. М. – н.и.ф., муаллими калони кафедраи психологияи ДМТ

Масъалаи тарбияи насли наврас ва дар шахсияти он ташаккул додани инсони комил аз масъалаҳоест, ки тӯли таърихи мавҷудияти ҷомеаи иинсонӣ ҳамчун масоили мубрам баҳогузорӣ гардидаву эътироф шудааст. Мубрамияти масъалаи мазкур аз хусусияти ояндасозӣ доштани насли наврас бармеояд, зеро тақдири ояндаи давлату миллат маҳз дар дасти насли наврас аст. Барои тарбияи дурусти насли наврас феълан дар Тоҷикистон институтҳои муайяни иҷтимоӣ фаъолият менамоянд, ки ҳар яке вазифаи худро дошта бошад ҳам, танҳо дар сурати ҳамгироии фаъолияти онҳо натиҷаи самарабахш ба даст овардан имконпазир аст. Вазифаи ин институтҳои иҷтимоӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки омилҳои инкишофдиҳандаи шахсияти комилро ошкор намуда, самаранок истифода баранд ва барои бартараф намудаи омилҳои халалрасонанда чораҷӯӣ намоянд. Яке аз падидаҳое, ки феълан дар самти тарбияи насли наврас фаъолияти институтҳои иҷтимоӣ ба он мутамарказ шудааст, каҷрафтории наврасон мебошад.

Агар яке аз самтҳои асосии фаъолияти институтҳои иҷтимоӣ пешгирӣ намудани зоҳиршавии каҷрафторӣ дар наврасон бошад, маҳаки асосии фаъолиятро дар ин самт ошкор

кардани омилҳои ба каҷрафторӣ мусоидаткунанда ташкил медиҳад. Аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки омилҳои ба каҷрафтории наврасон мусоидаткунанда хеле зиёданд ва дар байни онҳо омилҳои иҷтимоӣ- психологӣ нақши асосиро мебозанд. Сабаби нақши асосиро касб кардани омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар он аст, ки аз ҷиҳати психологӣ синни наврасӣ давраи буҳронии ҳаёт аст ва ҳамчун давраи гузариш аз кӯдакӣ ба калонсолӣ тавсиф дода мешавад. Бо назардошти сатҳ, хусусият ва дараҷаи таъсиррасонии омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ ба шаклгирӣ ва рушди каҷрафторӣ дар наврасон чунин омилҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

- омилҳои иҷтимоӣ: оила, мактаб, кӯча, ВАО, таъсири филмҳо, порафарҳанг;
- омилҳои психологӣ: ҳисси калонсолӣ, дараҷаи изтиробнокӣ, дараҷаи худбаҳодиҳӣ.

Маълум аст, ки иҷтимоишавии аввалини кӯдак дар оила сар мешавад ва аввалин арзишҳои иҷтимоие, ки кӯдак онҳоро қабул мекунад, арзишҳое мебошанд, ки дар муносибатҳои оилавӣ истифода мешаванд.

Дар наврасон «ҳисси калонсолӣ» шакл мегирад, ки ба эътибор нагирифтани он аз тарафи муаллимон боиси ба вуҷуд омадани низоъ байни бача ва омӯзгор мегардад. Маҳз ба эътибор нагирифтани ин хусусият боиси он мегардад, ки наврас ба ҳама саволҳои худ дар мактаб ҷавоб намеёбад ва рӯ ба кӯча меоварад. Зери таъсири «ҳисси калонсолӣ» дар кӯча наврас бештар майли ҳамнишаст шудан бо бачаҳоеро мекунад, ки аз худаш калонсолтаранд. Аммо дар байни ин гурӯҳ бачаҳо «худӣ» шудан ба осонӣ ба даст намеояд ва барои нишон додани калонсолии худ наврасон ба амалҳое даст мезананд, ки бештар дастрасанд: истеъмоли тамоку, истеъмоли машруботи спиртӣ, истифодаи зӯроварӣ ва амсоли ин. Суоле ба миён меояд, ки наврасон чунин роҳҳои «худӣ» шуданро дар гурӯҳҳои ғайрирасмии кӯчагӣ аз куҷо омӯхтаанд? Бешубҳа аз филмҳо. Аз он филмҳое, ки пур аз саҳнаи куштору зӯроварӣ ва зӯровариро ҳамчун роҳи расидан ба мақсад тарғиб мекунанд.

ОМӮЗИШИ ЗУҲУРОТИ АГРЕССИЯ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБИИ ОИЛАҲОИ НОПУРРА

Сафарова З. Р. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Дар тамои давру замон, ҷомеа аз оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ иҷрои як қатор вазифаҳои бевоситаеро интизор буд, ки аз вазифаи тарбиявӣ ва репродуктивии оила сарчашма мегирифт. Мутахассисон ин ниҳоди мураккаби иҷтимоиро ҳамчун системаи махсуси муносибатҳои гуногуни дунёи волидайн ва кӯдак шарҳ дода, дар он раванди тарбияро афзалтар мешумориданд. Дар ҳақиқат тарбияи шахс, мутобиқшавии кӯдак ба шароитҳои нави ҳаётӣ, танҳо дар оилаи комил ва пурра имконпазир мегардад. Зеро, маҳз муносибати тарафайни падару модар бо аъзоёни оила ва олами гирду атроф заминаи пойдор нигоҳ доштани оила ва таҳкими минбаъдаи он ба шумор меравад. Дар сурати набудани яке аз аъзоёни оила, масъулияти асосӣ бар дӯши як нафар меистад, ки дар бисёр ҳолатҳо барои ташаккули дурусти шахсияти кӯдакон нокифоя мебошад. Ҷудошавии волидон, усули номувофиқи ихтилофҳои оилавӣ, вайроншавии иҷтимоии боиси вайроншавиҳои асабӣ ва агрессияи кӯдакон мегардад.

Мафҳуми «агрессия» имрӯзҳо бештар ба таври васеъ дар тадқиқотҳои психологӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ ба назар мерасад. Барои илман дарк намудани табиати агрессивии шахс зарурати равшан намудани мазмун ва моҳияти ин падида пеш меояд.

Дар зери мафҳуми агрессия рафтори мақсаднок, вайронкунанда, мухолифи меъёр ва қоидаҳои мавҷудияти одамон дар ҷамъият фаҳмида мешавад, ки ба расонидани зарари ҷисмонӣ ба шахс, вайронкунии беҳдошти психологии онҳо (ҳиссиёти манфӣ, ҳолати бошиддати психикӣ, тарс, рӯҳафтодагӣ ва ғ.) равона шудааст. Рафтори агрессивиро ҳамчун тавсифдиҳандаи шахс фаҳмидан мумкин аст, ки дар ҷараёни инкишофи шахсият, зери таъсири ҷамъият пайдо ва устувор мешавад. Он дар аксуламалҳои агрессивӣ бо намудҳои гуногуни ангезандаҳо ифода меёбад. Зуҳуроти бераҳмонаи ҷисмонӣ, хашму ғазаб, таҳқир, нофаҳмиҳо ва ихтилофҳои байнишахсӣ боиси агрессияи кӯдакона мегарданд.

Амалҳои агрессивӣ ба сифати воситаи ноил шудан ба мақсадҳои муҳиму зарур, ҳамчун воситаи пасткунии шиддати рӯҳӣ, кӯчонидани фаъолият, ҳамчун мақсади ягона, ки талаботро ба худсобиткунӣ ва худмуайянкунӣ қонеъ менамоянд, баромад мекунанд.

Омӯзиши зуҳуроти агрессия дар кӯдакон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, ба он муносибати байниҳамдигарии волидайн, низоъҳои байниҳамии онҳо, инчунин рафторҳои агрессивии волидайн дар муносибат бо дигарон таъсир мерасонад. Оиди таъсири намунаи рафтори волидайн сухан ронда, чунин омилро, ба монанди муносибати эмотсионалии байни онҳо ба эътибор гирифтан зарур аст, зеро алоқаи мусбии эмотсионалӣ дар кӯдакон тақлидкуниро осон мегардонад. Ин намуди омӯзиши рафтори агрессивӣ ба синни кӯдакӣ хос мебошад. Олим И. А. Фурманов пешниҳод менамояд, ки барои пешгирӣ ва бартараф намудани агрессия дар аввал гурӯҳи кӯдаконеро, ки майл ба агрессия доранд, ҷудо намуда, минбаъд ислоҳкуниро ба роҳ монд. Асосан, дар ин давраи синнусолӣ чор гурӯҳи кӯдаконро, ки майл ба рафтори агрессивӣ доранд, ҷудо менамоянд:

- кӯдаконе, ки ба зоҳирнамоии агрессияи ҷисмонӣ майл доранд;
- кӯдаконе, ки ба зоҳирнамоии агрессияи шифоҳӣ майл доранд;
- кӯдаконе, ки ба зоҳирнамоии агрессияи бевосита майл доранд;
- кӯдаконе, ки ба зоҳирнамоии муносибатҳои манфӣ майл доранд.

Барои кор бо кӯдакони синни томактабие, ки дар онҳо рафторҳои агрессивӣ мушоҳида мешаванд, психогимнастика, физеотерапия, ислоҳкунии рафтор бо истифодаи бозиҳо пешниҳод карда мешавад. Онҳо барои паст кардани шиддати эмотсионалӣ, дар кӯдакон ташаккул додани тассавуротҳои маънавӣ, инкишоф додани қобилиятҳои фаҳмидагирӣ ва истифодаи дурусти эмотсияҳои худ ва машқдиҳии функсияҳои психомоторӣ равона мешаванд.

ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ИНСТИНКТИ МОДАР АЗ МАВҚЕИ РАВОНШИНОСОН

Ризвонова З. П. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Баҳс оиди масъалаи инстинкти модар ҳанӯз дар нимаи дуюми асри 20 байни олимон авҷ гирифта буд. Табиати рафтори инстинктивӣ доштани модар боиси давомдиҳии насл мегардад ва он дар навозишу ҳимояи фарзанд акси худро меёбад. Инстинкти падар кам устуворшуда буда, бештар хусусияти шаҳвонигашта дошта, дар майли баланди ҳимояи зан ва насл зоҳир меёбад. Ҳам инстинкти падар ва ҳам инстинкти модар ба гурӯҳи инстинктҳои худҳимоявӣ, яъне давомдиҳии насл дохил гаштаанд ва табиатан дар давомёбии ҳаёти инсоният нақши бузургро мебозанд.

Истилои инстинкт аввалин бор аз тарафи Мак-Дугалл дар сарчашмаҳои илмӣ ҳамчун майли ифодакунандаи навташкилаҳои ирсие, ки дар худ раванди коркарди пайдарпайи ахборот, ҳаяҷони эмотсионалӣ ва омодагӣ ба амалҳои ҳаракатиро дорад, таҳлил гашт. Инстинкт (аз калимаи лотини гирифта шуда, маъноияш майли баланди водоркунанда)-и шаклан бо таври ирсӣ собитшудаи рафтори ҳайвонот ва одамон мебошад, ки ба андозаи кофӣ доимӣ буда, аз тағйиротҳои муҳити зист вобастагӣ дорад. Инчунин қайд намудан ҷоиз аст, ки рафтори инстинктивии модар дар зери таъсири се омил ташаккул меёбад:

- биологӣ (шаклҳои рафторҳо ва реаксияҳои ирсии собитшуда, тағйиротҳои ҳормоналӣ);
- иҷтимоӣ (анъанаи модаршавӣ, қабул дар ҷомеа, таъсири муҳити наздики иҷтимоӣ);
- психологӣ (таърихи ҳаёти шахсии зан, таҷрибаи муносибатҳои байнишахсӣ бо модари худ).

Таҳлили рафтори инстинктивии зан ба насл дар мадди назари равоншиносон аз мавқеъҳои гуногун дар сарчашмаҳои илмӣ баҳо дода шудааст. Намояндагони як равия тарафдорони чунин ақида буданд, ки ин вобастагии модар ба насл, аз рӯйи бисёр нишонаҳо ба ҳамон механизмҳои махсуси табиӣ тобеъ аст, ки алоқамандии намуди инсониятро бо ҳайвонот ифшо менамояд. (Р. Ҷ. Геллес, Ҷ. Боулби, К. Лоренс, Е. Панов, Р. Шовен, Х. Монтане ва ғайра). Равоншинос Ж. Годфруа иод ба вобастагии модар ба фарзанд аз рӯйи

тадқиқотҳои гузаронидааш ба чунин хулоса омада буд, ки он қисман аз таҷрибаи пеш ҳосилнамудаи зан ва қисман аз рӯйи он алоқаҳое, ки пас аз таввалуднамоӣ ва дар натиҷаи навозишу ғамхорӣ ба аксуламалҳои кӯдак ба вуҷуд омадааст вобаста аст.

Элизабет Бадинтер мавқеи сотсиосентриро тарафдорӣ намуда, қайд менамояд, ки маромии модаршавӣ дар тӯли чорсад соли охир аз асри 17 то 20 байни модарон тағйир ёфтааст ва ба хулосае омадааст, ки «инстинкти модар – ин асотир аст». Яъне, аз мавқеи ӯ функсияи репродуктивии зан (инстинктиви) дар оила дар замони муосир вазифаи ихтиёрӣ маҳсуб ёфта, вобаста аз мавқеи иҷтимоӣ метавонад тағйир ёбад. Кӯшиши ба модаршавӣ набояд на ба майлҳои биологӣ ва инчунин, на ба арзишҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ вобаста карда шавад. Доир ба ин масъала ақидаи равоншинос Т.Флоренская қобили дастгирист, ки чунин аст: «Модаршавӣ-ин вазифаи муқаддаси зан аст ва он бояд ҳамчун талаботи маънавии бошууронаи мубаддалгардии зан ба модар дида баромада шавад».

ТАҲЛИЛИ АЛОҚАМАНДИИ ДАРАҶАИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ БО САТҲИ МАЪЛУМОТНОКИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

Каримиён Қ. М. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Истилоҳи таҳаммулпазирӣ дар замони муосир мафҳуми серистеъмол гаштааст, ки ифодагари арзишҳои инсонӣ ва дар баробари ин, баёнгари мушкилоти байнифардӣ, байнигурӯҳӣ ва байниэтникӣ аст. Таҳаммулпазирӣ муқобилмаънои экстремизм ва ҳама гуна ҷудоихоҳӣ буда, мақсад аз таҳқиқ ва тарғиби он эмин нигоҳ доштани суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз таҳдидҳои муосир, таъмини ҳамзистии осоиштаи ҳар як узви ҷомеа, эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Дар ҷомеаи муосири тоҷик низ баъзан мушкилоти иҷтимоӣ ҷой доранд, ки то ба дараҷаи муайян бевосита бо таҳаммулнопазирии шаҳрвандон ва алалхусус ҷавонон алоқамандӣ доранд. Бинобар ин, таҳқиқи дараҷаи таҳаммулпазирии ҷавонони Тоҷикистон дар шароити имрӯза масъалаи мубрам ба шумор рафта, омӯзиши он имконият фароҳам меоварад, ки дараҷаи инкишофи салоҳиятнокии иҷтимоии ҷавонони кишвар муайян, омилҳои ба инкишофи он мусоидаткунанда ё монеъшаванда ошкор карда шуда, дар ин замина доир ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷойдошта баҳри рушди сиёсати ҷавон тавсияҳои асоснок пешниҳод карда шаванд.

Бо назардошти ин мо мақсад гузоштем, ки доир ба дақиқ сохтани мушкилоти ҷомеа оид ба таҳаммулпазирии ҷавонон, коркарди стратегияи рушди зеҳниву маънавии ҷавонони кишвар таҳқиқоти иҷтимоӣ-психологӣ анҷом диҳем. Ба сифати ҳадафи таҳқиқот 2000 нафар ҷавонони синни аз 18 то 30- сола аз минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба сифати методи таҳқиқотӣ шакли пӯшида (анонимӣ)-и пурсишномаи иҷтимоӣ-психологӣ истифода гардид. Таҳлили маълумотҳо бо истифодаи пакети омории SPSS - 19 анҷом дода шуд.

Дар фишурдаи додашуда қисми ин тадқиқот, ки алоқамандии таҳаммулпазирии ҷавонон бо сатҳи таҳсилоти онҳоро тавсиф медиҳад, таҳлил карда шудааст.

Чи тавре аз таҳлили натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, сатҳи маълумот ва ҳолати таҳсилоти ҷавонон ба ташаккули таҳаммулпазирии онҳо таъсири назарраси мусбӣ мегузорад. Дар умум, бо баланд шудани сатҳи маълумот тамоюли боло рафтани дараҷаи таҳаммулпазирӣ мушоҳида мешавад. Чунин натиҷа, албатта, мантиқӣ аст, зеро яке аз сабабҳои таҳаммулнопазирии шахс ҷаҳолат ва бехабарӣ аз гуногунрангии олам ба шумор меравад.

Таҳлили вобастагии таҳаммулпазирии байнишахсӣ аз омили таҳсилот нишон дод, ки дар алоқамандӣ бо сатҳи таҳсилот маданияти рафтор ва муносибатҳои байнишахсии ҷавонон ташаккул меёбад ва дар ин замина тамоюли пастшавии сатҳи таҳаммулнопазирӣ ба шахсони аз нигоҳи хислату рафтор гуногун ба мушоҳида мерасад.

Таҳлили таҳаммулпазирии этникӣ вобаста ба сатҳи таҳсилот нишон дод, ки дар фарқият аз таҳаммулпазирии байнишахсӣ бо вуҷуди ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ баланд

будани сатҳи таҳаммулпазирии ҷавонон минбаъд он то андозае тамоюл ба пастӣ менамояд. Ин зуҳурот метавонад бо сатҳи баланди бекорӣ дар байни ҷавонон вобастагӣ дошта бошад.

Таҳаммулпазирии сиёсӣ муносибати таҳаммулпазирона-таҳаммулнопазиронаи ҷавононро ба афкори сиёсии аз ақида ва бовариҳои онҳо фарқкунанда ифода менамояд. Дар ин самти таҳаммулпазирӣ низ вобастагии дараҷаи он аз сатҳи таҳсилоти ҷавонон бараъло намоён мегардад, чи тавре ки аз натиҷаҳо маълум мегардад, бо баланд гардидани сатҳи маълумотнокии ҷавонон дараҷаи таҳаммулпазирии онҳо низ баланд гардида, мувофиқан сатҳи бетафовутӣ ва бетаҳаммулӣ поён меравад.

Ҳамчунин, аз таҳлилҳо аён гардид, ки таҳаммулпазирии диниву мазҳабӣ дар раванди таҳсилоти мустақими олӣ нисбатан баланд буда, минбаъд ба пастшавӣ майл мекунад, аммо мувофиқан муносибати бетарафона низ паст мешавад.

МУШКИЛОТИ ҲИССИ ТАНҲОӢ ДАР НАВРАСОН

Сафарова М. – лаборанти кафедраи психологияи ДМТ

Синни наврасӣ давраи муҳим ва мураккаб дар ҳаёти ҳар як шахс ба шумор меравад. Ин зинаи синнусолӣ дар худ як қатор мушкилиҳоро дар бар мегирад, ки бо он наврасон рӯ ба рӯ мегарданд. Маҳз ҳисси нобоварӣ ба худ, нофаҳмиҳо дар байни ҳамсолон ва шахсони наздик, зиддиятҳо дар байни наврас ва волидон боиси пайдо шудани ҳисси танҳоӣ мегарданд.

Танҳоӣ яке аз ҳолатҳои мураккаби эмотсионалии наврасон мебошад. Вақте ки наврас дар чунин ҳолат қарор мегирад, ӯ дар худ нокифоягии муошират ва нофаҳмиҳоро дар байни одамони гирду атроф аз сар мегузаронад ва бухрони вазнини психологӣ паси сар менамояд.

Мушкилоти танҳоӣ оғози худро ҳанӯз аз замонҳои қадим гирифта, то имрӯз ҳамчун масъалаи мубрам боқӣ мондааст. Дар айни замон бошад, мафҳуми ягона оид ба ҳисси танҳоӣ вуҷуд надорад ва ҳар як муҳаққиқ ба таври ба худ хос ин мафҳумро шарҳ медиҳад. Мушкилоти муайян намудани ҳисси танҳоӣ бо якчанд маънӣ фаҳмида мешавад: ҳисси танҳоӣ ва дуршавии иҷтимоӣ; таассуроти аз ҳад зиёди аламовари дуршавӣ ва танҳоии ихтиёрӣ. Ҳисси танҳоӣ вазифаи танзимнамоиро иҷро намуда, дар худ механизми алоқаи баръаксро дорад, ки ба шахс барои ба танзим даровардани дараҷаи мувофиқи муносибатҳо имконият медиҳад.

Масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ, ба монанди: З. Фрейд, Г. Зилбург, К. Роҷерс, Ф. Фромм-Рейхман, К. Боумен, Н. Слейтер, Р. Вейс, Г. П. Орлов, И. С. Кон, А. А. Леонтев ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Онҳо танҳоиро ҳамчун падидаи психикӣ дида баромада, қайд менамоянд, ки дар байни фаҳмиши «танҳоӣ» ва «дуршавӣ» фарқият вуҷуд дошта, танҳоӣ як ҳиссиёти махсуси ботинии шахс мебошад.

Мубрамияти мушкилоти мазкур дар он ифода меёбад, ки азсаргузаронии ҳисси танҳоӣ дар наврасон метавонад ба ҳолати манфии устувори психикии онҳо табдил ёбад ва таъсири худро ба тамоми давраҳои минбаъдаи ҳаётӣ расонад. Наврасон ин ҳиссиётро нисбатан амиқ ҳамчун беназоратӣ, партофташуда ва радшавӣ аз сар мегузаронанд. Инчунин наврасон ҳисси танҳоиро бо бухрони наврасии ҳисси калонсолӣ, бо мавҷуд будани нофаҳмиҳо байни ҳамсолон ва волидон, шароитҳои номусоиди ҳаётӣ инкишофи дурусти шахсият аз сар мегузаронанд. Ин ҳиссиётро тақрибан қисми зиёди наврасон аз сар гузаронида, бо ҳисси нобоварӣ ва набудани пушту паноҳ шарҳ дода мешавад.

Танҳоии наврасон, яке аз мушкилиҳои асосии ҷомеаи муосир мебошад. Барои шаклгирии дурусти шахсияти наврасон зарур аст, ки раванди иҷтимоишавии онҳо дуруст ба роҳ монда шавад. Агар раванди иҷтимоишавӣ нодуруст сурат гирад, он гоҳ дар наврасон майл ба танҳоӣ, машрубот, рӯҳафтодагӣ ва худкушӣ пайдо мешавад. Аз ин рӯ, наврасон дар байни ҳамсолони худ шахси ба худ наздик ва боваринокро ҷустуҷӯ мекунанд, ки сабаби асосии он хоҳиши пайдо намудани нафарест, ки онҳоро дарк карда тавонад. Бисёри тадқиқотчиён маҳз ҳаминро қайд намудаанд, ки дар сурати набудани якдигарфаҳмӣ, одами онҳоро мефаҳмидагӣ ва зиддиятҳои тарафайн ҳисси танҳоӣ дар наврасон пайдо мешавад. Дар робита ба ин Л. Симёнова дуруст қайд намудааст, ки «танҳоӣ – ин на танҳо вазъияти

баамаломадаест, ки шахс вақтро дар танҳоӣ мегузаронад, балки ин ҳиссиёти амиқи ботиниест, ки набудани шахси наздик ӯро ба фикр мебарад ва инчунин, ӯро ҳеҷ кас дарк карда наметавонад. Ин эҳсосотест, ки дар он алоқаи ичтимоӣ вайрон мегардад ва ё тамоман вуҷуд дошта наметавонад».

Чунин наврасон ҳисси танҳоиро одатан бо ҳисси нобоварӣ ба худ ва худбаҳодиҳии номувофиқ ифода менамоянд. Ҳисси нобоварӣ ва изтиробнокӣ боиси фикронии наврасон гардида, дар онҳо нобовариро нисбати дигарон ба вуҷуд меоварад. Метавон гуфт, ки мушкилоти ҳисси танҳоӣ дар наврасон бо сабабҳои гуногун ба амал омада, сарчашмаи асосии худро аз оила мегирад. Аз ин рӯ волидонро зарур аст, ки дар ин зинаи синнусолӣ нисбат ба фарзандони худ аҳамият дода, ҳисси боварӣ ва муошираті солимӣ тарафайнро ба роҳ монанд. Ҳар як волидайнро зарур аст, ки хусусиятҳои психологии ин давраи синнусолиро ба инобат гирифта, вобаста ба усули мувофиқи тарбияи оилавӣ муносибатро ба роҳ монад.

АСОСҲОИ ПСИХОЛОГИИ ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ

Раҳимов Ф. М. – мудири лабораторияи кафедраи психологияи ДМТ

Яке аз мушкилиҳое, ки солҳои охир ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтаанд, ин экстремизм, терроризм ва дигар зуҳуроти номатлубу хатарзо мебошанд. Дар ҷомеаи муосири тоҷик системаи арзишҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ табаддулоти амиқро аз сар гузаронидааст. Раванди ҷаҳонишавӣ дар фазои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ қарор гирифта, халқро ба селоби муҳоҷират кашонид ва дар худ хусусият ва дараҷаҳои гуногунро касб карда, ташкилотҳои гуногуни ҷомеаро дар бар гирифт. Ин омилҳо дар сатҳи муайяни муносибатҳои байналхалқӣ зиддиятҳоеро ба вуҷуд оварданд, ки воситаи пешбарандаи низоъҳои байналхалқӣ шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар ҳамин асос гурӯҳҳои гуногуни оппозитсионӣ пайдо шуда, барои расидан ба мақсадашон кӯшиш мекунанд, ки ба василаи экстремизм ва терроризм онро ба даст оваранд.

Барои бомуваффақият муқобили экстремизм, терроризм ва пешгирии он дар ҷомеа мубориза бурдан, ҷанбаи ҷиноятии ин зуҳуротро донистан ва фаҳмидан зарур аст. Экстремизм – ин пайравии намояндагони алоҳида, гурӯҳ, ташкилотҳои гуногун ба андешаҳои радикалӣ, ахлоқ, идеология ва мавқеъҳои фаъолияти ҷамъиятиро ифода мекунад.

Экстремизм ба шуури ҷамъиятӣ, психологияи ҷамъиятӣ, ахлоқ ва идеологияи омма паҳн гардида, инчунин ба муносибати байни гурӯҳҳои ҷамъиятӣ (экстремизми ичтимоӣ), миллат (эктремизми милатгароӣ ё халқҳо), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ-давлатӣ (экстремизми сиёсӣ) ва мазҳабҳои динӣ (экстремизми динӣ) таъсир мерасонад.

Субъектони терроризм низ бо психологияи махсуси худ фарқ мекунанд, ки онро «психологияи террорист» меноманд:

- бераҳмӣ (террористон медонанд, ки бо амали содирмекардаи худ ҷони чандин нафаронро аз байн мебаранд, вале онро содир мекунанд);
- дилмондагӣ аз ҳаёт (террорист пеш аз содир намудани амале худро бояд бовар кунонад, ки рӯзе мемирад ва ё агар дастгир шавад, умри минбаъдаи ӯ паси панҷараи зиндон мегузарад);
- нафрат доштан (ба худ, ба шахсони алоҳида, ба ҷомеа);
- фанатизм (таассуб);
- ноустувории психологӣ, беморії психикӣ;
-боварӣ ба он ки амали ҳақро содир мекунад.

Тоҷикистони мо, ки зиёда аз 95 фоизашро мусулмонон ташкил мекунанд, пурра эътиқод ва урфу одатҳои омма ба дин равона шудаанд. Хатари гаравидани ҷавонони имрӯзаи мо ҳам дар он аст, ки ташкилотҳои экстремистию террористии фаъолияткунанда ин ҷанбаро омӯхта, пеш аз ҳама ,якчанд нафарро аз дохили кишвар маблағҳои зиёди пулӣ ваъда карда, онҳоро меомӯзонанд. Чӣ хеле ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар Иҷлосияи сеюми фавқулодаи Созмони Конфронси Исломӣ, ки дар шаҳри Макка 7 декабри соли 2005 баргузор гашт,

чунин гуфта буд: «Террорист дар асли худ миллат, мазҳаб ва ватан надорад ва дӯшмани Худову бандагони ӯст. Ин гуна неруҳо аз номи Ислом амал намуда, номи неки онро доғдор мекунанд ва манфиатҳои душманону бадхоҳони фарҳанги волои Исломро пиёда месозанд».

Пешгирии экстремизм ва терроризм на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Ин кор аз ақидаи аниқи ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динии шаҳрвандон вобастагӣ дорад. Дар кишвари мо зуҳуроти пешгирии экстремизм бояд ҳамчун василаи муттаҳидгардонии саъю кӯшиши шаҳрвандони Тоҷикистон дар таҳкими иқтидори иқтисодӣ ва сиёсӣ бошад.

НАҚШИ ОМӮЗГОР ДАР ТАШАККУЛИ ИДЕАЛҲОИ НАВРАСОН

Ҷурабоев Ҷ. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Масъалаҳои таълиму тарбияро бе ташаккул додани ҳиссиёти маънавӣ, маҷмӯи ақидаҳо, эътиқоду идеалҳо, хусусиятҳои эмотсионалӣ ва иродавии характер, инчунин одатҳои рафтори мадании шахсият ба танзим даровардан ғайриимкон аст. Хусусан дар синни наврасӣ яке аз вазифаҳои муҳимми тарбияи ахлоқӣ аз он иборат аст, ки дар хонандагон эътиқоду идеалҳои ахлоқӣ ташаккул дода шаванд. Зеро, чуноне ки маълум аст, хонандагон дар асоси эътиқод ва идеалҳои худ ба натиҷаи амал ва рафтори атрофиён баҳо медиҳанд.

Зери мафҳуми идеал (аз фаронс. ideal, юн. idea – меъёр) – мурод ё мақсади олии шахс фаҳмида мешавад. Идеал дар адабиёти психологӣ ҳамчун намунае баррасӣ карда мешавад, ки шахс дар фаъолият ва рафтори худ ба он талаботи тақлид ё пайравӣ намуданро пайдо мекунад. Образи идеалӣ одатан дар симои шахсияти арзишманд ва муътабар ташаккул меёбад. Дар адабиёти педагогӣ дар мавриди тавсифи методи ибрат қайд карда мешавад, ки «инсон аз азал хусусияти тақлидкунӣ дорад. Ва ба пешсафони ҷамъият пайравӣ намудан эҳтиёҷи қонунӣ ва ҳаётии ӯст. Дар рӯзгори имрӯзаи мо бештар онҳое намунаи ибрат шуда метавонанд, ки идеалҳоро дар худ таҷассум намуда, дар фаъолияти зиндагӣ шоёни таҳсини умум гаштаанд».

Бо дарназардошти психологияи хонандагони хурдсол гуфтан мумкин аст, ки калонсолони аз наздик дар муоширатбуда, ба мисли падару модар, бобову бибӣ ва омӯзгорон, имконияти бештари ба сифати идеалҳои ахлоқии насли наврас қарор гирифтанро доранд. Аммо, дар синни наврасӣ масъала каме тағйир меёбад ва зери таъсири зиддиятҳое, ки зимни пайдошавии ҳисси калонсолӣ дар наврасон байни онҳо бо калонсолони иҳотанамуда пайдо мешавад, наврасон намунаи рафторро бештар на аз онҳо, балки аз қаҳрамонҳои филмҳо ва шахсиятҳои шинохтаи варзиш, санъат ва ҳатто симоҳои ривоятӣ мепазиранд.

Аммо, мутаассифона, дар замони мо дар филмофарӣ, соҳаҳои гуногуни санъат ва варзиш, ки барои наврасони муосир махсусан ҷолиб мебошанд, равияҳои аз нигоҳи этикаи классикӣ то андозае ғайриахлоқӣ низ ривоҷ ёфтаанд. Дар гурӯҳи наврасон аксар вақт рафтори манфии қаҳрамонони онҳо, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо обуранги зиёд паҳн шудаанд, бо шавқ муҳокима мешавад. Барои наврасон ҳама гуна ахбор дар бораи қаҳарамонони онҳо, аз ҷумла хабар дар бораи ҷанбаҳои манфии ҳаёти онҳо низ ҷолиб аст. Ин аз шавқу ҳавасҳои табиии ин синну сол бармеояд ва блогерҳо, филмофарон ва ҳатто худи қаҳрамонон (санъаткорон, варзишгарони шинохта) низ баъзан аз ин суиистифода мекунанд. Бо саҳнаҳои сохта гӯё ҷанбаҳои манфӣ ва ё ҳатто маҳрамонаи ҳаёти хешро ба намоиш гузошта, таваҷҷуҳи наврасону ҷавононро ба худ ҷалб месозанд. Батаваҷҷуҳӣ ва ё ноқобилии омӯзгорон ва дигар калонсолон баъзан ба он бурда мерасонад, ки насли наврас ба шахсиятҳои олами ҷиноӣ таваҷҷуҳ пайдо намояд. Мутаассифона, баъзан дар байни наврасон «корнамоиҳои» баъзе ҷиноятқорон низ бо шавқ муҳокима карда мешаванд, ки ин метавонад барои таваҷҷуҳи онҳо ба олами ҷиноӣ ва пайравӣ ба гурӯҳҳои тундрав замина гузорад.

Дар чунин вазъият нақши омӯзгорон дар он ифода меёбад, ки шаклгирии образи идеалҳои ахлоқиро дар наврасон ба самти дуруст равона созанд. Барои ин тарбияи насли наврасро бо назардошти қонуниятҳои психологии инкишофи синнусолии онҳо ба роҳ

мондан зарур аст. Падидаи муҳимми психологӣ дар синни наврасӣ – пайдошавии ҳисси калонсолӣ ба шумор меравад, ки дуруст дарк кардану баҳо додан ба он ва дар ин замина ба роҳ мондани муносибатҳои тарбиявӣ («муносибат чун бо дӯсти калонсол») тавсияи дуруст аст. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки наврасон танҳо дар тасаввури худ калонсоланд, пас ҳанӯз ҳам усули эътирофшудаи намунашавӣ таъсирбахш хоҳад буд. «Ҳар чӣ бештар рафтори намунавии бедоркунии хоҳиш ва саъю кӯшиши шахсият ба идеали ахлоқӣ – ин аст яке аз қоидаҳои тиллоии тарбияи наврасон» - тасдиқ карда буд В. А. Сухомлинский.

АЗ ТАҶРИБАИ КОРИ ПСИХОЛОГӢ ДОИР БА ТАҒЙИРДИҲИИ РАФТОРИ ЗӮРОВАРҲО ДАР ОИЛА

Давлатов М. – муаллими калони кафедраи психологияи ДМТ

Бунёди оила ва пойдору устувор намудани он яке аз масъалаҳои ҳалталаби имрӯзи ҷомеа ба шумор меравад. Мутаассифона, омилҳое вуҷуд доранд, ки ба ин раванд халалҳо эҷод менамоянд ва яке аз онҳо зуҳуроти зӯроварӣ дар оила аз ҷониби мардон мебошад.

Соли 2018 бо мақсади тағйир додани рафтори зӯроварҳои оилавӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ бори аввал дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон ҳуҷраи машвратӣ бо зӯроварҳои оилавӣ кушода шуд ва он дар тадбиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” нақши назаррасро бозида истодааст. Дар тағйирдиҳии рафтору гуфтор ва шууру ҷаҳонбинии зӯровар як нафар нозири минтақавӣ, ҳуқуқшинос, корманди иҷтимоӣ, намояндаи дин ва психолог зимни барнома ва модулҳои тасдиқшуда фаъолияти касбӣ мебаранд. Натиҷаҳои кори дусола нишон медиҳанд, ки ислоҳи рафтори зӯроварҳои оилавӣ имконпазир аст. Ин аст, ки зиёда аз 50 нафар мардони аз лиҳози андеша ва рафтор тағйирёфта дар солимгардии оилаашон саҳм доранд.

Мазмуни модули психологӣ фарогири чунин масъалаҳои муҳим мебошад: зӯроварӣ ва оқибатҳои он, ҳадафҳои психологӣ аз бунёди оила ва тавлиди фарзанд, ғазаб ва идораи он, психологияи бадрашкӣ, зуҳуроти эмпатия ва симпатия, зуҳуроти меҳру муҳаббат дар муносибатҳои оилавӣ, талоқ ва оқибатҳои он, нуқтаҳои дардовари зӯровар, масъулиятҳои марду зан ҳангоми муошират ва ғайра.

Ба психолог ҳангоми кор бо зӯроварҳои оилавӣ чунин тавсияҳо дода мешавад:

- суҳбати психолог бо зӯровар набояд ҳамчун бо ҷинояткор, балки чун бо шахсе сурат гирад, ки рафторашро тағйир дода метавонад;
- зӯровар бояд дарк кунад, ки амалҳои ӯ хатарноканд ва ӯ метавонад дигар хел рафтор кунад;
- бояд ба зӯровар вақт дод, ки ба реҷаи коркарди олами ботиниаш гузарад, то ки амалҳои худ ва оқибатҳои онҳоро фаҳмида гирад;
- психолог бояд донад: зӯровар гумон мекунад, ки тағйирёбии рафтори ӯ билкулл вобаста аз психолог аст ва гӯё ба ӯ дар шакли тайёр дода мешавад. Ин хатост бояд ба зӯровар фаҳмонд, ки ҳеҷ гоҳ ба рафтору гуфтори зӯроварона набояд ҳамон тавр ҷавоб дод, зеро ин метавонад ба пуршиддат гаштани муносибатҳои оилавӣ барад, ки оқибатҳои ногувор дорад;
- набояд фаромӯш кард, ки зӯроварӣ масъалаи иҷтимоӣ буда, масъулияти он бар дӯши зӯровар аст;
- зӯровар бояд ба хулоса ояд, ки бунёди муҳити солими оилавӣ вобаста аст ба чунин ҷиҳатҳо: зуҳуроти эмпатия ба ҳамдигар, бахшидани хатоҳо, гузашт кардан, муносибати оқилона ва баробар доштан бо дигар аъзоёни оила;
- мардони зӯровар имкони назорат кардани рафтори агрессивии худро доранд ва ба ин набояд шубҳа намуд;
- бояд ба зӯровар талқин намуд, ки вазъияти баамаломадаи оилавиро наметавон якбора дигар кард. Беҳтар аст, ки муносибаташро ба вазъият дигар кунад. Зеро тағйири муносибат тадриҷан метавонад вазъиятро дигар кунад;

- дар машғулиятҳои амалии инфиродӣ ва гурӯҳӣ ба зӯроварҳо маҳорати хушу гуворо ва фораму мақбул гуфтани «ҳа» ва «не»-ро бояд ёд дод. Бигзор таркиби луғавиашонро аз ҳисоби калимаҳои ором ва рӯҳбахш бой гардонанд;

- дар машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо истифода аз усулҳои интерактивӣ ба зӯровар бояд фаҳмонд, ки ҳама гуна муаммоҳои оилавиро метавон бидуни истифодаи амалҳои зӯроварона ҳал намуд.

ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ ТАЪСИРИ ВОЛИДОН БА ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ КӮДАК

Қамчибекова Г. Э. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи муосир омӯзиши масъалаи таъсири волидон ба ташаккули шахсияти кӯдак ба шумор меравад. Ҳамин тавр, парвариши хислатҳои олии ахлоқ ва тарбияи аъзои ҷамъият дар рӯҳияи хулқу одоби ҳамида аз талаботи рӯзафзуни замон аст. Дар таърихи халқи тоҷик асарҳои бешумору гаронбаҳои ахлоқӣ эҷод шудаанд, ки баҳри тарбияи кӯдак хеле судманданд.

Доир ба ин масъала олимони хориҷию ватанӣ, аз ҷумла, Л. С. Виготский, А. С. Спиваковская , В. Н. Гарбузов, С. Л. Рубинштейн, Е. Т. Соколова, М. Т. Алиев, А. А.Бодалев, Н. М. Юнусова, Б. А. Добрович, Ю. В. Евсеенко, А. Зурабов, Б. И. Кочубей, Г.Крайг, А. М. Миралиев, М.Т.Давлатов, Ё.М.Шарипова, Б.Маҷидова ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд.

Маҳз, Л.С. Виготский қайд карда буд, ки сарчашмаи рушди психикии кӯдак на дар дохили кӯдак мехобад, балки дар муносибати ӯ бо калонсолон. Мувофиқи ақидаи Л.С. Виготский, муҳити иҷтимоӣ ва калонсолони иҳотакарда шароити муҳиму асосии рушди психикии кӯдакро ташкил менамоянд. Кӯдак бе ҷамъият зиндагӣ ва рушд ёфта наметавонад.

Яъне, хусусиятҳои тарбия шароитеро фароҳам меоранд, ки боиси баҳогузории рушди худбаҳодиҳии мусбӣ мегардад. Ҳангоми муайяннамоии нақшҳои волидон дар шаклгирии шахсияти кӯдак бештар ба тарзи тарбия диққати махсус дода мешавад. Маҳз дар оила одам марҳилаи аввалин ва муҳимми инкишоф ва ташаккулёбии худро ҳамчун шахсият пайдо менамояд, намуна ва шаклҳои рафторро аз худ менамояд.

Ҳар як падару модар нисбати фарзандаш бояд муҳаббати самимӣ дошта бошад. Маҳз, муҳаббатро танҳо падару модарон ба фарзандон зоҳир карда метавонанд, чунки онҳо дар ин раванд таҷрибаҳои зиёд доранд. Фарзанд ҳамеша муҳаббати падару модарашро интизор мешавад ва мехоҳад, ки падару модараш муҳаббаташонро нишон диҳанд. Муҳаббати падару модар фарзандро ҷасуру чолок месозад, илҳоми нав, боварӣ ба худ, худмустақилона кору фаъолият намудан, боварӣ ба оянда доштанро бедор месозад. Дар раванди таълиму тарбия падару модар бо кӯдакон муоширати дуруст, эҳтироми якдигар, системаи арзишҳоро ба фарзандонаш меомӯзонанд. Доир ба ин масъала психолог Шарипова М.Ё. чунин баён намудааст: «Муоширати дуруст, эҳтиром ва ахлоқи ҳамида аз оила сарчашма мегиранд. Фонди луғавии кӯдак он мафҳумҳоеро ташкил мекунад, ки ӯ дар оила онҳоро мешунавад. Нутқи шахс нишондиҳандаи дараҷаи тарбияи ахлоқӣ-маънавии ӯ мебошад».

Маҳз муошират фаъолияти иҷтимоии одамро фаъол мегардонад. Дар муоширати иҷтимоӣ инкишофи психикӣ ва худифоданамоии фард сурат мегирад. Муоширати самарабахшу муфид бо малакаю маҳорат ва маданияти муоширатнамоии ҳамсуҳбатон алоқаи ногусастанӣ дорад. Муошират бо одамон илм ва санъат аст, ин ҷо ҳам истеъдоди табиӣ ва ҳам маълумот нақши муҳим мебозанд. Аз ин нуқтаи назар, ҳар нафаре, ки дар ҳаёт ва фаъолият муваффақияту музаффарият ба даст овардан мехоҳад, бояд нозукиҳои ин санъат ва ин илмро омӯзад.

Ҳамин тавр, падару модар дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши муассир доранд. Падару модар бояд фарзандони худро дуруст тарбия намоянд.

МАСЪАЛАИ БЕНАЗОРАТИИ КӮДАКОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

Табаров Х. М. – ассистенти кафедраи психологияи ДМТ

Беназоратӣ дар дурӣ ҷустани кӯдакон аз оила, коллективи кӯдакон ва беэътиноии волидон, омӯзгорон ва дигар шахсони уҳдадор нисбати кӯдак зоҳир меёбад. Сабабҳои беназоратӣ волидонро аз даст додани кӯдак, шароитҳои мураккаби меҳнатӣ ва ҳаёти аъзоёни калонсоли оила (сафарҳои хизматии тӯлонӣ, ноқаноатмандӣ аз вазъи саломатӣ), имконият надодан барои аз рӯйи як меъёри муайян тарбия намудани фарзандон, вазъияти номусоиди оилавӣ (низоъ, талоқ, рафтори бадахлоқонаи волидон ва ғ.) набудани якдигарфаҳмӣ бо ҳамсолон, бо муаллимон, комёб нагаштан дар фаъолияти таълимӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд. Беназоратӣ инчунин натиҷаи дараҷаи пасти шароитҳои иҷтимоӣ –ҳаётии калонсолон аст, ки вақт барои муошират бо кӯдакон пайдо карда наметавонанд; нокифоягии корҳои тарбиявӣ дар мактаб ва ниҳоят суст инкишоф ёфтани системаи тарбияи ҷамъиятӣ дар кишвар (норасоии муассисаҳои иловагии таълимӣ барои кор бо кӯдакон) ба шумор меравад. Бисёр вақт ба беназоратии кӯдакон сатҳи пасти маърифатнокии волидон низ боис шуда метавонад, ки бо надонистан ва ё нафаҳмидани уҳдадориҳо дар муносибат бо кӯдакон, мавқеи нодурусти педагогӣ, ки дар қонеъгардии аз ҳад зиёди талаботҳои моддии кӯдакон ва баҳо надодан ба нақши тарбиявӣ иртибот дорад.

Беназоратӣ ба он вазъияте нисбат дода мешавад, ки вақте кӯдакон вақти холигии худро берун аз оила ва коллектив мегузаронанд, баъзан вақт аз хона фирор менамоянд ва майл ба оворагардӣ пайдо мекунанд. Имкониятҳои худро муаррифӣ карда натавонистани кӯдакону наврасон аз омода набудан ба шароитҳои ҳаётӣ гуворӣ медиҳанд ва ба осонӣ рафторҳои манфии гурӯҳҳои кучагӣ ба онҳо таъсир мерасонанд, ки майлҳои зиддиҷтимоӣ доранд, бо истифодаи машруботи спиртӣ, нашъамандӣ, фаъолияти бадахлоқона, ки ҳатто то содир намудани ҷинояту ҷиноятқорӣ бурда мерасонад. Дар натиҷа дар кӯдакон одат ва шавқу ҳавасҳои манфӣ, инчунин рафторҳои зиддиҷтимоӣ пайдо гашта,каҷрафторӣ, душвортарбиягӣ ва беназоратии педагогӣ шакл мегиранд. Кӯдакони беназорат нисбатан зиёдтар ба вазъиятҳои мураккаб гирифтор гашта, ҷабрдидаи зӯроварии кӯчагӣ, ҳодисаҳои садамавӣ, зарбаҳои психикӣ мешаванд, дар вақтхушиҳои бераҳмона иштирок намуда, ин ҳодисотро дар худ ва дигарон аз сар мегузаронанд. Наврасони беназорат оҳиста-оҳиста таҷрибаҳои манфии ҳаётиро соҳиб гашта, дар онҳо эҳсосоти манфии мустақилият ва аз калонсолон вобаста набудан пайдо мешавад.

Маҷмӯи ченаки муборизa бо беназоратӣ дар худ беназоратии кӯдакон ва механизми тарбиявиро дар муассисаҳои таълимӣ ифода намуда, ташкили чорабиниҳоеро дар назар дорад, ки ба волидон шароитро барои тарбияи кӯдакон фароҳам меоварад.

Доир ба пешгирии беназоратию оворагардии кӯдакону наврасон мебояд бо волидон ва шахсони масъули ҷомеа системаи чорабиниҳои тарбиявию фаҳмондадиҳиро ба роҳ монд, то ин ки нисбати фарзандони хеш беаҳамият набуда, масъулият ҳис намоянд, чунки оқибатҳои беназоратӣ метавонанд боиси зиёд гаштани каҷрафторию ҷиноятқории наврасон дар ҷомеаи башарӣ гарданд.

К ПРОБЛЕМЕ ФОРМИРОВАНИЯ ЕДИНОЙ ЦЕННОСТНОЙ ИДЕОЛОГИИ МАССОВОГО СОЗНАНИЯ

Шоисматуллоев Ш. – д.с.н., профессор кафедры социологии ТНУ

Ценность - это исторически представляемое человеком своего образа жизни, поведения, цели, нормы, интересы, потребности, идеала и его стремления. Исходя из своих ценностей, каждый индивид приобретает ценностные установки, то есть ориентиры, посредством которых он регулирует свое поведение и стремление. Человек должен осознать какие ценности для него являются первостепенными и какие, наоборот, второстепенными. У каждого индивида имеются индивидуальные ценностные предпочтения, но массовое

сознание постепенно вытесняет его индивидуальные предпочтения и он, не замечая, принимает ценности массового сознания.

В советское время государство, исходя из идеологической политики коммунистической партии, выработало ценности массового сознания, которые передавались нескольким поколениям. Сегодняшнее массовое сознание таджикистанцев находится под влиянием нескольких сильных конкурирующих идеологий: российская идеология, вместе с сохранившимися ценностями советской идеологии; западная культура с ценностями присущими рыночной экономике: религиозные идеологии, которые играют на исторически сложившихся религиозных ценностях и верований народов Таджикистана. При таком течении обстоятельств выработки единой ценностной системы становится трудно разрешимой задачей. В такой ситуации сохранения спокойствия и мира является более разумным решением ценностной ситуации, которая в данном случае не зависит от ситуации только в одной республике.

Размышляя о вопросах социального порядка, Талкотт Парсонс отмечает, что существует два механизма поддержания социального равновесия. Первый механизм - это социализация, посредством которой новый член общества становится социальной личностью. Второй механизм социальный контроль для поддержания порядка. Индивид должен адаптироваться к социальной среде, через принятие тех норм и культур, которые приняты в данном обществе. При этом смягчающую роль в противоречие между семьей и производством играет школа.

В современных условиях развития постсоветских обществ жизненные ценности в основном формируются стихийно, подвергаясь влиянию самых разнообразных факторов. Роль же самого ценностного влияния на их формирование незначительна. Относительно корреляции между целями воспитания и жизненными установками одна из достаточно значимых позиций связывает цели воспитания и функционирующую в обществе систему ценностей, постулируя необходимость соответствия первого второму. При этом игнорируется тот факт, что общество по своей сути не является гомогенным, а современные общества – тем более. Не принимается во внимание тот факт, что ценности могут подвергаться трансформации и то, что является ценностью для старшего поколения, отнюдь не означает подобное в отношении молодого поколения.

ҲУҚУҚ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОӢ

Миров Ф. С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи сотсиологияи ДМТ

Дар байни институтҳои иҷтимоӣ нақш ва аҳамияти институти ҳуқуқ бағоят бузург аст. Табиати иҷтимоии ҳуқуқ дар он зоҳир мегардад, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ аз муносибатҳои байни одамон бармеоянд, сарчашмаи пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ худи одамон мебошанд ва аз ҳама муҳимаш доираи амали ҳуқуқ худи ҷомеа мебошад. Берун аз ҷомеа муносибатҳои иҷтимоӣ ва умуман, ҳуқуқӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Аз лиҳоз, ҳуқуқ ба сифати институти иҷтимоӣ ҳамчун предмети омӯзиши илми сотсиология, ҳамчун соҳаи махсуси он - сотсиологияи ҳуқуқ қарор гирифтааст.

Ҳуқуқ, пеш аз ҳама, маҷмӯи қоидаҳои ҳатмии рафтори одамон аст. Аз тарафи давлат меъёрҳои он муайян, муқаррар ва тасдиқ карда шуда, муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Ҳуқуқ кафили тартибот ва устувории ҷомеа, воситаи танзимнамоии муносибатҳои иҷтимоӣ ва механизми самараноки назорати рафтори иҷтимоии аъзоёни ҷомеа мебошад. Амали самараноки ҳуқуқ дар ҷомеа, пеш аз ҳама, ба сатҳи ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон алоқамандии зич дорад. Шуур ва маданияти ҳуқуқӣ қисмҳои таркибии институти ҳуқуқ ба шумор мераванд. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи шуури ҷамъиятӣ аз маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад. Барои он ки одамон озодона бо ҳам муносибат намоянд ё манфиату ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда тавонанд, бояд меъёрҳои ҳуқуқиро донанд. Маданияти ҳуқуқӣ бошад, мафҳуми васеътар ва пурмазмунтар буда, пеш аз ҳама, маҷмӯи донишҳо, арзишҳо ва рафтори ҳуқуқии шахсро дар бар мегирад.

Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ як ҷузъи таркибии иҷтимоишавии шахс ва раванди иҷтимоиест, ки фард тавассути он меъёрҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ, қонун ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии ҷомеаи мушаххасро меомӯзад. Ба воситаи иҷтимоишавии ҳуқуқӣ шахс узви комилҳуқуқи ҷомеа мегардад. Агар иҷтимоишавии ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ ва дуруст ба роҳ монда шавад, он гоҳ шахс нисбати ҳуқуқ ва санадҳои ҳуқуқӣ эҳтиромӣ хоссаро пайдо мекунад ва дар натиҷа ҳуқуқ ба талаботи ботинии шахс табдил меёбад. Ташаккул додани маданият ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёду шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳуқуқ, пеш аз ҳама, институти иҷтимоӣ буда, як қатор вазифаҳои иҷтимоиро ба иҷро мерасонад. Мафҳуми «вазифаҳои ҳуқуқ» дар мадди аввал ифодагари таъйиноти иҷтимоии ҳуқуқ, самти таъсиррасонии ҳуқуқ ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва нақши ҳуқуқ дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа мебошад. Ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоии ҷомеа ҳуқуқ муносибатҳои байни одамонро танзим ва назорат менамояд, барои ҷойивазнамоии иҷтимоии аъзоёни ҷомеа мусоидат менамояд, иҷтимоишавии шахсро ба роҳ мемонад, амали муътадили дигар институтҳои иҷтимоиро таъмин месозад. Умуман, агар дар ҷомеа ҳуқуқ муътадил амал накунад ва вазифаҳои худро ба сомон расонида натавонад, он гоҳ харобшавии нақшҳои иҷтимоӣ, бесарусомонӣ, низоъҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои гуногуни қонуншиканӣ сар мезананд.

ҶЕНТРИФИКАТСИЯ: МАФҲУМ, РАВИШ ВА ХУСУСИЯТҲО

Абдуллоева М. А. – муаллими калони кафедраи сотсиологияи ДМТ
Таваллоев М. Т. – н.и.с., ассистенти кафедраи сотсиологияи ДМТ

Марҳилаи муосири рушди шаҳрҳо, тағйирёбии шаҳру шаҳракҳои тамоми кишварҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро ба амал овард, ки дигаргуниҳои амиқи сохтори шаҳрсозиро таҳлил намуд. Дар шаҳри Душанбе ин раванд бо тамоми шукӯҳу шаҳомоти бесобиқа оғоз гардида, идома меёбад.

Албатта, симои пойтахт ба замони муосир ҷавобгӯ набуда, тағйироти ҷиддиро талаб менамояд. Аз тарафи дигар пойгоҳҳои зиёди нақлиётӣ (автобаза), корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, ки бо мурури замон зарурати худро аз даст додаанд ё муфлис гардидаанд, имконият медиҳанд, то дар ҷойи онҳо биноҳои наву замонавӣ сохта ба истифода дода шаванд. Гузашта аз ин дар пойтахт манзилҳои зиёди шахсии якошёна ва хонаҳои нообод (баракҳо)-е мавҷуданд, ки қисми онҳо умуман ба талаботҳои санитарию эпидемологӣ ҷавобгӯ нестанд. Ҳавлиҳо бошанд, рӯз аз рӯз бо бузург гаштани фарзандон ва оиладор шудани онҳо таҳсим шуда, «ҳавлӣ» буданашон намондааст. Ин дар ҳолест, ки аксари ин манзилҳо ё ҳавлиҳо бо хатти обу корез пайваст нестанд, ки вазъи санитариро боз ҳам ногувор мегардонанд.

Ташаббуси пешгирифтаи роҳбарияти кишвар айни муддаост, ки ин вазъияти ногуворро беҳ мегардонад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва аврупоӣ нишон медиҳад, ки ҳатто шаҳрҳои пешрафтаи саноатиро ба воситаи механизмҳои мушаххаси минтақавӣ ва урбанистикӣ, метавон зуд ва самаранок азнавсозӣ намуд, ки онро ҷентрификатсияи муҳити шаҳр меноманд.

Истифодаи мафҳуми «ҷентрификатсия» дар кишвари мо ба мушоҳида намерасад, ҳатто дар Россия он чандон зиёд истифода намешавад. Гарчанде ин мафҳум истифода нашавад ҳам, аммо ҷой доштани ин раванд аҳёнан ба мушоҳида мерасад. Боиси тазаккур аст, ки тӯли солҳои охир баъзе маҳалҳо, роҳҳо ё кӯчаҳо ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Ба дигаргуниҳои мазкур, на танҳо аҳолӣ, сайёҳон, ҷӯяндагони муҳити эҷодӣ диққат медиҳанд, балки соҳибкорон низ бетараф набуда, манфиатдор ҳастанд ва ҳатто ҳамчун ташаббускор баромад мекунанд.

Аксар муҳаққиқон аз истифодаи мафҳуми «ҷентрификатсия» худдорӣ менамоянд, зеро он вобаста ба соҳаи омӯзиш маъноҳои гуногунро фаро гирифта, оқибатҳои ҳам мусбат ва ҳам манфиро дар назар дошта метавонад. Мафҳуми «gentrification» соли 1964 аз ҷониби сотсиологи британӣ Рут Гласс истифода шуд ва ӯ зери ин мафҳум тағйиротеро дар назар

дошт, ки дар бозори манзил ва сохтори иҷтимоии баъзе навоҳии Лондон мушоҳида намуда буд. Яъне, «намояндагони синфи миёна – болоӣ ва поёнӣ яке пайи дигаре ба маҳаллаҳои синфи коргар роҳ меёфтанд. Чун раванди «ҷентрификатсия» дар маҳал оғоз мешавад, зуд амалӣ мегардад, то даме ки тамоми намояндагони синфи коргар ё аксарият манзили худро тарк менамоянд ва сохтори иҷтимоии маҳал тағйир меёбад», менависад Р. Гласс.

Дар кишварҳои хориҷӣ ҷиҳатҳои мусбат ва манфии ҷентрификатсияро чунин қайд кардаанд: Мусбат - беҳтар намудани шароитҳои манзилии соҳибмулкон; кам шудани ҷиноятҳорӣ; хусусиятҳои нав пайдо намудани маҳал; пайдоиши ҷойҳои нави корӣ; зиёдшавии даромад аз андозбандӣ; дастгирӣ ёфтани ободкориҳо; кам гаштани вазнинӣ дар хизматрасониҳо ва инфрасохтор; барқарор намудани моликият, чи бо иштироки давлат ва чи бо маблаґгузор; манфӣ - гарон шудани нархи манзил; аз даст додани манзили дастрас; устувор набудани нархи амволи манқул; афзоиши нархи хизматрасониҳо. Аз номбурдаҳо шояд, баъзе дар шаҳри Душанбе ба мушоҳида расанд, вале як чизе ҳаст, ки дар ин биноҳои замонавӣ аз дари бино берун шудан пас шаҳр аст, яъне гуфтанием, ки мафҳуми «ҳавлии назди бино» қисман аз байн меравад, аз ин рӯ зарурати бунёди «муҳити эҷодӣ» пеш меояд. «Муҳити эҷодӣ» – яъне ҷой, макон, фазои эҷодӣ, ки барои ифодаи озоди фаъолияти эҷодӣ ва алоқамандии одамон нигаронида шудааст.

МНОГОДЕТНОСТЬ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОСТОЯНИЕ СЕМЬИ

Насурова Б. А. – к.ф.н., старший преподаватель кафедры социологии ТНУ

Проблемы многодетности и высокого уровня рождаемости среди коренных жителей Таджикистан давно стоит в центре внимания исследователей разных отраслей наук, в том числе социологов. Социальные корни многодетности семей местных национальностей, прежде всего, основаны на существующих традиционных, психологических и религиозных установках, которые передаются из поколения в поколение. Результаты многочисленных социологических исследований показывают, что именно традиционные представления каждой нации и народности, не зависимо от их места проживания, имеют наиболее влиятельное воздействие на формирование жизненных установок семьи относительно рождаемости. По мнению И.А. Маниулова и Л.Л. Юн, если в республиках, расположенных в европейской части на одну женщину приходится в среднем около двух родов, то в средней Азии – более четырех. Женщины прибегают здесь к регулированию рождаемости лишь после того, как достигают желаемого числа детей. Следует особенно подчеркнуть, что несмотря на продолжающийся социально-экономический кризис во всех сферах общественной жизни, меры, предпринимаемые различными медицинскими организациями по урегулированию и планированию деторождения, не дают должного эффекта и сохраняется высокий уровень рождаемости в республике.

Так или иначе, на фоне изменяющегося социально-экономического положения в республике проблема регулирования деторождения в семье, ее переориентация на более эффективную форму жизнестойкости, приобретает важное значение для современного Таджикистана. Мы понимаем, что человек это главное богатство общества и самый ценный капитал нации. Для Таджикистана, пережившего глубокий общественно-политический и социально-экономический кризис, нынешний уровень рождаемости служит единственным гарантом сохранения регионально-демографического баланса. Однако, в условиях глубокого кризиса, непростого положения во всех сферах жизнедеятельности общества, семья, при ее нынешней репродуктивной активности, не в состоянии стать гарантом полноценного развития будущих членов общества. Следовательно, необходимо изменить старые стереотипы в смысле сохранения многодетности.

Можно отметить, что хотя нынешняя молодежь ориентируется на малодетность, но все, же многодетность пока остается. Таджикистан горная страна, большинство населения республики составляет сельское население и оно ориентировано на многодетность. В целом, как показывают данные социологического исследования, проведенного Калоновым А., дети

из семей с более низким социальным статусом больше ориентированы на многодетность. Большая часть молодежи Таджикистана живет в сельских многодетных семьях, где дети ведут с родителями общее хозяйство, что создает более благоприятные экономические условия для ранних браков и рождения детей.

В условиях социально-экономического кризиса многодетность выступает фактором, негативно влияющим на формирование ценностных ориентаций молодежи, касающихся вопросов социального и профессионального самоопределения и жизненных перспектив. Если семья испытывает трудности в сфере жизненно-необходимых материальных ресурсов, то, соответственно, на другие функции, образовательной, подготовки к будущей профессии и социального самоопределения обращается меньше внимание, а порой дети оказываются представленными самым себе или же с малых лет вынуждены различным образом заработать, чтобы помочь семье выжить.

МОҲИЯТИ МАФҲУМИ «ЭКЗИТПОЛ»

Таваллоев М. Т. – н.и.с., ассистенти кафедраи сотсиологияи ДМТ

Дар кишварҳои пешрафтаи олам, ҳангоми интихобот аз методи «экзитпол» васеъ истифода бурда, натиҷаи онро бо натиҷаҳои расмӣ муқоиса менамоянд. Дар кишвари мо таҷрибаи истифодаи экзитпол мушоҳида нашудааст, ҳатто мафҳуми мазкур умуман истифоданашаванда аст, лекин мо ки дар арафаи интихобот қарор дорем, аз ҳамин лиҳоз ошкор сохтани мафҳум ва моҳияти ин усулро зарур мешуморем.

Экзитпол (англ. Exitpoll, таҳ. лафзӣ, пурсиш баъди баромадан; баъзан «эксит-пул», ё «экзит-полл» ва «эксит-полл» истифода мешавад, ки нодуруст аст) – ро марказҳои сотсиологии тамоми кишварҳои хориҷӣ истифода мебаранд. Чорабинӣ ё пурсише, ки дар таҷрибаи сотсиологияи ҷаҳонӣ пас аз овоздиҳӣ, яъне баъди баромадани шаҳрвандон аз ҳавзаи интихоботӣ гузаронида мешавад. Чуноне ки дар «Луғати имлошиносии русии Академияи илмҳои Россия» омадааст, навишти дурусти калима «экзитпол» аст.

Бори нахуст ин метод дар ИМА истифода шудааст. Рӯзноманигор, Уоррен Митофски пурсиши интихобкунандагонро баъди баромадан аз ҳавзаи интихоботӣ, ҳангоми интихоби губернатори Кентукки соли 1967, истифода намудааст.

Вазифаҳои асосии экзитпол ба даст овардани имконияти пешгӯиҳои фаврии натиҷаи интихобот ва ҷамъоварии маълумоти оморӣ дар бораи интихобкунандагон аст. Баъди аз ҳавзаи интихоботӣ баромадан, интихобкунандаҳоро мепурсанд, ки (албатта, бо кафолати махфӣ мондан) ба кӣ овоз додаанд. Тахмин меравад, ки аксари интихобкунандагон, ягон сабаби дурӯғ гуфтан надоранд, аз ин лиҳоз натиҷаи чунин пурсишҳо барои муқоиса бо натиҷаҳои расмии интихобот истифода мешаванд. Дар рӯзи интихобот натиҷаҳои экзитпол ба воситаи телевизион ва дигар воситаҳои коммуникатсионӣ ҳангоми намоиши барномаҳо оид ба тартиби овоздиҳӣ ба аҳолӣ пешниҳод мегарданд.

Барои ба даст овардани иттилоот доир ба андешаи қишрҳои гуногуни аҳолии кишварҳои олам, инчунин овоздиҳиҳои пешакӣ ба воситаи технологияҳои интернетии World Exit Poll имконпазир аст. Бо истифода аз ин усул хоҳишмандон метавонанд аз хона ва ё утоқи кории худ махфӣ овоз дода, барои дилхоҳ фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ рейтинг ташкил намоянд.

Экзитпол вазифаи иттилоотӣ (шиносоии пешакии омма бо натиҷаҳои тахминии интихобот) ва назоратӣ (кам кардани имконияти таҳрифи дидаю донистаи натиҷаҳои овоздиҳӣ)-ро иҷро менамояд. Барои он ки маълумотҳо боз ҳам боэътимод шаванд, ду ва ё зиёда марказҳои таҳқиқотӣ бо шабакаи мустақили интервюерҳо ҷалб мешаванд. Инчунин, интихобномаи пурсиш ба ду ва ё зиёда қисм (вобаста аз шумораи марказҳои таҳқиқотӣ) ҷудо мешавад. Мувофиқ омадани натиҷаҳои пурсишҳо, боз як меъёри баҳодиҳии сифати маълумотҳо шуда метавонад.

Ба андешаи Юлия Баскакова (роҳбари лоиҳаҳои таҳқиқотии МУОАО «ВЦИОМ»), истифодаи экзитпол барои тафтиши шаффофияти интихобот маъние надорад. Ба андешаи мавсуф, дар ҳолати боварии комил ба институти интихобот, масъалаи истифодабарии

экзитпол барои назорати натиҷаи интихобот зарурат надорад ва дар ҳолати нобоварӣ чунин санҷиш моҳияти худро аз даст медиҳад, зеро, дар ҳоле ки ҳокимият қудрати қалбакикории варақаҳои овоздиҳиро дошта бошад, пас мантиқан тахмин кардан мумкин аст, ки натиҷаҳои экзитполро низ тағйир дода метавонад. Дар радифи андешаи Юлия Баскакова гуфтанием, ки натиҷаҳои экзитполро на танҳо институтҳои давлат, балки мухолифин ё дигар ашхоси манфиатдор метавонанд барои дасткорӣ (манипулятсия)-и афкори омма ва зиёд намудани нобоварии аҳолӣ аз институтҳои ҳокимият истифода баранд.

СУИЦИД В СИСТЕМЕ СОЦИАЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ

Марамов Р. – ассистент кафедры сотсиологии ТНУ

Каждую минуту кто-то предпринимает попытку преднамеренного самоубийства. Эти попытки 60 или 70 раз в день оканчиваются успешно. Согласно статистике в Центральной Азии в Таджикистане меньше склонны к суициду – данный уровень в Таджикистане почти в пять раз меньше, чем в Казахстане, и в два раза меньше, чем в Узбекистане.



Бесспорно, что настоящее число суицидов еще выше, поскольку не всегда сообщается о реальной причине смерти или она скрывается под названием «смерть несчастного случая». Вот мнение бывшего главного психиатра ООН Грегори Зилбурга: «Статистические данные о суицидах, каким они являются сегодня, не заслуживают доверия. Слишком много суицидов не называются своим собственным именем». То, что считается самоубийством в одной стране, городе или штате, может не относиться к нему в соседней области, например, потому что судья, устанавливающий причину смерти, являясь выборным должностным лицом, а не врачом, предпочитает называть другие более приемлемые причины.

Суицидальными людьми, в целом, руководят амбивалентные чувства. Оны испытывают безнадежность, и в то же самое время надеются на спасение. Часто желания «за» и «против» самоубийства настолько уравновешиваются, что если близкие в эти минуты проявят теплоту, заботу и проницательность, то весы могут накрениться в сторону выбора жизни. Поэтому очень важно знать во время беседы с суицидальным человеком об особых ключах и предостерегающих признаках самоубийства.

Но еще предстоит сделат многое. Образовательные программы являются чрезвычайно ценным инструментом в этой работе. Должно расти понимание людьми серьезности этой проблемы для создания новых превентивных программ и проведения исследований на оптимизацию интервенции и поственции суицида. В школах должны быть введены не только констатирующие программы о самоубийствах, но и обучающие, каким образом лучше всего справиться с кризисом и депрессией. Для всех возрастов необходимо важно понимать необходимость удовлетворения этих насущных потребностей на уровне государства и нации.

ҶОЙГОҲИ ИНТЕРНЕТ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Умаров Т. – ассистенти кафедраи сотсиологияи ДМТ

Интернет дар тӯли даҳ соли охир дар ҷомеаи муосир аҳамияти бағоят бузургро касб кардааст ва ба як ҷузъи фарҳангии ҳаёти ҳамарӯзаи одамон дар ҳар як кишвари сайёра табдил ёфтааст.

Имрӯз интернет ба ҳаёти ҳар як одами муосир ба таври амиқ ворид шудааст. Даҳсолаҳо пеш чизи нофаҳмо, ки номаълум, мураккаб ва тақрибан афсонавӣ ба назар мерасид, ҳоло ҳатто барои кӯдак маъмул ва дастрас шудааст. Акнун бисёриҳо наметавонанд кор, таҳсил ва зиндагии ҳаррӯзаи худро бе компютер ва интернет тасаввур кунанд. Интернет як ҷаҳони бемаҳдуд аст, ки дар он ҷо миллионҳо нафар фаъолият мекунанд. Интернет ба одамон имконият медиҳад, ки маълумотҳои гуногун гиранд, муошират кунанд ва ба тиҷорат машғул шаванд. Робита бо оила ва дӯстон, иртибот бо шарикони корӣ, шиносоии нав - инҳо як чизи муҳим дар ҳаёти рӯзмарраи мо ба ҳисоб мераванд.

Бартарии бебаҳое, ки имрӯз интернет ба одамон додааст, мубодилаи зуди иттилоот ва суръати тези дастрас намудани он мебошад. Дар тӯли чанд сония ёфтани китоби мувофиқ дар интернет, тамос бо дӯсте, ки дар дигар тарафи дунё ҷойгир аст, ёфтани посух ба суоле, ки таваҷҷуҳи моро ҷалб кардааст - ҳатто тасаввур кардан душвор аст, ки ин гуна имкониятҳо, ғояҳоро дар бораи дониш, иттилоот, тиҷорат, муносибатҳо чӣ гуна иваз кардаанд. Албатта, ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар як дастоварде бешак дар байни мардум ба воситаи сомонаҳои интернетӣ муарриффӣ карда мешавад.

Дар айни замон, одамон ба интернет чунон одат кардаанд, ки дигар наметавонанд бидуни он кор кунанд, ҳарчанд ки ба саломатии онҳо таъсири манфӣ расонад ҳам, ба он аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд ва ин бошад, одати вобастагӣ дорад, ки метавонад ба саломатӣ ва ҳаёти шахсии онҳо таъсири манфӣ расонад.

Мувофиқи омори Оҷонсии таҳлилии “We Are Social”, дар соли 2018 бештар аз 4 миллиард сокинони сайёра аз интернет истифода мебаранд. Танҳо дар соли 2017 беш аз 250 млн. нафар ба интернет пайваст шудаанд. Дар муддати 1 рӯз то 6 соати истифодабарандагони интернет дар дунёи виртуалӣ (ё худ маҷозӣ) сарф мешавад. Дар як сония 11 истифодабарандаи нав ба интернет шомил мегардад.

Тибқи гузориши агентиҳои маркетингии We Are Social ва Hootsuite дар бораи фазои глобалии рақамӣ то моҳи январи соли 2019 то 33 % - и аҳолии Тоҷикистон ба интернет дастрасӣ доштаанд, ки дар раддабандии навшудаи Speedtest Global Index Тоҷикистон аз рӯйи суръати интернети мобилӣ дар байни 141 кишвари ҷаҳон зинаи 132-юмро ишғол кардааст. Дар Осиёи Марказӣ танҳо нишондиҳандаи Туркманистон (18 %) аз ин пасттар аст. Дар ҳамин ҳол, мувофиқи маълумоти пажӯҳиши Internet Live Stats, шумораи корбарони интернет дар Тоҷикистон аз ин ҳам камтар – ҳамагӣ 19 %-и аҳолиро ташкил медиҳад.

Аммо баррасие, ки аз тарафи сариқтисодчии Бонки Ҷаҳонӣ (ВБ) дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ Ханс Тиммер гузаронида шудааст, то моҳи июни соли 2017 ҳамагӣ 17%-и аҳолии Тоҷикистон ба интернет ба таври доимӣ дастрасӣ доранду халос. Ин намояндаи Бонки Ҷаҳонӣ хариди интернетро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят қимат ҳисобида, 16 дарсади маоши истифодабаранда медонад. Ӯ ҳамчунин зикр менамояд, ки 57% ширкатҳо аз почтаҳои электронӣ истифода бурда, камтар аз 40% соҳиби веб-сайт ҳастанду халос.

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РАФТОРИ НАҚШӢ ВАЗИФАВИИ ИНСТИТУТИ АҲСИЛОТИ ОЛӢ

Ахмедова У. – ассистенти кафедраи сотсиологияи ДМТ

Имрӯз метавон таҳсилотро ҳамчун институти бузурги иҷтимоӣ ном бурд, зеро устуворӣ ва пешрафти ҷамъият аз амалишавии вазифаҳои арзишманди он вобастагӣ доранд, ҳамчун воситаи муҳимми дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ва афроди алоҳида хизмат мекунад. Аз нуқтаи назари функционалӣ низоми таҳсилот ба қатори сохторҳои институтсионалие, ки иҷтимоишавии шахсро таъмин мекунанд, дохил шудааст. Иҷтимоишавии шахс раванди дар шахс инкишоф додани сифатҳое мебошад, ки барои амалиёти фаъолонаи вай дар ҷамъият муҳим ҳастанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки раванди саноатикунонӣ боиси эҳтиёҷот ва ҳарчи бештар рӯоварӣ ба муассисаҳои таълимӣ гашт. Дар қатори институтҳои иҷтимоии ҷомеаи муосир таҳсилот бениҳоят нақши муҳимро бозида, яке аз соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ба ҳисоб рафта, дар худ самти мақсадноке дорад, ки фаъолияти маърифатии одамонро баҳри ба даст

овардани дониш, маҳорат, қобилият равона месозад. Яке аз мақсадҳои муҳимми таҳсилот ин муносибати дурусти фард бо дастовардҳои тамаддуни башарӣ ва нигоҳдории ин дастовардҳо мебошад.

Дар даҳсолаи охир ҷаҳон муносибаташро ба тамоми намуди таҳсилот дигар кард. Таҳсилот, бахусус таҳсилоти олӣ, ҳамчун омил (фактор)-и асосии прогресси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст. Сабаби чунин таваҷҷуҳ дар он фаҳмида мешавад, ки арзиши муҳимтарин ва сармояи асосии ҷомеаи муосир шахс ба ҳисоб меравад, бахусус ашхоси боистеъдоде, ки дар ҷӯстуҷӯи донишҳои нав ва нобиғаҳое, ки дар ҳалли масъалаҳо мустақилияти фикрӣ доранд. Низоми таҳсилот, хусусан таҳсилоти олӣ дар ҷомеа ҳамеша чун ниҳоди интиқоли дониш, асоси рушди тадқиқоти илмӣ ва технологияҳои нав нақши муҳим мебозид.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ СЕКУЛЯРИЗМ ДАР СОТСИОЛОГИЯ

Муҳаммадқодири Н. – ассистенти кафедраи сотсиологияи ДМТ

Заминаҳои пайдоиши мафҳуми секуляризатсия ба даврони Эҳё, яъне реформатсияи аврупоии асри 16, дар таълимоти файласуфони фаронсавӣ, маърифатнокии танқиди таърихии Библия рост меояд. Зоҳиршаии секуляризатсия гуногунранг буда, аз замонҳои қадим ин равандро дар Ғарб мавриди омӯзиш қарор дода буданд. Муҳаққиқони ин соҳа чунин ақида доранд, ки ягон ҳодиса ё раванде нест, ки онро секуляризатсия намоем, онҳо фикр мекунанд, ки ин як раванди зиддидинӣ мебошад, на ин ки як мафҳуми илмӣ. Муҳаққиқи рус доир ба сотсиологияи дин Гараҷа В. се назарияро доир ба секуляризатсия пешниҳод менамояд:

1.Секуляризатсия ҳамчун нестшавии муқаддасот.

2.Секуляризатсия -аз байн бурдани дин ба воситаи илм.

3.Секуляризатсия ҳамчун эволютсияи динӣ.

Сотсиологони мащҳури асри 19 Огюст Конт, Эмил Дюркгейм, Герберт Спенсер, Карл Маркс ва Зигмунд Фрейд комилан боварӣ доштанд, ки дар ҷомеаи суннатӣ дин тадриҷан мазмуни худро гум мекунад ва шаклҳои навро соҳиб мешавад. Дар замони Эҳё секуляризатсия ногузир раванди таърихии бартарии муқаддасотро барҳам дод. «Тадриҷан муқаддасот нест мешаванд, ғайр аз ҳаёти шахсӣ». Макс Вебер дар «Ахлоқи протестантӣ ва рӯҳи сармоядорӣ», «Иқтисодиёт ва ҷомеа», инчунин, Эмил Дюркгейм дар асари худ «Шаклҳои ибтидоии ҳаёти динӣ» тарафҳои таҷрибавии ҳайёти диниро дида баромадаанд. Онҳо қайд менамоянд, ки расму оин ва маросимҳои динӣ дар ҷомеа нақши асосиро бозӣ мекарданд ва ҳамфикрии иҷтимоиро таъмин менамуданд, аммо ба ҷомеаҳои саноатӣ тафриқаи функсионалӣ хос мебошад.

Ба ақидаи Дюркгейм, дар ҷомеаи суннатӣ дар рафти суст гаштани моҳияти иҷтимоии дин, нақши институтҳои динӣ тадриҷан кам мешавад ва дар охир ба анъанаҳои расму оин ва маросими никоҳ ва ғайра табдил меёбад. Назарияи функсионализми эволютсионӣ дар давраи баъди ҷанги дуюми ҷаҳон дар сотсиологияи динии Ғарб хеле машҳур гардид. Масъалаи омӯзиши секуляризатсия дар сотсиология аз миёнаи солҳои 60-уми асри 20 фаъолона муҳокима мешуд, вақте ки анъанаҳои динӣ дар ҷаҳони Ғарб зоҳир шуда буданд, сухан дар бораи бартарияти аздастдиҳии дин меравад, ки мафҳуми иҷтимоии худро гум кардааст. Яке аз назарияҳои машҳури секуляризатсия ба К. Доблер тааллуқ дорад. Ӯ қайд менамояд, ки секуляризатсия дар се сатҳ ба амал меояд:

- дар сатҳи макро (тағйирёбии сохтори ҷомеа ва мубаддал гаштани дин ба яке аз зерсистемаҳои он);
- дар сатҳи мезо (тағйирёбии мақоми динии ташкилотҳо ва маргинализатсияи онҳо);
- дар сатҳи микро (тағйирёбии ҷаҳонбинии фард).

Сотсиологи америкоӣ Бергер, яке аз муаллифони бонуфузи назарияи секуляризатсия, соли 1967 дар китоби «Муқаддасоти пинҳонӣ» ба сифати секуляризатсия «бухрони ҳақиқатмонанд»-ро дар дин чудо намуд ва қайд намуда буд, ки дин ва сохтори иҷтимоӣ дар ҳолати ҳамкории деалектикӣ қарор доранд.

Дунявият ё ба истилоҳ секуляризм дар чанд маъно истифода мешавад:

- ивазшавии моликияти ибодатгоҳҳои динӣ ба дунявӣ;

- мусодираи амволи муассисаҳои динӣ ва интиқоли онҳо ба ҳукумати дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- аз фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ва зеҳнӣ озод намудани таъсири дин.

Ҳамин тариқ, секуляризм ё дунявият чизеро аз таъсири калисо баровардан ва ба муассисаҳои шаҳрвандӣ супурдан ва аз таъсири калисо раҳо карданро ифода менамояд.

ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Зеваров Х. – старший преподаватель кафедры социальной работы ТНУ

Инклюзивное образование в Республике Таджикистан гарантировано Конституцией Республики Таджикистан. Так, в первой статье Конституции Республики Таджикистан отмечается, что Таджикистан, является социальным государством, создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие каждого человека. Согласно статье 34 «мать и ребенок находятся под особой защитой и покровительством государства». Родители ответственны за воспитание и обучение детей, а совершеннолетние и трудоспособные дети ответственны за уход и социальное обеспечение своих родителей. Государство заботится о защите детей-сирот и инвалидов, их воспитании и образовании.

На основе статьи 41 «каждый имеет право на образование». Общее основное образование обязательно. Государство гарантирует общее основное обязательное бесплатное образование в государственных учебных заведениях. Каждый, в рамках, определенных законом, может получить бесплатное общее среднее, начальное профессиональное, среднее профессиональное и высшее профессиональное образование в государственных учебных заведениях. Другие формы получения образования определяются законом.

Республика Таджикистан предприняла немало усилий по реформированию и модернизации системы образования для детей с ограниченными возможностями (ДОВ). В настоящее время на уровне Правительства Республики Таджикистан поддерживается инициатива, направленная на развитие и совершенствование инклюзивного образования в республике. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» содержит специальные статьи об образовании для детей с особыми потребностями. Законы Республики Таджикистан «О социальной защите инвалидов в Республике Таджикистан», «Стандарт образовательного учреждения интернатского типа в Республике Таджикистан» и «Примерное положение общеобразовательных учреждений Республики Таджикистан», в свою очередь, предусматривают правила приема, внутреннего распорядка, управления, финансирования и медицинского обслуживания в этих школах, Национальная концепция инклюзивного образования для детей с ограниченными возможностями в Республике Таджикистан на 2011-2015 годы, Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей», Закон Республики Таджикистан «О защите прав ребёнка».

В «Стратегии сокращения бедности в Республике Таджикистан на 2007-2009 гг.» отмечено следующее: «Разработать Концепцию и осуществить комплекс мероприятий по включению в образовательный процесс детей с ограниченными физическими возможностями». На основании этого важного документа была разработана Национальная концепция инклюзивного образования для детей с ограниченными возможностями в Республике Таджикистан на 2011-2015 годы, где определены принципы и задачи по вовлечению в процесс обучения детей с физическими отклонениями.

В Статье 24 Закона Республики Таджикистан "О социальной защите инвалидов в Республике Таджикистан" также определены положения, касающиеся образования и профессионального обучения инвалидов. В нем подтверждается, что люди с инвалидностью в Таджикистане обладают социальными, экономическими, политическими и личными правами, гарантированными Конституцией Республики Таджикистан для всех граждан Таджикистана. Нормативно-правовая база в области образования лиц с ограниченными

физическими и умственными возможностями в Республике Таджикистан основывается также на следующих документах, признанных и подписанных Правительством РТ: Декларация прав ребенка, Конвенция о борьбе с дискриминацией в области образования Конвенция о правах ребенка и Стандартные правила обеспечения равных возможностей для инвалидов.

БЕПАРАСТОРИИ КӮДАКОН ҲАМЧУН МАСЪАЛАИ ИҶТИМОӢ

Каримзода М. И. – докторанти кафедраи кори иҷтимоии ДМТ

Номувозинатии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият ва давлат рӯз то рӯз шумораи кӯдаконеро, ки дар шароити номусоид умр ба сар мебаранд, афзоиш медиҳад. Солҳои охир нишонаи асосӣ ва фарқкунандаи чунин кӯдаконро метавон бо ятимӣ ва беназоратии онҳо дар оила дарк намуд. Ин равандҳои манфӣ то дараҷае бо заифияти нақши оилавӣ, пастшавии масъулияти волидон барои тарбия ва таҳсили кӯдакон, вазъи мушкили шароити моддӣ, вазъи номусоиди иҷтимоӣ-психологӣ, авҷгирии муттасили бераҳмиву золимӣ ва ҳисси бадхашмӣ дар муносибатҳои дохилиоилавӣ алоқа дорад.

Баҳогузорӣ ба масъалаи бепарасторӣ ё беназоратии кӯдакон дар кишвари мо гуногун аст: ин шумора аз 5 то 6 ҳазор нафар кӯдак меафзояд. Бо вуҷуде ки имрӯзҳо дар васоити ахбори оммаи кишвари мо ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва рӯ гардонидан аз зуҳуротҳои номатлуби ҷамъятӣ тарғиб гардида истодааст, пешгирии ин масъала қатъ нагардидааст. Ба чорабиниҳои фаъоли сиёсати давлатӣ дар доираи пешгирии зуҳуротҳои хатарнок нигоҳ накарда, ин тамоюлро паст намудан имконнопазир гардида истодааст, чунки пайдоиши ибтидоии ин зуҳурот аз оила сарчашма мегирад.

Имрӯзҳо кумак ба ин гурӯҳи рақобатнопазири аҳолӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад. Яке аз воситаҳои самаранок дар муносибат бо бартарафкунии масъалаи бепарастории кӯдакон чораҳоеро дар бар мегиранд, ки характери пешгирӣ ва маҷмӯиро дошта бошанд. Дар муносибат ба ин категорияи аҳолӣ аллакай корҳои зиёде иҷро гардидаанд, ки дар маҷмӯъ, муддати муайяне паҳнашавии ин падида қатъ гардида, устуворӣ дар вонамудшавии он ба назар мерасид. Аммо кӯдакони бепарастор ва беназорат бояд дар зери объекти таваҷҷуҳи давлат ва ҷамъият бошанд.

Кӯдак қонунан дар зери ҳифзи иҷтимоӣ аз ҷониби давлат ва ҷамъият қарор дорад. Воқеан, ояндаи кӯдак аз насли навраси имрӯза вобаста аст. Кӯдаки рақобатпазир кӯдакест, ки ҳамчун шахс ва аъзои ояндаи ҷамъият амал мекунад. Агар мувофиқан баҳогузорӣ намоем, кӯдак дар ҳоле рақобатнопазир мегардад, ки шароити талаботҳои муҳимми ӯ то дараҷае қонеъ нагардад. Муҳайё намудани шароити мусоид барои кӯдакон, маҳдудкунии омилҳои мусоидаткунандаи таъсири манфидошта ва назорати ҷиддӣ бурдан аз болои рафтори кӯдакон – асоси самти кори профилактикии давлат ва ҷамъият ба шумор меравад.

Камбизоатӣ, майхорагии волидон, мавҷуд набудани таваҷҷуҳ ба талаботҳои кӯдак яке аз омилҳоест, ки ба тарзи ҳаёти бепарасторӣ бурда мерасонад. Кӯдаконе, ки ба ҳоли худашон гузошта, аз эътибор дур мондаанд, дар аксар маврид ҳамчун шахси комил инкишоф намеёбанд. Онҳо сафи ҷиноятконронро меафзоянд ва ин ҳақиқати баҳснопазир мебошад. Манфиат, чун қоида, таъқибгари мақсадҳои мусоид нест, аммо дар синни кӯдакӣ тасаввуроти устувор дар бораи гузаронидани тарзи ҳаёт ташаккул меёбад. Пас ҳар чизе, ки дар кӯча (тарбияи кӯчагӣ) омӯзонида мешавад, оқибати хуб надорад.

Ба профилактикаи иҷтимоӣ қариб тамоми аъзоёни ҷомеа эҳтиёҷ доранд, бахусус шахсоне, ки ба гурӯҳи хатар шомил мегарданд: кӯдакони хурдсол, наврасон, пиронсолон, инчунин шахсоне, ки тарзи ҳаёти ғайрииҷтимоӣ доранд. Раҳёфти асосӣ нисбати ин категорияи одамон шаклҳои хизматрасонӣ дар доираи профилактикаи иҷтимоӣ мебошад, ки технологияи аслии ин масъала бояд лаҳзаҳои манфиро дар бар нагирифта, балки захираҳои мусбии чунин гурӯҳи хатарро ба инобат гирад.

Вазифаҳои асосии фаъолияти профилактикии бепарасторӣ ва ҳуқуқвайронкунии ноболиғону кӯдаконро чунин тасниф намудан мумкин аст:

- огоҳии беназоратӣ, бепарасторӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва амалиёти зиддиҷтимоии ноболиғон;

- ошкоркунӣ ва бартарафкунии сабаб ва шароитҳо;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғон;
- офиятбахшии иҷтимоӣ-педагогии ноболиғоне, ки дар ҳолати хатари иҷтимоӣ қарор доранд.

Фаъолияти профилактикии беназоратӣ ва бепарастории ноболиғону кӯдакон заминаи мавҷудаи тарбияи насли нав ба шумор меравад. Кӯдак яку якбора, худ аз худ ё бесабаб бепарастор намегардад. Одатан, хусусиятҳои зиддииҷтимоии шахсияти кӯдак тадриҷан то таркишёбии муносибати оилавӣ ва мактабӣ ташкил ёфта, рӯ ба кӯча меорад ва ба бепарасторӣ мегузарад.

Огоҳии беназоратӣ ва бепарасторӣ пеш аз ҳама, ошкоркунӣ ва бартарафкунии омилҳои муайян мебошад. Дар огоҳкунии беназоратӣ ва бепарастории кӯдакон низоми профилактикии умумиҷамъиятӣ нақши калидӣ дорад.

Ба сифати чораҳои профилактикаи умумиҷамъиятӣ чунин омилҳо хизмат мекунанд:
- қабули фаврӣ ва иҷроиши бечунучарои қонун, ки хусусияти умумибашарӣ дошта, дар сурати иҷро нагардидан, пешакӣ чораҳои қатъӣ андешида мешаванд;
- ҳалли проблемаи оилавӣ, муносибатҳои оилавӣ, беназоратӣ ва бепарастории кӯдакон дар оилаҳои номусоид;
- таъминоти моддии варзиш, санъат, эҷодиёт, ҳунар ва фароғати кӯдакона;
- самти ахлоқӣ-маънавии кори тарбиявӣ бо кӯдакон ва наврасони каҷрафтор;
- ташкили ҳуқуқии “маҳви бесаводӣ” тавассути васоити ахбори оммаи дастрас;
- қатъ гардонидани таблиғи зӯроварии маданӣ, шаҳвонӣ ва фасод ба воситаи ахбори омма (кам нестанд ҳодисаҳое, ки дар филмҳо ё наворҳои ҷиноӣ намоиш медиҳанд, ба ҳаёти воқеӣ табдил меёбанд);
- баланд бардоштани сатҳи корҳои профилактикии натиҷаовари инфиродӣ доир ба проблемаи беназоратӣ ва бепарастории наврасон.

ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО ПРОСВЕТИТЕЛЬСТВА

Муллобоева Д. – к.ф.н., доцент, заведующая кафедрой социальной работы ТНУ

Приобретение Таджикистаном государственной независимости привело к ключевым изменениям не только в общественной жизни, но и в научной и интеллектуальной сферах. Начался новый период, и появилась возможность внести значительные изменения в интеллектуальную сферу посредством активного изучения общественного и философского наследия таджикского народа. Это было связано с тем, что без исследования общественно-политических, философских и социальных воззрений таджикских мыслителей оказывать влияние на самопознание нации и развитие современного общества, а также воспитание молодого поколения в духе гуманизма и патриотизма было бы невозможным.

Как известно, просветительство является социально-политическим и литературно-культурным движением. Его представители считали духовность и просвещение народа основными факторами развития общества, а непросвещенность и бездуховность - признаками отсталости членов социума и самого общества в целом. Просветители также считали, что просвещение является не только залогом развития общества, но и средством освобождения народа от гнета и притеснения.

Среди того огромного наследия, которое начало подвергаться тщательному исследованию, произведения и идеи мыслителей второй половины XIX-начала XX в., представляющих общественно-политическую мысль таджикского народа, являются ключевыми источниками. В этот период появилось таджикское просветительство, хотя, конечно, просветительскии идеи имели исторические корни в общественной мысли таджикского народа и предшествующих времен.

Указанный период тесно связан с именами основателей и представителей реформаторско-просветительского движения, среди которых особо выделяется Ахмад Дониш (1827-1898), Ахмад Дониш изучив прогрессивные идеи предков, развил их и внес свой весомый в историю общественно-политической и литературной мысли таджикского народа

Поэтому Академик Бертельс Э. справедливо назвал Ахмада Дониша основоположником новой литературы.

Подводя итог анализу вышеизложенных идей просветителей, необходимо подчеркнуть, что если анализировать таджикское просветительство конца XIX-начала XX в. в общих чертах, выясняется, что, хотя у них отсутствовала отдельная специальная программа, но одной из основных их целей было реформирование школы и культуры в целом. Они стремились изменить содержание и методы обучения в медресе, предлагая ввести в мусульманские школы общеобразовательные предметы, в частности преподавание родного и русского языков. Второе поколение таджикских просветителей стремилось к созданию в обществе предпосылок для претворения в жизнь этой программы, в целях которого они издавали газеты, журналы, новые учебные пособия. В целом просветители намеревались полностью изменить содержание и методы обучения в учебных заведениях своей страны.

Таким образом, таджикское просветительство, как общественное движение, со времени своего появления до начала XX в. прошло различные этапы развития и совершенствования под идейным предводительством родоначальника новой таджикской философии Ахмада Дониша, и в конце оформилось в виде отдельного общественно-политического течения, получившего название «джадидизма».

ТАЪСИРИ ТАРЗИ ҲАЁТИ ШАҲРӢ БА САТҲИ АФЗОИШИ АҲОЛӢ

Расулов О. – ассистенти кафедраи кори иҷтимоии ДМТ

Муҳаққиқон борҳо кӯшидаанд, ки мушкилоти муосири демографиро бо хусусиятҳои ҳаёти инсон дар шаҳрҳои калон пайванд кунанд. Қонунияти умумӣ дар он ифода ёфтааст, ки сатҳи таваллуд дар аҳолии деҳот одатан нисбат ба аҳолии шаҳр баландтар аст.

Рафтори демографии аҳолӣ дар шаҳр аз хусусияти иштироки онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ равшан нишон медиҳанд, ки дар шаҳрҳо, хусусан шаҳрҳои калон, занон ба раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб шудаанд. Ба ғайр аз ин, сатҳи маълумоташон баландтар буда, ин боиси сатҳи таваллуди пасттар мешавад.

Нақши мустақили иҷтимоиву психологии тарзи ҳаёти шаҳрӣ ҳангоми таъсир ба механизми такрористеҳсоли аҳолӣ анъана ва урфу одатҳои репродуктивиро вайрон мекунад. Шаҳриро нисбат ба деҳотиҳо бо дигар одамон робитаи бисёртар доранд, зеро қонеъ гардонидани талаботҳои сокинони шаҳр аз дигарон бештар вобаста аст. Ин, дар навбати худ, ба табодули иттилоот оварда мерасонад. Илова бар ин, бисёре аз меъёрҳои анъанавии рафтор дар шаҳр бинобар ниёзҳои афзояндаи инсон ва пайдоиши роҳҳои нави қонеъ кардани онҳо тадбиқ карда намешаванд. Урбанизатсия баланд шудани "дараҷаи озодӣ", роҳҳои қонеъ кардани ниёзҳои маънавӣ ва моддиро ҳамроҳӣ мекунад. Хусусан, зиндагӣ дар шаҳр заминаҳои зуд паҳн шудани оилаи хурдро фароҳам меорад.

Ю. А. Минаев ва И. В. Поляков як қатор сабабҳои фарқияти такрористеҳсолнамоии шахсро дар шаҳр ва деҳот нишон медиҳанд. А. Г. Волков ин тамоюлро бо издивоҷ пайваст мекунад: дар шаҳрҳо одамон назар ба деҳот дертар издивоҷ мекунанд.

С. Жученко ва В. С. Стешенко инро бо шароити махсуси зиндагӣ дар шаҳрҳо алоқаманд медонад: яъне дар шаҳр имконияти таҳсил кардан зиёд аст ва мушкилоти норасоии манзил низ бештар эҳсос мешаванд.

Л. Е. Дареки, тафовутҳои байни шаҳр ва деҳаро таҳлил намуда, ба тағйирёбии меъёрҳои ахлоқии ҷавонон ва ивазшавии назари онҳо ба издивоҷ алоқаманд медонад.
Таваллуд бевосита бо хоҳиши ҳамсарон барои фарзанддор шудан алоқаманд аст. Аммо ин хоҳиш зери таъсири вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳрҳо ба таври назаррас коҳиш меёбад. Занҳои шаҳрӣ таваллуди кӯдакро баъд аз кӯдаки аввал ва занони деҳот пас аз фарзанди дуюм ва савум маҳдуд мекунанд.

Дар байни сабабҳои назорати дохилиоилавӣ дар шаҳр, функсияҳои оила ва мавқеи зан дар ҷомеа ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Дар зери таъсири урбанизатсия низоми нави тамоюли арзишҳо ва муносибатҳо нисбат ба оила ташаккул меёбад. Ин, инчунин, ба

муносибатҳои репродуктивӣ дахл дорад. Тафовут байни шумораи идеалӣ ва шумораи дилхоҳи кӯдакон дар шаҳрҳо назар ба деҳот бештар мушоҳида карда мешавад.

Ҳамин тавр, тамоюлҳои асосии сатҳи таваллуд дар шаҳр ба зуҳуроти урбанизатсияшудаи тарзи ҳаёт марбут дониста мешавад. Аммо, танҳо ин омилҳоро алоқаманд кардан кифоя нест, балки шарҳ додани нақш ва таъсири урбанизатсия дар "механизми" такрористеҳсоли аҳолӣ зарур аст. Паст шудани сатҳи таваллуд, тавре ки таъкид кардем, ба як қатор омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, биологӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, ки ба тарзи муосири зиндагии шаҳр таъсир мерасонанд, вобаста аст.

БАЪЗЕ РАВИЯ ВА ТАЪЛИМОТҲО ДАР БОРАИ СИСТЕМАИ СИЁСӢ

Қаландаров К. – ассистенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Дар доираи назарияи сиёсӣ таълимот дар бораи системаи сиёсӣ мақоми хосса дорад. Бояд зикр кард, ки чандин даҳсола мешавад, ки мафҳуми «системаи сиёсӣ» ба илм ворид гардида, хусусиятҳои нав ба навро вобаста ба рушди ҳаёти сиёсӣ ба худ касб менамояд. Системаи сиёсӣ категорияи интегралии илми муосири сиёсӣ ба ҳисоб рафта, таҳлили гуногунҷабҳаи сиёсатро имконпазир мегардонад. Дар нимаи дуюми асри XX муносибати системанок нисбати ҳаёти сиёсӣ ва раванду ҳодисаҳои гуногуни он мавриди истифода қарор гирифт. Дар заминаи баамалбарории муносибати мазкур имконият фароҳам омад, ки раванди идоранамоии давлативу сиёсӣ ва қабули қарорҳои сиёсӣ ҳаматарафа баррасӣ шаванд.

Дар назари аввал чунин менамояд, ки рӯ овардан ба мафҳумҳои «система», «системаи иҷтимоӣ», «системаи сиёсӣ» ва ғайра чандон муҳим нест. Вале баъд аз муносибати воқеӣ ва таҳлили амиқ бармеояд, ки рӯоварӣ ба назарияи сиёсат аз дидгоҳи системанокӣ ва коркарди асосҳои назарияи системаи сиёсӣ дар замони муосир бениҳоят муҳим мебошад.

Таълимоти назариявии системаҳои сиёсӣ имкон медиҳад, ки шакл ва тарҳи мушаххаси системаҳои сиёсӣ мураттаб гардонида шуда, таҳлили муқоисавии онҳо вобаста ба айнияти ва тафовуташон ба амал бароварда шавад. Ҳамзамон, донистани асосҳои мазкур боис мешавад, ки омилҳои системаи сиёсиро фарогиранда ва ангезаҳои «воридшавӣ» ва «хориҷшавӣ»-и системаи сиёсӣ таҳлил карда шаванд. Омӯзиши категорияи «системаи сиёсӣ» вобаста ба равандҳои трансформатсионӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотии муосир хеле актуалӣ мебошад.

Яке аз заминаҳои омӯзиши назариёти системаҳои сиёсӣ аз солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX оғоз гардид. Гарчанде даҳсолаҳо сипарӣ шуда бошад ҳам, вале ин тарзи муносибат аҳамияти худро дар доираи илмҳои мухталиф то ба имрӯз нигоҳ доштааст. Мафҳуми «система» аз калимаи юнонии systema гирифта шуда, маънои бутунеро ифода мекунад, ки мураттаб аз қисмҳост ва ҳолати пайвастнамоиро низ дар худ инъикос мекунад. Тӯли асрҳои зиёд диққати донишмадону мутафаккирон ба масъалаҳои «пешазсистеманокӣ»-и воқеияти инсонӣ равона гардида буд, ки омӯзиши бардавоми онҳо ба дарки унсури системанокии ҳаёти ҷамъиятӣ оварда расонид.

Яке аз масъалаҳои муҳимми «пешазсистеманокӣ»-и воқеияти инсонӣ ин таносуби байниҳамдигарии ҷузъ ва кулл мебошад. Дар асарҳои файласуфони даврони гузашта нисбат ба ин масъала диққати зиёд равона гаштааст. Аввалин тасаввуротҳо дар бораи система дар Юнони қадим зиёда аз 2500 сол пеш ба миён омадаанд. Дар аснои таҳлили осори донишмандони он замон маълум мешавад, ки мафҳуми «система» аз тарафи онҳо аз нигоҳи онтологӣ маънидод карда мешуд. Ҳамин тариқ, самаранокии системаи сиёсӣ дар ҳолате имконпазир мегардад, ки тағйироти дар ҷомеа баамаломада суботи иҷтимоию сиёсиро таъмин намояд. Агар тағйирёбии системаи сиёсиро ҳамчун хусусияти функсионалии он маънидод намоем, пас амалнамоӣ ва худнигоҳдории онро хосиятҳои асоситарини он муайян карда метавонем. Ба андешаи мо, таваҷҷуҳи асосии Д. Истон асосан ба муносибатҳои байниҳамдигарии системаи сиёсӣ ва муҳити беруна равона шуда, равобити унсурҳои таркибии худи система, ки мувозинати бардавоми ҷомеаро таъмин менамояд, сарфи назар гаштаанд.

МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ЛЕГИТИМИЯТИ ҲОКИМИЯТ

Сафаров Б. С. – унвонҷӯи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ

Масъалаи легитимияти ҳокимият дар доираи илмҳои сиёсӣ мавзӯи нав буда, марбут ба замони нав аст. Омӯзиши легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ таърихи начандон тӯлонӣ дорад. Масъалаи мазкур аз асри XX вориди илм гардидааст ва дар шароити мактабҳои илмии немис ба тариқи пурра омӯхта шудааст ва паҳлуҳои гуногуни мавзӯи мазкур таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Дар шароити ватанӣ ба ин масъала кам таваҷҷуҳ шудааст. Сабаби аслияш шояд он бошад, ки легитимиятро аз легалият фарқ накардаанд. Мутассифона, бисёр муҳаққиқон мафҳумҳои "легитимият" ва "легалият"-ро аз ҳам фарқ карда наметавонанд, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо инҳоро як мешуморанд.

Масъалаи мазкур таваҷҷуҳи доираҳои дигари илмӣ, аз қабили ҳуқуқшиносӣ, равоншиносӣ ва фалсафаи иҷтимоиро низ ба худ ҷалб намудааст. Дар аксар маврид як қатор муҳаққиқон ва ҳуқуқшиносон дар зери мафҳуми легитимияти ҳокимият қонунӣ будани ҳокимиятро дар назар доранд. Зеро легитимияти ҳокимият дар баробари қонунӣ будан, инчунин, эътироф гаштанро низ фаро мегирад. Масалан, дар амалияи сиёсӣ ҳолатҳоеро метавон мушоҳида кард, ки ҳокимияти давлатӣ бо роҳи ғайриқонунӣ ғасб мегардад, вале аз ҷониби оммаи мардум эътироф мегардад ва бараъкс, ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки ҳокимият қонунист, аммо аз ҷониби халқ эътироф намегардад.

Аз ин сабаб масъалаи мазкур сирф характери сиёсӣ дошта, ба омӯзиш ва баррасии амиқ эҳтиёҷ дорад. Вақтҳои охир ҷомеаҳои мухталифро дигаргуниҳои мураккаби иҷтимоию сиёсӣ фаро гирифтаанд. Ивазшавии сарварони сиёсӣ боиси дигаргун гаштани сарчашмаҳои легитимияти ҳокимият мегардад. Аз ин сабаб, ба риштаи таҳқиқ кашидани мавзӯи мазкур басо муҳим аст.

Легитимият дар мавридҳои мухталиф ва гуногун мафҳумҳои гуногунро ифода мекунад. Инчунин, легитимият (машруият) дар бахшҳои динӣ, муомилот, бахшҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ истифода мешавад ва мафҳумҳои ҷудогонаро ифода мекунад. Масъалаи легитимият аз ду лиҳоз баҳс мешавад яке аз лиҳози фалсафаи ҳуқуқ ва дигар ҷомеашиносӣ мавриди барррасӣ қарор мегирад. Бори аввал мафҳуми легитимият дар илм аз ҷониби ҷомеашиноси олмонӣ Маркс Вебер истифода шудааст. Мафҳуми легитимият бар асоси таълимоти М. Вебер бар асоси чӣ вижагиҳо ва хусусиятҳои қудрат аз дидгоҳи мардум пазируфта мешавад ва эътироф мегардад.Яъне, аз лиҳози сиёсӣ ҳокимиятро мардум таҳти кадом шароит легитимӣ мепиндоранд ва масъалаи мазкур чӣ гуна дар зеҳни мардум шакл мегирад. Масалан, мардум чӣ хел мепазиранд, ки фалон шахс пешво ё раиси ҷумҳур бошад, ба чӣ гуна мардум ин ҳақро ба як шахс қоил мешаванд ва аммо ӯ ҳам як ҳақро барои худ қоил аст, ки метавонад мардумро ба итоати худ дарорад, ин суоли асосист. Дар посух ба ин суол М. Вебер, дар маҷмӯъ, манбаъҳои легитимиятро, дар воқеъ ба он чизҳое, ки бо ручӯъ ба онҳо ҳукумат метавонад худро дар назари мардум легитимӣ бисозад ва мардум ҳам ӯро эътироф кунанд ,иборат аз се қисм медонад:

1.Манбаи анъанавии легитимият- дар ин навъ зиёдтар ба арзишҳои суннатӣ такя мешавад, масалан калонсол будан, пешвои қабила, донишманд будани шахс ва ғайра.

2.Манбаи харизматикии легитимият, ки бештар дар инқилобҳо матраҳ мешавад. Дар инқилобҳо касе дар ҳақиқат метавонад роҳбар бошад, ки аз қудрати фармонфармоӣ бархӯрдор бошад, қобилияти роҳбарии инқилобро дошта бошад. Барои мисол, мо агар ба «Шоҳнома» назар кунем, рӯйи вижагиҳои фараҳмандӣ (хушҳолӣ) зиёд таъкид шудааст, масалан як касе асилзода бошад ё пайванде ба ягон подшоҳ дошта бошад, бояд аз вижагиҳои дигар низ бархӯрдор бошад, то ки ӯро роҳбар созад ва дар давраҳои ҷадид роҳбарони инқилобӣ маъмулан хосиятҳои харизматикӣ ва фараҳмандӣ (хушҳолӣ) доранд, ки шуҷоатмандӣ, заковатмандӣ ва маҳорати роҳбарӣ шомили он аст.

3.Манбаи ақлонию қонунӣ. Ин манбаъро бисёр ҷадид меноманд, асосан, дар олами муосир ҳукумат як абзор аст. Яъне, барои мардум қудрат ва ҳукумат васила аст на ҳадаф. Он манбаи модерни легитимият аст.

ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

К ВОПРОСУ О КОНСТИТУЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Диноршоев А. М. – д.ю.н., профессор,
заведующий кафедрой конституционного права ТНУ

В эпоху глобализации и интеграции различных политико-правовых систем, актуальным становится комплексный подход к изучению различных аспектов безопасности, как отдельно взятой личности, так и всего государства в целом. Понятие «безопасность» является конституционной категорией. Так, согласно Конституции РТ, безопасность государства является основанием для запрета деятельности общественных объединений и политических партий, цели или действия которых ее подрывают (ч. 5 ст. 8). Обеспечение безопасности является одной из главных задач Президента РТ, который для её обеспечения формирует соответствующие органы и руководит ими. Если использовать категорию «безопасность» через призму прав человека, то следует указать положения статьи 16 Конституции РТ в которых указывается, что ни один гражданин республики не может быть выдан иностранному государству и Таджикистан может предоставить политическое убежище иностранным гражданам, ставшим жертвами нарушения прав человека.

Таким образом, Конституция РТ является главным ориентиром, базой реализации государственно-властных полномочий по обеспечению конституционной безопасности в государстве и ее положения непосредственно направлены на разрешение всех возможных противоречий в правотворческой и правоприменительной деятельности.

При этом, следует отметить отсутствие в Республике Таджикистан законодательного определения термина «конституционная безопасность». В юридической литературе все больше принято говорить о необходимости рассмотрения и придания самостоятельного значения такой категории, как «конституционная безопасность».

Такая необходимость продиктована тем, что Конституция отражает различные стороны правовой безопасности личности, безопасности государства и безопасности общества. Конечно, никто не отрицает, что наиболее широкая, в данном случае интегральная, основа юридической и, соответственно, конституционной безопасности личности воплощается в категории национальной безопасности.

Изучение отечественной и зарубежной литературы позволяет нам дать следующее определение конституционной безопасности - это состояние защищенности жизненных интересов личности, общества и государства на основе последовательного обеспечения верховенства права, баланса конституционных ценностей, обеспечение защиты основ конституционного строя, которые включают в себя нормы Конституции, регламентирующие исходные начала системы права.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ НИҲОДҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ДЕМОКРАТИЯИ БЕВОСИТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Гадоев Б. С. – д.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ

Асосан, дар илми ҳуқуқи конституцсионӣ масъалаҳои марбути ниҳоди демократияи бевосита ба сифати роҳи ҳалли муҳимми ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мавриди таҳлил қарор мегиранд. Бояд қайд намуд, ки таҳкими конституцсионии ниҳодҳои демократияи бевосита дар ҶТ аз муътақиди арзишҳои умумиинсонӣ будани кишвари мо гувоҳӣ медиҳад. Тоҷикистони муосир роҳи тағйироти демократиро бо қатъият пеш гирифтааст. Дар шароити ба ҳама маълум кишварамон роҳи барояш муносиби демократияи бевоситаро чун асос қабул намуд ва дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам кард. Акнун мо қариб тамоми нишонаву ниҳодҳоеро, ки барои давлати муосири мутамаддини демократӣ лозиманд, дорем. Тайи се даҳсола, ки Тоҷикистон паси сар кард, ин ҷиҳатҳои мусбат ба таври аён дар шакли интихобшудаи сохти демократии давлат зоҳир гардиданд.

Лозим ба ёдоварист, ки анъана (ҳувият) ва рӯҳияи ҷомеаи тоҷикон, дар маҷмӯъ, мувофиқ ба арзишҳои демократӣ ҳастанд. Эҳтирому таҳаммули ҳамдигар, ризоият, иҷтимоиёт, дастаҷамъӣ (коллективизм) ва ҳамбастагӣ ҳамеша аз хосиятҳои халқи мо буданд, вале набудани таҷрибаи тадбиқи амалии механизмҳои демократия дар аксарияти мутлақи аҳолӣ дар тамоми тӯли таърихи дурударозамон ба мо имкони ба пуррагӣ зоҳир намудани ташаббуси шаҳрвандӣ ва тадбиқ намудани бартарии давлати ҳуқуқбунёдро ба осонӣ даст намедиҳад. Маҳз ҳамин «қитъаи сусттаринест», ки мо бояд мувофиқи шароити Тоҷикистон, бо дарназардошти ҳама бартариву камбудиҳоямон ҳамаҷониба ва бо суръати баланд онро инкишоф диҳем ва таҳким бахшем.

Таҳлили ҳамаҷонибаи амалияи тадбиқи демократияи бевосита дар ҶТ нишон медиҳад, ки ислоҳоти давлатдории тоҷик имрӯз ба самти таҳкими принсипҳои демократия, густариши ҳуқуқи инсон, эътирофи халқ ба ҳайси сарчашмаи ягонаи ҳокимият, соҳибихтиёрии давлат, пеш рафта истодааст. Дар ин шароит тадбиқи ниҳодҳои демократияи бевосита воситаи самараноки таҳкими принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ шуда метавонад.

Қайд бояд кард, ки ислоҳоти меъёрҳои конституцсионӣ ҳодисаи фавқулода аст ва бояд танҳо дар он сурат воқеъ шавад, ки ин меъёрҳо монеи рушди минбаъдаи ҷомеа нагарданд. Азбаски дар Конституцсияи амалкунандаи ҶТ ягон монеа баҳри инкишофи ниҳодҳои демократӣ вуҷуд надорад, пас, зоҳиран бояд қабул кард, ки ислоҳоти минбаъдии қонунгузории оид ба интихоботу раъйпурсӣ дар чорчӯбаи конституцсионӣ имконпазир аст ва онро бо роҳи такмили қонунҳои конституцсионӣ ва муқаррарии амалкунанда, қабули сандаҳои нави зерқонунӣ, такмили амалияи тадбиқи ҳуқуқ пеш бурдан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки ба андешаи бархе аз муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ, камбудию мушкилиҳои эҳтимолии рушди демократияи бевосита имкон намедиҳанд, ки демократияи бевосита усули босамартарини тадбиқи ҳокимият дониста шавад. Зимнан, ҳамчунин бояд гуфт, ки дар ҷаҳони муосир шаклҳои олии демократияи бевосита бо суръати том рушд ёфта истодаанд. Албатта, ин воқеият тавзеҳи бештарро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, ниҳоди ҳуқуқи конституцсионии демократияи бевосита имкони бештари қонуниятмандии қарорҳои қабулшавандаро таъмин намуда, дар бартараф намудани мушкилоти сиёсӣ ёрӣ расонида, дар ҳолати бетаъсир гардидани тарзҳои ҳамоҳангсозии манфиатҳои субъектони сиёсати оммавӣ ва мақомоти ҳокимиятӣ ба шаҳрвандон тарзу усули иловагии ҳалли масоили аҳамияти ҷамъиятидоштаро фароҳам меоварад. Вале мо қисман бо ин ақида мувофиқем, ки ниҳоди мазкур аз камбудиҳо орӣ нест (эҳтимоли қабули қарорҳои бесалоҳият, зери таъсири гурӯҳҳои фишоровар мондани шаҳрвандон, набудани масъулияти шахсӣ барои оқибатҳои қабулкунии қарор ва ғ.), барои ҳамин дар мавриди аҳамияти ниҳодҳои демократияи бевосита дар низоми ҳуқуқи конституцсионии давлат ба муболиға набояд роҳ дод.

Ниҳодҳои демократияи бевосита аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи шакл, расмиёт ва қоидаҳо иборат мебошанд, ки ба воситаи онҳо субъектони (ширкаткунандагони) ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон бевосита ва бо дарназардошти изҳори иродаи ҳокимиятии худ, ҳокимияти оммавиро бо тариқи қабули қарорҳои демократӣ оид ба масъалаҳои асосии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд. Ҳамин тариқ, баъди таҳқиқи афкори гуногун гуфтан мумкин аст, ки асоси таносуби шаклҳои олии демократияи бевосита аз дигар шаклҳои изҳори ирода чунин аст:тақсими онҳо дар конституцсия ба шаклҳои олӣ ва шаклҳои дигар; фарқият аз лиҳози доираи вазифа, мақсад ва вазифаҳо (функсияҳо); ҳатмӣ будани қарори қабулшуда; ҳатмӣ будани баргузоркунӣ; аз лиҳози ҳатмӣ будани он ҳамчун шакли ҳокимиятдории халқӣ; вобаста ба расмиёти баргузорӣ; вобаста ба теъдоди ширкаткунандагон; вобаста ба ташаббускорон.

РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ПАРЛАМЕНТАРИЗМА В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ

Имомов А. И. – к.ю.н., профессор кафедры конституционного права ТНУ

Парламент как выборное коллегиальное учреждение, обладающее законодательными, финансовыми, контрольными и судебными полномочиями, распространяющее свою юрисдикцию обычно на всю территорию страны, издавна функционирующее в западных странах, в годы независимости утвердилась и в наших суверенных независимых государствах. Существовавшие ранее советские высшие представительные учреждения в силу своей идеологической накладки, классовой предпосылки являлись парламентами особого рода, советского типа. Вождями социалистических государств, игнорировался парламент западного типа, как орудие выражения воли и интересов имущих классов, т.е. буржуазии. Утверждался преимущество Советов, их принципиальное отличие от буржуазного парламента, Советы как органы выражения воли и интересы всех трудящихся и по мере своего укрепления и развития, превращающихся в органы выражения воли и интересы всего народа.

В современном мире мало найдется государства, обходящие без высшего представительного органа типа парламента. Уже достаточно давно он превратился в составной части государственного аппарата, со свойственными государственно-властными полномочиями, главным из которых является законодательные полномочия. Общепризнано, что парламент единственный орган законодательной власти, которую осуществляет в строго определенных организационно-правовых формах. В виде исключения конституционное законодательство может предусмотреть институт делегированного законодательства, по конкретным вопросам правительственных задач и имеет заранее определенные сроки реализации.

ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИИ РОТАТСИЯИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ

Ойев Х. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ

Таъмини ҳуқуқии ротатсияи хизматчиёни давлатӣ дар заминаи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) зидди коррупсия аз сентябри соли 2006, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 16 апрели соли 2008 таҳти №952 ратификатсия карда шудааст, Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 11 марти соли 2010 таҳти №603 ба Қонуни амалкунандаи ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати дипломатӣ» аз 31 декабри соли 2014 таҳти №1173, Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004 таҳти №41, Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии ҶТ (минбаъд – Қоидаҳо) бо фармони Президенти ҶТ аз 22 июли соли 2019 таҳти№1328 тасдиқ шудааст, Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии ҶТ, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 14 ноябри соли 2012 таҳти №1369 (Қоидаҳо) тасдиқ шудааст, сурат мегирад.

Мутобиқи муқаррароти Конвенсияи СММ, Тоҷикистон ҳамчун давлати иширокчии Конвенияи СММ мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ сиёсати самаранок ва ҳамоҳангшударо бар зидди коррупсия таҳия ва амалӣ намуда, ҳангоми қабул ба кор, интихоб, адои хизмат, болоравӣ дар хизмат ва баромадан ба истеъфоро барои хизматчиёни гражданӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ дигар шахсони ба вазифаҳои оммавӣ интихобнашавандаро таъсис диҳад, дастгирӣ намояд, таҳким бахшад, дар холатҳои зарурӣ ротатсияи ин кадрҳоро ба чунин вазифаҳо анҷом медиҳад ва ғайра.

Тибқи моддаи 26 (1) ба қонун иловашуда дар мақомоти давлатии ҶТ бо мақсади истифодаи самараноки маҳорати касбии хизматчиёни давлатӣ ва пешгирии зухуроти коррупсионӣ ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ анҷом дода мешавад (қ.1). Ҷиҳати амалисозии талаботи моддаи мазкур бо фармони Президенти ҶТ

аз 22 июли соли 2019 таҳти №1328 таҳти Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии ҶТ (минбаъд – Қоидаҳо) тасдиқ шудааст, ки он тартиби гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии ҶТ-ро муқаррар намудааст.

Мутобиқи Қоидаҳо ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии ҶТ (минбаъд - ҷойивазкунӣ) - таъйин кардан бо риояи талаботи тахассусӣ ба дигар мансаби роҳбарикунандаи баробари хизмати давлатӣ дар ҳамон мақомоти давлатӣ ё дар дигар мақомоти давлатӣ мебошад.

Мақсадҳои асосии ҷойивазкунӣ аз истифодаи самараноки неруи касбии хизматчиёни давлатӣ; таҳкими иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо; иҷрои супоришҳои махсусан муҳимми давлатӣ; тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунанда, пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии содиркунии амалҳои коррупсионӣ ё бархӯрди манфиатҳо иборат мебошад. Принсипҳои асосии ҷойивазкуниро ҷойивазкунӣ ба мансабҳои категорияҳои баробар бидуни озмун, ҷойивазкунии хизматчии давлатӣ ба мансабҳои давлатии мувофиқ, ҷойивазкунӣ бо дар назар доштани риояи талаботи тахассусӣ ва натиҷаи кор, шаффоф ва холисона гузаронидани ҷойивазкунӣ, таъмини кафолат ҳангоми гузаронидани ҷойивазкунӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Тибқи Қоидаҳо хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм ва чорум буда, роҳбарии умумӣ ё бевоситаи мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо бо фармон, фармоиш (қарор, амр)-и роҳбари мақомоти давлатӣ бо дар назар доштани манфиатҳои мақомоти давлатӣ дар панҷ сол як маротиба гузаронида мешавад, агар қонунгузории соҳавӣ дигар муҳлати ҷойивазкуниро пешбинӣ накарда бошад.

Амали моддаи 26(1) Қонун ва муқаррароти Қоидаҳо нисбат ба кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаю ташкилотҳои давлатӣ, ки ҳидматчии давлатӣ намебошанд, чӣ гуна мансаберо ишғол накунанд (масалан, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ректор сар карда то мудири кафедраю сардори раёсату, шуъбаю бахш ва ғайра), тадбиқ намегардад.

СОВРЕМЕННЫЕ УГРОЗЫ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СУВЕРЕНИТЕТА

Салохидинова С. М. – к.ю.н., доцент кафедры конституционного права ТНУ

Категория «суверенитет» распространяется на все сферы жизнедеятельности государства, общества и личности – политические, экономические, социальные и духовные отношения. Посредством «суверенитета» обеспечивается автономная среда, в рамках которой функционирует государство, существует и развивается человек и общество, т.е. именно «суверенитет» позволяет государству осуществлять независимую политическую и экономическую деятельность, а человеку и обществу определять свое мировоззрение опираясь на свои знания, навыки, опыт, традиции, обычаи и т.д.

Именно данный аспект в современном мире приобретает все большее значение. Процессы глобализации, политической и экономической интеграции все больше стирают границы национальной и государственной самоидентификации. Мировая экономическая система превращается в совокупность мощных систем, активно взаимодействующих друг с другом. Сегодняшнее усиление межгосударственной интеграции ведет к тому, что общие экономические процессы перешагивают национальные границы, формируют новые социально-экономические задачи, связанные с обороной, экологией, защитой прав и свобод граждан и их объединений.

Действительно реалии современного мира таковы, что ни одно государство в мире на сегодняшний день не может существовать вне рамок интеграционных процессов. Данные процессы способствуют развитию экономики государств, повышению научного и образовательного потенциала, защите прав и свобод человека и гражданина. Но наряду с положительными аспектами глобализационных и интеграционных процессов существуют и негативные аспекты данных процессов, в частности, искажение национальной

самобытностии самоидентификации, разрушение основ национального предпринимательства и в результате утрата экономического суверенитета государства.

Экономический суверенитет выступает важнейшей составной частью государственного суверенитета любой страны. Однако в современном мире в эпоху глобализации и интеграции государств в единое политико-правовое и экономическое пространство, сложно говорить о сохранении полноценного экономического суверенитета. В значительной степени экономический суверенитет государства ограничивается наличием значительного числа транснациональных корпораций, выступающих как иностранные инвесторы, и международных финансовых организаций диктующим государствам свои условия при выделении финансовой помощи. В общем, наличие иностранных инвестиций и международное финансирование способен как повысить социально-экономический уровень жизни в государстве, так и угрожать его экономическому суверенитету.

Кроме того, свобода государств в экономической сфере поставлена в зависимость от мощи и возможности экономически развитых стран. Небольшая группа ведущих стран контролирует значительную часть производства и потребления мировых финансовых ресурсов, даже не прибегая к политическому и экономическому давлению. Их внутренние приоритеты и ценностные ориентиры накладывают отпечаток на все крупнейшие сферы интернационализации. В этом процессе не все государства способны защищать и отстаивать свои экономические интересы, что служит источником для появления проблем в межгосударственных отношениях.

Из всего изложенного можно заключить, что проблема экономического суверенитета и ее обеспечения является одной из основных в условиях глобализации.

ПОНЯТИЕ И РАЗНОВИДНОСТИ ИНСТИТУТА ГЛАВЫ ГОСУДАРСТВА В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ

Сулаймонов М. С. – к.ю.н., старший
преподаватель кафкдры конституционного права ТНУ

Во всех современных странах существует институт главы государства. Институт главы государства возник одновременно с появлением государственных форм организации общественной жизни. Институт главы государства является неотъемлемой частью механизма осуществления власти во всех современных государствах.

Глава государства – официальное лицо (орган), занимающее, как правило, формально высшее место в иерархии государственных институтов и осуществляющее представительство страны во внутриполитической жизни и в отношениях с другими государствами. Изучение и анализ института главы государства могут быть осуществлены и с точки зрения функционирования исполнительной власти и места главы государства в этой структуре.

Основные признаки главы государства во всех государствах не зависимо от вида, – олицетворяет собой единство нации, является символом государства, представляет страну на международной арене, выполняет важнейшие государственные функции во внутриполитической жизни страны, служит связующим звеном между высшими органами власти. Так же, в некоторых религиозных государствах, глава государства является духовным лидером, главой религии и т д.

Правовой статус главы государства и его реальная роль в процессе осуществления власти зависят от формы правления и характера политического режима. В странах, где глава государства наделен одновременно широкой правительственной властью, и осуществляет реальное руководство государственными делами, формулирует политический курс и обеспечивает его воплощение в жизнь.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ФУНКСИЯҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

Соибов З. М. – н.и.ҳ., ассистенти
кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ

Идоракунии давлатӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ паҳлуҳои зиёди таҳлилталаб ва баҳснок дорад, ки дар шароити муосир бобати фаҳмиши дуруст ва комили он зарурияти баррасии ҳамаҷонибаи ин гуна паҳлуҳои падидаи номбурда ба миён омадааст. Функсияҳои идоракунии давлатӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошад, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад, ки моҳиятан функсияҳои мақомоти идоракунии давлатиро дар назар дорад. Истилоҳи функсия истилоҳи умумиилмӣ буда, дар тамоми илмҳои муосир мавриди истифода қарор мегирад. Ба маънои этимологӣ бошад, функсия амал кардан, кор карданро дар назар дорад. Дар илми ҳуқуқшиносии муосир, хусусан илми ҳуқуқи маъмурӣ, истилоҳи мазкур дар робита ба фаъолияти мақомоти давлатӣ самтҳои асосии фаъолияти онҳоро дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, функсияҳои идоракунии давлатӣ ифодагари самтҳои асосии амалигардии идоракунии давлатӣ мебошад, ки таъсиррасониҳо нисбати объектҳои идоракунии давлатӣ расонида мешаванд. Фаъолияти гумрукӣ дар доираи идоракунии давлатӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад, ки дар шароити рушди иқтисоди бозаргонӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Баҳри танзим ва рушди фаъолияти гумрукӣ идоракунии давлатӣ ба амал бароварда мешавад, ки барандаи асосии он мақомоти дахлдори идоракунии давлатӣ мебошад.

Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ функсияҳои худро дорад, ки инъикосгари самтҳои асосии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мебошад, ки бо мақсади амалигардии вазифаҳо ва расидан ба ҳадафҳои идоракунии давлатии мазкур равона мегардад.

Функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба мазмуни томаш аз қонунгузории кишвар, хусусан қонунгузории гумрукӣ бармеояд. Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар он баъзе функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ инъикос гардидаанд, ин Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Чунончи, Кодекси зикршуда функсияҳои иттилоотонӣ ва машвараті, танзим, ҳисобот, назорат ва ғайраро муайян намудааст.

Функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз функсияҳои умумии идоракунии давлатӣ бармеоянд. Тамоми он функсияҳое, ки ба идоракунии давлатӣ мансубанд, ба идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ низ дахл доранд. Дар маҷмӯъ, чунин функсияҳои идоракунии фаъолияти гумрукиро муайян намудан мумкин аст: пешгӯӣ ва банақшагирӣ, танзим, иттилоотонӣ ва машварат, ҳамоҳангсозӣ, ташкилӣ, назорат, ҳисобот ва ғ.

МЕЖДУНАРОДНЫЕ СРЕДСТВА ЗАЩИТЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Камолов Ш. Х. – старший преподаватель
кафедры конституционного права ТНУ

Международная защита на сегодня представляет собой один из наиболее эффективных способов защиты прав человека. Однако в Республике Таджикистан он еще не получил широкого распространения и требует дополнительных подробных теоретических исследований.

Двадцатый век ознаменовался кардинальными изменениями во всех сферах человеческой деятельности, которые нашли отражение в международном праве. Прежде всего, это касается вопроса об отношении к нему государств. В международном праве начали появляться новые отрасли. Отношения, которые ранее находились в исключительной

юрисдикции государств, стали предметом международно-правового регулирования. Среди таких отношений выделяются права человека.

Создание международного механизма защиты прав человека проходило через призму формирования международных стандартов в области прав человека. С возникновением и развитием межгосударственных отношений, формированием международного права, принятием различных международных актов государства стали брать на себя различного рода обязательства. Формирование международных институтов защиты прав человека прошло через призму закрепления международных стандартов в области прав человека. С возникновением и развитием межгосударственных отношений, формированием международного права, принятием различных международных актов государства стали брать на себя различные виды обязательств. Эти обязательства сформировали понятие международных стандартов.

Среди общих международных стандартов особо выделяются стандарты в области прав человека. В международно-правовых актах отсутствует данное понятие, что приводит к различным дискуссиям и трактовкам в юридической науке. Так, по мнению В. Г. Вагизова «такие стандарты понимаются как общепризнанные нормы поведения государств, осуществляемые последними в законодательстве и на практике в отношении своих граждан и других лиц, находящихся под их юрисдикцией. Такие нормы содержатся в международных договорах универсального и регионального характера, а также в актах международных межправительственных организаций, которые приобрели силу международного обычая».

ВАЗЪИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ РАИСИ ВИЛОЯТ, ШАҲР ВА НОҲИЯ

Қодиров Ҷ. Ш. – муаллими калони
кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ

Асосҳои вазъи ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар боби 6-уми Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд. Меъёрҳои конституцсионӣ зери мафҳуми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ду сифати мақомоти маҳаллӣ: мақомоти намояндагии маҳаллӣ, ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро муқаррар кардаанд.

Дар асоси моддаи 78 Конституцсия мақомоти намояндагӣ ва иҷроияро дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ раис сарварӣ мекунад.

Дар моддаи 1 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» муқаррар шудааст, ки раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ҳокимияти иҷроияро дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор амалӣ гардонида, ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ роҳбарӣ менамояд. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳияро Президент таъйин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд.

Дар масъалаи таъйин ва озод намудани раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия қонун ягон шарти иловагиро муқаррар накардааст. Интихоби номзад ба раисӣ пурра ба салоҳияти Президент дохил мешавад.

Ваколати раиси вилоят, шаҳр, ноҳия дар моддаҳои 20 ва 21 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» муқаррар карда шудаанд, ки бештари онҳо ба амалисозии ҳокимияти иҷроия дахл доранд ва онҳоро шартан ба соҳаҳои зерин тақсим намудан мумкин аст: дар соҳаи ташкили иҷрои қонунҳо, дигар санадҳои ҳуқуқӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ; дар соҳаи созмону таҷдиди сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллӣ; дар соҳаи ҷобаҷогузории кадрҳо ва назорат аз болои кори онҳо; дар соҳаи таҳия ва амалисозии барномаҳои ободонии воҳидҳои дахлдор ва ғайра.

МУШКИЛОТИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ПАДИДАИ НИЗОМИ ИҶОЗАТДИҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Наимов Б. Ғ. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ

Низоми иҷозатдиҳӣ яке аз падидаҳои муҳимми ҳуқуқи маъмурӣ ба шумор рафта, оиди масъалаи танзими ҳуқуқии он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол мушкилоту камбудиҳои зиёд ҷой доранд, ки таҳқиқу таҳлили муфассали илмиро талаб менамоянд.

Дар шароити имрӯза атрофи падидаи низоми иҷозатдиҳӣ метавон гуфт, ки вобаста ба хусусияти комплексӣ доштани он меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои иҷозатдиҳӣ дар як вақт фарогири муносибатҳои ҷамъиятии танзимкунандаи соҳаҳои дигари ҳуқуқ мебошанд.

Аммо хусусияти комплексии ниҳоди мазкур фақат муҳиммият ва муттаҳидии (яклухтӣ) умумии дохилисоҳавии онро ифода мекунад. Дар айни замон махсусан гуногунрангии меъёрҳои танзимкунандаи низоми иҷозатдиҳӣ аксаран ба пайдоиши мушкилиҳои зиёду ҷиддии табиати назариявию амалиявӣ дошта замина мегузоранд, ки онҳоро метавон ҳангоми таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кард.

Хусусияти гуногунрангии меъёрҳои иҷозатдиҳӣ дорои якчанд шаклҳои зоҳиршавӣ мебошанд. Якум, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки асоси меъёрии низоми иҷозатдиҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, дорои қувваи ҳуқуқии гуногун мебошанд. Муносибатҳои ҳуқуқи иҷозатдиҳӣ ҳам аз ҷониби санадҳои қонунгузорӣ ва ҳам тавассути санадҳои зерқонунии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Дуюм, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дорои меъёрҳои ба падидаи низоми иҷозатдиҳӣ мансубударо дар бар мегиранд, ҳам дар сатҳи мақомоти қонунгузор ва ҳам дар сатҳи ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) қабул карда мешаванд.

Сеюм, меъёрҳои танзимкунандаи падидаи низоми иҷозатдиҳӣ ба меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ ҷудо мешаванд.

Чаҳорум, шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки масоили низоми иҷозатдиҳиро ҳамчун падидаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба танзим медароранд, ҳамчунин дар як вақт сарчашмаи соҳаҳои дигар ҳуқуқи ҷумҳурӣ (ҳуқуқи граждани, молиявӣ, соҳибкорӣ ва ғ.) ба ҳисоб мераванд, ки воситаи мазкури танзимнамоӣ дар шароити имрӯзаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври густурда истифода мешавад.

Яке аз мушкилотҳои дигари танзими ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мухолифати меъёрҳои қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ ва санадҳои зерқонунӣ бо қонунҳои кодификатсионӣ – Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”.

ҲУҚУҚ БА МУТТАҲИДШАВИИ ШАҲРВАНДОН ДАР ҲИЗБҲОИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Имомов Ҳ. Ш. – ассистенти
кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ

Барои амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодӣ ва ҳифзи манфиатҳои якҷояи худ шаҳрвандон ба таъсиси ҳар гуна созмон ва иттиҳодияҳо зарурат пайдо менамоянд, ки дар баробари мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ тавонанд ҳамчунтаъмингари ниёзҳои онҳо баромад кунанд.

Василаи асосии таъсис ва фаъолият намудани ин гуна созмон ва иттиҳодияҳо маҳз ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ баромад менамояд. Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ масъалаи мубрами илми ҳуқуқи конституцсиониро ташкил медиҳад. Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ дар дохили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ падидаи фарохи илмӣ ба ҳисоб рафта, нисбати омӯзиш ва таҳқиқи он олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ва хоричӣ мароқи зиёд зоҳир намудаанд. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Олими ҳуқуқшиноси тоҷик Имомов А.И. иттиҳодияҳои

ҷамъиятиро ҳамчун рукне аз низоми иҷтимоӣ-сиёсии ҷамъият баҳо дода, онро шакли муҳимми амалӣ сохтани соҳибихтиёрии халқ меҳисобад. Ба андешаи муаллиф, таъсис дода шудани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳам ба манфиати шаҳрвандон ва ҳам ба манфиати давлату ҷомеа созгор мебошад. Профессори ҳуқуқшиноси рус Авакян С.А. бошад, ҳуқуқ ба муттаҳидшавиро асоси ташкилӣ-ҳуқуқии робитаҳо миёни шаҳрвандон маънидод менамояд, ки дар натиҷаи он байни онҳо умумиятҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ҳамчун ҳуқуқи конституцсионии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон, тибқи меъёрҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 8, 27, 28), қонунҳои Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», «Дар бораи иттифоқҳои касаба», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва ғайра, инчунин санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалие, ки кишвари мо онҳоро эътироф намудааст, танзим ва кафолат дода мешавад.

Мавзӯи таҳқиқшавандаи мақолаи мо ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ба муттаҳидшавӣ дар дохили ҳизбҳои сиёсиро дар бар гирифта, яке аз ҷузъҳои таркибии ҳуқуқи шахс ба муттаҳидшавӣ маҳсуб меёбад. Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ ин фақат ҳуқуқи конституцсионии шаҳрвандони Тоҷикистон маҳсуб ёфта, имконият медиҳад, ки ба амалӣ сохтани он принсипи конституцсионии гуногунандешии сиёсӣ таъмин карда шавад. Гуногунандешии сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ, қисми таркибии асосҳои сохтори Тоҷикистонро дар мегиранд ва тақозои таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсии зиёд мекунанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандони Тоҷикистон баромад намуда, дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд. Шаҳрвандон бо тадбиқ сохтани ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд ҳуқуқи дигари сиёсии хеш, яъне ҳуқуқи иштирок дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҳаёти сиёсиро низ амалӣ гардонанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун чун созмон ё ташкилотҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди идоракунии корҳои давлатӣ ва ҳаёти сиёсӣ субъекти фаъол баромад мекунанд ва имконият медиҳанд, ки тарафдоронаш барои амалӣ сохтани мақсадҳои ҳокимиятиашон ноил гарданд. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун мактаби бузурги сиёсӣ барои омода намудани кадрҳои сиёсӣ хизмат намуда, муайянкунандаи векторҳои инкишофи ҷомеаи сиёсии кишвар маҳсуб меёбанд.

КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ГАРАНТИИ ИЗБИРАТЕЛЬНЫХ ПРАВ ГРАЖДАН

Ганиев Дж. Ш. – ассистент
кафедры конституционного права ТНУ

Избирательное право в Республике Таджикистан - одна из немногих сфер правового регулирования общественных отношений, в которой практически завершен цикл принятия необходимых законов. В этом смысле можно говорить об определенной завершенности нормативного массива, закрепляющего избирательные права граждан Республики Таджикистан. Действительно, со времени одобрения на всенародном голосовании 6 ноября 1994 года Конституции Республики Таджикистан, закрепившей в статье 27 основы избирательного права, было достаточно оперативно принято несколько законов, касающихся функционирования избирательной системы Республики Таджикистан и закрепления избирательных прав ее граждан. Прежде всего, это конституционный закон «О выборах Маджлиси Оли Республики Таджикистан» от 10 декабря 1999 года, Конституционный закон «О выборах Президента Республики Таджикистан» от 21 июля 1994 года, Конституционный закон «О выборах местных маджлисов народных депутатов» от 10 декабря 1999 года. Содержание данных законов раскрывает конституционное положение о возможности участия граждан в избирательном процессе.

МУРОФИАИ ИНТИХОБОТӢ ҲАМЧУН НАМУДИ МУРОФИАИ ҲУҚУҚӢ

Саидов С. А. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ

Дар байни дастовардҳои тамаддуни башарӣ интихобот ва мурофиаи интихобот нақши муҳим дорад. Он воситаи муҳимми таҷассуми одамон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ дар мақомоти мухталифи давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ аст. Ҳуқуқи шаҳрвандон барои иштирок дар раванди интихоботи мақомоти олии намояндагӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи муосир арзёбӣ мешавад. Ҳар як давлат дар таҷрибаи низоми демократии давлатдории худ барои табдил додани шаҳрвандон ба субъекти комилҳуқуқи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ё барои такмил додани институтҳои демократӣ кӯшиш менамояд.

Ҷомеа дар шаклҳои гуногуни мурофиавӣ: иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ фаъолият мекунад. Давлат ба ин равандҳо тавассути қонун ва санадҳои зерқонунӣ таъсир мерасонад. Яке аз ин равандҳои ҷамъиятӣ, ки дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, интихобот ба ҳисоб меравад. Он имрӯзҳо дар давлатҳои низоми сиёсии демократӣ дошта, ба як воситаи муҳимми танзими муносибаҳои ҷамъиятӣ табдил ёфтааст. Ин ниҳоди демократӣ ҳамчун унсури ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташкил ва гузаронидани маъракаи интихобот нақши муассир дорад. Мувофиқи муқаррароти қонунгузории интихоботӣ, ташкил ва гузаронидани интихоботи мақомоти олии намояндагӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидора бо амалҳои зиёди расмиётии пайдарпай аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори он бо қабули санадҳои зерқонунӣ сурат мегирад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки гузаронидани интихобот низ хусусияти мурофиавӣ дорад. Чунки он аз фаъолияте иборат аст, ки дар доираи он баъд аз таъйин гардидани интихобот ҳар як давраи он барои дуруст ва сари вақт иҷро намудани талаботҳои Конституцсия ва қонунгузории интихоботӣ баррасӣ шуда, санадҳои ҳуқуқӣ қабул мешаванд. Гуфтаҳои дар боло зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мурофиаи интихобот ба сифати яке аз шаклҳои фаъолияти ҳуқуқӣ баромад мекунад.

Намояндагони илми ҳуқуқи ватанӣ ва хориҷӣ дар адабиётҳои илмӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ дар атрофи ин мавзӯъ фикру ақидаҳои худро иброз намудаанд. Хушбахтона, бо сабаби тадқиқоти бештари назария ва амалияи қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ хусусиятҳои шакли мурофиавӣ дар доираи тадбиқи меъёрҳои давлатӣ, маъмурӣ, замин ва ғайра зоҳир гардиданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол бо мақсади бунёди ҷомеаи демократӣ ва барои эътирофу тадбиқи риояи меъёрҳои байналмилалии интихоботӣ давраҳои гуногуни давлатдориро аз сар гузаронидааст. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини ин давра табдил додани хусусияти демократии давлат ба як ниҳоди воқеии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Роҳи аз ҳама муҳим ва таъсирбахшу самараноки ҳалли ин мушкилот интихоботи озод ва одилона мебошад. Дар Тоҷикистон механизми мазкур имрӯзҳо ба як маҳаки асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ, ки давоми мантиқии онро ҷомеаи адолатпарвару демократӣ ва таъмини суботи сиёсӣ ташкил медиҳад, ба ҳисоб меравад. Раванди ташаккули мақомоти марказии намояндагӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон падидаи демократия ҳамчун унсури ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳоли рушд ва инкишоф қарор дорад.

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ОҒОЗИ ҲАЁТ: МУШКИЛОТИ НАЗАРИЯ ВА ТАНЗИМИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Диноршоев А. М. – д.и.ҳ., профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ
Неъматова М. А. – ассистенти
кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДМТ

Андешаи он, ки ҳаёти инсон аз бузургтарин муқаддасот дар рӯйи Замин аст, монанди таърихи инсоният хеле қадимӣ ва ҷолиб аст. Воқеан, ин тарзи тафаккур дар робита бо ҳаёти шахсии хеш бетаваккуф кор мекунад ва дар мавриди ҳаёти шахси дигар нуқсонҳо ба бор меорад. Баъзе ҷиноятҳорон - қотилон дар робита бо масъалаи ҳаёт ва марги инсонҳои алоҳида бо майлу рағбати том сареъ қарор мебароранд ва баъзе ҳокимон куштори оммавии одамонро дар робита бо баъзе аломатҳо - нажод, дин ва ғайра, яъне генотсиди мардум ташкил мекунанд. Масъалаи бахсноктарин қонунӣ аз ҳаёт маҳрум намудани шахси гуноҳкор - ҷазои қатл боқӣ мемонад.

Ҳанӯз аз замонҳои қадим инсонҳо барои зинда мондан мубориза мебурданд. Одамони ибтидоӣ ба воситаи худмуҳофизаткунӣ, бо кумаки қувваи худ ва ҳушёрӣ ҳуқуқ ба ҳаётро таъмин менамуданд. Мубориза барои зинда мондан дар қабилаҳои ваҳшӣ ва ҷаҳолатпеша ягона нишонаи эътироф ва ҳимояи ҳуқуқ ба ҳаёт дар байни одамони қадимтарин буд.

Пас аз чанде, динҳои ҷаҳонӣ муттасил рисолаи "накушед"-ро ба таълимоти ҳуқуқӣ ва мазҳабии худ ворид намуданд. Сипас, мутафаккирон, файласуфон, шоирон ва бузургон бо ибораҳои одӣ муқаддас будани ҳаётро нишон дода, ба рушди инсоният ва оқилона нигоҳ доштани ҳаёт мусоидат карданд. Бо шиори муқаддас будани ҳаёт, пайғамбарон эътиқодҳои навро тарғиб карданд, эмиссарҳо ғояҳои бунёдӣ паҳн карданд, баъдтар, инқилобҳои бузурги даврони буржуазия рух доданд ва аввалин ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон қабул карда шуданд. Аммо масоили ҳимоя ва таъмини он то имрӯз мубрам мебошад. Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқест, ки аз он ҳама ҳуқуқҳои дигари инсон бармеоянд ва бе ин ҳуқуқ маъно ва моҳияти тамоми ҳуқуқҳои дигар аз даст дода мешаванд.

НИГОҲЕ БА ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚИИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Саъдизода Ҷ. – н.и.ҳ., дотсент, и.в. мудири кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (1184-1292) бо эҷодиёт, таълифот ва таълимоти худ на танҳо барои форсизабонон хидмати бузурги таърихие кардааст, балки дар пешбурди тамаддун ва рушду камоли афкори бадеӣ-ҳуқуқии ҷаҳонӣ низ саҳми бузурге гузоштааст. Андешаҳои инсондӯстии Саъдӣ имрӯз ҳам барои тарбияи маънавии инсоният, пойдории сулҳ, таъмин намудани иттиҳоду иттифоқи халқу милатҳои сайёраи мо хизмат карда истодаанд. Далели ин гуфтаҳо сабт ёфтани абёти машҳури шоир, ки аз «Гулистон»-и ӯ гирифта шуданд, дар пештоқи даромадгоҳи Созмони Милали Муттаҳид бо забонҳои машҳури олам ба ҳисоб меравад:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Саъдии Шерозӣ дар сафарҳои тӯлонии худ ба Туркистону Ҳиндустон то Африқои Шимолӣ, Арабистони Ҷанубӣ ва Осиёи Хурд бо шайхони зоҳид ва дарвешону тоҷирон, кишоварзону ҳунармандон ва дуздону роҳзанон вохӯрда, ҳаёти табақаҳои мухталифи ҷамъиятиро омӯхт. Гоҳе чун асиру ғулом худро дар банду асорат озмуд ва гоҳ бо такозои ҳаёт чун бутпарастон дар бутхонаҳо мақом ихтиёр кард, ки дар маҷмӯъ хизонаи маънавиёти Саъдиро бою рангин гардонид. Мароми асосии шоир дар саросари эҷодиёташ тарғиби ғояҳои пандуахлоқӣ, ҳақиқату адолат ва ахлоқи ҳамида ба шумор меравад.

Ҳикоят

Дар ҷомеаи Димишқ гӯшанишин будам. Яке аз подшоҳони араб, ки ба беинсофӣ машҳур буд, иттифоқо ба зиёрат омад ва намозу дуо кард ва ҳоҷат хост. Он гоҳ маро гуфт:

– Хотире ҳамроҳи ман (дуое дар ҳаққи ман) кунед, ки аз душмане сахт андешанокам.

Гуфтамаш:

– Ба раияти заиф раҳм кун, то аз душмани қавӣ заҳмат набинӣ.

Қитъа

Ба бозувони тавонову қуввати сари даст,
Хатост панҷаи мискини нотавон бишкаст.
Битарсад он ки бар афтодагон набахшояд,
Ки гар зи пой дарояд, касе нагирад даст.

Баъди ин афзуда медорад, ки ба халқи Худо бадӣ куниву боз аз эшон некӣ умедвор бошӣ, ин хаёли хомест:

Ҳар он ки тухми бадӣ кишту чашми некӣ дошт,
Димоғи беҳуда пухту хаёли ботил баст.

Ҷумлаи таъкидии Саъдӣ «Зи гӯш пунба берун ор» имрӯз дар байни халқ машҳур аст. Дод додан ё адл кардани подшоҳ дар ҳар давру замон бо ҳар роҳу восита таҷассум меёфт. Аммо Саъдӣ рӯирост ва бепарда талаб мекунад, ки подшоҳ ба халқ адлу дод кунад, вагарна подшоҳ дар назди Довари ҳақиқӣ рӯзе, ки онро ном «Рӯзи дод» аст, ҷавоб хоҳад гуфт:

Зи гӯш пунба бурун ору доди халқ бидеҳ,
В-агар ту менадиҳӣ дод, рӯзи доде ҳаст.

Қиссаҳои шайх Саъдӣ ҳаётию ҳақиқианд, зеро ҳар кадом аз зиндагӣ гирифта шудаанд. Ин қиссаҳо далели онанд, ки воқеанигории Саъдӣ барҳақ дар ҳақгӯӣ ва тасвири ҳақиқати ҳаёт зоҳир гаштааст. Саъдии Шерозӣ ғолибан омода аст, ки ҳар лаҳза некиро бар бадӣ тарҷеҳ диҳад, ба одитарин рафтори қаҳрамонон бадиро ба некӣ табдил диҳад, дасти бенавоеро бигирад ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон кӯшиши бештаре кунад. Ҳамин аст ки Саъдӣ гоҳе ба дарбори шоҳон мерафт ва ба он мақсад мерафт, ки дасти бенавоеро бигирад, мазлумеро аз дасти золиме халос кунад ва ба гӯши шоҳону амирони замон расонад, ки онҳоро Худованд на барои он офаридааст, ки айшу ишрат ронанд, балки барои осудагии раият онҳоро шоҳ интихоб кардааст. Тамоми осори Саъдиро метавон васфи ҷавонмардӣ, баёнгари адолат, муборизa барои некиву накукорӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон номид. Зеро Саъдӣ пайваста инсонеро ситоиш мекунад, ки ҷавонмард асту адолатпеша. Саъдӣ орзуи ҷаҳонеро мекунад, ки дар он саросар хубию некӣ ҳаст, ҳама ҷавонмард ҳастанд, ҳуқуқҳои инсон ҳифз мегарданд ва инсонҳо бо саодат зиндагӣ мекунанд. Ин аст марому мақсади зиндагии Саъдӣ.

ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ИНТИХОБОТИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сафарзода Б. А. – д.и.ҳ., профессори кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Интихобот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин маъракаи сиёсиест, ки дар муҳлати наздик дар кишвари азизамон баргузор мегардад. Моҳиятан метавон гуфт, ки аз натиҷаи он амалишавии барномаҳои давлатсозии ҳизбамон вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳизбиёни мо дар бораи муҳимтарин паҳлуҳои ташкил ва баргузории ин чорабинӣ ва омодагӣ ба он маълумоти кофӣ дошта бошанд.

Интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон камаш 75 рӯз пеш аз ба охир расидани ваколатҳои аъзои Маҷлиси Олии даъвати қаблӣ таъйин карда мешавад.

Дар бораи рӯзи интихобот дар муҳлати се рӯз баъд аз таъйини он тавассути матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма хабар дода мешавад.

Вакили Маҷлиси намояндагон наметавонад дар як вақт вакили мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бошад.

Пешбарӣ намудани номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот 60 рӯз пеш аз интихобот, аз рӯйи рӯйхати номзадҳо бошад, баъд аз таъйини интихобот сар шуда, 45 рӯз пеш аз интихобот ба охир мерасад.

Барои пешбарӣ намудани номзадҳои вакилони Маҷлиси намояндагон ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин шаҳрвандон бо роҳи худпешбарӣ ҳуқуқ доранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ ба шарте номзадон ба вакилии Маҷлиси намояндагон пешбарӣ карда метавонанд, ки агар онҳо ба тартиби муқарраркардаи қонун то рӯзи таъйини интихобот дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда бошанд ва дар бораи сарчашмаи даромадашон ҳуҷҷат пешниҳод кунанд.

Бақайдгирии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон 45 рӯз пеш аз интихобот сар шуда, 20 рӯз пеш аз интихобот ба охир мерасад.

Маълумот дар бораи номзадон бақайдгирифташуда аз рӯзи бақайдгирӣ ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (фавран) пешниҳод карда мешавад.

Комиссияи ҳавзавии интихобот дар давоми як ҳафтаи баъди бақайдгирии номзадон дар матбуот оиди ба қайд гирифта шудани онҳо бо зикри насаб, ном ва номи падар, соли таваллуд, ҳизбият, мансаб (шуғл), ҷойи кор ва маҳалли зисти ҳар номзад ахборот чоп мекунад.

Комиссияи ҳавзавии интихобот дар давоми се рӯз баъди бақайдгирӣ ба номзад шаҳодатномаи номзадиро бо зикри ҳавзаи интихоботӣ ва санаи бақайдгирӣ месупорад.

Ҳамаи номзадон дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар мебошанд.

Номзад метавонад бо барномаи фаъолияти ояндаи худ баромад кунад. Барномаи номзад набояд хилофи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Номзадон ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки рӯйхати номзадонро пешниҳод намудаанд, ҳуқуқ доранд шахсони боэътимод дошта бошанд.

Комиссияи интихобот шаҳодатномаи ба шахсони боэътимод додаашро дар сурати талаботи Қонуни конституцсионии мазкурро вайрон кардани онҳо бекор мекунад.

Ваколати шахсони боэътимод якҷоя бо аз байн рафтани мақоми номзадон бақайдгирифташуда, ки шахсони боэътимодро таъйин кардаанд ё бозхондани рӯйхати номзадон ва ё аз интихобот даст кашидани ҳизбҳои сиёсӣ қатъ мегардад.

Комиссияҳои интихобот ба тартиби муқарраршуда ба гузаронидани ташвиқоти пешазинтихоботӣ назорат мекунанд.

Дар вақти бурдани ташвиқот истифодаи усулҳои маҷбуркунии рӯҳӣ, ҷисмонӣ, динӣ, суиистифодаи озодии воситаи ахбори омма, ташвиқоте, ки ҳисси бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллиро бедор мекунанд, ба ғасби ҳокимият, зӯран тағйир додани сохти конституцсионӣ, вайронкунии тамомияти кишвар даъват менамояд, ташвиқоти ҷанг ва дигар шаклҳои суиистифодаи озодии воситаи ахбори омма, ки қонунҳои Тоҷикистон манъ кардаанд, иҷозат дода намешавад.

Воситаҳои ахбори омма, ки дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ иштирок менамоянд, ҳуқуқ надоранд ба нашри ахбороте, ки шаъну шараф ва обрӯю эътибори кории номзадро паст мезананд, роҳ диҳанд.

ЭССЕ О СВОБОДЕ

Холикзода А. Г. – д.ю.н., профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения ТНУ

Мыслящая душа как рациональное явление имеет ещё немало проблем не только на уровне разума, но и на стадии познания своего подлинного «я», у неё есть немало нерешенных проблем, которые перешли к ней по наследству как остаток от Аристотеля до Канта, от Канта до Хайдеггера и от Хайдеггера до нас. А это состояние, так или иначе, выбрасывает свою тень не только на проблемы познания мира человека и его социального

состояния, оно также бросает серьёзнейшие вызовы его продуктам мышления, которыми являются право, свобода и справедливость.

Ах, это справедливость, мало того, что она так привлекательна, непознаваема, ёмко труднодоступна и не абсолютна. Справедливость в правовой атмосфере сама по себе бросает немало вызовов, которые сейчас уходят от объекта нашего исследования, но при этом имеют возможность заворожить нас своей привлекательностью, где-то на пути.

А что касается Свободы – это красавица мысли, богиня веры, ангел надежды со всей своей привлекательностью является самым кровожадным ангелом, который за всю историю человечества больше всех пожертвовала людьми. Она играет нашими желаниями и страстями, она представляет пространство для нашей воли:

Куда уйти от пламенных страстей,
Что причиняют боль душе твоей?
Когда б узнал, этих мук источник,
У той в руках, что всех тебе милей….

Она настолько милая, красивая и привлекательная, что одни, добившись её, в какой-то мере забывают обо всем остальном, другие, ощущая её, бросаются на зов иллюзий, третьи, вечно выискивая её, сбиваются с пути, четвертые, забывая её, остаются в рабстве, пятые, объявляя её, отдаляются от нее и т.д. Все, кто движется в её сторону и смотрит на нее с надеждой, пока часто страдают. Почему? Потому что все их желания, их хотения и надежды являются корыстными, субъективными, и все от нее чего-то хотят и добиваются своего. Каждый идет в её сторону с собственной целью.

А ей нужна любовь, не чьи-то прихоти. Эта богиня требовала жертв, требует сейчас и будет требовать впредь, пока стремление к ней не станет осознанным, когда не будет корысти, собственной нужды (ибо она не принадлежит кому-то лично, и даже не группам, не классам, не государствам и цивилизациям, а является достоянием всех людей). Просто она хочет, чтобы её любили, уважали и воспринимали как часть своего бытия. Она действительно часть нашего бытия, только обладая ею, мы становимся подлинными людьми, полноправными субъектами, она часть наших прав, часть наших обязательств и часть нашей совести. Именно в таком качестве надо воспринимать свободу и поместить её в свой разум, сознание и сердце. Её надо иметь в границе прав и справедливости, воспринимать как состояние своего бытия, как первопричину добродетеля права и достоинства людей. Только при таких условиях эта красавица Свобода будет питать нас своей силой.

Она хочет, чтобы её не хотели с корыстью, не стремились к ней из-за своих нужд, помещали её в сердце, носили на руках без каких-либо целей, как состояние своего бытия, произносили в устах не как ширму, а как первопричину и добродетель права и достоинства людей. А наш разум пока далек от такого состояния. И его отделения от нашей реальности во многом также зависит от состояния нашего интеллекта.

ЗАН ВА ОИЛА – НИҲОДИ МУҚАДДАС

Бобоева Н. И. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Оила дар тамоми асрҳои гузашта ва тамоми марҳилаҳои гузариши таърихӣ, дар ҳама давру замон дар пешбурди ҷомеа нақши муассир дорад. Он дар ҷамъияти инсонӣ дар сохти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии ҳар як халқу миллат мақом ва мавқеи хоссаи худро дошт ва то ҳозир он аҳамияти назариявӣ ва амалии худро гум накардааст. Бе шубҳа, донишмандон оила ва занро беҳуда шоҳсутунҳои зиндагӣ наномидаанд, чунки пояи давлатдорӣ, асоси ҷамъияту давлатро онҳо гузошта, мояи давлат ва танзим намудани рушду нумӯи миллати тоҷик маҳз аз зан ва оила вобастагӣ дорад. Зан гармии ҳар як хонадон, кадбону, сарвару роҳбари ҳама, сарфа ва сариштакори хона маҳсуб меёбад. Шоири ширинкалом овардааст, ки:

Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд.
Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои посдории оила ва манзалати зан дар оила, ҳамчунин, риояи бузургтарин рукнҳои оиладорӣ ва хонаводагӣ суханҳои хуб ироа карда, мардумро, хусусан ҷавононро, ба роҳи рост ва дурусти зиндагӣ раҳсипор кардаанд. Зиндагиномаи ин фарзанди фарзонаи миллатро мо бо фарзандон сармашқи кор ва зиндагии худ карда, умед дорем, ки фарзандонро дар рӯҳияи ин суханҳо омода ва ба роҳи пурсамар ҳидоят намоем. «Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгарӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд».

ИСТОРИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ИНСТИТУТОВ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В ИСТОРИЧЕСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ: НА ПРИМЕРЕ МАЗАЛИМ

Искандаров Ш. Ф. – к.ю.н., ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения ТНУ

Возникновение мазалима как института правосудия занимающегося судьбами людей в зороастрийский и исламский периоды развития имеет разное обоснование и конкретные причины, которые в научной и исторической литературе были подвергнуты тщательному анализу.

Мазалим в зороастрийский период развития государственности понимался как осуществление правосудия главой государством, т.е. суд Царя, что авторитетно отличается от обычного судопроизводства.

Одна из исследователей истории учреждения и деятельности суда мазалим, в качестве причины возникновения суда мазалим подчеркивает, что предупреждение и наказание нарушителей из числа влиятельных лиц общества, которые не подчинялись правилам и установленным обычным порядкам. Другие изучавшие проблемы возникновения мусульманского суда, относит мазалим, к судебной власти и пишет, что, учитывая реальные возможности исполнительной власти, многие предпочитали обращаться за защитой своих прав не к судье, а прямо к наместнику или главе государства. Далее ученый уточняет свою позиция и указывает, что в первую очередь это относилось к жалобам на произвол чиновников, так как именно разбор таких жалоб постепенно превратился в особое направление деятельности правителя, относительно независимое от судопроизводства, хотя и близко примыкающее к нему. Со временем эта функция перешла к специальным судьям, что привело к образованию самостоятельного государственного института – ведомства жалоб (т.е. мазалим).

Институт мазалим был важнейшим органом осуществления правосудия в государствах, существовавших на территории исторического Таджикистана, и поэтому вопросам его формирования, деятельности и назначения придавалось весьма большое значение. Являясь, по существу, высшим судом государства и важнейшим механизмом содействия в деле установления правопорядка и законности в стране, мазалим решал дела, участниками которых являлись важные чиновники и должностные лица, в том числе и члены царствующего дома, принцы и др.

ҲУҚУҚИ КӮДАКОН БА МЕҲНАТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Шосаидзода Ш. Ш. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Кӯдакон давомдиҳандаи кору пайкори миллату давлати хеш мебошанд, маҳз ба ҳамин хотир давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки ба ин қишри ҷомеа шароити зиндагии арзандаро аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин намояд. Инро Ҳукумати Тоҷикистон дарк кардаву баҳри беҳтар намудани зиндагии шоистаи кӯдакон талошҳо карда

истодааст. Далели ин гуфтаҳо таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст: «ҳарчанд вазъи тадбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус таъмини кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ ба маъюбон, кӯдакони ятиму бепарастор ва оилаҳои камбизоат дар сатҳи маҳаллӣ хеле беҳтар шудааст, лекин кӯшиш бояд кард, ки ҷиҳати мунтазам беҳтар намудани зиндагии гурӯҳҳои осебпазиру ниёзманди ҷомеа шароити боз ҳам хубтар фароҳам оварда шавад».

Пеш он ки роҳҳои ҳалли мушкилоти меҳнати кӯдаконро мавриди баррасӣ қарор диҳем, зарур аст, ки мафҳум ва моҳияти «меҳнати кӯдак»-ро муайян намоем. Дар моддаи 32 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдаки СММ доир ба моҳияти меҳнати кӯдак чунин гуфта шудааст: «Давлатҳои аъзо ҳуқуқи кӯдакро барои ҳимоя аз истисмори иқтисодӣ, иҷрои ҳама гуна коре, ки метавонад ба саломатии ӯ зиён дошта бошад ё барои маълумотгирии ӯ монеъ мешуда бошад ё ба саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, фикрӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии ӯ зарар мерасонида бошад, эътироф менамоянд». Муқаррароти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки кӯдакон метавонанд ба корҳое машғул шаванд, ки ба сломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавии онҳо зарар нарасонад ва хилофи қонунгузории амалкунанда набошад.

Умуман, дар ин ҳолатҳо доир ба тарбияи кӯдакон дар рӯҳияи муносибати софдилона ба меҳнат сухан гуфтан ба мақсад мувофиқ аст. Вақте ба амалияи меҳнати кӯдакон дар Тоҷикистон назар афканем, одатан кӯдакон аз оилаҳои носолим (ноппура), камдаромад, оилаҳое, ки волидонашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ва кӯдакони беназорат ва оворагард ба меҳнат машғул мебошанд, ки ин ба ояндаи миллат хатар дорад. Умуман, дар Тоҷикистон кӯдакон дар шаҳрҳо ба хизматрасонӣ дар нақлиёт (роҳбалад-кондуктор), корхонаҳои хусусӣ, мағозаҳо (борфарорию борбардорӣ, ҷамъ намудани қоғазпораҳо), бозорҳо (кашидани бор) ва монанди инҳо машғул мебошанд. Дар маҳалҳо бошад, кӯдакон бештар ба фаъолияти хоҷагидорӣ ҷалб гаштаанд, ки ба фаъолияти зеҳнию ҷисмонии онҳо монеа эҷод мекунад. Инчунин, хавф дар он аст, ки имрӯз бештар ба ҳолатҳое дучор шудан мумкин аст, ки кӯдакон ба беҳаёӣ ҷалб шуда истодаанд.

Албатта, солҳои охир сиёсати давлатӣ дар бахши ҳимояи манфиатҳои кӯдакон назаррас мебошад. Кафолат ва механизими ҳимояи онҳо муайян карда шудааанд, акнун замоне расидааст, ки меъёрҳои қонунгузорӣ дар бахши ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии кӯдакон дар амал тадбиқ карда шаванд. Ба хотири беҳтар намудани вазъи меҳнати кӯдакон барномаи ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти байналмилалии меҳнат оид ба меҳнати арзанда ба афзалиятҳои миллӣ асос ёфта, дар раванди муколамаи машваратӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо иштироки фаъоли Гурӯҳи дастгирии техникӣ оид ба масъалаҳои меҳнати арзанда ва Бюрои Ташкилоти байналмилалии меҳнат дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ таҳия гардидааст.

Дар Барномаи нав натиҷаи тадбиқи Барнома оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2011-2013, инчунин хулоса ва тавсияҳои баҳогузории иҷрои барномаи пештара ба инобат гирифта шудаанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон баҳри дар амал пиёда кардани муқаррароти мазкур талош дорад.

ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Сафарализода Д. С. – аспиранти курси сеюми
кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Бо суръати баланд рушд намудани соҳаҳои иқтисод, фарҳанг ва сиёсати ҷаҳонӣ интегратсияи давлатҳоро ба миён оварда, омили мазкур ба пайдоиши падидаи нав, яъне ҷаҳонишавӣ мусоидат менамояд. Дар шароити муосир равандҳои ҷаҳонишавӣ хусусиятҳои махсусро касб намуда, тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва давлатиро фаро гирифтааанд. Ҷомеаи башарӣ раванди мазкурро танҳо дар ду даҳсолаи охир дарк намуда, бо

мақсади нигоҳдорӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва дигар арзишҳои миллию фарҳангӣ чорачӯӣ намуда истодааст.

Ҷаҳонишавӣ ба радифи равандҳое, ки барои тамоми инсоният оқибатҳои ҷиддӣ ва хавфнок дорад, дохил шуда, хислати ҷараёни онро сифатнок пешгӯӣ кардан ғайриимкон аст. Дар замони муосир вазъияти байналхалқӣ мураккаб, пурпечутоб гардида, коста шудани мавқеи соҳибихтиёрии давлатӣ, афзудани муҳоҷират, таъсири давлатҳои абарқудрат ба давлатҳои хурду вобаста, низои фарҳангҳо, тағйирёбандагии ҷараёни меҳнат ва сармоя, ки оқибати буҳрони минтақавии иқтисодӣ мебошанд ,мушоҳида карда мешавад.

Дар ин замина, ибтидои равандҳои ҷаҳонишавӣ ақидаҳои пешрафтии ҷамъият, ҳуқуқи инсон, озодии индивидуалии шахсият, инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёт, ақидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёдро ба миён гузошта, баъдан стратегияи ҷаҳонишавӣ рӯйи кор оварда мешавад. Ҷаҳонишавӣ ба падидаи ҳуқуқи инсон ҳамчун ҳодисаи умумидошта такя намуда, дар кадом паҳное зоҳир гардад, инсонро чун ченаки арзишҳо эътироф менамояд. Тавре Л.А. Петручак иброз медорад: «Ба ҳайси яке аз ғояҳои асосии ҷаҳонишавӣ андешаи ҳуқуқи инсон баромад мекунад». Ҷ. Саъдизода қайд менамояд, ки ҳам стандартҳои ягонаи ҳуқуқи инсон, ҳам механизмҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳам худи падидаи «ҳуқуқи инсон» ҳамчун илм ва фанни таълимӣ натиҷаи ҷараёнҳои глобализатсионии асри XX-XXI аст. Н.В. Колотова чунин қайд мекунад: «Консепсияи ҳуқуқи инсон, бешубҳа маҳсули тамаддун ва фарҳанги Ғарб маҳсуб меёбад, аммо ба сифати шарти муҳим барои густариш ва ҳимояи худ даъвои умум дорад».

Дар ин замина, доктори илмҳои ҳуқуқшиносии Академияи хизмати давлатии Урал муҳаққиқ А.Н. Суконов қайд мекунад, ки ҷаҳонишавӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар се самт инкишоф ёфта истодааст: универсализатсия, минтақавикунонӣ (регионализатсия), консептуализатсия бо унсурҳои парадигмализатсия (намуна ба сифати ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ). Инчунин, ба ақидаи ӯ, ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон на танҳо ба универсализатсияи ҳуқуқи инсон равона гардидааст, балки ба ташаккулдиҳии консепсияҳои минтақавикунонии ҳуқуқи инсон меоварад. Дар баробари ин, сабаби асосии инкишофи параллелии универсализатсия ва минтақавикунонии ҳуқуқи инсон бархӯрди тамаддунҳо, ки дар давоми ҳазорсолаҳои инкишоф, ки он консепсияи асосии ҳуқуқи инсонро кор карда баромадааст, баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ин замина, универсализатсияи ҳуқуқии инсон ҳамчун хусусияти муҳимми ҷаҳонишавӣ арзёбӣ гардида, инсонро арзиши олӣ эътироф менамояд. Инчунин, ба ақидаи Д.С. Раҳмон,«ҳуқуқи инсон ҳамчун падидаи нав ва ҷаҳонишавӣ ҳамчун ҷараёни муосири инкишофи ҷамъият имрӯз яке аз категорияҳои аз ҳама муҳимми ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, баҳои объективона ва ҳамаҷонибаи илмиро талаб мекунанд. Онҳо ҳамчун зуҳуроти иҷтимоии тавъам ҳамдигарро мукаммал месозанд ва зоҳиран ҳангоми зарурат ба инкишоф ва паҳнкунӣ (васеъкунӣ)-и мутақобилаи ҳамдигар мусоидат менамоянд».

Маврид ба зикр аст, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ дар асоси принсипҳои демократӣ рушд намуда, ҳимояи ҳуқуқи инсонро ҳамчун яке аз роҳҳои муҳимми расидан ба мақсад мавриди суиистифода қарор медиҳанд.

ҲУҚУҚ БА САЛОМАТӢ ДАР ТАМАДДУНИ ЗАРДУШТӢ

Сафарзода Н. Ф. – ассистенти кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Ҳуқуқ ба саломатӣ чун қисми таркибии ҳуқуқҳои инсон дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои II-и т.м. пайдо гардидааст. Дар тамаддуни зардуштӣ Аирйаман (Ирмон) ба сифати нахустин пизишк шинохта мешуд ва мардумро аз бемориҳое, ки қувваи бадӣ – Аҳриман офарида буд, наҷот мебахшид. Аз рӯйи маълумотҳое, ки дар қисматҳои алоҳидаи « Авасто» оварда шудааст, дар ин давра зиёда аз 99999 намуди бемориҳо мавҷуд будаанд, ки аксарияти онҳо барои мо норавшан мебошанд. Инчунин, Трита ҳамчун бавҷудоварандаи илми тиб маънидод карда мешавад. « Авасто» се роҳи

асосии табобат намудани шахси маризро пешбинӣ менамояд, яъне тавассути сухан, дору ва ҷарроҳӣ. Дар бахши ҳафтум (Б)-и банди 44-уми «Вандидод» чунин меъёр пешбинӣ гардидааст: «Агар пизишкон чанде бо якдигар ба дармони бемор пардозанд, яке бо корди пизишкӣ, дигаре бо гиёҳи дармонӣ ва он дигаре бо мантрадармонӣ (гуфтордармонӣ ё равондармонӣ – С.Н.), ин севумин аст, ки беҳтар аз ҳама бемориро аз тани бемори ашаван дур мекунад». Диққатҷалбкунанда он аст, ки тамаддуни зардуштӣ роҳи аз ҳама беҳтарини табобатро аз муомилаи хуби пизишк бо мариз маънидод менамояд ва он то ҳол моҳияти худро аз даст надода, рӯз то рӯз мубрамияти бештарро касб намуда истодааст. Зеро, дар марҳилаи кунунӣ баъзан ба назар мерасад, ки гунае аз табибон бо шахси бемор забони дурушти муомиларо интихоб менамоянд. Чунин тарзи муошират агар аз як тараф ба мариз аз ҷиҳати равонӣ таъсири манфӣ расонад, аз тарафи дигар бар зидди меъёрҳои этикаи касбии кормандони тиб мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ муқаррар намудаанд.

Авасто шахси ба маризӣ ё норасоиҳои танӣ гирифторгардидаро бо номи «касвиш» муаррифӣ менамояд.

Дар тамаддуни зардуштӣ хушбахтии инсонро аз тандурустии ӯ баҳо медоданд. Яке аз сарварони дарбори шоҳ Хусрав – Бузургмеҳри Бухтагон ба саволи «мардумонро дар ин гетӣ чӣ шоистатар намояд?» чунин посух медиҳад: «Он ки то тандуруст бувад, орзуи (хеш) бароварда созад ва чун танбемор бувад, дар дурустии тан ва чун тан дар ноумедӣ бувад, дар раҳоиши равон кӯшад». Яъне, аз ҳама чизи муҳим ва аввалиндараҷа барои зардуштиён саломатӣ ба ҳисоб мерафт, ки хушнудии оянда аз он вобастагии зич дошт.

Тамаддуни зардуштӣ дар баробари он ки масъалаҳои мубрами вобаста ба саломатӣ ва беҳдошти сатҳи саломатии инсонро мавриди назар қарор додааст, ҳамзамон ба ташхис намудани шахси бемор, таҳсили илми пизишкӣ, гузаронидани давраи тахассусии ҷарроҳӣ, муносибати табиб бо мариз, музди меҳнати пизишк ва ғ. диққати махсус зоҳир намудааст, ки инро метавон аз фасли ҳафтуми «Вандидод» (бандҳои 36-44) мушоҳида намуд.

Дар робита ба ташхиси шахси бемор аз ҷониби табиб диққати махсус зоҳир гардида, аз табиб талаб карда мешуд, то бисёр эҳтиёткорона, бодиққат ва мулоҳизакорона маризии шахсро муайян намояд, дар сурати нодуруст нишон додани ташхис эҳтимоли аз даст додани нуфузи кориаш ҷой дошт.

Маълум мегардад, ки тамаддуни зардуштӣ дар ҳазорсолаҳои қабл аз мелод нисбат ба саломатии тамоми табақаҳои аҳолӣ диққати махсус зоҳир намуда, хушбахтии ҳаёти инсонро маҳз дар тансиҳат будани ӯ арзёбӣ менамояд. Ҷиҳати таъмин намудани зиндагии шоиста ва фароҳам овардани роҳҳои гуногуни беҳдошти саломатӣ меъёрҳои заруриро муқаррар карда, баҳри табобат намудани маризон ба омода намудани табибони соҳибтаҷриба таваҷҷуҳ зоҳир намуда, оид ба муносибати онҳо бо шахси бемор аҳамияти махсус зоҳир менамуд. Ин тамаддун дар таърихи башар аввалин маротиба илми тибро дар шакли назарӣ ва амалӣ ҷорӣ намуда, бемористонҳои нахустинро бунёд кард ва усулҳои гуногуни табобатро ба роҳ монд.

ҲУҚУҚИ ШАХСОНИ МАЪЮБ БА ТАҲСИЛ ВА ОМӮЗИШИ КАСБӢ

Исматова М. Ҳ. – ассистенти кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Таҳсил яке аз ҳуқуқҳои инсон ва ҳамзамон воситаи зарурӣ барои амалисозии дигар ҳуқуқҳои инсон маҳсуб меёбад. Ҳуқуқ ба таҳсил ҳуқуқи бунёдии инсон ба ҳисоб рафта, дар бештари қонунҳои миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дарҷ шудааст. Соҳаи маориф дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок эътироф шудааст ва Ҳукумати кишвар барои таъмини дастрасӣ ба таҳсил барои ҳама тадбирҳо меандешад. Солҳои охир Ҳукумати мамлакат барои ҳаллу фасли мушкилоти рӯзмарраи маъюбон ва шароити мусоид фароҳам овардан барои зиндагии осоишта ва ба таҳсил фаро гирифтани онҳо дар мактабҳои миёна ва олии касбӣ пайваста талош варзида истодааст.

Самти афзалятноки рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани муҳит барои таҳсили шахсони дорои маъюбият дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олии кишвар маҳсуб меёбад. Дар ин самт, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки низоми таҳсили маъюбонро дар ҷумҳурӣ танзим менамоянд, таҳия ва қабул гардидаанд. Давлат ба маъюбон муҳайё намудани шароити зарурӣ барои таҳсил ва тайёрии касбиро бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад.

Дар моддаҳои 17, 18, 19, 20, 21, 22 ва 23-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” доир ба маҳайё намудани шароити маъюбон ба таҳсил ва таълиму тарбияи томактабӣ ва беруназмактабӣ қайд гардидааст, ки далели тавваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумати мамлакат нисбати маъюбон мебошад.

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР САМТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

Азимов С. Ш. – ассистенти кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Муҳоҷирати меҳнатӣ ва равандҳои он ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Он ҳамчун раванди мураккаби ҷамъиятӣ қариб ба ҳама ҷанбаҳои ҳаёти инсоният таъсиргузор аст.

Дар тӯли солҳои рушди мустақили мамлакатамон бинобар ба танзим даровардани соҳаи мазкур бо роҳи қабули ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ ва бо бастани созишномаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба як қатор корҳо амалӣ шудаанд. Аз ҷумла, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия як қатор созишномаҳои муҳимми байниҳукуматӣ баста шудаанд, ки ба танзим овардани ҷараёни ҳаракати қувваи корӣ, хусусан муташаккилона қабул кардан ва ҷалб намудани шаҳрвандони ҷумҳурӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти муваққатии меҳнатӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия нигаронида шудаанд. Ҷиҳатҳои ба худ хосси тамоми созишномаҳои дар ин соҳа баимзорасида дар он зоҳир мегардад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳудуди давлати қабулкунанда аз ҳуқуқҳое, ки шаҳрвандони он мамлакат доранд, истифода мебаранд. Аз ин рӯ, таҷрибаи бастани созишномаҳои дутарафа оид ба масъалаҳои танзими муҳоҷирати берунии меҳнатӣ хело ҳам муфид ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҳудро бояд ба таҳияи механизмҳои зарурӣ дар бастани созишнома ва густариш додани муносибатҳои дуҷониба бо Федератсияи Россия дар самти ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ равона кунад.

СИЁСАТИ ГЕНДЕРӢ ҲАМЧУН ҚИСМИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ

Бухориева С. М. – унвонҷӯи кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Дар раванди устувор гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва табаддулоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҷомеаи башар ба мақом ва манзалати зан дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуда, аҳамият ва муҳиммияти хоссаро ба ҳуд касб намудааст.

Дар ин нуқтаи муҳим ҳанӯз аз оғоз ва ибтидои рушди қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар давраи соҳибихтиёрӣ ва баъд аз қабули Конституцсия дар доираи сиёсати ҳуқуқии кишвар таъмини баробарҳуқуқӣ такмил ёфтан гирифт.

То ин замон аз ҷониби давлату ҳукумати мамлакат зиёда аз 50 адад санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия, қабул ва дар амал тадбиқ гардида истодаанд, ки дар ин марҳила занон дар роҳи густариши муносибатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, дар маҷмӯъ, дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми назаррас гузошта истодаанд.

Ин аст, ки занону духтарони лаёқатманду ташаббускор ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа торафт бештар ҷалб гардида, дар хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ дар баробари мардон сарбаландона кору фаъолият доранд.

Дар доираи тарҳрезӣ ва амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ барои беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии занону бонувон ва дастгирии ин табақаи бонуфузи ҷомеа аз ҷониби Ҳукумати мамлакат мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, дар доираи амалишавии сиёсати гендерии мамлакат ба ҳолати аввали марти соли 2020 аз шумораи умумии қариб 19000-нафар хизматчиёни давлатӣ 4500-нафар ё 25 фоизро занон ташкил дода, аз ҷумла 1100-нафар ё 19 фоизи онҳо имрӯз дар вазифаҳои роҳбарикунанда кор мекунанд. Агар то охири соли 2019 бонувону занон дар ҳайати Ҳукумати мамлакат ҳамагӣ 4,7 фоизро ташкил медоданд, ин нишондиҳанда дар семоҳаи соли 2020 ба 14,7 фоиз расидааст. Аммо новобаста аз натиҷаҳои бадастомадаи сиёсати гендерии мамлакат ҳанӯз ҳам дар ҷомеа мушкилиҳо дар ин самт ҷой доранд. Ҷиҳати ноил гардидан ба нишондодҳои ҳадафҳои ҳуҷҷатҳои стратегии дар ин самт қабулгардида, дар бартараф намудани қолабҳои гендерӣ дар ҷомеа, муҳайё сохтани шароитҳои ташкиливу ҳуқуқӣ ҷиҳати тадбиқи самараноки ҳуқуқҳои занон дар ҷомеа, пешбарии кадрҳои лаёқатманд аз ҳисоби занон дар соҳаҳои гуногун ва ба ин васила беҳтар намудани шароити зиндагии онҳо дар ҳар як оила саъю кӯшиши иловагиро тақозо дорад.

Дар ин масир бояд гуфт, ҳамчун амалишавии сифатноки барномаву стратегияҳои қабулгардида рӯйи кор ҳастанд ва созгор амалӣ сохтани онҳо дар ҳаёти занон ҳамчун қишри осебпазири ҷомеа пураҳамият арзёбӣ мегардад.

Умедворем, ки сиёсати гендерии мамлакат, ки яке аз шоҳаҳои сиёсати ҳуқуқии кишвар бо назардошти ченакҳои пазируфтаи умумибашарӣ дар таъмини воқеии баробарҳуқуқӣ дар кишвар натиҷаи судманд ҳоҳад дод. Зеро дар рушди устувори давлатҳо таъмини ҳуқуқҳои баробари тамоми аъзоёни ҷомеа зарур ва ҳатмӣ арзёбӣ мегардад.

ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВРОНИ ШӮРАВӢ

Файзализода Б. Ф. – унвонҷӯи кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Дар давраи Шӯравӣ инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил аввалин маротиба сатҳи конституцсиониро ба худ касб кард. Конституцсия ба шаҳрвандон ҳуқуқ ба таҳсилро дар шаклҳои гуногуни амалишавӣ кафолат дод.

Ҳарчанд, вобаста ба талаботи замон тағйирёбии низоми таҳсилот аз соли 1929 то соли 1990 мунтазам ба назар расад ҳам, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо мақсади инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ислоҳоти зарурӣ гузаронида шуда, санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии дахлдор қабул гардиданд.

Амалигардии ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон ба вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат вобастагӣ дошт. Масалан, дар аввали муқаррар кардани кафолати конституцсионии ҳуқуқ ба таҳсил ва тартиб додани низоми муайяни таҳсилот шаҳрвандон аз ҷиҳати молию иқтисодӣ ва сабабҳои техникӣ барои амалигардонии ҳуқуқ ба таҳсилашон танқисӣ мекашиданд. Чунончи, солҳои 1962 аз сабаби зиёд гардидани таҳсилкунандагон дар мактабҳо ҳолате ба вуҷуд омад, ки то сохтани мактабҳои нав давлат таҳсили себастӣ (смена)-ро дар мактаб эълон намояд. Ба ҳамаи ин мушкилиҳо нигоҳ накарда, шаҳрвандон таҳсил намуда, дорои донишҳои муайян гардида, дар идоракунии ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷамъият иштирок менамуданд.

Дар баробари конституцсияҳои қабулнамудаи Тоҷикистон сарчашмаҳои дигари инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар қонунгузории Тоҷикистон дар давраи Шӯравӣ низ ҷой доранд, ки дар инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба он нақши ҳалкунандаро бозидаанд.

Қабули қонунҳо ва қарорҳо бо мақсади амалӣ гардонидани таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ, миёна ва таълими умумии ҳатмӣ аз тарафи Кумитаи марказии умумииттифоқии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон 25 июли соли 1930 «Дар бораи таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ» ва январи соли 1931 «Дар бораи рафти кори таълим ва ҷорӣ кардани таълими

умумии ҳатмӣ», бо мақсади аз байн бурдани монеаҳо барои амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил қабули қарор аз тарафи Шӯрои Комиссариати халқи Тоҷикистон аз 2 декабри соли 1935 «Дар бораи мубориза бар зидди вайронкунандагони таҳсилоти умумӣ», қабули қонун санаи 24 декабри соли 1958 Шӯрои Олии ИҶШС «Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва дар бораи минбаъд инкишоф додани низоми маорифи халқ дар ИҶШС», қабули қарор моҳи августи соли 1964 аз тарафи Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шӯрои вазирони ИҶШС «Дар бораи тағйир додани муҳлати таҳсил дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумии политехникию меҳнатии таълими истеҳсолӣ», қабули қарор 10 ноябри соли 1966 аз ҷониби Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шӯрои вазирони ИҶШС «Дар бораи тадбирҳои минбаъд беҳтар намудани кори мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ», қабули қонун аз тарафи Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ барои минбаъд тараққӣ додани таҳсилоти умумии миёна дар деҳоту ноҳияҳои Тоҷикистон 27 декабри соли 1974 «Қонун дар бораи маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон», қабули қарор аз тарафи Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шӯрои вазирони ИҶШС 18 июли соли 1972 «Дар бораи чораҳои минбаъдаи баланд бардоштани таҳсилоти олӣ дар мамлакат», ҳамчунин қабули қарор аз тарафи Пленуми апрелии Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ соли 1984 «Дар бораи самтҳои асосии ислоҳоти мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ» аз он шаҳодат медиҳанд, ки инкишофи қонунгузорӣ дар давраи Шӯравӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар сатҳи олӣ ташаккул ёфта буд .

ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАРИМА АЗ НИГОҲИ НАЗАРИЯИ УМУМИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСАТИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

Аҳадзода А. А. – унвонҷӯи кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Ҷазо чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъйин карда мешавад. Он нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, тадбиқ гардида, аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс иборат мебошад.

Ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав тадбиқ мешавад.

Тибқи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ҷарима, дар аксарияти ҳолатҳо барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна пешбинӣ гардидааст. Ҷарима нисбат ба намудҳои дигари ҷазоҳо афзалияти зиёдтарро доро мебошад, ки он таъсироти ҷиддии худро ба маҳкумшуда бо мақсади пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав аз ҷониби ӯ амалӣ карда мешавад, ки қисми муайян ва дахлдори маблағи пулии ӯро меҷӯёнад.

Ҷарима хусусияти таъсиррасонии равониро ба шахси маҳкушуда дорад ва оқибатҳои муҳимми моддиро ба миён меорад, ки барои аксар ҷиноятқорон таъсири ҷиддии худро мерасонад.

Таҳлили таърихи ташаккулёбии ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима нишон медиҳад, ки он дар ҳама давру замони инкишофи ҷомеа ва давлат амал менамояд. Инкишофёбии он танҳо дар ҷодаи васеъгардонии доираи кирдорҳои ҷиноятие, ки барои он ҷарима тадбиқ мегардад, ифода ёфтааст.

Ҷарима ба намуди ҷазои молумулкӣ дохил мешавад, ки он бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав тадбиқ мегардад.

Намуди ҷазои мазкур дар низоми ҷазои ҷиноятӣ нисбатан инсондӯстона буда, аз рӯйи хусусият ва нишонаҳои худ баҳри барқарор намудани адолати иҷтимоӣ равона гардидааст. Дар амалияи судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҷарима ба фоидаи давлат пардохт гардида, маблаг ё худ зарари ба ҷабрдида расонидашуда барқарор намегардад, ки дар чунин ҳолат оид ба адолати иҷтимоӣ сухан рондан иштибоҳ мебошад.

Барқарор намудани адолати иҷтимоӣ воқеӣ ба ҳисоб меравад, агар суд имконияти қонуниро ҳангоми таъйин кардани ҷазо дар намуди ҷарима барои ҷинояти содиргардида, ки бо молу мулк алоқаманд мебошад, пайдо намояд ва онро якҷоя бо маблаги зиёни расонида шуда ба манфиати ҷабрдида рӯёнад.

Мо пешниҳод менамоем, ки ҷарима бояд барои ҷинояти содиргардида дар ҳамбастагӣ бо зарари аз ҷиноят расонидашуда муайян ва руёнида шавад.

Одатан, ҷарима дар санксияҳои ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва миёна таъйин карда мешавад. Таҳлили моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, ки дар онҳо ҷазои ҷарима пешбинӣ гардидиааст, нишон медиҳад, ки охирон барои ҷиноятҳои хатари на он қадар калон дошта ба ҷамъият муқаррар карда шудааст. Қонунгузор ҷаримаро ба сифати чораи ҷазо барои кирдори муайяни ҷиноятӣ муқаррар намуда, аз он бармеояд, ки амалигардонии мақсадҳои ҷазо дар чунин ҳолатҳо метавонад тавассути таъйин намудани ҷарима ба даст оварда шавад. Лекин бо назардошти гуногунрангии ҳолатҳои ҷиноятӣ, қонунгузор дар аксарияти ҳолат ҷаримаро тавассути ҳаволанамоӣ бо дигар намудҳои ҷазо пешбинӣ намудааст.

Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз самтҳои таъмини амнияти криминологӣ баромад менамояд ва дар эътироф кардани алоқамандӣ ва ба ҳам вобастагии бунёдии муқаррароти асосии он бо сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин сиёсати пешгирии ҷиноятқорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, пешбинӣ мешавад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон дар давраи муосир ин ихтисор намудани ҳаҷми истифодабарии ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ва тадбиқи ҳарчи бештари ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, ба ҳайси яке аз намуди чунин ҷазоҳо ҷарима баромад менамояд.

АНДЕШАҲО ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР «АВЕСТО»

Холиқова О. А. – унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Дар Тоҷикистони таърихӣ санадҳое, ки хусусияти меъёрӣ доранд хело барвақттар пайдо шудаанд, ки дар доираи қонуну қоидаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Пайдо шудани чунин санадҳои ахлоқию ҳуқуқӣ ба ҳазорсолаҳои 2-1 пеш аз милод рафта мерасад, ки намунаи он нахустин китоби динӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ – «Авесто» мебошад. « Авесто» китоби қадимаи динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии мардуми Осиёи Миёна ва Эрон аст. Вожаи «Авесто» аз забони форсии миёна «ahastak», баъдҳо «awastay» - «асос» (ё дар дигар маънидодкунӣ ҳамчун «муқаррарот» (конституцсия), «нишондод», «ҳамднома» ва ғ.) гирифта шудааст.

Аз ин лиҳоз, ин китоби муқаддаси динӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ на танҳо барои мо, балки барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дар бобати ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳамияти зиёд дорад. Боз дар бобати тарзи дуруст муошират намудани инсонҳо, таълиму тарбия, адлу инсоф, чӣ тавр тарбия намудани насли наврас, муносибати инсон бо ҳайвонот, тозагии об ва истифодаи он ва дигар масъалаҳои мубраме, ки то имрӯз ҳалли худро ёфта истодаанд, дар ин китоб маълумот дода шудааст.

Яке аз қисматҳои асосии онро «Вандидод» ташкил медиҳад, ки тарзи дурусти он «Видевдат», яъне қонун ба муқобили девон аст ва дар ин ҷо «ван-вай» – ба муқобили, «даева» – дев, бадӣ, «дод-вотик» қонунро ифода намуда, қонуни зидди бадӣ ё Қонунномаи муқобили бадӣ ба ҳисоб меравад. Китоби «Авесто» нахустин қонун ва танзимгари муносибатҳои ҳуқуқӣ, динӣ ва сиёсӣ муқаррар карда шудааст. «Вандидод» як қисми «Авесто»-ро дар бар гирифта, дар он санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бораи ҳуқуқ ба ҳаёти кӯдаки тавлидношуда, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқ ба ташкили оила ва дигар ҳуқуқҳои инсон пешбинӣ шудааст.

Маълум мегардад, ки «Авесто» нахустин сарчашма ва яке аз ёдгориҳои хеле қадимаи нодири гузаштагони миллати мо оид ба эътирофи ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб рафта, барои инкишофи минбаъдаи он нақши назаррас дорад.

ИНЪИКОСИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ ДАР АСАРҲОИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Калонов Ф. М. – унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Дар ҷаҳони муосир ҶТ дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд бо ҳама гуна манфиатҳои геополитикӣ, ақидаҳои экстремистӣ, гурӯҳҳои фундаменталӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст ва дар ҳамин давра тадқиқоти асарҳои мутафаккирони барҷастаи ватанӣ, таҳлили ақидаву консепсияҳои онҳо, ки таҷрибаи таърихии миллии халқи тоҷикро дар бар мегирад, мубрамияти махсус пайдо кардаанд. Дар ин замина омӯзишу тадқиқи ақидаҳои ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – яке аз мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик, дар илми ҳуқуқшиносӣ хеле муҳим мебошад.

Бояд қайд намуд, ки маҳз бо ташаббуси ҳамин хислатҳои хуби худ ва адлпарастияш дар байни мардум обрӯю эътибори хоссаро соҳиб гашт ва ҳатто ба дараҷаи «ҳазратӣ» расид, ки мардум ӯро бо номи «Ҳазрати Амирҷон» ном мебурдагӣ шуданд.

Асарҳои илмии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ то имрӯз мубрамияти худро нигоҳ доштаанд. Сабаб он аст, ки дар онҳо проблемаҳои ҳуқуқие баррасӣ ва ҳал гардидаанд, ки дар ташаккули давлатдорӣ ва мустаҳкамкунии асосҳои он аҳамияти зиёд доранд.

Имрӯзҳо гурӯҳҳои гуногун, ҳаракатҳои сиёсӣ ва одамони нигоҳи экстремистӣ дошта, ислом ва эътиқоди одамонро бисёр вақт ба мақсадҳои ғаразнок истифода мебаранд ва аз ин нуқтаи назар омӯзиши мероси илмии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ боз ҳам муҳимтару аҳамиятнок гашта, таваҷҷуҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб намуда истодааст. Таълимоти мутафаккир метавонад дар мубориза бар зидди идеяҳои гурӯҳҳои экстремистӣ ва ҳизбҳои сиёсии нигоҳи террористидошта яроқи аслии идеологӣ дар тамоми фазои ИДМ ва ҷаҳон шавад ва инчунин бо ёрии он метавон шиорҳои сохтаи ҳизбҳову ҳаракатҳои террористиро қатъиян фош ва решакан намуд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба тариқи уҳдадор сохтани мардум оид ба иҷро ё риояи хислати ҳамидаи инсонӣ (баъзан уҳдадорӣ) ҳуқуқи раиятро муайян сохта, кӯшиши ҳимояи онро мекунад. Механизми ҳуқуқмуқарраркунии ӯ, асосан, тавассути уҳдадоркунии мардум ба ягон рафтори муайян амалӣ мегардад. Чунки дар натиҷаи иҷро намудани кирдорҳои муайян ҳамзамон ҳуқуқи каси дигар ҳифз карда мешавад.

Ҳаминро бояд гуфт, ки афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ саршори нишондодҳои дорои характери ҳуқуқӣ мебошад. Гуфтаҳои ӯ қариб ки ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегиранд. Ба мисли, нишондодҳо оиди ҳокимият ва давлатдорӣ, муқаррар кардани ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон, оиди ахлоқи ҳуқуқӣ дар ҷамъият, таъминоти иҷтимоии ҷомеа, оид ба тиҷорату соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Аз Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мероси бои сиёсию ҳуқуқӣ боқӣ мондааст. Муҳаққиқон ба ӯ зиёда аз 170 асарро нисбат медиҳанд. Асарҳои ӯ, ки асосан аз рисолаҳои ҳаҷман хурд иборатанд, ба форсии тоҷикӣ навишта шудаанд. Алии Ҳамадонӣ ба забони арабӣ ҳам асар таълиф кардааст, ки “Шарҳи асмои ҳусно”, “Асрор-ун-нуқта”, “Ал-муваддат фил-қурбо” аз ҷумла онҳо мебошанд.

Асарҳои Шоҳи Ҳамадон, ки хусусияти ҳуқуқию ахлоқӣ доранд, аз инҳо иборатанд: “Асрор-ун-нуқта”, “Рисолаи ақлия”, “Ҳалли мушкил”, “Одоб-ул-машоих”, “Рисолаи саволот” ва ғайра. Дар ин асарҳо мутафаккир, муҳимтарин масъалаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, худшиносӣ, инсондустӣ, таълиму тарбияи фарзанд, тарзи идора намудани ҳокимият ва дигар масъалаҳои мубрами ҷомеаро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ

Сангинов Д. Ш. – н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати ДМТ

Соҳибкории иҷтимоӣ фаъолияти соҳибкориест, ки барои сабукгардонӣ ва ё ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ равона карда шудааст. Нишонаҳои фарқкунандаи соҳибкории иҷтимоӣ аз дигар намуди фаъолияти соҳибкорӣ инҳо мебошанд:

таъсироти иҷтимоӣ – мақсаднок ҳал намудани мушкилоти мавҷудаи иҷтимоӣ, баҳодиҳии устувории мусбии натиҷаҳои иҷтимоӣ;

навоварӣ - истифодаи усулҳои нав ва беназир барои баланд бардоштани таъсироти иҷтимоӣ;

худтаъминкунӣ ва устувории молиявӣ - қобилияти корхонаи иҷтимоӣ дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ то мавриди зарурат ва аз ҳисоби даромадҳои аз фаъолияти худ бадастоварда;

миқёспазирӣ ва такроршавӣ - афзоиши миқёси фаъолияти як корхонаи иҷтимоӣ (дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ) ва паҳн кардани таҷриба (моделҳо) бо мақсади баланд бардоштани таъсироти иҷтимоӣ;

равиши соҳибкорӣ - қобилияти соҳибкори иҷтимоӣ барои дидани нокомии бозор, пайдо кардани имкониятҳо, гирдоварии захираҳо, таҳияи қарорҳои наве, ки дар маҷмӯъ ба ҷомеа таъсири мусбии дарозмуддат доранд.

Соҳибкории иҷтимоӣ дар он самте рушд меёбад ва азхудкунии сегментҳоро амалӣ менамояд, ки дар он давлат таъсироти заруриро бо ягон сабаб таъмин карда наметавонад. Худи истилоҳи “соҳибкории иҷтимоӣ” дар солҳои 60-70 асри гузашта дар муҳити иттилоотӣ бо назардошти дигаргуниҳои иҷтимоӣ пайдо шуд. Солҳои 1980-90 ба шарофати фаъолияти Билл Дрейтон, асосгузори ширкати «Ашока»: навоварӣ барои ҷомеа, ин мафҳум ба таври васеъ паҳн карда шуд. Ин бунёди ғайритиҷоратӣ бори аввал ба дастгирии мунтазами ташаббусҳои иҷтимоии соҳибкорӣ ва оммавияти падидаву ибораи “соҳибкории иҷтимоӣ” машғул гардид. Нақши муҳимро дар рушди ин ин ибора Майкл Янг муаллифи мафҳуми “меритократия” (ҳокимият, ки ба хидматҳо асос ёфтааст) ва Эндрю Мосон пешвои навсозии иҷтимоию иқтисодӣ ва ободонии шаҳрҳо бозидаанд.

Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар лоиҳаи Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррарот оид ба соҳибкории иҷтимоӣ дарҷ карда шавад: “Соҳибкории иҷтимоӣ – фаъолияти соҳибкории барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷамъиятии муфид равонагардида мебошад, ки барои ҳалли мушкилоти иҷтимоии шаҳрвандон ва ҷамъият бо риояи шарти машғул нашудан ба истеҳсол ва фурӯши молҳои зеракзизӣ, истихроҷ ва фурӯши сарватҳои зеризаминӣ ба амал бароварда мешавад”.

ОИД БА ЗАРУРАТИ КОДИФИКАТСИЯИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲИБКОРӢ

Раҳимзода М. З. – д.и.ҳ., профессори
кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати ДМТ

Қонунҳое, ки ҳоло қабул карда шуданд, муносибатҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро дар алоқамандӣ ба танзим дароварда, хислати оммавӣ ва хусусӣ доранд. Аз ин ҷо ҳангоми танзими муносибатҳои соҳибкорӣ дар онҳо бояд ба ҳам мувофиқоии унсурҳои ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ риоя шаванд. Маҳз ягонагӣ ва алоқамандии воситаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ имконияти самараноки танзими фаъолияти соҳибкориро таъмин менамоянд. Аз ин лиҳоз қонунгузории амалкунандае, ки муносибатҳои соҳибкориро ба танзим медароранд, бештар хислати комплексӣ доранд. Комплексӣ будани қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ хислати объективӣ дорад, зеро дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз як тараф, таъмини оқилонаи бартарии манфиати давлатӣ ва ҷамъиятӣ, аз тарафи дигар, риояи тавозуни байни манфиати ҷамъиятӣ ва манфиатҳои хусусии соҳибкорон махсусан муҳим мебошад. Ба назар нагирифтани тавозуни байни ин манфиатҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ метавонад боиси самаранок амал накардани меъёрҳои ҳуқуқии қабулкарда гардад.

Агарчанде муносибатҳои хислати хусусӣ доштаи танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ асосантибқи муқаррароти Кодекси граждани ба танзим дароварда шаванд ҳам, вале Кодекси мазкур на танҳо аз муносибатҳои хислати оммавӣ дошта холӣ намебошад, балки таъсири меъёрҳои ҳуқуқии оммавии дар доираи қонунҳои комплексии қабулкардаи давлат ба муносибатҳои хусусӣ ниҳоят зиёд мебошад. Дар кишварҳое, ки қонунгузории гражданиашон кодефикатсия карда шудааст, аз он ҷумла Олмон ва Франсия, масъалаи мазкур ба воситаи Кодекси савдо ё қонунҳои алоҳида ҳал карда мешавад.

Дар ҳуқуқи кишварҳои ИМА ва Англия бо сабабе, ки ҳуқуқ ба оммавию хусусӣ ҷудо карда намешавад, танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи иқтисодӣ (соҳибкорӣ) ба қонунгузории комплексӣ (оммавӣ, хусусӣ), ҳаётан муҳим будани чунин танзимнамоӣ ва имконияти дар оянда рушд ёфтани онро исбот намуд. Ҳанӯз соли 1952 дар Амрико Кодекси ягонаи савдои (тиҷоратии) ИМА қабул карда шуда буд, ки меъёрҳои қонунгузории гуногунро дар соҳаи савдои молҳо дар бар мегирифт.

Дар кишвари мо меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои соҳибкориро ба танзим медароранд, на танҳо дар Кодекси граждани ва қонунҳои алоҳида (Қонунҳои ҶТ «дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд», «дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», «дар бораи корхонаҳо», «дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок», «дар бораи реклама» ва ғ.), балки дар кодексҳои гуногун муқаррар карда шуда, хислати комплексӣ доранд. Бояд зикр намоем, ки дар шароити ҳозира, чи хеле ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, дар қатори кодексҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳавии муайян, кодексҳои танзимкунандаи муносибатҳои гуногуни вобаста ба намуди фаъолияти муайян , аз ҷумла соҳибкорӣ амал менамоянд.

Мисоли равшани он кодекси замин, кодекси андоз, кодекси меҳнат, кодекси тандурустӣ ва ғ. шуда метавонанд. Дар кодексҳои мазкур фаъолияти (соҳаи) муайяне ба танзим дароварда мешавад, ки дар он муносибатҳои гуногун (граждани, соҳибкорӣ, меҳнатӣ, маъмурӣ ва ғ.) ба вуҷуд меоянд, яъне хислати комплексӣ доранд. Гуногунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамзамон як низоми муайян надоштани онҳо, инчунин аз лиҳози истифода начандон мувофиқ будани онҳо дар амал (яъне, як қонуни мукаммал мавҷуд набудан) боиси масъалагузорӣ дар бораи қабули кодекси танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ мегардад. Ин беасос намебошад, зеро вақти он расидааст, ки тибқи қонунгузорӣ ба муносибатҳои соҳибкорӣ ҳам аз лиҳози танзими уфуқӣ ва ҳам аз лиҳози амудӣ муносибати ягона бошад.

Ба ақидаи мо, нуфузи Кодекси граждани ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои уфуқӣ дар ҷомеа ҳамон вақт баланд мегардад, ки ба қадри имкон предмети танзими ҳуқуқии он, танзими сифатан якхелаи муносибатҳои ҷамъиятии молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ бошад, на омехтагии аз ҳад зиёди муносибатҳои оммавию хусусӣ. Аз ин ҷо, чи тавре ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст самти такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда бояд ботадриҷ кодификатсия кардани онҳо бошад. Зеро, дар шароити аз ҳад зиёд шудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунии танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ чунин роҳ хеле муҳим мебошад. Онро бо роҳи батадриҷ аз нав кардани қонунгузории амалкунанда анҷом додан мумкин аст.

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҚАТЪ ШУДАНИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ ҲАНГОМИ ДАЪВАТ Ё БА ХИЗМАТИ ҲАРБӢ ДОХИЛ ШУДАНИ КОРМАНД

Бобокалонов Ғ. М. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати ДМТ

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳолатҳое рӯй медиҳанд, ки сабаби қатъ шудани шартномаи меҳнатӣ мегарданд, яъне бидуни изҳори озодонаи хоҳишу иродаи тарафҳо сурат мегирад.
Вобаста ба ин, яке аз асосҳои қатъшавии шартномаи меҳнатӣ, ки дар сархати панҷуми қисми 1 моддаи 39 КМ ҶТ ҷой дода шудааст, ба ҳолате бахшида шудааст, ки боиси қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ новобаста аз иродаи корфармо ва корманд мегардад.

Қатъ шудани шартномаи меҳнатӣ дар ҳолатҳое, ки ба иродаи тарафҳо вобаста намебошанд, дар моддаи 48 КМ ҶТ пешбинӣ шудаанд, ки дар меъёрҳои муқарраргардида якчанд ҳолатҳоро дар бар мегирад.

К преступлениям третьей группы относятся: статья 207 нарушение санитарно-эпидемиологических правил; статья 208 сокрытие информации об обстоятельствах, создающих опасность для жизни или здоровья людей; статья 209 производство, хранение, транспортировка либо сбыт товаров и продукции, выполнение работ, или оказание услуг, не отвечающих требованиям безопасности; статья 210 незаконное занятие частной медицинской и частной фармацевтической деятельностью.

ТАКМИЛИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҶАЗОҲОИ ҶИНОЯТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Камолов З. А. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ самти фаъолияти давлат оид ба коркард ва тадбиқсозии стратегияи мубориза бо ҷинояткорӣ ба ҳисоб рафта, воситаи асосии он ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад мекунад. Коркарди усулҳои самаранок ва воситаҳои пешгирии ҷиноят қисми ҷудонопазири сиёсати давлат дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз воситаҳои муҳиммӣ пешгирии ҷинояткорӣ ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла чунин самтҳои сиёсати давлат оид ба ҷазоҳои ҷиноятӣ муқаррар шудаанд:

- инсондӯстии қонунгузории ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёнаро содир намудаанд, шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ эҳтиёҷманд - занони ҳомила ё кӯдаки ноболиғ дошта, ноболиғон ва шахсоне, ки дар пиронсолӣ ҷиноят содир намудаанд;

-ба таври васеъ паҳн намудани тадбиқи ҷазоҳои бо маҳрумкунӣ аз озодӣ алоқаманд набуда, тавассути хориҷ намудани маҳрумкунӣ аз озодӣ аз муҷозоти моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ;

- бознигарии ҷарима ҳамчун яке аз ҷазоҳои самаранок бо кам кардани андозаи ҷарима барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна;

- мутобиқ намудани санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дараҷаашон якхела мутобиқи принсипи адолат;

- таҷдиди назар намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати ҷиноятҳои алоҳида ва иваз намудани он бо дигар намудҳои ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз дар м.44 КҶ ҶТ пешбинӣ шудани номгӯйи васеи намудаҳои ҷазо (дувоздаҳ намуди ҷазо) дар амалияи на ҳамаи онҳо ба таври дахлдор истифода мешаванд, ки ин ба самтҳои рушди сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлат мусоидат намекунад. Ин аз омилҳои гуногун вобаста мебошад, аз ҷумла андозаи ҳадди ақалли чунин намуди ҷазо, ба монанди ҷарима ба шароити иҷтимоӣ мувофиқ набуда, беасос зиёд муқаррар шудааст, механизми иҷрои ҷазои маҳдуд кардан аз озодӣ то ҳол коркард нашудааст, ҳангоми иҷрои ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ мушкилиҳо дар бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон ҷой доранд, дар санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ асосан ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ва ҷарима муқаррар шудаанд, ки ин ҳолатҳо имконияти истифода шудани ҷазоҳои дигари бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набударо маҳдуд месозад.

Барои бартараф намудани ҳолати мазкур ва такмил додани сиёсати ҷазодиҳии давлат бояд як қатор чораҳо андешида шаванд, аз ҷумла, бо роҳи такмил додани танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ дар санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, бахусус нисбати ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна муқаррар сохтани ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набуда, васеъ намудани доираи имконияти тадбиқшавии онҳо дар амалия, таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ вобаста ба талаботи принсипи адолат ва инсондӯстӣ, ба системаи ҷазо барои амалӣ намудани мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва таъмини ҳуқуқҳои ҷабрдида ворид намудани ҷазоҳои хусусиятҳои ҷуброннамоӣ дошта ва ғайра.

ТАКМИЛИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ

Мирзоахмедов Ф. А. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ қисми махсуси қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд, ки дар фасли VIII боби 21 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 21 майи соли 1998 қабул гардида, 1 сентябри ҳамон сол мавриди амал қарор гирифтааст, мустаҳкам гардида, дар моддаҳои 179 то 199-и кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд. Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ чунин кирдорҳои (ҳаракат ё беҳаракатӣ) барои ҷамъият хавфноки пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ мебошанд, ки ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳолати оромии ҷамъиятӣ, фаъолияти муътадили институтҳои ҷамъиятӣ, бехатарии манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ё давлатиро ҳангоми пеш бурдани корҳои муайян ё муносибат намудан бо предметҳои хатари умумидошта таъмин менамоянд, зарари ҷиддӣ мерасонанд ё таҳдиди расонидани чунин зararҳоро доранд.

Олимони таҳқиқбаранда дар соҳаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои мазкурро назар ба дигар ҷиноятҳо баландтар мешуморанд, зеро, ба гуфтаи онҳо, ҷиноятҳои мазкур ба муносибатҳо, манфиатҳо ва арзишҳои ҳаётан муҳимми инсонӣ зарари ҷиддӣ мерасонанд ва қисми зиёди ин ҷиноятҳо хусусияти байналмилалӣ дошта, аз таъсири ҳуқуқии як давлат берун баромадаанд ва муборизаи бар зидди онҳо хусусияти байналмилалӣ гирифтааст. Ба шумули ин гуна ҷиноятҳои ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ равонагардида чунин ҷиноятҳоро дохил кардан мумкин аст: терроризм, ғасби гаравгон, роҳзании обӣ ва ғайра.

Ҷиҳати такмил додани сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои гуногун тағйирот ва иловаҳо ворид гардидаанд. Ҳамин тариқ, ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои зерин дохил карда шудаанд: моддаи 1791 «Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта, ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо»; моддаи 1792 «Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта»; моддаи 1793

«Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террорстӣ»; моддаи 1841 «Ғасб, вайрон кардан, содир намудани амалҳои зӯроварӣ дар платформаи статсионарии воқеи шелфи континенталӣ»; моддаи 1842 «Кирдорҳои қасдона ба муқобили бехатарии ҳавопаймо ё киштӣ»; моддаи 1843 «Ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии фурудгоҳҳое, ки ба авиатсияи граждани хизмат мерасонанд», 1844 «Интиқоли ғайриқонунии шахси содирнамудаи ҷинояти хусусияти террористидошта дар нақлиёт»; моддаи 1941 «Истифодабарии ғайриқонунии мавод, воситаи радиоактивӣ ё объекти ядроӣ»; моддаи 1942 «Ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии дастгоҳи ядроӣ»; моддаи 1943 «Ғайриқонунӣ тайёр кардани воситаи таркандаи ядроӣ ё воситаи афканандаи радиатсия»; моддаи 1944 «Ҳамлу нақли ғайриқонунии моддаҳои тарканда, маводи радиоактивӣ, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ дар ҳавопаймо, киштӣ ё нақлиёти хушкигард»; моддаи 1945 «Ғайриқонунӣ истифода бурдан ва ё партофтани моддаҳои тарканда, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ, моддаҳои хатарнок ва зараррасон аз киштӣ ё платформаи статсионарии воқеи шелфи континенталӣ».

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки такмилдиҳии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ҳамеша дар раванди инкишоф аст, зеро бо пайдо гардидани намудҳои нави ҷиноятҳои мазкур зарурати ба Кодекси ҷиноятӣ ворид намудани онҳо пайдо мегардад.

ТАКМИЛИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ САЛОМАТӢ

Холиқзода Ш. Л. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии баамаломада дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба эъмори давлати ҳуқуқбунёд нигаронида шудааст, олимони ватанӣ, аз ҷумла ҳуқуқшиносонро ба таҳқиқи масъалаҳои муҳиме, чун таъмини бехатарии шахс, ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрванд водор месозад. Зарурияти ҳалли онҳо дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948 зикр ёфта, волоияти арзишҳои умумибашарии инсон дар моддаи 5-уми Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас оварда шудааст: “Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд”.

Дахлнопазирии шахс, ҳифзи ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, ҳифзи он дар моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) мустаҳкам карда шудааст. Дар миёни таҷовузҳои ҷиноятторона ба муқобили шахсият ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ бештар ба назар мерасанд, ки ин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок дар моддаҳои 110-129-и КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудаанд. Охирин ба қатори ҷиноятҳои вазнин ва бо дарназардошти мавҷудияти аломатҳои махсусан вазнинкунанда ба категорияи ҷиноятҳои махсусан вазнин дохил карда мешавад.

Муқовимат бар зидди ин навъи ҷиноятторӣ ва пешгирии он аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саъю талоши хоссаро тақозо дорад. Дар ҳалли масъалаҳои муборизаи бар зидди ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ такмилдиҳии қонунгузории ҷиноятӣ низ аҳамият дорад. Бинобар ин бояд қайд намоем, ки ҳангоми дар соли 1998 даровардани ислоҳот таркиби ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ ба тағйироти зиёд рӯ ба рӯ гардид.

Аз вақти ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятӣ дар соли 1998, бо вуҷуди он ки дар маҷмӯъ ҳангоми мукаммалсозӣ боби 16 КҶ ҶТ камтар тасҳеҳ ёфт, он то ба имрӯз аз мадди назар дур намондааст.

Аз тадбиқи боби 16-и КҶ ҶТ дар амалия бармеояд, ки зарурияти корбурди системавии тадбиқи илмии ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ дар таҳлилу баррасии ин навъи ҷиноят, таҳияи тавсияҳо дар такмили қоидаҳои гурӯҳбандии он, омодасозии пешниҳод дар мукаммал намудани низоми қонунгузории ҷавобгарӣ, инчунин чорабинӣ барои пешгирии ин навъи ҷиноят пеш меояд.

Ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ, ки яке аз масоили мубрами сиёсати муосири ҳуқуқии ҷиноятӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад, бахшида шудааст. Таҳлили вазъи ҷиноятторӣ дар мамлакат аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои охир

миқдори ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ дар Тоҷикистон миёни ҷиноятҳо ба муқобили шахсият хеле зиёд ба назар мерасад.

ТАКМИЛИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТӢ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҶАЗОИ ҶАРИМА

Мирзоев С. Т. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Дар замони муосир вазифаи мубориза бо ҷиноятқории муташаккил ва масоили ба он алоқаманд, бештар бо мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ба ҷазои ҷиноятӣ вобастагӣ дорад.

Ҷарима ҳамчун ҷазо дар баробари дигар ҷазоҳои ҷиноятӣ метавонад баҳри танзими муносибатҳои барои ҷамъият хавфнок васеъ истифода шавад. Бахусус, дар аксарияти давлатҳои мутараққӣ барои кашида гирифтани даромаде, ки дар натиҷаи фаъолияти ҷиноятӣ ба даст оварда шудааст, ҷаримаи молумулкӣ истифода мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ки узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аст метавонад аз ин ҳолат баҳри пешгирии ҷиноятҳо, ҳамчунин такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ истифода намояд.

Агарчи институти ҷаримаи молумулкӣ ҳамчун намуди ҷазо ба соҳаи муносибатҳои моликияти хусусӣ дахолати беандоза дошта бошад ҳам, вале он лоиқи таваҷҷуҳи қонунгузори ватанӣ дониста мешавад. Нақши ҳуқуқшиносии муқоисавиро ба назар гирифта, ҳангоми ба роҳ мондани ислоҳоти ҳуқуқӣ дар мамлакат, истифодаи таҷрибаи бойи мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятии Олмон мувофиқи мақсад мебошад.

Дар фарқият аз КҶ ҶТ, ба ғайр аз ҷаримаи анъанавии пулӣ, дар қонунгузории ҷиноятии Олмон, инчунин, меъёрҳо оид ба ҷаримаи молумулкӣ мустаҳкам шудаанд. Он на танҳо барои ҳуқуқи ҷиноятии Олмон мубрам мебошад, балки барои ислоҳоти КҶ ҶТ низ аз аҳамият холӣ нест.

ТАКМИЛИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИДИ ҶИНОЯТИ ГИРИФТАНИ ПОРА

Сайфуллозода У. А. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Тоҷикистон 28 сол аст, ки дар фазои истиқлолияти сиёсӣ арзи ҳастӣ дорад. Рушди мустақилона дар баробари афзалиятҳо баъзе омилҳои манфӣ низ дорад, ки яке аз онҳо ин порахӯрӣ ё коррупсия мебошад. Порахӯрӣ имрӯзҳо ба яке аз таҳдидҳои олами муосир табдил ёфтааст, ки амнияти кишварҳо ва минтақаҳоро зери хатар мегузорад. Он кулли мамлакатҳои оламро фаро гирифтаст ва дар ҳар макону замон дар сатҳи мухталиф зоҳир мегардад. Порахӯрӣ қариб тамоми таърихи инсониятро ҳамроҳӣ намудааст. Онҳо монанди дигар зуҳуротҳои зиддиҷамъиятӣ, коҳишдиҳандаи қонуният, адолат, боварии мардум ба давлат буда, аз ин лиҳоз боиси ташвишу нигарониҳои сиёсию ахлоқӣ мегарданд.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳеҷ вақт ба пурагӣ онро наметавон аз байн бурд. Дар мубориза бо ин падидаи нопок иродаю майли ба он мубориза кардан, қонунҳои дахлдору мақомоти ба мубориза ваколатдор ва афкори ба он созгор доштан, шарт ва зарур аст.

Порахӯрӣ зуҳуроти иҷтимоии аз давраҳои қадим маълум мебошад. харидани шахсони мансабдор ҳама вақт кирдори барои давлат хавфнок дониста мешуд. Порахӯрӣ яке аз элементҳои коррупсия буда, аз тарафи ду нафар-порадеҳ ва порагир содир шуда метавонад. Як субъект низ ҷиноятӣ мазкурро содир карданаш мумкин аст.

Ошкор намудани кирдорҳои ҷиноятии мазкур мушкил аст, чунки аз тарафи ду шахс, одатан, ба таври ниҳонӣ содир гардида, дар бисёр ҳолатҳо тарафҳо барои ошкор гардидани он ҳавасманд нестанд.

Гирифтани пора ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна, ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои вазнинкунанда (қ 2-4 м. 319 КҶ ҶТ) ба категорияи ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин дохил мегардад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ду намуди пора фарқ карда мешавад, пора - харидан ва пора - мукофот.

Пора - харидан то аз ҷониби шахси мансабдор содир гардидани кирдорҳои дахлдор ё баъди он аз рӯйи маслиҳати пешакӣ дода мешавад. Қонунӣ ё ғайриқонунӣ будани ҳаракатҳои шахси мансабдор, ки ба фоидаи порадиҳанда содир мешавад, аҳамият надорад.

Масалан, шахси мансабдор дар асоси қонун иҷозатнома (литсензия) медиҳад, вале бар ивази ин пора мегирад. Агар бар ивази пора шахси мансабдор кирдорҳои ғайриқонунӣ содир намояд, ин ҳолати вазнинкунандаи таркиби гирифтани пораро ташкил медиҳад.

Пора – мукофот, пас аз содир гардидани кирдорҳои дахлдор аз ҷониби шахси мансабдор бе маслиҳати пешакӣ ба ӯ дода мешавад. Масалан, агар судя аз рӯйи кори меросгирӣ қарори асоснок барорад, вале меросгир мурофиаро бурида, ҳамчун аломати миннатдорӣ ба судя арзишҳои моддӣ диҳад, ин пора мукофот ба ҳисоб меравад.

Ғайр аз кирдорҳои дар боло номбаршуда, тарафи объективии гирифтани пора аз пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат иборат мебошад. Пуштибонии умумӣ дар хизмат, масалан, аз ҳавасманднамоии беасос, бенавбат ва беасос баланд намудан дар мансаб ё содир намудани кирдорҳои дигари безарурият ифода ёфта метавонад.

Ба саҳлангорӣ дар хизмат, масалан, наандешидани чора аз ҷониби шахси мансабдор нисбати вайронкуниҳои фаъолияти хизматии порадиҳанда ё намояндагони ӯ, бепарвоӣ нисбати ҳаракатҳои ғайриқонунии ӯ ва ғ. дохил мешаванд.

Пора мумкин аст барои содир намудани кирдорҳои дахлдор ба манфиати порадиҳанда ба шахси дигари мансабдор дода шавад.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

Раҳмонзода М. Ҷ. – ассистенти кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Дар тадқиқотҳои муқоисавӣ усули муқоисаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ таърихи куҳан дорад. Методи мазкурро Л.Ж. Константинеско ҳамчун «методи тасвирӣ (тавсифӣ)» ва К. Свайгерт ва Х. Кетс ҳамчун методи «ҳуқуқшиносии қонунгузорӣ» тавсиф додаанд, ки он дар доираи мактаби экзегетикӣ (таълимот дар бораи маънидодкунии матнҳо) асри XIX ташаккул ёфта, танҳо ба матни қонунгузорӣ такя менамуд, ки ба ақидаи тарафдорони ин метод, ба таври дахлдор баррасӣ ва маънидокунии қонунҳо метавонад ҷавоби мукаммалро вобаста ба мавзӯи тадқиқшаванда пешниҳод намояд.

Умуман, усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ, бахсус дар самти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии фаъолияти қонунии бонкӣ, пешгирии ҷиноятҳое, ки бо фаъолияти бонкӣ алоқаманданд, аҳамияти хосса дорад. Зеро, бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта, ки дар он ҷо сатҳи криминогенӣ вобаста ба ҷиноятҳои иқтисодӣ дар сатҳи паст қарор дорад, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунҳои худро дар ин самт мукаммал намояд.

Дар давлатҳои аъзои ИДМ ягона давлате, ки баъд аз пошхӯрии ИҶШС ду маротиба қонуни ҷиноятии худро қабул намудааст, Ҷумҳурии Қазоқистон ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Қазоқистон аввалин маротиба 16 июли соли 1997 ва баъдан 3 июли соли 2014 қонуни ҷиноятии худро дар таҳрири нав қабул намудааст. Дар КҶ соли 1977-и Қазоқистон ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар моддаи 189 муқаррар шуда буд ва аз нигоҳи нишонаҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят бо м. 263 КҶ ҶТ шабоҳат дошт. Пас аз оне, ки Ҷумҳурии Қазоқистон дар соли 2014 қонунии ҷиноятии навро қабул намуд, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ якҷоя бо соҳибкории ғайриқонунӣ дар м. 214 муттаҳид карда шуд. Мувофиқи м. 214 КҶ Қазоқистон амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ё бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бе

бақайдгирӣ, ҳамчунин бе иҷозатномаи ҳатмӣ барои чунин фаъолият ё бо вайрон намудани меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба иҷозатномадиҳӣ ва огоҳнамоӣ, ҳамчунин машғул шудан ба фаъолияти соҳибкории манъшуда, агар ин кирдор ба шахсон, ташкилотҳо ё давлат зарари калон расонида бошад ё ба гирифтани даромад ба миқдори калон равона гашта бошад ё бо истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ё фурӯши молҳои зераксизӣ ба миқдори муайян содир шуда бошад, ҷиноят мебошад.

Агар мо ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар кунем, диспозитсияи моддаи 263 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бахшида шудааст, яъне мувофиқи моддаи мазкур, «тадбиқи фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ ё иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома ҳатмӣ мебошад, ё бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ, агар ин кирдор бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон вобаста бошад ё ба манфиати шаҳрванд, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё давлат ба миқдори калон зарар расонида бошад,» пешбинӣ карда шудааст.

Моддаи 214 КҶ Қазоқистон дар қисми 2 ҳолатҳои бандубасташавандаи содир намудани ҷиноят дар намуди аз ҷониби гурӯҳи ҷиноятӣ, бо гирифтани даромад ба миқдори махсусан калон ва ду ва ё зиёда маротиба содир намудани ин ҷиноятро пешбинӣ намудааст. Аз ин бармеояд, ки қисми 2 моддаи 214 КҶ Қазоқистон ба қисми 2 моддаи 263 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон каме шабоҳат дорад. Яъне, тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 263 КҶ Тоҷикистон, “ҳамин кирдор агар: аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон; аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ё соҳибкории ғайриқонунӣ судшуда содир гардида бошад,” пешбинӣ шудааст.
Таркиби ҷиноят аз рӯйи сохти таркибиаш моддӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 214 КҶ Қазоқистон барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҷазо дар намуди ҷарима (то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо), корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан аз озодӣ то ду сол, ё маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол бо мусодираи амвол ё бе мусодираи он тадбиқ карда шуданаш мумкин аст. Барои содир намудани ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бо ҳолатҳои бандубастшаванда бошад, ҷазо дар намуди ҷарима (то панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо), корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ то панҷ сол, ё маҳрум кардани озодӣ то панҷ сол бо мусодираи амвол пешбинӣ карда шудааст.

ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ҒОРАТГАРӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ БЕЛОРУС

Мирзоев Қ. Х. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус (минбаъд КҶ ҶБ) аз бисёри ҷиҳатҳо шабеҳ мебошад. Пеш аз ҳама, зикр кардан лозим аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Белорус ғоратгарӣ дар қ.1 моддаи 206 КҶ ҶБ ҳамчун «ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр» ифода ёфтааст, ки шарҳи мазкур пурра бо матни қ.1 моддаи 248 КҶ ҶТ мувофиқат мекунад.

Ҷавобгарӣ барои содир намудани ғоратгарии бидуни аломатҳои бандубасткунанда - бо корҳои ҷамъиятӣ, ё ҷарима, ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол, ё ҳабс, ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то чор сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо пешбинӣ мешавад.

Агар ба аломатҳои бандубасткунанда нигарем, онҳо дар қ.2 ,3 ва 4 моддаи 206 КҶ ҶБ бо тартиби зайл ифода ёфтаанд:

- ғоратгарие, ки бо зӯроварӣ содир шуда, ки ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок нест ё бо таҳдиди чунин зӯроварӣ ё такроран аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил содир шуда бошад, бо ҳабс, ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то панҷ сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то шаш сол ҷазо дода мешавад;
- ғоратгарие, ки ба миқдори калон содир мешавад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни мусодира ҷазо дода мешавад;

- ғоратгарие, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё ба миқдори махсусан калон содир шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то сенздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

Дар қиёс ҷазо барои ғоратгарӣ аз рӯйи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус нисбат ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ сабуктар мебошад. Сохти моддаи танзимкунандаи таркиби ғоратгарӣ ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он феълан мутобиқ мебошанд.

ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ҲУҚУҚИИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МОДДАҲОИ САХТТАЪСИР Ё ЗАҲРОЛУД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Каримов Д. – ассистенти кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба ҷамъият хатари калон доранд, зеро онҳо ба ҳаёт ва саломатии одамон хавфнок мебошанд. Дар робита ба ин, истеҳсол, коркард, харидан, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бояд танҳо бо иҷозати махсус барои мақсадҳои илмӣ, тиббӣ ва дигар мақсадҳои иҷтимоии муфид бошад. Риояи қоидаҳои истеҳсол, харид, нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ, паҳнкунӣ, интиқол ё фиристодани ин мавод шарти муҳим барои таъмин ва нигоҳдории саломатии аҳолӣ мебошад. Истифодаи моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсадҳои ғайритиббӣ метавонад ба бад шудани вазъи саломатӣ ё ба нашъамандӣ оварда расонад. Ҳамин тариқ, моҳияти ҷинояти баррасишаванда таҷовуз ба саломатии аҳолӣ мебошад.

Гурӯҳи асосии меъёрҳо оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ дар боби 22-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудаанд, ки «Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ» ном дорад. Ҳамин тариқ, қонунгузор аз он бармеояд, ки таъмини саломатии аҳолӣ ҷузъи зарурии амнияти ҷамъиятӣ мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ намебошанд, дар м.206 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Тавсифи моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун предмети м.206 КҶ ҶТ тавассути се аломат баррасӣ мешавад: 1) тиббӣ (алахусус маънои имкон доштани таъсири махсуси моддаҳои сахт ва заҳролуд ба организми инсон); 2) иҷтимоӣ (ин чунин маъно дорад, ки ҳамчун предмети истеъмоли оммавии ҳаррӯза намебошанд); 3) ҳуқуқӣ (баъзе моддаҳоро ба гурӯҳи махсуси сахттаъсир ё заҳролуд дохил кардан).

Аломати тиббӣ ин имкони таъсири махсус ба организми инсон мебошад, ки бо ҳолатҳои гуногун муайян карда мешавад: 1) механизми умумии таъсири манфӣ; 2) хосиятҳои фармакологии моддаҳое, ки маводи мухаддир ё психотропӣ нестанд, аммо ба гурӯҳи сахттаъсир ё заҳролуд мансубанд; 3) мавҷуд будан ё набудани вобастагии рӯҳи ё ҷисмонӣ аз моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд; 4) имкони истеъмол ё истифода барои мақсадҳои тиббӣ ҳамчун ҷузъи таркиби доруворӣ ё танҳо дар саноат ва истеҳсолот истифода шудан.

Аломати иҷтимоӣ аз ҳолатҳои зерин вобаста аст: 1) вуҷуд доштани хатари содироти васеи моддаҳои манъшуда; 2) истифодаи эҳтимолии миқдори онҳо дар раванди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва ё шабеҳи онҳо дар истеҳсол, коркард ё истеҳсоли онҳо; 3) таъсири эҳтимолии манфӣ ба ҳаёт, саломатии ҷисмонӣ ё рӯҳии шахси алоҳида ё гурӯҳи одамон ва дар натиҷа таъсир ба шиддатёбии проблемаҳои демографии марбут ба коҳишёбии аҳолӣ.

Аломати ҳуқуқӣ дар таснифи ин моддаҳо ба гурӯҳи сахттаъсир ё заҳролуд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфтааст. Масалан, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2003, № 576 "Дар бораи тасдиқи Номгӯйи моддаҳои сахт ва Рӯйхати моддаҳои заҳролуд".

Ҳамин тариқ, муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба равандҳои демографӣ, ки бо бад шудани нишондиҳандаҳои саломатӣ, кам шудани давомнокии умр,

таъсири ғайримустақим ба пояҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа иртибот дорад, таъсири манфӣ мерасонад.

МАСОИЛИ ПРИНСИПИ ҲУДУДИИ АМАЛИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТӢ ДАР МАКОН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Амиров А. А. – докторанти Ph.D кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Дар м. 14 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон амали қонуни ҷиноятӣ нисбат ба шахсоне, ки дар ҳудуди ҶТ ҷиноят содир намудаанд, зикр шудааст. Яке аз принсипҳои асосии амали қонуни ҷиноятӣ дар макон, принсипи ҳудудӣ ба ҳисоб меравад. Моҳияти принсипи мазкур дар он аст, ки қонуни ҷиноятӣ танҳо дар ҳудуди давлати ҷойи содиршавии ҷиноят амал мекунад. Мувофиқи қ.1 м. 14 КҶ ҶТ, “Шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудааст, мутобиқи КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар муқаррар нашуда бошад”. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар шахсе, ки дар ҳудуди ҶТ ҷиноят содир намудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, новобаста аз он ки чунин шахс шаҳрванди ҶТ аст ё не. Аммо ҳолатҳои истисноие мавҷуданд, ки принсипи ҳудудиро маҳдуд менамоянд. Мо ду ҳолати истисноиро мушоҳида карда метавонем.

Ҳолати истисноии якум, ки принсипи ҳудудиро маҳдуд менамояд дар қ.4 м. 14 ҚҶ ҶТ пешбинӣ шудааст: “Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии намояндагони дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони дигари дорои масуният, дар ҳолати аз ҷониби ин шахсон содир шудани ҷиноят дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳал мешавад». Муқаррароти пешбиникардаи қонуни ҷиноятӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфта, ба судҳои Тоҷикистон тааллуқ надоштани доираи муайяни шахсонро муайян мекунад. Ин дахлнопазирӣ ба қаламрави сафоратҳо ва намояндагиҳои дипломатӣ паҳн мегардад. Аз ин рӯ, бе иҷозати шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ, намояндагони кишвари қабулкунанда наметавонанд ба ин минтақаҳо ворид шаванд ва дар он ҷо ягон амалро анҷом дода наметавонанд.

Мувофиқи ин, категорияҳои муайяни шахсоне, ки намояндагони давлатҳои хориҷӣ мебошанд, масунияти ҳуқуқӣ доранд. Аз ҷумла, масъалаи масунияти дипломатӣ дар Конвенсияи Вена дар бораи муносибатҳои дипломатӣ баррасӣ шудааст (Вена, 18 апрели соли 1961), м. 31 муқаррароти зеринро пешбинӣ мекунад: агенти дипломатӣ дар доираи ҳуқуқи ҷиноятии давлати қабулкунанда масуният дорад. Агенти дипломатӣ роҳбари намояндагӣ ва кормандони намояндагии дипломатӣ, ки рутбаи дипломатӣ доранд, ба ҳисоб мераванд.

Ҳолати истисноии дуюм, ки принсипи ҳудудиро маҳдуд менамояд ин ҷавобгарии хизматчиёни ҳарбии пойгоҳи низомии Россия мебошад, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгиранд. Низомиёни мазкур дар асоси принсипи экстерриториалӣ ё принсипи миссияи махсус дар қаламрави ҶТ амал менамоянд. Хизматчиёни ҳарбӣ ҷавобгарии ҷиноятиро тибқи КҶ ФР ва ҶТ дар ҳолатҳои муайяни қатъӣ ба зимма доранд, ки чун қоида, дар шартномаи дутарафаи байни ҶТ ва ФР ба имзо расида пешбинӣ гардидаанд. Чи гунае ки таҷрибаи байналмилалии давлатҳо, аз ҷумла таҷрибаи давлати мо шаҳодат медиҳанд, хизматчиёни ҳарбӣ ҷавобгарии ҷиноятиро тибқи КҶ ФР дар ҳолате ба зимма доранд, ки агар ба муқобили хизмати ҳарбӣ ҷиноят содир намоянд; ҷиноят дар ҳудуди пойгоҳи низомӣ содир гардида бошад; дар ҳолате, ки ҷабрдидаи ҷиноят шаҳрвандон, ташкилотҳо ва худи давлати Россия баромад намояд. Дар ҳолатҳои боқимонда нисбати хизматчиёни ҳарбии Россия салоҳияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҶТ паҳн мегардад, агар тартиби дигаре дар шартномаҳои байналмилалии ҶТ ва ФР муқаррар нагардида бошад.

ТАКМИЛИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ОЗОД НАМУДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ НОБОЛИҒОН

Камолов Х. С. – ассистенти кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Аслан, ноболиғ гуфта, шахсе дар назар дошта мешавад, ки 14- солагиро пур карда, вале ба 18 нарасидааст. Ин нукта ҳам дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989 мустаҳкам карда шудааст. Тибқи муқаррароти Кодекси Ҷиноятии ҶТ ноболиғон аз ҷавобгарии ҷинояти бо асосҳои умумӣ ва махсус озод карда мешаванд. Бо истифода аз асосхои умуми, шахсони калонсол, инчунин ноболигони аз синни 14 то 18 сола аз чавобгарии чинояти озод карда мешаванд. Ноболиғон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор (м.72), бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида (м.73), Бо сабаби тағйир ёфтани вазъият(м.74) ва бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан (м.75) озод карда мешаванд. Озод кардани ноболиғ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан муқаррар кард, ки нисфи муҳлат ихтисор карда мешавад (м.93). Ҳамин тавр, агар аз рӯзи содир кардани ҷиноят муҳлати зерин гузашта бошад, ноболиғ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад:

А) як сол пас аз содир намудани ҷинояти начандон вазнин;

Б) се сол пас аз содир намудани ҷинояти дарачаи миёна;

В) панҷ сол пас аз содир намудани ҷинояти вазнин;

Г) ҳафту ним сол пас аз содир намудани ҷинояти махсусан вазнин.

Нисбати ноболиғон низ авф ва бахшиши ҷазо табиқ мешавад.

Ғайр аз ин, нисбати ноболиғон як тарзи озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст- чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявидошта (м.89) ки нисбати танҳо ҳамин категорияи шахсон тадбиқ карда мешаванд. Ба ноболиғон чунин чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ таъйин карда мешаванд:

А) огох кардан;

Б) ба назорати падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда супоридан;

В) Ба зимма гузоштани уҳдадодории барқарор кардани зарари расонидашуда;

Г) маҳдуд кардани фароғат ва муқаррар намудани талаботи махсус ба рафтор.

Бояд қайд намуд, ки чораҳои маҷбуркунии хусусияти тарбиявӣ дошта дар Кодекси ҷиноятии ИЧШС аз соли 1960 мавҷуд буд, аммо он бо чандин хусусиятҳояш аз Кодекси ҷиноятии ҶТ фарқ мекард. Дар Кодекси Ҷиноятии соли 1960-ум ин чораҳо танҳо барои содир кардани ҷинояти начандон вазнин пешбинӣ шуда буданд, ҳол он ки дар Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998 он барои ҷинояти начандон вазнин ва дараҷаи миёна пешбинӣ шуда буд.

Хулоса, Кодекси ҷиноятӣ вобаста ба инобат гирифтани принсипи инсондӯстӣ дар баробари ба ҷавобгарӣ кашидан, боз ҳолатҳои озод намудан аз ҷавобгарӣ ва ҷазоро пешбинӣ кардааст. Озод намудани ноболиғон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ба монанди калонсолон яксон пешбинӣ шудааст, ба ҷуз аз баъзе истисноҳое, ки аз вазъи ҷисмонӣ ва рӯҳии ноболиғон дарак медиҳанд.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҶИНОЯТИ ИФЛОС КАРДАНИ ОБ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Баҳодури В. – унвонҷуӣ кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ

Об яке неъматҳои бебаҳои ба ҳисоб меравад. Айни замон ифлосшавии об ба яке аз проблемаҳои глобалӣ табдил ёфтааст. Дар ин робита, қонуни ҷиноятӣ дар муборизa бар зидди ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ нақши муҳим дорад. Барои ифлос намудани об ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Меъёри зерин дар м.226 КҶ ҶТ чунин зикр шудааст: “Ифлос ё олуда кардани обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он, агар чунин кирдор дар давоми соли баъд аз тадбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад”. Ин модда барои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нав намебошад ва таҳрири моҳиятан тағйирёфтаи дигар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки то ин вақт амал мекард, дар бар мегирад. Конструксияи модда ниҳоят мураккаб мебошад. Дар модда як таркиби одии ҷиноят барои ифлос кардани об муқаррар гардидааст, ки вобаста ба фарорасии оқибатҳо ва ҳолати содир намудани ҷиноят (маҳал) ҷудо карда мешавад.

Мақсади ин модда таъмини ҳифзи иншооти обӣ аз таъсири антропогеннӣ, риояи қоидаҳои истифодаи об, нигоҳ доштани сифати об, пешбинии расонидании зарар ба олами ҳайвонот ва наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ва кишоварзӣ, ҳифзи саломатии одамон иборат мебошад. Талаботи қабул намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба ҳифзи иншооти обӣ аз он сабаб ба миён омадаанд, ки барои фаъолияти ҳаётии инсон ниҳоят муҳим буда, паҳншавии таъсири ифлосшавӣ ба дигар объектҳои муҳити зист, мисол ба олами ҳайвонот, ҷангалзор, замин, қаъри замин зиёд аст, инчунин аз сабаби мушкилии барҳамдиҳии оқибатҳои кирдорҳои ҷиноятӣ корҳои барқарорсозӣ ниҳоят гарон хоҳанд буд.

ПРЕДМЕТИ ТАНЗИМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ғаюров Ш. К. – д.и.ҳ., профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ

Предмети танзими КГ ҶТ дар қ. 1 м. 1 муайян шудааст. Аз он бармеояд, ки предмети танзим, пеш аз ҳама, муайянкунии вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни гардиши граждани, асосҳои ба вуҷуд омадан ва тартиби тадбиқи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашёӣ, ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ ва деликтӣ, инчунин муносибатҳои дигари молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии марбут ба онҳо, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст, мебошад.

Муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, муносибатҳои марбут ба истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист, ки дорои баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёнашон мебошанд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, предмети танзими КГ мебошанд. Аз фарзияи ҷумлаи охирон бармеояд, ки муносибатҳои зикршударо қонунгузорӣ танзим карда бошад, он гоҳ меъёрҳои КГ онҳоро танзим намекунанд. Дар ҳоли баръакс, тамоми муносибатҳои хусусие, ки нишонаҳои дар қ. 1 м. 1 КГ ҶТ муайяншударо доранд, предмети танзими он мебошанд. Аз ин бармеояд, ки предмети танзими КГ муносибатҳои хусусӣ мебошанд.

Бе шубҳа, КГ меъёрҳои асосии ҳуқуқи гражданиро дар бар гирифта, дар он ҷиҳатҳои устувор ва аҳамияти зиёди иҷтимоидоштаи ҳаёти хусусии шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, давлат, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ танзим мешаванд. Шахси воқеӣ субъекти асосии ин муносибатҳо буда, вай мустақиман дигар ҷиҳатҳои ҳаёти худро танзим менамояд, зеро худтанзимкунӣ хосси ҳаёти хусусӣ мебошад. КГ ҳамчун маҳсули ҳуқуқи позитивӣ набояд худуди худро дар тавозуни танзимкунӣ ва худтанзимкунӣ вайрон намояд. Доираи васеи муносибатҳои хусусӣ вуҷуд доранд, ки онҳоро КГ набояд танзим намояд, чунки ба ғайр аз меъёрҳои он теъдоди зиёди меъёрҳои иҷтимоӣ вуҷуд доранд, донистан ва риояи онҳо барои мо зарур ва ҳатмӣ мебошад. Ҳамзамон, худтанзимкунӣ набояд барои риоя ва тадбиқи меъёрҳои КГ монеа эҷод намояд.

Шахси ҳуқуқӣ ибораи қадимаи ҳуқуқи граждани мебошад, ки барои иштироки муташаккилонаи иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ ва тиҷоратии одамон дар муносибатҳои ҳуқуқи граждани мусоидат мекунад. Давлат, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун шахси ҳуқуқии оммавӣ дар муносибатҳои танзимии КГ иштирок мекунанд. КГ вазъи ҳуқуқии онҳоро муайян намекунад ва ин кор барои танзими он зарурият надорад. Он танҳо иштироки чунин шахсонро дар муносибатҳои

ҳуқуқи граждан̄ танзим менамояд, ки барои риояи принсипҳои муқаррарнамудаи қ. 1 м. 3 КГ ҶТ муҳим мебошад.

Бисёршаклии иштироки чунин шахсон дар муносибатҳои ҳуқуқи граждан̄ набояд мазмуни маъмур̄–сиёс̄ дошта бошад, чунки предмети КГ ба баробар̄, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст. Дуруст аст, ки масалан, давлат бо қабули КГ муносибатҳои хусусиро танзим мекунад. Ҳамзамон, вақте ки он ба воситаи мақомоти ваколатдораш шартнома мебандад ё беасос касеро аз озод̄ маҳрум менамояд, ҳамчун шахси ҳуқуқии оммав̄ уҳдадориҳои худро бояд ба таври дахлдор иҷро намояд ё дар асоси ҳалномаи суд зарари ба ҷабрдида расонидаро бояд ҷуброн намояд.

ОЦЕНОЧНЫЙ ХАРАКТЕР ДОБРОСОВЕСТНОСТИ

Курбонов К. Ш. – д.ю.н., доцент кафедры гражданского права ТНУ

Использование такого оценочного понятия в гражданском праве как добросовестность обусловлено не только с позиции юридической техники, как это считалось ранее. Имеется необходимость наличия категорий оценочного толка в законе причинами как объективного, так и субъективного плана, а именно необходимостью наиболее полного охвата отношений, подлежащих гражданско-правовому регулированию при лаконичном и компактном изложении текста правовой нормы, отражения объективных общественных потребностей, необходимостью отображения явлений морального, этического и нравственного характера в законе.

По результатам анализа общих и специфических особенностей добросовестности, неоднородности ее понимания и соотношения добросовестности с другими категориями оценочного характера представилось возможным вывести понятие добросовестности. Добросовестность субъектов гражданского права всегда оценивалась и сегодня оценивается, и понимается на основе сложившихся в обществе нравственных устоев и стереотипов в понимании добра и зла. Оно и понятно, ведь добросовестность часть нравственности общества, которая может быть раскрыта только через анализ категорий добра и зла. Вот что делает практически невозможным его точное определение.

Анализ научных воззрений и действующего законодательства позволил сформулировать вывод, что добросовестность может рассматриваться в дифференцированном значении (добросовестность-условие; добросовестность-цель; добросовестность-мотивация; добросовестность-долг; добросовестность-обязанность). Мы различаем конструкцию добросовестности от вины, поскольку добросовестность является общественной оценкой поведения субъекта на основе сформированных в обществе представлениях о добре и зле, вина – психическое отношение лица к своему противоправному поведению и наступившим последствиям.

Добросовестность и вина отражают различные стороны поведения субъекта. Если добросовестность характеризует внешнюю, объективную плоскость, то вина – психическую, субъективную составляющую. По результатам проведенного соотношения категории добросовестность с родственным обозначением «добрая совесть» обосновано, что они отличаются. В нашем понимании добросовестность представляется как категория сугубо субъективная, тогда как требования доброй совести объективны. Поэтому в современной литературе термин «добрая совесть» встречается довольно редко, чаще добросовестность распространяют на то, что должно пониматься под доброй совестью в объективном смысле.

Добросовестность как субъективное начало может пониматься как состояние, а требования к доброй совести как объективному элементу поведения личности должны восприниматься в качестве принципа. Используемые наряду с категорией добросовестность понятия «разумность», «справедливость», «нравственные принципы общества» являются конкретизацией добросовестности и призваны сделать его значение более понятным, применительно к гражданскому праву и специфики использования указанных понятий в гражданском законодательстве.

МУНОСИБАТҲОИ САҲОМӢ ҲАМЧУН ПРЕДМЕТИ ТАНЗИМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қосимов Ф. А. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ
Ғаюров Ш. К. – д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ

Муносибатҳои саҳомӣ яке аз намудҳои муносибатҳои корпоративӣ (иттиҳодиявӣ) мебошанд. Ҳамчун предмети танзими КГ ҶТ бевосита дар қ. 1 м. 1 пешбинӣ нашудаанд. Ҷонибдорони таҳия ва қабули Кодекси соҳибкорӣ дар ҶТ чунин ҳолатро яке аз сабабҳои қабули ин кодекс меҳисобанд. Вале таҳия ва қабули чунин кодекс дар ҶТ зарурат надорад, зеро дар қ. 1 м. 1 КГ чунин зикр шудааст: «инчунин муносибатҳои дигари амволӣ ва муносибатҳои дигари молу мулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ марбут ба онҳоро, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти амволии иштирокчиёнашон асос ёфтааст, танзим менамоянд».

Илова бар ин, дар қ. 3 ҳамин моддаи КГ чунин омадааст: «Қонунҳои гражданӣ муносибатҳои байни шахсони фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда ё иштироки онҳоро танзим менамоянд». Дар ҳамин қисми моддаи КГ чунин ифода ёфтааст: «Соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррар кардаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст». Аз ин мафҳуми расмии меъёрӣ бармеояд, ки ин фаъолият ҳамон муносибатҳои ҳуқуқи гражданиеро дар бар мегирад, ки дар он соҳибкор (шахсе, ки истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасониро ба таври инфиродӣ ё бо таъсиси шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ амалӣ менамояд) иштирок менамояд.

Дар муносибатҳои саҳомӣ низ ҳамаи субъектони ҳуқуқи гражданӣ ба монанди шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, давлат, мақомотҳои маҳалли ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ иштирок карда метавонанд. Онҳо бар ивази маблағ ва ё дороии дигар дорандаи саҳмияи ин ё он ҷамъияти саҳомӣ мегарданд, ки ҷиҳатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ доранд. Ҷиҳатҳои молумулкии ин муносибати ҳуқуқи гражданӣ дар он аст, ки саҳмия бо ҳуқуқи овоз ё бидуни он (категорияҳои «А» ё «Б» дар бозори қоғазҳои қиматнок) мол аст ва дар нисбати он саҳмдор ҳуқуқи ашёӣ пайдо мекунад. Вай метавонад саҳмияи худро бевосита ё ба воситаи вакилон – иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қиматнок фурӯшад.

Ҷиҳати молумулкии ин муносибат боз дар он аст, ки дорандаи саҳмия нисбати ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқи талаби молумулкӣ дорад. Ҷиҳати шахсии ғайримолумулкии муносибати мазкур дар он аст, ки дорандаи саҳмия ҳуқуқи иштирок намудан дар идоракунии ҷамъияти саҳомӣ пайдо намуда, метавонад дар кори мақомотҳои идоракунии он иштирок намояд ва иттилооти муҳимро дастрас намояд. Ин ва дигар ҳолатҳо далели онанд, ки зарурат ба таҳия ва қабули Кодекси соҳибкорӣ нест, чунки муносибатҳои саҳомӣ бо иштироки соҳибкор ё бидуни иштироки он пурра аз ҷониби қонунгузории гражданӣ танзим шудаанд.

ПРАВА КРЕДИТОРОВ И ИХ ИНФОРМАЦИОННОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ В ДОГОВОРНОМ РЕЖИМЕ ИМУЩЕСТВА СУПРУГОВ

Химатов Х. Н. – к.ю.н., доцент кафедры гражданского права ТНУ

В соответствии с ч. 1 ст. 47 Семейного кодекса Республики Таджикистан одними из составляющих супружеских правовых отношений являются информационные правоотношения, возникающие между супругами и их кредиторами. Соответствующие положения закона гласят, что супруг обязан уведомлять своего кредитора (кредиторов) о заключении, изменении или расторжении брачного договора.

Информационные правоотношения направлены на защиту прав кредиторов как наиболее слабой стороны в соответствующем правоотношении. Однако, поскольку механизм

передачи и распространения информация о заключении брачного договора и его дальнейшей динамики в законе не уточнен, сказать, что права кредиторов супругов по поиску и получению информации о заключенном брачном договоре в законодательстве защищены надлежащим образом, было бы не верным.

По значимости, информационные правоотношения, возникающие на основе соответствующих норм СК РТ, не уступают договорным правоотношениям супругов, хотя и производны от последних. В плане защиты прав кредиторов, для них, связанных с обоими супругами или с одним из них другим договором, отношения по поиску и получению информации о брачном договоре контрагентов-должников являются первостепенными. Важность информационных правоотношений, предусмотренных ст. 47 СК РТ, заключаются не только в том, что они дополняют договорные правоотношения супругов, но и в том, что они оказывают влияние на реализацию их субъективных прав и исполнение обязанностей.

Наиболее оптимальным способом информационного обеспечения прав кредиторов считается механизм регистрации брачных договоров, особенно для сферы предпринимательства. Регистрация брачных договоров в специальном реестре и предоставление кредиторам права ознакомления с удостоверенной копией записей в реестре будет положительно сказываться на обеспечении законных интересов кредиторов, исходя из чего, представляется целесообразным предусмотреть в законе такую регистрацию. В Республике Таджикистан обязанность регистрации брачных договоров может быть возложена на суды или органы нотариата.

Законодатель, закрепив в ч. 1 ст. 47 СК РТ обязанность супруга уведомить своего кредитора о заключении, изменении или расторжении брачного договора, при этом не уточнил форму донесения этой информации. В законе следует предусмотреть положение, в соответствии с которым супруг-должник обязан уведомить своего кредитора о заключении и дальнейшей динамики брачного договора в письменной форме.

Для кредитора важнее содержание брачного договора, которое касается его имущественных прав и интересов, нежели факт его заключения, следовательно, без раскрытия содержания брачного договора ни о какой реальной гарантии прав и интересов кредиторов не может быть и речи. Думается, что применение в РТ опыта других стран по регистрации брачных договоров в специальном реестре с возможностью получения заинтересованными лицами информации о положениях брачного договора, которые изменяют законный режим имущества супругов, и об обременениях на имущество супругов, является наилучшим вариантом решения вопроса информационного обеспечения прав кредиторов.

Доступ к получению информации о брачном договоре супруга-должника должен быть предоставлен только кредиторам. Кредиторы вправе получать информацию, как о наличии брачного договора, так и о его содержании, но только в той части, которая непосредственно касается их взаимоотношений с супругом-должником.

МАЗМУНИ ҚОБИЛИЯТИ ҲУҚУҚДОРИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

Қурбонализода Н. Ш. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ

Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории граждании шахсони воқеиро маҷмӯи ҳуқуқ ва ухдадориҳои гражданӣ ташкил медиҳад, ки шаҳрвандон метавонанд тибқи муқаррароти қонун дошта бошанд. Мувофиқи қонунгузории гражданӣ чунин ҳуқуқу ухдадориҳо маҳдуд шуда наметавонанд. Дар Кодекси гражданӣ танҳо ҳуқуқу ухдадориҳои аз ҳама муҳимтарини онҳо пешбинӣ шудаанд. Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки дар баробари онҳо шаҳрвандон метавонанд дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дошта бошанд.

Мо бояд қобилияти ҳуқуқдориро аз ҳуқуқи субъективӣ фарқ намоем. Қобилияти ҳуқуқдорӣ маҷмӯи умумиест, ки дар асоси он дар сурати мавҷудияти далелҳои ҳуқуқии мушаххас, шахс ҳуқуқи махсуси субъективӣ дорад. Он танҳо имкони абстрактии доштани ҳуқуқ ва ухдадориҳои дар қонун пешбинишударо ифода мекунад, дар ҳоле ки ҳуқуқи субъективӣ ҳуқуқи мавҷудаест, ки ба шахси мушаххас, яъне ба имконияти тадбиқшуда

тааллуқ дорад. Ҳуқуқи субъективӣ – унсури муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, қобилияти ҳуқуқдорӣ бошад, хусусияти субъекти ҳуқуқ мебошад.

Қобилияти ҳуқуқдориро тамоми шаҳрвандон дар ҳаҷми баробар доро мебошанд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ тавассути ҳуқуқҳои субъективии муайян амалӣ карда мешавад. Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз мавҷудияти инсон ҷудонопазир аст. То даме ки инсон зинда аст, қобилияти ҳуқуқдории граждани дорад. Тибқи қонунгузории граждани, қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд ҳангоми таваллуд ба миён меояд ва ҳангоми марг қатъ мегардад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон қобилияти ҳуқуқдориро пас аз таваллуд, ё аниқтараш, пас аз бақайдгирии давлатии аслу насаби кӯдак дар мақомоти САҲШ ба даст меоранд. Хусусияти ҷудонопазири қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд ин номи шаҳрванд аст. Ном омили фарқкунандаи ҳар як шаҳрванд мебошад.

Аз рӯйи номи худ шаҳрванд ҳамчун иштирокчии муносибатҳои граждани, соҳиби ҳуқуқҳои ба ӯ тааллуқдошта ва вазифаҳое мебошад, ки ӯ бояд иҷро кунад.Дигар хусусияти асосии шахс ҳамчун субъекти ҳуқуқи граждани маҳалли зисти ӯ (ҷойи истиқомати ӯ) мебошад. Мувофиқи моддаи 21 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойи истиқомати шаҳрванд – маконе ҳисобида мешавад, ки шаҳрванд дар он ҷо доимӣ ва ё бештар зиндагӣ мекунад.Ҷойи истиқомати ноболиғон, ҷойи истиқомати намояндагони қонунии онҳо, падару модар, фарзандхондагон ва ҷойи истиқомати шахсоне, ки таҳти васоят ва ё парастории қарор доранд, ҷойи истиқомати васиён ва ё парастории ҳисобида мешавад.

Ба ҷойи истиқомат инҳо дохил мешаванд: манзили истиқоматӣ, квартира, ҳамчунин дигар майдони истиқоматие, ки шаҳрванд дар он ҷо доимӣ ва ё бештар зиндагӣ мекунад. Шаҳрвандон чунин манзилҳои истиқоматиро тавассути асосҳои гуногун ба даст оварда метавонанд, аз ҷумла бо роҳи ҳуқуқи моликиятӣ, бо роҳи иҷораи манзили истиқоматӣ ва ғайра. Ҳамин тариқ, қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд яке аз категорияҳои муҳимми ҳуқуқи граждани ба ҳисоб меравад, чунки он қобилияти шахси воқеиро ҷиҳати субъекти муносибатҳои ҳуқуқи граждани будани ӯ инъикос мекунад.

РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУШКИЛОТИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ МУТАҚОБИЛИ ПАДАРУ МОДАР ВА ФАРЗАНДОН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ АМАЛКУНАНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ғаффорзода И. Ғ. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ

Падару модар на танҳо ҳуқуқ, балки уҳдадории амалигардонии ҳуқуқҳояшонро доранд. Иҷро накардани уҳдадориҳо боиси татбиқи муҷозоти муайян мегардад (маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ – м. 69 КО ҶТ; маҳрум кардани ҳуқуқи падару модарӣ – м. 73 КО ҶТ).

Бояд қайд намуд, ки моддаи 48 КО ҶТ аслу насаби фарзандонро ҳамчун асоси пайдоиши ҳуқуқу уҳдадории падару модар муайян намуда, ҳамзамон аз тарафи дигар – фарзандон, хусусияти тарафайн будани муносибати ҳуқуқии мазкурро ишора менамояд: ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон аз аслу насаби фарзандон, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун тасдиқ шудааст, асос меёбанд». Мувофиқи м. 7 Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кудак, ӯ бояд баъди таваллуд бетаъхир ба қайд гирифта шавад, ки бо ҳамин аслу насаби кӯдак муайян мешавад. Муқаррароти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ риоя мегардад. Аслу насаби фарзанд чи аз рӯзи таваллуд ва чи дертар, ки аз тарафи мақомоти САҲШ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун тасдиқ мегардад, ягона асоси пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандон мебошад.

Ғайр аз баробарии ҳуқуқу уҳдадориҳо дар тарбияи фарзанд, падару модар дорои масъулияти баробар нисбати фарзандон мебошанд ва манфиати кӯдак бояд дар маркази ғамхории асосии падару модар қарор гирад. Ҳамзамон, вазъи ҳуқуқии падару модари кӯдак аз қайди ақди никоҳи онҳо вобаста нест. Бекор кардани ақди никоҳи падару модар ва ё ҷудо зиндагӣ кардани онҳо боиси қатъи ҳуқуқи тарбияи фарзанд намегардад ва инчунин масъулияти таълиму тарбияи фарзандро низ аз байн намебарад, чунки мувофиқи м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

падару модар, новобаста ба он ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (оила, граждани, ҷиноӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ) нишон медиҳад, ки кӯдак дорои вазъи ҳуқуқӣ-оилавии мустақил мебошад, ки хусусияти фарқкунандаи он дар афзалияти барзиёди маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ дар муқобил бо уҳдадориҳои падару модар ифода меёбад. Ҳуқуқи оила муҳиммияти аввалиндараҷаи ҳуқуқҳои шахсии аз вазъи оилавии кӯдак бармеомадаро муайян мекунад. Аз ҷумла:

- Ҳуқуқи кӯдак барои зиндагӣ ва тарбия дар оила (м. 55 КО ҶТ);
- Ҳуқуқи кӯдак барои муошират бо падару модар ва дигар хешу ақрабо (м. 56 КО ҶТ);
- Ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя (м. 57 КО ҶТ);
- Ҳуқуқи кӯдак барои озодона изҳор намудани фикри худ (м. 571 КО ҶТ);
- Ҳуқуқи кӯдак ба доштани насаб, ном ва номи падар (м. 58 КО ҶТ).

Ҳуқуқ барои зиндагӣ ва тарбия дар оила бунёдӣ мебошад, барои ҳамин дар қ. 2 м. 55 КО ҶТ ин ҳуқуқ мушаххастар дар маҷмӯъ бо дигар ҳуқуқҳои ҳамбастаи кӯдак танзим шудааст, алалхусус: ҳуқуқҳои кудак ба ғамхории падару модар, таъмини манфиатҳои ӯ, рушду такомули ҳамаҷониба, эҳтиромӣ шаъни инсонии худ.

Роҷеъ ба мушкилоти таъмини ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандон мо чунин хулосабарорӣ намудем, ки онҳоро бояд қайд намоем. Якум, ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон, ки дар Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида ва бо қонунгузории амалкунанда танзим гардонида шудаанд, дар аксари ҳолатҳо ба усули кӯҳна такя мекунад, ки моҳияти он аз эҳтимоляти бовиҷдонона иҷро намудани уҳдадориҳои хеш аз ҷониби падару модар ҷиҳати нигоҳубин ва тарбияи фарзандон иборат мебошад. АммотаҒйироти куллӣ ба тамоми ниҳоди сохтори давлатӣ, асоси иқтисодӣ, соҳаи ахлоқию маънавии ҷамъият таъсири худро расонид.

Дар ин шароит чораҷӯйӣ тавассути фишангҳои маънавии соҳаи мазкур баръало асоснок буда наметавонад. Барои таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар шароити кунунӣ зарурати такмили асосҳои ҳуқуқӣ дар самти пурзӯр намудани назорати давлатӣ ва мустаҳкам кардани ҷавобгарии падару модар барои иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оиди нигоҳубин ва тарбияи фарзандон ба миён омадааст. Дуюм, дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ (ҳам дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва ҳам дар ниҳодҳои мақомоту муассисаҳои марказӣ, ки ба доираи фаъолияти онҳо уҳдадории муайянкунии вайрон намудани ҳуқуқҳои кӯдак ва расонидани кумак ба онҳо дохил мешавад) механизми воқеии коркарди ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқҳои кӯдакон аз тарафи худи онҳо мавҷуд нест.

Дар Тоҷикистон муассисаҳои махсусгардонидашудаи шакли кушода, ки кӯдак метавонад бевосита барои кумак ба он ҷо мурочиат намояд, вамуддати муайян, то ҳалли ҳолати номусоиди дар оилааш вуҷуддошта зиндагӣ кунад, ташкил карда нашудаанд. Илова бар ин ин, худи тартиби расонидани ёрии таъҷилӣ ба кӯдаке, ки дар ҳолати вазнини ҳаётӣ қарор дорад, хусусияти рӯякӣ ва бюрократӣ дошта, вазъи махсуси кӯдакро ба инобат намегирад.

НАҚШИ ҚАТЪНОМАИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ОИД БА ЭЪЛОНИ ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР», СОЛҲОИ 2018-2028 ДАР БЕҲДОШТИ ТАЪМИНОТИ ОБИ НӮШОКӢ

Саидов Ҳ. Ш. – н.и.ҳ., ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ

Дар шароите, ки афзоиши аҳолӣ, биёбоншавӣ, хушксолӣ, тағйирёбии иқлим ба чашм мерасад, таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ зери суол меафтад. Воқеан суръати афзоиши ин омилҳо ба дастрасӣ ба ин неъмати бебаҳо бетаъсир намемонад. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар ҷаҳон мамлакатҳое (масалан: Яман, Сурия ва м.и.) мушоҳида мегарданд, ки аҳолии онҳо аз дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Аз рӯи маълумотҳо дар ҷаҳон қариб 750 миллион одам аз дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ

мекашанд. Зиёда аз 2,5 миллиард сокини сайёра аз шароити мусоиди беҳдошт маҳруманд. Тибқи арзёбии коршиносон, шумораи аҳолии сайёра то соли 2050 зиёда аз 9 миллиард нафарро ташкил дода, ба афзоиши истеъмоли об боис мегардад. Бар асари таъсири тағйирёбии иқлим дар давраи зикршуда аллакай зиёда аз 50 фоизи аҳолии ҷаҳон бо мушкили норасоии об рӯ ба рӯ мегарданд. Илова бар ин, раванди биёбоншавӣ, афзудани офатҳои табиии вобаста ба об ва ғайраҳо, ки ба захираҳои обӣ ва сифати он таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқи чораҳои фавриро талаб мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои аз ҷиҳати захираҳои обӣ бой шинохта шудааст. Аз ҷиҳати захираҳои обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш як қатор стратегияву барномаҳо қабулнамуда, пайваста барои таъмини дастрасии аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ тадбирҳо меандешад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ яке аз давлатҳои ташаббускор дар масъалаи обу беҳдошти он пазируфта шудааст. Чандин ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи об аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди пуштибонӣ қарор гирифтаанд.

Боиси хушҳолӣ ва сарбаландии мардуми азизи Тоҷикистон аст, ки санаи 21-уми декабри соли 2016 зимни баргузории ҷаласаи Пленарии 71-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Қатънома таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳаммуаллифии 177 кишвари аъзои СММ пешбарӣ шуда буд, бо райъи 193 давлати аъзои созмони мазкур, тасдиқ гардид. Ба муносибати эълон гардидани Даҳсолаи навбати таҳти унвони «Об барои рушди устувор» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 22-юми декабри соли 2016 зикр намуданд, ки ин ташаббуси чоруми Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва махсусан Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳаматарафа ҷонибдорӣ меёбад. Ин туҳфаи беҳтарин дар соли ҷамъбасти 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мардуми тоҷик аст.

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо қарори нави худ иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид ба эълони Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», ки бори аввал дар Форуми ҳафтуми умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об дар Ҷумҳурии Корея 12-уми апрели соли 2015 ироа шуда буд, дастгирӣ кард. Аз мазмуни Қатъномаи мазкур бар меояд, ки Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» рӯзи 22-юми марти соли 2018 (Рӯзи байналмилалии захираҳои об) оғоз ёфта, 22-юми марти 2028 ба анҷом мерасад.

Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ба инкишофи тамоми соҳаҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд. Беҳуда дар қатъномаи мазкур алоқамандии:

а) захираҳои об;

б) озуқаворӣ;

в) энергетика;

г) ва муҳити зист зикр нагардидааст, яъне истифодаи мақсадноки захираҳои об имкон медиҳад, ки таъмини озуқаворӣ, амнияти энергетикӣ ва

ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНИИ ТАРАФҲО ТИБҚИ ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ ҚИТЪАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

Соҳибов М. М. – н.и.ҳ., ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ

Муаллифи иброз медорад, ки мавҷудияти ҷавобгарии ҳуқуқи граждании тарафҳо дар шартномаи мазкур асосан бо он рабт дорад, ки ҳар як ҷониби шартнома бобати дуруст, самаранок ва пурра иҷро намудани шартҳои шартнома талош варзад ва ҳангоми расонидани зарар ба тарафи дигар барои барқарор намудани он масъулият эҳсос намояд. Ҷавобгарии ҳуқуқи граждани дар зери маҷбуркунии давлатӣ иҷро намудани уҳдадориҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайри молу мулкӣ аз тарафи субъектони муомилоти граждани фаҳмида мешавад (М.З. Раҳимов). Ҷавобгарии ҳуқуқи граждани оқибатҳои ногувори хусусияти молу

мулкидошта мебошад, ки аз ҷониби давлат ба зиммаи субъекти дахлдор вогузошта мешавад (Ф.С. Сулаймонов).

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти зиёд муаллиф ба хулоса меояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқи граждании тарафҳо дар шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ он ҷавобгариеро меноманд, ки тарафҳо дар доираи уҳдадориҳои шартномавӣ ва қонунгузорӣ дар муносибат бо ҳамдигар ба зимма доранд. Ба андешаи муаллиф ғайр аз асосҳои умумии ҷавобгарӣ барои вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавӣ (боби 24-и КГ ҶТ), нисбат ба тарафҳо меъёрҳои махсус оид ба ҷавобгарӣ, ки дар боби 49-и КГ ҶТ пешбинӣ гардидааст, метавонанд паҳн гарданд. Тафовути асосии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании заминистифодабарии иҷоравӣ аз дигар навъи ҷавобгариҳои граждани дар он аст, ки дар баробари меъёрҳои умумӣ ва махсуси КГ ҶТ, шартҳои шартнома, инчунин қонуни соҳавӣ дар ин самт қабул шудааст.

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор» аз 5 марти соли 2007 қабул шуда, барои поймол шудани киштзорҳои кишоварзӣ, аз даст рафтани ҳосилнокии заминҳо, зарар расонидан ба замин ва дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳои соҳавӣ ҷавобгарии молу мулкии граждани ва ҷуброни зарарро пешбинӣ кардааст. Илова бар ин, тартиби ҷуброни зарарро барои барқарор кардани киштзори кишоварзӣ барои тарафҳо (иҷорагир ва иҷорадеҳ) қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тартиби ҷуброни зарари заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба замин ва талаф вобаста ба гирифтани қитъаи заминҳо аз гардиш» аз 30 декабри соли 2011 муқаррар мекунад.

Ҳамзамон, муаллиф иброз медорад, ки агар иҷорагир пас аз қатъи шартномаи иҷора истифодаи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзиро идома дода истода бошад, иҷорадеҳ метавонад ба сифати ҷуброн барои гузаронидани муҳлат пардохти иҷораро бо чунон таносубе талаб намояд, ки даромади аз истифодабарӣ бадастовардаи иҷорагир ё даромаде, ки ӯ метавонист дар ин муҳлат ба даст орад, ба даромади истифодабарӣ дар тӯли тамоми соли иҷоравӣ тааллуқ доранд. Талаби ҷубронкунии зарари минбаъда истисно карда намешавад (В.А. Залесского). Яъне дар муносибатҳои заминистифодабарии иҷоравӣ ҷавобгарии ҳуқуқи граждани асосан дар ду шакл вуҷуд дорад: 1) рӯёнидани зиён; 2) пардохти ноустуворона.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ЗАПРОСА КОТИРОВОК КАК МЕТОДА ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ЗАКУПКИ

Бобохонов Х. З. – к.ю.н., ассистент кафедры гражданского права ТНУ

Данный метод закупки – это новый способ размещения государственных заказов. По действующим законодательствам постсоветских республик, запрос котировок применяется закупающей организацией при закупке товаров или услуг, имеющихся в наличии. И те, и другие в соответствие с действующим законодательством Таджикистана производятся или предоставляются не по конкретным спецификациям закупающей организации, а соответственно требования рынка, при условии, что цена контракта не превышает сумму 2500 показателей для расчетов.

По согласованию с уполномоченным органом при наличии определенных случаев государственный заказчик имеет право осуществлять государственную закупку с помощью метода запроса котировок цен на сумму, не превышающую 12 500 показателей для расчетов. Следует отметить, что перечень особых случаев утверждается со стороны уполномоченного органа.

В Положении о государственных закупках РТ предусмотрено, что закупающая организация для проведения государственных закупок путем использования метода запроса котировок образует комиссию в составе не менее трех человек. Государственный заказчик запрашивает котировку у такого числа участников, которое считает разумным, но, согласно установленным требованиям в законе, не менее трех. Каждому участнику, у которого запрашивают котировку, сообщают о том, следует ли включать в цену какие-либо элементы,

помимо расходов, на сами товары. Согласно установленным правилам, по проведению закупки посредством данного метода, участники этого процесса имеют право давать лишь одну ценовую котировку, и в дальнейшем они не могут изменять ее. С целью сохранения беспристрастности и прозрачности процедуры закупок между участниками и особенно с государственным заказчиком строго запрещаются переговоры в отношении котировок, которые были представлены. Победителем считается тот участник, который предложит самую низкую ценовую котировку. Соответственно, с ним заключается гражданско-правовой договор.

Метод запроса котировок цен используется в определенных случаях, чаще же всего предпочтение отдается методу торгов с неограниченным участием. Здесь примечательно то, что закон строго запрещает государственному заказчику разделять партии товаров или услуг, которые подлежат закупке, чтобы не допустить искусственного занижения стоимостного порогового предела, предусмотренного законом.

Исходя из анализа норм Закона РТ «О государственных закупках товаров, работ и услуг» и Положения о государственных закупках, можно сделать вывод, что ни в законе, ни в положении должным образом не регламентируется полный порядок проведения закупок методом запроса котировок цен. Мы думаем, что в законе должно быть четко предусмотрено, в каких именно случаях необходимо использовать данный метод, ибо наряду с ним существуют и другие методы государственных закупок. Закон гласит, что в особых случаях государственный заказчик может по согласованию с уполномоченным органом осуществить закупку товаров путем запроса котировок на сумму не свыше 12 500 показателей для расчетов, перечень же особых случаев должен утверждаться уполномоченным органом.

К сожалению, такой перечень в законодательстве о государственных закупках отсутствует. Перечисленные пробелы в законодательстве создают предпосылки для возникновения коррупции, порождают противоречия между нормами, регламентирующими указанные правоотношения, и иные негативные последствия.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ СИРРИ БОНКӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАЪРИХИ ОН

Махмудов Р. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ

Иқтисодиёти ин ё он мамлакат аз соҳаҳои гуногуни истеҳсоливу ғайриистеҳсолӣ иборат аст, ки онҳо дар якҷоягӣ барои пешрафти ҷомеа заминаҳои мусоидат фароҳам меоранд. Маҳз дар масъалаҳои бавуҷудорию тақсим, эътироф, риоя кардани конуни бонкӣ, азнавтақсимкуни муносибатҳои молиявӣ пайдо мешавад.

Бонкҳо асоси иқтисодии ҳар як кишвар буда, ҳамчун системаи гардиш иқтисодиёти ҷомеаро ташкил медиҳанд. Бидуни онҳо ҷомеаи муосир вуҷуд дошта наметавонад. Зеро, тавассути онҳо пардохтҳо байни субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ, аз он ҷумла корхонаю муассисаҳо, сурат гирифта, муносибатҳои пулию молиро ташкил медиҳад. Ҳар як шаҳрванд метавонад маблағҳои худро дар бонкҳо ҷойгир намояд. Сирри бонкӣ бори аввал дар Бобули қадим ба вуҷуд омадааст. Дар баробари ин, дар китобҳои дарсӣ соли 1713 оғози он ҳисобида мешавад. Маҳз дар ҳамин замон аввалин қонунгузории сирри бонкӣ сабт шудааст. Макони баргузории ин чорабинӣ давлати Швейтсария, дақиқтараш шаҳри Женева мебошад. Аввалин бонкдорони Швейтсария протестантони фаронсавӣ буданд. Ҷолиби диққат аст, ки муштариёни асосии бонкҳои Швейтсария подшоҳони Фаронса, аристократҳо ва ашрофони шоҳони шоҳ буданд. Шӯрои бузурги Женева қоидаҳои бонкдориро қабул кард, ки уҳдадории бонкдориро дар бораи ба қайд гирифтани мизоҷон ва амалиёти онҳоро пешбинӣ менамуд.

Аммо маълумот додан ба шахси сеюм ба ғайр аз иҷозати шӯрои шаҳрӣ манъ карда шуда буд. Ҳамин тавр, Швейтсария тавонист сирри бонкиро таъмин кунад.

Дар Федератсияи Руссия пеш аз инқилоб, соли 1862 сирри бонкӣ дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шуда буд.

Низоми бонкӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ташаккул ёфт. Нахустин муассисаи бонкии Тоҷикистон Намояндагии Бонки давлатии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶСШ) дар шаҳри Душанбе буд,ки соли 1924 таъсис ёфт.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ШАРТҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ ДАР ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУЗДНОКИ БАЙТОРӢ

Хоҷамуродов Д. Г. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ

Ҷавобгарии ҳуқуқи граждани дар шартномаи хизматрасонии муздноки байториро Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КГ ҶТ) дар моддаи 801-и боби 37 (масъулияти иҷрокунанда барои вайрон кардани шартнома) муқаррар намудааст. Ҳолатҳои дигари ҷавобгарӣ барои вайронкунии уҳдадориҳо дар бобҳои алоҳида оид ба ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои қисми умумии КГ ҶТ, аз қабили боби 24- «Масъулияти вайрон кардани уҳдадорӣ» ва боби 55- «Уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар» пешбинӣ карда шудаанд. Қонунгузории граждани талаб менамояд, ки дар асоси шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ иҷрокунанда ва фармоишгар бояд дуруст ва сари вақт уҳдадориҳояшонро иҷро намоянд. Дар сурати иҷро накардан уҳдадорӣ ё иҷрои номатлуб (сари вақт иҷро накардан)-и он ҷавобгарии ҳуқуқи граждани барои иҷро накардани уҳдадориҳо ба вуҷуд меояд. Барои ба ҷавобгарии ҳуқуқи граждани кашидани субъект, бояд якчанд шартҳое, ки бо қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, вуҷуд дошта бошанд. Ҷамъи ин шартҳо бошад, таркиби ҳуқуқвайронкунии гражданиро ташкил медиҳад.

Шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждани дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ рафтори зиддиҳуқуқии иҷрокунанда ё фармоишгар, мавҷудияти зарар, инчунин алоқаи сабабӣ байни рафтори зиддиҳуқуқӣ ва зарари (натиҷаи) бамиёномада ва дар баъзе ҳолатҳо гуноҳи зараррасон мебошанд.

Рафтори зиддиҳуқуқӣ рафтори шахсе мебошад, ки талаботи қонун ва шартҳои шартномаро вайрон мекунад, ки одатан ба як навъи муайяни уҳдадориҳо пешниҳод карда мешавад. Рафтори ғайриқонунии ташкилоти байторӣ ё байтор вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи байторӣ, иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо дар асоси шартҳои шартнома ва ғайра буда метавонад.

Мавҷудияти зарар ҳамчун шарти асосии дигари ҷавобогарии ҳуқуқи граждани баромад менамояд. Ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои байторӣ зарар дар ҳолати бад шудани саломатии ҳайвон, вафоти он ва ҳолатҳои дигар ифода карда мешавад. Дар ин маврид зарар аз се қисм иборат аст: а) зарари воқеӣ, ки бо кам шудани амволи фармоишгар (соҳиби ҳайвонот ё шахси ваколатдор кардаи ӯ) вобаста аст; б) хароҷоте, ки фармоишгар барои барқарор кардани ҳуқуқи вайроншудааш сарф менамояд (табобати иловагии ҳайвон, зарурати муроҷиат кардан ба ташкилоти дигари байторӣ ё дигар байтор); в) фоидаи аздастрафта, яъне аз даст додани даромаде, ки фармоишгар метавонист ба даст орад, агар ҳуқуқҳояш вайрон намешуданд.

Рафтори ғайриқонунӣ ва зарари расонидашуда бояд бо ҳам алоқамандӣ дошта бошанд. Қонунгузории граждани зарурати чунин алоқамандиро ҳам дар ҷавобгарии шартномавӣ ва ҳам делектӣ муайян мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо дар расондани хизматрасониҳои байторӣ, алоқаи сабабӣ байни рафтори ғайриқонунӣ ва зарар ба таври возеҳ аён аст, дар дигар ҳолатҳо исбот кардани мавҷудияти алоқаи сабабӣ хеле мушкил аст, зеро соҳаи хизматрасонии байторӣ хеле мушаххас аст. Сифат ва натиҷаи хизматрасонии байторӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст, масалан хусусиятҳои бадани ҳайвон, риояи режими муқарраршуда аз ҷониби соҳиби ҳайвон, мавҷудияти таҷҳизоти зарурӣ, доруворӣ ва ғайра.

Шарти дигари ҷавобгарии ҳуқуқи граждани дар хизматрасонии байторӣ гуноҳи зараррасон мебошад. Зери мафҳуми гуноҳ муносибати психикии шахс нисбат ба ҳаракат ё беҳаракатии зиддиҳуқуқии содирнамудааш ва инчунин оқибати зиддиҳуқуқии вобаста ба он баамаломада фаҳмида мешавад. Аммо ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки мавҷуд набудани гуноҳ асоси ҷавобгарии ҳуқуқи граждани мегардад. Хусусияти ин навъи ҷавобгарии ҳуқуқи

граждан̄ дар он аст, ки фаъолият оид ба хизматрасонии байтор̄ бо мақсади ба даст овардани фоида амал̄ карда мешавад, бинобар ин, мумкин аст, ки ҷавобгарии иҷрокунанда дар ин ҳолат новобаста аз гуноҳ ба вуҷуд ояд. Аммо, бояд қайд кард, ки чунин масъулияти бегуноҳ̄ бо фармоишгаре, ки хизматҳоро барои мақсадҳои шахс̄ фармоиш додааст ва бидуни ҳадафи ба даст овардани фоида аст, татбиқ намешавад.

ЗАКЛЮЧЕНИЕ ДОГОВОРА ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО КРЕДИТА И ЕГО ПРАВОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ

Гулмахмадова М. Д. – аспирант кафедры гражданского права ТНУ

Заключение договора потребительского кредита далеко не всегда приводит к фактической передаче банком денежных средств. В одних случаях, банк отказывается предоставить потребительский кредит, ссылаясь на неблагоприятные изменения в имущественном положении заемщика, которые не позволяют ожидать своевременного и полного возврата кредита, в других, кредитование не происходит по инициативе самого заемщика, отказывающегося от получения кредита. Так, Е.А. Суханов отмечает, что: «Особенностью кредитных отношений является возможность одностороннего отказа от исполнения заключенного договора со стороны как кредитора, так и заемщика.

Это обстоятельство существенно ослабляет консенсуальную природу кредитного договора, в известной мере сближая его с реальным договором займа». В таком случае возникает вопрос о соотношении права заемщика требовать предоставления кредита и права банка-кредитора отказать в таком предоставлении. Добросовестно действуя, банк должен защищать свои интересы сводя к минимуму кредитные риски. По нашему мнению, именно исходя из этих соображений законодатель ввел ст. 841 ГК РТ, согласно которой кредитор вправе отказаться от предоставления заемщику предусмотренного кредитным договором кредита полностью или частично только при наличии обстоятельств, очевидно свидетельствующих о том, что предоставленная заемщику сумма не будет возвращена в срок. Однако, закон, предоставляя кредитору право установленное ч.1 ст.841 ГК РТ, не дает какого-либо примерного перечня обстоятельств, очевидно свидетельствующих о том, что предоставленная заемщику сумма не будет возвращена в срок. Договор потребительского кредита всегда заключается в том предположении, что ко времени, назначенному для его исполнения, имущественная состоятельность заемщика не уменьшится настолько, чтобы для кредитора могла возникнуть серьезная угроза потери суммы кредита.

Смысл этой нормы, известной практически каждому развитому континентальному правопорядку, состоит в том, что от кредитора нельзя ожидать предоставления потребительского кредита при возникновении угрозы его возврата. Исходя из смысла ч. 1 ст. 841 ГК РТ, в сопоставлении с содержанием ч. 2 этой же статьи право на отказ в предоставлении кредита не может быть ограничено договором, что следует из существа оснований, позволяющих учинить такой отказ. В свою очередь, само право на отказ в предоставлении кредита выступает примером исключения из общего правила недопустимости одностороннего отказа от исполнения обязательства и одностороннего изменения условий, поскольку такое исключение установлено законом, что в свою очередь подтверждается судебной практикой.

УНСУРҲОИ МУҲИММИ ПАДИДАИ «ОИЛА»

Азиззода М. И. – аспиранти кафедраи ҳуқуқи граждании ДМТ

Дар илми ҳуқуқи оилавии муосир унсурҳои нав дар падидаҳои оилав̄ пайдо шудаанд, ки мавриди омӯзиш қарор додани онҳо танҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Яке аз чунин унсурҳои нав дар ҳуқуқи оилав̄ ин дузанаг̄ мебошад. Гарчанде, ки дар Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки бисёрникоҳ̄ манъ аст, вале дар амалия ҳамоно ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки муносибатҳои оилав̄ ҷониби як мард бо ду ва ё зиёда зан вуҷуд

доранд. Албатта, чунин амал сабабҳои худро доранд. Агар аз нуқтаи назари ҳуқуқи оилавӣ гирем, танҳо никоҳи расмии байни зану мард аҳамияти ҳуқуқӣ дорад.

Унсури дигари падидаи оила, ки имрӯзҳо дар ҷомеаи Тоҷикистон хеле авҷ гирифтааст, ин ҳамзистии якҷояи зану мард бидуни бастани ақди никоҳ мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳамзистии якҷоя сарчашмаи худро ҳанӯз аз Рими қадим мегирад. Дар он вақт ин институт бо номи concubinatus маъмул буд. Ҳамзистии якҷояи зану мард бидуни бақайдгирии ақди никоҳ ҳамчун оила эътироф намешавад ва қонунгузории оилавӣ чунин навъи ҳамзистиро на эътироф мекунад ва на барои ин чиз монеа эҷод мекунад. Унсури нави дигаре, ки дар муносибатҳои оилавӣ ба вуҷуд омадааст, ин падидаи никоҳи ҳамҷинсон мебошад. Албатта, қайд кардан зарур аст, ки аз як тараф, қонунгузории оилавии мо никоҳи байни ҳамҷинсонро эътироф намекунад ва аз тарафи дигар, қариб аксарияти аҳолии Тоҷикистон бар зидди чунин никоҳ (алоқа) мебошанд.

Вале новобаста аз ин, дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон ҳастанд нафароне, ки ҳам аз ҷинси мард ва ҳам аз ҷинси зан майл ба никоҳи ҳамҷинсӣ доранд. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда мо ба хулосае омадем, ки мавқеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди манъ ва ғайриқонунӣ эътироф кардани никоҳи ҳамҷинсон дуруст аст. Ва бинобар чунин омилҳои манфӣ доштани никоҳи байни ҳамҷинсон, падидаи мазкурро мо маҳкум менавоем:

1). Аз нигоҳи ахлоқӣ никоҳи ҳамҷинсон ба арзишҳову муқаддасоти оилавӣ таъсири манфӣ мерасонад.

2). Ҳангоми аз тарафи ҳамҷинсон ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдак, ҳуқуқҳои вай поймол мегарданд.

3). Эҳсоси эмондорон (диндорон, ки аксарияти мардуми моро мусулмонҳо ташкил медиҳанд) таҳқир мегардад.

4). Сатҳи таваллуд кам мегардад ва сафи ҳамҷинсгароён ва тарбияи кӯдак аз тарафи ҳамҷинсон зиёд мегардад, ки ин ба тарбияи ояндаи кӯдак ва генофонди миллат таъсири бениҳоят манфӣ мерасонад.

БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ СУРАТҲИСОБИ БОНКӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Асрорзода З. – аспиранти кафедраи ҳуқуқии граждании ДМТ

Дар ҷаҳони имрӯза пул асосан дар шакли ғайринақдӣ гардиш мекунад. Тамоми муносибатҳое, ки бо гузаронидан ва хароҷоти пулии ғайринақдӣ иртибот доранд, дар доираи сохтори (конструксия)-и иҷтимоӣ–иқтисодие, ки «суратҳисоб» ном дорад, амал мекунанд. Мафҳуми мазкур гуногунмаъно аст: аз як тараф, ин ҳуҷҷати муҳосибӣ, аз тарафи дигар, суратҳисоб, яъне талаботест, ки барои мол, иҷрои кор, ё хизмат пардохтани пулро пешбинӣ мекунад. Дар ҳуқуқи граждани суратҳисоби шахс дар бонк ҳамчун категорияи иқтисодӣ, дар вақти бастани шартномаи махсус – суратҳисоби бонкӣ ба вуҷуд меояд. Тибқи шартномаи суратҳисоби бонкӣ, як тараф,бонк уҳдадор мешавад маблағҳои пулии ба суратҳисоби шахси дигар воридшударо қабул кунад ва гузаронад, супориши молики суратҳисобро дар мавриди аз суратҳисоб гузаронидан ва пардохти маблағҳои дахлдор вобаста ба суратҳисоб иҷро намудани дигар амалиётро анҷом диҳад (м. 866 КГ ҶТ).

Муаллиф ба хулосае меояд, ки суратҳисобҳои бонкӣ ба намудҳои зайл тақсим мешаванд: суратҳисобҳои депозитии дархостӣ. Мафҳуми «суратҳисобҳои депозитии дархостӣ» суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ ва суратҳисобҳои ҷории муштариёнро дар бар мегирад. Суратҳисобҳои депозитии дархостӣ аз тарафи муштарӣ, сарфи назар аз шаклҳои моликият, кушода мешаванд; суратҳисобҳои депозитии амонатӣ. Муштарӣ ҳуқуқ дорад, маблағро аз суратҳисобҳои депозитии амонатӣ мутобиқи шартномаи суратҳисоби бонк танҳо ҳар сари чанд вақт, яъне дар давраи муайян (моҳе як бор, ду бор ва ҳоказо) ба ҳадди лимити дар шартнома мувофиқашуда бигирад; суратҳисобҳои депозитии муҳлатдор. Аз рӯйи суратҳисобҳои депозитии муҳлатдор маблағ якҷоя бо судаш ба муштарӣ фақат баъди

гузаштани муҳлати дар шартномаи суратҳисоби бонк мувофиқашуда дода мешавад; суратҳисобҳои корреспондентии бонк.

Ҳангоми кушодани суратҳисоби бонкӣ ду гурӯҳи муносибат ба миён меояд: бонк уҳдадор мешавад мадохилотеро, ки ба муштарии ӯ тааллуқ дорад, қабул намояд ва ба суратҳисобаш гузаронад ва ҳамчунин бо дархости муштарӣ маблағи барояш заруриро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва шартнома диҳад. Маблағи ба суратҳисоби бонкӣ мондаи муштариро саҳми дархостӣ ҳисобидан лозим аст. Муносибатҳои зикршуда бо сохтори шартномаи қарз фаро гирифта мешаванд, ки дар он бонк қарзгиранда, вале муштарӣ қарздиҳанда мебошад. Бонк метавонад маблағи дар суратҳисоббударо бо салоҳдиди худ, аз ҷумла ҳамчун захираи кредитӣ истифода намояд. Бинобар ин, бонк барои маблағи дар суратҳисоб боқимонда, одатан, ба муштарӣ баҳраи (фоизи) дар шартнома мувофиқашударо медиҳад.

НАСЛЕДОВАНИЕ ЗЕМЕЛЬНЫХ УЧАСТКОВ И ИХ ПРАВОВОЙ РЕЖИМ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Дилшодзода Ф. – соискатель кафедры гражданского права ТНУ

Современное законодательство о собственности, о земле существенно расширили круг объектов права частной собственности, а также круг объектов наследственного правопреемства. По ранее действующему законодательству на праве собственности граждан могли находиться только объекты, имеющие потребительский характер. В настоящее время на праве собственности граждан может находиться любое имущество, не изъятое из имущественного оборота. Граждане без особой трудности легко могут приобретать любое имущество в необходимом им количестве.

Что же касается земли, то оно является имуществом особого рода. Его особенность обусловлена особой заинтересованностью государства в таких земельных отношениях, которые не очень – то характерны для других видов имущества. Право пожизненного наследуемого пользования земельным участком появилось с принятием Гражданского кодекса Российской Федеративной Социалистической Республики в 1922г. Оно не совсем однозначно с признанием права владения, то есть с одним из правомочий собственника. Хотя правильно отмечается, что «это самостоятельный вид права на землю, принадлежащий только физическому лицу». Хотя с нашей точки зрения это не совсем так.

О чем будем вести речь в другой статье. Как известно Земельный кодекс Республики Таджикистан предусматривает несколько видов прав пользования земельным участком: право бессрочного пользования земельным участком (ст. 11); право пожизненного наследуемого пользования земельным участком (ст. 12); право срочного пользования земельным участком (ст. 13) и право ограниченного пользования земельным участком (сервитут). Право постоянного пользования земельным участком имеет определенные отличия от права пожизненного наследуемого его пользования. Граждане имеющие такое право вправе передавать его по наследству, а право постоянного пользования полностью исключает такую возможность. Оно, как правило, ограничивается сроком жизни его обладателя.

В пожизненное наследуемое пользование передаются земли сельскохозяйственного назначения для организации и ведения дехканского (фермерского) хозяйства. Однако, земельные участки в случае открытия наследства подлежать перерегистрации в уполномоченном органе. При этом, данное положение о земельном участке в качестве объекта наследования является очень странным. Обычно по наследству переходят всякие вещи принадлежащие наследодателю на праве собственности. Однако в данном случае земельные участки переходят по наследству, в отношении которого наследодатель имеет лишь ограниченное вещное право, право на чужую вещь. Одновременно данное право имеет важное значение для устойчивого и целевого землепользования и сельскохозяйственного предпринимательства.

Данное право заключается и в бессрочном пользовании земельного участка с определенной экономической целью. Оно может опосредовать предоставление земель гражданам для производственных нужд. Основное его содержание заключается в возможности обладания и использования земель сельскохозяйственного назначения. Тем не менее, данное право получил не совсем одинаковую оценку среди различных авторов. Независимо от его противоречивости ст. 1138 ГК РТ право пожизненное наследуемое пользование земельным участком признает в качестве объекта наследства. Оно наследуется на общих основаниях.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

Файзуллоев А. И. – адъюнкти Академияи
Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

То ҳол дар ҶТ масъалаи нигоҳдории маълумоти шахсӣ ҳалли худро наёфтааст. То қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» чунин тасаввур кардан мумкин буд, ки нигоҳдории махзани маълумот хориҷ аз кишвар як навъ амали иҷозатнашуда аст. Вале бо қабул шудани қонуни мазкур иҷозати бавосита ба он дода шуд.Тибқи қ. 2 м. 14 Қонун нигоҳдории маълумоти шахсӣ аз ҷониби доранда, оператор ва шахси сеюм, ки махзани он танҳо дар ҳудуди ҶТ ҷойгир шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи маълумоти шахсӣ мувофиқа шудаанд, амалӣ мегардад. Яъне, дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар хориҷи кишвар низ чунин махзанҳоро нигоҳ доштан мумкин аст.

Аввалан, ҳоло дар ҶТ мақоми ваколатдор муайян нашудааст. Дуюм, шарту шароити мувофиқакунӣ номаълум мебошад. Дар ин маврид бебаҳс мақоми ваколатдори давлатӣ аз нигоҳи қонунӣ бесилоҳ буда, манфиатҳои шаҳрвандонро ё ба воситаи манъи пурра таъмин мекунад, ки дар шароити муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ ин кор амалан имконнопазир аст ва ё бидуни санҷишу таҳлили дахлдор ҳамаи дархостҳои нигоҳдории махзани маълумотро дар хориҷи кишвар «мувофиқа» менамояд. Муқаррароти қ. 2 м. 18 Қонун масъаларо боз ҳам мураккабтар мегардонад, зеро тибқи он дар сурати мавҷуд будани розигии субъект ё намояндаи қонунии ӯ ба интиқоли фаромарзии маълумоти шахсии ӯ, интиқоли фаромарзии маълумоти шахсӣ ба ҳудуди давлатҳои хориҷие, ки ҳифзи маълумоти шахсиро таъмин намекунанд, иҷозат аст.

Аксари давлатҳои абарқудрат серверҳоро дар ҳудуди худ нигоҳ дошта, аз ширкатҳо талаб мекунанд, ки ин талаботро риоя намоянд. Вале имрӯз дар шароити ҶТ дар гумон аст, ки ширкатҳои калон, аз қабили Visa ва MasterCard дар ҳудуди ҷумҳурӣ серверҳои худро нигоҳ доранд. Ҳатто баъзе ширкатҳои мобилӣ имрӯз махзанҳоро дар хориҷа нигоҳ медоранд. Дар давлатҳои дигари Осиёи Миёна низ ин масъалаҳо хеле фаъолона муҳокима шуда истода, то ҳол роҳи ҳал коркард нашудааст. Дар Федератсияи Россия низ масъала мубрам буда, пайваста қонунгузории он такмил ёфта истодааст. Хусусан ба масъалаи чораҳои бехатарӣ, ошкор намудани ҳолатҳои дастрасии беиҷозат ба маълумот, андешаи чораҳои дахлдор ва барқарорсозии маълумот дар сурати ивазкунӣ ва ё бекоркунии маълумот дар натиҷаи дастрасии беиҷозат таҳти назорати бештар гирифта шудааст.

Дар ин ҷода бештар ба Протоколи иловагии Конвенсия дар бораи ҳимояи шахсони воқеӣ зимни коркарди автоматии маълумоти шахсӣ, дар бораи мақомоти назоратӣ ва интиқоли байнисарҳадии иттилоот ва Директиваи №95/46/ИА «Дар бораи ҳимояи шахсони воқеӣ зимни коркарди маълумоти шахсӣ» - яъне таҷрибаи аврупоӣ такя карда шудааст. Ҳарчанд на ҳама ба тағйироти мазкур розӣ буда, онро мувофиқи мақсад мешуморанд. Дар ҶТ коркарди стандартҳои дахлдор, муайян намудани сатҳи ҳимоя ва ғайра танзими мувофиқро тақозо менамоянд. То кадом дараҷа операторҳои маҳаллӣ ба таъмини иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» омодаанд, дар шароите ки амалигардонии Қонуни мазкур харочоти молиявиро низ пешбинӣ мекунад, номаълум мебошад.

Дар Федератсияи Россия, масалан, тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки танҳо 5-10 фоизи ширкатҳо омода мебошанд. Паҳлуи дигари мушкилоти қонун дар он аст, ки ҷавобгарӣ танҳо барои вайрон кардани талаботи коркард ва ҳимояи маълумоти шахсӣ пешбинӣ шудааст. Вале барои паҳн шудани маълумот муқаррарот мавҷуд нест.Тибқи қ. 2 м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсӣ ҳангоми мавҷуд будани сертификати мутобиқати мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи маълумоти шахсӣ ва амнияти иттилоотӣ амалӣ карда мешаванд. Ин ҳаҷми калони корҳое мебошад, ки дар шароити имрӯза ичрои он аз ҷониби ташкилотҳо ва мақомоти давлатӣ имконнопазир аст.

ОБЫЧАЙ В ГРАЖДАНСКОМ ОБОРОТЕ

Анушервони И. – соискатель отдела частного права
Института философии, политологии и права имени
А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан

Признание государством в качестве одного из источников гражданского права наряду с нормативным актом обычая делового оборота и других обычаев в гражданском обороте допустило возможность формирования гражданско-правовых норм в децентрализованном порядке, за рамками законотворческого процесса. Необходимо отметить, что обычаи представляют собой одно из древнейших явлений в истории человечества и проблемы возникновения, формирования и развития обычай носят многоплановый характер, поскольку их нормы являются элементами национальной культуры, отражают их особенности.

Норма обычая складывается до и помимо своего выражения на письме. Ее внешним выражением служит система взаимосвязанных по содержанию, подобных друг другу действий участников имущественного оборота, т.е. само обычное поведение, которое может восприниматься в любой доступной форме (письменной, устной, визуальной и пр.). «Неписанный» характер обычая позволяет обособить его от сводов единообразных правил. стандартных условий договоров, кодексов поведения и тому подобных документов, активно используемых в деловом обороте, и существующих только в письменной форме. Указанные документы, имеющие конкретных авторов, далеко не всегда следуют сложившейся коммерческой практике, устанавливая собственные варианты регулирования имущественных отношений. Обычай не знает индивидуального автора и предполагает коллективное правотворчество.

Создателями обычно-правовых норм, чье поведение и формирует обычай, выступают лишь сами субъекты, реализующие принадлежащие им субъективные гражданские права. Круг лиц, его соблюдающих или использующих, должен быть достаточно широк, при том, что заранее определить точное их количество не представляется возможным. Если закон прямо указывает обычай, которым следует руководствоваться последний перестает быть обычаем и преобразуется в законодательную норму. В случаях, когда закон, не упоминая конкретную обычно-правовую норму, предусматривает абстрактную возможность применения обычая к имущественным отношениям (ст.5 ГК РТ), заранее неизвестно, какое правило среди прочих, принятых в практике, обеспечено санкцией.

Рамки применения обычая в частно-правовых отношениях нуждаются в расширении. Сферу действия гражданско-правового обычая было бы целесообразно очерчивать границами дозволительного регулирования, в пределах которых субъекты гражданского права могут самостоятельно не только выбирать, но и создавать правила поведения. Роль закона при этом должна сводиться к негативному определению пределов применения правового обычая при помощи императивных норм. Ограничивая автономию воли участников гражданских правоотношений, закон определяет перечень случаев, когда использование обычая не допускается. Закрепленный в ст. 459 ГК РТ общий принцип, согласно которому условия договора определяются обычаями делового оборота, поскольку иное не определено диспозитивной нормой.

Приоритет диспозитивной нормы над обычаем не отвечает сущности метода дозволения в гражданском праве, противоречит ожиданиям субъектов гражданских правоотношений, их представлению о должном. Более обоснованным было бы расположение обычая в иерархии регуляторов имущественного оборота перед диспозитивной нормой. Обязанность доказывать существование и содержание обычая целесообразно возложить на заинтересованную сторону. Исключение, по мнению автора, могут составить факты наличия общеизвестных обычно-правовых норм.

МАФҲУМИ МАВОДИ ДОРУВОРӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВЛАТҲОИ ПЕШРАФТА

Ғаюрзода Б. Ш. – унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати ДМТ

Дар қонунгузории давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон мафҳуми маводи доруворӣ ба назар мерасад. Барои расидан ба ҳадафҳои тадқиқот таҳлили муқоисавии он зарур мебошад. Масалан, дар ИМА мафҳуми «доруворӣ», чун қоида, нисбати маҳсулоти ҷузъиёти ягонаи фарматсевтӣ дошта истифода мешавад. Дар б. «g» зербанди 321 титули 321 Маҷмӯи қонунҳои ИМА «доруворӣ», чунин маънидод карда шудааст: ҳамчун маҳсуле, ки аз ҷониби Фармокотияи ИМА, гомеопатияи фармокопӣ ё Расмиёти миллӣ ё дигар иловаҳо ба он расман эътироф шудааст; ҳамчун маҳсуле, ки барои ташхис, табобат ва ё пешгирии беморӣ истифода мешавад; ҳамчун маҳсуле, ки барои таъсиррасонии таркибӣ ва ё барои таъсиррасонӣ ба функсияҳои ҷисми инсон таъйин шудаанд; ҳамчун маҳсуле ки ба сифати ҷузъиёти таркибии дигар маҳсулот ва ё ашёи дар боло зикршуда истифода мешавад.

Дар аксарияти санадҳои соҳавии давлатҳои Аврупо мафҳуми «маҳсули табобатӣ» ё «маҳсули таҷрибавии табобатӣ» ҳаммаънои маводи доруворӣ шинохта шуда, нисбати маҳсулоти фарматсевтӣ умуман ва бахусус ҳамчун маҳсули биотиббӣ маънидод карда мешавад. Б. 2 директиваи Парлумон ва Шӯрои Аврупо аз 6 – уми ноябри соли 2001 таҳти № 200/83/ ИА (дар таҳрири соли 2012) «Оид ба маҷмӯи қонунҳои Иттиҳод дар бораи маводи доруворӣ, ки барои истифодаи инсон таъйин шудааст» мафҳуми маводи доруворӣ чунин тавзеҳ дода шудааст: субстансия ё омехтаи онҳо, ки хусусияти табобатӣ ё пешгирии бемориҳои инсонро дорад; маҳсул ё омехтаи он, ки ба инсон медиҳанд ё инсон онро истифода мекунад баҳри барқароркунӣ, тағйирдиҳӣ ё коррексияи функсияҳои физиологӣ тибқи таъсиррасониҳои фармокологӣ, иммунологӣ ё метабологӣ, ё ин ки гузаронидани ташхиси тиббӣ.

Тибқи б. 3 м. 1 директиваи Парлумон ва Шӯрои Аврупо аз 6–уми ноябри соли 2001 таҳти № 200/83/ ИА (дар таҳрири соли 2012) «Оид ба маҷмӯи қонунҳои Иттиҳод дар бораи маводи доруворӣ, ки барои истифодаи инсон таъйин шудааст», маҳсул гуфта чунин мафҳумҳо фаҳмида мешаванд: маҳсули пайдоиши инсон, масалан хуни ӯ, маҳсул аз хуни инсон ва ғайра; маҳсул аз ҳайвонот (микроорганизим, узвҳо, токсин, экстрактҳо, маҳсули хуни онҳо); маҳсули растаниҳо (микроорганизими растанӣ, қисми он, маҳсул аз растанӣ, экстрактҳо); маҳсули химиявӣ (унсурҳо, маводҳои табиии химиявӣ, маҳсулоти химиявӣ, ки дар натиҷаи тағйирдиҳии химиявӣ ҳосил шудааст синтези ҳосилшудаи он).

Ташкилоти Байналмилалии Тандурустӣ доруворирo ҳамчун ашё ё маҳсули фарматсевтӣ муайян кардааст, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои тандурустӣ, инкишоф ва ё таҳқиқи низоми физиологӣ ё ҳолати патологӣ истифода мегардад ва ба манфиати ресипиенти ин маҳсул мебошад. Дар ин мафҳум аломатҳои фаъолияти дорусозӣ ба назар мерасад, вале яке аз объектҳои ҳуқуқи истисноӣ будани он ифодаи худро наёфтааст. Ҳамзамон, таҳлилҳо муайян намуданд, ки дар ин соҳа ба ғайр аз мафҳуми «доруворӣ», мафҳуми «квазидоруворӣ» низ ҷой дорад.

Масалан, дар қ. 7 м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Корея, аз 2007с. «Оид ба фаъолияти фарматсевтӣ» «квазидоруворӣ» гуфта ашёеро меноманд, ки дорои яке аз чунин аломатҳо мебошад: муина, молҳои резинӣ ё ба онҳо монанд, ки барои табобат, сабукии муолиҷа ва пешгирии бемориҳо таъйин шудааст; маҳсуле, ки ба ҷисми зиндаи инсон бетаъсир нест, ё ин ки бевосита наметавонад ба он таъсиррасон бошад; маҳсуле, ки барои тозакунӣ,

инсектизатсия ва дигар ҳадафҳои ба онҳо монанд, барои пешгирии беморихои инфексионӣ истифода мешаванд. Ҳамин тавр, дар ин маврид мафҳуми «квазидоруворӣ» маънои моли қалбакиро надошта, ашёҳои таъйиноти махсуси табобатиро ифода мекунад.

МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ: РИОЯИ ҲАДДИ ЭЪТИДОЛ ДАР ТУҒЁНИ ХОҲИШИ САРВАТМАНДӢ ВА КАМОЛОТИ МАЪНАВӢ

Искандаров З. Ҳ. – д.и.ҳ., профессори
кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Мазмуни муқовимат бо коррупсияро мувофиқ ба муқаррароти м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия” (25.07.2005 сол) дар радифи гузаронидани чораҳои пешгирӣ, муҷозоти ашхоси гунаҳгори содиркунандаи кирдори коррупсионӣ, ҳамчунин ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ, баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати зиддикоррупсионӣ ташкил медиҳад, ки мазмуни асосии онро ҷавҳари маънавӣ ташкил медиҳад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар Стратегияҳои муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 ва 2013–2020 ба ҷанбаи ахлоқии муқовимат бо коррупсия низ диққат дода шуда, ба ин масъала бобҳои алоҳида бахшида шуда буданд. Дар воқеъ, барои босамар ташкил намудани кори муқовимат бо коррупсия муайян намудани омилҳои субъективӣ, ки ба талаботҳои ҷисмониву рӯҳии инсон вобаста буда, ӯро ба содир намудани ин амали номатлуб водор мекунанд, ниҳоят муҳим арзёбӣ мешавад. Бо чунин андеша, мо мехоҳем танҳо ба як масъалаи муқовимат бо коррупсия, яъне баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати зиддикоррупсионӣ, бо кӯшиши матраҳ намудани масъалаи ҳадди эътидол дар туғёни хоҳиши одамӣ ба молу сарват ва камолоти маънавии инсон диққати хонандаро ҷалб намоем.

Коррупсия зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ буда, аз қадим дар баробари пайдоши давлат ба миён омадааст, он нуқси давлат буда, ба фаъолияти босамари давлат зараровар мебошад. Вале худ давлат доштан, соҳибихтиёрона вилоят намудан ин бахт ва саодати миллат аст. Давлат ҳастӣ ва бақои зиндагии халқеро собит менамояд. Тоҷикистон, халқи тоҷик зери парчами худ дар миёни давлатҳои дигари дунё арзи ҳастӣ намуда, бардавом боқӣ монда, рушду нумӯ менамояд ва корҳои муфидеро ба иҷро мерасонад. Давлатманд будан маънои доштани озодиву истиқлолияти халқро дар назар дорад, яъне мову шумо, намояндагони мо, мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдори он, ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар арсаи байналмиллалӣ озоду мустақил ва босалоҳият буда, имконияти манфиатҳои башарӣ ва миллиамонро ҳимоя намуданро соҳиб ҳастем. Гузашта аз ин, оини зиндагиамонро дар асоси маданияти ниҳоят бою ғании ниёгонамон озод ва мустақилона интихоб намуда, мафкураву маънавиёт ва дину эътиқоди худро муайян менамоем.

Давлат ҳамчун дастоварди инсоният, натиҷаи ҷонбозиву қурбониҳои зиёд буда, то ба имрӯз ҳамаи халқу миллатҳо ба он мушарраф ҳам нагардидаанд. Мо бо амри тақдир, бинобар ҳувияти озодагиву озодихоҳии мардум бо санҷишу озмоишҳо тавассути василаву мушкилоти басо сангин, бо саъю талоши намояндагони мардум, бахусус раҳнамоиву ҳидояти фарзанди шуҷоатманди халқи тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он мушарраф гардида, дар рушду нумӯи он корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаем.

Давлату давлатдорӣ дар баробари муҳайё намудани шароити арзанда барои зиндагии шоиста боз мушкилоту муаммоҳоеро, ба мисли коррупсия дорад, ки ба вуқӯъ пайвастани он сабабҳои худро дошта, муқовимат накардан ба он, ба мисли чораҷӯӣ накардан нисбат ба беморихои сироятӣ маҳсуб ёфта, давлатро сусту заиф ва фалаҷ менамояд. Коррупсия эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад. Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизогии шахрвандон аз фаъолияту сохтору мақомоти давлатӣ гардад.

Агар мо ба масъалаи коррупсия (фасод), муқовимат бо он амиқтар назар намоем, ногузир ба фалсафаи робитаи инсон бо дунё, ҷисм ва рӯҳ, масъалаҳову муаммоҳои ахлоқӣ рӯ ба рӯ мешавем. Чунки фасоду вайронкорӣ, пеш аз ҳама, бо нафсу ғараз ва қудрати давлатӣ алоқаманд буда, мабдаи ҷисмонӣ ва рӯҳии шахс дар он муҳим мебошад.

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ПРАВОВОГО СТАТУСА СУДЕБНЫХ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ, КАК ЛИЦ, УЧАСТВУЮЩИХ В ДЕЛЕ,В ГРАЖДАНСКОМ ПРОЦЕССЕ ТАДЖИКИСТАНА (1963-2007ГГ.)

Фозилов Н. Н. – старший преподаватель кафедры предпринимательского и коммерческого права ТНУ

В новом Гражданском процессуальном кодексе Республики Таджикистан существенным изменениям подвергся также институт судебного представительства по гражданским делам. Следует отметить, что новый ГПК РТ в отличие от Гражданского процессуального кодекса Таджикской Советской Социалистической Республики 1963 года не относит судебных представителей к лицам, участвующим в деле. Однако отнесение судебных представителей сторон и третьих лиц к лицам участвующих в деле по ГПК Таджикской ССР 1963 года многими специалистами в области гражданского процессуального права бывшего Союза Советских Социалистических Республик оценивалось как шаг вперед по сравнению с Гражданским процессуальным кодексом Российской Советской Федеративной Социалистической Республики 1964 года, как правильное отражение в законе сути данных субъектов гражданского судопроизводства.

Правовая действительность такова, что судебные представители, как и лица, участвующие в деле имеют юридический интерес в исходе дела. Их заинтересованность предопределена законом для законных судебных представителей и договором для договорных судебных представителей.

В новом ГПК РТ правовой статус судебных представителей расширился и соответствует новейшим достижениям материальных отраслей права. Чтобы не быть голословным для обоснования вышеизложенного тезиса хотим обратить внимание к конкретным статьям нового ГПК РТ.

В обосновании тезиса о расширении правового статуса судебных представителей в гражданском процессе можно ссылаться: во-первых, на ст. 152 ГПК РТ, которая предусматривает (мы приводим более обобщённый вариант статьи), что стороны и их представители излагают исковые требования и возражения против них, передают друг другу письменные доказательства, ходатайствуют об истребовании доказательств, которых не могут получить самостоятельно, без помощи суда.

Таким образом, в отличии ГПК Таджикской ССР 1963 года (ст. 148) в новом ГПК РТ впервые предусматриваются процессуальные действия самих сторон и их представителей в стадии подготовки гражданского дела к судебному разбирательству. Что касается ст. 148 ГПК Таджикской ССР 1963, то она предусматривала исключительно процессуальные действия судьи в рамках указанной стадии гражданского судопроизводства. После введения вышеуказанных новшеств можно констатировать, что стадия подготовки дела к судебному разбирательству, также становится состязательной и основывающейся на принципе равноправия сторон, что соответствует ст. 88 Конституции РТ.

Во-вторых, в соответствии со ст. 365 нового ГПК РТ стороны и другие лица, участвующие в деле, а также лица, не участвующие в деле могут подать надзорную жалобу на вступившие в законную силу судебные акты (не только судов первой инстанции, но и проверочных инстанций) непосредственно в суд надзорной инстанции. Следовательно, надзорную жалобу, которая является аналогом надзорного протеста, может подать гражданин, не имеющий юридического образования. По ГПК Таджикской ССР 1963 года такого уровня процессуальные документы подготавливались как минимум председателем областного суда или заместителем прокурора области (ч. 6 ст. 342). В связи с этим, следует

отметить, что в настоящее время без квалифицированной помощи адвоката очень сложно сторонам и третьим лицам подготовить надзорную жалобу.

Что касается соответствия института судебного представительства новейшим достижениям материальных отраслей права, то этот вопрос урегулирован заменой слов: «лица, не достигшие совершеннолетия» (это выражение использовалось в абзаце первом ч. 1 ст. 115 ГПК Таджикской ССР 1963 года) словами «дееспособное лицо» в ГПК РТ 2007 года (ст. 51). В результате лица, вступившие в брак путем снижения брачного возраста в 17 лет, а также эмансипированные несовершеннолетние, достигшие шестнадцатилетнего возраста, также могут быть судебными представителями, и защищать права и интересы представляемых.

В ГПК РТ 2007 года также предусмотрен новый вид судебного представительства, которого в теории гражданского процессуального права именуют как официальное судебное представительство. Так, в соответствии со ст. 52 ГПК РТ 2007 года суд назначает стороне адвоката в качестве представителя в случаях отсутствия представителя у ответчика, место жительства которого неизвестно и в других случаях предусмотренным законом. Указанная новелла является дополнительной гарантией судебной защиты прав и законных интересов граждан и организаций. Однако, на наш взгляд, особенности правового статуса официальных судебных представителей должны быть более четко отражены в законе.

Подытоживая рассмотрение вопроса о судебных представителях, хотелось бы отметить, что новый ГПК РТ существенно повысил их роль (прежде всего адвокатов) в гражданском процессе. Однако упомянутый закон не вводит монополию адвокатов на оказание юридической помощи в гражданском процессе, как в некоторых странах Европейского Союза, что также можно оценивать как его положительную сторону.

НАҚШИ ПРОКУРОР ДАР АМАЛИСОЗИИ ТАЪҚИБОТИ ҶИНОЯТӢ

Маҳмудов И. Т. – н.и.ҳ., дотсент, мудири
кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Таъқиботи ҷиноятӣ, дар маҷмӯъ, фаъолияти мурофиавии прокурор буда, мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо мақсади фош намудани гумонбаршуда ва айбдрошаванда дар содир кардани ҷиноят равона карда мешавад. Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он прокурор ҳамчун намояндаи мақомоте, ки таъқиботи ҷиноятиро анҷом медиҳад, эътироф шудааст.

Таъқиботи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби мақомоти прокуратура амалӣ карда мешавад, якчанд самтро дар бар мегирад: оғози парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани тафтиши пешакӣ оид ба ҷиноятҳое, ки тафтиши онҳо ба зиммаи прокуратура вогузошта шудааст ва ҳамзамон, дар хусуси тафтиши дилхоҳ ҷиноятҳо; дастгирии айбдоркунандаи давлатӣ дар суд.

Бо дарназардошти ҳолати ҷойдошта метавон се шакли фаъолияти прокурорро ҳангоми амалӣ намудани ин функсия ҷудо намуд: 1) бевосита ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ бо роҳи оғози парванда ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ; 2) иштирок дар таъқиботи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби дигар мақомот амалӣ карда мешавад, тавассути ба амал баровардани ваколатҳо оид ба ташкил ва роҳбарии тафтишот; 3)дастгирии айбдоркунандаи давлатӣ дар суд.

Дар аксарияти маврид маҳз ташаббусгари таъқиботи ҷиноятӣ прокурор ба ҳисоб меравад.

Таҳлили меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки нишонаҳои асосии таъқиботи ҷиноятӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

- таъқиботи ҷиноятӣ фаъолияти мурофиавии мақомоти тафтиши пешакӣ, таҳқиқ, прокурор ва дигар субъектони тарафи айбдорӣ буда, ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мувофиқ аст;
- таъқиботи ҷиноятӣ, дар маҷмӯъ, хусусияти айбдоркуниро дорад;

- таъқиботи ҷиноятӣ ба таври истисоно танҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор ва шахсоне, ки ба тарафи айбдорӣ хосанд, ба амал бароварда мешавад;

- таъқиботи ҷиноятӣ фаъолияте мебошад, ки бо мақсади ошкор намудани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда дар содир кардани ҷинояти бо кодекси ҷиноятӣ манъшуда ба роҳ монда мешавад;

- таъқиботи ҷиноятӣ ҳамеша аз лаҳзаи дар мавқеи гумонбар гузоштани нафари мушаххасе оғоз мешавад. Ба ибораи дигар, оғози парвандаи ҷиноятӣ барои оғози раванди исботкунӣ асос мешавад. Вале бояд қайд намуд, ки агар парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи ҳодисаи ҷиноят оғоз карда шавад ва шахси содиркунандаи ҷиноят маълум набошад, сухан дар бораи функсияи таъкиботи ҷиноятӣ намеравад.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки таъқиботи ҷиноятӣ ҳамчун функсияи мақомоти прокуратура амалҳои зеринро дар бар мегирад: оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси мушаххас аз ҷониби прокурор ва ё муфаттиши прокуратура, ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, тасдиқи хулосаи айбдорӣ аз ҷониби прокурор ва ба суд барои баррасӣ фиристодани он, дастгирии айбдоркунандаи давлатӣ дар суд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки ба мисли қонунгузории дигар кишварҳои узви ИДМ дар Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон» яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура ба таъқиботи ҷиноятӣ бахшида шуда, дар он мазмуну моҳият ва таъйиноти таъқиботи ҷиноятӣ шарҳ дода шаванд.

ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ КОМПЕТЕНТНЫХ ОРГАНОВ ТУРКМЕНИСТАНА С КОМПЕТЕНТНЫМИ ОРГАНАМИ ИНОСТРАННЫХ ГОСУДАРСТВ ПО УГОЛОВНЫМ ДЕЛАМ

Абдуллоев Н. – к.ю.н., профессор кафедры судебного права и прокурорского надзора ТНУ
Абдуллоев П. С. – к.ю.н., доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора ТНУ

Туркменистан, как и остальные четырнадцать республик, ставшие независимыми после распада Советского Союза в 1991 г., унаследовал систему уголовного процесса, которая развилась на основе континентальной европейской смешанной формы, изначально появившейся во Франции после Великой французской революции.

Уголовно-процессуальный кодекс Туркменистана, утвержденный Законом Туркменистана от 18 апреля 2009 г. регулирует международное сотрудничество в сфере уголовного производства в разделе 11 как особые производства наряду с производством по делам о применении принудительных мер медицинского характера невменяемым в одной главе – гл. 52 (оказание правовой помощи по уголовным делам) без разделения в отдельные структуры по каждому институту. Но изучение данной главы дает возможность, что УПК Туркменистана регламентирует вопросы не только правовой помощи, но и выдачи и передачи лица в рамках международного сотрудничества по уголовным делам

Смирнов А.В., Калиновский К.Б., комментируя ст. 542 Уголовно-процессуальный кодекс Туркменистана отмечают что «правовая помощь по уголовным делам-то основанная на внутреннем законодательстве деятельность компетентных органов запрашиваемого государства по исполнению, в соответствии с условиями международного договора или на основе принципа взаимности, поручений судебных и иных компетентных органов запрашивающего государства о производстве на территории запрашиваемого государства процессуальных действий и оперативно-розыскных мероприятий по расследуемому или рассматриваемому в суде в запрашивающем государстве уголовному делу» (курсив мой - П.А.).

Утверждение авторов о правовой помощи по уголовным делам в производстве и оперативно-розыскных мероприятий в рамках уголовного процесса являются дискуссионным. Но выводы об «основных признаках, отличающих правовую помощь по уголовным делам от иных форм сотрудничества в области уголовного судопроизводства,

служит то, что запрашивающее государство частично передает свою компетенцию по уголовному делу другому (запрашиваемому) государству» в отношении национального уровня Туркменистана требует только согласия.

Использованные «оказанных правовых помощей по уголовным делам» в данной главе было бы целесообразно изменить в «международном сотрудничестве в сфере уголовного производства».

ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Баҳриддинзода С. Э. – н.и.ҳ., дотсенти
кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ такмили қонунгузории кишвар мебошад.

Вобаста ба зарурияти такмили қонунгузории ҷиноятӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 чунин иброз намудааанд:«Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд».

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ коркард ва қабул нашуда буд, вале дар самтҳои алоҳидаи қонунгузорӣ дигаргунсозиҳо амалӣ карда мешуданд, аз ҷумла дар самти қонунгузории ҷиноятӣ.

Аз ин ҷо, такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар кишвар, аввалан, бо дарназардошти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013таҳти №492 тасдиқ шудааст) оғоз гардида, баъдан, дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 (бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018таҳти №1005 тасдиқ шудааст) амалӣ карда шуда истодааст.

Такмили қонунгузории ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, дигаргунсозии куллии кодекси ҷиноятиро дар бар мегирад, зеро, тибқи муқаррароти Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, яке аз чораҳои таъмини самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳалли мушкилоти таҳвияти афзалиятнокии Кодекси ҷиноятӣ нисбат ба қонунҳои пешбиникунандаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои алоҳида (масалан, оид ба муқовимат бо савдои одам, терроризм, экстремизм, коррупсия, ҷиноятҳои муташаккил, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда) дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ маҳсуб меёбад.

Вобаста ба ин, такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, аз Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ оғоз мегардад, чунки Қисми умумӣ заминаи татбиқи самтҳои алоҳидаи мубориза бо ҷинояткорӣ аст. Аз ин рӯ, дар он бо дарназардошти талаботи муайян ва суботи ҳуқуқӣ роҳ надодан ба тафсири васеи таркиби ҷиноят, таъмини воқеии мувофиқати қонунгузории ҷиноятӣ бо таҳдидҳои ҷиноятӣ ва тамоюлҳои пешбаранда дар рушди ҷинояткорӣ, мутобиқати пурраи қонунгузории ҷиноятӣ ва таҷрибаи татбиқи он бо Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва амнияти ҷамъиятӣ, рушд додани асос ва механизмҳои ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии (унификатсияи) қонунгузории ҷиноятӣ дар доираи ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сифати қонуни ҷиноятӣ ва монанди инҳо ба мақсад мувофиқ аст, ки шарҳи мафҳумҳое, ки дар Кодекси ҷиноятӣ истифода мешаванд, ҷой дода шавад. Дар ин маврид дар моддаҳои алоҳидаи Қисми махсус зарурияти истифодаи эзоҳ вобаста ба мафҳумҳо аз байн бардошта мешавад.

Баъдан, ба мақсад мувофиқ аст, ки такмил бо назардошти ҷойгир кардани зуҳуроти нави ҷиноятии бо Кодекси ҷиноятӣ фаро гирифта нашуда, барои онҳо ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шудааст, ё умуман ҷавобгарӣ пешбинӣ нашудааст, муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани онҳо (криминализатсияи ин ҷиноятҳо); пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир намудааанд ё аз таъқиботи ҷиноятӣ пинҳон шудааанд; пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои

содир намудани ҷиноятҳо муқобили ноболиғон, занон ва шахсоне, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштанд, ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, инчунин вазнин намудани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноят дар ҳайати гурӯҳи муташаккил, ташкилоти ҷиноятӣ ё иттиҳоди ҷиноятӣ; бознигарии ҷарима ҳамчун яке аз ҷазоҳои самаранок бо кам кардани андозаи ҷарима барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна; мутобиқ намудани санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дараҷаашон якхела мутобиқи принсипи адолат; таҷдиди назар намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати ҷиноятҳои алоҳида ва иваз намудани он бо дигар намудҳои ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда; дар ҳамкорӣ бо дигар самтҳои қонунгузорӣ инкишоф додани институти озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷазои ҷиноятӣ, шартан татбиқ накардани ҷазо ва шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан амалӣ карда шавад.

ОИД БА МАХСУСИЯТИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ ДАЛЕЛҲО ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Хоҷаева Н. Б. – муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ
Маҳмудов И. Т. – н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Таҳқиқи масъалаҳои марбут ба далелҳо яке аз мавзӯъҳои марказии илми мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор рафта, таваҷҷуҳи бештари олимон, мутахассисон ва қонунгузории кишварҳои мухталифро ба худ ҷалб кардааст. Масъалаи далелҳо дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд.

Тамоми ҳолатҳои кор, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, дар асоси далел муайян карда мешаванд, ба ибораи дигар, далел асоси мурофиаро ташкил медиҳад. Ноқисии далел ба ноқисии мурофиа оварда мерасонад. Маҳз барои ҳамин тадқиқи далелҳо диққати қисми зиёди муҳаққиқонро ба худ ҷалб сохтааст.

Омӯзиши масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсусро касб менамояд. Ҳарчанд мафҳуми далелҳо ва намудҳои он дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, ин масъала зарурияти пешбурди таҳқиқотҳои илмиро дар самти муайян кардани мафҳуми далел ва намудҳои далелҳоро аз байн намебарад. Вақте сухан атрофи ашёҳо ҳамчун сарчашмаи далел меравад, дар назар бояд дошт, ки онҳо дар худ маълумотҳоеро нигоҳ медоранд, ки барои исботкунӣ заруранд.

Ба андешаи донишманди тоҷик И.Д. Сафаров, далелҳои судӣ дар давлати Сомониён инҳо ба ҳисоб мерафтанд: а) иқрор шудан; б) нишондоди шоҳидон; в) қасам.

Назар ба андешаи олими тоҷик Хайруллоев Ф.С., дар мурофиаи судии мусулмонӣ се намуди далел татбиқ мешавад: иқрор шудан, додани нишондод ва савганд ёд кардан. Ҳамзамон, ба андешаи ӯ, нақши муҳимро дар низоми далелҳо нишондоди шоҳид ишғол менамояд.

Дар баробари ин, соли 2009 дар асоси Барномаи Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007 ва бо дарназардошти эътирофи як қатор санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон Кодекси мурофиавии ҷиноятии нави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки аз 1 апрели соли 2010 ба ҳукми амал даромад.

Бори нахуст дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба масъалаи далелҳо ва намудҳои он боби алоҳида- боби 9 бахшида шудааст. Дар боби 9-ум, ки аз 13-модда иборат аст (моддаҳои 72-84), таърифи далелҳо оварда шуда, мазмуну моҳияти навъҳои алоҳидаи далел шарҳ дода шудаанд.

Мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 72 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои далелҳо инҳо мебошанд: нишондоди шоҳид, нишондоди ҷабрдида, нишондоди гумонбаршаванда, нишондоди айбдоршаванда, нишондоди судшаванда, хулоса ва нишондоди коршинос, хулоса ва нишондоди мутахассис, далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар.

Дар асоси таҳлили қисми 2 моддаи 72-юми Кодекс намудҳои зерини иловагии сарчашмаҳои далелҳо пешбинӣ шудаанд: 1) нишондоди коршинос; 2) хулосаву нишондоди мутахассис; 3) сабтҳои пинҳонӣ; 4) гуфтугӯи телефонии гӯшкарда шуда ва сабтгардида; 5) мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ.

Воқеан, дар шароити муосир бе истифодаи мақсадноки дастовардҳои техникӣ, аз қабили мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ, кушодани ҷиноятҳои алоҳида имконнопазир аст.

ПРАВО НА СУДЕБНУЮ ЗАЩИТУ КАК КОНИСТИТУТЦИОННЫЙ ПРИНЦИП СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ

Мирзамонзода Х. М. – к.ю.н., доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора ТНУ

Право на судебную защиту выступает как основополагающее конституционное право человека и гражданина. В соответствии с ч. 1 ст. 19 Конституции Республики Таджикистан каждому гарантируется судебная защита. Данное конституционное положение было заимствовано и отраслевым процессуальным законодательством (ст.8 УПК РТ, ст.4 ГПК РТ, ст. 9 КАПП РТ). В экономическом процессуальном кодексе Республики Таджикистан не встречается в такой формулировке правовая норма. Однако в силу положений ч.1 ст.2 Экономического процессуального кодекса Республики Таджикистан (далее ЭПК РТ), наряду с другими задачами экономического судопроизводства, защита нарушенных или оспариваемых прав и законных интересов лиц, осуществляющих предпринимательскую и иную экономическую деятельность, занимает особое, первостепенное место.

Гражданские права участников судопроизводства защищаются не только в гражданском процессуальном порядке, но и в строгой процессуальной форме экономическими судами РТ. При этом судами в определенном законом порядке устанавливаются фактические обстоятельства спора, применяются правовые нормы, определяется фактический способ защиты нарушенного и (или) оспариваемого права, выносятся соответствующие судебные акты. В этой связи, без существования соответствующих экономических процессуальных правоотношений невозможна эффективная реализация права на судебную защиту.

Экономические процессуальные правоотношения обладают теми же свойствами, которые встречаются и в других правоотношениях. Как правильно отмечает проф. М. Треушников «подобные правоотношения могут существовать лишь на основе правовых норм между определенными субъектами, закрепляют юридически взаимное поведение их участников и обеспечены силой государственного принуждения». Экономический суд выступает обязательным участником таких правоотношений, так как именно экономический суд как особый уполномоченный и специализированный орган государственной (судебной) власти обязан рассматривать и разрешать дела по существу.

Говоря о структуре экономических процессуальных правоотношений можно констатировать, что они аналогично структуре других правоотношений состоит из субъектов, объектов правоотношения, а также содержания последних. В качестве субъектов экономических процессуальных правоотношений выступают непосредственно экономический суд, граждане (физические лица) и организации (юридические лица). В экономическом суде каждый участник, который преследует свои определенные цели, имеет процессуальное положение, и наделяется совокупностью прав и обязанностей. Субъектов экономических процессуальных правоотношений условно можно подразделить на три группы: а) экономические суды; б); лица, участвующие в деле; в) лица, содействующие осуществлению правосудия.

Экономический суд, как орган судебной власти, выполняет публично-правовые обязанности Республики Таджикистан в рамках процессуального законодательства; при этом компетенция органа правосудия в данном случае определяется нормами законов. По нашему мнению, именно экономический суд в силу своего статуса как орган судебной власти, обязан

обеспечить право заинтересованного лица на судебную защиту, что часто находит свое подтверждение в процессуальном законодательстве Республики Таджикистан.

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗОТ ДАР БОРАИ ПЕШНИҲОДИ ДАЪВОИ ГРАЖДАНӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Шоқулова С. И. – асситенти кафедраи
ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Мутобиқи қ. 1 м. 127 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки аз ҷиноят ё кирдори бо Кодески ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъгардидаи шахси номукаллаф зарар дидааст, ҳуқуқ дорад даъвои гражданӣ дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ арз намояд. Ғайр аз ин, амали мазкурро аз ном ва ба манфиати ин шахс метавонад намояндаи ӯ анҷом диҳад. Аммо қ 1 м. 127 КМҶ ҶТ байни намоянда ва намояндаи қонунӣ тафовут намегузорад, ки, ба назари мо, иштибоҳ аст.

Ҳамчунин, тибқи қ. 5 м. 127 КМҶ ҶТ прокурор ҳуқуқ дорад ба мақсади ҳифзи манфиати давлат дар мурофиаи ҷиноятӣ даъвои гражданӣ пешниҳод намояд. Новобаста аз он ки пешниҳоди даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби прокурор дар меъёри зикршудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун ҳуқуқи ӯ дарҷ шудааст, аз нигоҳи мо, баъзе мутахассисон дуруст ибрози ақида менамоянд, ки пешниҳоди даъвои гражданӣ на ҳуқуқ, балки уҳдадории прокурор ба шумор меравад. Бинобар ин, дар қ. 8 м. 279 КМҶ ҶТ, ки пешниҳод ё дастгирии даъвои гражданиро аз ҷониби прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ иловатан танзим менамояд, бештар қобили қабул аст. Чунки дар ин меъёр сухан дар бораи уҳдадории айбдоркунандаи давлатӣ – прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ меравад. Лекин қ. 8 м. 279 КМҶ ҶТ ба қ. 5 м. 127 КМҶ ҶТ мутобиқат намекунад. Зеро, дар қ. 8 м. 279 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки прокурор ба ҳайси айбдоркунандаи давлатӣ мутобиқи талаботи КМҶ ҶТ даъвои граждании ҷабрдидаро пешниҳод ё дастгирӣ мекунад, ба шарте ки онро ҳифзи манфиати давлат ё ҷамъият ё ҳуқуқи шаҳрвандон талаб намояд.

Ҳамзамон, аз мазмуни қ. 1 м. 126 КМҶ ҶТ бармеояд, ки даъвои гражданӣ аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашудаи муборизa бо коррупсия бо мақсади рӯёнидани зараре, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонида шудааст, мумкин аст пешниҳод шавад. Аммо ба манфиати кӣ пешниҳод гардидани даъвои гражданӣ аз ҷониби мақомоти мазкур дар қонун зикр нагардидааст. Аз ин рӯ, оид ба ин масъала низ ба қонуни мурофиавии ҷиноятӣ бояд илова ворид карда шавад. Ба назари мо, ин амалро бо роҳи дар қ. 5 м. 126 КМҶ ҶТ, ки “Пешниҳоди даъвои гражданӣ“ ном дорад, дарҷ намудани муқаррарот бо мазмуни зерин анҷом додан мумкин аст: “Барои ҳифзи манфиати давлат, ҷамъият ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон прокурор ва мақомоти махсусгардонидашудаи муборизa бо коррупсия даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод менамоянд”. Иловатан бар ин, қ. 3 м. 44 КМГ ҶТ, ки ба ҳаракати мурофиавӣ оид ба пешниҳоди даъвои гражданӣ тааллуқ дорад, аз моддаи зикршуда хориҷ карда шуда, ба сифати қ. 6 дар м. 127 КМҶ ҶТ ҷойгир карда шавад, бештар мувофиқи мақсад мебуд.

Ғайр аз ин, дар КМҶ ҶТ дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои прокурор ва мақомоти махсусгардонидашудаи муборизa бо коррупсия, ки даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод намудаанд, муқаррароти дақиқ мавҷуд нест. Бинобар ин, таклиф менамоем, ки дар м. 127 КМҶ ҶТ муқаррароти нав бо мазмуни зерин пешбинӣ карда шавад: “Прокурор ва мақомоти махсусгардонидашудаи муборизa бо коррупсия, ки даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод намудаанд, аз ҳуқуқҳои мурофиавии даъвогари гражданӣ, ки бо даъвои гражданӣ иртибот доранд, истифода намуда, уҳдадориҳои мурофиавии даъвогари гражданиро, ки бо даъвои гражданӣ иртибот доранд, иҷро менамоянд”.

К ВОПРОСУ О ПРАВОЗАЩИТНОЙ ФУНКЦИИ СУДЕБНОЙ ВЛАТИ

Мирзамонзода Х. М. – к.ю.н., доцент кафедры
судебного права и прокурорского надзора ТНУ
Диноршоев А. М. – д.ю.н., профессор,
заведующий кафедрой конституционного права ТНУ

В условиях современной развитии таджикского общества, функционирование демократических институтов защиты прав и свобод человека и гражданина в государстве особо выделяется правозащитная функция государства. Правозащитная функция государства исходит из конституционной обязанности Республики Таджикистан, так как в соответствии с ч.3 ст. 5 Конституции Республики Таджикистан права и свободы человека и гражданина признаются, соблюдаются и защищаются государством. Отсюда вытекает правозащитная обязанность государства, которое по назначению не совпадает с ее охранительной функцией. Нельзя не подчеркнуть, что государства в рамках правозащитной функции динамично взаимодействуют со структурными элементами гражданского общества, осуществляемые правозащитные деятельности.

Термин «защита» в «Словаре русского языка» толкуется как «то, что защищает, служит обороной», а глагол защищать обозначает «охраняя, оградить от посягательств, от враждебных действий, от опасности; предохранить, обезопасить от чего-нибудь».

Однако, анализ юридической литературы позволяет сделать вывод о том, что существуют довольно многообразные и неоднозначные подходы в определении и соотношении содержания понятий «защита» и «охрана» прав человека. Например, одни утверждают, что «охрана - более широкая по сравнению с защитой категория, поскольку она представлена как регулятивными, так и охранительными нормами, а защита - только охранительными», или «защита также является одной из форм охраны права. Она осуществляется при нарушении (реальной угрозе нарушения) или оспаривании прав и свобод. В свою очередь, охрана последних начинается с установления общего конституционного правового режима прав и свобод».

По мнению других понятие «охрана прав человека» включает как собственно охрану прав (недопущение посягательств на основное право человека), так и защиту прав (активное восстановление нарушенного (оспоренного) права), соотнося «охрану прав» и «защиту прав» как целое и часть.

Однако у российского ученого З.В. Макаровой совсем противоположная точка зрения. По ее мнению понятие «защита» шире понятия «охрана», и включает охрану в защиту прав личности, поскольку охранять права - значит, не допускать их нарушения, а защищать - не только не допустить нарушения прав, но и оградить человека от посягательств на эти права.

Нельзя не упомянуть, что существует также подходы о тождественности понятий «защита» и «охрана» прав человека. Об этом свидетельствуют работы таких выдающих ученых, как В. Витрук. Так, по мнению В. Витрука «охрана прав - это деятельность, направленная на устранение препятствий в реализации прав и обязанностей, на борьбу с неисполнением обязанностей и злоупотреблением правами, на профилактику и предупреждение нарушений прав и обязанностей, а защита наступает тогда, когда есть неисполнение обязанности или злоупотребление правом, а также, когда возникает препятствие к их осуществлению, либо налицо спор о наличии самого права или обязанности. Тем не менее, они составляют единое целое, которое называется «охраной (защитой) прав и обязанностей», а термины «охрана» и «защита» употребляет как синонимы.

В литературах исследователи перечисляют оснований для отождествления понятий «защита» и «охрана»: «меры защиты и меры охраны не встречаются в чистом виде, так как меры защиты в определенной степени выполняют функции охраны»; эти слова «этимологически близки»; «явления равнозначны»; «во многих случаях термин «защита прав и свобод» является синонимом термина «охрана», поскольку законодателем оба этих термина используются для обозначения деятельности, которая состоит в обеспечении, соблюдении прав и свобод человека и гражданина».

МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО БЕЛОРУССИИ В СФЕРЕ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА В НАЦИОНАЛЬНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ

Абдуллоев П. С. – к.ю.н., доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора ТНУ

Законодательство Белоруссии имеет большое значение в регулировании вопросов международного сотрудничества по уголовным делам. Понятие международного сотрудничества в сфере уголовного процесса в национальном законодательстве не используется. Международно-правовая помощь по уголовным делам понимается в широком смысле – как наследство советских времен, когда было распространено такое понятие. Международно-правовая помощь по уголовным делам понимается как международное сотрудничество в сфере уголовного процесса, что не соответствует современным тенденциям уголовного процесса.

УПК Белоруссии предусматривает международное сотрудничество только на основе принципа взаимности, поскольку основы, порядок и условия международного сотрудничества отражаются в международных договорах. Например, раздел XV предусматривает международную правовую помощь по уголовным делам на основе принципа взаимности, т.е. международное сотрудничество на основе принципа взаимности. Из содержания ст. 470 УПК Белоруссии исходит, что общим условием международного сотрудничества на основе принципа взаимности является наличие:

1) заверенной копии решения органа иностранного государства, ведущего уголовный процесс, о производстве соответствующих процессуальных действий; 2) письменного обязательства органа иностранного государства о выдаче лиц по уголовным делам на основе принципа взаимности; 3) письменного обязательства органа иностранного государства о соблюдении условий; 4) иных документов и материалов, необходимых для исполнения просьбы органа иностранного государства; 5) заверенного письменного перевода на один из государственных языков Республики Беларусь по просьбе органа иностранного государства и прилагаемых к ней документов и материалов.

На национальном уровне регламентируется только международное сотрудничество на основе принципа взаимности. Кроме УПК, в Белоруссии действует специальный закон о международном сотрудничестве по уголовным делам, в котором названные тенденции сохраняются. В соответствии со ст. 1 Закона Республики Беларусь «О международной правовой помощи по уголовным делам» от 18 мая 2004 г. №284-З международная правовая помощь по уголовным делам – выполнение органами Республики Беларусь, ведущими уголовный процесс, процессуальных и иных действий по просьбе органов иностранных государств, компетентных принимать решения по вопросам оказания международной правовой помощи по уголовным делам, а также выполнение аналогичных действий органами иностранных государств, ведущими уголовный процесс, по просьбе органов Республики Беларусь, ведущих уголовный процесс, в соответствии с международными договорами Республики Беларусь или на основе принципа взаимности. В нашем понимании это не правовая помощь, а международное сотрудничество по уголовным делам.

Согласно ст. 3 данного закона международная правовая помощь по уголовным делам оказывается в порядке, предусмотренном международными договорами Республики Беларусь. Международная правовая помощь по уголовным делам на основе принципа взаимности оказывается в порядке, установленном УПК Республики Беларусь и Законом Республики Беларусь «О международной правовой помощи по уголовным делам».

КОНСТИТУТЦИОННЫЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ВОЕННЫХ СУДОВ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Мирзамонзода Х. М. – к.ю.н., доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора ТНУ
Нематов Б. – ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора ТНУ

Задачи военных судов Таджикистана в значительной степени, сходны с задачами судов общей юрисдикции. Как и все правоохранительные органы, военные суды призваны участвовать: в охране личности - ее прав и свобод; общества - его материальных и духовных ценностей; государства - его конституционного строя, суверенитета и территориальной целостности. Подобно иным органам судебной власти, военные суды наделяются полномочиями, свойственными данной ветви государственной власти. Военные суды Республики Таджикистан, как и военные суды стран ближнего и дальнего зарубежья, входят в судебную систему страны.

Система военных судов Таджикистана, состоит из двух звеньев:

основное (низшее) звено - военные суды гарнизонов;

высшее звено - Военная коллегия Верховного Суда РТ.

В соответствии с ст.58 Конституционного закона «О судах Республики Таджикистан» военные суды осуществляют правосудие в Министерстве обороны РТ, Национальной гвардии РТ, Государственном комитете национальной безопасности РТ, Главном управлении пограничных войск Государственного комитета национальной безопасности РТ, Комитете по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве РТ,, Внутренних войсках Министерства внутренних дел РТ,, Конвойной бригаде Главного управления исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции РТ, Агентстве по обеспечению специальным имуществом при Правительстве Республики Таджикистан, предприятиях, учреждениях, других организациях Вооруженных сил Республики Таджикистан и всех воинских частях.

Военные суды организуются по территориальному принципу по месту дислокации гарнизонов.

Сближает военные суды и суды общей юрисдикции установленная для них равная обязанность руководствоваться в своей деятельности требованиями принципа законности. Военные суды, как и суды общей юрисдикции, должны неуклонно следовать предписаниям Конституции Таджикистана, других законов и. правовых актов; для них также обязательны разъяснения Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан. При разбирательстве гражданских и уголовных дел они руководствуются одинаковыми процессуальными правилами, установленными Гражданским процессуальным кодексом и Уголовным процессуальным кодексом Республики Таджикистан, без каких бы то ни было изъятий. К примеру, подсудимый в военном суде, как и подсудимый в судах общей юрисдикции, пользуется в полном объеме процессуальными правилами, которые дают ему возможность защищаться от предъявленного обвинения.

НРАВСТВЕННЫЕ И ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ СВИДЕТЕЛЬСКОГО ИММУНИТЕТА

Сафиева М. С. – ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора ТНУ

Свидетельский иммунитет рассматривается многими авторами вне связи с достоверностью показаний. Считается, что все зависит от субъективного фактора - сознания свидетеля, его памяти или отношений с потерпевшим или обвиняемым.

Это, конечно же, не соответствует действительности. "Свидетельский иммунитет не только защищает права определенной категории участников судопроизводства, но и исключает из числа свидетелей лиц, которые могут оказаться ненадежными в отношении правдивого сообщения известных им сведений.

Помимо этого, вторжение в доверительную сферу лиц, нуждающихся в дополнительных законодательных гарантиях (священник, журналист), действительно значительно нарушает права этих лиц и влечет за собой получение доказательств, не отвечающих, прежде всего, требованиям моральной допустимости, а значит - и достоверности".

Свидетельский иммунитет -это многогранное понятие. Очевидно, что право не давать показания жены обвиняемого о его преступной деятельности и священника, узнавшего о таковой из исповеди - различны по своей социальной направленности. В первом случае охраняются семейные ценности, во втором - религиозные, культовые.

Конституционное и уголовно-процессуальное законодательство предоставляют право на иммунитет обширному числу лиц. Теоретически иммунитет можно разделить на общий (личный и родственный) и специальный (профессиональный). Оба они нуждаются в детальном законодательном урегулировании в зависимости от статуса обладателей свидетельского иммунитета.

Особую составляющую правового статуса личности, вовлеченной в сферу производства по уголовному делу, представляет свидетельский иммунитет, или гарантия от самообвинения и изобличения близких родственников в совершнии преступления.

Слово "иммунитет" в переводе с латинского (immunitas) означает освобождение от чего-либо.

Сама по себе процедура освобождения от свидетельствования известна многим правовым системам еще с древних времен.

В англо саксонской системе права свидетельский иммунитет именуется привилегией и относится к common law. Привилегия или освобождение от обязанности давать свидетельские показания в суде, исключают относимые доказательства из процесса рассмотрения дела. Они оберегают от разглашения сведения об определенных общественных отношениях. Причем вопрос о доказательственной значимости этих сведений не стоит вообще, ибо государство принимает на себя обязанность по защите несравненно более значимых нравственных ценностей.

В свое время Д.Вигморе определил четыре основных фундаментальных условия, необходимых для установления привилегии. "Во-первых, коммуникация должна исходить из конфиденциальности, из того, что обсуждавшиеся при этом сведения не будут раскрыты.

Во-вторых, элемент конфиденциальности должен быть существенным в отношениях между сторонами.

В-третьих, это должно быть отношение, которое, по мнению общества, следует старательно поддерживать и охранять.

В-четвертых, вред, нанесенный отношению в результате раскрытия соответствующих сведений, должен быть больше, чем выгода, получаемая при правильном рассмотрении дела".

Получается, что при определении привилегии общество как бы взвешивает, "что важнее сохранить: те либо иные отношения (супружеские, адвоката и клиента и т.д.) или доказательственную ценность информации, которая, кстати, может быть абсолютно необходимой для рассмотрения дела".

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ДАЛЕЛҲОИ ШАЙЪӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Хоҷаева Н. Б. – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Талаботи ягонаи чӣ тавр ба даст овардани далелҳои шайъӣ аз як қатор омилҳои зерин иборат аст: таҳия ва ирсол намудани дархости ҳатмӣ ба шахс ё муассиса, дар ихтиёри кӣ

будани объекти ҷустуҷӯшаванда, расонидани объекти ҷустуҷӯшаванда ба ҷойи зарури, инъикос намудани далелҳои дорои аломати мушаххаси объект ба парвандаи ҷиноятӣ. Талаботи аввал ва муҳимми ин ҳаракати мурофиавӣ пешниҳод дар шакли хаттӣ мебошад.

Ин ҳаракат на фақат аз байн бурдани дастраснамоии объектҳо, балки таъмин намудани манфиати ташкилотҳо мебошад, чунки агар онҳо дар шакли шифоҳӣ сурат гиранд, ягон ҳуҷҷати расмӣ вуҷуд дошта наметавонад. Мухсусан, зарурият дар ҳолате ба миён меояд, ки агар объекти таҳқиқшаванда бо хоҳиши шахс супорида шавад. Инчунин, агар асоси ҳуҷҷат дар шакли хаттӣ, дархост ё талабот бошад, роҳҳои ба вуҷуд овардани исботро ба миён меоварад. Ба ғайр аз ин, дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати таҳқиқшаванда талабот ё дархост бояд номгузорӣ карда шавад.
Дар он ҳуҷҷатҳои дар тафтишот қарордошта бояд қайд карда шаванд.

АМАЛИ ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ ҲАНГОМИ ТАТБИҚИ ТАРТИБИ СОДАКАРДАШУДАИ ТАФТИШИ СУДӢ

Негматов Б. С. – ассистенти кафедраи
ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Масоили таҷассуми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ дар замони муосир яке аз проблемаҳои муҳимми назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд. Чи тавре ки аз назарияи мурофиаи ҷиноятӣ бармеояд, ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби содакардашуда муқаррароти баъзе аз принсипҳои он қисман тағйир меёбанд. Аммо аз рӯйи талаботи принсипҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, талаботи принсипҳо бояд дар тамоми давраҳои он бечунучаро риоя гарданд. Бинобар сабабҳои қайдгардида зарур аст, ки масоили таҷассуми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби содакардашударо мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Вобаста ба масъалаи таҷассуми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар тафтиши содакардашудаи тафтиши судӣ ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки гурӯҳи дуюми олимон ақидаи дурустро пешниҳод менамоянд, зеро ки дар тафтиши содакардашудаи тафтиши судӣ мазмуни баъзе аз принсипҳо тағйир меёбанд. Аммо А.П. Рижаков менависад, ки муҳокимаи судӣ бо дархости судшаванда оид ба баровардани ҳукм бидуни муҳокимаи судӣ дар асоси принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ гузаронида мешавад.

Дар адабиётҳои илмӣ масъала оид ба қонунӣ ҷудо кардани принсипҳо ба давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ гузошта шуда буд. И. Д. Перлов ва Т. Н. Доброволская ба ин ақида розӣ набуданд ва қайд менамуданд, ки принсипҳоро ба давраҳои мурофиаи ҷиноятии хос ҷудо кардан лозим нест. Бар замми ин, муқаррароте, ки дар як давраи мурофиа амал мекунанд, наметавонанд принсипи мурофиаи ҷиноятӣ бошанд. Я.О. Мотовиловкер, баръакс эҳтимолияти ба давраҳои алоҳидаи мурофиаи ҷиноятӣ ҷудо кардани принсипҳоро эътироф карда, қайд намуда буд, ки масъалаи қонунан ба давраҳои гуногун ҷудо кардани принсипҳоро набояд бо масъалаи дохил кардани принсипҳои муҳокимаи судӣ ба принсипҳои тамоми раванди мурофиаи ҷиноятӣ омехта кард.

Гарчанде сухан дар бораи низоми мурофиаи ҷиноятӣ меравад, зикр кардан бамаврид аст, ки мухолифат дар байни низоми принсипҳо истисно карда шудааст. Аммо А. Кудрявсева и Ю.Д. Лившите чунин мешуморанд, ки байни принсипҳои алоҳида баъзан метавонад зиддият бошад, ки барои нест кардани ин зиддият бояд амали як принсип ба фоидаи принсипи дигар маҳдуд гардад.

БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАВСИФИ КРИМИНОЛОГИИ ШАХСИЯТИ ЗАНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷалолов Х. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Ҳар як шахс, ба тариқи инфиродӣ, баҳри қонеъ гардонидани талаботҳо, мустақилона ва дар баъзе мавридҳо бо таъсири шахси дигар қарори дахлдор қабул мекунад, ҷамъият бошад, фақат ба рафтор ва кирдори ӯ аз нуқтаи назари талаботҳои соҳаҳои ҳуқуқӣ баҳо медиҳад. Дар ҳолати бо роҳи ғайриқонунӣ, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ин кирдорҳо ҷиноят ном гирифтаанд, қонеъ намудани талаботҳои худ, шахсият ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуда, ӯ ба шахси ҷинояткор мубаддал мегардад.

Шахсият - маҷмӯи банизомдаровардаи сифат, хусусият ва хислатҳои иштирокчӣ ва барандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ин таърифро дар баъзе адабиётҳо мафҳуми иҷтимоии шахсият низ ном гирифтаанд.

Ба шахсият ҳолатҳо ва ҷараёнҳои манфӣ ва мусбӣ таъсир мерасонанд. Аз ин ҷост, ки дар шахс талабот ва ҳавасҳои гуногун, ки мақсад ва ангезаи кирдорҳои ӯро ташкил медиҳанд, пайдо мешаванд. Интихоби роҳҳо ва воситаҳои қонеъ гардонидани онҳо на ҳама вақт бо талаботҳои қонунӣ рост меоянд, баъзеи ин роҳҳо ва воситаҳоро қонунгузор ғайриқонунӣ эътироф намуда, барои содир намудани онҳо намудҳои гуногуни ҷавобгарӣ пешбинӣ намудааст.

Шахсияти ҷинояткор бо ҷузъҳои дохилии худ аз дигар мафҳумҳо фарқ мекунад, ки ба онҳо ҷамъи нишондодҳои иҷтимоӣ - демографӣ, иҷтимоӣ - психологӣ ва ҷиноӣ-ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

Характеристикаи ҳуқуқӣ–ҷиноии шахсият аз ҷиноят ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфнок ва зиддиҳуқуқи, мазмун ва ангезаи ҷиноят, доғи судӣ, редсидиви ҷиноят (аз он ҷумла редсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок), такрории ҷиноят, намуди ҷазо, муносибати шахс нисбати ҷинояти содиркардааш ва ҷазои ҷиноятӣ иборат мебошад.

Таҳлили криминологии шахсияти ҷинояткор–занон на танҳо аз нишонаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, ахлоқӣ-психологӣ ҳамчунин аз тавсифномаи ҳуқуқӣ-ҷиноиро низ дар бар мегирад. Тавсифномаи ҳуқуқӣ-ҷиноӣ асоси муайянкунандаи гурӯҳи шахс, яъне маҳкумшудаҳо барои татбиқи ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тавсифномаи ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ифодакунандаи дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии маҳкумшуда, муайянкунандаи фаъолияти ҷинояткорӣ, хусусиятҳои шахсият, самт ва амиқии он, ҳамчунин нишондиҳандаи роҳҳои пешгирии онҳо мебошад.

НАҚШИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР НИЗОМИ ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ

Собиров М. Ш. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Бе тардид принсипҳои мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пурра, холисона ва ҳамаҷониба муайян намудани ҳолатҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ нақши муассир доранд. Вале принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар ин раванд мақому дараҷоти махсусро дороаст. Зеро, ин ягона принсипе маҳсуб меёбад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар мадди аввал гузошта, шахсро аз ҳар гуна кирдорҳои таҷовузкорона, дастгиркунии беасос ва ғайриқонунӣ маҳрум намудан аз озодӣ эмин нигоҳ медорад.

Ин принсип марҳилаҳои гуногунро сипарӣ намудааст, то ки дар қонунгузории мурофиавии давлатҳо инъикоси воқеии худро пайдо намояд. Имрӯз он хусусияти мурофиавӣ-ҷиноятиро касб намуда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати яке аз принсипҳои асосии мурофиавии ҷиноятӣ шинохта шудааст.Ҳарчанд эҳтимолияти бегуноҳӣ сирф моли мурофиаи ҷиноятӣ набуда, аз сиёсат ба мурофиаи ҷиноятӣ ворид гардидааст, замоне онро

ҳамчун шиори сиёсӣ истифода мебурданд. Вале эҳтимолияти бегуноҳӣ на шиор, на эъломия ва на ягон санади меъёрист, балки ҳолати воқеӣ ва ҳуқуқии инсон аст.

Дар замони Шӯравӣ амали принсипи мазкур он қадар назаррас набуд ва он ба низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ дохил намегардид. Танҳо баъзе аз меъёрҳои он дар моддаҳои мухталифи қонун дида мешуданд. Гузашта аз ин, баъзе аз олимони замони мазкур амали ин принсипро нолозим шуморида, пешниҳод намуданд, то ки он дар қонунгузории мурофивии ҷиноятӣ ҷойгир карда нашавад. Вале бо кӯшишу заҳматҳои олимони он замон, аз қабили Алексеев Н. С., Кокорев Л. Д., Полянский Н. Н. ва Строгович М. С. принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Шӯравӣ ба мазмуни томаш шомил гардид.

Дар ин хусус олими рус Строгович М. С. зикр менамояд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ яке аз принсипҳои калидии мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Ва бидуни он таъмин ва ичроиши принсипи қонуният имконнопазир аст. Ҳамчунин, принсипи мазкур бо дигар принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар алоқамандии зич ва ногусастанӣ қарор дошта, яке дигареро пурра менамоянд.

Оид ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ олимон андешаҳои гуногун доранд, вале мазмуни таърифҳои онҳо якмаъно мебошад, яъне “ҳеҷ кас гунаҳгор дониста намешавад, то он замоне ки ҳукми суд оид ба гунаҳгории ӯ ба қувваи қонунӣ надарояд”.

ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР РАВАНДИ ИСБОТКУНӢ

Исоев К. М. – ассистенти кафедраи
ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ

Фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ яке аз воситаҳои таъсирбахши мубориза бо ҷинояткорӣ ба шумор меравад. Ин ҳам бошад, ҳамчун як шакли фаъолияти давлатӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба ҳимояи ҷомеа ва шахсият аз ҷинояткорӣ мебошад. Ҳамасола тавассути ба роҳ мондани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар дар ҳудуди ҷумҳӯрӣ анқариб 85 фоизи ҷиноятҳо ошкор ва кушода мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, аз қабили, одамкушӣ, терроризм, экстремизм (ифротгарӣ), одамрабӣ, хариду фурӯши одамон, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, бандитизм, роҳзанӣ маҳз бо роҳи ба амал баровардани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кушода мешаванд.

Ба ҷиҳатҳои мусбии фаъолияти мазкур нигоҳ накарда, механизми истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳанӯз ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ норавшан боқӣ мемонад. Ҳол он, ки дар ин самт, яъне истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯи дар мурофиаи ҷиноятӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ кору фаъолият бомаром идома дорад.

Дар раванди исботкунӣ истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ манъ аст, агар онҳо ба талаботҳое, ки қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба далелҳо пешниҳод менамояд, ҷавобгӯ набошанд. Ба ибораи дигар, маълумотҳое, ки дар рафти амалигардонии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст оварда мешаванд, танҳо дар он ҳолат ба сифати далел истифода бурда мешаванд, ки агар тартиботи мурофиавии ҷиноятӣ мадди назар карда шавад. Ба назари мо, чунин муқаррарот аз нигоҳи мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ ва кифоя будани далелҳо дуруст мебошад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ, илмӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ оиди масоили мазкур ақидаи ягона ва возеҳу равшан ба назар намерасад. Аз ин лиҳоз, ақидаҳои олимонро шартан ба се гурӯҳ ҷудо менамоянд:

Ба гурӯҳи якум, ҷонибдороне дохил мешаванд, ки натиҷаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба сифати далел эътироф намекунанд. Масалан: ба андешаи Е. А Доля натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мақоми далелро соҳиб нест.

Петрухин И. Л бошад, суханони Е. А Доля-ро таҳвият бахшида, иброз медорад, ки маълумотҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд аз низоми далелҳо хориҷ карда шаванд. Номбурда фикрониро ба он асоснок мекунад, ки дар ҷараёни бадастдарории маълумотҳо

ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ риоя кардани кафолатҳои мурофиавӣ ғайриимкон мешавад.

Ба гурӯҳи дуюм олимоне шомил ҳастанд, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯиро ба сифати далел эътироф менамоянд. Ба андешаи Бедняков Д. И. «фаъолияти мурофиавӣ бидуни истифодаи методҳои ғайримурофиавӣ ғайриимкон аст, фаъолияти ғайримурофиавӣ бошад, бидуни истифодаи натиҷаҳо бемаҳсад аст».

Намояндаҳои гурӯҳи сеюм бошад, мавқеи муайян ва устуворро пешбарӣ наменамоянд. Ба андешаи Зажитский В. И. «маълумотҳои воқеие, ки дар натиҷаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст оварда мешаванд, ба сифати далел дар парвандаи ҷиноятӣ баромад карда метавонанд, ба шарте, ки муқаррароҳои КМҶ риоя карда шаванд».

Ба ақидаи олими забардасти соҳаи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ Раҳимзода Р. Ҳ. чунин муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, чи дар назария ва чи дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, номуайянӣ ва номураттабиро ба миён меоварад. Гузашта аз ин, маълумотҳои воқеие, ки дар ҷараёни фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ба даст оварда мешаванд, ҳеҷ гоҳ дар доираи КМҶ ва бо риояи муқаррароти КМҶ ҷамъоварӣ карда намешаванд. Чунки ба ақидаи номбурда ин ҳам номумкин, аст ва ҳам ба қонунҳои соҳавӣ мухолиф мебошад.

Ҳамин тариқ, ин ҳама номураттабӣ ва норавшаниҳо дар бобати истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ ҳамчун далел бояд ҳалли худро ёбанд. Айни ҳол масъулин дар ин ҷода саъю талош варзида истодаанд.

БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ АКТУАЛИИ ҲУҚУҚИ НАҚЛИЁТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Қурбонов Қ. Б. – н.и.ҳ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии ДМТ

Дар замони муосир муносибатҳои дар раванди ташаккулёбии низоми нақлиётӣ бавуҷудомада аҳамияти махсусро касб намуда истодаанд. Азбаски хизматрасонии нақлиётӣ ҳамчун соҳаи истеҳсоли моддӣ фаъолият оид ба ҳамлу нақли ҳудудии бор ва ё одамон мебошад, аз ин лиҳоз нақлиёт заминаи пайвасткунандаи муҳимми иқтисодиёти давлат ба ҳисоб меравад. Муносибатҳои нақлиётӣ бо дигар муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар робитаи зич қарор дорад, ки аксар вақт табиати онҳоро муайян менамояд.

Гузариши давлат ба низоми иқтисоди бозоргонӣ, гузаронидани ислоҳот дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, дар назди соҳаи нақлиёт вазифаҳои муҳимро оиди беҳтар кардани ин намуди фаъолият, баланд бардоштани хизматрасонии ҳамлу нақл, барои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ гузошт.

Нақлиёт дар муттаҳиднамоии соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодӣ нақши асосӣ дорад. Он истеҳсол ва гардиши маҳсулоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ, талаботҳои аҳолиро нисбати ҳамлу нақл таъмин менамояд.

Фаъолияти асосии нақлиёт аз ҳамлу нақли бор, мусофир, бағоҷ ва почта иборат мебошад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ гузаштан аз ташкили марказонидашудаи ҳамлу нақл, ки методи асосии он таъсиррасонии маъмурӣ буд, ба раванди ғайримарказонидашудаи нақлиёт, ки барои он хусусияти боҳамтаъсиррасонии бозорӣ хос аст, ба чашм мерасанд.

Имрӯзҳо нуқтаҳои назари олимон-ҳуқуқшиносон оиди мафҳум, моҳият ва мавқеи ҳуқуқи нақлиёт дар низоми илми ҳуқуқ ҷолиби диққат аст. Як қатор муҳаққиқон онро қисмати таркибии ҳуқуқи граждани меҳисобанд. Дигарон бар он ақидаанд, ки ҳуқуқи нақлиётӣ ва ҳатто қисматҳои таркибии он (ҳуқуқи нақлиёти автомобилӣ, баҳрӣ ва фазои ҳавоӣ) соҳаҳои мустақили ҳуқуқ мебошанд. Ҳатто ҳолатҳо оиди даст кашидан аз муайян намудани мафҳуми ҳуқуқи нақлиёт ҳамчун унсури низоми ҳуқуқ ҷой дошта буд, ки онҳо ин соҳаро на соҳаи ҳуқуқ, балки соҳаи қонунгузории дарбаргирандаи меъёрҳои ҳуқуқи граждани, маъмурӣ, мурофиавӣ-граждани, замин ва меҳнатӣ эътироф намуда буданд. Ғайр

аз ин, ҳастанд назарияҳое, ки соҳаи мазкурро ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ эътироф менамоянд.

Дар ҳуқуқи нақлиёт ҳам муносибатҳои ташкилию ҳокимиятӣ (оммавӣ) ва ҳам молумулкии ҳуқуқи граждани (хусусӣ) муттаҳид шудаанд. Ҳуқуқи нақлиёт ба ин маъно хислати комплексӣ дошта, дар он ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавӣ ҳамоҳанг гардидаанд. Ҳуқуқи нақлиёт, ҳамчун соҳаи комплекси ҳуқуқ, ки муносибатҳои ҳуқуқи хусусияти оммавӣ ва хусусӣ доштаро вобаста ба фаъолияти нақлиётӣ дар ҷамъият ба танзим медарорад, дар доираи танзими ҳуқуқии он падидаҳои ҳуқуқи граждани, маъмурӣ, андоз, гумрук, меҳнатӣ ва ғайра ба назар мерасанд.

ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ҲАМЛУ НАҚЛИ БОР ТАВАССУТИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН, ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИИ ОНҲО

Қудбудинов Ф. Ш. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии ДМТ

Тибқи муқаррароти м. 805 КГ ҶТ, ба ҳайси субъектони муносибатҳо оид ба ҳамлу нақли бор борфиристанда ва боркашон баромад менамоянд. Борфиристанда ҳама гуна субъекти ҳуқуқи граждани шуда метавонад, ки қобилияти истифодаи хизматрасонии боркашро дорад. Соҳибмулк будани борфиристанда барои тарафи шартнома шудани ӯ шарт нест. Ба чунин сифат намоянда ё вакили ӯ баромад карда метавонад. Борфиристанда бевосита бо боркашон шартнома мебандад ва тарафи он ба ҳисоб меравад.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии боркашон ва борфиристанда тибқи меъёрҳои императивӣ муқаррар карда шудаанд. Қисми 1 м. 806 КГ ҶТ, ки дар он муқаррароти умумии шартномаи ҳамлу нақл оварда шудааст, уҳдадориҳоро муқаррар менамояд: боркашон – расонидани бори ба ӯ супоридашуда ба маҳалли таъйинот ва супоридани он, борфиристонанда – пардохт намудани маблаги ҳамлу нақлро бар зимма доранд. Дигар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни ин муносибат тибқи Оинномаи нақлиёти роҳи оҳани ҶТ ва қоидаҳо муқаррар карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, ба ҳуқуқҳои ҳар як тараф уҳдадориҳои тарафи дигар муқобил меистад, яъне як тараф ҳуқуқ дошта бошад, тарафи дигар дар ин муносибатҳо уҳдадор аст. Расонидани бор уҳдадории асосии боркашон мебошад. Ичроиши он на танҳо риоя намудани муҳлат, балки таъмини бори ҳамлу нақлшавандаро низ талаб менамояд.

Оид ба табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои муайяни борқабулкунанда дар илми ҳуқуқи граждани муҳокимаронихои гуногун ҷой доранд, ки мутобиқи яке аз онҳо уҳдадории борқабулкунанда на аз шартнома, балки аз меъёрҳои императивӣ ба вуҷуд меоянд (Б. Л. Хаскелберг, В. В. Витрянский).

Як қатор муаллифон характери шартномавии уҳдадории борқабулкунандаро ҷонибдорӣ менамоянд (В. Т. Смирнов, Н. Д. Титов).

Ба андешаи муаллиф, характери шартномавӣ доштани уҳдадории борқабулкунанда дурусттар мебошад, ки он ба муқаррароти умумии ҳуқуқи граждани мувофиқ буда, инчунин тавассути он принсипи воқеан ичро намудани уҳдадорӣ ва ҳамкории тарафҳо амалӣ гардонида мешавад. Анҷом додани амалиётҳо оид ба супоридан ва қабули бор бо ичроиши шартномаи ҳамлу нақли бор анҷом меёбад. Оид ба ин масъала муаллифон чунин менависанд: «Яке аз уҳдадориҳои интиқолдиҳанда ин супоридани бор ба борқабулкунанда мебошад. Аммо барои саривақт қабул намудани бор аз ҷониби борқабулкунанда интиқолдиҳанда дар ичрои як қатор амалҳо, ки мазмуни уҳдадории ӯро ташкил медиҳад, вазифадор мегардад. Ин уҳдадориҳоро ба тариқи зайл метавон номбар кард:

1) уҳдадории иттилоотикунонии борқабулкунанда;

2) уҳдадории додани воситаҳо барои борфарорӣ.

Бо додани бор уҳдадории ҳамлу нақл қатъ мегардад ва ҳангоми зарурат муносибатҳои ҳуқуқии ҳифзкунанда ба вуҷуд меоянд – масъулияти интиқолдиҳанда барои ичрои дахлдори шартномаи ҳамлу нақл» (В. Т. Смирнов, В. Ф. Яковлева).

Қабули бор бояд ба таври дахлдор расмӣ гардонида шавад, яъне шахси борро қабулнамуда дар ҳуҷҷати роҳ имзо мегузорад. Оид ба зинаи охирони уҳдадории ҳамлу нақл чунин ақида қобили қабул мебошад: «Иҷроиши уҳдадорӣ аз анҷом додани он амалҳое иборат мебошад, ки объекти уҳдадории мазкурро ташкил медиҳад. Иҷроиши шартномаи ҳамлу нақл бо супоридани бор ба қабулкунанда хотима меёбад, ки набояд онро бо мафҳуми иҷроиш ҳамчун мафҳуми умумӣ омехта намуд. Дар чунин ҳолат оид ба хотимаёбии иҷроиши шартнома ва ҷойи амалигардонии ин амалҳо сухан рондан бамаврид мебошад. Воқеан, шартномаи ҳамлу нақл дар муддати муайян, бо ҷой ва вақти қабули бор барои ҳамлу нақл оғоз гардида, бо қабули он аз ҷониби борқабулкунанда хотима меёбад» (Х. И. Шварс).

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРАНСПОРТНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Қурбонализода Ф. – ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами ТНУ

В современном обществе транспорт является не только отраслью экономики, он напрямую включен в различные сферы жизнедеятельности. В этой связи укрепление режима безопасного функционирования, повышения антитеррористической защищенности объектов транспортной инфраструктуры, а также их улучшение и развитие отнесены к мерам, направленным на обеспечение таких стратегических национальных приоритетов, как государственная и общественная безопасность, повышение качества жизни граждан Таджикистана, а также его экономический рост. Более того, деятельность, направленная на уничтожение или нарушение функционирования объектов транспортной инфраструктуры, обозначена как одна из основных угроз государственной и общественной безопасности.

Основной целью Государственной целевой программы развития транспортного комплекса РТ является:

- разработка комплекса мер по последовательному развитию транспортного комплекса РТ, способного удовлетворять требования населения РТ в экономически выгодном и безопасном транспортном обслуживании, как в краткосрочной, так и в долгосрочной перспективе;
- создание инфраструктурной транспортной сети РТ, способствующей удовлетворению экономических и бытовых потребностей с соблюдением установленных норм безопасности.

На решения этой задачи направлено положение Закона РТ «О транспортной безопасности» от 3 июля 2012 года № 847.

Транспортная безопасность – состояние защищенности объектов транспортной инфраструктуры и транспортных средств от актов незаконного вмешательства.

Традиционно выделяют три крупных группы угроз безопасности, в том числе и транспортной:

природная угроза;

техногенная угроза;

социальная угроза.

К последней относится и террористическая угроза, которая в последнее время вновь стала самой актуальной. Среди угроз транспортной безопасности иногда выделяют внутренние и внешние угрозы, а также угрозы, специфичные для каждого отдельно взятого вида транспорта. Угрозы техногенного характера включают ненадлежащее состояние транспортных средств, инфраструктуры, высокую степень износа и моральную устарелость транспортных средств и инфраструктуры. Угрозы природного характера включают различные природные процессы, не зависящие от человеческой деятельности. Социальный характер угроз транспортной безопасности выражается в виде различных неправомерных актов вмешательства в нормальное функционирование транспортного комплекса, в том числе в виде террористических актов и угрозы их совершения. К угрозам социального характера относится и качество государственного управления транспортной отраслью, в частности в области безопасности.

ИМУЩЕСТВЕННАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ СТОРОН ПО ДОГОВОРУ АРЕНДЫ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

Саидмуродова Т. А. – аспирант кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами ТНУ

Так, в случае, если в установленном договором порядке арендодатель не предоставляет арендатору в пользование и (или) владение ТС (то есть, предмет договора), то арендатор вправе потребовать возмещения понесенных в связи с этим убытков, включая упущенную выгоду. В частности, убытки могут состоять в дополнительных затратах по срочному поиску иного арендодателя, в разнице между стоимостью договоров, либо же в дополнительных затратах, понесенных на удовлетворение собственных нужд (бытовых, предпринимательских). При этом, обращение к соответствующим альтернативам должно быть обоснованным, равно как и суммы понесенных в связи с этим затрат.

К примеру, арендатор, не получивший обусловленное транспортное средство в прокат в пункте выдачи в аэропорту, вполне может воспользоваться услугами такси, с требованием компенсации затрат со стороны арендодателя. Если же арендатор будет пользоваться услугами такси весь период срока действия договора, не воспользовавшись альтернативой в аренде другого ТС, то такие затраты могут быть не компенсированы, в том числе, в судебном порядке, как необоснованные. Что же касается упущенной выгоды, то требования по ее компенсации, в соответствии с положениями закона и доктрины, могут рассматриваться как справедливые лишь при условии фактической возможности арендатором осуществлять предпринимательскую деятельность в связи с эксплуатацией транспортного средства.

В связи с упомянутым, отметим также то обстоятельство, что если арендатор осуществляет эксплуатацию ТС не в соответствии с целями своей деятельности, то данный случай может быть квалифицирован как использование имущества не по назначению. В такой ситуации, со стороны арендодателя представляется правомерным затребовать от арендатора предоставить отчет о своих действиях, и потребовать расторжение договора с компенсацией понесенных убытков, в частности, на основании ч.3 ст. 634 ГК РТ. В частности, практика судов содержит указание на иски о расторжении договоров аренды ТС, когда ТС используются не по назначению, к примеру, для осуществления рекламной деятельности – такие иски удовлетворяются судами на основании упомянутой выше нормы.

Частные положения по поводу имущественной ответственности сторон по договору аренды ТС содержатся в нормах части 3 главы 33 ГК РТ «Аренда транспортных средств».

Так, законодатель справедливо, на наш взгляд, разделяет институты вреда, причиненного транспортному средству и причиненного самими транспортными средствами, которые по причинам возникновения, масштабам, последствиям, а, главное, источникам риска, в том числе, предпринимательского, заметно отличаются.

Регламентация вопросов ответственности за вред, причиненный транспортному средству (внутренние отношения по установлению ответственности по договору аренды ТС), осуществляется следующим образом:

- по договору аренды ТС с экипажем (ст. 660 ГК РТ), арендатор несет ответственность за гибель или повреждение ТС лишь в строго определенных случаях. А именно, арендатор возмещает арендодателю причиненные убытки, однако лишь в том случае, если последний докажет, что соответствующий ущерб был причинен по обстоятельствам, за которые арендатор отвечает в соответствии с законом или же договором. Несмотря на способ изложения нормы ст. 660 ГК РТ, пожалуй, весьма сложный для понимания некоторыми сторонами, по сути, законодатель говорит, что в общем случае, ответственность за вред, причиненный транспортному средству по договору аренды ТС с экипажем несет именно арендодатель, которому, для того, чтобы требовать компенсаций со стороны арендатора, требуется самостоятельно доказать наличие соответствующих обстоятельств;

- законодательство не содержит специальной нормы по поводу ответственности за гибель или повреждение ТС по договору аренды ТС без экипажа. Обратим внимание на то обстоятельство, что соответствующие положения также не предусматриваются в

транспортных кодексах и уставах, что говорит о том, что сколь угодно существенные особенности наступления имущественной ответственности в данном случае отсутствуют, и вступают в силу общие положения гражданского законодательства об аренде.

ШАРТҲОИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ МАСЪУЛИЯТИ ГРАЖДАНИИ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

Муминзода О. С. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Суғуртаи ҳатмии масъулияти граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт аз ҷиҳати ҳуқуқӣ яке аз институтҳои ҳуқуқи граждани ба ҳисоб меравад, ки он дорои хусусиятҳои муайян аст, аз ҷумла вобаста ба усули танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур ва тариқи пайдоиши онҳо. Ин ҳангоми таҳлили муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки ба намуди суғуртаи мазкур алоқамандӣ доранд, тасдиқ меёбад.

Қонунгузории ҶТ шартномаро асоси ягонаи пайдошавии ҳама намуди суғуртаи ҳатмӣ меҳисобад. Мутобиқи санадҳои ҳуқуқии мазкур, соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ удадориҳои аз тарафи қонун ба онҳо гузошташударо вобаста ба суғуртаи масъулияти граждании худ дар назди шахсони сеюм иҷро менамоянд. Шартномаи суғуртаи ҳатмии масъулияти граждании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ на танҳо нақши асоси ҳуқуқиро мебозад, ки бо ёрии он муносибатҳои ҳуқуқии суғурта ба вуҷуд меоянд, балки яке аз унсурҳои асосии механизми танзимнамоӣ мебошад, ки бидуни механизми мазкур ғайриимкон аст.

Бояд қайд намуд, ки дар КГ ҶТ мафҳуми ягонаи шартномаи суғурта, ки мазмуни ҳаматарафаи онро дар бар гирифта бошад, вуҷуд надорад. Танҳо мафумҳои шартномаҳои суғуртаи шахсӣ ва амвол оварда шудаанд.Ҷойгир накардани мафҳуми ягонаи шартномаи суғурта ба як қатор душвориҳо оварда расонидааст. Зеро ар таҳлили КГ ҶТ суғуртаи шахсиро аз амвол ҷудо намудан душвор мебошад.

Дар илми ҳуқуқи граждани ду нуқтаи назар доир ба ҷорӣ намудани мафҳуми шартномаи суғурта дар КГ вуҷуд дорад. Назари якум чунин мебошад, ки дар қонунгузорӣ мафҳуми шартномаи суғуртаро ворид намудан дуруст намебошад. Зеро, мафҳуми шартномаи суғурта баҳснок мебошад ва ошкор намудани мафҳуми мувофиқ вазифаи қонунгузор набуда, балки вазифаи илми ҳуқуқшиносӣ мебошад». Назарияи дуюм бошад, ки намояндагони он В.С.Белих ва И.В. Кривошеев мебошанд, муқобили назарияи якум буда, чунин мешуморанд, ки мақомоти қонунгузор бояд мафҳуми ягонаи шартномаи суғуртаро муқаррар намояд.

ИНКИШОФИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БАҲСҲОИ ЗАМИН: ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА МУОСИРИ ОН

Идрисов Я. И. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии ДМТ

Аз замонҳои пайдоиши инсоният, замин яке аз сарчашмаҳои асосии таъминоти иқтисодии онҳо ба ҳисоб меравад ва табиист, ки дар ин ҷараён мухолифату гуногунфикрӣ миёни субъектони заминистифодабаранда ба вуҷуд меоянд. Дар ҳар давраи таърихӣ намудҳои гуногуни баҳсҳои замин бо хусусиятҳои хосси марбут ба ҳамон давра ҷой дошта, бо меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ҳал карда мешуданд. Таҳлили адабиётҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар ҳама давраҳои таърихӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ин поймол намудани ҳуқуқ ба қитъаи замин ва ҳифзи он мебошад.

Гарчанде таҳаввулотҳои зиёде дар низомҳои ҳуқуқӣ ва давлатдории мо, хусусан вобаста ба ҳуқуқи заминистифодабарӣ, ба вуҷуд омада бошанд ҳам, норасоиҳои зиёде оиди ҳифзи ҳуқуқ ба қитъаи замин ва ҳалли баҳсҳои бавуҷудомада ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, институти баҳсҳои замин дар тӯли таърих зери низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ташаккул ёфта,

хусусиятҳои гуногунро дар худ таҷассум менамуд. Бо назардошти ин қайд кардан зарур аст, ки таҳлили таърихии баҳсҳои замин имкон медиҳад, то хусусиятҳои баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои замин дар таърихи давлатдории мо ва ҳамзамон таҷрибаи ниёгони мо оиди ин масъала ошкор карда шавад.

Ҳамзамон, таҳлили таърихӣ метавонад барои пешгирии бавуҷудоии баҳсҳои замин, ҳифзи ҳуқуқ ба қитъаи замин, мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ҷиҳати ҳалли баҳсҳои замин мусоидат намояд. Яъне, омӯзиши ҷанбаҳои таърихии баҳсҳои замин барои ошкор намудани иштибоҳоти дар тӯли таърих вобаста ба баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои замин дар қонунгузорӣ ҷой дошта, муайян намудани сабабҳои бавуҷудоии баҳсҳои замин мусоидат менамояд.

ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ В СЛУЧАЕ АВИАКАТАСТРОФЫ

Амренова Ш. – ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами ТНУ

Проведенное исследование в данной проблеме позволяет сделать нижеследующие выводы:

1. Воздушные перевозки сопряжены с повышенным риском для жизни и здоровья пассажиров, что актуализирует вопросы возмещение вреда пострадавшим лицам. Понятие авиакатастрофы в действующем законодательстве республики отсутствует, что можно считать пробелом.

2. Перевозчик несет ответственность перед пассажиром воздушного судна в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан, международными договорами Республики Таджикистан, а также договором воздушной перевозки пассажира, груза или почты. Пределы ответственности воздушного перевозчика в Республике Таджикистан установлены Воздушным кодексом РТ.

3. Среди определенных недостатков общегражданской процедуры возмещения вреда, причиненного повреждением здоровья или смерти пассажиру выступает то, что определение соответствующих сумм производится на основании сбора многочисленных документов, проведения экспертиз и т.п., что, во-первых, может привести к неоправданной дифференциации сумм компенсации, причитающихся пассажиром с разным социальным статусом, во-вторых, неизбежно влечет за собой волокиту при определении и исчислении сумм.

4. Хотя специальные нормы об ответственности в случае авиакатастрофы в ВК РТ отсутствуют, кодекс содержит норму, разграничивающую ответственность перевозчиков за вред, причиненный в связи со столкновением воздушных судов (ст. 122 ГК РТ). Применение данной нормы устраняет возможные коллизии при определении ответственности сторон в случае авиационного происшествия данного рода.

5. Не всякий вред, причиненный авиационным происшествием (авиакатастрофой), вызванными незаконным вмешательством в авиацию или же неблагоприятными метеорологическими условиями допустимо считать возникшим вследствие обстоятельств непреодолимой силы. В данном случае крайне важно учитывать достаточность действий перевозчика и его персонала для предвидения и предотвращения соответствующих последствий, то есть непредотвратимость указанных выше явлений обусловлена не тем, что их нельзя было предвидеть, а тем, что их объективно нельзя было предотвратить.

6. В качестве инструментария, призванного обеспечить исполнение деликатных обязательств в сфере воздушной перевозки, воздушное законодательство предусматривает обязательное страхование ответственности. Институт обязательного страхования гражданско-правовой ответственности в авиации по замыслу призван обеспечить полноценное удовлетворение интересов всех сторон правоотношений, в том числе сохранить функционирование авиакомпании (которое может быть нарушено по причине необходимости перечисления огромных денежных сумм в виде штрафов и компенсаций), так

и компенсировать ущерб, причиненный авиационным происшествием, в полном объеме, а, главное, в разумном и справедливом размере.

7. Компенсация морального вреда, причиненного авиакатастрофой, имеет определенные особенности, ключевой из которой является соотношение гражданского и воздушного права, а также соотношение национального и международного права. При этом положения не ратифицированной Республикой Таджикистан Монреальской конвенции (ратифицирована Российской Федерацией) имеют очевидное преимущество по сравнению с положениями Варшавской конвенции (ратифицирована остальными странами ЕАЭС) и ВК РФ, поэтому не вызывает сомнения тот факт, что ратификация указанного документа необходима.

8. В целях системного устранения недостатков в правовом регулировании гражданско-правовых последствий в случае авиакатастрофы предлагаем включить в ВК РТ ст. 1091 ВК РТ «Ответственность в случае авиакатастрофы»:

«Авиакатастрофа – авиационное происшествие особого рода, юридический факт, произошедший с воздушным судном во время полета, повлекший причинение вреда жизни или здоровью членов летного экипажа, пассажиров либо признание их безвестно отсутствующими при разрушении, повреждении, утрате судна, а равно угрожающий жизни и здоровью людей.

МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ КОНСЕССИОНӢ

Буриев А. Р. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии ДМТ

Шартномаи консессионӣ шартномае мебошад, ки байни конседент ва консессиядор баста шуда, дар он ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти тарафҳо, инчунин шартҳои амалишавии консессия муайян карда мешаванд. Тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи консессияҳо» аз 26-уми декабри соли 2011таҳти № 783, консессия (иҷозат, гузашт) - дар асоси шартномаи консессия бо пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии самараноки муваққатӣ ба консессиядор супоридани объектҳои моликияти давлатӣ, аз ҷумла: замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳаво, олами набототу ҳайвонот, дигар моликияти давлатӣ ва боигарии табиӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, инчунин ҳуқуқи бунёди (сохтмони) иншооти нав аз ҳисоби консессиядор бо шарти дар оянда баргардонидани онҳо ба давлат мебошад, шартномаи консессионӣ бошад, шартномаест, ки байни конседент ва консессиядор баста шуда, дар он ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти тарафҳо, инчунин шартҳои амалишавии консессия муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз консессия давлат аз шакли пешбурди хоҷагидории камсамар даст кашида, вазифаи идоракунии моликияти ба худ тааллуқ доштаро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мегузорад, ки дар навбати худ бо истифода аз кафолатҳои давлатӣ ба истеҳсолот таҷрибаи пешқадам, дониш, навовариро ҷорӣ карда, сармоягузориро амалӣ намуда ва ниҳоят таваккали фаъолияти соҳибкориро дар ин самт кам менамояд. Агар дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихии ҶТ дар таҷрибаи хоҷагидории объектҳои гуногун новобаста аз вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ ба таври иҷора истифода мешуд, пас хусусияти оммавӣ гирифтани ташкил ва истифодаи консессияҳо вақте пайдо мешавад, ки барои рафъ намудани мушкилоти иқтисодии кишвар зарурати зиёд ва эҳтиёҷот ба сармоягузорӣ ба миён меояд.

Ба ғайр аз ин, консессия созишномаи муҳлатнок ба ҳисоб меравад, ки ин боиси шубҳа оид ба имконияти ба муҳлати муайян додани ҳуқуқи моликиятӣ ба сарватҳои зеризаминӣ мегардад. Мутаассифона, КГ ҶТ оид ба консессия ва сохтори ҳуқуқии он ҳеҷ гуна муқаррарот пешбинӣ нанамуда, нисбат ба канданиҳои фоиданок ва сарватҳои дигари табиӣ дар доираи шартномаи иҷора маҳдуд мешавад. Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон рушди минбаъдаи худро бо истифода аз захираҳои табиӣ, аз ҷумла истифодаи сарватҳои зеризаминӣ медонад, вале нахустин Қонуни ҶТ «Дар бораи консессияҳо» бо гузашти чанд сол, яъне соли 1997 қабул гардид. Қонуни нави ҶТ «Дар бораи консессияҳо» муносибатҳо оид ба консессияро танзим намуда, салоҳияти мақомоти давлатӣ, шарт ва тартиби ба

консессия додани объектҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои консессиядор, иҷро ва муҳлати шартномаи консессия, инчунин кафолату дастгирии фаъолияти мазкурро муайян менамояд.

МАСОИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қодирқулов Х. Р. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ

Тайи чанд соли охир теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан бо фаъолияти меҳнатӣ сафар менамоянд, меафзояд. Аз ин рӯ, ба сифати субъекти муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони хориҷӣ низ ҳамчун корманд ва корфармо иштирок менамоянд. Дар баробари муқаррарот ва принсипҳои барои тамоми шахсони хориҷӣ умумӣ, қобилияти соҳибҳуқуқии меҳнатии категорияи алоҳидаи шахсони хориҷӣ аз ҳамдигар тафовут дорад.

Бинобар ин, вобаста ба муҳлат ва асосҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доштан шахсони хориҷиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоянд.

Якум, шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ менамоянд. Тибқи моддаи 5 Қонуни ҶТ “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ”, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” истиқоматкунандагони доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он шаҳрвандони хориҷие эътироф мешаванд, ки дорои гувоҳномаи иқоматӣ аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ додашуда мебошанд. Дар ин асно бояд зикр намуд, ки фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври доимӣ истиқомат мекунанд, тибқи қонунгузорӣ танзим карда мешавад.

Азбаски аз нигоҳи қонунгузорӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ реҷаи миллӣ паҳн мегардад, бинобар ин онҳо бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар доранд. Албатта, ин ҳанӯз куллан баробар кардани шаҳрвадони хориҷиро дар ҷодаи фаъолияти меҳнатӣ бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар надорад. Зеро, агар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи алоҳида таъйин ё ба фаъолияти муайяне машғул шудан ба мансубияти шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста бошад, шаҳрвандони хориҷӣ ба ин вазифаҳо таъин ва ба ҳамин гуна фаъолият машцул шуда наметавонанд.

Гурӯҳи дигар, шаҳрвандони хориҷие мебошанд, ки барои будубоши муваққатӣ бо мақсади машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар намудаанд. Мутобиқи қонунгузории ҶТ, шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои будубоши муваққатӣ омадаанд, ба фаъолияти муайяни меҳнатӣ ба шарте машғул шуда метавонанд, ки он ба мақсадҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омаданашон мувофиқ мебошад.

Тибқи қисми 4 моддаи 7 Қонуни ҶТ “Дар бораи вазъи ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд” фаъолияти меҳнатии ин гурӯҳи шаҳрвандони хориҷӣ дар фарқият аз хориҷиёни истиқомати доимӣ дошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозате, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода мешавад, амалӣ мегардад. Бояд гуфт, ки қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ менамоянд, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008 тасдиқ карда шудааст, танзим мегарданд. Мутаассифона, дар Кодекси меҳнатии ҶТ аз 2 январи соли 2018 хусусиятҳои фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ба тариқи дахлдор танзим нагаштаанд. Бинобар ин, агар яке аз тарафҳо ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ шаҳрвандони хориҷие, ки дорои будубоши муваққатӣ бошанд ва бо мақсади фаъолияти меҳнатӣ ба Тоҷикистон омада бошанд, дар ин маврид ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ба қисми 4 моддаи 26 Кодекси меҳнати ҶТ ҳангоми ба кор дохил шудан дар баробари дигар ҳуҷҷатҳо, инчунин иҷозат барои кор пешниҳод карда шавад.

МАСОИЛИ ТАТБИҚИ МУҚАРРАРОТИ МОДДАИ 1191-И КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сулаймонов Ф. С. – н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ

Моддаи 1191-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои умумии танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ равона карда шуда, дар он муқаррарот оид ба унсури хориҷӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷой доранд.

Масъалаи марказии танзими моддаи мазкур муқаррар намудани сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тибқи моддаи мазкур, ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст ва анъанаҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунанд ва ҳамчунин, созишномаи тарафҳо баромад менамоянд.

Дар қатори сарчашмаҳои мазкур санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва созишномаи тарафҳо мавқеи махсус дошта, дар ҷараёни танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, як қатор хусусиятҳои худро пайдо менамоянд.

Вобаста ба ин метавон баъзе хусусиятҳоро дар ҳолати татбиқи муқаррароти моддаи мазкур дарҷ намуд:

- мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» фарогири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва созишномаи тарафҳо мебошад, ки дар ин асно ба категорияи «сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» мафҳуми васеъ дода мешавад;
- мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқи байнамилалии хусусӣ» ва «сарчашмаи муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда» мазмуни якхеларо доро нестанд;
- ҷараёни татбиқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, бинобар як қатор махсусиятҳои онҳо ягона намебошанд;
- эътироф намудани созишномаи тарафҳо ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ як қатор оқибатҳои баҳснокро ба миён меоварад;
- муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда дар асоси созишномаи тарафҳо, созишномаи тарафҳоро ба сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ табдил намедиҳад.

МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲУҚУҚИ ТАТБИҚШАВАНДА ДАР ШАРТНОМАҲОИ ЛИЗИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мирзоев А. М. – н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ

Фаъолияти муваффақонаи соҳибкорӣ дар шароити муосир хароҷоти калони моддиро талаб менамояд, ки на ҳар як соҳибкор ба онҳо дастрасӣ дорад. Аз ин рӯ, баҳри амалӣ гардонидани ҳадафҳои худ соҳибкорон намудҳои муносиби ҳамкориҳоро рӯйи кор мегиранд, ки яке аз онҳо шартномаҳои лизингӣ мебошанд.

Дар тарҷума аз забони англисӣ лизинг (leasing («lease»)) маънои иҷораро дорад. Иҷора яке аз институтҳои қадимтарини ҳуқуқи граждани ба шумор меравад.

Моҳияти муносибатҳои лизингӣ низ дар он мебошад, ки як шахс мехоҳад дар фаъолияти истеҳсолӣ ё касбии худ ин ё он ашёи манқул (таҷҳизот, техника ва ғ.)-ро дошта бошад, вале барои ба даст овардани онҳо маблағи кофӣ надорад. Пас ба ширкати лизингӣ (ё шахси ҳуқуқии дигар) мурочиат менамояд, ки дар натиҷа охирин аз истеҳсолкунанда ё молсупорҳо таҷҳизоти заруриро ба даст меоварад ва онро ба муҳлати муайян ба шахси дархосткунанда ба иҷора медиҳад ва ба харида гирифтани он аз ҷониби иҷорагир пас аз итмоми муҳлати иҷора розигӣ медиҳад.

Ҳамин тавр, лизинг (иҷораи молиявӣ) навъи фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ ҷиҳати ба даст овардани моликият ва таҳвил додани он дар асоси шартнома ба шахсони

ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ ва ё ба давлат дар симои мақомоти ваколатдори он, ба муҳлати муайян бо мақсади гирифтани фоида (даромад) бо иштироки лизингдеҳ, молсупор, лизинггир ва дигар иштирокчиёни лоиҳаи лизингӣ бо ҳуқуқи харида гирифтани амвол аз ҷониби лизинггир мебошад. Шартномаи лизинг аҳди иқтисодии хориҷии дар шакли хаттӣ байни лизингдеҳ ва лизинггир басташудае мебошад, ки барои муқаррар кардан, тағйир додан ва қатъ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои граждани дар робита бо предмети лизинг равона карда шудааст. Шартномаи лизингӣ дорои се қисмат аст: молсупорӣ (хариду фурӯши предмети лизинг, ки аз ҷониби лизинггир тасдиқ гардидааст, байни лизинггир ва молсупор, иҷораи дарозмуҳлат байни лизингдеҳ ва лизинггир ва харида гирифтан аз ҷониби охирин аз лизингдеҳ ва ё баргардонидани амволи дахлдор ба вай).

Хусусияти хосси ин навъи аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ дар он аст, ки то бастани шартномаи дахлдор объекти шартнома дар ҳуқуқи моликиятии лизингдеҳ қарор надорад ва танҳо дар лаҳзаи бастани шартнома байни лизинггир ва лизингдеҳ охирин иттилооти заруриро аз контрагент мегирад ва ба иҷрои супориши ӯ ҷиҳати ба даст овардани таҷҳизот, ё амволи дигар барои минбаъд ба лизинггир ба иҷора додан шурӯъ менамояд.

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ПЕРЕВОЗКИ ГРУЗОВ НА ОСНОВЕ ДОГОВОРА СМЕШАННОГО ТИПА

Салихов З. И. – старший преподаватель
кафедры международного права ТНУ

В научной литературе под понятием международной смешанной перевозки понимается такая перевозка, при которой грузы доставляются до места назначения следующее по территории двух или более государств с использованием двух или более транспортного средства. В период осуществления такого вида перевозки, как правило, заключаются специальные соглашения. Только при наличии таких соглашений и использования видами транспортного средства, перевозки грузов между данными государствами "получают характер международных смешанных перевозок".

Основными международно-правовыми источниками, определяющими права и обязанности сторон по смешанной перевозке грузов, являются Конвенция ООН о международных смешанных перевозках грузов 1980 г., Унифицированные правила о документе смешанной перевозки МТП 1973 г., а также соответствующие проформы документов БМКО, МТП, Фиата и других международных неправительственных организаций. Конвенция 1980 г. является основным международным договором в области правового регулирования смешанных перевозок.

Конвенция дает следующее определение смешанной перевозки: "Международная смешанная перевозка" означает перевозку грузов, по меньшей мере, двумя разными видами транспорта на основании договора смешанной перевозки из места в одной стране, где грузы поступают в ведение оператора смешанной перевозки, до обусловленного места доставки в другой стране. Исходя из данного определения, операции по вывозу и доставке грузов должно осуществляться именно с использованием несколько видов транспортного средства, также заключения договора смешанной перевозки. Договор смешанной перевозки по значению Конвенции 1980 г., означает договор, на основании которого оператор смешанной перевозки за уплату провозных платежей обязуется осуществить или обеспечить осуществление международной смешанной перевозки. Оператор смешанной перевозки грузов является главным организатором данной операции. Он объединяет в себя черты экспедитора и перевозчика. Оператором является любое лицо, которое от собственного имени или через другое действующее от его имени лицо заключает договор смешанной перевозки и выступает как сторона договора, а не как агент, или от имени грузоотправителя или перевозчиков, участвующих в операциях смешанной перевозки, и принимает на себя ответственность за исполнение договора. Таким образом, при смешанной перевозке правоотношения между грузовладельцем и перевозчиками не возникают. В этом состоит основное отличие смешанной перевозки от прямой перевозки грузов.

Когда грузы принимаются оператором смешанной перевозки в свое ведение, он выдает документ смешанной перевозки, который по выбору грузоотправителя может быть оборотным или необоротным. Такой документ подписывается оператором или уполномоченным им лицом. Подпись на документе может быть сделана от руки, напечатана в виде факсимиле, перфорирована, поставлена с помощью штампа, в виде символов или с помощью любых иных механических или электронных средств, если это не противоречит закону страны, в которой выдается документ смешанной перевозки. Если документ смешанной перевозки выдается как оборотный, то он должен быть составлен в виде ордерного документа или документа на предъявителя. Если же он составлен в виде документа на предъявителя, он передается без передаточной ведомости. В случае, когда документ смешанной перевозки выдается как необоротный, в нем должен быть указан грузоотправитель.

Конвенция подробно определяет содержание документа смешанной перевозки. Он должен содержать следующие данные: общий характер груза основные марки, необходимые для идентификации груза; внешнее состояние груза; наименование и местонахождение основного коммерческого предприятия оператора смешанной перевозки; наименование грузоотправителя и грузополучателя; место и дата принятия операторов груза в свое ведение; место и дата выдачи документа смешанной перевозки.

Именно наличие договора заключаемой между оператором и грузоотправителем и осуществление перевозки именно на ее условиях представляют собой необходимый признак международной перевозки смешанного типа.

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

Саидов Ҳ. Х. – н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ

Ҳамкориҳои байналмилалии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиатҳои сиёсиву иқтисодии ҷумҳуриямон ҷавобгӯ мебошанд ва омили муҳим дар ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷаҳонӣ мебошанд.

Ҳамкориҳои байналмилалии гумрукӣ дар рӯҳияи ҳамсоягии нек, ҳамкориҳои зич, таҳияи қарорҳои дахлдор, муколамаи созанда ва мутақобилан судманд бунёд ёфтаанд ва инкишоф меёбанд, ки ин аз амиқшавии муносибатҳои гумрукӣ ва раванди муосири ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ шаҳодат медиҳад. Ҷумҳурии Тохикистон дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи танзими гумрукӣ бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва яксон кардани қонунгузорӣ бо ҳуқуқи байналмилалӣ ва амалияи умумиҷаҳонии эътирофшуда ширкат мекунад.

Бо мақсади рушди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тохикистон, такмили заминаи ҳуқуқӣ, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тохикистон бо хадамоти гумрукии давлатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ мекунанд, дар ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои интегратсионӣ иштирок мекунанд.

Дар асоси амалия, мо метавонем шартҳои зерини ҳамкориҳои байналмилалии гумрукиро шартан ҷудо кунем:

1. ташаккули заминаи ҳуқуқии байналмилалӣ;
2. гузаронидани ҷаласаҳои корӣ ва машваратҳо, аз ҷумла тавассути иштирок дар кори мақомоти идоракунии интегратсияи саноат;
3. иштирок дар кори ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба танзими гумрукӣ;
4. ҳамкорӣ дар доираи кумаки техникии байналмилалӣ ва ҳамкориҳои фаромарзӣ.

Ҳамкории наздиктарин ва самарабахши гумрукии Ҷумҳурии Тохикистон дар фазои пасошӯравӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони умумиҷаҳонии гумрук ва Созмони Умумиҷаҳонии Савдо сурат гирифта, дар заминаи ин як қатор созишномаҳои дуҷонибаро ба имзо расонида шудаанд:

Созишнома байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати гумруки Ҷумҳурии Арманистон оид ба ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ дар самти

дастгиркунӣ ва баргардонидани арзишҳои фарҳангие, ки бо роҳи ғайриқонунӣ интиқол гардидаанд ш.Москва, 08.06.1995).

Созишнома байни Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати даромадҳои давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар муборизаи бар зидди қочоқ ва вайронкуниҳои қоидаҳои гумрукӣ ва инчунин гардиши ғайриқонунии силоҳи оташнишон, моддаҳои тарканда, маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо (ш.Душанбе, 13.06.2000).

Созишнома оид ба тартиби будубош ва ҳамкории кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва мақомотҳои махсус дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон (ш.Бишкек, 06.05.1998).

Протокол байни Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нозироти давлатии гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ташкили мубодилаи иттилоот дар интиқоли мол ва савдои мутақобил байни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Бишкек, 27.05.2013).

Созишнома байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи ташкили тартиби назорат оид ба татбиқи амалиёти гумрукӣ бо интиқоли молу воситаҳои нақлиёт байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон(ш.Душанбе, 09.03.2018).

Протокол байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи мубодилаи иттилоот оид ба интиқоли мол дар тиҷорати мутақобил байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе, 09.03.2018).

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ПАЙДОИШ ВА РУШДИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР АҲДИ ҚАДИМ

Одинаева З. Ҷ. – лаборанти калони
кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ

Ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун низоми мустақили ҳуқуқ дорои таърихи тӯлонӣ буда, пайдоиш ва ташаккули он яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ ба шумор меравад, ки он бо масъалаҳои мураккабу баҳснок, аз қабили зуҳур ва ташаккули маънавиёт, пайдоиши дин ва ташаккули фарҳанг алоқамандии зич дорад.

Пайдоиши ҳуқуқи байналмилалӣ ва ташаккули аввалин меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, пайдошавӣ ва қадамҳои аввалини маданияти моддӣ ва маънавӣ ва амалӣ шудани онҳоро таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ меомӯзад. Дар ин радиф қайд намудан бамаврид аст, ки таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ, сарфи назар аз хусусиятҳои хосаш, қисми ҷудонопазири таърихи инкишофи ҷомеаи инсонӣ мебошад.

Имрӯз низ оид ба масъалаи пайдоиши ҳуқуқи байналмилалӣ миёни муҳаққиқон баҳсу мунозираҳо идома доранд. Ҳатто қонуниятҳои асосии ташаккули он дар асарҳои мутахассисон ба таври мукаммал омӯхта нашудаанд.

Дар чорчӯбаи ин самт ақидае ҳукмфармост, ки мутобиқи он дар ҷараёни рушди тамаддуни инсонӣ ҳуқуқ хосси ҷомеаи давлатҳо мебошад. Дар натиҷаи ҳаёти иҷтимоии муштарак, мавҷудияти доираи фарҳангӣ, замона тақозо менамояд, ки ин ё он ниҳод ё принсипи ҳуқуқи байналмилалӣ пайдо шавад. Чунин доираи фарҳангӣ дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон, ба монанди Шарқи Наздик, Чини қадим, Ҳинди қадим ва Осиёи Марказӣ дар замони Ҳахоманишиҳо ба мушоҳида мерасад.

Барои ҷомеаи байналмилалии он замон падидаҳои муштарак инҳо буданд: мавҷудияти ҷомеаи байналмилалии дорои сатҳи рушди тахминан яксони фарҳангӣ ва тамаддунӣ, мавҷудияти давлатҳо, манофеи муштараки онҳо, дарки истиқлолияти хеш ва талаботи итоат кардан ба ҳуқуқ дар муносибатҳои мутақобилаи хеш, мавҷудияти сарчашмаҳои хаттии ҳуқуқи байналмилалӣ, мавҷудияти иттиҳодҳои байналмилалии давлатҳо, талаботи тиҷорат ва иқтисод, гардиши фарҳангии байналмилалӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки мавҷуд будани сарчашмаҳои сершумори таърихӣ, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Аҳди қадим муносибатҳои байнидавлатӣ аз тариқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба танзим дароварда мешуданд. Дар Шарқи қадим, дар Миср ва Эрони бостон низоми мукаммали хадамоти дипломатӣ ташаккул ёфта буданд. Дар ин бора катибаҳои Тел-эл-Амарна (Миср), Эъломияи Куруш (соли 539 п.а.м.) ва Катибаҳои Бесутун (Эрон) низ шаҳодат медиҳанд.Маъхазҳои қадимаи дар боло зикршуда, дар омӯзиши таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалӣ, муносибатҳои байни давлатҳо, шеваи пешбурди равобити хоричӣ, гузаронидани чорабиниҳои ташрифотӣ, тартиб додани санадҳои байналмилалӣ ва ғайра ба сифати сарчашмаҳои арзишманд хизмат карда метавонанд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ФАЪОЛИЯТИ СММ ҲАМЧУН НИҲОДИ УНИВЕРСАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР БАХШИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Хуҷамардова М. Т. – ассистенти
кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ

Созмони Милали Муттаҳид созмони байналмилалиест, ки соли 1945 баъд аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳони баҳри пуштибонӣ ва устувории сулҳу субот дар тамоми дунё ва густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба миёни кишварҳо, аз тарафи кишварҳои пирӯз дар Ҷанги дуюми ҷаҳон таъсис дода шудааст. Созмони мазкур баъд аз барҳам хӯрдани Лигаи Миллатҳо ташкил ёфта, номаш аз ҷониби президенти онвақтаи ИМА Франклин Рузвелт пешниҳод гардидааст. Ҳангоми нав ташкил шудани созмони мазкур дар он 50 давлат аъзо буд. Аз соли 1946 то соли 2002 140 давлат ба узвияти созмон пазируфта шуданд. Айни ҳол дар созмон 193 давлати ҷаҳон аъзо мебошад. Соли 1941 кишварҳои Англия, ИМА, Хитой ташкил кардани ташкилоти байналхалқии универсалиро дар бахши таъмини амнияти ҷаҳонӣ ба миён гузошта буданд. Ҳамчун заминаи ҳуқуқии таъсисёбии СММ чунин санадҳо баромад мекунанд:

Конференсияи вазирони корҳои хориҷии ИҶШС,ИМА, Англия бо иштироки сафири Хитой дар Москав 30.10.1943;

Декларатсия оиди таъмини амният ва ташкили ташкилоти байналмилалии бехатарӣ 1943;

Конференсияи Думбартон – Окс (сентябри 1944),ки Оинномаи СММ таҳия шуд;

Қабули матни Оинномаи СММ дар Сан – Франсиско 26.06.1945;

Созмони мазкур дар баробари ба фаъолият шурӯъ намудан то инҷониб дар самти фаъолияти кории худ ба дастовардҳои зиёди байналмилалӣ ноил гаштааст ва пайваста баҳри ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон талош меварзад. Бинои кории он дар шаҳри Ню – Йорки ИМА ҷойгир аст. Сохтори СММ аз инҳо иборат аст:

Маҷмааи умумии (Ассамблеяи Генералӣ) СММ;

Шӯрои амният;

Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

Суди байналмилалии СММ;

Котибот.

Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид мақомоти асосии машвараті, дастурдиҳӣ ва намояндагии созмони мазкур мебошад.Соли 1945 таъсис ёфта, аз 193 давлати аъзо иборат мебошад, ҳамаи онҳо новобаста ба бузургӣ ва иқтидорашон аз ҳуқуқи баробар бархӯрдоранд ва ҳар кадом дорои як овоз мебошанд, қарорҳои муҳим ба раъйи аксарият – аз се ду овози тарафдор қабул мешаванд. Маҷмаа ваколатҳои васеъ дорад ва метавонад ҳамаи масъалаҳои умдаи байналмилалиро дар доираи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид мавриди баррасӣ қарор диҳад, ба давлатҳои манфиатдор ё Шӯрои Амнияти СММ тавсиянома ироа намояд. Ба тавсияи Шӯрои Амният Дабири кулли СММ-ро таъйин мекунад, аъзои нави СММ – ро қабул менамояд, фаъолияти ҳамаи шӯроҳо ва идораҳои махсусро зери назорат мегирад. Вале Маҷмаа мақоми соҳибҳокимияти мутлақ нест, ваколати маҷбуран амалӣ гардонидани қарорҳояшро надорад, дар ҳамин ҳол ягон давлат ҳуқуқи вето

(бордошт ё бекор кардан)–и қарори қабулшудаашро надорад. Маҷмаа вазифаҳои калидии (электоралиро) ҳал намуда, судяҳои Суди байналмилалӣ ва 10 узви ғайридоимиро интихоб мекунад, ҳаҷми ҳаққулузвияти ҳар як давлати узви СММ–ро ба буҷаи он муайян месозад.

ПРИНЦИП УНИВЕРСАЛЬНОЙ ЮРИСДИКЦИИ В МЕЖДУНАРОДНОМ УГОЛОВНОМ ПРАВЕ

Одинаева Н. Х. – ассистент
кафедры международного права ТНУ

Рост взаимозависимости государств в современном мире, представляющий собой одну из наиболее заметных черт процесса глобализации, усложнение межгосударственных связей и вообще международных отношений требуют дальнейшего исследования и в ряде случаев переосмысления международно-правовых понятий и институтов, ставших привычными. К таким понятиям относится и юрисдикция государств. Оно широко известно, общеупотребительно и, казалось бы, достаточно определенно. На практике им часто оперируют, не задумываясь о его точном значении. Следует подчеркнуть, что юрисдикция государства - понятие, используемое главным образом в межгосударственных отношениях. Поэтому есть все основания рассматривать его в первую очередь как международно-правовое. Соприкосновение юрисдикции государств как проявление их суверенитета порождает много проблем в их взаимоотношениях чисто практического характера. Выявление роли международного права в решении указанных проблем имеет, таким образом, не только доктринальное значение.

Возникает вопрос: в какой степени состояние межгосударственных отношений, сложившихся к началу XXI века, повлияло на классические представления о юрисдикции государств? Ответ на него предполагает и выяснение того, насколько шагнуло вперед международное право в устранении проблем, возникающих в сфере соприкосновения их юрисдикции. Вместе с тем нельзя считать, что основные понятия международного права под воздействием происходящих в настоящее время процессов претерпели такие кардинальные изменения, что нуждаются в полной ревизии либо вообще утратили какое-либо значение. Как известно, время от времени, особенно в западной доктрине, поднимается вопрос о пересмотре и даже «устарелости» понятия государственного суверенитета, необходимости нового взгляда на принципы невмешательства и неприменения силы и т.д.

Все это имеет непосредственное отношение и к юрисдикции государств. Если «исчезает» государственный суверенитет, становится неясным или просто ненужным понятие юрисдикции государства как проявления его суверенитета. Если сужается содержание принципов невмешательства и неприменения силы, теряются общие международно-правовые преграды на пути расширения юрисдикции государств. Очевидно, что содержание базовых понятий международного права и его основных принципов сохраняет свое значение, как сохраняет значение и баланс между этими принципами. Иначе пришлось бы признать, что рушится каркас международного права. Это привело бы не к спонтанному появлению новых понятий, принципов и институтов, а к правовому хаосу в межгосударственных отношениях, и отбросило бы международное право в далекое прошлое.

Особенности современных межгосударственных отношений должны рассматриваться не как деструктивный фактор, повлекший коренные изменения основ международного права, его важнейших институтов и понятийного аппарата, а как конструктивный, влияющий на обогащение того и другого. Только при таком подходе можно будет увидеть в правильном свете то, в каком направлении развивается международное право. Само собой разумеется, что такого подхода следует придерживаться и при анализе понятия юрисдикции государств и ее роли в межгосударственных отношениях в наши дни.

Суверенитет государств на международной арене выражается, прежде всего, в том, как они действуют или могут действовать по отношению друг к другу в публично-правовой сфере, как далеко простирается их власть за пределами их территорий. Именно в этом состоит суть юрисдикции государств. В настоящее время необходимо, как никогда раньше,

установить с достаточной степенью точности, что представляет собой юрисдикция государства, ее объем и границы, определяемые международным правом. Существует большое количество обычных и договорных международно-правовых норм, которые с большей или меньшей четкостью проводят данные границы. Важно выявить среди этого конгломерата норм общие ориентиры и тенденции, отражающие специфику современных межгосударственных отношений.

МАҚОМИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚИИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҒАЙРИҲУКУМАТӢ

Одинаев У. С. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ

Созмонҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ дар баробари механизмҳои судӣ ва ғайрисудии нақшу мавқеи ба онҳо хосро доро буда, тавассути созмонҳои ғайриҳукуматӣ амалӣ гардонида мешаванд. Ҷомеаи инсонӣ бо вуҷуди он ки барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ давлату ҳукумат созмон додааст, ба муттаҳидшавии одамон берун аз доираи ҳукумат, ки дар баробари ҳукумат проблемаҳои чамъиятиро ба манфиати беҳбуди он ҳал мекунанд, ниёзманд аст. Ин созмонҳо ба таври ихтиёрӣ аз тарафи одамон созмон дода шуда, созмонҳои ғайритиҷоратии пайрави арзишҳои умумибашарӣ мебошанд. Масалан, онҳо проблемаҳои мавҷударо ба давлат ва сохторҳои он маълум сохта, дар меъёрофаринӣ фаъолона ширкат меварзанд, дар назди ҳукумат оид ба проблемаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, экология, тандурустӣ, маориф, фарҳанг масъалагузориҳо мекунанд ва андешидани тадбирҳои мушаххасро талаб менамоянд, мониторинги фаъолияти макомоти давлатиро гузаронида, дар ин хусус аҳли хабардор месозанд.

Баъзе созмонҳои ғайриҳукуматӣ мониторинги иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ба зимма гирифтаи ҳукуматро амалӣ мегардонанд. Боз баъзе созмонҳои ғайриҳукуматие ҳастанд, ки ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои инсонро вазифаи асосии худ медонанд. Чунин созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар Тоҷикистон бисёранд. Масалан, «Бюрои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва риояи қонуният», «Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақил», «Ҷавонон ва тамаддун», Маркази таҳлилии машвараті оид ба ҳуқуқҳои инсон», «Маркази рушди инсон ва ҷомеа» ва ғайра.

Созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар мамлакатҳои дорои анъанаҳои демократӣ дар муносибатҳои байни чомеа ва давлат воситае буда, ба беҳшавии ин муносибатҳо мусоидат мекунанд, ҳодисаҳои вайрон кардани ҳукукҳои инсонро аз ҷониби давлат пешгирӣ менамоянд. Хушбахтона, дар мамлакати мо бо раванди афзоиши теъдоди созмонҳои ғайриҳукуматӣ мавкеъ ва нақши онҳо низ дар самти банизомдарории муносибатҳои байни ҳокимият ва ҷомеа беш аз пеш муассиртар мегардад. Созмонҳои ғайриҳукуматӣ институти ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Барқарорӣ ва инкишофи созмонҳои ғайриҳукуматӣ ба пешрафти босуръати ҷомеаи шаҳрванӣй мусоидат мекунанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ба арзишҳое чун эътирофи ҳуқуқҳои инсон, дахлнопазирии онҳо, гуногуншаклии моликият, озодии меҳнат ва соҳибкорӣ, худидоракунӣ ва озодии афкор асос меёбад. Бо ташкилёбии асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди он таъсиррасонии давлат ба инсон камтар мегардад ва вобастагии сахти инсон аз давлат аз байн меравад.

Асоси ҳуқуқии ташкилёбӣ ва фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (1998) мебошанд. Вазифаҳои асосии созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар оинномаҳои онҳо зикр мегарданд. Баъзе аз онҳо вазифаҳои маҳдуди муайян доранд, аммо аксарашон вазифаҳои универсиалие доранд, ки бо ҳифзи ҳуқуқҳои инсон вобастаанд. Онҳо дар раванди қонунэҷодкунӣ ширкат варзида, мониторинги риояи ҳуқуқҳои инсонро мегузаронанд, ба одамони ниёзманд кумак мекунанд, маводи чопӣ ба нашр расонда, конференсия ва семинарҳо мегузаронанд, ҳамкориҳои байналмилалиро амалӣ месозанд.

Яке аз навъҳои маъмули фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ расонидани ёрии ройгони ҳуқуқӣ ба табақаҳои ниёзманди аҳолӣ мебошад. Дар ин бобат созмонҳои ғайриҳукуматие, чун «Ҳуқуқ ва некуаҳволӣ», «Маркази таҳлилии машвараті оид ба

ҳуқуқҳои инсон» ва ғайра корҳои зиёдеро ба ҷо меоранд. Маҳз бо ёрии созмони ғайриҳукуматии «Ҳуқуқ ва некуаҳволӣ» бисёр табақаҳои камбизоати аҳолӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии худ муваффақ гардидаанд. Созмони ғайриҳукуматии «Маркази таҳқиқоти гендерӣ» тавассути гузаронидани конференсияҳо ва семинарҳои гуногун, ҳамчунин чопи китобу брошюраҳо масъалаҳои марбут ба маърифати ҳуқуқии занон ва мардонро ба маълумоти одамон расонида, проблемаҳои оилавиро ҳал мекунад. Имрӯз дар Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирини меҳнатӣ, ки дар Россия мебошанд, бо қатъияти тамом дар миён меистанд, чун таъмини ҳуқуқу озодиҳои онҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия як қатор созишномаҳои байниҳукуматӣ ба имзо расониданд, ки ба масъалаҳое чун баробарсозии ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар Россия ва Тоҷикистон, осон кардани тартиби равуо ба ҳарду мамлакат дахл мекунанд.

АСОСҲОИ ТАЪЙИН КАРДАНИ ЭКСПЕРТИЗАҲОИ СУДӢ ДАР МАВРИДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТИ ОДАМРАБОӢ

Назаров А. Қ. – н.и.х., дотсент, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии ДМТ

Ҷинояти одамрабоӣ, ташкил кардан ва ҷалб намудан ба фоҳишагарӣ, тавлиди порнография ва дигар ҷиноятҳои марбут бо онҳо ҷузъҳои хеле вазнини тиҷорати ҷиноии байналмилалӣ мебошанд. Шурӯъ аз соли 2004 афзоиши ҷиноятҳои бақайдгирифташудаи гурӯҳи мазкур ба чашм мерасад. Масъалаи одамрабоӣ, масъалаи калидии 5-умин Конфронси ҷаҳонии роҳбарони идораҳои миллии Интерпол маҳсуб мешуд, ки санаи 3-5-уми марти соли 2009 дар шаҳри Лион баргузор шуд. Дар форуми мазкур қайд карда шуд, ки дар асри XXI одамрабоӣ ва савдои одам аз рӯйи даромад, пас аз тиҷорати маводи мухаддир ва силоҳ ҷойи сеюмро ишғол мекунад ва он ба ташкилотҳои ҷиноӣ миллиардҳо доллар даромад меорад.

Тадқиқоти гузаронидашуда вобаста ба мавзӯъ нишон дод, ки бештари маълумотҳо оид ба ҷиноятҳо вобаста бо одамрабоӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тавассути муроҷиати ҷабрдидагон ё ба таври аризаи хешовандон дар бораи бедарак гум шудани шахс ворид мегардад. Минбаъд дар марҳилаи аввали тафтишӣ чунин навъи ҷиноятҳо аз ҷониби кормандони оперативӣ, дар беҳтарин ҳолат, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии «озмоиши оперативӣ» ё «хариди озмоишӣ» гузаронида мешаванд. Дар ин маврид ба таври иловагӣ метавон гӯш кардани суҳбатҳои телефонии шахсони дигарро ба анҷом расонд.

Дар раванди тафтиши ҷинояти одамрабоӣ бештар ба донишҳои махсус рӯ оварда мешавад. Дар натиҷаи тадқиқотҳо, аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятии таҳлилшуда муайян карда шуд, ки дар раванди тафтиши ҷинояти одамрабоӣ таъйин кардани экспертизаи судӣ-тиббӣ (22%), экспертизаи судӣ-фоноскопӣ (11%), экспертизаи судӣ–психиатрӣ (11%), экспертизаи судии психологӣ–психиатрӣ (6%), экспертизаи судии компютерӣ–техникӣ (5%), экспертизаи судӣ-наркологӣ (4%), экспертизаи судӣ–муҳосибӣ (бухгалтерӣ) (3%) ба роҳ монда шудааст. Дар 2%-и ҳолатҳои тафтишӣ, экспертизаи техникӣ–криминалистӣ, экспертизаи судӣ–баллистикӣ, экспертизаи судии физикӣ–химиявӣ гузаронида шудаанд.

Таҳлили таҷрибаи тафтишии чунин навъи ҷиноятҳо имкон медиҳанд, ки самтҳои асосии истифодаи намудҳои аз ҳама зиёд гузаронидашудаи экспертизаҳои судӣ муайян карда шаванд. Масалан, самтҳои экспертизаҳои судӣ – тиббиро ташкил доданд: экспертизаи муайян кардани дараҷаи расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (49%), экспертиза ҳангоми алоқаҳои ҷинсӣ (18%), экспертиза барои муайян кардани ҳодисаи сироятёбии беморихои зӯҳравӣ ва ВНМО (9%), экспертиза барои муайян кардани синну сол ва мушаххас кардани шахсияти одам (9%), экспертизаи осори моеъҳои биологӣ, масалан, нутфа (5%), экспертизаи мӯйҳо (5%).

Объекти экспертизаи судии равонии қурбониён, одатан, шахсони ноболиғи ҷинси зан мебошанд. Дар таҷриба ҳодисаҳое вомехӯранд, ки ин навъи экспертиза нисбат ба духтарон ва занони калонсол таъйин карда мешавад, бо сабаби зарурати ҳалли масъала оиди аз нигоҳи равонӣ дар ҳолати нотавонӣ қарор доштанашон, ҳангоми содир кардани амалҳои

зиддиқонунӣ нисбати онҳо, ки дар он замон аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва равонӣ тавони дарк кардани хусусият ва мазмуни амалҳои нисбаташон содиршударо надоштанд ва ба ҷиноятқор муқобилият карда наметавонистанд.

Мақсади истифода намудани донишҳои махсус дар раванди тафтиши ҷинояти одамрабоӣ ва ҷиноятҳои марбут ба онҳо иборат аст, аз дарёфт ва баҳодиҳии нишонаҳое (осор), ки маълумоти дахлдор оид ба муайянкунии далелҳоро доро мебошанд. Таҳлили маълумотҳо имкон медиҳад ба муайянкунии ҳувияти шахси иштирокдошта дар интиқол ва истисмори қурбонӣ, мутобиқати вақти амалҳо ва замони муайян ишора мекунанд, масалан, фарорасии марги қурбонӣ, аломатҳои вонамудсозии имконпазир ва дигар амалҳо дар пинҳон кардани нишонаҳои чунин навъи кирдори ҷиноятӣ имкон медиҳанд.

АСОСҲОИ ТАЪЙИН НАМУДАНИ ЭКСПЕРТИЗАҲОИ СУДӢ ДАР МАВРИДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТИ ҶАЛБИ ОДАМОН БАРОИ ИСТИСМОР

Давлатзода К. Д. – н.и.ҳ., ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии ДМТ

Баробарӣ, озодӣ, демократия, ҳуқуқи инсон ва қонун арзишҳои муҳим ва умумиҷтимоие мебошанд, ки татбиқи воқеии онҳо танҳо дар давлати ҳуқуқбунёд имконпазир аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳони кирдорҳоеро, ки ба паст задани шаъну эътибори шаҳрвандон ва ё ба истисмори онҳо нигаронида шудаанд, қатъиян маҳкум менамояд ва муборизаро бо ин падидаҳои номатлубро ҳадафи асосии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ мешуморад.

Экспертиза, амалан, дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ гузаронида мешавад. Асоси ҳуқуқии таъйин намудани экспертизаҳои судӣ дар мавриди тафтиши ҷинояти ҷалби одамон барои истисмор ва вазифаҳои асосии фаъолияти экспертизаи давлатии судиро ҷиҳати тафтиши ин ҷинояти ба ҷамъият хавфнок Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ҳангоми ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ ба вуҷуд меоянд, танзим менамояд.

Ҷалби одамон барои қонеъ кардани талаботи шаҳвонӣ ё бо усули дигари истисмор намудани онҳо, ки бо роҳи фиреб анҷом дода шудааст, ҳаракати мақсаднок аст, яъне дар ин ҷо мақсади кирдор аз талаботи шаҳвонӣ ва ё усули дигари истисмори одам иборат бошад. Яке аз роҳҳои ҷалби одамон ба истисмор ин фиреб мебошад. Гунаҳкор бо роҳи фиреб аз қувваи ҷисмонӣ, маънавӣ истифода бурда, талаботи худро қонеъ мекунад. Шахси ҷабрдида аз ин мақсади ӯ хабардор намебошад ва ба гунаҳкор пурра боварӣ мекунад. Амалияи тафтишӣ ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки субъектони ин гуна кирдори ба ҷамъият хавфнокро содиркунанда, танҳо бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои шаҳвонӣ бо роҳи фиреб ва ё қувваи ҷисмони ё усули дигари истисмор намудани ҷабрдида ифода меёбад. Аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятии ҷалби одамон барои истисмор, одатан, экспертизаҳои зерин таъйин ва гузаронида мешаванд: а) тиббӣ-судӣ; б) судӣ-психологӣ; в) судӣ-биологӣ; г) криминалистикӣ (трасологӣ, баллистикӣ, ва ғ.); судӣ-химиявӣ; д) экспертизаи мавод, ашё ва маҳсулот.

ТАЪЙИНИ ЭКСПРЕТИЗА ҲАНГОМИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТИ ТАҲҚИРИ ОММАВИИ ПРЕЗИДЕНТ Ё ТУҲМАТ КАРДАН БА Ӯ

Қодиров Д. С. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии ДМТ

Таҳқир ва туҳмат аз ҷумлаи амалҳои зишти инсонӣ мебошанд, ки обрӯ ва эътибори шахсро паст зада, онҳоро аз байн мебарад ва ё шахсро бадном мекунанд. Таҳқир ва туҳмат маълумотҳои бардурӯғ ва бофта дар ростои шахс мебошанд, ки ҳақиқати воқеӣ надоранд. Обрӯ ва эътибори шахс –ин баҳои ҷамъиятӣ нисбати шахсият ҳамчун аъзои ҷамъият аст. Он

бо сифатҳои инсонӣ қадр карда мешавад, ки ба рафтор ва муносибати ӯ нисбати давлат ва ҷамъият вобастагӣ дорад.

Моддаи 137 КҶ ҶТ таҳқири оммавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё туҳмат кардан ба ӯро ҷиноят эътироф намудааст. Ин меъёр таҳқир ва ё туҳмат нисбати шахси мушаххас –Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ кардааст. Дар моддаи мазкур мафҳумҳои «таҳқир» ва «туҳмат» пешбинӣ мешаванд. Таҳқир,яъне беадабона, бо алфози қабеҳ паст задани обрӯ ва эътибори Президент. Туҳмат бошад, дидаю дониста паҳн кардани маълумоти бардурӯг, ки обрӯю эътибори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро паст мезанад ё ба номи некаш нанг меоварад.

Аз нигоҳи криминалистӣ таҳқир ва туҳмат ба таври оммавӣ дар ростои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр ҳолат бо ангезаи қасдгирӣ, рашк ва монанди инҳо содир мешавад.

Таҳқир ва туҳмат дар чунин вазъиятҳо ва шаклҳо содир шуданаш мумкин аст: гуфтор (шифоҳӣ); дар шакли ичро намудани ягон амали пасткунандаи обрӯ нисбати ҷабрдида; дар шакли оммавӣ; дар вазъияте, ки объекти таҳқиршаванда ё туҳматшаванда мавҷуд нест.

Ҳамзамон, таҳқир ва туҳмат ба таври оммавӣ дар ростои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин вазъиятҳо содир шуданашон аз эҳтимол дур нест:

- дар баромадҳои оммавӣ;
- дар асарҳои ба таври оммавӣ намоишдодашуда;
- ба воситаи телевизион паҳн намудан;
- ба воситаи радио паҳн намудан;
- ба воситаи маҷаллаҳо паҳн намудан;
- дар воситаҳои дигари ахбори умум инъикосёфта;
- дар шабакаҳои интернетӣ.

Вобаста ба вазъиятҳои номбаршуда экспертизаҳои гуногуни судӣ таъйин шуданашон мумкин аст. Экспертизаҳои судӣ низ дар алоқамандӣ бо вазъиятҳои бамиёномада метавонанд, дар марҳилаи аввали тафтишӣ ва ё минбаъдаи тафтишӣ таъйин карда шаванд.

Дар мавриди тафтиши ҷинояти мазкур вобаста ба вазъиятҳои тафтишӣ чунин намудҳои экспертизаҳои судӣ таъйин шуданашон мумкин аст:

-экпертизаи судӣ-хатшиносӣ;
-экспертизаи судӣ-муаллифшиносӣ;
-экспертизаи судӣ-аксшиносӣ (портретшиносӣ);
-экспертизаи судӣ-овозшиносӣ;
-экспертизаи лингвистӣ (забоншиносӣ);
-экспертизаи судӣ-равоншиносӣ;
-экспертизаи судии компютерӣ-техникӣ;
-экспертизаи судӣ-равонпизишкӣ;
-экспертизаи судӣ-изшиносӣ;
-экспертизаи судӣ-фототехникӣ;
-экспертизаи судӣ-техникии ҳуҷҷатҳо.

МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИИ ТАМАЪҶӮӢ

Насриддинов М. – муаллими калони кафедраи
криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии ДМТ
Давлатзода К. Д. – н.и.ҳ., муаллими калони кафедраи
криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии ДМТ

Омӯхтани ҷанбаҳои ба ҷамъият хавфнокии тамаъҷӯӣ, муайян намудани шахсияти тамаъҷӯ, бо маҳорати баланд ошкор намудани ин ҷиноят, дуруст бандубаст кардан ва баҳо додан ба он, яке аз масъалаҳои муҳим дар илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология маҳсуб меёбад. Бояд қайд намуд, ки мафҳуми тамаъҷӯӣ дар боби 26 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» пешбинӣ шуда, объект тарафи объективии тамаъҷӯӣ, субъект ва тарафи субъективии тамаъҷӯӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.

Ҷиноятҳо ба муқобили моликият гуфта, кирдори ба ҷамъият хавфноке фаҳмида мешавад, ки нисбат ба молу мулки бегона равона гардида, бо роҳи дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, қаллобӣ ва тамаъҷӯӣ содир карда мешавад. Ҷиҳати ошкор кардан, кушодан ва пешгирӣ кардани ин кирдори ба ҷамъият хавфнок мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи хоссаро касб намуда, вазифаи онҳо мубориза бар зидди ҷиноятҳориҳо дар соҳаи иқтисодӣ ба шумор меравад, ки дар миёни онҳо кирдори дорои хусусияти ғаразнокию зӯроварӣ, яъне тамаъҷӯӣ мавқеи муҳим дорад. Тамаъҷӯӣ ҳамчун амали ҷиноятҳорӣ, ки таърихи садсолаҳо дорад, яке аз куҳантарин кирдорҳои ҷиноятҳорона ба ҳисоб меравад. Таҳлилу омӯзиши адабиётҳои ҳуқуқӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки аввалин қарордодҳои қонунгузорӣ вобаста ба ин масъала дар ҳуқуқи римӣ мавҷуд буданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тағйироти раванди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки пас аз дарёфти истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омад, ба вазъият ва динамикаи ҷиноятҳорӣ таъсири худро расонд. Таҷрибаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти тамаъҷӯӣ нишон дод, ки содиркунандагони ин кирдори ба ҷамъият хавфнок шахсоне мебошанд, ки майлу рағбат ба даромадҳои калонро доранд. Таҳлили амалии ҷинояти тамаъҷӯӣ дар солҳои 2011-2017 исбот намуд, ки 70% талаби шахси тамаъҷӯй, талаби додани маблағ, 4% талаби додани молу мулки гаронбаҳо ва боқимонда, яъне дигар кирдори дорои хусусияти молумулкӣ дошта ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, қисми зиёди содиркунандагони тамаъҷӯӣ мардон буда, содиршавии ин ҷиноят аз ҳисоби занҳо дар солҳои 2013 ва шаш моҳи аввали соли 2017, 2% -ро ташкил медод.

ВАЗЪИЯТҲОИ МАЪМУЛИИ ТАФТИШОТӢ ДАР МАВРИДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТИ АВБОШӢ

Хабибова Б. Х. – лаборанти калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии ДМТ

Тартиби гузаронидани амалҳои ибтидоии тафтишотӣ аз он вобаста аст, ки авбош дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят дастгир шудааст ва ё аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст, шахсияти ӯ муайян карда шудааст ва ё не. Марҳилаи ибтидоии тафтиш метавонад, ки аз содиршавии авбошӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил нисбат ба шумораи зиёди шаҳрвандон, аз ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ё мазҳабӣ муайян карда шавад.

Се ҳолати асосии маъмулиро фарқ кардан мумкин аст:

1. Авбош дар ҷойи ҳодиса дастгир шуд.

Дар чунин ҳолат амалҳои зерини тафтишотӣ гузаронида мешаванд:

а) боздошт ва муоинаи шахсии ҷиноятҳор;

б) азназаргузаронии ҷойи ҳодиса;

в) азназаргузаронӣ ва муоинаи либосҳои гумонбаршуда ва ҷабрдида;

г) пурсиши шоҳидон, гумонбаршудаҳо ва ҷабрдидаҳо;

д) таъйини экспертизаҳои судии ҷабрдидаҳо ва гумонбаршудаҳо, инчунин ташхиси судии нишонаҳо ва олоти ҷиноят (силоҳи сард, силоҳи оташфишон).

2. Авбош аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст (фирор кардааст), шахсияти ӯ муайян нашудааст.

Амалҳои тафтишотии зерин дар ин ҳолат гузаронида мешаванд:

а) пурсиши ҷабрдидаҳо ва шоҳидон;

б) азназаргузаронии ҷойи ҳодиса;

в) азназаргузаронии либосҳои ҷабрдидаҳо, муоинаи онҳо;

г) аз экспертизаи судӣ-тиббӣ гузаронидани ҷабрдида;

д) дар мавридҳои зарурӣ аз рӯйи тавсифоти шифоҳӣ симои авбош тартиб дода мешавад;

д) бо мақсади муайян кардани шахсияти ҷиноятҳор ва боздошти ӯ фавран таъқиб дар асоси осори ҷиноят ва дигар чораҳои оперативии тафтишотӣ гузаронида мешаванд.

3. Авбош аз ҷойи ҳодиса фирор кардааст, шахсияти ӯ муайян аст.

Барои ҷустуҷӯи ӯ тадбирҳо андешида шуда, амалҳои тафтишотии монанд ба ҳолати дуюм гузаронида мешаванд, ки роҳандозӣ кардани амалҳои тафтишӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар манзили истиқоматии ҷинояткор ба роҳ монанд, аз ҷумла: пурсиши хешовандону шиносоне, ки ҷинояткорро пинҳон кардаанд, кофтуков ва шиносоӣ аз рӯйи акс.

ОСНОВЫ НАЗНАЧЕНИЯ ЭКСПЕРТИЗЫ ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ РАБСКОГО ТРУДА НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ

Шарипов С. С. – ассистент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности ТНУ

В современном таджикском государстве в результате ряда причин объективного и субъективного характера сложилась крайне напряженная ситуация с использованием рабского труда несовершеннолетних, которую руководство страны совершенно обоснованно оценивают, как угрозу национальной безопасности.

Как следствие, проблема распространения использования рабского труда несовершеннолетних в обществе осложнила оперативную обстановку и внутри семьях Таджикистана.

Сущность судебной экспертизы состоит в проведении сведущим лицом– экспертом – на основе его специальных познаний самостоятельного процессуального исследования, необходимого для доказывания тех или иных обстоятельств дела с помощью заключения эксперта.

Судебная экспертиза обладает следующими отличительными признаками:

- проведение ее лицом, сведущим в определенной специальной области или областях знаний;

-необходимость в использовании этих познаний для проведения особого исследования объекта;

-самостоятельный характер такого исследования;

-особая процессуальная форма экспертного исследования.

К специальным познаниям относятся знания в науке, технике, искусстве или ремесле и других отдельных областях человеческой деятельности. Постановка перед экспертами вопросов правового характера по общему правилу недопустима.

Специальные познания в соответствующей области знаний определяются предметом экспертизы, который следует отличать от ее объекта. Объект экспертизы – это то, что исследуется (материалы дела, вещественные доказательства, документы, предметы, животные, трупы, изъятые образцы, живые лица). Предмет экспертизы – это та часть или те стороны и свойства объектов, которые могут быть исследованы данными специальными методами. Поэтому предмет экспертизы выражается в круге вопросов, на которые эксперт может ответить, или в круге обстоятельств, которые могут быть установлены средствами данной экспертизы. По предмету проводится криминалистическая классификация экспертиз.

Основанием для назначения экспертизы является необходимость установления фактов именно с помощью заключения эксперта – особого источника доказательств. Однако в некоторых случаях назначение экспертизы является обязательным (для установления причин смерти, характера и степени вреда, причиненного здоровью, психического или физического состояния, возраста обвиняемого, потерпевшего, свидетеля).

Специальными условиями для назначения экспертизы являются достаточность объектов для исследования, наличие научно-обоснованной экспертной методики по данному предмету и, по общему правилу, согласие свидетеля и потерпевшего на их исследование. Экспертиза производится лишь после вынесения постановления о возбуждении уголовного дела.

На современном этапе развития криминалистики одним из важнейших условий совершенствования практики расследования уголовных дел является широкое привлечение в деятельность органов расследования достижений научного знания буквально во всех

областях науки и техники, позволяющих на более высоком качественном уровне решать задачи, встающие перед следствием.

АСОСҲОИ ТАЪЙИН КАРДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ ДАР МАВРИДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ МАҲРУМ СОХТАН АЗ ОЗОДӢ

Давлатов Б. С. – ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии ДМТ

Инсон ва ҳуқуқҳои он арзиши олӣ ба шумор мераванд. Эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон яке аз нишонаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд маҳсуб меёбанд. Дар баробари ин, яке аз функсияҳои асосии давлат ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад. Давлат барои дар амал татбиқ намудани ин ҳадаф мақомоти таъқиби ҷиноятӣ таъсис дода, асосҳои поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро муайян карда, гунаҳкорӣ ва бегуноҳии шахсро исбот мекунад.

Яке аз ҳолатҳое, ки дар амалия ва назарияи илм вобаста ба муайян кардани поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон истифода мешавад, таъйин кардани экспертиза мебошад, ки ҷиноятро пурра ошкор мекунад. Дар тафтиши ҷиноятҳои ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ низ намудҳои гуногуни экспертиза, ба монанди экспертизаи тиббӣ-судӣ, экспертизаи равонпизишкӣ ва дар умум, экспертизаи комплексӣ таъйин карда мешавад. Асосҳои таъйин кардани экспертиза вобаста ба ин ҳолат қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва дархости шахсони воқеию ҳуқуқӣ мебошад. Дар асоси қарори таъйини экспертиза зарари ба саломатии инсон расонидашуда, ҳолати равонии ӯ, инчунин дигар ҳолатҳои барои тафтиши парвандаи ҷиноятӣ муҳим муайян карда мешаванд.

ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЗАИМСТВОВАННОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В СФЕРЕ ТУРИЗМА

Назарова З. А. – к.ф.н., доцент кафедры иностранных языков юридического факультета ТНУ

Каждая страна имеет свою собственную историю, культуру и язык. Таджикистан был и остается одним из привлекательных регионов экзотического туризма, куда устремлен взор истинных любителей путешествий. Для процветания этой неповторимой по красоте страны и улучшения экономической ситуации в Таджикистане в Послании Президента РТ парламенту страны прозвучала инициатива об объявлении 2019-2021 годов «Годами развития села, туризма и народных ремёсел». Индустрия туризма тесным образом связана с иностранными языками. Множество иностранных слов проникают, между тем, в нашу повседневную жизнь. К примеру, интернет-кафе, фитнес-клуб, шоу, супермаркет, саммит, конгресс, компьютер, факс, принтер и др. Иностранные языки для специалистов любой профессии – это средство коммуникации другой культуры.

Межкультурная коммуникация, то есть общение между участниками, принадлежащими к разным культурам, предполагает значительные культурно обусловленные различия в общении. Эти различия существенно влияют на эффект и исход коммуникативного события, потому что в процессе межкультурной коммуникации её участники, если хотят достичь успешного результата общения, вынуждены использовать специальные языковые варианты и дискурсивные стратегии, отличные от тех, которыми они пользуются при общении внутри своей культуры.

Важной особенностью современного туристического бизнеса является то, что его представители постоянно находятся в сфере межкультурных коммуникаций. Для успеха их профессиональной деятельности важно понимание деловых культур разных стран, учёт национальной психологии, традиций и обычаев, что напрямую связано со знанием иностранных языков.

За последние годы в общественный обиход стало входить большое количество иностранных слов – специальных терминов и понятий из области туризма, многие из

которых ранее или не были известны, или мало употреблялись в туристическом бизнесе, и, следовательно, не получили ещё чёткого толкования.

Термины для обозначения понятий туристической сферы можно условно подразделить на несколько групп:

1.Прямые заимствования, обозначающие не существующие ранее в языке реалии и приходящие в язык принимаемой туристов страны путём транслитерации.

2.Непрямые заимствования входят в язык посредством калькирования.

3.В условно третьей группе присутствуют английские слова, которые имеют термины аналоги в русском языке.

В заключение следует отметить, что несмотря на то, что такая сфера человеческой деятельности как туризм и оказание туристических услуг будет активно развиваться и, надеемся, превратится в весьма разветвлённую и перспективную отрасль, туристическая терминология должна будет найти своё дальнейшее научное изучение.

ХАРАКТЕРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ ЮРИДИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТЕКСТАХ ПРАВОВОЙ НАПРАВЛЕННОСТИ

Афзали М. К. – к.п.н., доцент кафедры иностранных языков юридического факультета ТНУ

Современный мир с его тенденцией к глобализации, объединениями и слиянием, с одной стороны, и с беспрерывно возрастающими возможностями средств коммуникации, с другой, требует все большего взаимопонимания между странами и народами. Стремление к достижению всеобщего мира и взаимопонимания ведет к увеличению количества двусторонних и многосторонних встреч, конференций, симпозиумов, что в свою очередь, приводит к созданию международных документов самого разного характера. Юридическая терминология относится к общественно–политической терминологии и непосредственно связана с правовыми документами, текстами международных договоров, законодательных актов и др. Перевод такого рода документов требует особого подхода, так как от этого зависит тождественность передачи того или иного закона.

Язык юриспруденции представляет собой совокупность специальных именований, функционирующих в сфере профессионального общения. В лингвистической литературе неоднократно подчеркивалась важная роль таких терминов. Заимствованные международные термины позволяют более четко отграничить научное понятие, ибо они лишены внутриязыковой ассоциации. Современная лингвистика подчеркивает необходимость интернационализмов как средство международного понимания людей науки, как способа наилучшей передачи понятия. Переводы международных документов включают в себя переводы договоров, конвенций, соглашений, Уставов, деклараций, меморандумов, коммюнике, правительственные указы и постановления. При работе с международными документами переводчик несет большую ответственность за точность перевода, т.к. на основе его перевода часто принимаются важные политические решения, обеспечивается аутентичность текстов договоров и соглашений и т. п.

Это правило в равной мере относится не только к точной передаче содержания документа, но и в точной передаче некоторых моментов, имеющих, несомненно, важное значение при подписании каких – либо соглашений. Например: многие резолюции международных организаций содержат нормы, рассчитанные на длительный период действия. Эти резолюции делятся на две категории. К первой категории относятся резолюции обязательные для исполнения государствами – членами, а также рабочими органами данной организации. Ко второй категории относятся резолюции – рекомендации, содержащие нормы, адресованные государствам. Каждый смысловой компонент текста может быть представлен определенным структурным компонентов: Например: The states concerned – (заинтересованные государства); treaty left open for accession - (договор, открытый для присоединения); to modify the legal effect of certain provisions of the resolution – (изменить юридическую силу отдельных положений резолюции) и др.

При переводе материалов необходимо учитывать не только лингвистические особенности, но и особенности самой тематики. Важно, прежде всего, учесть особенности функционирования выделяемых средств в текстах такого характера, т.е. определить в зависимости от характера явлений их форму, виды, сочетательные возможности, а также выделяемые особенности тематики.

СТИМУЛЯЦИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ОРИЕНТАЦИИ СТУДЕНТОВ В ХОДЕ РАБОТЫ НАД ТЕКСТОМ ИНФОРМАЦИОННОГО ХАРАКТЕРА

Шарипова З. А. – к.ф.н., старший преподаватель
кафедры иностранных языков юридического факультета ТНУ

Профессионально-ориентированный текст в юридической сфере относится к группе специальной литературы повышенной категории сложности. Этот факт объясняется многими причинами, в том числе: специфичностью и сложностью юридического языка, особенностями международного права, несоответствием стандартной терминологии в разных языках, наличием в юридическом тексте узкоспециальных фраз и оборотов речи. Язык права подразумевает связь языка и правовых норм и охватывает широкий спектр правовых отраслей. В процессе работы над юридическими текстами встаёт проблема адекватной передачи содержания юридических терминов, при этом необходимо учитывать языковые различия. Возникает необходимость в переводческих трансформациях, в частности, лексических, т.к. язык права обладает особой лексикой и имеет определенное терминологическое направление.

Термины в профессионально - ориентированных текстах отличаются от терминологий других профессиональных сфер. Критерий точности и однозначности юридической лексики не может применяться в равной степени к тому или иному языку, какой он применяется к техническим или научным терминам. Язык правовых документов приближен к специализированному языку, заимствуя из общелитературного языка основную часть своей терминологии.

Изучение языковых особенностей письменной и устной речи юридических текстов в процессе их перевода, представляет особый интерес для лингвистов, переводчиков и юристов со знанием иностранного языка.

Юридические тексты условно можно разделить на два функциональных стиля, а именно: официально-деловой и научный стиль. Официально-деловой стиль называют также административным стилем или деловой речью.

Официально-деловой стиль доминирует в области официальных деловых отношений, государственной политики, а также область права. Он используется в таких видах текстов, как государственные акты, законы, указы, постановления, договоры, инструкции, уставы, официальные сообщения, деловые письма, расписки, различные виды текстов в учреждениях (справка, заявление, отчёт и др.). Порождение текста, а также его функционирование прагматически ориентированы, поскольку любой текст, в том числе и юридический, создается при возникновении определенной целевой установки и функционирует в определенных коммуникативных условиях.

ЛИЧНОСТНО-ОРИЕНТИРОВАННОЕ ОБУЧЕНИЕ В СИСТЕМЕ ДИСТАНЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ

Бобоева М. Т. – к.ф.н., доцент кафедры иностранных языков юридического факультета ТНУ

Республика Таджикистан стремительно входит в следующий этап подготовки специалистов, который, как планируется, будет развивать и расширять профессиональную деятельность – дистанционное обучение. Процесс вхождения в кредитную систему был медленным, так как он резко отличался от классического советского образования, нужно было детально изучить не только образовательный, но в еще большей степени социальный

процесс. Для системы образования нашей страны это был сложный и вызывающий много споров период, пока нельзя утверждать, что ситуация полностью изучена и не лишена недостатков. Уже проработаны и делаются попытки реализации отдельных положений Болонской Декларации, а именно, переход на двухуровневую систему высшего образования: бакалавриат и магистратура и введена кредитная система зачетных единиц.

Введение вышеуказанных положений и глобальное использование новых информационных технологий стало основой для возникновения системы дистанционного обучения в системе образования республики.

Дистанционное обучение – это форма получения образования, заменяющая заочное отделение с применением средств информационных и коммуникационных технологий (компьютеров, телекоммуникаций, средств мультимедиа). На данный момент, к примеру, в нашем вузе в дистанционной форме обучения имеются ряд преимуществ и недостатков, что с одной стороны облегчает работу обучающего, однако, с другой стороны, затрудняет усвояемость научно-учебного материала обучаемым. Положительными моментами данного вида обучения является то, что нет необходимости по поводу непонятных студенту вопросов посещать консультации преподавателя – появилась возможность организовать общение студента с преподавателем с помощью Интернета. Обучаемому существенно быстрее доставляются указанным способом учебный материал, план работы, задания рейтингов, вопросы тестов и др. Появилась возможность повторной, после указания преподавателем недостатков при выполнении задания, сдачи выполняемой работы. Попыток повторной пересдачи у обучаемого существуют три.

Говорить о широком распространении данной технологии у нас в стране пока преждевременно, поскольку полноценная реализация дистанционного обучения требует хорошего технического и программного обеспечения обучаемых. Кроме того, требуются достаточно качественные линии связи, что на данный период является проблематичным в нашей стране. Дистанционное обучение предполагает самостоятельное обучение, что пока для наших студентов является проблемным, в особенности при освоении иностранного языка.

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ФРАНЦУЗСКИХ ИДИОМ

Газиева Х. Х. – к.п.н., доцент кафедры
иностранных языков юридического факультета ТНУ

Проблема определения понятия идиома, несмотря на достаточно длительное его использование в лингвистических трудах, до сих пор не решена. Содержание и объем значения указанного понятия все ещё не получили четкой и единой дефиниции и по прежнему остаются предметом дискуссий. Нет единства мнений и относительно терминологической фиксации единиц, называемых в разных концепциях "идиомами", "идиоматизмами", "фразеологическими единицами", "(собственно) "фразеологизмами", "фразеологическими оборотами ", " фразеолексемами "," фраземами "," фразеосочетаниями " и т. п.

При изучении языка мы нередко сталкиваемся с устойчивыми выражениями, перевести которые бывают очень трудно. Эти выражения носят название - идиомы или фразеологизмы (от греческого idioma-своеобразное выражение, собственный, свойственный) - это присущее какому - либо языку неделимое словосочетание, значение которого не вытекает из значений составляющих его компонентов. Фразеологизмы очень красочно отображают своеобразие уклада жизни, накапливают в себе все совокупность культуры и менталитета народа, уникальный способ его образного мышления, создают его языковую картину мира.

При анализе образной концепции фразеологии становится более понятным народное мировоззрение. И каждая фразеологическая единица, если она содержит культурный смысл, вносить свою лепту в общую структуру картины национальной культуры. При этом не все фразеологические единицы являются культурно-специфическими в своём значении. В основе очень многих идиом лежат выражения, которые когда-то действительно имели буквальный

смысл. Например: "Rester sans rien faire", "to let your hair down" - вести себя непринужденно, расслабиться. Это выражение происходит из тех веков, когда женщины носили сложные высокие причёски. Требовалось много усилий, чтобы сотворить такую причёску в течение дня. Вечером, перед сном, можно было наконец распустить волосы и расслабиться.

"Respirer librement "-" Вздохнуть свободно "-" Pousser un soupir de soulagement ;souffler.-"Se sentir subitement soulagé, calme".

Основополагающим элементом идиомы является эффектный образный план, который не просто благоприятствует проявлению экспрессивности, и увеличению эмоциональности высказывания, но и является действенным методом сокращения информации. Идиома позволяет создавать лаконичную образную характеристику, предоставляющую возможность кратко сформулировать сложную мысль, или дать оценку некоторому состоянию дел, поступкам людей и т. п. Например:"C'est simple comme bonjour"- это очень просто; это проще простого.

Представляем вам идиомы про характер и внешность, с переводом на русский:" C'est blanc bonnet et bonnet blanc "- это одно и то же ;

"C'est du pareil au même "- это одно и то же ;

"C'est le jour et la nuit "- говорится о совершенно разных вещах или людях, о двух противоположностях/это (как) день и ночь; (как) небо и земля ;

"C'est réglé comme du papier à la musique "- говорится о чем - либо, исход чего запланирован, известен заранее (расписано) как по нотам;

Таким образом, в системе перевода имеются много особенностей, связанных с переводом устойчивых выражений с французского языка на русский и таджикский языки. Для сохранения колоритности текста подлинника переводчику допускается вносить в текст перевода разнообразные коррективы.

Несмотря на сложность понимания и перевода идиом, их изучение является необходимым компонентом освоения французского языка. Ведь без знания устойчивых выражений, просто невозможно понимать французскую речь, смотреть фильмы и читать книги в оригинале. Использование в речи французских идиом говорит о глубоком понимании языка. Сталкиваясь с идиомой, мы можем ощутить историко-культурный опыт народа и осмыслить его. Кроме того, правильное и уместное использование устойчивых выражений придаёт речи неповторимое своеобразие, выразительность и лаконичность.

СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Шоинбеков О. – старший преподователь кафедры иностранных языков юридического факультета ТНУ

Борьба за власть как главный мотив политической деятельности не мыслима в отрыве от политической коммуникации. Коммуникация является основой управления государством, «главным механизмом, посредством которого реализуется власть в обществе». Борьба за власть в современных демократических обществах предполагает привлечение на сторону политических деятелей определенной части электората.

Успех политиков во многом зависит от того, насколько убедительно прозвучало их выступление. Несомненно, стройность речи, логичность и последовательность изложения играют немаловажную роль. Но, пожалуй, большую значимость для массовой аудитории приобретает эмоциональное выступление, способное «разжечь пламя» в душах слушателей, увлечь и повести за собой.

Арсенал средств воздействия, находящийся на вооружении политических деятелей, поистине неисчерпаем. Однако политическое выступление - это, в первую очередь, вербальное действие, предполагающее владение искусством красноречия, искусством устного слова. Данный факт определяет важность тщательного отбора лексического материала, поиска точного, меткого, оптимального для данной ситуации слова.

Особая система средств выражения политической идеологии, волеизъявления и убеждения, сложившаяся в политической коммуникации, получила в лингвистической литературе название «политический язык». Однозначное понимание данного термина окончательно не сложилось. Более того, не все лингвисты признают правомерность его введения в понятийный аппарат. Мнения ученых сходятся в том, что политика является специальной областью и имеет свой специальный словарь. Однако, по мнению Г.М. Фадеевой, понятие «специальный язык» гораздо шире понятия «специальный словарь», поскольку не ограничивается специальной лексикой, а включает также синтаксические особенности.

К ВОПРОСУ О ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ НОМИНАЦИЯХ В КОМПАРАТИВНОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

Зайниддинов С. Ф. – старший преподаватель кафедры иностранных языков юридического факультета ТНУ

В отличие от разрозненных исследований по фразеологии в рамках англо-американских традиций, фрезеология как направление отмечается высоким уровнем теоретической разработки проблематики, системностью, собственным понятием и классификацей, тщательностью структурирования изучаемого материала и большой практической ценностью (лексикографической, переводческой, учебно-методической). О высокой популярности изучения фразеологии в нашей стране можно судить по обширным библиографическим указателям работ и трудов по фразеологии. В рамках европейской традиции четко определен объект исследования -фразеологические единицы, на которых сосредоточено внимание, а учение об идиомах входит в рамки фразеологии.

В то же время, проблематика идиоматичных языковых единиц нефразеологического характера разработана в меньшей степени. Несмотря на то, что ряд ученых (А. И. Смирницкий, В. Л. Архангельский, А. А. Реформатский, С. Г. Гаврин, В. Н. Телия и др.) рассматривает такого рода единицы, их изучение, в отличие от изучения фразеологизмов, не носит столь же систематического характера. Тем не менее, их работы представляют несомненный интерес для нашего исследования. И. Е. Аничков еще в 1927 г. Предлагал называть идиоматикой “науку о сочетаниях слов”, в отличие от синтаксиса, рассматривающего “сочетания форм слов”. Идиоматика в трактовке И.Е. Аничкова не связана с идиоматичностью в традиционном, “узком” понимании (т.е. как невыводимость значения целого из значения компонентов), а характеризуется ограниченной сочетаемостью слов с другими словами.

В ее рамках рассматриваются любые сочетания слов, как устойчивые, так и неустойчивые (в современном толковании, поскольку, по И. Е. Аничкову, все сочетания слов в большей или меньшей степени устойчивы), в том числе поговорки и пословицы. Идиомы в таком понимании не местами вкрапливаются в речевой поток, а заполняют его сплошь. Л. А. Булаховский и А. А. Реформатский предлагали использование термина идиома в отношении всех устойчивых словосочетаний.

Более того, А. А. Реформатским была выдвинута концепция, согласно которой идиомами могут быть “не только лексикализованные сочетания,... но и отдельные слова, употребляемые в переносных значениях”. При этом под фразеологией у него выступает совершенно другая область исследования, а именно “слова и словосочетания, специфичные для речи разных групп населения, по классовому или профессиональному признаку, для литературного направления или отдельного автора”.

ҲИССАЧАҲОИ САВОЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Сафаров Ҳ. С. – ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ҳиссачаҳои саволӣ яке аз воситаҳои асосии ифодаи пурсиш буда, бо интонатсияи махсуси саволӣ истеъмол мешаванд. Ҳиссачаҳо яке аз ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ ба шумор рафта, ҳамчун элементҳои услуби гуфтор хизмат мекунанд. Доир ба масъалҳои чудогона ва умумии ҳиссачаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ асару мақолаҳои зиёд навишта шуда бошанд ҳам, муқоисаи онҳо дар забонҳои мазкур тадқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, то дар хусуси «ҳиссачаҳои саволӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» андешаҳои худро баён намоем.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ҳиссачаҳои саволӣ яке аз воситаҳои асосии ифодаи пурсиш буда, бо интонатсияи махсуси саволӣ истеъмол мешаванд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба ин гурӯҳ ёридиҳандаҳои -мӣ, -чӣ, -а (-я), оё, магар, наход, наход ки, на ин ки дохил мешаванд. Дар забони фаронсавӣ бошад, миқдори онҳо начандон зиёд буда, дар «Грамматикаи назариявии забони фаронсавӣ (1979)», ки ба қалами В.Г. Гак тааллуқ дорад, танҳо шакли est-ce que нишон дода шудааасту халос.

Дар грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик онҳо аз бобати ҷой ба се гурӯҳ тақсим карда шудаанд: «пешмавқеъ (оё, магар), пасмавқеъ (-мӣ), нисбатан озод (-а, -чӣ). Ҳиссачаҳои пешмавқеъ хусусияти китобӣ дошта, аз қадим маъмуланд. Ҳиссачаҳои пасмавқеъ ва озод бештар махсуси нутқи гуфтугӯӣ буда, дар нутқи шифоҳӣ ва порчаҳои диалогии адабиёти бадеӣ дучор мешаванд. Ин ҳиссачаҳо баробари ифодаи савол, ки аз вазифаи асосии онҳост, гоҳе тобишҳои гуногуни модалӣ ва эҳсосӣ (ҳайрат, тааҷҷуб, норозигӣ ва г.)-ро низ ифода менамоянд».

Ҳиссачаи -а дар аввал ва охири ҷумла омада, ҷумлаи саволиро ташкил менамояд. Халилов А. қайд менамояд, ки «ин ҳиссача низ аз қабили ҳиссачаҳои саволӣ ба шумор меравад. Бештар пас аз калимаю ибораҳои алоқаманд ва ё фикри том омада, барои ифодаи таъкиду хоҳишмандӣ хизмат мекунад. Ёридиҳандаи номбаршуда низ бо тобишу маъноҳои иловагии худ, ҳамчун як воситаи обутобдиҳандаи нутқ, ҳам дар забони адабӣ, ҳам дар забони умумӣ-гуфтугӯӣ истеъмол мешавад».

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, чунин тарзи сохтани ҷумлаҳои саволӣ дар забони фаронсавӣ тавассути инверсия сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, ҳиссачаҳои саволӣ, ҳар кадоме хусусиятҳои ба худ хос доранд ва бо ифодаи тобишҳои иловагии маъноӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин сабаб, гӯянда ва ё нависанда барои ифодаи нозукии фикр ва тобишҳои гуногуни хиссиётӣ, таъсири нутқ ва ҷозибанокии услуб онҳоро интихоб мекунад.

ЛУҒАТИ НИМТАФСИЛИИ С. АЙНӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АРАБӢ

Раҳмонзода Н. Д. – ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Доираи фаъолияти нобиғаи давру замон, алломаи Машриқзамин, мутафаккири доиратулмаориф, адиби барҷаста, асосгузори тафаккури инқилобӣ ва миллӣ-озодихоҳии тоҷикон ва тамоми тоҷикони ҷаҳон- устод Садриддин Айнӣ хеле васеъ ва доманадору густурда мебошад. Бо дарназардошти фаъолияти адабӣ, публитсистӣ, ахлоқию маънавӣ, диниву ирфонӣ ва илмии хеш дар ҳифзу покдошти забони тоҷикӣ ва бавижа забони адабии ҳозираи тоҷик низ хидматҳои устод Айнӣ бағоят бузурганд.

Устод Садриддин Айнӣ аз соли 1896 сар карда, тахаллуси Айнӣро интихоб кардааст. С. Айнӣ яке аз чеҳраҳои нотакрори воқеии фарҳангу тамаддуни тоҷик ба ҳисоб рафта, дар қарни XX шуҳрати беинтиҳоро ба худ пайдо мекунад, ки бо фаъолияти пурсамару пурмуҳтавои худ дар рушду инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик нақши муассире гузоштааст.

Мероси адабиву илмии устод Садриддин Айнӣ хеле густурда буда, эҷодиёти ин алломаи Машриқзамин то ба ҳол пурра ва ҳаматарафа тадқиқ ва мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Устод Садриддин Айнӣ ба ҳайси як нобиғаи илм ва донандаи асрори забони тоҷикӣ дасти муборак ба тадвини луғат ва луғатнигорӣ ҳам доштааст. Яъне, луғатнигорӣ низ дар фаъолияти илмии ӯ нақши муайян ва ҳалкунанда дорад ва таълифи "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик" таҳвиятдиҳандаи ин гуфтаҳост.

Таълифи "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик" соли 1938 аз ҷониби устод Садриддин Айнӣ ба анҷом расида, фарогири ёздаҳ ҳазор вожаву ибораҳои тоҷикӣ мебошад. Мусаллам аст, ки"Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и устод Садриддин Айнӣ аз ҳар ҷиҳат ҷолиб буда, донишманд бо таълифи ин луғат бевосита анъанаи луғатнависии пешинро идома додааст ва фарҳанги таълифнамудаи устод Садриддин Айнӣ аз нахустин луғатҳои қарни бистуми тоҷик ба ҳисоб меравад.

Хулоса, Луғати нимтафсилии устод Садриддин Айнӣ аз бисёр ҷиҳат ҷолиб буда, маводи муфиду зарурии забони адабии ҳозираи тоҷикро фаро гирифтааст. Омӯзиши луғати мазкур барои такмилу тавсеаи фарҳангнависӣ дар илми луғатнигории тоҷик аз манфиат холӣ нест.

ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

Сотиволдиев Р. Ш. – д.и.ҳ., профессор, мудири
кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДМТ

Инсоният дар ибтидои асри XXI бо таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонии иттилоотӣ дучор омад. Таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҷумлаи вазифаи мубрами давлати муосир мебошад, зеро таҳдидҳои имрӯзаи иттилоотӣ (ҳамлаҳои киберӣ, воридшавии ғайриқонунӣ ба системаи иттилоотӣ, паҳн намудани барномаҳои вирусии зараровар, ҷанги иттилоотӣ ва диг.) ба амнияти миллии давлат зарари ҷиддӣ мерасонанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи асосҳои бунёдии назарияи амнияти иттилоотӣ аҳамияти зиёд дорад.

Амнияти иттилоотӣ қобилияти давлат, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷомеаи шаҳрвандиро дар ҷодаи муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ, ҳифзи амнияти миллӣ тавассути захираҳои кофии иттилоотӣ дар назар дорад. Барои ҳалли вазифаи мазкур маҷмӯи тадбирҳои давлатӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ, ташкилӣ, кадрӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, иттилоотиро мебояд роҳандозӣ намуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар соҳаи рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ташкил ва такмили захираҳои иттилоотии давлатӣ, бунёд ва инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ, иттилоъгардонии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ташкили ҳукумати электронӣ, ҳифзи амнияти иттилоотӣ қабул ва амалӣ шуда истодаанд.

Айни замон таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонии иттилоотӣ имрӯз зарурати роҳандозии тадбирҳои навро бо мақсади таъмин ва ҳимояи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунанд. Таъмини амнияти иттилоотӣ заминаи рушди устувори ҷомеа, амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 маҳсуб меёбад.

СВЯЗЬ УЧЕБНЫХ ДИСЦИПЛИН ИСТОРИИ ГОСУДАРСТВА И ПРАВА ТАДЖИКИСТАНА И ВОЕННАЯ ИСТОРИЯ ТАДЖИКИСТАНА

Азизкулова Г. С. – к.ю.н., доцент кафедры
теории и истории государства и права ТНУ

При изучении истории войн необходимо учитывать политические и социально-экономические условия государств, втянутых в единый конфликт. В новейшее время наблюдается ослабление влияния национально-психологических особенностей и традиций на

развитие военного дела. Объяснение тому автор видит в двух гражданских войнах (20-х и 90-х гг.), Великой Отечественной войне, прохождении службы таджикистанцами на территории СССР, дислокации коалиционных миротворческих сил стран СНГ в Таджикистане (1993-2001гг.), создании российской военной базы, индустриализации военных действий, разработке и объединении усилий совместно с Россией на средства, формы и способы введения войны, объединении в подготовке военных кадров и т.п.

Периодизация военной истории делится на: 1) эпоху античности; 2) эпоху средневековья; 3) эпоху нового времени; 4) эпоху советского времени; 5) эпоху возрождения независимости, взяв на основу качественные отличия военной истории одного периода от другого. Возникает вопрос почему наука Истории государства и права Таджикистана делит историю становления и развития государства и права только до Октябрьской революции на 15 (18) периодов? Ибо военное дело претерпевает существенные изменения в рамках одной отдельно взятой исторической эпохи. Более того, войны и даже крупные военные сражения делятся на отдельные этапы, основа которых базируется на военно-политических результатах боевых действий на определенном отрезке времени. В данном случае подобное расхождение мнений вполне логично.

Военное дело у предков таджикского народа стояло на высоком уровне о чем свидетельствуют археологические памятники, в частности развалины древних мощных крепостных сооружений, орудия наступательного и оборонительного вооружения. Вопросы военного строительства, оружия, захоронения, социального и этнического состава вооруженных сил отражены в фундаментальном труде Б. Гафурова «Таджики». Автор отмечает роль трудов древнегреческих ученых Геродота и Ксенофонта, согдийских документов с горы Муг, «Уложения Тимура» - (военно-административного кодекса), трактата Муборакшаха «Правила ведения войны и мужества», рукописей XI в. Ш.М. Мансура и Низам-ал Мулка. Военная история Таджикистана в новое и новейшее время не совсем полно отражает вопросы военного искусства и вооружения. Своего глубокого исследования требует история второй гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.), вопросы охраны государственной границы, формирования национальной армии.

Порядок управления войсками также может дополнить знания по Истории государства и права Таджикистана, относительно государственного строя, роли армии и порядка управления ею. Важными вопросами являются средства управления боя - голоса полководца, военноначальников, звуки барабанов, знамёна, штандарты и горны. Надо полагать, что вряд ли перечисленные символы являются признаками государства наряду с публичной властью помогали и наличием права.

Небесполезно использовать преподавателями и студентами характеристику социально-экономических отношений в эпоху средневековья, где общество делилось на шесть социальных групп: знать представителей культов, воинов, торговцев, свободных работников и рабов требовало содержания дехканами знатью больших военных отрядов чакиров-профессиональных воинов, рассматривавших смерть как возвращение домой.

ҶУМҲУРИИ ОМЕХТА

Куканов А. З. – н.и.ҳ.,, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДМТ

Чунин шакли идоракунӣ аввалин маротиба дар Фаронса соли 1958 бо ташаббуси Шарл Де Голл пайдо шудааст. Бисёр вақт шакли идоракунии президентӣ–парламентӣ вомехӯрад, масалан, шакли идоракунии давлати Фаронса, ки дар он ҳукумат ҳам дар назди президент ва ҳам дар назди Маҷлиси Миллӣ масъулият дорад. Дар бисёр маврид чунин шакли идоракуниро Ҷумҳурии Мали, ки пештар мустамликаи Фаронса буд, ба худ мегирад.

Шакли идоракунии ҷумҳурии омехтаи давлатҳои гуногун дорои худ махсусиятҳои хос мебошад. Ҳамин тавр, дар Полша сарвари давлат аз соли 1990 инҷониб президент ба шумор меравад, ки бо роҳи интихоботи умумӣ ба муҳлати 5 сол ва танҳо як маротиба интихоб карда мешавад. Дар асоси Конституцияи соли 1997 президент дорои салоҳияти васеъ дар соҳаи

сиёсати ҳоричӣ ва мудофиаи мамлакат мебошад, аз ҷумла сафиронро ба вазифа таъйин намуда, онҳоро даъват мекунад, шартномаҳои байналмилалиро тасдиқ мекунад, раисони мақомоти судҳои олӣ ва қувваҳои мусаллаҳи давлатро ба вазифа таъйин мекунад, ин таъйин намудан ба вазифаҳо бо розигии сарвазир ба амал бароварда мешавад ва президент инчунин сарвазирро ба вазифа таъйин мекунад, дар мавридҳои зарурӣ метавонад парламентро пароканда намояд, ҳуқуқи вето гузоштан ба қонунҳоро дорад, метавонад сеймро қабул намояд, ҳолати ҷангӣ эълон намояд.

Сейм ва Сенат дар ҷумҳурӣ вазифаи ҳокимияти қонунгузорро ба амал мебароранд. Сейм ба муҳлати 4 сол дар асоси овоздиҳии пинҳонии умумӣ интихоб карда мешавад. Сенат низ ба муҳлати 4 сол дар асоси овоздиҳии пинҳонии умумӣ интихоб карда мешавад. Сейм аз 460 вакил ва Сенат бошад ,аз 100 сенатор иборат аст. Сейм ва Сенат бо роҳбарии маршали Сейм ҷаласаи яққоя мегузаронанд. Сейм мақомоти олии идоракунандаи давлат ба шумор меравад. Ҷумҳурии Полша Суди Олӣ, инчунин судҳои маҳаллӣ, ҳарбӣ ва судҳои махсусро дорад, ки раисони судҳо, аз ҷумла Раиси Суди Олӣ ва ноиби раиси Суди Конститутсиониро президент ба вазифа таъйин мекунад. Раисони Суди Конститутсионӣ, Суди давлатӣ ва Палатаи олии идоракунанда ва масъулиятдор оиди ҳуқуқи инсонро Сейм бо розигии Сенат ба вазифа таъйин мекунад.

Шакли идоракунии президентӣ–парламентӣ, яъне идоракунии омехта ҳам дар Ҷумҳурии Белорус низ амал мекунад. Дар асоси Конститутсияи соли 1996 дар Ҷумҳурии Белорус президент сарвари давлат ба шумор меравад. Мувофиқи моддаи 79 Конститутсияи Ҷумҳурии Белорус президент ҳамкории мутақобила ва муттасилии мақомотҳои давлатиро таъмин менамояд ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқи пароканда кардани парламентро дорад. Президент ба муҳлати 5 сол дар ососи интихоботи озод, мустақил ва пинҳонӣ аз ҷониби халқ интихоб карда мешавад. Президенти Ҷумҳурии Белорус шахсе шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Белорусро дошта бошад, синнаш на кам аз 35 бошад ва 10 соли охир дар ҳудуди Ҷумҳурии Белорус зиндагӣ карда бошад.

ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ: ТАҲЛИЛИ НАЗАРИВӢ-ҲУҚУҚӢ

Шарифзода С. Ш. – н.и.ҳ., ассистенти
кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДМТ

Функсияи иқтисодии давлат ва амалишавии он масъалаи муҳими назариявӣ ва амалӣ буда, чун анъана мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлили мутафаккирону олимон қарор дорад, зеро бидуни иқтисодиёт амалишавии дигар функсияҳои давлат (иҷтимоӣ, экологӣ, мудофиавӣ, итилоотӣ, фарҳагӣ ва ғ.) ғайриимкон аст. Функсияи иқтисодии давлат бо мақсади пешбурди манфиатҳои сиёсати хоричӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш, сайёҳӣ ва дар умум баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар амалӣ карда мешавад.

Аз ин хотир, Ҳукумати Тоҷикистон барои расидан ба мақсадҳои дар боло зикршуда, ҳадафҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

1. Амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарбахши неруи барқ;
2. Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ;
3. Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;
4. Саноатикунонии босуръати кишвар.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар фосилаи ками таърихии давраи истиқлолият барои расидан ба ин ҳадафҳо корҳои зиёде анҷом гардид, ки бештари онҳо бевосита бо ташвиқ ва ё ташаббуси шахсии Пешвои миллат ва он ҷасорату шаҳомат ва муҳаббати гарму ҷӯшони он ба миллат анҷом ёфтааст, ки имрӯз кишвар аз ҳар рӯзи дигар бештар мешукуфаду ба дастовардҳои бузурги нав ба нав ноил мегардад. Хусусан дар самти ҳадафи стратегии расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ дар кишвар бо дастуру ҳидоятҳои Президенти

мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифодаи оқилонаву сарфакоронаи захираҳои гидроэнергетикӣ сохтмону таҷдиди неругоҳҳои хурду бузурги барқии обӣ оғоз гардиданд.

Ба кор андохтани агрегати аввали НБО-и “Роғун” намунаи олии онҳост. Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ қайд карданд, ки “Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонида истодаем.

Аз ин рӯ, мебояд қайд намуд, ки бо мақсади расидан ба ин ҳадафҳои зикршуда ва амалишавии функсияи иқтисодӣ, Ҳукумати Тоҷикистон қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии муҳимро қабул намудаст. Аз он ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, таҳти №636 тасдиқ шудааст, ки дар он биниш, рисолат, ҳадаф, вазифаҳо ва роҳу воситаҳои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ пешбинӣ шудааст. Дар натиҷаи расидан ба ҳадафҳои зикршуда ва амалишавии функсияи иқтисодии давлат, проблемаҳои иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳал хоҳад ёфт.

ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОТЬ И ЕЁ РОЛЬ В ОБЩЕСТВЕ

Ибрагимов Д. К. – к.ю.н., ассистент
кафедры теории и истории государства и права ТНУ

Основных политико-правовых систем в современном мире становятся актуальной проблемой к изучению вопросов, затрагивающих безопасность как отдельной личности и общества, так и государства в целом.

В XXI веке новые угрозы таджикскому обществу и государству предъявляют принципиально иные требования и к системе обеспечения информационной безопасности, которая должна обладать свойством не только быстрого реагирования на возникающие угрозы, но и потенциалом для их предотвращения. Информационная безопасность связана с обеспечением всех сфер информации.

Не случайно последнее время регулярно поднимаются в выступлениях и посланиях Основателя мира и национального согласия – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона отмечено все большим интересом к таким категориям, как «государственная безопасность», «национальная безопасность» и «конституционная безопасность».

В процессе и реализации информационной функции государства является свойства их защиты информационного пространства, информационных сфер и их ресурсов, средств реализации информационной функции. Точное уточнение одной из фундаментальных предпосылок сильного и эффективного функционирования современного государства является обеспеченность информационной безопасностью.

Анализ юридических материалов показал, что, информационная функция государства имеет теоретическое, значительное и практическое значение. Реализации информационной функции государства является защищенность информационного пространства и информационных ресурсов, средств реализации информационных функций. В одной из современных условиях эффективного функционирования современного государства является обеспеченность информационной безопасности.

Слово безопасность в юридической науке и литературе всегда имело очень важное значение тому же информационная безопасность всегда играла важную роль в обществе и в государстве. Для каждого общества безопасность ассоциируется с обеспечением нормальных условий труда, быта, отдыха, т.е. основных прав гражданина.

В Республике Таджикистан принят ряд нормативно-правовых актов, которые регулируют безопасность. В Законе Республики Таджикистан «О безопасности» от 27.11.2014

г., №1137. выделяется несколько укрупненных направлений (видов) безопасности, имеющие особое значение в масштабах государства: военная или оборонная, экономическая, социально-политическая или общественная, экологическая и информационная.

В современных условиях вырастает роль и значение информации, таким образом, информация становится одним из решающих факторов развития личности, общества, государства. Поэтому вполне естественным является стремление к обладанию информационными ресурсами, средствами, технологиями и их использованиями в целях достижения собственных интересов и противодействия интересам вероятных конкурентов.

Проведенное исследование позволяет сформулировать следующие итоговые выводы: возлагается ряд ответственностей за решение, как системно- образующих проблем общества, государственной, информационной и конституционной безопасности, так теоретико-прикладных проблем, таких, как информатизация, систематизация категориального аппарата в данной области. Следует также сделать вывод о необходимости более серьезного и внимательного отношения к таджикским законодателям о проблемах информационной безопасности, государственной и конституционной безопасности, их комплексного и системного законодательного обеспечения в контексте выработки оптимальных законодательных средств и противодействия соответствующим угрозам.

ХУСУСИЯТҲОИ МУНОСИБАТҲОИ СОҲАИ ТАҲСИЛОТ

Мирзозода Ф. С. – аспиранти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДМТ

Масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилот ва хусусиятҳои он дар тӯли солҳо мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони ҳуқуқшинос қарор гирифтааст. Дар замони шӯравӣ муносибати таҳсилотӣ асосан ҳамчун объекти танзими маъмурию ҳуқуқӣ арзёбӣ мешуд. Ин арзёбӣ хусусияти ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои онро ба назар мегирифт, ки зери таъсири бевоситаи ҳуқуқи маъмурӣ амалӣ мегардид. Бо вуҷуди ин хусусиятҳои хоси “Муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба таълим ва тарбия” ва танзими қонунгузории он дар давраи шӯравӣ мавриди таваҷҷуҳи донишмандони соҳа қарор гирифта, баъзе паҳлуҳои назарию амалии он мушаххас карда шудааст. Бештари донишмандон ба он сабаб муносибатҳои маъмурию- ҳуқуқиро шарҳ додаанд, ки муносибат на дар ҷараёни амалисозии давлат, балки байни шаҳрвандон ва идораҳои иҷтимоиву давлатӣ ба вуҷуд омада, чун муносибати хусусияти давлатӣ ва расмидошта пазируфта мешуд. Чунин фаҳмиш имконеро фароҳам овард, ки муносибати маъмурию ҳуқуқӣ метавонад бе иштироки идораҳои ҳукумати давлатӣ байни субектҳое, ки яке тобеи дигаре нест, ба миён ояд.

Г. А. Дорохова чунин ҳисобидааст, ки истифодаи ваколати ҳукуматӣ на ҳамавақт ба тобеият, ба бор кардани иродаи идорашаванда ба идоракунанда равона карда шудааст. Ин донишманд ба сифати мисол муносибати педагогиро зикр мекунад, ки ин муносибат дар асоси меъёри маъмуриву ҳуқуқӣ ба миён ояд ҳам, хусусияти идоракунӣ надошта, бе иштироки идораи ҳукумати давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ин замина хидмати муҳаққиқи рус В.М.Сырых дар таҳқиқ ва коркарди асосҳои назарию методологии омӯзиши муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи таҳсилотӣ бузург буда, натиҷаҳои тадқиқоти вай имкон фароҳам овард, ки тасаввурот дар бораи нопуррагии муносибатҳое, ки дар соҳаи маориф ба вуҷуд меоянд ва хусусияти комплексии қонунгузории таҳсилот зери шубҳа гузошта шавад. Муҳаққиқони дигар ба таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои нисбатан ҷузъии танзими ҳуқуқии ин ё он соҳаи таҳсилот маҳдуд будаанд.

Хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи маорифро муҳаққиқон ба таври алоҳида ва ҳам ҳангоми таҳлили махсусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳаёти маданӣ таҳқиқ ва арзёбӣ кардаанд. Мо дар боло назари баъзеи ин муҳаққиқонро аз назар гузарондем. Ҳоло ки дар роҳи муайян намудани моҳияти масъалаи мавриди назар шарҳи истилоҳи “ҳуқуқи таҳсилотӣ” муҳим ба назар мерасад, ин масъаларо ба таври алоҳида ва муфассал аз назар мегузаронем.

Дар заминаи андешаҳои назарӣ ва амалии ёдшуда ва мушоҳидаҳои шахсӣ, инчунин, хусусиятҳои нисбатан муҳимми методи танзими ҳуқуқиро ба сурати зер метавон зикр кард.

1.Истифодаи методҳои императивӣ ва императивӣ–диспозитивии танзими муносибатҳои таҳсилотӣ.

2.Махсусияти вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои таҳсилотӣ.

3.Дастраси умум ва ройгон будани таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ, ҳамчунин миёнаи умумии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ.

4.Ягонагӣ ва тафриқаи (дифференсиатсия) танзими меъёрӣ–ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии таҳсилотӣ.

5.Мувофиқати назорати давлатӣ барои сифати таҳсилот бо мухторияти муассисаи таҳсилотӣ, озодӣ ва дигарандешӣ дар таҳсилот.

6.Махсусияти фаъолияти ҳуқуқӣ дар ҷараёни амал ва ҷамъбасти аттестатсияи хонандагон.

7.Махсусияти истифодаи масъулияти ҳуқуқӣ барои амалҳои ғайриқонунӣ дар муносибатҳои таҳсилотӣ ва тартибот дар соҳаи таҳсилот.

ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАРИМА АЗ НИГОҲИ НАЗАРИЯИ УМУМИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСАТИ ҲУҚУКИ ҶИНОЯТӢ

Аҳадзода А. А. – унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ

Ҷазо чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъин карда мешавад. Он нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, татбиқ гардида, аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс иборат мебошад.

Ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин, пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ мешавад.

Тибқи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ҷарима, дар аксарияти ҳолатҳо барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна пешбинӣ гардидааст. Ҷарима нисбат ба намудҳои дигари ҷазоҳо афзалияти зиёдтарро доро мебошад, ки он таъсироти ҷиддии худро ба маҳкумшуда бо мақсади пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав аз ҷониби ӯ амалӣ карда мешавад, ки қисми муайян ва дахлдори маблағи пулии ӯро меруёнад.

Ҷарима хусусияти таъсиррасонии руҳониро ба шахси маҳкумшуда дорад ва оқибатҳои муҳими моддиро ба миён меорад, ки барои аксар ҷиноятқорон таъсири ҷиддии худро мерасонад.

Таҳлили таърихи ташаккулёбиии ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима нишон медиҳад, ки он дар ҳама давру замони инкишофи ҷомеа ва давлат амал менамоянд. Инкишофёбии он танҳо дар ҷодаи васеъгардонии доираи кирдорҳои ҷиноятие, ки барои он ҷарима татбиқ мегардад, ифода ёфтааст.

Ҷарима ба намуди ҷазои молумулкӣ дохил мешавад, ки он бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ мегардад.

Намуди ҷазои мазкур дар низоми ҷазои ҷиноятӣ нисбатан инсондӯстона буда, аз рӯи хусусият ва нишонаҳои худ баҳри барқарор намудани адолати иҷтимоӣ равона гардидааст. Дар амалияи судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҷарима ба фоидаи давлат пардохт гардида, маблаг ё худ зарари ба ҷабрдида расонидашуда барқарор намегардад, ки дар чунин ҳолат оид ба адолати иҷтимоӣ сухан рондан иштибоҳ мебошад.

Барқарор намудани адолати иҷтимоӣ воқеӣ ба ҳисоб меравад, агар суд имконияти қонуниро ҳангоми таъин кардани ҷазо дар намуди ҷарима барои ҷинояти содиргардида, ки бо молумулк алоқаманд мебошад, пайдо намояд ва онро якҷоя бо маблаги зиёни расонида шуда ба манфиати ҷабрдида руёнад.

Мо пешниҳод менамоем, ки ҷарима бояд барои ҷинояти содиргардида дар ҳамбастӣ бо зарари аз ҷиноят расонидашуда муайян ва руёнида шавад.

Одатан ҷарима дар санксияҳои ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва миёна ба назар мерасад. Таҳлили моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, ки дар онҳо ҷазои ҷарима пешбинӣ гардидааст, нишон медиҳад, ки охирон барои ҷиноятҳо хатари на он қадар калон дошта, ба

ҷамъият муқаррар карда шудааст. Қонунгузор ҷаримаро ба сифати чораи ҷазо барои кирдори муайяни ҷиноятӣ муқаррар намуда, аз он бармеояд, ки амалигардонии мақсадҳои ҷазо дар чунин ҳолатҳо метавонад тавассути таъин намудани ҷарима ба даст оварда шавад. Лекин бо назардошти гуногунрангии ҳолатҳои ҷиноятӣ, қонунгузор дар аксарияти ҳолат ҷаримаро тавассути ҳаволанамои ба дигар намудҳои ҷазо пешбинӣ намудааст.

Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз самтҳои таъмини амнияти криминологӣ баромад менамояд ва дар эътироф кардани алоқамандӣ ва ба ҳам вобастагии появии муқаррароти асосии он бо сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин сиёсати пешгирии ҷиноятқорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, пешбинӣ мешавад.

СИЁСАТИ ЭКОЛОГӢ ДАР ШАРОИТИ ЗОҲИР ГАРДИДАНИ ТАҲДИДҲОИ ЭКОЛОГӢ СИЁСАТИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАҲҚИҚОТ

Ҳалимзода Д. Д. – н.и.с., мудири кафедраи такмили ихтисоси
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вақтҳои охир равандҳои ҳамгироии кишварҳо дар самти мубориза бар зиддӣ таҳдидҳои нави экологӣ ба назар мерасанд. Дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон низ ниҳодҳои байналмилалие пайдо гардидаанд, ки дар чаҳорчубаи худ самтҳои нави таҳқиқоти илмиро ҳамчун соҳаи фаъолият ба миён овардаанд. Дар амалияи сиёсӣ равандҳои мазкурро бештар ҳамгирои экологӣ низ меноманд, ки ҳангоми таҳияи принсипҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, мутавозин ва сиёсати миллии давлат дар чаҳорчӯбаи сиёсати экологии кишварҳо ба амал бароварда мешаванд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир баррасии самтҳои мухталифи сиёсати экологии давлат ҳамчун объекти таҳқиқот мубрамияти хос дошта аз ҷониби доираҳои мухталифи илмӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Махсусан бояд тазаккур дод, ки рушду инкишофи инжинерияи генӣ як қатор муаммоҳои глобалиро барои инсоният ба бор овардааст, ки онҳоро дар чаҳорчӯбаи сиёсати экологии мамлакат баррасӣ намудан мувофиқи мақсад аст.

Муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои хоссӣ сиёсати экологӣ ҳамчун объекти таҳқиқот аз ҷониби илмҳои сиёсӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор дода мешавад. Таъмини рушди устувори кишварҳоро бе дарназардошти манофеи экологӣ тасаввур намудан ғайриимкон буда омӯзиши амиқи илмиро дар илмҳои ҷомеашиносӣ тақозо дорад. Зеро инсоният захираҳои табииро дар ҷараёни истеҳсолот самаранок истифода намуда ба дастовардҳои назарраси иқтисодию иҷтимои ноил мегардад. Аз ин рӯ, дар шароитии тараққиёти босурати ҷаҳонӣ амалисозӣ ва роҳандозии сиёсати экологӣ барои ҳар як давлат, ки ба таъмини рушду инкишофи устувор равона шудааст характери стратегӣ дорад. Илова бар ин таҳдиду хатарҳои нави глобалии экологи аз қабили партовҳои зиёди экологӣ, аз байн рафтани ҷангалзорҳо, зиёд гардидани ботлоқзорҳо, тағйирёбии иқлими сайёра ва дигар муаммоҳои муосири экологӣ доираҳои мухталифи илмиро то андозае нигарон сохтааст. Махсусан масъалаҳои бехатарии экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ зарурияти омӯзиши самтҳои афзалиятноки сиёсати экологиро дар доираҳои илмҳои сиёсӣ бештар гардонидааст.

Бояд зикр кард, ки сиёсати экологӣ барои ҳар як давлат ҳамчун самти афзалиятноки иҷтимоию сиёсӣ аҳамияти хос дошта, сиёсат ва табиатро дар пайвастагии мутақобила қарор медиҳад. Махсусан, зоҳир гардидани муаммоҳои экологӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамгироии экологиро ба миён овардааст. Сиёсати экологии давлат барои беҳтар намудани шароити экологии ҳаёти ҷомеа, саломатии инсон, баланд бардоштани сатҳи дарозумрии инсонҳо ва инчунин барои нигоҳ доштани канданиҳои зеризаминии мамлакат равона мегардад. Нигоҳ доштан ва самаранок истифода намудани бойгариҳои зеризаминӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини сиёсати экологии кишварҳо маҳсуб мегардад. Дар маҷмӯъ сиёсати экологии давлат робитаи мутақобилаи институтҳои мухталифи сиёсиро бо табиат танзим менамояд. Инсон ва табиат бо ҳамдигар алақамандии зич дорад. Инсон дар оғуши табиат ба воя

мерасад ва то лаҳзаи марг бо он ҳамсафар мебошад. Аз ин рӯ, муносибати нек намудан бо табиат яке аз вазифаҳои муқаддастарини инсони комил мебошад. Дар навбати худ давлату миллатҳоро низ бидуни табиат тасаввур намудан ғайриимкон аст. Давлат ҳамчун институти марказии системаи сиёсии ҷомеа муносибати бевоситаи худро бо табиат дар чаҳорчубаи сиёсати экологӣ танзим намуда, вобаста ба он стратегияҳои мушаххас коркард менамояд. Табиат манбаи асосии рушду тараққиёти давлат буда, афзалиятҳои худро барои қонеъ намудани талаботҳои моддии шахс, ҷомеа ва давлат равона менамояд. Дар заминаи мазкур хама гунна ресурсҳои фоиданоку зеризаминие, ки дар қаламрави мамлакат ҷойгиранд обекти сиёсати экологӣ мебошанд.

НАҚШИ ҲИМОЯТГАР ДАР МУРОФИАИ МУБОҲИСАВӢ

Ғанизода У. Ғ. – ассистети кафедраи
ҳуқуқи суди ва назорати прокурории ДМТ

Дар замони истиқлолияти давлатӣ, баъд аз қабули Конституцсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) ба масъалаи расонидани ёрии ихтисосмандонаи ҳуқуқӣ муносибат комилан дигар гашта (м. 19, 92),дар ин самт дар мактабҳои олии кишвар тадқиқотҳои илмӣ ба анҷом расонида шудааст.

Барои дуруст сарфаҳм рафтан ба ҳуқуқи шахс ба истифодаи ёрии адвокат ва кафолати давлатӣ ба ёрии ихтисосмандонаи ҳуқуқӣ мо бояд ба муқаррароти моддаҳои 19 ва 92 Конституцсияи ҶТ, м.14 Паймони байналмилаллӣ дар бораи ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ (1966), Қоидаҳои умумӣ дар бораи нақши адвокат (1990) ва Тавсияҳои умумии Кумитаи ҳуқуқи инсони СММ оид ба ин масъала диққат диҳем. Чунки имконият ва қобилияти инсон оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манбаҳояш ҷанбаҳои шахсӣ дошта, аммо масъулияти таъмин намудани он ба кори оммавӣ–ҳуқуқӣ табдил ёфта, ин ҳуқуқ аз қабили ҳуқуқҳои шахсӣ маҳсуб ёфта, вале бо ҳуқуқи ҳимояи судӣ алоқамандии зич дорад. Ҳарчанд муттахассисони зиёд ва ҳатто санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – ҳуқуқ ба ёрии адвокатро бо мавҷудияти парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд менамоянд, ки ғалат нест, вале аз ин ҳам чораи муҳим ва аз лиҳози мазмун васеътар кафолати давлатии таъмин намудани ёрии ихтисосмандонаи ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст (м. 92 Конституцсияи ҶТ).

Аз мазмуни моддаи 92 Конституцсияи ҶТ ва муқаррароти м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” бармеояд, ки ёрии ҳуқуқӣ ба ашхоси воқеӣ ва юридикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи адвокатура расонида мешавад. Аз ин рӯ таъинот ва вазифаи умумии прокуратураро таъмин намудани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва юридикӣ ташкил менамояд. Ёрии ҳуқуқӣ бо роҳҳои гуногун расонида мешавад, ба монанди додани маслиҳат, тавзеҳот, маълумоти шифоҳию хаттӣ оид ба масъалаҳои юридикӣ, ба ҷо овардани вазифаи намояндагӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандию маъмурӣ ва иҷро намудани функсияи ҳимоячӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ. Вобаста аз фаъолияти адвокатӣ дар самтҳои гуногун, вазифаҳои хусусии адвокатураро низ ҷудо намудан мумкин аст.

Мисол, ҳангоми додани маслиҳати шифоҳӣ, хаттӣ ва ё тартиб додани ариза амали адвокатҳо, характери ғайрифаъол дошта, адвокатура вазифаи кӯмаки ҳуқуқиро иҷро менамояд. Вале вақте ки адвокатҳо ҳангоми мурофиаи ҷиноятӣ оид ба қатъ намудани кори ҷиноятӣ, бекор намудани ҳабси пешакӣ ё сафед намудани судшаванда дархосту кӯшиш менамоянд, амали онҳо характери фаъол дошта, онҳо вазифаи ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ваколатдиҳандаро иҷро менамояд.

Дар шароити имруза кори расонидани ёрии ҳуқуқиро пеш аз хама адвокатура метавонад ба дараҷаи лозима иҷро кунад, чунки нисбати касби адвокати талаботҳои баланд ба мисли доштани маьлумоти олии ҳуқуқи собиқаи дусолаи корӣ аз рӯи ихтисос, супоридани имтиҳони тахассусӣ ва доштани одоби хамидаи касбӣ пешниҳод карда мешавад. Мавҷудияти ин талаботҳо кафолат медиҳанд, ки ёрии адвокатӣ ёрии ихтисоснок бошад

ФАКУЛТЕТИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

САМТҲО ВА ПЕШОМАДҲОИ ҲАМКОРИҲОИ ТАҲСИЛОТИИ ТОҶИКИСТОН

Самиев Х. Д. – н.и.т., дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДМТ

Дар низоми ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистон ташаккул ва рушди ҳамкориҳои кишвар дар соҳаи таҳсилот барои ворид шудани мамлакат ба системаи ягонаи таҳсилотии ҷаҳонӣ аҳамияти хоса касб кардааст. Тавре маълум аст, яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои байналхалқии гуманитарии Тоҷикистон дастгирии ҳамаҷонибаи системаи маориф мебошад. Низоми таҳсилотии устуворшуда дар кишвари мо ҳарчи бештар вусъати шаклҳои гуногуни ҳамкориҳоро дар сатҳҳои балакавриат, магистратура ва докторантура талаб дорад, то ки соҳибони ин дараҷаҳои таҳсилот дар бозори меҳнат ва рақобат ҷавобгӯи талаботҳои ҷаҳонӣ бошанд. Ва дар ин самт бештар ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ бо шарикони аврупоии мо намунаи назаррасе шуда метавонанд.

Бояд ёдовар шуд, ки аз рӯзҳои аввали устувор шудани робитаҳои ҳамаҷониба байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо соҳаи таҳсилот аз самтҳои афзалиятнок эътироф шуд ва Иттиҳоди Аврупо як силсила барномаҳоро, аз қабили ТЕМПУС, ЕРАСМУС МУНДУС ва Эрасмус+ пешниҳод ва роҳандозӣ кардааст. Ҳадафи аслии барномаҳои Иттиҳоди Аврупо мусоидат ба муосиргардонии минбаъдаи раванди таҳсилот дар Тоҷикистон буда, амалӣ кардани як силсила чорабиниҳоро дар роҳи ташаккули стандартҳои байналхалқӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ пешбинӣ мекард. Бо назардошти авомили зикршуда ва натиҷаҳои бадастомада метавон гуфт, ки таҷрибаҳои ба даст омада, баҳри таҳкими низоми нави таҳсилот дар кишвар ва беҳтар ворид шудани он ба низоми ҷаҳонӣ самараи хуб хоҳад дод:

1. Ҷорӣ кардани низому усули таҳсилоти аврупоӣ барои амиқу устувор гардидани раванди ислоҳоти низоми маориф ва илм ва бо стандартҳои ҷаҳон наздик кардани он шароити мусоид фароҳам меорад;
2. Раванди татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои муштараки таҳсилотӣ бештар аз дараҷаи мудирият, яъне идораи раванди тайёр кардани заминаҳои ҳамкорӣ, фароҳам овардани базаи моддӣ-техникӣ, мусоидат ба таъмини ҷараёни таҳсил бо устодону кормандони соҳибтаҷриба ва забондон вобастагии бештар дорад;
3. Гуфтан мумкин аст, ки татбиқи чунин лоиҳаҳои ҳамкориҳои муштарак бо шарикони аврупоӣ дар соҳаи таҳсилот барои тадриҷан гузаштани донишгоҳи мо ва дигар макотиби олии мамлакат аз аккредитатсияҳои байналхалқӣ замина фароҳам меорад, ки яке аз самтҳои асосии ислоҳот ва рушди таҳсилоти олӣ шинохта шудааст.

ПАРТНЕРСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ В ОБЛАСТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Нуриддинов Р. Ш. – д.п.н., профессор, заведующий кафедрой международных отношений ТНУ

Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон неоднократно подчёркивал, что инициатива Председателя КНР уважаемого Си Цзиньпина "Один пояс, один путь" перекликается с идеей создания Центрально- азиатского партнёрства, которое именно и предполагает "интеграцию интеграций", то есть тесное сопряжение идущих в Центральной Азии различных двусторонних и многосторонних интеграционных процессов.

Республика Таджикистан заинтересована в самом плотном взаимодействии со всеми региональными партнёрами на основе незыблемых принципов уважения суверенитета, прав и законных интересов каждого государства.

Концепция "Один пояс, один путь" имеет общие корни, основывается на понятных всем принципах и ценностях: естественном стремлении народов «жить в мире и согласии»,

иметь свободный доступ к достижениям современной науки и инновационного развития, при этом, сохраняя свою культурную и духовную самобытность. Другими словами, нас объединяют действительно стратегические и долгосрочные интересы.

Можно выделит шесть приоритетных направлений стратегии Китая в Центральной Азии в сфере региональной безопасности: противодействие терроризму, сепаратизму, экстремизму; обеспечение безопасности пограничных регионов Китая; поддержание общей стабильности в регионе ЦА; участие в экономическом развитии региона; недопущение влияния других государств и военно-политических блоков, занимающих антикитайскую позицию; доступ к энергетическим ресурсам региону Центральной Азии.

Взаимоотношения КНР со странами региона ЦА имеет смысл рассматривать с точки зрения "Большой стратегии Китая", главной частью которого является концепция "идти вовне" и концепция "мирного возвышения".

Ключевой задачей Китая в Центральной Азии является создание зоны безопасности на северо-западных рубежах КНР. Центрально азиатский регион с учетом афганского, индо-пакистанского факторов остается зоной повышенной нестабильности, где остро переплетаются различные проблемы: от использования природных и людских ресурсов, до межгосударственных и этнических противоречий. Специфика геополитического расположения региона делает его с одной стороны объектом нападения экстремистских группировок, а с другой стороны - ЦА служит буферной зоной для КНР и России.

НИЗОЪҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ВА ШАКЛҲОИ ҲАМКОРИҲО ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ

Нуриддин П. Р. – н.и.с., дотсенти
кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДМТ

Пеш аз баррасӣ намудани масъалаи ҷанг ва низоъҳои байнидавлатӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ бояд мафҳумҳои низоъи сиёсиву хориҷӣ ва сиёсиву байналхалқиро аз ҳам ҷудо кард. Низоъи сиёсиву хориҷӣ ҷузъи таркибии низоъи сиёсиву байналхалқӣ мебошад. Субъекти низоъи байналхалқӣ метавонанд на танҳо давлатҳо, балки созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатии байналхалқӣ, ташкилотҳо ва созмонҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ- сиёсӣ бошанд. Ба ибораи дигар, низоъи байналхалқӣ аз нигоҳи таркиби иштирокчиёни он мафҳуми васеътар аст.

Низоъ - ин амали хасмонаи тарафайни иширокчиёни он мебошад, ки дар натиҷаи зиддияти манфиатҳои онҳо ба вуҷуд меояд. Низоъ, метавонад хислати якҷониба дошта бошад. Мисли ҳар гуна низоъ, низоъи сиёсӣ—хориҷӣ бо хусусиятҳои хоси зерин тавсиф мешавад:

-динамика;
-шумораи иштирокчиён;
-миқёси паҳншавӣ;
-шиддат;
-суръати амали низоъ.

Низоъи сиёсиву хориҷӣ аз рӯи шумораи иштирокчиён чунин гурӯҳбандӣ мешавад: дуҷониба, бисёрҷониба ва эътилофӣ.

Бояд таъкид намуд, ки ҷанбаи ҳуқуқӣ доштани эътилоф ҳаргиз дарозмуддат будани он, хусусан, дар давраи ҷангро кафолат намедиҳад. Масалан, сарфи назар аз ҷанбаи ҳуқуқӣ доштани эътилофи зиддигитлерӣ он ошкоро муваққатӣ буд ва аломатҳои барҳам хӯрданаш ҳанӯз дар марҳалаи поёнии зиддиятҳои ҷаҳонӣ зоҳир шуда буд. Ҳамин ки душмани умумӣ — Германияи гитлерӣ торумор шуд, эътилоф барҳам хурд. Ҷанбаи ҳуқуқӣ доштани эътилоф амалан, нақши боздорандаро бозӣ накард.

Ба вуҷуд омадани доираи васеи созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ натиҷаи рушди ҳамкорӣ дар тамоми сохторҳои байналхалқӣ мебошад. Онҳо, яъне созмонҳои ғайридавлатии байналхалқӣ метавонанд дар марҳалаҳои гуногуни ҳамкорӣ ба вуҷуд оянд ва табиист, ки самтгирии вазифавии гуногун доранд. Гузашта аз ин, онҳо метавонанд дар ҷараёни раванди

музокирот шакл гиранд. Барои ин табдили Машварат доир ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мисол шуда метавонад, гарчи ин то ҳадди муайян истисно аз қоидаи умумӣ мебошад, чунки дар он ҷо ҷанбаи муайяни ҳамкорӣ ҷой дошт.

ОСНОВНЫЕ ПРИОРИТЕТЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ПО ОТНОШЕНИЮ К ЕВРОПЕЙСКОМУ СОЮЗУ

Басиров Б. С. – старший преподаватель
кафедры международных отношений ТНУ

В начале XXI столетия, в условиях глобализации наступило время для качественно нового партнерства между Республикой Таджикистан и Европейским Союзом (ЕС).

"Соглашение о партнерстве и сотрудничестве между ЕС и Таджикистаном" и документ "Европейский Союз и Центральная Азия: Стратегия нового партнерства", содержат положения, которые способствуют развитию прав человека и демократизации в странах, не являющихся членами ЕС.

Представительство ЕС в Таджикистане в настоящее время осуществляет "Многолетнюю индикативную программу на 2014-2020 годы", которая является основой для развития сотрудничества между ЕС и Таджикистаном. В рамках этой программы сотрудничество между ЕС и Таджикистаном за этот период будет охватывать три основных приоритета:

-развитие сельских районов;

-здравоохранение;

-образование и профессиональная подготовка.

В 2014 году ЕС стал пятым крупнейшим торговым партнером Таджикистана после Китая, России, Казахстана и Турции, с удельным весом в 10,1% в его общей внешней торговле. ЕС в основном импортировал из Таджикистана алюминий, текстиль и текстильные изделия, а также сельхозпродукты. Основные статьи экспорта ЕС в Таджикистан были машины, транспортное оборудование, химическая и сельскохозяйственная продукция, в том числе продукты питания и напитки. Кроме того, ЕС является важным партнером по экономическому развитию Таджикистана посредством реализации региональных и национальных проектов помощи.

Для сотрудничества, в целях развития, разработаны и приняты Страновая стратегия и Многолетняя программа её реализации на 2014-2020 годы, которые предусматривали предоставление пакета финансовой помощи стране на общую сумму в 251 миллион евро или ежегодно в среднем 35 миллионов евро, что по сравнению с предыдущей программой является 80-процентным увеличением общего объёма финансовой помощи.

Сокращение бедности, а также устойчивый и всеобъемлющий экономический рост остаются основными вызовами в регионе Центральной Азии и в частности в Таджикистане. Эти вызовы обусловлены увеличивающимися потребностями молодого и быстрорастущего населения, которое занято поиском больших и лучших возможностей в сфере образования и экономики.

На период 2015-2019 годов ЕС принял специальный "План действий в поддержку прав человека и демократии". Этот план содержал 97 мероприятий, которые в основном касались вопросов прав человека и демократии. И документ "Стратегические рамки в области прав человека и демократии", принятый в 2012 году, и текущий "План действий" являющийся основанием для деятельности в области прав человека.

Сотрудничая с Таджикистаном, Европейский Союз стремится реагировать на эти вызовы и акцентирует своё внимание на поддержке реформ в сфере образования, здравоохранения и устойчивого развития сельских регионов.

ЭКСТРЕМИЗМ ВА МАФКУРАИ «ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ»

Ғайратов Ф. А. – муаллими калони
кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДМТ

Тағйиротҳои тайи даҳсолаҳои руй дода моро муътақид бар он месозад, ки бар асари омилҳои гуногуни объективӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна неруҳои сиёсиву иҷтимоӣ бо такя ба мафкури исломгароӣ вазъи сиёсиву иҷтимоии кишварҳоро ноором сохта, дар сададі хароб кардани пояҳои давлатдориҳои дунявӣ дар фурсати муносиб эҷоди давлатдории хеш бо усулу методҳои исломӣ мебошанд. Бахусус баъди зуҳури давлати ба ном исломӣ дар Сурия гурӯҳҳои ифротгарову террористӣ руҳу илҳоми тоза гирифта бо дастгирии ҳамдигарӣ ба амалӣ кардани ғояҳои харобиовари худ даст задаанд. Силсилаи адабиёту маълумоти расмии интишоргашта далолат бар он доранд, ки азҳоби ифротгарои наҳзати исломӣ, ки таҷрибаи бойи фаъолияти сиёсӣ ва ҳам диди конструктивӣ дар мавриди пешрафт ва шукуфоии ҷомеаи муосир надоранд, маҷбуранд дар фаъолияти хеш аз усулу равишҳои устодон ва ҳомиёни хориҷии худ истифода баранд.

Фаъолияти ҳизбу гуруҳҳои ифротгарои минтақа аз қабили «Ҳизбуллоҳ», «ХАМАС», «Ҷунбиши Толибон», «Ал-Қоида», «Давлати Исломӣ», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ҳаракати исломии Узбекистон», «Салафия», «Ҷабҳат-ан-нусра», «Ҳизби наҳзати ислом» нишон медиҳад, ки дар роҳи татбиқи ҳадафҳои худ ин созмонҳо аз усулу равишҳои зиёд ва ба ҳама монанд истифода мебаранд. Аз ҷалби ҷавонон ба таҳсил дар макотибу мадориси диниву мазҳабии тамоил ба “мафкураи исломгароӣ” дошта, то дастгириии молиявиву ғоявии онҳо, таъсиси ҳар гуна фондҳо ва ҷамъиятҳои хайрия, ташкили муассисаҳои хусусии қарздиҳӣ, паҳн кардани адабиёти мазмуну мундариҷаи ифротгароёна дошта, баргузории “нишастҳо ва симпозиумҳои миллӣ”, дар зери ниқобу шиорҳои бо ном “демократӣ” ҷустани дастгириву ҷонибдорӣ аз ҳомиёни номниҳоди “демократия” – давлатҳои ғарб ва Амрико ва созмонҳои ҳукумативу ғайриҳукуматии онҳо ва ниҳоят ба хотири амалӣ кардани ҳадафи ниҳоии худ – эҷоди давлати исломӣ таъсис додани созмонҳо ва гуруҳҳои ифротгарову террористӣ дар ҷумҳуриҳои тозаистиқлол– намунаи фаъолияти ин гуруҳҳо баҳри ҷорӣ ва густариши мафкураи “давлати исломӣ мебошад.

Тавре таҷрибаи талхи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, амалҳои террористӣ, бетартибиҳои оммавӣ ва ташаннуҷи иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ ва Аврупо мардуми аз сиёсат ва мафкураи исломгароӣ бехабарро ҳушёр накардааст. Онҳоро он амр ҳам ҳушёр накардааст, ки мафкураҳои мазкур асосҳои ҳуввияти миллӣ ва соҳибихтиёрии давлатиро барҳам мезананд, зеро арзишҳои миллӣ ва бузургтарин дастоварди ҳар миллат – давлати миллиро эътироф надоранд ва барои исломгароёни сиёсӣ манфиатҳои миллӣ арзиш надошта, балки ҳадафи эҷоди хилофат волост ва барои ин ҳадаф омодаанд миллат ва давлати худро қурбон кунанд.

ЭНЕРГЕТИЧЕСКАЯ ДИПЛОМАТИЯ В КОНТЕКСТЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Файзуллоев К. С. – ассистент кафедры
международных отношений ТНУ

Хотя энергетическая дипломатия Таджикистана имеет не давнюю историю, но год за годом, данный вид дипломатии в нашей республике развивается и привлекает региональных акторов. Энергетическая дипломатия в региональной политике Таджикистана имеет специальное место и будущее страны в какой-то степени зависит и от энергетики, особенно от гидроэнергетики.

Так как Таджикистан богат гидроэнергетическими ресурсами, и сейчас уже разрабатывается много программ по экспорту электричества в странах Южной Азии. Из других видов энергоресурсов, например, нефти и газа наша республика отстает от Узбекистана, Казахстана и Туркменистана, а что касается Киргизии, то от этой страны мы

отстаем только по запасам нефти, а по запасам природного газа мы превосходим Киргизию. В этих отраслях Таджикистан последние годы активно сотрудничает с Россией, Китаем, Канадой, Казахстаном и с другими государствами. Но нашему правительству предстоит все больше сотрудничать и привлекать зарубежных компаний, которые занимаются нефтегазовой промышленностью.

Еще в начале 90-х годов Исламская Республика Пакистан интересовалась развитием энергетики Таджикистана. Об этом свидетельствуют переговоры между Таджикистаном и Пакистаном по строительству Рогунского ГЭС. До 2000 и 2005-х годов экономика Таджикистана была в тупике из-за гражданской войны. После восстановления и консолидации внутренней и внешней политики, Таджикистан стал на пути устойчивого развития страны. В своей внешней политике Таджикистан всегда предпочитает и стремится иметь дружественное, взаимовыгодное и доброкачественное отношение с соседними странами.

То есть региональная политика Таджикистана направлена на сближение и интегрирование стран региона. И в данном случае энергетический фактор играет ключевую роль, так как сейчас сотрудничество Таджикистана с соседними странами в энергетической сфере находится в хорошей стадии. Энергетическая дипломатия Таджикистана по отношению с центрально-азиатскими государствами заключается в том, что все эти страны должны активно сотрудничать между собой по этой сфере и решать внутренние проблемы только на двустороннем формате. Особенно остро стоит проблемы водораздела и строительства гидросооружений в регионе.

ВКЛАД КИТАЯ В ПОДГОТОВКЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ КАДРОВ ТАДЖИКИСТАНА

Мирзоев Х. Т. – ассистент
кафедры международных отношений ТНУ

С момента установления дипломатических отношений между Таджикистаном и Китаем начался огромный прогресс двустороннего политического торгово-экономического сотрудничества, также становятся все более активнее Китайского-Таджикские языковые и культурные отношения. Основа для таджикско-китайского сотрудничества в сфере образования была заложена в марте 1993 г. во время первой в истории встречи руководителей Таджикистана и Китая. По ее итогам была подписана Совместная декларация об основных принципах взаимоотношений между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой.

В ней было отражено стремление Сторон «содействовать расширению сотрудничества между двумя странами в таких областях, как наука и техника, образование. К основным причинам роста популярности и желания таджикской молодежи изучать китайский язык и получить образование в Китае относятся: во-первых, динамично развивающееся многовекторное сотрудничество и партнерство между РТ и КНР. Китай входит в лидирующую тройку внешнеторговых партнеров Таджикистана; во-вторых, исторически, начиная со времен Великого шелкового пути, и географически, Таджикистан и Китай тесно связаны между собой; в-третьих, в последние годы наблюдается постоянно растущий интерес обеих сторон к развитию не только торгово-экономических связей, но и укреплению культурногуманитарного сотрудничества, что гарантирует прочную взаимосвязь между двумя странами. Все эти усилия направлены на то, чтобы будущие выпускники китайскых вузов работали на благоустройство и развитие Таджикистана и Китая.

ФАЪОЛИЯТИ ҲАРАКАТҲОИ ИФРОТӢ ВА ТУНДГАРОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Фаридаи Н. – унвонҷуи кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДМТ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ҳанӯз соли 2017 қайд намуда буданд, ки: «дар гӯшаҳои гуногуни олам нооромиву низоъҳо идома ёфта, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун айёми душвору пуртазод эътироф гардид. Дар ин давра зиёда аз сад давлати дунё мавриди амлаҳои ғайриинсонии террористон, ифротгароён ва тундгароён қарор гирифтанд». Дар воқеъ, ин зуҳуроти номатлуб дар замони муосир хатари ҷиддие барои инсоният ба бор овардааст, ки аксарияти кишварҳои ҷаҳонро фарогир аст. Ифротгароӣ ва терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа таърихи хеле тӯлонӣ дорад ва олимону сиёсатмадорон вобаста ба он таҳлилҳои гуногуну ҷолиб доранд, ки дар маҷмӯъ ҳама онро маҳкум менамоянд.

Тибқи иттилоии Маркази омӯзишӣ масъалаҳои терроризм «Jane's Information Group» дар соли 2018 дар ҷаҳон 15,3 ҳазор амали террористӣ содир гардидаанд. Дар соли 2017 бошад, ин нишондод ба 8 584 баробар буду миқдори аз ҳамаи ками амалҳои террористӣ дар соли 2012 ба қайд гирифта шудаанд, ки ба 6771 баробар буд.

ОШКОР НАМУДАНИ НУҚСОНИ ЗАЪФИ ИТТИЛООТ

Нуриддинова М. Р. – аспиранти
кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДМТ

Дар марҳалаи таҳлил дар иттилоот метавонад ҳалқае нарасад, ки инро нуқсонӣ ё нуқтаи заъфи маълумот меноманд. Дар ҷараёни фаъолият мо ҳама вақт бо нуқсонҳо дар иттилоот дучор мешавем ва ошкору қайд намудани онҳо амали маъмулӣ аст. Як қисми нуқсонҳо натиҷаи таҳқиқоти нокифоя мебошад, ки онҳоро бояд хатарнок ҳисоб карда, то таҳлили ниҳоӣ бартараф намуд. Ин ибора забонзада шудааст, ки «иттилоот ҷаҳонро идора мекунад». Ва ҳар шахсе донад, ки ҳар гуна объект дар кучо қарор дорад, ӯ вазъиятро назорат карда метавонад. Ва агар ҳамин андешаи забонзада амалӣ мешуд, шояд бархурди ҳавопаймоҳоро пешгирӣ кардан муяссар мешуд.

Аммо қисми дигари норасоии иттилоот, масалан ягон ҷузъе, ки бо гуноҳи корманд афтида бошад, шояд аз тарафи таҳлилгар ошкор карда нашавад ва ба ин хотир боз ҳам хатарнок мебошанд.

Бисёр мутахассисон бо мушкилии бас кардани ҷамъоварии иттилоот дучор мешаванд, зеро ба онҳо чунин менамояд, ки ана ҳозир, иттилооти аз ҳама муҳимму нав, ки ҳама чизро равшан мекунад ва тамоми нуқсониҳоро пур менамояд, мерасад. Албатта, дар зиндагӣ чунин ҳодиса хеле кам рӯй медиҳад. Бинобар ин, таҳлилгар наметавонад вазифаи худро беинтиҳо ба таъхир андозад. Лаҳзае фаро мерасад, ки ӯ бояд эътироф намояд, ки маълумоти кофиро барои таҳлил ҷамъоварӣ кардааст. Графика ва муҳлати ниҳоии кор муҳаққиқро водор менамояд, ки дар бораи кофӣ будани иттилоот қарор қабул намояд ва баъзан, барои ин ӯ бояд ба ақли солим такя намояд.

Байни мафҳумҳои «иттилооти нопурра» ва «нуқсон дар иттилоот» баъзе фарқиятҳо аст.

Нуқсонӣ иттилоотро ошкор намуда, таҳлилгар бояд нақши онҳоро барои таҳлили пешакӣ муайян намояд. Бо вуҷуди ин, бе омӯзиши ҳадафи таҳлил наметавон хулосабарории дуруст кард. Масалан, агар вазифаи санҷиш муайян кардани ин бошад, ки оё журналист манбаи иттилооти махфӣ мебошад, ҳатмӣ нест донем, ки журналист кадом донишгоҳро хатм кардааст. Аз сӯйи дигар, агар мо робитаи журналистро бо унсурҳои бунёдгаро муайян карданӣ бошем, дар ин сурат, иттилоот дар бораи солҳои таҳсили ӯ фавқулода муҳим буда метавонад.

Барои ошкор намудан ва бартараф кардани нуқсонҳои иттилоот дар ниҳоят, ҳалли вазифаи гузошташуда нақш мебозад. Таҳлилгарони ботаҷриба машварат медиҳанд, ки

беҳтар аст варианти аввали санад боҷуръат, бе таваққуф навишта шавад ва барои маълумотҳою далелҳои намерасидагӣ ҷой гузошта шавад. Баъдан ҳуҷҷатро бори дигар аз назар гузаронида, маълумоту далелҳои навро илова карда, ҳамаи навиштаҳо бояд аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ гардад. Ҳангоми ислоҳ ва таҳрири санад бояд ин ҳақиқати маълумро дар назар гирифт.

СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ГОСУДАРСТВАМИ ЧЛЕНАМИ ОДКБ В СФЕРЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Назарова Ф. – аспирант кафедры международных отношений ТНУ

В Стратегии Организации договора о коллективной безопасности (ОДКБ) на период до 2025 года отмечено, что одним из основных факторов, отнесенных к современным вызовам и угрозам коллективной безопасности ОДКБ, является стремление к достижению стратегических целей с использованием силы, в том числе и информационного давления, использование информационных и коммуникационных технологий в целях оказания деструктивного воздействия на общественно-политическую и социально-экономическую обстановку, манипулирования общественным сознанием, применения информационных технологий в так называемых «комплексных» или «гибридных» технологиях. Международная информационная безопасность в последние годы стала объектом пристального внимания ОДКБ. Согласно ст.8(3) Устава ОДКБ «государства-члены взаимодействуют в сферах охраны государственных границ, обмена информацией, информационной безопасности».

При этом под информационной безопасностью традиционно понимается состояние защищенности личности, общества, государства и их интересов от угроз, деструктивных и иных негативных воздействий в информационном пространстве. Как отмечается в Концепции информационной безопасности Республики Таджикистан, под информационной безопасностью понимается состояние защищенности национальных интересов в информационной сфере, определяющихся совокупностью сбалансированных интересов личности, общества и государства. Прежде всего, для рассмотрения сотрудничества Республики Таджикистан в рамках ОДКБ в области обеспечения информационной безопасности необходимо остановиться на следующих моментах: понятие информационной безопасности; правовые основы сотрудничества государств–членов ОДКБ в сфере информационной безопасности; наиболее актуальные направления сотрудничества государств–членов ОДКБ в области информационной безопасности.

Суммируя итоги анализа сотрудничества Республики Таджикистан в рамках ОДКБ в сфере обеспечения информационной безопасности, можно выделить следующие направления деятельности:

1) техническое обеспечение информационной безопасности;

2) научное и кадровое обеспечение информационной безопасности;

3) информационное взаимодействие компетентных органов по вопросам информационной безопасности;

4) обеспечение достоверности, доступности и объективности информации в рамках информационно-телекоммуникационного пространства государств–членов ОДКБ, а также защиты секретной информации;

5) правовое обеспечение информационной безопасности;

6) противодействие преступлениям, совершаемым с применением современных информационных технологий и использованию национальных сегментов сети Интернет в противоправных целях;

7) противодействие угрозам информационной безопасности государств–членов ОДКБ, которые имеют военно-политический характер.

ПРИГРАНИЧНЫЕ КОНФЛИКТЫ В ФЕРГАНСКОЙ ДОЛИНЕ: ПРИЧИНЫ И ИХ ПОСЛЕДСТВИЯ

Олимов М. А. – д.и.н., профессор
кафедры зарубежного регионоведения ТНУ

За постсоветский период в Ферганской долине, разделенной между тремя государствами - Таджикистаном, Узбекистаном и Кыргызстаном, возникли многочисленные территориальные и пограничные конфликты. Исследование показало, что кроме старых проблем – перенаселения, острого малоземелья, водных споров, появились новые проблемы, возникшие уже после распада СССР и суверенизации. К общим проблемам, характерным для всех приграничных территорий следует отнести безработицу, которая на начальном этапе развития постсоветских государств была вызвана структурной перестройкой рынка труда в связи с переходом к рыночной экономике и остановкой промышленных производств. Население вернулось к традиционным занятиям, т. е. занялось сельским хозяйством, что резко увеличило потребность в земле и воде. По мере развития новых суверенных государств уровень безработицы не снижался. В результате земледельцы – таджики и узбеки продолжали распахивать новые земли, расширять сады и посевы. В то же время кыргызы оставили земледелие и начали возвращаться к традиционному для них скотоводству.

Очевидно, что за прошедшие четверть века важнейшие маркеры, определяющие и структурирующие общества, - этничность, гражданство, территориальность претерпели коренную трансформацию. Причем эта трансформация шла разными путями в отдельных страновых частях Ферганской долины. В результате идентичности и представления об этнической территории имеют различное наполнение, более того, враждуют между собой. В целом, следует признать, что усилия государств, и международных организаций направленные на снижение конфликтности, сводятся к стратегии максимально возможного обеспечения инфраструктурной, транспортной и энергетической независимости приграничных сообществ друг от друга. Они рвут взаимозависимость сообществ, разводят их по разные стороны границы.

В результате граждане всех стран все реже контактируют между собой. Сокращается торговля, рвутся связи, растет недоверие, все выше стена непонимания и вражды. Акции международных организаций в виде совместных ярмарок, фестивалей дружбы, семинаров, молодежных лагерей, совместных пловов не спасают положения. Поиск выхода из этой тяжелой и запутанной ситуации, по общему мнению, может быть успешным только благодаря разработке новых стратегий управления конфликтами, координированным действиям властей всех уровней, учитывающим позиции и интересы местных сообществ.

НИГОҲЕ БА МУНОСИБОТИ МИЛЛӢ ДАР АФҒОНИСТОН: РАҚОБАТ ВА МУБОРИЗАҲОИ СИЁСӢ

Маҳмадшоев Р. – д.и.т., профессори
кафедраи минтақашиносии хориҷии ДМТ

Аз ҳамон оғози ба сари қудрат омадани пуштунҳо дар соли 1747 ва ишғоли замин ва мулкияти тоҷикон ва аҳвоми дигари ғайрипуштун сафҳаи нав дар муносиботи байниқавмӣ ва қабилавӣ бозгардид, ки рӯйи ҳамрафта хислати мухолифату хушунат ва рақобатро ба худ касб кард. Баъдан, дар солҳои 80-90 асри XIX, дар замони ҳукумати амир Абдурраҳмонхон (1880-1901), дар асари сиёсати фишор, таъқиб, табъиз, наслкушӣ ва табъиди мардуми шиамазҳаби ҳазора муносиботи байни пуштунҳо ва аҳвом ва қабоили ғайрипуштун боз ҳам бадтар гардида, бар замми ин мухолифатҳои қавмӣ– қабилавӣ моҳияти динӣ-мазҳабӣ гирифтанд.

Дар солҳои 20–30-ми асри XX, дар асари муҳоҷир намудани қабоили пуштун/афғон ба самти шимол ва ҷойгузин намудани онҳо дар заминҳои тоҷикон, ҳазораҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо ва муҳоҷирати иҷбории онҳо ба заминҳои камҳосил ва беоби ҷануб сабаби боз

ҳам муташанниҷ шудани муносиботи байниқавмӣ ва байнимиллӣ гардид. Акнун ба мухолифатҳои қавмӣ–қабилавӣ ва байнимиллиятӣ зиддиятҳо ва мухолифатҳои динӣ-мазҳабӣ илова шуда, дар солҳои 90–ми асри XX ба задухӯрдҳо ва муборизаи шадиди сиёсӣ мубаддал гардид.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамзамон бо рушду такомули ҳаракатҳои миллатҳои ғайрипуштун дар ин давраи таърихӣ заъфу инқироз ва мухолифатҳои дохилипуштунӣ тавсеа меёфт, ки оғози онҳо ҳанӯз аз ташаккули давлати афғонҳо маншаъ мегирифт. Дар имтидоди таърих рақобатҳо ва мухолифатҳо, чи дар байни муддаиёни тахти шоҳӣ ва чи дар байни хонҳои қавму қабоили пуштунӣ як амри одӣ ба шумор рафта, дарбори шоҳони афғон маҷбур буд, ки ё хонҳо ва қабоили саркашро саркӯб намояд ва ё нафақа, маош ва сабукиҳои молиётӣ дода, онҳоро ёр ва дамсози худ гардонад. Аммо ин тадобир низ пеши роҳи рақобатҳо ва мухолифатҳои байни аҳвом ва қабоили пуштунро, ки барои чарогоҳ, замин, об байни ҳам задухурдҳои хунин мекарданд, гирифта наметавонист. Дар ин росто, бахусус, мухолифати ду қабилаи бузурги пуштунҳо – Дурруниҳо ва Ғилҷоиҳо қобили таваҷҷуҳ аст.

Чунин ҳолати этносиёсӣ на ба нафъи пуштунҳо ва на ба нафъи роҳбарони хориҷиашон буд. Бинобар ин, ҷиҳати истирдоди қудрат ва ишғоли ҷойгоҳи пешини этносиёсии пуштунҳо як силсила иқдомоти мафкуравӣ, аз қабили барномарезии идеологии бартарияти пуштунҳо нисбат ба дигар миллатҳои сокини кишвар, таҷдиди сиёсати муҳоҷиркунонии навини пуштунҳо ба самти шимол, бароҳандозии ҳаракати даҳшатафканӣ ва зиддиинсонии “Толибон” аз ҳисоби пуштунҳои ҳарду тарафи “Хатти Дюранд” ва ғ. рӯйи даст гирифта шуд.

Дар партави шакли этникӣ гирифтани муборизаҳои сиёсӣ дар солҳои 90–уми асри XX мухолифатҳои этникӣ шакли асосии муборизаи иҷтимоӣ ва сиёсиро ба худ касб карда, тамоми соҳоти зиндагии иҷтимоиро фаро гирифтанд. Масалан, дар раванди сохтмони давлатӣ, ташаккули ниҳодҳои қудрати давлатӣ ва идораи он зиддиятҳои ҷиддии этникӣ бармало гардида, ба заъфи ниҳодҳои нави қудрати давлатӣ ва дар маҷмӯъ давлат оварда расонид. Зиддият ва мухолифатҳои этномиллӣ, махсусан қабули Қонуни асосиро мушкил месохт. Масалан, пешниҳоди шакли ҷумҳурии президентӣ боиси мухолифати шадиди намояндагони ақаллиятҳои миллӣ гардид, ки зидди тамаркузи қудрати сиёсӣ дар дасти президенти пуштун ва тарафдори шакли идораи парлумонӣ буданд. Баъд аз баҳсҳо ва гузаштҳо созиш ба даст омад, ки тибқи он дар Афғонистон шакли президентии давлатдорӣ боқӣ монда, аммо раиси ҷумҳур ҳақ надорад, ки парлумонро пароканда намояд ва ҳайати ҳукуматеро, ки ӯ пешниҳод менамояд, бояд парлумон тасдиқ намояд.

Аммо парлумон ҳам ҳаққи импичменти президентро надорад. Ҳамчунин баҳсу мунозираҳо дар бораи шакли давлатдории федеролӣ ва истифодаи забонҳои миллӣ шиддат мегирифт. Ин буд, ки дар муборизоти пешазинтихоботии Лоя ҷирга барои қабули Қонуни асосӣ ва интихоботи президентии соли 2004 намояндагони мардумӣ аз нигоҳи таборӣ ба ҷабҳаи пуштунӣ ва ғайрипуштунии бо ҳам мухолиф мунқасим шуда, тамоми миллатҳо ва аҳвоми кишвар номзадони худро барои ишғоли курсии раиси ҷумҳур пешбарӣ намуданд. Аммо, тавре маълум аст, дар натиҷаи тақаллубкорӣ намояндаи аҳвоми пуштун Ҳомид Карзай дастболо шуда, намояндаи тоҷикон Ю.Қонунӣ мақоми дувум (16,3%), намояндаи ҳазораҳо М.Муҳаққиқ мақоми савум (11,6%), ӯзбекҳо А.Дустум ҷойи чорум (10%)–ро ишғол карданд.

СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТҶАМЪӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ҲАМКОРИҲОИ АМНИЯТӢ

Розиқов Ф. М. – н.и.т., дотсент, мудири
кафедраи минтақашиносии хориҷии ДМТ

САД созмони ҳарбию сиёсӣ буда, хусусияти мудофиавӣ дорад ва барои ҳамроҳ шудани аъзои нав, ки пайрави ҳадафҳо ва принсипҳои он мебошад, кушодааст. Созмон дар асоси эҳтиромии ҳатмии истиқлолият, иштироки ихтиёрӣ, баробарҳукукӣ ва ӯҳдадориҳои

кишварҳои аъзо, дахолат накардан ба корҳои дохилие, ки ба салоҳияти қонунгузории миллии кишварҳои аъзо вобаста аст, фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Таҳкими сулҳ, амнийт, суботи байналмиллалӣ ва минтақавӣ, ҳимояи истиқлолият, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии кишварҳои аъзо дар асоси дастҷамъӣ, ҳадафҳо ва принсипҳои асосии созмон эътироф карда шудаанд ва ҷиҳати дастёбӣ ба онҳо, кишварҳои аъзо ба истифодаи воситаҳои сиёсӣ афзалият медиҳанд. Кишварҳои СААД мавқеи сиёсатӣ хориҷии худро нисбати мушкилоти амнияти байналмиллалию минтақавӣ мувофиқ ва ҳамоҳанг мекунанд ва пеш аз ҳама аз абзорҳои машвараті истифода мебаранд ва саъю кӯшишҳои худро дар мубориза бар зидди терроризми байналмиллалӣ, эстремизми динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва маводӣ психотропӣ, аслиҳа, ҷиноятi муташаккилонаи фаромарзӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар таҳдидҳои амнияти давлатҳои аъзо муттаҳид месозад.

Ин аҳднома дар санаи 15 майи сол 1992 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон имзо шуд. Имзокунандагони ин аҳднома кишвари Арманистон, Қазокистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Русия буданд. Ҷумҳурии Озарбойҷон 24 сентябри соли 1993, Гурҷистон 9 декабри соли 1993, ва Ҷумҳурии Белорус 31 декабри соли 1993 ин аҳдномаро имзо намуданд ва аҳдномаи мазкур аз 20 апрели соли 1994 расман фаъолияташро оғоз кард.

ЗАРУРАТИ КОРКАРДИ КОНСЕПСИЯИ «ҶАҲОНИ ТОҶИКОН»

Мамадазимов А. – н.и.с., дотсенти
кафедраи минтақашиносии хориҷии ДМТ

Таҳкимёбии ҳаёти соҳибихтиёрии давлати тоҷикон ва таърихи бепаҳнои гузаштагони худ моро водор месозад, ки мо оид ба саҳифаҳои норавшани ниёгони худ аз нав назар афканда, маълумотҳои навро ҷустуҷу намуда, онро ба хонандагони ватанӣ ва бурунмарзӣ пешкаш намоем.

Ба назари банда яке аз омилхои дар ин самт қарордошта, ин коркарди консепсияи “ҶАҲОНИ ТОҶИКОН” буда, он ба мо имкон медиҳад, ки ба саҳифаҳои норавшани таърихи миллӣ равшанӣ андозем. Ҷахони тоҷикон, ки он ҳудуди як ё ду давлат не, балки минтақахои гуногуни Шарқро фаро мегирифт, инъикос ёфтааст. Вароруд макони азалии ниёгони тоҷикон буда, аз ин минтақа аз оғози асри V пеш аз милод муҳоҷирати онҳо оғоз ёфтааст. Дар давраи баъдин ниёгони мо марҳила ба марҳила минтақаҳои гуногуни Шарқро, чун Ҳафтруд, ҳавзаи дарёи Тарим, Тибет, шимоли Ҳиндустонро аз худ намуда, дар он чо садҳо шаҳрҳо сохта, даҳҳо давлатҳои кучак ва бузургро бунёд намудаанд ё идора намудаанд. Ин омилҳои таърихӣ имкон дод, ки дар давраи давлати абарқудрати Сомониён унсурҳои сиёсати “ҶАҲОНИ ТОҶИКОН” коркард шуда, дар давраи баъдин он дар чорчубаи дигар давлатҳо - меросхӯрони давлати Сомониён (то дуюмин даҳсолаи асри ХХ) дар ҳаёт татбиқ карда шудааст.

РЕГИОНАЛИЗАТСИЯ ҲАМЧУН ПАДИДАИ НАВИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ФАРОМИНТАҚАВӢ

Пайвандов Х. Б. – муаллими калони
кафедраи минтақашиносии хориҷии ДМТ

Дар низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ хусусиятҳо ва паҳлуҳои гуногуни сиёсӣ-геополитикӣ ва иқтисодӣ-тиҷоратӣ, амниятӣ-стратегӣ ҷойгир мебошанд. Махсусан, ба таври баръало раванди ҷаҳонишавӣ ҷараён дошта, зерравандҳои минтақагароӣ ва ҳамгироӣ ҳамқадами он мебошанд. Дар ин радиф, раванди регионализатсия ё минтақагароӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ аҳамияти хоса дорад. Аз ин рӯ, вақтҳои охир дар адабиётҳои илмӣ бештар бо мафҳумҳои “регионализми глобалӣ”, “регионализатсияи глобалӣ” ва ё худи регионализатсия вохӯрдан мумкин аст, ки ҳамчун регионализатсияи муносибатҳои байналхалқӣ арзёбӣ мегардад.

Дар ҳоле, ки чунин падидаҳо аз раванди ҷаҳонишавӣ пайдо шуда, мубрамияти он маҳз дар ҳамин қарина ба назар мерасад. Мафҳуму мазмуни соддаи раванди регионализатсия рӯ овардани кишварҳо ба минтақаҳои худ мебошад. Зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ ташкили иттиҳоди давлатҳо, муттаҳидшавӣ ва самаранок истифодабарии имкониятҳои табиӣ дар доираи манфиатҳои муштарак ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ мушоҳида мегардад.

Мақолаи мазкур ба таҳлили минтақагароии глобалӣ ҳамчун падидаи рушди муносибатҳои фаромминтақавӣ бахшида шудааст. Муаллиф мафҳуми мазкурро дар қаринаи глобалистикаи сиёсӣ таҳқиқот намуда, фазои ҷаҳони имрӯзро ҳамчун сохтори сесатҳа дида мебарояд. Аҳамияти раванди минтақагароии глобалӣ дар замони муосир дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ зарурату аҳамияти хоса дорад ва маҳз сабаби пажӯҳиш низ аз ин иборат мебошад. Чунин раванди объективӣ, аз як тараф, қисми ҷудонашвандаи раванди ҷаҳонишавӣ, аз тарафи дигар, пайомади ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад.

Дар маҷмӯъ, минтақагароии глобалӣ шакли нави ниҳодгардонии ҷаҳониро муйаян намудааст. Ҳамзамон, дар раванди муосири ҷаҳонишавӣ кишварҳо ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии раванди мазкурро ба назар гирифта, бо назардошти ду зарурат

ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ДАР МИСОЛИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН

Шарипов С. С. – ассистенти кафедраи минтақашиносии хориҷии ДМТ

Шарикии стратегӣ, ҳамчун хислати маъмули муносибатҳои байнидавлатӣ то ҳол ба таври васеъ ва дар шакли умум мавриди таҳлилу омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар ҳоле, ки он метавонад маҳз барои ин ҷойгоҳ талош намояд. Тавре таҷриба нишон медиҳад, маҳз шарикии стратегӣ дар муқоиса ба дигар шаклҳои муносибатҳои байнидавлатӣ дорои хислат ва фарқиятҳои зиёд мебошад, ки паҳлуҳои қавӣ ва заъфи онро муайян менамояд.

Таҳлили санадҳои бунёдии сиёсати хориҷӣ, матнҳои дипломатӣ ва нашрияҳои васоити ахбори омма шакли гуногунии мафҳуми шарикии стратегиро пешниҳод менамоянд. Дар баъзе мавридҳо ин ибора ҳамчун шакли нутқ дар самти ифода намудани сатҳи баланди ҳамкорӣ миёни давлатҳо дар сиёсати хориҷӣ истифода мегардад.

Мазмуни мушаххаси мафҳуми "шарикии стратегӣ" номуайян аст, ва он маҳз аз кадом навъи шарикон ва ҳолати онҳо вобаста ба мақсадҳои дар доираи шарикии стратегӣ дар наздашон гузошташуда вобастагӣ дорад.

Дар амалияи муносибатҳои байналхалқӣ баъзан мафҳуми шарикии стратегӣ ҳамчун рамзӣ истифода мегардад. Дар ин маврид он ба хислати муносибатҳо алоқа надошта, ҳамчун воситаи дастгирии маънавии кишварҳои заиф аз ҷониби кишварҳои бузург мебошад.

Шарикии стратегӣ дар забони муносибатҳои байнидавлатӣ ва матни ҳуҷҷатҳои муштарак вомехӯрад, аммо ин ҳуҷҷатҳо на ҳама вақт хислати ҳуқуқӣ ва ҳатмиро доранд. Қарори қатъӣ дар чаҳорчубаи шарикии стратегӣ инъикоси худро дар аҳдномаҳои махсус ва созишномаҳо ёфтааст, ки натанҳо хислати сиёсӣ, балки уҳдадориҳои байналхалқии ҳуқуқӣ доранд. Вобаста ба қабули ҳуҷҷатҳо, ки бевосита унвони шарикии стратегиро доранд ё мазмунан ин унвонро вобаста ба моҳияти муносибатҳо касб намудаанд, метавон якчанд мисолҳо овард.

Масалан, имрӯз Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ панҷ кишварро ҳамчун шарики стратегӣ қарор дода, бо аксари онҳо маҳз созишномаҳои шарикии стратегиро имзо кардааст, ки яке аз онҳо “Аҳднома дар бораи шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 14 сентябри соли 2015, ба ҳисоб мераванд, ки бо унвони шарикии стратегӣ номгузорӣ нагардидаанд, аммо моҳияти шарикии стратегиро миёни кишварҳо таҷаассум менамояд.

Маҳз бо дарназардошти тамоюлоти нав дар шароити муосир ва таъсири он ба муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон вазъи муносибатҳои онҳоро ба таври зерин муайян намудан мумкин аст:

Ташаккули нуфузи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар сатҳи байналхалқӣ;

Боло рафтани муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ ва расидан ба сатҳи шарикии стратегӣ, 14 сентябри соли 2015.

Рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни кишварҳо, агар соли 2000 табодули мол миёни ду кишвар 88,1 млн долларро ташкил диҳад, пас ин нишондод дар соли 2019 ба 900 млн. доллари ИМА баробар гардид, ки аз рӯйи ин нишондод Қазоқистон дар тиҷорати хориҷии Тоҷикистон баъд аз Россия ҷойи дуюмро ишғол менамояд.

Таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқӣ миёни кишварҳо аз 50 ҳуҷҷат дар соли 2007 то ба 103 адад дар соли 2016 расид, ки он ба таъмини устувори муносибатҳои кишварҳо дар тамоми соҳаҳо мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, инъикоси ҳамкориҳои мунтазам рушдёбанда, омили таҳкими наздикӣ ва баромадан ба сатҳи шарикии стратегӣ миёни ду кишвари ба ҳам дуст гардидаанд. Ин сатҳи муносибат на танҳо барои рушду тақвияти ҳамкории кишварҳо, балки умқи ҳамгироӣ ва субот дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат менамоянд.

КОНСЕПСИЯИ «ҚУВВАИ НАРМ» ҲАМЧУН ОМИЛИ СИЁСАТИ ФАРОМАРЗИИ МУОСИР

Аҳмадов С. А. – докторанти PhD-и
кафедраи минтақашиносии хориҷии ДМТ

Дар давраи муосири муносибатҳои байналмилалӣ бо дарназардошти дигаргуниҳои таърихӣ, таҳлили равандҳои сиёсӣ ва фаъолияти сиёсатмадорони нав, бахусус усулҳои густариши нуфузи онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ беш аз пеш аҳамият пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, роҳандозии дурусти сиёсати хориҷӣ бо назардошти «қувваи нарм» дар саҳнаи байналмилалӣ нақши муҳим мебозад.

Консепсияи «қувваи нарм» воситаи таъсиррасонӣ ба рафтори одамонро дар дигар кишварҳо тавассути «захираҳои ғайримоддии ҳукуматӣ» дар назар дорад, ки он аз воситаҳои «қувваи дурушт » (қувваи ҳарбӣ, пулу сарват) фарқ мекунад. Ба ақидаи Ҷ. Най, «қувваи нарм»-и кишварҳо аз се омил иборатаст:

1) «қувваи нарм» - и фарҳангӣ, (cultural soft power) эътирофи байналмилалии мероси фарҳангии давлат; тавсеаи муоширати байнидавлатӣ; паҳн кардани забони миллӣ; ҷалби сайёҳон;

2) «қувваи нарм»- и арзишҳои сиёсӣ, (political values soft power) ин як низоме мебошад, ки манфиатҳои давлатро инъикос мекунад ва ба онҳо ғамхорӣ ё тағйирот дар муносибатҳои сиёсӣ зоҳир менамояд.

3) «қувваи нарм»- и сиёсати хориҷӣ (foreign policy soft power) рушди сиёсӣ, муассисаҳои демократӣ; ҳимояи ҳуқуқи инсон;

Афзалиятнокии «қувваи нарм» дар фасоҳат ва ноустувории он ифода меёбад, он ҳамчун шакли ҳокимият мутаҳаррик буда, ба шароити тағйирёбанда ба осонӣ мутобиқ мегардад. Чуноне ки муаллифи чиноӣ Лю Тзайтс зикр менамояд: «Дар оянда «қувваи нарм»-и диданашаванда ва эҳсоснашаванда ба ҳар ҷо ва дар ҳама ҷо роҳ меёбад ва қобилияти васеъшавӣ дорад». «Қувваи нарм», аз рӯи фаҳмиши Ҷ. Най - ин қобилияти ноил гаштан ба мақсадҳои зарурӣ тавассути на фишор овардан, балки ҷалб кардан ба шумор меравад. Ин неру бештар ба ҷолибияти фарҳангии давлат асос меёбад.

Дар шароити кунунӣ «қувваи нарм» ба омили муайянкунандаи тасаввуроти муваффақонаи давлатҳои хурд дар саҳнаи ҷаҳонӣ табдил меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти мероси бойи таърихӣ ва нақши тамаддунсози абармардони худ метавонад «қувваи нарм»-ро барои таъмини манфиатҳои миллӣ ва ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ мавриди истифода қарор диҳад.

БАЪЗЕ МАХСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКӢ ДАР ТАРҶУМАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Начмиддинов А. Ф. – н.и.ф., дотсент,
мудири кафедраи мутолиоти аврупоии ДМТ

Тарҷума яке аз равандҳои басо мураккаб ба шумор рафта, дар ҳаёти имрӯза бештар ба назар мерасад. Ҳангоми тарҷумаи маводҳои забони англисӣ ба тоҷикӣ ва ё баракс, як қатор нофаҳмиҳои грамматикӣ пеш меояд, ки тарҷумони пуртаҷриба бояд аз ӯҳдаи он сарбаландона барояд.

Барои мисол метавон баъзе аз он номувофиқатҳои грамматикиро пешниҳод намуд:

Ҳангоми тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо тарҷумон бояд аз таъриху фарҳанги забонҳои А ва Б (яъне забони асл ва забони тарҷума) хуб бархӯрдор бошад.

There is no place like home. East or West home is best.

Хоки ватан аз тахти Сулаймон беҳтар.

В гостях хорошо, а дома лучше.

Дар ду мисоле, ки дар боло бо забони англисӣ пешниҳод намудем, дар ягон лаҳза номи «Сулаймон» қайд нашудааст, вале дар тарҷумаи тоҷикӣ зирк гардида мешавад. Агар мисоли қайдкардаро бо забони англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ муқоиса намоем, ҳар се як маъно дошта, дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ хусусиятҳои қофиясозии худро гум менамояд.

Тарҷумаи пуркунандаи мураккаб.

Дар забони англисӣ пуркунандаи мураккаб хусусияти хос дошта, баъди феълҳои (to watch, to notice, to see, to hear) меоянд. Барои мисол: Ман дидам, ки вай чи хел суруд мехонд. I saw him singing. Яъне дар ин тарҷума агар мо муқоиса намоем калимаи «чи хел» тарҷума намешавад. Дар чунин мавридҳо донишҷӯён ва тарҷумонҳо хатогиҳои хеле зиёд менамоянд.

Дар тарҷумаи ҷумлаҳои саволӣ, хабарӣ ва дигар шакли ҷумла низ, шахсоне, ки забони англисӣ барои онҳо забони модарӣ нест, дар тартиби калима дар ҷумла бештар хато менамоянд.

Мисол: Онҳо дар бораи чӣ гап мезананд?

What are they talking about?

Соати чанд мо во мехӯрем?

What time will we meet at?

Дар забони англисӣ бештари калимаҳо агар дар вазифаи исм оянд, дигар маъно ва дар вазифаи феъл оянд, маъони тамоман дигар мегиранд, ки ин равандро конверсия меноманд.

Мисол: face - рӯй, to face – вохӯрдан,

Hand – даст, to hand – тақдим намудан,

Book – китоб, to book – банд кардан,

You have a beautiful face / I faced my friend in the street yesterday.

I have it in my hand / the teacher handed me the book.

The book is very interesting / I booked two tickets to Moscow.

Чи тавре ки ба мо маълум аст, ду лаҳҷаи хеле паҳнгаштаи забони англисӣ дар замони муосир амал карда истодааст, ин ҳам бошад лаҳҷаҳои амрикоӣ ва британёгии забони англисӣ мебошад. Тарҷумонро лозим меояд, ки аз нозукиҳои ин ду лаҳҷа хуб бархӯрдор бошад, зеро ин метавонад дар тарҷумаи вай халаи ҷиддӣ ворид намояд.

I am getting mad. (American) I am getting angry. (English)

Дар лаҳҷаи амрикоӣ калимаи «mad» маънои ғазабнок шуданро дорад ва дар лаҳҷаи британёгӣ маънои девонаро. Дар чунин ҳолат Амрикоиҳо девонаро «crazy» мегӯянд.

Хулоса, чунин тафовут ва номувофиқаҳо дар тарҷумаи забони англисӣ бо дигар забонҳо бисёр ба назар мерасанд. Тарҷумони муосирро лозим меояд, ки тамоми паҳлӯҳои забони англисиро омӯхта, инчунин аз таърихи пайдоиши ибораҳо, ҷумлаҳо ва зарбулмасалу мақолҳо

ЗАИМСТВОВАНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В ОБЛАСТИ ТУРИЗМА

Шозимова Т. Д. – н.и.ф., доцент кафедры европейских исследований ТНУ

Язык представляет собой сложнейшую систему, которая живет и изменяется по своим правилам и законам. Не смотря на то, что мы живем в век глобализации и информационного общества, проблема английского языка как формы коммуникации не потеряла своей актуальности

В данной статье будет рассмотрен один из аспектов заимствования английского языка в области туризма.

Взаимодействия лексики и культуры на основании заимствований английского языка в области туризма будут проводиться на примерах лексики, относящейся к области туризма.

Прежде чем приступить к анализу заимствования, вспомним основное определение заимствования. По утверждению составителей лингвистического энциклопедического словаря, «заимствование – элемент чужого языка, перенесенный из одного языка в другой в результате контактов языковых, а также сам процесс перехода элементов одного языка в другой».

Основными причинами появления заимствований в языке туризма, на наш взгляд, являются потребность во введении новых понятий, а также устранение полисемии существующих терминов. В толковом словаре «Малый Ларусс» находим следующее определение: «Англицизм – выражение, оборот, свойственный английскому языку, заимствование из английского языка».

Лингвисты Отдела изучения французского языка в Квебеке воздерживаются от использования термина «англицизм», предпочитая формулировку «заимствования из английского языка». Указание официальных заменителей из французского языка следует сразу за английским заимствованием: camping-car, motor-home (autocaravane) (автодом), package (forfait) (комплекс товаров или услуг), touropérateur (voyagiste, organisateur de voyage) (туроператор).

Первое слово camping-car не отмечено маркером «англиц.» в словаре, что объясняется, возможно, его глубоким проникновением во французский язык, однако официальная рекомендация autocaravane все же появляется в конце толкования слова. Словарь «Малый Робер» носит описательный, а не директивный характер и лишь рекомендует к употреблению слово camping-car наравне с его синонимом французского происхождения. В словаре «Малый Ларусс» указано, что это слово английского происхождения и сопровождается официально рекомендованным заменителем autocaravane. Существительное motor-home в словаре «Малый Ларусс» отмечено маркером «англицизм: не советуем употреблять».

После толкования в качестве синонима указывается официальная рекомендация autocaravane. В этом же словаре с пометкой «англ. слово» находим слово package с двумя предложенными официальными рекомендациями achat groupé, forfait. В словаре «Малый Робер» существует несколько видов представления заимствований. Другим подходом является толкование французского слова в сопровождении с эквивалентным англицизмом: surréservation – бронирование мест, путешествий, гостиниц, развлечений в большем количестве по отношению к реальному количеству мест по ошибке (официальная рекомендация – surbooking).

К третьему виду относим заимствования без ссылки на официальную рекомендацию, но предполагающие эквивалентный англицизм: coentreprise – совместное предприятие, целью которого является достижение общего проекта, joint-venture (англицизм).

Таким образом, специальные государственные органы во Франции постоянно контролируют заимствования из английского языка, сопровождая их толкование в словарях официальными рекомендациями, то есть французскими словами с подобной семантикой.

Однако некоторые заимствования из английского языка в области туризма более точно передают нужное значение, чем их рекомендованные французские эквиваленты, что приводит к их устойчивому закреплению и регулярному употреблению в специализированном языке.

РОЛЬ И ФУНКЦИИ ТЕРМИНОВ И ТЕРМИНОЛОГИИ В КОММУНИКАТИВНЫХ ПРОЦЕССАХ

Абдулхаева М. Х. – старший преподаватель
кафедры европейских исследований ТНУ

Как известно, в понятие коммуникации входит процесс обмена информацией между субъектами и объектами, который осуществляется посредством семиотической, то есть знаковой системы, в которой знак является материальным носителем социальной информации. Коммуникация происходит не только между социальными субъектами, но и между людьми и современными электронно-вычислительными приборами и разной технической аппаратурой.

Процессы социальной коммуникации, то есть профессионального общения основываются на употреблении естественного языка. Люди используют и другие средства общения, такие как искусственные языки, то есть музыкальный язык, язык танца, знаки уличного движения, морской сигнализации, языки информационного поиска, программирования и др. Однако данные языки носят вспомогательный характер.

Можно выделить виды общения и семиотики, обеспечивающие процесс обмена социальными сведениями посредством естественного языка между говорящими. Проблемы терминологии включают в себя научную, техническую и учебную коммуникацию. Взаимосвязь человека с цифровыми технологиями заключается в обмене информацией между человеком и аппаратурой. В некоторых ситуациях можно наблюдать взаимосвязь человека и информационных технологий, которая осуществляется с помощью информационных языков и языком программирования.

В таких языках термины имеют различные функции. Анализ коммуникативных ситуаций показывает, что термины выполняют следующие функции:

- в коммуникативных процессах между людьми термины выполняют функцию наименования объектов и выражают специальные профессиональные значения; также наблюдается функция закрепления знания в научном, техническом и учебном общении;
- термины используются для классификации в рубриках, библиотечных и библиографических указателях и других классификационных системах.
- в коммуникативных процессах реализуется принцип взаимодействия между человеком и информационными технологиями, в котором терминология выполняет следующие важные функции:

1) номинационная функция в информативных языках, основывающихся на принципе дескрипции. Лексические единицы естественного языка, то есть термины, в данных языках используются в процессе образования терминов в составе искусственных языков, которые направлены на профессиональную деятельность;

2) классификационная функция в информативных языках, основывающихся на принципе классификации. В них термины используются в целях разграничения информации;

3) управление лексическим составом в информационных и управленческих языках. Термины естественного языка выполняют функцию командования над электронно-вычислительными машинами с целью выполнения той или иной операции.

Все приведенные выше доводы свидетельствуют о том, что с каждым днем научные и технические процессы занимают все большее пространство в обществе. Поэтому профессиональное общение приобретает основополагающее значение. Наряду с расширением знаний во всех отраслях общественной деятельности, беспрерывно увеличивается фонд лексики по специальности. В связи с этим, общество все чаще сталкивается с проблемой взаимопонимания в процессе общения, как среди людей, не являющихся специалистами и специалистами, так и среди специалистов и экспертов различных, а порой одной специальной области.

Поэтому особое значение имеет изучение специализированной лексики, а именно ее формирование, выявление конкретного информационный поиск и доступность для большой аудитории людей. Такая интерпретация смысла терминологии особо необходима, так как

язык располагает ограниченным числом средств номинации, ставящих целью обозначение множества существующего и непрерывно увеличивающегося числа значений.

ДВОЙСТВЕННОЕ ЧИСЛО В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Назарова М. О. – ассистент кафедры европейских исследований ТНУ

Говоря о грамматических категориях имен существительных таджикского языка, стоит отметить о своеобразной разновидности категории числа древнеперсидского языка. Как и в других языках в древнеперсидском языке кроме единственного и множественного числа, существовало двойственное число. Оно употреблялось в различных синтаксических предложениях. Но со временем оно становится излишнем и постепенно в многие индоевропейские языки утрачивается. Именно такая историческая предрасположенность способствовало тому, что в таджикском языке некоторые слова встречаются в форме двойственного арабского числа. Они образовались при помощи суффикса –айн : хасмайн (ду душман – два врага), қавсайн (ду қавс – две скобки (оба скобки)), тарафайн (ду тараф – две стороны (обе стороны)), зулфайн (ду зулф – две локоны (обе локоны)), давлатайн (ду давлат – два государства – обе государства).

Известно, что древнеиранские языки принадлежали к синтетическому типу с развитой системой флексий. Постепенно, в результате ослабления флективной структуры древнеперсидского языка уже в среднюю эпоху западно-иранских языков сохранились лишь остатки двойственного.

В арабском языке двойственное число является одним из свидетельств того, что сама грамматическая категория числа в своем отвлеченном значении вырабатывалась постепенно, в процессе своеобразного преодоления сопротивления конкретного лексического материала. Двойственное число отличается от формы множественного числа и употребляется при обозначении двух предметов как явлений. Во многих древних языках использовали двойственное число, но во многих, например, индоевропейских языках постепенно исчез из употреблении.

Известный ученый – арабист и семитолог, профессор Б. М. Гранде пишет: «Двойственное число имеет полное развитие лишь в арабском языке Форма двойственного числа возникла видимо, в самих семитских языках в весьма раннюю эпоху и первоначально употреблялась лишь для обозначения парных частей тела. Тенденция же к выработке особых форм для обозначения двойственного числа восходит, вероятно, еще к периоду до выделения семитских языков в качестве самостоятельных» Потом он отмечает, что «первоначально человек обозначал различные направления по соответствующим частям своего тела. Например, араб.يَدَانِ [йадāни] (2 руки) означало «направление руки» и так далее».

Мы полагаем, что существование двойственного числа в арабском языке связано с тем, что он является единственным из семитских языков, которое даёт непрерывную цепь развития от древнейших времен до сегодняшних дней. Подтверждением этому является Коран. Когда мы читаем Коран, мы видим что в течение тысяча четыреста лет своей существование он не претерпел никаких изменений.

Во французском языке мы не наблюдали форму двойственного числа, но есть некоторые существительные, которые обозначают преимущественно предметы. Они состоят из парных частей и имеют форму множественного числа (pluralia tantum): menottes (наручники), armes(оружия) ciseaux (ножницы), tenailles (клещи).

По мере развития человеческого мышления двойственное число становится излишним: форм единственного и множественного числа оказывается вполне достаточно для выражений количественных отношений. Процесс утраты двойственного числа пережили вообще многие индоевропейские языки (Например, латинский язык и италийские диалекты потеряли двойственное число ещё в доисторические времена, так что в историческую эпоху, известную нам, там сохранились лишь ничтожные остатки двойственного числа).

ХУСУСИЯТИ ИСТИФОДАИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ҲУҶҶАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ

Раҳмонов М. А. – н.и.ф., дотсент,
мудири кафедраи мутолиоти Шарқи ДМТ

«Сафирҳо киштӣ ва тупҳои ҷангӣ ва қаср надоранд, Аслиҳаи онҳо забон ва имкониятҳои онҳост.

Дипломатия - ин санъати ҳалли масоили байналмилалӣ бо роҳи осоишта аст. Забони дипломатӣ – ин иборае аст, ки барои ифодаи ду мафҳуми гуногун истифода мешавад. Якум ин забоне, ки бо он мувофиқаҳои дипломатии расмӣ ва аҳдҳои байнламилалӣ тартиб дода мешавад. Дуввум, он омезиши истилоҳот ва ибораҳои махсус мебошад, ки луғати дипломатии маъмулро ташкил медиҳанд.

Дар айни замон, забони ягонаи ҳатмии пешбурди муносибатҳои расмии дипломатӣ ва тартиб додани шартномаҳои байналмилалӣ вуҷуд надорад (дар гузашта забони фаронсавӣ бартарӣ дошт). Принсипи ҳуқуқҳои баробари забонҳо тадриҷан тасдиқ карда мешавад. Ба истиснои баъзе мавридҳо, мақомоти давлатӣ мукотибаи расмиро нигоҳ медоранд, бахусус табодули ҳуҷҷатҳои дипломатиро бо забони худ.

Дар робита ба маънои дуюми мафҳуми "забони дипломатӣ" ҳамчун маҷмӯи истилоҳот ва ибораҳои махсус, ки ба луғатҳои маъмули дипломатӣ дохил карда шудаанд (масалан, "дафтарҳои хуб", "арбитраж", "modus vivendi", "status quo", "veto" ва ғайра) бошад, таносуби чунин истилоҳот дар ҳуҷҷатҳои дипломатии муосир ночиз аст. Дар забон, дар услуби ҳуҷҷатҳои дипломатӣ, як қатор мулоҳизаҳои ҷолиби диққат дар китоби Ҳ. Вилндер “Услуби дипломатӣ” оварда шудааст.

«Услуби дипломатӣ, менависад Ҳ. Вилднер, бояд пеш аз ҳама бо соддагӣ ва возеҳӣ фарқ карда шавад; ин маънои соддагии тарзи ҳунарии ифодаиро надорад, балки шакли классикии соддагиро, ки метавонад ягона калимаро барои ҳар як мавзӯъ дар шароити номбурда мувофиқ интихоб кунад».

ИСТИЛОҲ ВА ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР ЗАБОНИ АРАБӢ

Тупалов Г. Ш. – н.и.ф., дотсенти кафедраи мутолиоти Шарқи ДМТ

Истилоҳи илмӣ калимаи махсуси интихобие аз забони адабӣ аст, ки дар забони илм бар зиммаи он ба таври сунъӣ мазмуни тозаи илмие вогузор карда шудааст, ё калима ё иборае наве мебошад, ки ҷиҳати номгузорӣ кардани мафҳумҳои илмӣ бо истифода аз қоидаҳои калимасозиву иборабандии забони адабӣ сохта шудааст ва ё калимаи байналмилалие мебошад, ки дар забони илмӣ қабул шудааст.

Аслан калимаи «термин» аз калимаи лотинии «terminus», ки дар асотири румиёни қадим ба маънои Termin – худованди нигаҳбони марз ва аломатҳои марзӣ истифода мешуд, ба миён омадааст.

Аввалин маротиба забоншинос А. Д. Хаютин ба муаллифони фарҳанги бузурги Оксфорд дар забони англисӣ такя намуда, ба ҳамин тариқ пайдо шудани калимаи «term» - ро ба маънои истилоҳ гуфтааст.

Бо рафти замон, вожаи «термин» аз маънои аслии худ дур рафта, пурра маънои дигари истилоҳӣ пайдо намудааст.

Боиси зикр аст, ки дар забони арабӣ вожаи истилоҳ аз навъи VIII - «اصطلح» гирифта шуда, маъноҳои зеринро ифода мекунад:

1) сулҳ бастан;

2) беҳ шудан, ислоҳ гаштан;

3) мувофиқа кардан, созиш намудан, шарт бастан, пазируфтан;

Мураттибон таърифи «истилоҳ»-ро дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мутобиқи талаботи фарҳангҳои тафсилӣ чунин баён намудаанд:

«Истилоҳ» калимаи арабӣ буда, ба маъноҳои зерин меояд: 1) ба ҳам сулҳ кардан, оштӣ кардан; 2) калима ё иборае, ки хосси як гурӯҳи мардум (мас. аҳли касб) аст ё дар байни онҳо маънои махсус пайдо кардааст; калимае, ки дар соҳаи илму фан барои ифодаи маънои махсуси ғайриаслӣ қабул шудааст.

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ КАЛИМАҲОИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Саидова Ф. Ҳ. – н.и.ф., муаллими
калони кафедраи мутолиоти Шарқи ДМТ

Иқтибос ва ё қарзгирии вожагон як падидаи маъмули байни забонҳост. Ин қарзгирӣ сабабу омилҳои зиёде дорад, аз ҷумла ҳамҷаворӣ, робитаҳои тиҷоратӣ, фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ ва дар умум ҳар гуна бархурд сабаби ин доду гирифти байни забонҳо хоҳад шуд. Дар ин миён иртиботи забони тоҷикӣ ва забони арабиро метавон мисол овард, ки ҳанӯз пеш аз ислом ва ҳатто ба давраи асотирӣ мерасад.

Забони арабӣ пас аз интишори дини ислом дар ҷазираи араб вориди Мовароуннаҳр шуд ва аз ҳамон оғоз дар забон ва адабиёти форсу тоҷик таъсири дучанд намуд. Калимаҳои зиёди иқтибосӣ аз забони арабӣ вориди забони тоҷикӣ гардидаанд.

Пӯшида нест, ки вожа ва иқтибосоте, ки ба забони тоҷикӣ аз забони арабӣ ворид гардидаанд, дар ин ҳазору чаҳорсад сол ба тағйироти зиёд рӯ ба рӯ гардидаанд. Вуҷуд доштани миқдори муайяни вожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ хонанда ва омӯзандаи ин забонро ба тасаввури ғалат дар омӯзиши забони арабӣ рӯ ба рӯ месозад. Сабаби чунин тасаввуроти нодурусти хонандаи тоҷик дар ин аст, ки гӯё дар арабӣ низ ҳамаи вожаҳои арабии ба тоҷикӣ дохилгардида, маҳз ба маънои асл истифода мегарданд, вале воқеият ин тарз нест.

Бисёре аз калима ва умуман иқтибосоти арабие, ки ба забони тоҷикӣ ворид гардидаанд, дар алоқамандӣ бо пешрафт ва тағйироти ҷомеа, дар тӯли зиёда аз ҳазору чаҳорсад сол ба дигаргуниҳо рӯ ба рӯ гардидаанд. Тағйири маъноӣ замоне рух медиҳад, ки вожае ки замоне ба мафҳум ё эҳсоси хосе вобаста буд, дигар иртиботи худро бо он аз даст медиҳад. Ин вожа мумкин аст, ки маънои худро пурра аз даст бидиҳад ва ё эҳсоси наверо касб кунад.

Мисол: Истеъдод: дар арабӣ – омодагӣ дар тоҷикӣ – маҳорат, малака. Ҳазрат: дар арабӣ – ҷаноб дар тоҷикӣ шахси муътабари руҳонӣ. Қироат: дар арабӣ – хондан дар тоҷикӣ – танҳо хондани Қурон. Рақобат: дар арабӣ – назорат дар тоҷикӣ – мусобиқа. Таъриф: дар арабӣ – муаррифӣ кардан дар тоҷикӣ – мадҳу ситоиш кардан.

Омӯхтани ҳамин айниятҳо ва фарқиятҳои иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ аз вазифаҳои асосии забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

ИНТЕРНАТСИОНАЛИЗМҲО ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ ЛЕКСИКӢ-СЕМАНТИКИИ ДИПЛОМАТИЯИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Қамаров А. З. – ассистенти кафедраи мутолиоти Шарқи ДМТ

Раванди ҷаҳонишавӣ дар асри кунунӣ ҳамаи соҳаҳоро фаро гирифтааст, аз ҷумла соҳаи забоншиносиро, ки дар натиҷаи он истилоҳоти дипломатии интернатсионалистӣ ба вуҷуд омада, дар дипломатияи муосир васеъ истифода мегарданд.

Такмили иртиботи байналмилалии забонӣ ҳеҷ гоҳ чун имрӯз зарур нагаштааст, зеро ҷомеа барои беҳтар дарк намудани худ ва дигарон эҳтиёҷ дорад, ки дар натиҷаи ин раванд ақшори ҷомеа ба як воқеияти нави ҷаҳонӣ мутобиқ мешаванд.

Ба қавли донишмандон истилоҳоти дипломатӣ яке аз воситаҳои маъмултарини ифодаи нутқ ва ҳуҷҷатҳои дипломатӣ ба шумор рафта, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад:

Истилоҳоте, ки дар умум истифодашаванда, яъне истилоҳоте, ки бисёр истифода мегарданд, мисли: (дипломатия, дипломат, консулгарӣ, сафорат);

истилоҳоти соҳавии маҳдуд, яъне он истилоҳоте, ки ба нудрат ва танҳо аз ҷониби мутахассисони махсус мавриди истифода қарор мегиранд, мисли: (эътиборнома, Конвенсияи соли 1961 Вена);

Истилоҳоте, ки дар ҳоли гузариш қарор доранд (демарш).

Аммо, бояд қайд кард, ки дар байни ин гуруҳҳо сарҳад номуайян буда, онҳо ҳамеша дар ҳамбастагӣ мебошанд.

Вожаҳои интернатсионалистие, ки аз ҷиҳати семантикӣ пурра бо ҳам мувофиқат намоянд, кам нестанд. Ба монанди дипломатия, протокол, конвенсия, интернатсионалӣ, стратегия, конституцсия, коррупсия, терроризм, экстримизм, консул, энергетика, гидроэнергетика ва ғайра.

ТАЪСИРИ ЗАБОНИ АРАБӢ БА ИСТИЛОҲОТИ ДИПЛОМАТИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Маҳмудзода М. Қ. – ассистенти кафедраи мутолиоти Шарқи ДМТ

Пас аз паҳн гардидан ва густариш ёфтани Хилофати Араб, ки аз Ҳинду Осиёи марказӣ, то Уқёнуси Атлантик тӯл мекашид забони арабӣ ба ҳайси забони давлатдорӣ, сиёсат, илм ва фарҳанг дониста шуд. Ва дар муддати бештар аз 1000 сол дар саросари кишварҳои тобеъи Хилофат ин забон ҳамчун забони ҳукмрон амал менамуд, ки дар натиҷа он ба як қатор забонҳои тобеъ таъсири бевосита ва ё ба восита гузошт. Забонҳое, ки зери таъсири амиқи забони арабӣ қарор гирифтаанд забонҳои форсӣ, туркӣ, курдӣ, албанӣ, урду ва як қатор забонҳои африкоӣ мебошанд.

“Вале бояд тазаккур дод, ки густариши забони арабӣ мисли қибтиёну набатиён ва орамиён, ки ба куллӣ забони модарии худро аз даст додаанд натавонист истиқлоли забонии форсизабононро дар ҳам шиканад”. Бо вуҷуди ин, имрӯз дар забони тоҷикӣ иқтибосоти забони арабӣ хеле фаровон мебошад, ки онҳо таркиби луғавии забони моро ғанӣ гардонидаанд.

Пас аз сайри кӯтоҳе атрофи калимаҳои иқтибосӣ ба хулосае метавон омад, ки хазинаи лексикаи забони тоҷикӣ аз калимаҳои забони арабӣ бисёр ғанист, вале дар ин мақола мо танҳо оид ба пажӯҳиши истилоҳоти дипломатии иқтибосии забони арабӣ таваққуф намудем.

Дар мақолаи зерин истилоҳоти дипломатии иқтибосии забони арабиро мухтасар шарҳ дода, онҳоро гурӯҳбандӣ намудем, ки якчанд истилоҳоти онро мисол меорем.

Давлат – (решаи калима – [دَالَ] , баромади он - масдари навъи якуми феъл) кишвар, давлат, ҳокимияти олӣ.

Муносибат – (решаи калима – [نَسَبَ], баромади он – (шакли тағйирёфтаи) масдари навъи сеюм) алоқа, робита, наздикӣ, иртибот.

Салоҳият – (решаи калима – [صَلَحَ] , баромади он – сифати нисбӣ) ваколатдорӣ, комилҳуқуқӣ дар ҳалли масоил.

Сафорат – (решаи калима –[سَفَر], баромади он – исми номии феъл) хадамоти дипломатии як давлат дар хориҷи он, маъмурияти хориҷӣ, ҷои кори сафир ва намояндагони маъмурони сиёсии давлати хориҷӣ.

Эътимоднома – (эътимод – калимаи арабии إعْتِمادٌ буда, нома – калимаи тоҷикӣ мебошад) ҳуҷҷате, ки хислати намояндагии намояндаи дипломатиро тасдиқ намуда, ӯро ба ин сифат дар кишвари хориҷӣ муаррифӣ менамояд.

Амнияти иқтисодӣ – (ибораи сифатии [الأمن الإقتصادي]) вазъи муҳофизати иқтисодӣ аз шароит раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд.

Дар чорчӯбаи омӯзиши масоили умумӣ ва назарии истилоҳот дар забоншиносии забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор додани истилоҳоти дипломатии иқтибосии забони арабӣ аз нигоҳи банда муҳим ва саривақтист, зеро таркиби луғавии забони тоҷикиро бештар калимаҳои иқтибосии арабӣ ташкил медиҳад, ки донистан ва дуруст истифода бурдани онҳо ба ҳайси истилоҳот дар забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

РЕАЛИЗАЦИЯ ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКОЙ ПОЛИТИКИ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА

Салимов Ф. Н. – к.и.н., доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистана ТНУ

Центральная Азия представляет из себя, с одной стороны, регион с значительным ресурсным и демографическим потенциалом, уникальными транзитными возможностями, а с другой, с высоким конфликтным потенциалом, слабо диверсифицированной экономикой, а также серьёзным набором внешних и внутренних вызовов безопасности, которые оказывают серьезное влияние не только на внутристрановую и внутрирегиональную стабильность, но и на международную и глобальную. Именно эти факторы вовлекают в дела региона ведущих акторов современного мира. В том числе Российскую Федерацию, Китайскую народную республику, США, ЕС, Индию, Иран, Турцию и других.

Большую часть постсоветского периода Центральная Азия не была приоритетом внешней политики Российской Федерации. Однако новая ситуация в регионе и за его пределами повысили интерес к Центральной Азии со стороны Москвы. Центральная Азия становится важнейшим элементом внешнеполитической стратегии Российской Федерации.

Россия в своей Центральноазиатской стратегии ориентируется на развитие стратегического и союзнического партнерства предусматривающее в том числе взаимопомощь в случае агрессии или иных существенных угроз безопасности друг друга, сохранение и развитии политического диалога на высшем и высоком уровнях, развитии межпарламентского сотрудничества, отношений по линии регионов и др.

Нормативно-правовую базу сотрудничества составляют более 900 двусторонних договоров около 70% из которых приходятся на сферу экономики. Объем торговли России со странами Центральной Азии суммарно достиг 25,8 млрд долларов США.

В Российской Федерации на постоянной основе пребывает более 4 млн граждан стран ЦА. «За 2013-2018 гг. ими переведено на родину более 55,2 млрд долл. США. По оценкам ряда экспертов, трудовыми мигрантами создается около 10% ВВП России, что указывает на обоюдовыгодный характер такого взаимодействия».

«Большое значение придается наращиванию гуманитарного сотрудничества, в том числе в интересах формирования общего образовательного, научного и культурного пространства. Отрадно, что для значительной части граждан региона русский язык остается родным или вторым родным». В российских вузах обучается 172 тыс. студентов из стран региона, в том числе 59 тыс. за счет федерального бюджета. В государствах региона функционируют представительства и филиалы ведущих российских вузов.

«Россия – ведущий партнер центральноазиатских государств в военной и военно-технической областях – оказывает им поддержку в противодействии многочисленным вызовам и угрозам безопасности, включая терроризм, наркобизнес, организованную преступность. Такое сотрудничество выстраивается как по двусторонней линии, так и в рамках ОДКБ, ШОС, СНГ. С учетом сохраняющейся нестабильности в Афганистане, притока боевиков ИГИЛ из Сирии и Ирака его наращивание и совершенствование приобретают особое значение».

Для того, чтобы дать оценку реализации политики РФ в Центральной Азии, прежде всего надо ответить на такие вопросы: Какое место занимает регион в современной внешней политике Российской Федерации? Чего хочет добиться Россия в Центральной Азии? Существует ли четкая стратегия, план с конкретными целями? Как действует Россия в Регионе? Какие методы и средства использует Москва для достижения своих целей? Каковы последствия политики России в регионе? В какой степени Москва способна реализовать свои цели в политической, экономической сферах, а также в сфере безопасности в регионе? Останется ли Россия ведущим игроком (не гегемоном) в регионе?

Ответы на данные вопросы можно сформулировать, сделав анализ внешнеполитических и геополитических интересов, целей и задач политики Российской Федерации в Центральной Азии; оценив вовлеченность в дела региона; изучив комплекс

двустороннего и многостороннего сотрудничества; исследовав степень конфронтационности либо склонности к сотрудничеству между Россией и другими акторами в регионе.

ЯПОНИЯ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ГОСУДАРСТВ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Латифов Д. Л. – д.и.н., профессор кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистана ТНУ

Доклад посвящен анализу формирования и развития многостороннего сотрудничества государств Центральной Азии и Японии в годы независимости как приоритет их внешней политики. Японская экономика продолжает занимать второе место в капиталистическом мире. Еще в 1987г валовый национальный продукт Японии (ВНП) составлял 1958 млрд. долл., уступив лишь США, чей ВНП был равен 4166,6 млрд долл. Как одна из ведущих мировых центров силы в Юго-Восточной Азии, Япония вслед за обретением государствами Центральной Азии независимости в числе первых установил с ними дипломатические отношения, развернул широкое экономическое сотрудничество.

В 2020 г исполнилось 20 лет формированию диалога «Центральная Азия –Япония». Приоритетным направлением развития отношений Японии с государствами региона, находящихся в сердце Евразии, является предоставление им инновационных проектов в сфере подготовки кадров, в которых остро нуждаются новые независимые государства, привлечение предпринимателей в развитии малого и среднего бизнеса. Это естественно, ибо сама судьба расположила регион Центральной Азии на транзитном перекрестке, на которую сфокусировались геополитические интересы близких региональных и далеких как Япония, держав. Со времени создания диалога Республика Таджикистан активно участвует в реализации его программ. В рамках программы действий Япония сотрудничает с Таджикистаном в реализации десяток созидательных программ, финансируемых из японского спецфонда «Политика развития и планирования человеческих ресурсов».

За прошедшие годы Узбекистан и Япония достигли весомых результатов в развитии двустороннего и многопланового взаимовыгодного сотрудничества. Япония считает Узбекистан важным партнером в Центрально-азиатском регионе. В настоящее время портфель совместных проектов сотрудничества двух стран превышает 4 миллиарда долларов. Согласована новая долгосрочная Программа сотрудничества на сумму более 3,5 миллиарда долларов, включающая проекты в сфере энергетики, модернизации промышленности и сельского хозяйства, экологии, здравоохранения и других отраслях. Особое внимание уделяется поддержке проектов малого и среднего бизнеса, а также расширению обмена в сфере образования.

В Казахстане работает более 50 предприятий с участием японского капитала, занятых в таких сферах, как нефть и газ, металлургия, финансы, горнорудная промышленность, торговля (автомобилями и оборудованием), электросвязь, лесозаготовки и логистика. Одно из них – компания Tokyo Rope, специализирующаяся на производстве изделий из стали. Tokyo Rope – компания с историей, берущей начало в 1887 году, она является одним из мировых лидеров по производству высокотехнологичных стальных канатов, вантов для мостов, металлокорда для автошин, проволоки для солнечной энергетики и другой металлической продукции. Ее заводы, помимо самой Японии, есть в Китае, Вьетнаме, США и вот теперь – в Казахстане.

Проект в Алматы был рассчитан на 2016–2020 годы, объем инвестиций – 70 млн долларов. Предприятие в Казахстане будет выпускать различную металлическую продукцию, в том числе сверхпрочные сетки для дальнейшего производства габионных систем, используемых в целях предотвращения и ликвидации чрезвычайных ситуаций. Проектная мощность завода на первом этапе составит 5 тыс. тонн металлических изделий в год с дальнейшим увеличением – причем это продукция с большим экспортным потенциалом.

Официальные визиты Президента Кыргызской Республики в 2013 году и Премьер-Министра Японии в 2015 году заложили основу для выведения двусторонних отношений на

новый уровень партнерства. Следующим важным этапом в повестке дня кыргызско-японских отношений стали визиты министров иностранных дел Кыргызской Республики в март 2017 года и октябре 2018 года.

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мирзоев Н. М. – д.и.т., профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони ДМТ

Тавлиди давлати тозаистиқлоли Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ бо қаноатмандӣ истиқбол намуд. Дар зарфи як соли истиқлолият Тоҷикистон аз тарафи 58 давлати дунё ба расмият шинохта шуда, бо онҳо робитаҳои сиёсиву дипломатӣ барқарор карда шуданд. Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Русия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Мексика, Дания, Туркия, Япония, Корея, Лаҳистон аз нахустин давлатҳое буданд, ки истиқлолияти Тоҷикистонро ба расмият шинохта, сафорат ва намояндагиҳои дипломатии худро дар Тоҷикистон ифтитоҳ намуданд.

Дар ҷумҳурӣ бо назардошти воқеоти ҷаҳонӣ ва таҳозои рӯз, давра ба давра санадҳои танзимкунандаи сиёсати хориҷӣ тарҳрезӣ мегардид. Консепсияи сиёсати хориҷӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хадамоти дипломатӣ» аз ҷумлаи онҳост, ки дар ин давра таҳия ва эҷод гардиданд. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 сентябри соли 2002 ба тасвиб расид. Соли 2015 Консепсия таҷдиди назар карда шуд. Дар Консепсия моҳият, мундариҷа, дурнамоии сиёсати хориҷӣ ва самтҳои авлавиятҳои он инъикос ёфтанд. Дар он ҳифзи манфиатҳои миллӣ, самтҳо афзалиятҳо, минтақаҳои ҳамкорӣ бо давлатҳои шарик ва дуру наздик ва дигар масъалаҳои муҳими татбиқи сиёсати байналмилалии кишвар муайян гардиданд.

Мутобиқ ба ин Консепсия бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва вазъи кунунии ҷаҳонӣ Президенти мамлакат, сиёсати хоричии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шурӯъ аз соли 2003 сиёсати «дарҳои боз» эълон намуд, ки ҳадафи он дарёфти тавозуни оқилона ва одилона дар робита бо кишварҳои хориҷӣ аст. Сиёсати хориҷии «дарҳои боз» дар тӯли солҳои истиқлолият дурустии худро собит сохта, имкон дод, ки Тоҷикистон мавқеи худро дар ҷаҳони муосир дарёбад, онро мустаҳкам созад ва имкониятҳои ғании байналмилалиро барои ҳалли масъалаҳои мубрами дохилӣ равона намояд. Барқарор ва рушди мутавозини робитаҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманд бо Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҳиндустон, ва ғайра самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб мегардад.

Ташаббусҳои оламшумули Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди истифодаи оқилонаи оби тоза ва захираҳои энергетикӣ, ҳифзи муҳити зист, мубориза бо терроризм ва экстримизм, ва ғайра, кишвари моро ба дар қатори пешсафтарин давлатҳои ҷаҳон қарор дода, ҳамкориҳои дуҷониба ва чандҷонибаи Тоҷикистонро аз рӯи ин ва дигар масъалаҳои доғи рӯз бо ҷомеаи башарӣ вусъат бахшид.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳдиду чолишҳои глобалии мавҷуда ва омилҳои минтақавии мазкур таҳия ва татбиқ мегардад.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушода», сулҳхоҳона ва беғараз буда, зимни татбиқи он, Тоҷикистон омода аст бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик робитаҳои дӯстона ва эътирофи манфиатҳои тарафайнро дар асоси эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд густариш диҳад.

GCRF COMPASS ВА АМАЛӢ НАМУДАНИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ТО БА СОЛИ 2030

Мунира Ш. – н.и.ф., муаллими калони кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони ДМТ

Дар таърихи қариб сисолаи Тоҷикистони соҳибистқиқлол лоиҳаи GCRF COMPASS яке аз аввалин лоиҳаҳои байналмилалист, ки Стратегияи Рушди Миллии Тоҷикистонро (СРМТ) то ба с.2030 ба муҳокимаи ҷомеъаи нав ташаккулёфтаистодаи илмӣ-маърифатии ҷаҳонӣ гузошт.

Дипломатияи Фарҳангӣ (ДФ) ҳамчун воситаи асосии пайванди арзишҳои миллӣ/ҷаҳонӣ шинохта шуда, барои муаррифии захираҳои фарҳангии Осиёи Марказӣ, умуман ва Тоҷикистон, махсусан, мусоидат хоҳад намуд. Бинобар ҳамин, бо ташаббуси гуруҳи миллии лоиҳа, конфронси навбатии лоиҳа бо унвони 'Тоҷикистон ва Дипломатияи Фарҳангӣ дар Осиёӣ Марказӣ ва Авроосиё' (Душанбе, 17-18.09.19) пешниҳод гардид ва аз тарафи роҳбарони он, ки устодони донишгоҳҳои Кент ва Кембриҷи Британиёи Кабир мебошанд, дастгирии ҳаматарафаро соҳиб шуд.

Консепсияи конфронс дар асоси Стратегияи Рушди Тоҷикистон то соли 2030 эҷод гашта, се масъалаи калидии он, яъне осебпазирӣ, саноатикунонии босифат ва навоварӣ дар давраи бунёди иртиботҳои навини марказҳои илмӣ-маърифатии дохилӣ/хориҷист, ба иштирокчиёни конфронс пешакӣ дастрас гашт. Бо ҳамин, аввалин маротиба муҳаққиқони ҷавон дар қатори донишмандони варзида ва дипломатҳои ҷаҳоншинохта дар муҳокимаҳои зинда ва 'ру-ба-ру'и ҳасана иштирок дошта, барои рушди ҷомеаи нави илмӣ-амалии ҷаҳонӣ саҳми арзандае гузоштанд.

Баъд аз конфронси Душанбе, иштирокчиени лоиҳа боз дар чанд семинарҳои корӣ ва конфронсҳои байналмилалӣ дар Тошканд, Минск, Бешкек , Боку, Кент ва Кембриҷ ширкат варзида, барои сабзидани пайванди арзишҳои таҳҷоӣ/ҷаҳонӣ такони назаррас бахшиданд. Натиҷаҳои як қатор ҷамъомадҳои илмӣ-амалӣ дар шакли китобҳои электронӣ дар Интернет гузошта шуд.

Фаъолони музокираи навбатӣ, ки иқтидори навоварӣ ва ҳамкорӣ ва кушодадилии хешро вонамуд месозанд, аз тарафи роҳбарони лоиҳаи GCRF COMPASS шинохта шуда, барои ҳамкориҳои оянда даъват хоҳанд шуд.

СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ И ПОЛИТИЧЕСКИЙ СТРОЙ ТАДЖИКОВ В XVI-XVIII ВВ

Шарипов А. Н. – к.и.н., доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистана ТНУ

В XVI веке историческая родина таджиков вошла в узбекское государство Шейбанидов со столицей в Бухаре. Захват Шейбанидами Мовареннахра способствовала разделению двух субрегионов Мовареннахра и Хорасана. Феодальные междоусобицы и попытка централизации власти во второй половине XVI века способствовали приходу к власти династии Джанидов-Аштарханидов. В XVIII веке образовались Бухарское и Хивинское ханства, а позднее, в XVIII веке, – Кокандское ханство. В них правили ханы из узбекских династий.

Процесс формирования государств содействовал образованию Сефевидского Ирана с официальным шиитским направлением, его полного отдаления от политических региональных процессов и образования афганского государства – Дурранидов

Таджики жили главным образом в Бухарском и Кокандском ханствах. Для среднеазиатских ханств XVI-XVIII веков были характерны феодальная раздробленность, непрерывные войны и междоусобицы. Внешние и внутренние войны приводили к разрушению оросительных систем, упадку земледелия; иногда опустошались целые области. Это особенно проявилось после нападения казахов в регион.

Кроме того, кризис феодализма и географические открытия стали причиной снижения транзитной роли региона, сокращения объема производства ремесленнических товаров, который отрицательно повлиял на положение местного населения – таджиков. С учетом увеличения проникновения кочевников в регион, бесконечные распри, снижения роли ремесленников некоторая часть таджиков переселились в горные части Мовареннахра.

Усиливалось классовое расслоение общества: эксплуатируемые крестьяне и ремесленники противостояли феодалам-земледельцам – ханам и их сановникам, служилому сословию, духовным феодалам и другим духовным лицам. Таджикские крестьяне, работавшие на государственных и частновладельческих землях, особенно на землях помещиков-феодалов, владевших ленными пожалованиями, платили непосильные налоги и подати, находились в постоянной долговой зависимости, разорялись и нищали. Практиковались и различные принудительные работы: строительство дворцов, оросительных систем, устройство дорог.

Феодальная рента была смешанная: натуральная, отработочная и денежная. Особенно тяжелым было положение крестьян-издольщиков, обрабатывающих землю феодала за часть урожая. Существовало и рабство, отмененное только после присоединения края к России. Беспощадная эксплуатация, тяжелые налоги вызывали восстания крестьян (в 1758 г. – в Бухаре, в начале XIX века – в Ура-Тюбе, Ходженте и других).

Несмотря на это, таджикский язык и его стиль государственного управления, переписка и делопроизводство имели приоритетный статус, а ремесленничество и земледелие были свойственны этому народу. В исследуемый период существовали два литературных центра – в Бухаре и Балхе. Поэты Фитрат Зардузи Самарканди и Сайидои Насафи сочиняли стихи, посвященные ремесленному производству и положению масс. Таджики в этот сложнейший период сохранили свою цивилизаторскую и культурную роль.

ТАЪЛИМИ ТАҲЛИЛНАВИСӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁН ВА АҲАМИЯТИ АМАЛИИ ОН

Шералӣ Р. – н.и.с., муаллими калони кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони ДМТ

Вуруд ба мавзуъ. Омузиши таҳлилнависӣ барои донишҷӯёни дар самти илмҳои сиёсӣ таҳсилдошта, дар шароити мазкур аҳамияти фавқулодда муҳим дорад. Зеро дар онҳо малакаи ташхис ва дарки раванду тамоюли сиёсиро ба вуҷуд оварда, барои ҳисобӣ шудани шароити сиёсӣ таъсири амиқ мерасонад. Таҳлилу баррасии вазъи сиёсии шаҳру ноҳияҳои кишвар, инчунин муносибатҳои муосири байналмилалӣ арзёбии касбӣ ва воқеиро талаб мекунад. Чунин намуди пажӯҳиш барои муайян намудани силсилаи мушкилоти мавҷуда ва муаррифӣ намудани таҷрибаи муваффақ нигаронида шуда, аҳамияти баланди давлатӣ дорад.

Зарурати таълими таҳлилнависӣ барои донишҷӯён аз баррасии омилҳои зерин бозкушоӣ мешавад:

Якум, донишҷӯёни ихтисосҳои сиёсатшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ бояд аз давраи донишҷӯӣ бо вижагии таҳлил ва таҳлилнависӣ огоҳӣ дошта бошанд, то дар бозори меҳнат тавонанд рақобатпазир бошанд.

Дуюм, омӯхтани абзорҳои мухталифи таҳлилнависӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯ нигоҳи илмӣ ва хусусияти стратегидоштаро дар худ ташаккул диҳад. Чунин назар зимни фаъолияти касбӣ дар мақомоти давлатӣ ва таълимӣ дар мактабҳои олӣ барои тавсеаи зарфияти миллӣ мусоидат мекунад.

Сеюм, таҳлили амалӣ аз арзёбии назариявӣ бо он фарқ мекунад, ки зимни таҳияи маводи таҳлилӣ таваҷҷуҳи асосӣ бештар ба хусусияти амалӣ ва замонӣ нигаронида шуда, аз муаллиф дониш ва иттилооти васеъро талаб мекунад. Яъне, бе анҷоми тадқиқоти амалӣ ё сафари пажуҳишӣ ва истифодаи методологияи мувофиқ мутобиқ ба воқеият таҳияи матни таҳлилӣ ғайриимкон мебошад.

Чорум, имрузҳо китобу дастурҳои гуногун дар бораи тарзу усули гузаронидани тадқиқот, пажуҳиши амалӣ ва таҳияи матнҳои таҳлилӣ мавҷуд ҳастанд, вале бинобар сабаби

он ки аксари онҳо хусусияти универсалӣ доранд, истифодаи абзорҳои пешниҳодшаванда барои таҳлилӣ вазъи сиёсӣ, на ба шинохту ҳалли мушкилоти мавҷуда, балки барои ба вуҷуд овардани воқеияти дигари фарқкунанда мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, бояд дар асоси таҷрибаи миллии таҳлилнависӣ дастурҳои таълимӣ навишта, омӯзонида шавад, то донишҷӯён барои кор дар мақомоти давлатӣ пурра омода бошанд.

Панҷум, омӯзиши фанҳои марбут ба таҳлилгарӣ барои донишҷӯёни соҳаи илмҳои сиёсӣ басо муҳим буда, онҳо дар ҷараёни омӯзиш дар бораи мафҳум ва тавсифи матни таҳлилӣ ва фаъолияти таҳлилгарӣ, моҳияи ниҳодҳои таҳлилӣ, хусусияти навишти матни таҳлилӣ, иттилоот ва намудҳои он, талаботи касбӣ ва малакаҳои зарурӣ барои анҷоми фаъолияти таҳлилӣ, намудҳои маводи таҳлилӣ, равиши омода намудани маводи таҳлилӣ, критерияҳои асосии навиштани он, сохтори навиштан ва устувории он ва ба назар гирифтани он ки “мавод барои кӣ навишта мешавад?” маълумоти аниқу дақиқ пайдо кунанд.

Шашум, ҳадафи таълими таҳлилнависӣ барои мутахассисони сиёсати хориҷӣ пеш аз ҳама аз он сабаб зарур аст, ки онҳо моделсозӣ ва сохторбандии равандҳои минтақавӣ ва глобариро аз худ мекунанд, унсурҳои муҳими муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар муносибати Тоҷикистон бо кишвари мавриди назар таҳия менамоянд. Масъулияти таҳлилгаронро дар таҳияи муҳтавои манфиатҳои миллӣ, ҳифзу татбиқи он дар арсаи минтақавӣ ва байналмилалӣ дарк менамоянд.

Ҳафтум, дар таълими фанҳои мазкур барои ташаккули мактаби таҳлилнависӣ, мутобиқ ба воқеияти Тоҷикистон барои ҳифзу татбиқ шудани манфиатҳои миллӣ ташаккул ва тақвият меёбад. Яке аз масъалаҳои умдаи чунин намуди кор рушди соҳаи таҳлил ва салоҳияти баланди кадрҳои таҳлилгар аст, ки аз рӯи сохтор ва тартиби муайян гузоришҳои таҳлилиро омода карда, ба таваҷҷуҳи мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ирсол мекунанд. Дар чорчубаи тақвияти низоми давлатдории миллӣ рушди мактаби таҳлилӣ ва оянданигарӣ барои арзёбии шароити воқеӣ замина офарида, дар асоси он таҳияи як силсила иқдомҳои пешгирикунанда ва муайянкунандаи нуктаҳои рушд имконпазир мегардад.

ТОҶИКИСТОН ВА ЮНЕСКО: ТАЪРИХИ ҲАМКОРИҲОИ МУТАҚОБИЛАН СУДМАНД

Ҷаъфаров С. – муаллими калони кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони ДМТ

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо Созмони Миллали Муттаҳид оид ба илм, маориф ва фарҳанг ЮНЕСКО расман аз 6-уми апрели соли 1993 ба роҳ монда шудааст. ЮНЕСКО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки даврaҳои вазнини пас аз ҷангиро ба сар мебурд, фаъолияти худро тариқи Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО шурӯъ намуд. Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО 28 июни соли 1994 таъсис дода шуд, ки фаъолияти Созмонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг ва амалӣ месозад. Махсусан дар муаррифии кишвар тариқи барномаҳои гуногун, барномаи иштироки ЮНЕСКО, солгарди шахсиятҳои маъруф, солгарди шаҳру мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ, барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ғ.

Мисоли боризи гуфтаҳои боло ин:

Ба Феҳристи ёдгориҳои ғайримоддии ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани “Шашмақом”, ҷаҳонӣ гардидани “Оши палов”, Иди байналмиалии Наврӯз, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, баргузории чорабинии фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Париж (соли 2005 Конфронси 33-юми ЮНЕСКО), соли 2010 ба феҳристи ёдгориҳои таърихӣ ворид намудани «Саразм», ворид гардидани нахустин мероси табиӣ Боғи миллии Тоҷикистон (21 июн соли 2013, дар иҷлоси 37-уми Кумитаи Мероси Ҷаҳонии ЮНЕСКО) дар Феҳристи Мероси Ҷаҳонӣ, ба феҳристи санаҳои таърихии ЮНЕСКО ворид гардидани 100-солагии зодрӯзи шоири тоҷик Мирзо Турсунзода, 90-солагии академик Бобоҷон Ғафуров, 1150 – солагии Абу Абдулло Рӯдакӣ, соли 2003 бо қарори ЮНЕСКО эълон гардидани Душанбе ҳамчун «Шаҳри сулҳ» ва дигар ҷашну ҷашнвораҳо мебошанд.

СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ТАДЖИКСКО-АФГАНСКИХ ОТНОШЕНИЙ

Фарзонаи Ш. – ассистент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистана ТНУ

Дипломатические отношения между Республикой Таджикистан и государством Афганистан были установлены 15 июля 1992 года. С целью укрепления и дальнейшего развития дружбы и добрососедских отношений состоялись встречи глав государств в 1993, 1996 и 2001 гг. в Таджикистане, а в 1993, 1995 гг. в Афганистане, в ходе которых обсуждался широкий круг вопросов.

В декабре 1993 года в ходе визита Президента Исламского Государства Афганистан Б. Раббани в Таджикистан было подписано ряд соглашений, которые способствовали дальнейшему углублению и развитию внешнеполитических отношений между двумя странами. Президент Эмомали Рахмон в рамках трехсторонней встречи между Таджикистаном, Афганистаном и Россией 22 октября 2001 года в Душанбе, особое внимание уделял афганскому фактору и его влиянию на решение региональных и международных проблем. В этой исторической встрече активно участвовали министры иностранных дел, министры обороны и другие официальные лица трех государств. С учетом кризисного положения Афганистана стороны предложили идею постоянных консультаций по вопросам положения в Афганистане.

Во время приезда Хамида Карзая 24 января 2002 года было подписано заявление о добрососедских отношениях и сотрудничестве между обеими странами. Постепенно наладилось серьезное и плодотворное сотрудничество между силовыми структурами и другими министерствами Таджикистана и Афганистана. Эти ведомства в данное время осуществляют ряд крупных совместных проектов в области экономики, энергетики, образования, здравоохранения и т.д.

Государственный суверенитет, территориальная целостность, установление мира и согласия, политическая стабильность Афганистана во многом зависит от усилий соседних стран и государств, имеющих влияние на противоборствующие стороны.

Как отмечает политолог А. Рахнамо: «Тема Афганистана до такой степени для Таджикистана важна, что она до некоторой степени имеет значение для политического и экономического развития республики» (Таджикистан – Ф.Ш.).

Во всех своих выступлениях на международную повестку Эмомали Рахмон отмечает роль Афганистана в системе региональной безопасности и стабильности. Именно поэтому Таджикистан в своей внешней политике прилагает значительные усилия на скорейшее решение проблем Афганистана и упрочения мира и межнационального согласия в этой многострадальной стране. Действительно Афганистан является точкой соприкосновения геополитических интересах сверхдержав Запада и Востока.

Дружественные отношения и сотрудничество с этой страной являются одним из приоритетов внешней политики РТ.

В целом можно заключить, что таджикско-афганские отношения в нынешних условиях формируются на фоне быстроразвивающихся событий и политических процессов в Афганистане. Таджикистан, сохраняя свою твердую внешнеполитическую позицию, всесторонне постарается помочь в решении афганской проблемы и установления прочного мира и общественного согласия на многострадальной афганской земле.

МАСОИЛИ ҲАМГИРОИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Махфирати Д. – лаборанти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони ДМТ

Дар оғози асри XXI ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ ҷузъи таркибии рушди кишварҳо дар тамоми ҷаҳон мегарданд. Дар воқеъ, ҷаҳони имрӯза аз иттиҳодҳои аз рӯйи

шаклу ҳадафҳо мухталифи минтақавӣ иборат мебошад. Тибқи пешгӯйии бисёр таҳлилгарон ва бо назардошти таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо, ҳамгироии минтақавӣ модели беҳтарини имконпазири мавҷудият дар ҷаҳони муосир маҳсуб мегардад.

Дар Осиёи Марказӣ ҳамгироии минтақавӣ баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва арзи вуҷуд кардани панҷ давлати мустақил – Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон – ба яке аз мавзӯъҳои мубрами таҳқиқшаванда мубаддал гашт. Беш аз пеш эҳсос мегардад, ки манфиатҳои тараққиёти иқтисодию иҷтимоии минтақа зарурати роҳандозии кӯшишҳои муштараки тамоми кишварҳои Осиёи Марказиро дар роҳи беҳдошти зиндагии халқҳояшон ба вуҷуд оварданд.

Ҳамгироии минтақавӣ дар солҳои 90 -уми асри XX, вақте ки давлатҳои минтақа ба мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва амниятӣ рӯ ба рӯ шуданд ва бояд муштаракан ин мушкилотро ҳаллу фасл мекарданд, яке аз масъалаҳои калидии сиёсати миллӣ ва минтақавӣ гардид.

Дар Осиёи Марказӣ заминаҳои асосии ҳамгироӣ мавҷуданд. Кишварҳои минтақа аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, фарҳангӣ ва қавмӣ бо ҳам алоқамандии зич доранд. Ин омилҳо имкон медиҳад, ки ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ имрӯз ба афзалияти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҳар як кишвари минтақа табдил ёбад.

Мебояд қайд намуд, ки ҳамгироии минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ин ягона роҳ ба сӯи на танҳо субот, рушд, амнияти иқтисодӣ ва ҳарбӣ–сиёсӣ, балки афзоиши нуфузи Осиёи Марказӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар марҳилаи кунунии ҷаҳонишавӣ Осиёи Марказӣ бо захираҳои бойи табиӣ ва мавқеи муҳими стратегиаш беш аз пеш ба маркази бархӯрди манфиатҳои сиёсиву иқтисодии қудратҳои ҷаҳонӣ табдил меёбад. Мушкилоти ворид шудани кишварҳои минтақа ба сиёсати ҷаҳонӣ бо як қатор омилҳо, аз ҷумла мавҷуд набудани таҷрибаи зарурӣ ва зарурати объективӣ барои мувозинати доимӣ байни марказҳои гуногуни ҳокимият мувофиқи манфиатҳои миллӣ, тавзеҳ дода мешавад.

Мушкилоти асосии раванди ҳамгироии давлатҳои Осиёи Марказӣ масъалаест, ки чӣ тавр иқтидори Федератсияи Россияро барои расидан ба мақсадҳои худ истифода баранд ва ҳамзамон ба тобеияти ин кишвари абарқудрат наафтанд. Қариб ҳамаи кишварҳои минтақа стратегияи алтернативӣ дар соҳаи иқтисод, сиёсат ва амният бо дигар кишварҳои абарқудрат ва ҳамсояро пазируфтаанд, лекин бартарияти бештар ҳанӯз ҳам ба равобит бо Федератсияи Россия медиҳанд. Фаъолияти Иттиҳоди Авруосиё тасдиқи ин гуфтаҳост.

МУШКИЛОТИ ТАҚСИМОТИ ДОИРАИ НУФУЗ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ МИЁНИ РОССИЯ ВА БРИТАНИЯИ КАБИР (ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX)

Анвари С. – ассистенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони ДМТ

Дар нимаи дуюми асри XIX фаъолияти кишварҳои истеъморӣ барои пайваст намудани Осиёи Марказӣ ба ҳудудҳои мустамликавии хеш ба авҷи худ расид. Дар ин раванд, рақобати Россияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир барои касби нуфуз дар минтақа ҳалкунанда буда, муваффақиятҳои ҳарбии Россия дар минтақа ташвишҳои бештарро ҳам дар ҳокимияти британии Ҳиндустон ва ҳам дар Лондон ба вуҷуд овард. Баританияи Кабир барои ҳифзи минтақаҳои нуфузи худ аз Россия роҳҳои пешгирӣ намудани ҳаракати русҳоро ба ҷануб ҷустуҷӣ менамуд.

Дар солҳои 60 – уми асри XIX Россия қисми бештари ҳудудҳои хонигариҳои Қӯқандро забт намуда, бо аморати Бухоро шартномаи сулҳ баста, иҷрои бандҳои он вобастагии Бухороро аз Россия ба вуҷуд овард. Паҳн гардидани доираи нуфузи Россия ташвишҳои Британияи Кабирро бештар намуда, масъалаи тақсимоти Помир ба миён омад.

Дар баробари ин, Британияи Кабир кӯшишҳои навбатиро вобаста ба васеъ намудани сарҳади британӣ тавассути Ҳиндукуш то ҳудудҳои Афғонистони шимолӣ ва сарҳади

Амударё роҳандозӣ намуд. Дар натиҷа, доираҳои нуфузи давлатҳо дар минтақа тақсим гардид, ки заминаи ташаккули сарҳади имрӯзаи Тоҷикистон ва Афғонистонро гузошт.

ТАҲАВВУЛИ МАҚОМИ МАРКАЗҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР СИЁСАТИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

Ғафорзода Ф. – лаборанти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони ДМТ

Марказҳои зеҳнӣ, ки бо номҳои гуногун (“фабрикаи афкор”, “трестҳои зеҳнӣ”, “марказҳои таҳлилӣ” ва ғайраҳо) дар адабиёти илмӣ муаррифӣ мегарданд, ташкилотҳои илмӣ тадқиқотӣ (таҳлилӣ) мебошанд, ки диққати худро ба соҳаҳои илмҳои чомеашиносӣ - сиёсат, иқтисодиёт, сотсиология, ҳуқуқ ва ғайра равона менамоянд. Дар адабиёт ҳамчунин бо номи марказҳои коршиносиву таҳлилӣ низ ёд мешаванд, ки таччассумгари маъно, мазмун ва мақсади фаъолияти ин гуна ташкилотҳо мебошанд.

Бори аввал истилоҳи “трести зеҳнӣ” (brain trust) аз ҷониби рӯзноманигори амрикоӣ Аллен Уайт 21 марти соли 1903 дар маҷаллаи Saturday Evening Post истифода шудааст. Маъруфияти ин истилоҳ ба журналисти дигари амрикои Ҷеймс М.Киран, ки барои тавсиф додани гуруҳи профессорон-машваратчиёне, ки ғалабаи Франклин Рузвелт дар интихоботи президентии 1932 таъмин намуданд, вобаста аст. Тадриҷан зери ин истилоҳ ҷомеаи коршиносоне фаҳмида мешуд, ки дар доираи лоиҳаи муштараке фаъолият менамоянду ғояҳои навро пешниҳод намуда, роҳҳои ҳалли мушкилотҳоро ҷустуҷӯ менамоянд.

“Марказҳои зеҳнӣ” барномаҳои таълимӣ ва тадқиқотии мушаххасро, бо мақсади таълим ва таъсиррасонӣ ба сиёсатмадорон ва ашхоси ташаккулдиҳандаи афкори ҷомеаро татбиқ намуда, ба сифати олоти назорати ҷамъиятӣ ва ҳатто таъсиргузор ба ҳадаф ва арзишҳои ҷомеа дониста мешаванд.

“Марказҳои зеҳнӣ” асосан дар кишварҳои Ғарб ташаккул ёфта, танҳо дар замони навин бо назардошти таъсири онҳо ба равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, низомӣ ва ғайра фаъолияти самараноки онҳо дар дигар кишварҳо низ ба роҳ монда шуд.

Дар натиҷаи афзоиши босуръати шумораи марказҳои коршиносиву таҳлилӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, таъсири онҳо ба сиёсати ҷаҳонӣ низ рӯзафзун гашта истодааст. Илова бар ин худи “марказҳои зеҳнӣ” ба акторони фаъоли сиёсӣ табдил ёфтанд.

КАФЕДРАИ УМУМИДОНИШГОҲИИ ФАЛСАФА

ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КАК ОБЪЯСНИТЕЛЬНЫЙ ПРИНЦИП И КАК ПРЕДМЕТ ИЗУЧЕНИЯ

Аминов Ф. А. – к.ф.н., доцент заведующий общеуниверситетской кафедры философии ТНУ

Следует акцентировать внимание на то, что гегелевская диалектическая концепция деятельности и марксистская предметно-преобразующая теория деятельности стала научно-методологической базой исследований советских ученых. Широкое рассмотрение понятия деятельности и разнообразных её определений в советской философии и психологии развернулись после 60 – х годов. Даже в 5 – ти томной философской энциклопедии нельзя найти определения деятельности. Среди советских исследователей можно назвать Э.Г. Юдина, который рассматривает понятие деятельности как объяснительный принцип и как предмет изучения и между ними видит существенные различия. Он критикует тех исследователей, которые не проводят различия между этими аспектами исследования деятельности. Он утверждает, что «Пока, например, понятие деятельности «работало» в психологии на правах объяснительного принципа, было достаточно изображать ее в трехчленной структуре: деятельность – действие – операции (само это расчленение служило целям специфически психологического изображения деятельности как особой реальности).

Когда же деятельность становится предметом изучения, то это структурное расчленение как минимум требует специального обоснования с точки зрения его адекватности и полноты, оно не может приниматься на веру. А это ведь только одно из методологических требований, которым должно удовлетворять построение конструктивного предмета изучения»(Юдин Э. Г. Системный подход и принцип деятельности. Методологические проблемы современной науки. М., Наука, 1978, с. 391). Действительно, рассмотрение деятельности как объяснительный принцип ограничивает её методологическое и теоретическое значения, суживает рамками её психологического объяснения. На самом деле деятельность, как предмет изучения имеет гораздо более широкий смысл, поскольку она выражает неразрывную связь со всеми человеческими сущностными силами. Теоретической заслугой Э.Г. Юдина состоит в том, что понятие деятельности он определяет более адекватно, чем другие исследователи.

Раскрывает широкое её преобразующее значение в жизни общества и человека. Указывая её универсальное значение, подчеркивает, что «…деятельность есть специфически человеческая форма активного отношения к окружающему миру, содержание которой составляет целесообразное изменение и преобразование этого мира на основе освоения и развития наличных форм культуры» (Там же, с. 267 – 268). Целю деятельности является сознательное целенаправленное изменение мира, которое осуществляется на основе существующих форм культуры. Процесс познания, преобразования и жизнедеятельности человека составляют смысл его жизни, в этом процессе формируются и реализуются такие жизненные сущностные силы человека, как его потребности и деятельные способности. Определения деятельности, которые даны Э.Г. Юдиным, в философской литературе признаны как более адекватные и включены в последующих изданиях философских энциклопедий, словарей и справочников. По словам Э.Г. Юдина, из универсального характера деятельности вытекает «еще одно их свойство, далеко не очевидное, но методологически очень существенное, - полифункциональность».

На этом основании он рассматривает деятельность в широком плане, выявляя её пять функций: деятельность как объяснительный принцип; как предмет объективного научного изучения; как предмет управления; как предмет проектирования; как ценность. (Там же, с. 272 - 273.). Эти функции и принципы он рассматривает как минимально–функциональную структуру деятельности. Если об управленческой функции деятельности и о ней как проектирование еще говорили Платон и Аристотель, то в Новое время, в немецкой классической философии выявили такие её функции, как источник исторического прогресса, как фактор формирования культуры. Действительно, само понятие «теория деятельности»

указывает на деятельность как предмет изучения, в то время как понятие «деятельностный подход» указывает на деятельность как объяснительный принцип и подчеркивает парадигму деятельность как особую ценность, придает ей эвристический смысл и позволяет говорить о ней как постоянно развивающейся теории, показывает её потенциальные преимущества по отношению к другим теориям деятельности.(Давыдов В.В., ЛеонтьевД.А. Предисловие.// Деятельностный подход в психологии: проблемы и перспективы. М.: АПН СССР, 1990. с. 4.)

ҶОЙГОҲИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ДАР РУШДИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Заҳруддинов И. З. – муаллими калони
кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Конфутсий мушоҳида намуд, ки дар Чини Қадим сатҳи ахлоқии ҷомеа хеле паст гаштааст ва зарур шуморид, ки барои баланд бардоштани сатҳи ахлоқии ҷомеаи чинӣ таълимоти ахлоқию иҷтимоӣ ва сиёсии бостониашонро аз нав эҳё кунад (ин таълимот баъд аз сари Конфутсӣ номи конфутсиячигиро гирифт). Воқеан таълимоти Конфутсий дар ташаккули сатҳи ахлоқии ҷомеаи Чин аз қадим то имрӯз таъсири назаррас расонид. Мардуми тоҷику форс низ дар таърихи худ таълимотҳои бузурги ахлоқиеро соҳибанд, ки истифодаи дурусти он барои баланд бардоштани сатҳи ахлоқии ҷомеа ҳаётан муҳим мебошад. Дар таърихи ғании гузаштаи мо таълимотҳои ахлоқӣ, ки аз тарафи Ҳофизу Саъдӣ, Бедилу Румӣ, Хайёму Ҷомӣ ва бисёр бузургони дигари мо таҳррезӣ шудаанд арзиши бузургро соҳиб буда, таҳлилу мутолиа ва истифодаи онҳо барои баланд бардоштани ахлоқи одамон аҳамияти бузург доранд.

Бесабаб нест, ки соли 2011 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонун дар бораи масъулияти падару модар» қабул карда шуд. Иллати асосии қабули қонуни мазкур паст шудани сатҳи ахлоқии ҷомеаи муосири тоҷик мебошад. Дар муқаддимаи Қонун омадааст, ки «мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад». Мо қабул дорем ё на воқеан сатҳи ахлоқии ҷомеа коста гаштааст ва ин бештар дар миёни ҷавонон мушоҳида мегардад. Вақте ки мо ҷавононро ояндаи миллат медонем, пас ояндаи миллатро хатар таҳдид мекунад.

Мушкилоти дигар дар он аст, ки як зумра одамон, махсусан вазифадорони соҳаи тарбия намехоҳанд ин мушкилотҳоро ошкоро баён кунанд ва меҳоҳанд онҳоро ночиз ё номуҳим нишон диҳанд. Аммо мо ҳар рӯз дар кӯчаю хиёбонҳо, боғчаю мактабҳо, дар нақлиёту муносибатҳо рафтори даҳолу гуфтори ғайриахлоқии аҳолӣ, махсусан ҷавононро баръало мушоҳида мекунем. Дар сурати эрод гирифтани чунин ҷавонон ба онҳо рафтори мо писанд намеояд ва аз дигар тараф, мардум бемасъулият гашта худро аз ин мушкилоти ҷомеа дур мекашанд. Ба андешаи мо ин рафтори бемасъулиятонаи одамон ба пешрафти ахлоқии ҷомеаи мо таъсири мусбат расонида наметавонад.

Барои раҳоӣ ёфтан аз ин вазъият кадом иқдомҳоро пеша намудан ба маврид мебошад? Аввалан, қабули қонуни зикргашта ва риояи бечунучарои он муҳим аст. Албатта, қонуни мазкур бояд дар амал татбиқ гардад ва дар сурати танҳо дар рӯи коғаз мондани он ягон самараи дилхоҳ ба бор намеорад. Дувум, мардумро ба адабиёти бузурги гузаштаю имрӯзаи бузургони худ ва адабиёти ҷаҳонӣ ошно намуда, талаб намудан лозим аст, ки онҳоро аз худ намоянд.Президент Э.Раҳмон дар Паёми 2019 қайд намуд, ки ҳар як шаҳрванд бояд дар як сол на камтар аз панҷ китоби бадеиро мутолиа намояд. Чунин иқдом хеле саривақтӣ мебошад, аммо мушкилӣ дар он аст, ки ин корҳо, яъне муҳаббат ба китобу китобхонӣ набояд фармонӣ бошаду ба як завқу шуғли дӯстдоштаи одамон табдил ёбад. Барои ин зарур аст, ки дар боғчаю мактабҳо, дар донишкадаю донишгоҳҳо ташвиқу тарғиби китобу китобхониро дучанд намуда, барои соҳаи илму маориф маблағгузориҳои заруриро сарф намудан зарур аст.

РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Зубайдов З. К. – муаллими калони
кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Дар ҷараёни инкишофи худшиносии миллӣ монеаҳо ва аксултаъсирҳое рӯй медиҳанд, ки метавонанд ин равандро коҳиш додаю тобиши зиддимиллӣ диҳад. Ин зуҳурот қабл аз ҳама раванди бегонашавии наслҳои ҷавон аст, ки ҳувияти хештанро берун аз мансубияташон ба миллату халқи онҳоро ба дунё оварда, тасаввур мекунанд. Дар муҳити вусъат ёфтани таъсири глобализатсия ва афзоиши имкониятҳои технологии ҷомеаи информатсионӣ арзишҳои фавқулмиллӣ ва анъанаҳои навташаккулёфтаи ҷомеаи «хабарбунёд» бидуни ҳеҷ маҳдудият ба афкори ҳанӯз таҳкимнаёфтаи наврасон роҳ меҷӯяд ва то андозае ба он муваффақ мешавад, ки майдони аз тобеияти шуури миллӣ, маърифати ахлоқию арзишҳои намунавии миллат холимондаро пур созад.

Машғулияти компютерӣ ва истифода аз интернет талаботу тақозои маънавӣ ва рӯҳонияти фардҳоеро, ки аз таъсири таблиғу ташвиқ ва фарогирии маънавиёти миллӣ дур мондаанд, ҳарчӣ бештар қонеъият мебахшад ва ин падида дар шароити проблемаҳои рӯзмарра ва мушкилиҳои рӯзгор босуръати баланду барқосо ба фаъолияти ҳаётии одамон, ба ҷаҳони ботинии онҳо ворид шуда, ташаккули муназзами худшиносии миллиро халалдор месозад. Аммо ин андеша ҳаргиз маънои манъи ҷавонон аз истифодаи имкониятҳои ахбориро надорад. Баръакс, пахши маводҳои намунавӣ, мазмуни таҳаммулдоштаи аз рӯзгори тоҷик маълумотдиҳанда, бояд холигоҳи (вакууми) ахборию маърифатиро пур созад. Барномаҳои ҷолиби миллӣ, ёдрас шудан аз саҳифаҳои ифтихории Ватан, баёни корнамоиҳо аз рӯзгори натанҳо ниёгон, балки аз рӯзгору зиндагии шахсиятҳои маҳбуби ҷамъият, ҷавононро ба сӯи иқдомҳои нек ва аъмолҳои муфид ҳидоят месозанд.

Мо тоҷикон даҳҳо одату русумҳое, аз қабили меҳмондӯстӣ, қадр доштани дӯстию намакпосдорӣ, иқдомҳои ҷавонмардӣ ва накукорӣ дорем, ки ҳамтои онро халқҳои дигар камтар доранд. Азиз доштани рӯҳонияти гузаштагон, маҳбуб донистани бузургони миллату дин хоси тоҷикон буда, эҳтироми кӯҳансолон, ёрӣ ба фақирон, мӯҳтарам донистани устодон арзиши неку муқаддаси тоҷикон аст. Дар ҳар барномаи иттиолотӣ-фарҳангӣ ҳамин рукнҳои миллӣ бояд аз ҳузурияти хеш огоҳӣ дода, ҷавони ба таъсири идеологияи шаҳватпарастию зӯригаридодашударо озод созад. Ғайр аз ин, муҳайё сохтани шароиту имкониятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва варзишӣ дар доираи анъанаҳои миллӣ метавонад, ҷавони ба зомбӣ гирифторшударо халос намуда, ба ҳаёти воқеӣ баргардонад. Устувор намудани арзишҳои муфиду манфиатовар, таблиғ намудани шарофатмандию садоқатмандии миллии тоҷикона ва ба саҳнаи фарҳанги ҷаҳонӣ ворид сохтани беҳтарин дастовардҳои фарҳанги амон метавонад ба ҳамлаи пурғалаёни ҷаҳонишавӣ муқобилияти сазовор нишон диҳад.

ВАТАНДӮСТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МЕҲВАРИИ МАФКУРАИ МИЛЛӢ

Зувайдуллозода М. Ҳ. – н.и.ф., муаллими калони
кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ
Заҳруддинов И. З. – муаллими калони
кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Дар солҳои охир дар давлатҳои ҷаҳон тамоюлҳои мухталиф, ба монанди миллатгароӣ, ватандӯстӣ ва ғайра паҳн гашта истодааст. Албатта, барои муҳаққиқон фаҳмиши ин мафҳумҳо душвор нест, аммо мардуми оддӣ ва шаҳрвандон тафовути ин мафҳумҳоро аз ҳамдигар на ҳама вақт дуруст дарк мекунанд ва маънии онҳоро нодуруст дарк карда, дар баъзе мавридҳо ба ҳам омехта менамоянд ва вобаста ба манофеи худ аз ин мафҳумҳо истифода мекунанд. Агар ба маънии этимологии ин мафҳумҳо диққат диҳем, ба таври умумӣ миллатгароӣ ин дӯст доштани миллати худ ва ватандӯстӣ-дӯст доштани Ватани худ мебошад.

Аз ин рӯ, метавон ба хулоса омад, ки мо ҳам миллатгаро ва ҳам ватандӯст мебошем, чун ҳам миллат ва ҳам ватани худро дӯст медорем. Мушкилӣ дар дарки мардуми авом ва

махсусан ҷавонон мебошад. Имрӯз дар аксари давлатҳои муосир, махсусан дар миёни ҷавонон, ки қишри фаъоли ҷомеаҳои муосирро ташкил медиҳанд тамоюли миллатгароӣ нодуруст фаҳмида мешавад ё онҳоро махсусан нодуруст мефаҳмонанд ва ба сифати идеологияи давлатӣ миллатгароиро пешниҳод мекунанд. Ин гурӯҳҳо дар зери мафҳуми миллатгароӣ дӯст доштани миллати худ ва бартарӣ доштани он нисбат ба миллатҳои дигарро фаҳмида, ҳатто нисбати дигар миллатҳо зурию таҳқир ва пахш кардану поймол намудани ҳуқуқҳои онҳо раво медонанд. Барои пешгирӣ намудани чунин равандҳои манфӣ мо бояд ҷавононро бо ин мафҳумҳо дурустан ошно намоем ва дар онҳо ҳисси ватанпарастию ҳурмату эҳтироми халқияту миллатҳои гуногунро бедор кунем.

Раванди миллатгароӣ сабаби муноқишаҳои дохили минтақавӣ ва ҳатто ҷаҳонӣ шуда метавонад. Имрӯз дар ҷаҳон тамоюли манфии тағйир додани таърих, ба манофеи худ бунёд намудани он ва вазъияти дохилии давлатҳои мухталифро муташаннӣҷ намудан, фаъол гаштааст. Аз ин рӯ, дар давлатҳое, ки тамоюли миллатгароӣ ҳукмрон бошад ҳатман нисбати дигар халқияту миллатҳо зулму таҳдид вуҷуд дорад. Ин амал ба муноқишаҳои дохилидавлатӣ оварда, хатари парокандашавии давлатро ба миён мегузорад.

Раванди миллатгароӣ махсусан на ба давалтҳое, ки аксарияташонро як миллат ташкил медиҳад, балки ба ҳамон давлатҳое таҳдид мекунад, ки аз халқияту миллатҳои зиёд таркиб ёфтаанд. Метавон раванди миллатгароӣ ва таҳдидҳои парокандашавии давлатҳоро имрӯз дар Испания, Британияи Кабир, Украина ва ҳатто дар Россия ва як қатор давлатҳои дигар мушоҳида намуд. Як қисмати ин давлатҳо мисли Россия барои пешгирӣ намудани он иқдомҳои заруриро пиёда сохта истодаанд, гурӯҳи дигари давлатҳо, мисли Украина дар ин ҷода ба хатогиҳои ҷиддӣ роҳ дода, суботи дохили давлати худро халалдор намуда, ба онҳо кӯшишҳои ҷудоихоҳию парокандашавии давлат таҳдид дорад.

Аз ин рӯ, дар замони муосир дар давлатҳои миллӣ на тамоюли миллатгароӣ, балки ватандӯстиро амалӣ намудан ба маврид мебошад. Дар мафкураи ҷавонону шаҳрвандон, сарфи назар аз халқияту миллатҳои мухталифи дохилидавлатӣ татбиқ намудани ҳисси ватандӯстӣ барои устуворию ягонагӣ ва рушди ояндаи давлат муҳим мебошад. Хуб мешуд ватандӯстиро ҳатто ба дараҷаи идеологияи давлатӣ бурда расонид, чун демократия ин як воситаест барои расидан ба ин ё он аҳдофи давлатӣ. Дар олами муосир кушиши ҷудоихоҳӣ ва миллатгароии манфӣ дар давлатҳои демократӣ нисбат ба давлатҳои ғайридемократӣ бештар мушоҳида мешавад. Дар давлатҳои ғайридемократӣ ба муқобили он самараноктар мубориза мебаранд.

Барои ҳисси ватандӯстии шаҳрвандонро зинда намудан ё бештар намудан бо як эълон намудани он натоиҷи дилхоҳ ба даст намеояд ва зарур аст, ки дар ин самт амалҳои тарғиботиро дучанд намуда, сиёсати дурусти давлатиро пеш гирифт. Дар сурати дигар тамоюлҳои манфӣ дар ҷомеа ҳукмрон гашта, барои халалдор намудани суботи давлатӣ мушкилиҳо ба бор меоранд.

ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ДЕЙСТВИЕ КАК ВИД МАССОВОГО СОЦИАЛЬНОГО ДЕЙСТВИЯ

Муминова М. О. – к.ф.н., ассистент
общеуниверситетской кафедры философии ТНУ

Несомненно, на нынешнем этапе развития мирового сообщества научно-техническая революция требует безотлагательного решения целого комплекса сложных экологических вопросов. Рост темпов и масштабов преобразования окружающей среды выдвигается на одно из центральных мест проблемы экологического действия субъекта на разных уровнях, многие из которых обращены непосредственно к науке и, особенно, философии. Решение этих вопросов может быть найдено на основе выработанной социально-философской концепции взаимосвязи природы, общества и человека.

Как отмечают многие исследователи экологических проблем, органическое взаимодействие общества и природы, человека и среды его обитания выступают основной предпосылкой и условием жизнедеятельности субъектов. В этом плане не вызывает сомнения

утверждение, что: «Человек не только изменяет форму того, что дано природой, а он осуществляет, вместе с тем, и свою сознательную цель, которая как закон определяет способ и характер его действий и которой он должен подчинить свою волю». Социально-философский анализ экологической проблемы требует выявления и обоснования её связей с различными сторонами общественного бытия. Такой подход необходим потому что, кроме исследования чисто научного (познавательного) и технологического, а также экономического и политического аспектов, в нынешних условиях прогресса цивилизации большое значение имеют аспекты социальные, культурные, идеологические, этико-гуманистические и эстетические аспекты проблемы экологического действия, которые представляют её социально-философское содержание. Каждый из этих аспектов выступает как значительная самостоятельная проблема теоретического анализа, который, иногда, проводится на стыке нескольких наук.

Разработку проблем, связанных с охраной окружающей среды, как объект познания обществоведческих наук, исследователи интенсивно начали после приобретения Таджикистаном государственной независимости. Хотя проработка этой проблемы, постоянно сталкивается с определёнными сложностями и трудностями, однако за относительно короткий срок выполнен ощутимый объем работы по изучению её других аспектов.

Следует заметить, что, поскольку социальная природа экологического действия может быть определено по-разному, поэтому нет надобности, раскрывать этот вопрос во всем его объеме. Отсюда, при анализе проблемы экологических действий субъекта, которые являются одним из видов массового социального действия людей, в первую очередь, необходимо выявить её теоретико-методологические основы. В качестве таковых, относительно рассматриваемой темы, можно выделить, разработанные в науке, социально-философские концепции социального действия.

Опираясь на теорию и существующие в социально-философской науке концепций массовых социальных действий, в сжатой форме можно предложить определение понятия «экологическое действие», как: вид массового социального действия, локализованного в пространстве и времени конкретный акт деятельности общественного субъекта по преобразованию окружающую природную среду в иную, соответственно его потребностям и целям.

ТАНКИДИ НАЗАРИЯИ «КОНСТИТУТСИОНАЛӢ» ВА «ПСИХОПАТИЯ»- И ҚОБИЛИЯТ

Наврузов И.С. – асситенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Назарияи «конституцсионалӣ» ва назарияи «психопатия»-и қобилиятҳоро психиатр ва психологи олмонӣ Эрнст Кречмер (1888 – 1964) пешниҳод мекунад. Нақши хусусияти химиявии хунро дар ташаккули хосиятҳои фардии инсон, аз чумла фаъолияти психикаи он таъкид намуда, конституцсияи инсонро ҳидояткунанда ва раҳнамокунандаи амалҳои ӯ медонад. Масалан, дар асари «Одамони нобиґа» омӯзиши конституцсионалии чиноятҳоронро ба хотири корҳои реабилитатсионӣ нисбати онҳо, тавсия медиҳад (Эрнст Кречмер. Гениальные люди. // Звезда. 1999. №11, с. 130). Кречмер кӯшиш мекунад дар зиндагиномаи мутафаккирон, олимон, сиёсатмадорон, рассомон, мусиқадонҳо ва авлоди гузаштаи онҳо ҳолатҳои психопатия ва ақибмонии ақлиро чӯё шавад.

Дар таҳқиқоти Э. Кречмер агар худи гений психопат набошад, пас ягон авлоди ӯ албатта гирифтори ин беморӣ хоҳад буд. Ба назарияи психопат доир ба қобилиятҳои инсон, Эрнст Кречмер назарияи даймони Сукротро илова месозад. Ӯ ончое, ки унсурҳои психопатро мечӯяд, ҳузурияти «садои ботин» («даймон») – и Сукротро низ пайдо мекунад, ки муштаракан ин ду омил қобилиятҳои инсониро эҷод месозанд. Ин назария набояд ҳамчун назарияи баҳснопазири илмӣ қабул шавад. Зеро ки зимни амиқ омӯхтани шаҷараномаи ҳар

инсон, хоҳ эҷодкор ё ғайриэҷодкор, ҳатман ягон аъзои ҳамин авлодро мубталои беморие рӯҳӣ дидан мумкин аст.

Мутафаккирони бузург низ мубталои беморие, чун психопат ва ғайра будаанд. Аммо ҳеҷ як эҷодкор осори гениалии худро дар ҳолати психопадт нанавиштааст. Масалан, Фридрих Нитсше баъди мубталои беморие рӯҳӣ ҳатто сатри дурусте иншо накардааст. Адольф Кетле баъди апоплексия июли соли 1855 аз беморӣ раҳо ёфта бошад ҳам, нерӯи эҷодии худро барқарор карда натавонист. Яъне ҳама идеяҳои илмию эҷодӣ маҳз дар ҳолати хушёрию солимӣ эҷод шудаанд ва «психопат»- ро омили хидоятсозандаи кашфиётҳо донистан, танҳо талаботу фаъолиятҳои ҷамъиятӣ, эҳтиёҷу заруриятҳои зиндагӣ ва имконияту шароитҳои ҳаётиро инкор кардан асту вассалом.

Дар воқеият ҳамаи кашфиётҳо, ҳамаи идеяҳои ҷолибу зарурӣ дар маҷрои зарурияту имкониятҳои таърихӣ, дар доираи талаботу эҳтиёҷҳои рӯзгор ва муқаррароҳои фарҳангию миллӣ эҷод шуда, вобаста ба ҳар марҳилаи муайяни таърихию фарҳангӣ ин қобилиятҳо сатҳи баландтару комилтарро соҳиб мешаванд. Дар осори аксари пешниҳодкунандагони назарияҳои анатомию физиологӣ, генотипию «психопатӣ», моҳияти воқеии қобилиятҳои инсонӣ ба эътибор гирифта нашуда, мундариҷаи ҷамъиятию ҳаётии он ба сӯи хувияти табиию биологии он тела дода мешавад, ки наметавонад далели воқеии илмӣ дошта бошад.

МАСЪАЛАИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ДАР ЗАМОНИ ЭҲЁИ АВРУПОИ ҒАРБӢ

Одинаев С. Ш. – муаллими калони
кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Марҳилаи нави ташаккулёбии идеяи озодии виҷдон ба давраи Эҳё рост меояд. Давраи Эҳё – ин як тағйироти куллӣ дар низоми арзишҳо, баҳодиҳии донишҳои мавҷуда, зинда намудани ақидаҳои илмӣ ба ҳисоб меравад. Аз асри XIV сар карда, кӯшиши ҷиддие барои озод шудан аз ҳукмронии калисо дар ҳаёти маънавӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа ба амал меояд ва таъсири калисоро дар ҷомеа хеле коҳиш медиҳад. Дар ҷомеа мустақилияти иқтисодӣ, сиёсии берун аз таъсири калисо қувват гирифта, таъсири худро ба ҳаёти маънавӣ, илм, санъат мегузорад. Давраи нав замони эҳёгари тамаддуни атиқа ба ҳисоб меравад ва ба ҷаҳонбинии асримиёнагӣ муқобил мебарояд.

“Муҳимтарин ҷиҳати ҷаҳонбинии давраи Эҳё рӯ овардан ба санъат аст. Агар асрҳои миёна «давраи диндорӣ» номида шавад, пас давраи Эҳёро метавон давраи бадеӣ-эстетикӣ номид. Агар дар маркази ҷаҳонбинии асрҳои миёна Худо ва ғояи наҷотбахши дин қарор дошта бошад, пас дар маърази таваҷҷӯҳи давраи Эҳё инсон қарор дорад. Аз ин ҷо тафаккури фалсафии ин давраро антропосентрикӣ (инсонмеҳварӣ) меноманд”.

Бузургтарин намояндагони давраи Эҳё, мисли Ҷовани Бокаччо (1313-1375), Николаи Кузанӣ (1401-1464), Леонардо да Винчи (1452- 1519), Николай Коперник (1473-1543), Франсуа Рабле (1494-1533), Ҷордано Бруно (1548-1600), Галилео Галилей (1564-642), Иоганн Кеплер (1571-1630), Уриел Акоста (1585-1640) ва дигарон идеяи мустақилияти мавқеи ҷаҳонбиниро аз ҷаҳонбинии динӣ тақвият дода, принсипҳои озодии виҷдонро тарғиб менамуданд. Масалан, Ҷ. Бруно ва Николаи Кузанӣ заминагузорони воқеии идеяи озодии виҷдон буда, таъқиби одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоиро вобаста ба ақида ва мазҳаб комилан маҳкум мекарданд.

Махсусан, дар асри XV-XVI дар донишҳои табиатшиносӣ тағйиротҳои азиме ба мушоҳида мерасанд. Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ тағйиротҳои куллии тасаввуротҳо оиди манзараи ҷаҳонро ба вуҷуд овард. Дар асри XVI баробари назарияи гелеосентризми Коперник дар илмҳои табиатшиносӣ инқилоби комили илмӣ ба вуҷуд омад. Кӯшиши маърифати амиқи табиат, коркарди назариявӣ ва тадқиқотҳои таҷрибавии онҳо на танҳо ба тағйироти манзараи олам, балки тасаввуротҳо дар бораи ҷаҳонбинӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат намуданд. Муҳимтарин заминаи ташаккули идеяи озодии виҷдон дар даврони Эҳё - ин пантеизм ба ҳисоб меравад.

Пайдоиши идеяи озодии виҷдон бо маънои имрӯзааш ба асрҳои XV, аниқтараш аз ҳаракати Ислоҳотхоҳӣ (Реформатсия)-и Аврупо сарчашма мегирад. Норозигии мардум аз

калисои католикӣ дар аввали асри XVII ба ҳаракати ислоҳгарой ё ислоҳоти дигар “реформатсия” оварда расонд, ки натиҷаи он бо номи протестантизм машҳур аст. Яке аз саромадони ҳаракати ислоҳотхоҳӣ Мартин Лютер (1483-1546) бо пайравони худ ба яккаҳукумронии калисо хотима гузошта, муносбати шахсии инсон ва Худоро бе миёнаравии рӯҳонёни калисо эътироф намуданд.

Дар ин бора М. Лютер чунин менависад: “Дар масъалаи виҷдон Худо ягона ҳаст ва сухани Ӯ дар ин маврид ҳукумрон аст... ҳама гуна қонуне, ки ҳокимияти худро ба виҷдони инсон бор кардан мехоҳад, на танҳо ҳуқуқи Худоро зери шубҳа қарор медиҳад, балки кори бисёр зишт ва беҳудаеро амалӣ мегардонад, зеро ҳеҷ касро ба эътиқод маҷбур намудан мумкин нест”.

Ба ақидаи М. Лютер калисо бе поп низ метавонад вуҷуд дошта бошад, дар байни инсон ва Худо миёнаравии калисо шарт нест, инсон на бо воситаи хизматҳои шахсии поп ё ягон навиштаҷоти муқаддас, балки танҳо бо имон ва раҳмату шафқати Худо наҷот меёбад. Бо вуҷуди ин гуфтаҳо худи саромадони ҳаракати Ислоҳотхоҳӣ муқобили гуногунандешон баромадаанд. Аммо дар натиҷаи заминагузории идеявии протестантҳо сиёсати давлатӣ ботадриҷ аз зери таъсири идеологияи калисо берун баромад ва худи калисо ба ҳокимияти дунявӣ тобеъ гардид. Маҳз дар ин давра чандин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ дар мавриди таҳаммулпазирии динӣ ва принсипҳои озодии виҷдон ба тасвиб расиданд.

ТАШАККУЛИ ТАЪЛИМОТИ ПЛЮРАЛИЗМИ СИЁСӢ ДАР АФКОРИ Д. ТРУМЭН

Остонақулов Т. Ш. – ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Назарияи плюрализми сиёсӣ рушду инкишофи худро дар китоби Дэвид Трумэн (1913-2003) «Раванди идоранамой: манфиатҳои сиёсӣ ва андешаҳои ҷамъиятӣ» пайдо намуд. Дар китоби мазкур мисли тадқиқотҳои А.Бентли категорияи асосии таҳлили иҷтимой-сиёсиро гурӯҳ, махсусан гурӯҳи манфиатҳо ташкил медиҳад. Асоси ҷомеаро гурӯҳҳои гуногуни байни ҳам рақобаткунанда ташкил менамояд ва раванди сиёсӣ ҳамчун «раванди рақобати гурӯҳҳо барои ҳокимият ва тақсими захираҳо» дониста мешавад. Зери фаҳмиши гурӯҳ Д.Трумэн шахсони зиёди байни ҳам таъсиррасонандаро мефаҳмад. Гурӯҳҳоро ба гурӯҳҳои сода ва гурӯҳи манфиатҳо ҷудо менамояд. Аммо ҳам барои гурӯҳи аввал ва ҳам барои гурӯҳи дуюм манфиат дар дараҷаи аввал қарор дорад. Ин ҳам бошад, манфиати ҳар шахси алоҳидаи гурӯҳ, ки баҳри он бевосита гурӯҳро ба вуҷуд овардааст ва нигоҳ медорад.

Дэвид Трумэн ба раванди сиёсӣ ҳамчун муборизаи гурӯҳ барои ҳокимият ва тақсими захираҳо назар карда, қайд менамояд, ки гурӯҳи манфиатҳо дар аксари маврид ба воситаи миёнаравии институтҳои сиёсию маъмурие амал менамоянд, ки инъикоскунандаи муборизаҳои гурӯҳҳоянд ва аз фаъолияти ин гурӯҳҳо вобастаанд. Муносибати мазкур ифодаи худро дар он меёбад, ки маҳз ба воситаи институтҳои сиёсию маъмурӣ, қисми зиёди тақсими захираҳои ҳокимиятӣ гузаронида мешавад. Бинобар ин гурӯҳҳои рақобаткунанда воситаи дастрасӣ ба ин маркази калидиро пайдо кардан мехоҳанд. Ҳадаф он аст, ки маркази қабули қарори сиёсӣ дар рафти тақсими захираҳои ҳокимиятӣ қарори мусоид баҳри онҳо қабул намояд. Гурӯҳҳои мазкур, ки бо институтҳои давлатӣ муносибат доранд, асоси таҳқиқи «гурӯҳи сиёсии манфиатҳо»-ро ташкил медиҳанд.

Принсипи фундаменталии консепсияи Д.Трумэн ин тезис дар хусуси баҳамтаъсиррасонии байниҳамдигарии гурӯҳи манфиатҳо, тамоюли расидан ба баробарӣ мебошад. Хизмати А. Бентли ва Д. Трумэн асосҳои консептуалии назарияи плюрализми сиёсиро гузошт. Сарчашмаи назарияи мазкурро дарки ҷомеа ҳамчун ҷамъи гурӯҳи манфиатҳо ташкил медиҳад. Раванди сиёсӣ шакли муборизаи гурӯҳи манфиатҳо тафсир гашта, сиёсати давлатӣ бошад, ҳамчун натиҷаи баҳамтаъсиррасонии гурӯҳи манфиатҳо дониста мешавад. Тезис дар хусуси он ки самаранокии сиёсати давлатӣ бо хосияти системаи сиёсӣ муайян мегардад. Системаи сиёсие, ки рақобати манфиатҳои иҷтимоии мухталифро дар раванди сиёсӣ баробар, озод ва воқеан таъмин менамояд, постулатаи асосии назарияи плюрализми сиёсиро гузошт.

Эътироф гардидааст, ки сиёсат дар асоси таъсиррасонии давлат ҳамчун институт эҷод мегардад ва ҳадафии асосии он даст овардани манфиатҳои умумӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Дар натиҷа манфиатҳои мухталифи хусусӣ ба манфиати ягонаи ҷамъиятӣ табдил меёбанд.

КОНСЕПСИЯИ БИОЛОГИЮ ГЕНОТИПИИ МУҲАҚҚИҚОНИ АМЕРИКОӢ

Раҳмонова Б. А. – аспиранти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Муҳаққиқони америкоӣ Ҷоҳан Фримэн ва Карл Брунер ҷустуҷӯи қобилиятҳои иҷтимоиро дар табиати биологии инсон тавсия дода, ба ақидаи биологӣ ё табиати физиологӣ доштани сифатҳои инсонӣ комилан мӯътақиданд. Ҷоҳан Фримэн ба волидайни кӯдакон қотеъона муроҷиат мекунанд, ки бояд қобилияти фарзанди худро мушкил ҳам бошад, кашф намоянд ва бо ҳамин роҳ метавонанд, аз тӯҳфае, ки бо ҳамроҳии тифл тавлид шудааст, манфиат ба даст биёранд (Джоан Фримэн. Ваш умный ребенок. М., «Семья и школа», 1996, с. 9).

Концепцияи биологию генотипии қобилиятро психолог ва антропологи америкоӣ Карл Брунер пешниҳод намуда, андеша дорад, ки меросияти биологию генетикӣ дар ташаккули қобилиятҳои инсон ҳалкунанда буда, фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ҳеҷ наметавонанд аз маҳдудияти ба сари онҳо бор кардаи сифатҳои генетикӣ халос шаванд. Дар фаҳмиши инсоншиносии муҳаққиқони америкоӣ таҳти мафҳуми «инженерии иҷтимоӣ» - ҷараёни антропологие дар назар дошта шудааст, ки ташаккули инсонро дар ҷодаи муҳити иҷтимоию фарҳангӣ ва фаъолияти ҷамъиятӣ ҳамчун як амали иҷбории инсонсозӣ баҳогузорӣ мекунад. Дар назари онҳо пайравони назарияи фаъолиятӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии қобилиятҳо инсони соҳибқобилиятро маҷбуран ба саҳнаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, гӯё сунъӣ эҷодкардашуда тела дода, ташаккули табиию генетикии ӯро зӯран дигар мекарда бошанд.

Муҳаққиқоне, ки назарияи ташаккули фаъолиятию талаботии қобилиятро нафаҳмида, моҳияти таърихию ҷамъиятии қобилияту сифатҳои инсонро дидан намехоҳанд, хамин тавр роҳи ягонаи интиқоди бедалелро пеш мегиранд, ки Карл Брунер яке аз онҳост. Ин муҳаққиқон ба эътибор намегиранд, ки ҳарчанд табиати биологии инсон ва мавҷудияти иҷтимоии ӯ дар робитаи байниҳамдигарӣ қарор дошта бошанд ҳам, иҷтимоият чунон сифати наву нотакрорест, ки инсон дар раванди инкишофи таърихию ҷамъиятии худ ба даст овард. Ин дастовард дар сатҳи шакли ҳаракати иҷтимоии инсон муяссар шуд ва дар сатҳи қонуниятҳои физикию биохимикӣ чунин шакли инкишоф то ҷамъияти инсонӣ имконнопазир буд.

Ҳама гуногунии қобилиятҳои инсонӣ ва зоҳир шудани ҷиҳатҳои хоси одамият аз гуногунии тарзҳои фаъолияти ҳаётӣ ва хусусиятҳои муҳити иқтисодию фарҳангӣ ва иҷтимоии инсон аст. Фаъолияти ҳаётӣ аз талаботу эҳтиёҷоту мотивҳои воқеии ҳаёти иҷтимоӣ бармеоянд. Ҳатто одами комилан сиҳатманд, инчунин бемори дардманд ҳам манфиатҳои ҳаёти иҷтимоии худро вобаста ба имкониятҳои иҷтимоӣ ва талаботҳои иҷтимоияш ба нақша мегирад. Дар доираи барномаи биологӣ ва имконияти генҳо инсон наметавонад муқаррароти ҳаёти иҷтимоии худро ба танзим дарорад.

ХУДШИНОСӢ ВА ВАТАНДӮСТИИ ҶАВОНОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Сафарова С. Д. – н.и.ф., дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Сатҳи рушд ва нуфузи ҳар як кишвар дар арсаи байналмилалӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чӣ андоза дорои маърифати сиёсиву фарҳангӣ ва ихтисосу дониши муосир буда, ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд.

Пешрафти ҷомеа дар тамоми соҳаҳо аз оромии ҷомеа вобастагии зиёд дошта, муттаҳидиву иттиҳоди ҷавонон асоси он ба шумор рафта, муҳимияти он дар камоли иҷтимоии шахс махсус аст. Ҷавонон неруи бузург дар ҳар давру замони пешрафти миллат

дониста шуда, «ҷавононро ояндасози ҷомеа» меноманд. Ҷавонон дар меҳвари ҳама гуна тағйироту табаддулоти равандҳои ҷомеа, неруи марказӣ маҳсуб ёфта, дар таърихи ҷомеа низ нақши муассир доранд. Худшиносӣ - ин мақому манзалати инсонии худро бо решаҳои таърихӣ, бо сарнавишти миллату халки худ ва бо аҳли башар дарк кардан аст.

Бо таъбири Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон «Бидуни пайванду ҳамгироии тамаддуни имрузаи тоҷикон бо таърихи куҳанбунёди хеш ба қадри истиклолият, ифтихори Ватану ватандорӣ, хувияти миллӣ ва худшиносию худогохии комил расидан мушкил аст. Ҳамчунин бе дарки огоҳонаи решаҳои таърихӣ, таҳкими истиқлолият, пойдории давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддин мушкилтар хоҳад буд». Тоҷикон дар тули таърих ба дастовардҳои моддию маънавӣ, фитрати фархангофарин ва маърифатбунёди худ дар ҷаҳони мутамаддин ба дарёфти мақоми муаззам ва ифтихорангез ноил гардиданд.

Ифтихор аз гузаштаи таърихи куҳанбунёди хеш вақте пайдо мешавад, ки аз он огоҳ бошӣ, онро мояи омӯзиш, ибрат ва шукуҳмандӣ бидонӣ, зеро таърихи фарҳангу тамаддун, забон, адаб, урфу одат дар пешгаҳи қавми ноогоҳ хукми мурдаро дорад. Сахифаҳои рангин ва рузгори равшани миллати мо дар тули таърих бо талошу муборизахои ниёгонамон, пешвоён ва сарлашкарон: -Спитамен, Темурмалик, Муқаннаъ, Шерак, Исмоили Сомонӣ, Восеъ, Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Бобоҷон Гафуров ва даҳҳо зиёиёну сиёсатмадорони шарафманди дигар тавъам буд.

Дар ин робита Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Рахмон барҳақ қайд мекунанд, ки «Ҷавонон бояд сабақҳои Истиқлолиятро омӯзанд, аз равандҳои солиму носолими сиёсати имрӯза огоҳ бошанд. Таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаву баргашта варақ зананд ва аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд». Имрӯз вақти он расидааст, ки мо ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, шуҷоату далерӣ тарбия кунем ва дар онҳо ғурури миллиро бедор намоем.

Дар шароти ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, инчунин торафт вусъат гирифтани низоъҳои байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ зиракии сиёсии ҷавонон аҳамияти бағоят бузург касб менамояд. Бо таъсири интернет, шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои иттилоотӣ иддае аз ҷавонони сустиродаву ноогоҳ ба доми таъсири гурӯҳҳои манфиатҷӯ афтида, ба миллату Ватани хеш хиёнат менамоянд, обрӯ ва мақоми мамлакатро дар арсаи байналмиллалӣ паст мегардонанд. Ва бояд қайд кард, ки имрӯзҳо аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, оид ба масъалаи мазкур корҳои босамар амалӣ гашта, тадбирҳои мушаххас андешида шуда истодааст.

Тарбия ва ба камол расонидани насли ватандӯсту меҳанпараст ва худшиносу худогоҳ вазифаи муқаддаси ҳар як мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, муассисаҳои таълимӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, оила ва падару модар ба ҳисоб меравад. Ҷавонони боидроку бофахми мо сиёсати пешгирифтаи давлату хукуматро дар самти бунёдкориву созандагӣ дастгирӣ намуда, дар пешрафти мамлакат саҳм хоханд гузошт. Бинобар ин, ин андешаву хулосахо моро водор мекунанд, ки боз ҳам ҳамкориву ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои ниходҳои давлатӣ ва гайридавлатиро ба хотири беҳбудии вазъи ҷавонони имрӯз, ки фардои миллат аз онҳо вобастагӣ дорад, тараққӣ бидиҳем.

САҲМИ ИБНИ СИНО ДАР ИНКИШОФИ ФАЛСАФАИ МЕТАФИЗИКӢ

Шаҳовудинов Н. С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Фалсафаи Абунасри Форобиро дар таърихи метафизика ҳамчун «оғози дувум» мешиносанд. Аммо ин оғози нав дар фалсафаи Ибни Сино дурахши худро нишон медиҳад. Агар Форобӣ ба тариқи умумӣ ба фалсафаи нав оғоз бахшида бошад, Сино онро аз ҳар ҷониб асоснок ва ба тариқи муфассал ҳар як масъаларо шарҳ додаст.

Ба тариқи умуми Ибни Сино дар шаклгирии метафизикаи минбаъда навгониҳои зеринро ворид намудааст.

Тақсим кардани метафизика ба ду бахши асосӣ, яъне метафизикаи Худо ва ё воҷибулвуҷуд ва метафизикаи ҷаҳон ва ё имконулвуҷуд. Мо нахустин маротиба ин таҳаввулро дар фалсафаи Форобӣ мушоҳида менамоем, аммо ба он андозае, ки Сино онро асоснок мегардонад ва ҷузъиёти онро шарҳ медиҳад, дар фалсафаи Форобӣ дучор намегардем. Аз ҳолати билқувва ба билфеъл табдил ёфтани имконулвуҷуд ва ё ҷаҳонро Сино бо чаҳор сабаби пешниҳоднамудаи Арасту асоснок мегардонад ва худоро берун аз ин чаҳор сабаб шарҳ медиҳад. Вуҷуди Худо ба сабаб ниёз надорад, балки он худ сабаби сабабҳо мебошад.

Дорои ҳастишиносӣ (онтологизатсия) гардонидани метафизика. Ба ақидаи мухаққиқони олмонӣ нахустин маротиба Ибни Сино, онгуна ки мо имрӯз мефаҳмем, метафизикаро дорои ҳастишиносӣ гардонидааст. То замони Ибни Сино фахмишҳо дар бораи ҳастӣ ба мисли фахмиши афлотунӣ қарор доштанд, яъне ҳар як мавҷуд дорои хастии алоҳида буд. Ҳастии инсон аз ҳастии дарахт ва ё ҳастии хона аз ҳастии замон фарқ мекард. Фахмиши ягона дар мавриди ҳастии ягона вуҷуд надошт. Нахустин шуда Сино доир ба мавҷудияти танҳо як ҳастӣ ва дорои маънии трансенденталӣ будани он сухан мегӯяд, ки он аз фаҳмиши афлотунӣ ба куллӣ фарқ мекард. На дар муносибат бо Афлотун, балки дар муносибат бо ақидаи мутакаллимон, ки ҳамон фаҳмиши афлотунӣ буд, Сино он ақидаҳоеро, ки мавҷудияти ҳастиҳои гуногунро қабул доштанд, интиқод кардааст. Анъанаи дар бунёди метафизика қарор гирифтани онтология маҳз бо метафизикаи Сино оғоз меёбад.

Дорои моҳият гардонидани ҳастишиносӣ. Яке аз навгониҳои ба метафизика ворид намудаи Сино ин аз ҳам ҷудо намудани вуҷуд ва моҳият мебошад. Дар метафизикаи Арасту ҳанӯз вуҷуд ва моҳият як чиз дониста мешаванд ва онхо аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Нозукӣ дар он буд, ки ба ақидаи Арасту як қисмати вуҷуд бо эҳсосҳо дарк карда намешавад ва онро танҳо бо ақл дарк кардан мумкин аст. Сино ин ақидаро бо он дигаргун намуд, ки дар ин ҷо на танхо як маънии вуҷудӣ вуҷуд дорад, балки ду маънӣ: маънии вуҷудӣ ва маънии моҳиятӣ вучуд дорад. Он даҳ категорияе, ки дар фалсафаи Арасту дорои маънии вуҷудӣ мебошанд, дар фалсафаи Сино дорои маънии моҳиятӣ мебошанд.

Маънии моҳиятӣ дар баробари маънии моҳиятӣ намебошад ва агар ин гуна мебуд, онгоҳ маънии моҳиятӣ аз маънии вуҷудӣ фарк намекард. Масалан, гуфтори «Ҷавхар аст» аз гуфтори «ҷавҳар ҷавҳар» фарқе намекард. Онгуна ки мо медонем, ин ду гуфтор як чиз намебошанд. Маънии хастӣ аз хамаи маъниҳои моҳияти фарқ менамояд ва пас аз ҳамл гардидани маънии вуҷудӣ ба маънии моҳиятӣ, ки ин раванд низ дар зеҳн сурат мегирад, моҳият дорои вуҷуд мегардад.

Ин навгониҳои вориднамудаи Сино дар метафизика минбаъд низ аз ҷониби файласуфони исломӣ ва урупоӣ инкишоф дода мешавад.

МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ РУШДИ СИСТЕМАИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Холов Х. Қ. – муаллими калони
кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ

Тамоюл ва дурнамои рушди системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикстонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, ки дар ҳоли шаклгирӣ ва инкишофи системаи сиёсӣ, низоми идоракунии давлатӣ, маданият ва шуури сиёсӣ, низоми идеологию арзишотӣ ва ғайра қарор дорад, пеш аз ҳама рушди давлати миллӣ ташкил медиҳад. Ин давраи муҳими таърихӣ дар инкишофи давлати навини Тоҷикистони муосир ба ҳисоб меравад. Моҳияти онро ҳамчун асос ба инобат гирифтани урфу одат, анъана ва суннатҳои давлатдории миллӣ ташкил медиҳанд. Давлати миллӣ низ ҳимоя ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳам дар сатҳи фардӣ ва ҳам дар сатҳи дастаҷамъӣ вазифаи муқаддаси худ меҳисобад.

Бунёди тарҳи тоҷикистонии давлатдории миллӣ-демократӣ, ки бо баҳисобгирии хосиятҳои миллӣ ва махсуси инкишофи иҷтимоӣ асос ёфтааст, ба вазифаҳои муҳими

инкишофи истиқлолияти сиёсии кишвар дохил мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҷрибаи ҷаҳониро ба инобат гирифта, бунёди давлати миллӣ-иҷтимоиро таҳким бахшад.

Раванди ташаккул ва шаклгирии давлати миллӣ тавассути роҳу воситаҳои мухталиф ба амал бароварда мешавад. Ислоҳоти сиёсӣ ҳамчун унсури фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ буда, таъсири назарраси худро ба вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ ва дигар соҳаҳои системаи сиёсӣ, ки дар навбати худ, истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳвият мебахшанд, мерасонад.

Раванди ислоҳоти системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон аз як қатор омилҳо вобастагии зич дорад. Аз ҷумла, яке аз омилҳои асосии муайян намудани тамоюли давлати муосири Тоҷикистон ин таҷдиди назар гардидани асосҳои конституцсионӣ ва низоми ташкилии он ба ҳисоб меравад. Дар ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабули Конституцсияи он аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалию сиёсиро касб намудааст. Конституцсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун ҳуҷҷати муҳими сарнавиштсоз дар роҳи бунёди давлатдории муосири тоҷикон, пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти давлатӣ, субот, ваҳдат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ дорад. Зеро дар он асосҳои системаи сиёсӣ инъикоси арзишӣ ва меъёрии хешро пайдо намудаанд.

Воқеан, соҳибистиқлолӣ ва инкишофи мустақилонаи давлат дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои амиқро ба вуҷуд оварда, барои ислоҳоти куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва интихоби шакли нави идоракунии давлат замина гузошт. Зарурияти ислоҳоти системаи сиёсӣ дар ҷомеа масъалаи ташаккули давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, таҷзияи ҳокимият, гуногунандешиву бисёрҳизбӣ, соҳибихтиёрии халқ, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати мавҷудияти моликияти хусусӣ ва дигар принсипҳои муҳими демократиро ба вуҷуд овард, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо ва куллан дигаргун кардани сохти давлатдорӣ қабули Конституцсияи нави кишвар ногузир гардид.

Ҳамин тариқ, омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирии масъалаҳои сиёсии тамоюли инкишофи давлати муосири Тоҷикистон, ки марҳалаи ташаккулу инкишофи системаи сиёсиро аз сар мегузаронад, аҳамияти муҳими назариявию амалӣ дорад. Вобаста ба таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар қайд намудан зарур аст, ки тамоюли асосии инкишофи давлати муосири Тоҷикистонро масъалаҳои демократикунонии системаи сиёсии ҷомеа, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бунёди давлати иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

РОЛЬ ИНДУКЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ ЗАКОНОВ НАУКИ

Шамсиддинов Ҷ. – н.и.ф., доцент
общеуниверситетской кафедры философии ТНУ

Если различать эмпирические и теоретические законы, то в формировании эмпирических законов очень важную роль играет применение популярной индукции.

Обычно говорят, что обобщаются факты, а в действительности обобщаются не факты, а некоторые последовательности. Например, после нагревания тела расширяются. Такие последовательнее явления наблюдаются, в результате чего происходит обобщение. И путем популярной индукции мы получаем некоторые общие эмпирические законы: « Всякие тела при нагревании расширяются» «природа не терпит пустоты», «Все металлы тонут е воде » и.т.д. В знании об эмпирических законах существенную роль играют методы Бекона-Милля: Например, действуя по методу различия, установим, что при наличии обстоятельств имеются свойства p , а при отсутствии одного только s нет свойства p; а в ряде случаев может быть применен метод сопутствующего изменения.

Если нам удается наблюдать, что изменяются интенсивность S, то это сопровождается изменением сопутствующего p и.т.д. Но при этом практически мы всегда получаем все таки лишь знание гипотетического характера и не потому, что упомянутые известные методы Бекона-Милля не совершены сами по себе . В принципе, по крайней мере некоторые из них, например, метод различия, обеспечивает возможность получения достоверного заключения. Практическая достоверность обобщения вида все s суть p или, предоставляющих

эмпирические законы науки, достигается лишь в результате теоретического объяснения механизма связи между s и p.

Это объяснение состоит в том, что используется или строится теория T, такая , что T, s(x) P(x) т. е. из T и S (x) выводимо p(x).

Например, T- теория молекулярного строения вещества, при этом T включает в себе (предложения соответствия) реальное определение того что нагревания тела есть увеличение скорости движения его молекул, и что расширение тела есть результат увеличения расстояния между молекулами возникаюшее в силе ослабления связи между ними. Научное объяснение эмпирических установленных законов существенно не только для обоснования эмпирически установленных законов, но существенно и для их обоснования.

Что касается теоретических законов – законов выражающих связи между свойствами и отношениями ненаблюдаемых объектов знание о них в одних случаях возникает, по видимому дедуктивным путем. Как пишет один из выдающихся восточных мыслителей-логиков Ал- Баракот (ум. около 1164г), высшие принципы науки не могут быть доказаны индуктивным путем.

ПРОБЛЕМА ЧЕЛОВЕЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СОВЕТСКОЙ ФИЛОСОФИИ

Шапкиева М. М. – старший преподаватель
общеуниверситетской кафедры философии ТНУ

Послевоенное советское общество второй половины 20 века характеризуется тем, что оно достигло высочайших успехов в области материально-технического преобразования общества. Развитие техники и технологические преобразования довели и до некоторого отмежевания и отчуждения человека от результатов своей деятельности. В процессе коренных преобразований в сфере материально-технического прогресса проблема человека вышла на приоритетное место в советской философии. Необходимость высокого положения человека и новатора в производстве стала актуальной. Возникла потребность совместных, междисциплинарных исследований человеческой сущности.

Теперь философия, психология, социология и др. науки наладили сотрудничество и совместную работу в исследовании человеческих сущностных сил. В системе человеческих сущностных сил деятельность имеет важную роль. Разработка категории деятельности до такой степени усилилась, что привела к созданию общей теории деятельности в советской философии и психологии.

Следует отметить, что проблему человеческой деятельности немыслимо представить без развития собственных человеческих сущностных сил – способностей и потребностей, её исследование без потребностей и способностей не только односторонне, но и невозможно.

Человеческая деятельность, потребности и способности представляют собой единое целое, они неотрывны друг от друга, и представляют собой взаимосвязанную систему человеческих сущностных сил и проявлений.

Можно смело утверждать, что, несмотря на ограниченные рамки идеологической цензуры, советские философы и психологи смогли создать блестящую и совершенную теорию деятельности еще до обновления и перестройки идеологической модели эпохи уходящего социализма.

КАФЕДРАИ УМУМИДОНИШГОҲИИ ПЕДАГОГИКА

ИНФОРМАТИЗАЦИЯ ОБРАЗОВАНИЯ: НОВЫЕ ВЫЗОВЫ И ВОЗМОЖНОСТИ

Шарипов Ф. Ф. – д.пед.н., профессор, заведующий общеуниверситетской кафедрой педагогики ТНУ

Современный мир стоит на пороге информационного общества, которое предъявляет новые требования к социуму, которые предполагают широкое и повсеместное применение информационно-коммуникационных технологий, в том числе в системе образования.

Система образования - один из наиболее консервативных социальных институтов, что обусловлено естественным традиционализмом самого общества. С одной стороны, эти качества позволяют системе (и обществу) сохранять внутреннюю целостность, обеспечивать надежный трансфер традиционных ценностей, с другой - именно консервативность мешает системе образования гибко реагировать на запросы экономики, залог эффективности которой заложен в инновациях, то есть в постоянном обновлении.

Сегодня человечество с удовольствием пользуется плодами зарождающегося информационного общества - информационно-коммуникационными технологиями, которые обеспечивают информационную доступность, информационными сервисами и услугами, предоставляющими неограниченные коммуникационные возможности. Хотя нельзя сбрасывать со счетов тот факт, что информатизация одновременно вызывает очевидную тревогу при виде изменений, которые она несет с собой. И зачастую в обществе начинают проявляться требования ограничить информатизацию и ее распространение, принимая в штыки любую инициативу регуляторов. Тем не менее, подобная реакция общества на глобальные перемены, происходящие во всех сферах жизни, - естественна и, более того, единственно возможна. Однако ровно таким же естественным процессом является широкое внедрение информационно-коммуникационных технологий обучения и электронных образовательных ресурсов - не по чьей-то злой воле, а потому что мир изменился. Таким образом, информационное общество ставит перед социумом и государством новые вызовы, которые требуют адекватных ответов. К важнейшим из вызовов относится - кадровый вопрос.

По оценкам экспертов, к 2030 году кадровый дисбаланс в мире превысит 1,4 млрд. человек. При этом речь идет не только о выпускниках вузов и колледжей, а в первую очередь о людях уже получившим образование.

Меры, предпринимаемые государством в этой области, направлены на создание условий и возможностей для самореализации и раскрытия таланта каждого человека. Ведь перемены - это не только новые вызовы, но и новые возможности, реализуемые в первую очередь через образование. При этом, начиная со школьной скамьи, особое внимание уделяется широкому внедрению инновационных образовательных подходов, которые основаны на информационно-коммуникационных технологиях.

Значит ли это, что педагогов заменит компьютер, планшет или смартфон? Конечно же, нет. Ведь внедрение информационно-коммуникационных технологий обучения и электронных образовательных ресурсов в образовательные учреждения также не предполагает отмены традиционных занятий в аудиториях или лабораториях. На сегодняшний день речь идет лишь о комплексном обучении, то есть информационно-коммуникационные технологии обучения позволяют повысить эффективность обучения за счет большей наглядности учебного материала. При этом активно развиваются личностные качества студентов - умение планировать, самодисциплина, чувство ответственности. Кроме того, студенты получают доступ к электронным образовательным ресурсам независимо от места проживания.

Все это требует от современной системы образования реализации инновационных принципов образования, которые обеспечивают обучение каждого человека на протяжении всей его жизни. Кроме того, это предоставляет каждому возможность строить персональные

траектории развития – не только профессионального, но и личностного, что имеет принципиальное значение.

ЗӮРОВАРӢ ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ (БУЛЛИНГ), ҲАМЧУН САБАБИ РАФТОРИ СУИТСИДАЛИИ ХОНАНДАГОН

Юнусова Н. М. – д.и.пед., профессори
кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

Тибқи нишондодҳои Созмони Миллали Муттаҳид, дар ҷаҳон ҳар як мактаббачаи даҳум гирифтори зӯроварӣ дар мактаб мебошад ва ин адад сол то сол меафзояд. (Всемирный доклад 2006г.”О насилии в отношении детей”). Дар охири асри ХХ истилоҳи махсусе пайдо мешавад, бо номи “буллинг” (bullying-англ.)-таъкиб ё азиятдиҳӣ дар мактаб, ки вазъияти зӯровариро дар муҳити таҳсилот, аниқ ифода менамояд.

Буллинг -зӯроварии давомноки ҷисмонӣ ё психологӣ буда, аз тарафи як шахс ё гурӯҳи одамон нисбати шахсе равона карда мешавад, ки дар вазъияти рӯйдода худро муҳофизат карда наметавонад.

Масоили буллинг аз тарафи олимони соҳаҳои гуногун кор карда шудааст, ба монанди: С. М. Агога, В. Н. Касаткин, Т.П. Симонятова, Н.Г. Манелис, Т.А. Медведовская, А. С. Миткин, М.Ю. Страхов, А.Н. Тубелский, Т.А. Тарасов, И.Б. Ачитаева,В.И. Вишневская, И.С. Кон, А.Д. Кутузова ва дигарон.

Мутаасифона, дар Тоҷикистон то имрӯз масъалаи мазкур аз назари илмӣ омӯхта нашудааст, ҳарчанд дар ин раванд мушкилот ҷой дорад.

Дар Конвенсия оиди ҳуқуқҳои кӯдак омадааст ки риояи интизом дар муассисаи таълимӣ бо истифодаи тадбирҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё психологӣ нисбати хонанда бояд вобаста набошад.

Омӯзгороне, ки нисбати таълимгирандагон ё тарбиягирандагон тадбирҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё психологӣ (эмотсионалӣ)-ро истифода мебаранд, бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Проблемаи худкушии кӯдакону наврасон барои муассисаҳои таълимии муосир мубрам мебошад, бинобар ин, ба калонсолон лозим аст, ки на танҳо хусусиятҳои хос ва сабабҳои кирдори худкушии кӯдаконро донанд, балки дараҷаи зарурии донишҳои касбиро дар масъалаҳои тадбирҳои педагогию психологии худкушии кӯдакон бояд, дошта бошанд. Махсусан ин дар мактаби ибтидоӣ, ки масъала тавлид меёбад ва дар синни наврасию ҷавонӣ ба авҷи аъло мерасад, бениҳоят мубрам мебошад. Классики педагогикаи давраи шӯравӣ А.С. Макаренко, борҳо таъкид менамуд: обрӯе ки дар натиҷаи латукӯб сохта мешавад, дурӯғгӯии бачагона ва тарсончакии инсониро ба вуҷуд оварда, ҳамзамон дар кӯдак бераҳмиро ташаккул медиҳад.

Муносибати бераҳмона нисбати одам аз давраи кӯдакӣ, албатта, дар ҳаёти инсон осори худро боқӣ мегузорад. Агар кӯдак аз давраи бачагӣ зери таъсири намудҳои гуногуни зӯроварӣ қарор ёбад, одатан дар ӯ хислатҳои рафтори бераҳмона мустаҳкам мешаванд.

ТАЛАБОТИ ДИДАКТИКИИ ОМОДАСОЗИИ САМАРАНОКИ ДОНИШҶӮЁНИ МАКТАБҲОИ ОЛӢ БАРОИ ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ

Мирзоев А. Р. – д.и.пед. профессори
кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

Раванди таълимии муосир бо ҷустуҷӯи мутобиқати муносиб байни анъанаҳои пойдоршуда ва тамоюлҳои инноватсионӣ, ки бо воридшавии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таълимӣ вобастагӣ дорад, тавсиф меёбад. Дар ин шароит таҷдид дар низоми маълумоти олии Тоҷикистон боиси рушди босуръат ва ҷорисозии ТИИ ва дигар воситаҳои электронии таъиноти таълимӣ дошта мешавад. Нақши назаррасро дар ин ҷанба таъминоти низомӣ-дидактикии раванди таълимот дар мактаби олӣ бо истифодабарии ТИИ мебозад, ки

талаботи омӯзгорӣ ва воситаҳои муносибгардонии омодасозии он дар параграфи мазкур баррасӣ карда мешаванд.

Дар рафти ҷорисозии ТИИ ба раванди таълимии мактаби олӣ якбора ду вазифаи таъминоти дастгирии иттилоотии фаъолияти идоракунӣ ва омӯзгорӣ, ҳамчунин худидоракунӣ ва ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён ҳал карда мешавад. Ташкил намудани шароити муносиб барои амалишавии пурраи иқтидори омӯзгории ТИИ ин шарти асосии татбиқи самараноки онҳо дар раванди таълимӣ мебошад, ки барои омодасозии донишҷӯёни мактабҳои олӣ ба истифодабарии самараноки ТИИ дар фаъолияти таълимӣ ва минбаъд дар фаъолияти касбӣ равона шудааст.

Азназаргузаронии адабиётӣ оид ба масъалаҳои ҳалли вазифаҳои иттилоотонии маълумоти олӣ, мавҷуд будани тафсирҳои гуногун, баъзан ҳамдигарро истиснокунандаи талаботи дидактикии истифодабарии самараноки ТИИ-ро дар раванди таълимии мактабҳои олӣ нишон медиҳад. Қисми зиёди тадқиқотчиёни соҳаи мазкур бо роҳи ташкили низоми махсус рафта истодаанд, ки хусусияти хоси омӯзиши компютерӣ ва ё таҳияи принсипҳои хусусии татбиқи воситаҳои алоҳидаи иттилоотиро дар раванди таълимӣ инъикос мекунад. Маълум аст, ки ба осонӣ воситаҳои ТИИ-и дар ихтиёри омӯзгор бударо ба низоми пойдоршудаи дидактикӣ илова кардан мумкин нест. Зарур аст ҳамгироии ТИИ ба инфрасохтори маориф бо дарназардошти ҷанбаҳои таърихӣ, фалсафӣ ва равонии масоил, ки ба консепсияҳои муайяни назариявии раванди таълимӣ такя мекунанд, ба амал бароварда шавад.

Дар тезиси мазкур аввал таҳлили мазмуни истилоҳҳои бо мавзӯи баррасишаванда вобастабудаи «шарт», «восита», «муносибгардонӣ»-ро мегузаронем. Баъдан муносибатҳоро ба ҷудокунии вазифаҳо ва шартҳои аниқи татбиқи ТИК дар вобастагӣ аз хусусиятҳои хоси моделҳои таълимӣ ва технологияҳои татбиқшавандаро тадқиқ мекунем.

Қобили қайд аст, ки фаъолияти таълимӣ боз ҳам бомуваффақ анҷом дода мешавад, агар тамоми маҷмӯи вазифаҳо хуб фикр карда баромада бошанд. Бояд на дар бораи шартҳо ва усулҳои алоҳидаи муносибгардонӣ, балки махсусан дар бораи низоме, ки дар маҷмӯъ тамоми хусусиятҳои раванди таълимиро дар бар мегирад, сухан ронем. Бинобар он ки мақсадҳо ва вазифаҳои таъминоти бонизом-дидактикии раванди таълимӣ ба воситаи мазмуни аниқи он амалӣ мешаванд, дар он сурат ҳангоми интихоби шаклҳои ташкилӣ, воситаҳо, усулҳои омӯзиш дар асоси татбиқи ТИИ зарур аст хусусияти хоси мазмуни маводҳои таълимӣ, хусусияти амалкунии донишҷуён ба назар гирифта шавад, яъне гурӯҳи шартҳо мавҷуд аст, ки бо хусусияти хоси истифодаи воситаҳои дидактикӣ дар асоси муносибати бонизом вобаста аст.

Шартҳои татбиқ ва омӯзиши самараноки ТИИ дар мактаби олӣ				
Равонӣ-омӯзгорӣ	Ташкилӣ-методикӣ	Иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ	Дизайн-эргономӣ	Техникӣ-технологӣ

Расми 1 – Типологияи шартҳои татбиқ ва омӯзиши самараноки ТИИ дар мактаби олӣ

ПАТРИОТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ СТАРШИХ ПОДРОСТКОВ ВО ВНЕКЛАССНОЙ РАБОТЕ

Ахмедова М. С. – к.пед.н., доцент
общеуниверситетской кафедры педагогики ТНУ

Согласно концепции патриотизм – это чувство и сформировавшаяся позиция верности своей стране и солидарности с её народом. Патриотизм включает чувство гордости за своё Отечество, малую родину, т.е. республику, город или сельскую местность, где гражданин родился и вырос. Патриотизм включает активную гражданскую позицию, готовность к служению Родине.

Патриотизм является одной из наиболее ярких черт таджикского национального характера. Таджикскому патриотизму присущи свои особенности. Прежде всего, это высокая

гуманистическая направленность таджикской патриотической идеи, веротерпимость и законопослушание.

Под патриотическим воспитанием мы понимаем взаимодействие педагогов и обучающихся в совместной деятельности и общении, направленных на воспитание у старших подростков патриотического сознания. Наиболее успешно можно осуществлять патриотическое воспитание во внеклассной работе, которая представляет собой совокупность различных видов деятельности и обладает широкими возможностями воспитательного воздействия на старших подростков.

Внеклассная работа способствует более разностороннему раскрытию индивидуальных способностей старших подростков, которые не всегда удается рассмотрению на уроке. Включение старших подростков в различные виды внеклассной работы обогащает их личный опыт, знания о разнообразии человеческой деятельности.

Успешному решению задач патриотического воспитания способствуют педагогические условия, предполагающие достижение определенного результата. Опираясь на позиции В. И. Андреева, Е. В. Бондаревской, мы полагаем, что первым педагогическим условием патриотического воспитания старших подростков является реализация аксиологического, личностно-деятельностного подходов. Выбор данных подходов к воспитанию патриотически-ориентированной личности основывается на раскрытых нами положениях о патриотизме как интегративном нравственном качестве личности, конституирующемся на великодушии (интенционально предполагающим, что мир таков, что в любой момент в нем может что-то случиться только с моим участием) и выражающемся в восприятии Родины и Отечества как ведущих ценностей, деятельном отношении к ним в контексте гуманизма и уважения к другим народам; о содержании его структурных компонентов: когнитивного (знания патриотического характера, на основе которых вырабатываются патриотические взгляды и убеждения), ценностно-эмоционального (патриотические ценности: любовь к Родине, гордость за ее героическое прошлое, уважение к другим народам) и мотивационно-деятельностного (социально-значимая деятельность на благо своего Народа).

Сущность аксиологического подхода заключается в том, что он нацелен на раскрытие смыслов значений, объектов, на формирование способности учащихся к осмыслению на основе соотнесения с явлениями социально- нравственной жизни общества, построение собственного поведения школьников, исходя из существующих у них патриотических ценностей. По мнению И.И.Дереча ценности это «предпочтения определенных смыслов и построенных на их основе способов поведения».

Методологической основой личностно-деятельностного подхода выступает принцип единства личности и деятельности.

Наш исходный посыл заключается в том, что процесс патриотического воспитания личности заключается не только в том, чтобы старшеклассник проявлял ценностное отношение к объективной реальности – Родине в деятельности (в виде конкретных поступков), действовал по принципу «в любой данный момент в этом мире может что-то случиться только с моим участием», но и совершенствовал свое самосознание, которому имманентно была бы присуща потребность соответствовать образу идеального гражданина-патриота.

САМООБРАЗОВАНИЕ КАК СОСТАВНАЯ ЧАСТЬ ОБРАЗОВАНИЯ

Худойкулова К. Дж. – к.пед.н., доцент
общеуниверситетской кафедры педагогики ТНУ

Самообразование - составная часть образования. Становление образования шло по пути его институциализации. Одной из основных функций образования как социального института является воспроизводство и трансляция знаний, нормативных образцов, того социокультурного кода, который ответственен за сохранение целостности социума и его культурной самобытности. Выступая механизмом актуализации знания, самообразование

инициирует развитие социального субъекта и предотвращает его саморазрушение. Эффективность самообразования определяется мерой соответствия стратегии самореализации личности развитию социального целого.

Самообразование не имеет статуса социального института. Исследователи рассматривают его как вид деятельности, ведущей и базовой социальной функцией, которого является самореализация личности. Учёные считают самообразование наиболее сложным видом образователыюй деятельности, поскольку оно связано с процедурами саморефлексии, самооценки, самоидентификации и выработкой умений и навыков, самостоятельно обретать актуальные знания и трансформировать их в практическую деятельность.

Рост профессионального мастерства и педагогической культуры учителя идет более интенсивно, если личность занимает позицию активного субъекта деятельности, если практический индивидуальный опыт осмысливается и соединяется с социальным и профессиональным опытом, если в педагогическом коллективе поддерживаются и поощряются индивидуально-творческие профессиональные поиски. Выступая механизмом актуализации знания, самообразование инициирует развитие социального субъекта и предотвращает его саморазрушение. Эффективность самообразования определяется мерой соответствия стратегии самореализации личности развитию социального целого.

Для отдельных социальных групп самообразование выступает условием их воспроизводства в определённой общественной позиции. При этом потребность в самообразовании для них характеризуется развитостью, устойчивостью, взаимосопряжённостыо с узловыми экзистенциальными и духовными потребностями. В то же время для любой социальной группы самообразование - это способ воспроизводства профессиональной групповой субкультуры, поскольку оно выступает механизмом усвоения групповых социокультурных норм.

ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ СТУДЕНТОВ И ЭСТЕТИЧЕСКОЕ ОТНОШЕНИЕ К ПРИРОДЕ

Назарова Х. А. – старший преподаватель
общеуниверситетской кафедры педагогики ТНУ

Природа-могучий фактор эстетического воспитания молодёжи причём весьма эффективный, так как воздействует незаметно, без назидания: через туризм, экскурсии, телепередачи, например: «В мире животных, Клуб молодые экологи, и т.д». Таким способом эстетические вкусы, представления о природе, понятия и навыки, которые складываются у молодых людей быстрее и легче превращаются в привычку масс, замечать прекрасное, а стремление наслаждаться красотой природы вызывает встречное желание сохранит ее для себя и для других.

Некоторые авторы предлагают создать свод моральных заповедей, определяющих отношение людей к природе и подлежащих усвоению с самого раннего детства. Другие обращают внимание на важность воспитания эстетического отношения к природе.

Эстетическое воспитание, составная часть и важнейший фактор всестороннего и гармонического развития личности общества, является необходимым условием совершенствования всего учебно-воспитательного процесса в школе и вузе. Осуществляя эстетическое воспитание в тесной связи с жизнью, показом красоты окружающего мира способствует наиболее эффективному решению проблем формирования передового мировоззрения, идейно-политического, нравственного, умственного, экологического и физического воспитания.

Совокупность, органическое единство этих двух основных граней сознания личности обеспечивают формирование экологических убеждений, которые находят свою реализацию в активной практической деятельности по германизации отношений общества и природы.

Экологизация мировоззрения невозможна без воспитания эстетического отношения к природе. В современной литературе по вопросам эстетического отношения к природе нашло

отражение в формировании нового отношения к эстетическому содержанию предметов в природе.

Эстетическое воспитание тесно связано и с другими аспектами экологического воспитания. Формирование эстетического отношения к природе неотделимо от идеологического аспекта экологического мировоззрения.

Важнейшая идея заложенная в содержание экологического образования будущего поколения-идея целостности природы. Знания о связах в природе важны как для формирования правильного миропонимания, как и для воспитания общественного отношения и сохранения объектов природы, находящихся в сложных взаимосвязях друг с другом.

НАҚШИ ОИЛА ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТИ ФАРЗАНД

Авгонова И. – муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

Оила чун рукни ибтидоии ҷомеа таърихи дурудароз дораду ҳеҷ куҳна намегардад. Аз оилаи солиму бардавом ва устувор фарзандон (инсон)-и комилу ботарбия, дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, эҳтиром ба арзишҳои волои миллӣ дошта ба камол мерасанд. Ҳар як падару модар набояд фаромуш кунанд, ки пойдевори оила ҳар қадаре устувору мустаҳкам бошад, ҷомеа низ ҳамон қадар устувору мустаҳкам мегардад. Дар оила байни зану шавҳар бояд пардае бошад, ки онҳо кӯшанд ин парда аз байн наравад.

Мисол: ба фарзанд як бор даст бардоштан мумкин, агар як бор, як тарсаки фароред тамом, минбаъд дастатон худ аз худ гиреҳ хӯрдан мегирад.

Оила ҳам ҳамин хел, агар як бор ба тую ман равед, фардояш аз гиребони ҳамдигар гирифтан ҳеҷ гап не. Аз ин лиҳоз зану шавҳар бояд кӯшанд, ки парда аз байн наравад.

Фаромӯш накунед, ки бача ӯгай мешавад вале зан ӯгай намешавад. Барои пойдору мустаҳкам гаштани оила тавлиди фарзанд хеле муҳим аст. Фарзанд риштаи меҳру муҳаббати зану шавҳарро зиёд ва ногусастанӣ мекунаду масъулияти ба воя расонидан ва тарбия кардани фарзандро зиёд мегардонад. Фарзанд давомдиҳандаи ному кори падару модар, ояндаи инсоният ва ҷамъият мебошад. Бинобар ин ба воя расонидану тарбияи дурусти фарзанд қарзи ҷонӣ ва вазифаи масъули ҳам падар ва ҳам модар дар назди Худованд, ҷомеъа миллату Ватан ва умуман башарият мебошад.

Алломаи бузурги Шарқ Муҳаммад Иқбол завқи тарбия ва таълимро пайваста, бо ақлу хирад ва ахлоқи неку пойдору мустаҳкам мебинад. Ӯ инсонро нисбати махлуқоти олам некукору ботадбир ба қалам додааст, зеро фақат инсон қодир аст, ки тавассути тарбия ахлоқи башарии хешро поку мубарро бисозад. Аз ин ҷост, ки инсон ва ахлоқи ҳамидаи ӯ васфи писандидаи шоир мебошад. Ӯ дар ин бора чунин менигорад:

Бартар аз гардун мақоми одам аст,
Асли таҳзиб эҳтироми одам аст.

Тарбияи фарзанд, умуман насли наврас яке аз вазифаҳои мубрамтарини рӯз аст, ки иҷрояшро оила, мактаб ва аҳли ҷомеа дар якҷоягӣ бар дӯш доранд. Дар Консепсияи мактаби милии Ҷумҳурии Точикистон омадааст: «Доманаи тарбияи инсон фароху беҳудуд аст ва дар ин кор, қабл аз ҳама, масъулияти оила калон аст. Зеро оила нахустин иттиҳодест, ки дар он тифл меъёр, қоидаҳои одобу ахлоқро меомӯзад. Гуфтан ҷоиз аст, ки бо ҳамдастии якдигар дар тарбияи наврасон ба натиҷаи дилхоҳ соҳиб шудан мумкин аст».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Точикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми таърихиашон (ш. Душанбе 26 декабри соли 2019) чунин иброз доштаанд; ки «Мо то имрӯз барои пешрафти соҳаҳои илму маориф тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, татбиқи сиёсати ҷавонон, занон ва оила, ва рушди варзиш корҳои зиёдеро ба анҷом расондем. Дар марҳилаи кунунии пешрафти Точикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳоӣ давлати демократӣ ва ҳуҳуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд.

Роҳбарону масъулини соҳаро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро баланд бардошта, ҷиҳати боло рафтани савияи донишу маърифатнокии хонандагону донишҷӯён тадбирҳои

иловагиро роҳандозӣ намоянд ва ҳамзамон бо ин ба тарбияи насли наврас диққати бештар дода, барои амалӣ гардидани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешанд».

МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОК ДАР РАВАНДИ ПЕДАГОГӢ

Тошзода С. Ҳ. – ассистенти кафедраи умумидонигоҳии педагогикаи ДМТ

Муносибати салоҳиятнок дар раванди педагогӣ, аз рӯи ақидаи намояндагони низоми таълимии Ғарб, бо воситаи ангезаи худинкишофдиҳии шахсият ба роҳ монда мешавад. Натиҷаҳои татбиқи он дар дигар мамлакатҳо нишон медиҳад, ки он ба тамоми талаботҳои низоми таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, ки нисбати донишҷӯёни хатмкунанда пешниҳод мегардад, ҷавобгӯ мебошад.

Дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми татбиқ ва инкишофи муносибати салоҳиятнок дарки он ба амал меояд, ки барои тайёрии мутахассиси ихтисосманд аллакай интиқоли оддии донишҳо, маҳорату малакаҳо кифоят намекунад. Дар шароитҳои муосир мутахассиси баландихтисос бояд дорои таҷрибаи эҷодӣ, лоиҳавӣ–конструктивӣ ва маънавӣ–шахсиятӣ бошад ва амру дастурамалҳоро аз боло интизор набошад.

Муносибати салоҳиятнок имконият медиҳад, ки раванди педагогиро аз нав ташкил намуда, шароитҳои заруриро барои афзоиш ва рушди иқтидори шахсият, тайёрии хатмкунанда барои қабули мустақилонаи қарорҳо ва амаликунии маҳсулнок ҳам дар ҳаёти шахсӣ ва ҳам фаъолияти касбӣ фароҳам орем.

«Салоҳиятнокӣ» - донишҳо, таҷриба дар ин ва ё он соҳа. Азбаски донишҳо худ аз худ ба амалисозии фаъолият мусоидат наменамоянд, онгоҳ ба таърифи Ҷ. Бергоун розӣ мешавем, ки мегӯяд: «Салоҳиятнокӣ – қобилият ва тайёрӣ ба иҷрои вазифаҳо мебошад. Он аз донишҳо, маҳоратҳо, дарк ва ирода иборат мебошад»

Ҷон Равен менависад, ки «Салоҳият – ин қобилияти махсусгардонидашуда мебошад, ки барои иҷрои самараноки амали аниқ дар соҳаи аниқ зарур аст ва аз донишҳои ихтисосҳои маҳдуд, навъи махсуси малакаҳои фаннӣ, усулҳои тафаккур, инчунин дарки масъулият барои амалҳои худ иборат мебошад». Салоҳиятҳоро аз рӯи намуд гурӯҳбандӣ намуда, Ҷон Равен аз ҳама муҳиммашонро қайд менамояд, ки «бартарияти сатҳи баланди ташаббускорӣ, қобилияти ташкилии дигар одамонро барои бадастории мақсадҳои гузошташуда, тайёрӣ ба баҳогузорӣ ва таҳлили оқибатҳои иҷтимоии амалҳои худ ва ғайраро пешбинӣ менамояд»

Аз нуқтаи назари мо, салоҳият - ин маҷмӯи донишҳо, маҳорату малакаҳо мебошад, ки онҳоро инсон дар раванди таълим ба даст овардааст. Салоҳиятнокӣ – хусусияти интегралии шахсият, яъне ин маҳорати шахсият дар ҷодаи барқарор кардани муносибат ва рафтор дар ҷомеа, азхудкунии воқеияти воқеӣ дар мувофиқа бо стандартҳои дар ҷомеа қабулгардида, ин дастовардҳои шахсият, хусусиятҳои он, ки қобилият ба фаъолнокиро дар асоси салоҳияти ташаккулёфта муайян месозад.

ТЕХНОЛОГИИ, МОТИВИРУЮЩИЕ СТУДЕНТОВ К ОСВОЕНИЮ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ, ОБЕСПЕЧИВАЮЩЕЙ УСПЕШНОСТЬ В ПРОФЕССИИ

Зарипова М. Л. – ассистент общеуниверситетской кафедры педагогики ТНУ

Современная система профессионального образования требует постоянного обновления и усовершенствования, так как ежегодно меняются требования к образованию, развиваются технические средства в сфере образования, появляются новые, современные средства и технологии обучения. В связи с этими изменениями также меняются подходы к методам и технологиям обучения, повышаются требования как к преподавателям, так и к студентам в аспекте совершенствования общих и профессиональных знаний. Всё это говорит о том, что современный преподаватель должен находиться в постоянном поиске новых

знаний, использовать современные методы и технологии обучения и умело применять новые технические средства обучения для повышения уровня знаний студентов.

Прежде чем говорить о вышеупомянутом методе, следует дать определения тем понятиям, которые далее будут использоваться в этом разделе (параграфе): методика и технология, интегрированный метод и т.д.

Слово «метод» (от греческого «methodos» – буквально «путь к чему-либо») во многих словарях определяется как способ действия, способ достижения какой-либо цели, совокупность приёмов или операций практического или теоретического освоения действительности.

В словаре методических терминов слово «методика» описывается как совокупность форм, методов и приёмов работы учителя, т.е. «технология» профессионально-практической деятельности преподавателя. Технология обучения – определённый способ практического использования метода, который предназначен не столько для приобретения новых знаний и умений, сколько для умения использовать эти знания учениками. При использовании методов обучения необходимо знать технологию использования выбранной методики, ведь иметь информацию о каком-либо методе ещё не значит знать этого метода. Только после правильного практического использования технологии, какого-либо метода можно прийти к мнению, насколько хорошо человек знает этот метод.

ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ПАЖӮҲИШӢ

БАХШИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

МОҲИЯТ ВА ҲАДАФҲОИ АСЛИИ КОНСЕПСИЯИ НАВИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мирзоев Н. М. – д.и.т., профессор, сарходими илмии ИИТ-и ДМТ

Дар даҳаи дуюми садаи XXI дар ҷаҳони муосир тағйиротҳои ҷиддии назаррас ба вуқуъ омадаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қадамҳои устувор ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста, мавқеъ ва нуфузи худро дар ҷаҳон хеле афзуд. Сиёсати дарҳои боз, ки аз ибтидои асри нав роҳандозӣ гардид, натиҷаҳои муфид ва назаррас ба бор овард. Дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ дар даврони навин ва воқеияти ҷаҳони муосир бо ҳама бурдбориҳо, тазодҳо, мушкилот, чолишҳояш зарурати қабули консепсияи нави сиёсати хориҷиро руи кор овард ва 27-уми январи соли 2015 консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид.

Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ усулҳои асосӣ, ҳадаф ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистонро бо назардошти ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар ва тақозои низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ муайян менамояд.

Дар консепсия воқеияти ҷаҳони муосир, равандҳои ҷаҳонишавӣ, самтҳои мусбӣ ва манфии он, мушкилот ва таҳдидҳои даврони навин зикр ёфта, ҷойгоҳ ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ бозтоб менамояд. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи консепсия сулҳхоҳона буда, бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик Тоҷикистон хоҳони барқарор ва инкишофи робитаҳои дӯстона ва мутақобилан судманд мебошад. Дар консепсия авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон, дипломатияи дуҷониба, дипломатияи бисёрҷониба, дипломатияи иқтисодӣ, дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об, дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстона, дипломатияи иттилоотӣ инъикос ёфтааст.

Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ санади муҳими сиёсист, ки ҳадаф ва самтҳои асосии сиёсати берунаи Тоҷикистонро дар муҳлатҳои дарозмуддат, даҳсолаҳои оянда муайян ва танзим хоҳад кард.

Ҳадафи аслӣ ва асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат тибқи консепсияи нави сиёсати хориҷии мамлакат ҳифзи манфиатҳои кишвар дар арсаи байналмилалӣ буда, он аз тариқи фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори ҳамаҷонибаи ҷумҳурӣ, ҳалли масъалаҳои стратегии кишвар, мусоидат ва таҳкими бештари истиқлолияту соҳибихтиёрии давлати тоҷикон ва кушишҳои пайгирона ҷиҳати дарёфти манфиатҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мебошад. Асосу пояи сиёсати хориҷии Тоҷикистон эътирофи мутақобилаи манфиатҳо, бартари ва авлавият ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, талошу кушиш барои сулҳу амният, шаффофият дар роҳандозии сиёсати хориҷӣ ва равобиту ҳамгироии бисёрсамта бо тамоми кишварҳои сулҳдӯст, бартарии ҳуқуқи байналмилалӣ, эҷоду тавсияи равобити хориҷии дуҷониба ва чандҷониба мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳони он аст, ки низоми нави ҷаҳонӣ бояд комилан озод аз ҷангҳову даргириҳо, зулму ситам, хушунату таасуби мазҳабию фарҳангӣ, бегонаситезӣ ва устувор бар пояи ҳамкориҳои баробару мутақобилан судманд бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бошад ва муборизо бо таҳдиди чолишҳои муосир, аз ҷумла тероризми байналмилалӣ ва экстремизм дар ҳамбастагии зич ва ҳамкории якҷояи давлатҳои дунё бояд дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид сурат пазирад.

НАҚШИ ИДМ ДАР ҲАМГИРОИИ ҶУМҲУРИҲОИ ПАСОШӮРАВӢ

Нурова Л. Н. – ходими хурди илмии ИИТ-и ДМТ

Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ бузургтарин воқеаи фоҷиабори садаи XX ба ҳисоб рафта, ба сарнавишти халқҳои олам аз ҷумла халқҳои шӯравӣ таъсири амиқ гузошт. Бо барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ вазъи геополитикии олам тағъир ёфт.

Дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳоди Шӯравӣ соҳибихтиёрии худро эълон намуданд. Вале, дере нагузашта аён гардид, ки ин давлатҳои тозаистиқлол дар танҳоӣ арзи ҳастӣ намуда наметавонанд ва давлати нави соҳибихтиёру демократӣ сохтан барояшон кори саҳлу осон нест. Аз ин рӯ ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ–молиявӣ ва ғ. давлатҳои навтаъсиси собиқ шӯравиро ба муттаҳидшавӣ водор намуд. Бо ҳамин мақсад 13 декабри соли 1991 дар Ашхобод, 21декабри соли 1991 дар Алмаато сарони ҷумҳуриҳои тозаистиқлоли собиқ шӯравӣ усулҳо ва тартиби баҳамаойи ва ҳамгироии кишварҳои худро дар ҳайати нави воҳиди сиёсӣ, ҳудудӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ намуда сизишномаро оид ба таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ-СНГ) имзо ва эълон намуданд.

Таъсиси ИДМ дар ҷаласаи Алмаато ба расмият дароварда шуд. Бунёдгузорони ИДМ – Россия, Белоруссия, Қазоқистон, Украина, Арманистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон буданд. Бо таъсиси ИДМ раванди ҳамгирои байни ҷумҳуриҳои соҳибихтиёри собиқ шӯравӣ дубора оғоз ёфт. Дере нагузашта мақомотҳои олии роҳбарии ИДМ - шӯрои сарони давлатҳои ИДМ ва шӯрои роҳбарони ҳукуматҳои ИДМ таъсис дода шуд. 16 январи с. 1992 дар ш. Москва, 14 феврали с. 1992 дар ш. Минск, 15 майи с. 1992 дар ш. Тошканд ҷаласаҳои мақомоти олии ИДМ доир гардида, масъалаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғайраро баррасӣ намуданд. Ин ҷаласаҳо ва таъсиси котиботи иҷроияи ИДМ ва кумитаи ҳамоҳангсозиву машваратӣ, ки соли 1993 таъсис ёфтанд, ба раванди ҳамгирои ва муттаҳидшавии давлатҳои аъзои ИДМ такони ҷиддӣ бахшид.

Дар ду соли бунёд ва фаъолияти ИДМ миёни онҳо 241 созишнома ва қарордодҳо ба имзо расиданд, ки муносибатҳои давлатҳои узви ИДМ-ро ба танзим медаровард. Теъдоди чунин созишномаҳо имрӯз беш аз 1000-ро ташкил медиҳанд. Қабули қонунҳо, қарордод ва созишномаҳо миёни давлатҳои узви ИДМ зарурати тасдиқи инҳоро дар сатҳи олӣ тақозо менамуд. Аз ин рӯ моҳи марти соли 1992 мақомоти олии қонунгузорӣ, ташхиси қонунҳо ва ҳамоҳангии онҳо Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ таъсис дода шуд, ки қароргоҳаш дар ш. Санкт-Питербург ҷойгир аст. 22 январи соли 1993 дар ш. Минск ҷаласаи сарони давлатҳои ИДМ баргузор гардид, ки дар он Оинномаи ИДМ қабул гардид, ки усулҳои асосии фаъолияти ИДМ-ро муайян менамуд.

Барои вусъат ва густариши ҳамгиройи сохторҳои гуногуни давлатҳои аъзои ИДМ дар ҳайати он мақомотҳои гуногуни соҳавӣ, аз ҷумла шӯрои вазирони корҳои хориҷии ИДМ, шӯрои иқтисодии ИДМ, шӯрои вазирони мудофиаи ИДМ, шӯрои фармондеҳи қонунҳои сарҳадии ИДМ, суди иқтисодӣ, бонки байнидавлатӣ ва ғайра таъсис дода шуд, ки то ба имрӯз онҳо бомуваффақият фаъолият менамоянд.

Ба авҷгирии бухронҳои ҷаҳонии молиявӣ ва иқтисодӣ нигоҳ накарда, раванди ҳамгиройи дар доираи ИДМ суръат ва сифати нав ба худ касб намуда, манфиати халқ ва давлатҳои аъзои ИДМ-ро ҳифз менамояд.

САҲМИ БАРҶАСТАИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БУНЁДИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷов Ф. Н. – унвонҷӯи ИИТ-и ДМТ

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар равшан сохтани ҳадафҳои асосӣ ва усулҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи миллии Тоҷикистон бисёр барҷаста аст. Хусусияти

хоси сиёсати хориҷии Тоҷикистони навин ин аст, ки заминаи назариявии ин бахши муҳими ҳаёти давлатӣ на дар доираи коршиносон ва эҷодкорони назариявии он, балки раҳорах, ҳангоми анҷоми фаъолиятҳои пурталоши дипломатии Сарвари давлати Тоҷикистон эҷод шудааст.

Дар он шароити ҳассоси таърихии солҳои нахустини пас аз барқарорсозии ҳукумати қонунӣ, ба тақозои вазъият ва ногузирии ҳарчи зудтар хотима бахшидан ба ҷанги бародаркушӣ, раҳо кардани кишвар аз бухрони шадиди сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон лозим меомад, ки барои эҷоди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, пеш аз ҳама бо Созмони Милали Муттаҳид, давлатҳои минтақа ва ҷаҳон, бо мақсади дарёфти кумак ва ҷалби пуштибонии онҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти давлатӣ сафарҳои зиёде анҷом диҳад. Бардоштҳо ва хулосаҳои Сарвари давлат аз ин сафарҳо асоси назариявии сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи миллиро ташкил намуданд, ки онро Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 28 декабри соли 1993 аз минбари Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълом дошта буд.

28 соли роҳи пурифтихори тайкардаи Тоҷикистон ва дипломатияи тоҷик таҳти роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон роҳи ҳамвору осонгузаре набуд. Ба роҳбарияти ҷумҳурӣ лозим меомад, ки барои ба ҷаҳониён нишон додани чеҳраи аслии хеш ва муаррифӣ намудани симои воқеии тоҷикон ҳамчун миллати бофарҳангу сулҳхоҳ чораҳои мушаххаси судманд андешад. Хиради сиёсии Эмомалӣ Раҳмон дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо Созмони Милали Муттаҳид ва бевосита бо роҳбари он – Сармуншии Созмон – робитаи кории мустақим пайдо намуд ва минбари ин маркази бонуфузи ҳамоҳангсозии масъалаҳои умумисайёравиро ҳамчун пойгоҳи шиносонидани Тоҷикистон истифода бурда, ҷомеаи ҷаҳониро аз вазъияти воқеии Тоҷикистон, равандҳои умдаи сиёсиву иҷтимоӣ ва роҳи ҳалли мусолиматомезе, ки роҳбарияти мамлакат бо иродаи халқи худ пеш гирифта буд огоҳ намуд.

Яке аз вижагиҳои мумтози сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз»-и эълоннамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули «дарҳои боз» ба он мусоидат менамояд, ки Тоҷикистон узви шоистаи созмонҳои байналмилалӣ гардад ва равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ба роҳ монад. Имрӯз Тоҷикистон дар арсаи сиёсати ҷаҳон симои хоси хешро дорад ва ҳамчун узви соҳибэътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирию пуштибонӣ шудани ибтикорҳои Тоҷикистон дар шахси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, бавижа дар ҳаллу фасли масъалаҳои обу энергетика, мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, аз байн бурдани мушкилоти Афғонистон баёнгари мавқеи хоси Тоҷикистон дар низоми равобити байналмилалӣ ва обрӯи баланди роҳбари кишвари мо дар назди аҳли сиёсии ҷаҳон аст.

Ҳамин тавр, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро Эмомалӣ Раҳмон муайян ва эҷод намуда, буд шароити мусоиде фароҳам овард, то ин ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро аксари кулли кишварҳои ҷаҳон ба расмият шиносанд ва аз он пуштибонӣ намоянд.

РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ИЛМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН

Ҷумаева П. А. – ходими калони илмии ИИТ-и ДМТ

Илм яке аз соҳаҳои фаъолияти инсон мебошад, ки тавассути он ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии худро бою рангин сохта, ба ҳаёт тобиши дигар мебахшад ва онро рангин месозад.

Дар замони Шӯравӣ новобаста аз мавҷудияти маҳдудиятҳо, Тоҷикистон ва Покистон ҳамкориҳои илмиву фарҳангиро ба роҳ монда буданд, аммо ҷавобгӯи майлу хоҳиши тарафҳо ва халқҳои ду кишвар набуд. Пас аз истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои илмӣ густариш ёфта, самараи нек ба бор овард. Заминаҳои ҳамкориҳои илмӣ ва базаи меъёрӣ-

ҳуқуқии ҳамкориҳои илмӣ дар натиҷаи ба имзо расидани созишномаи ҳамкорӣ дар бораи ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ аз таърихи 1 июли соли 1992 асос гузошта шуд.

Рушди ҳамкориҳои илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид. Пас аз қабули консепсияи сиёсати хориҷӣ дар соли 2002 рушди равобити илмӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ рӯ ба беҳбудӣ овард. Дар Покистон марказҳои бузурги илмӣ мавҷуданд, ки ҳамкорӣ бо онҳо ба олимони тоҷик имкон медиҳад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ аз дастовардҳои илми ҷаҳонӣ бенасиб набошанд. Гарчанде, бо Институти илмиву таҷрибавии Ғулом Исҳоқхони шаҳри Топи, Академияи Иқболи шаҳри Лоҳур ва дигар марказҳои илмии Ҷумҳурии Исломии Покистон алоқаҳои олимони АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор шуда бошанд ҳам, натиҷаи фаъолияти муштараки онҳо назаррас нест.

Дар ин самт фароҳам овардани шароит барои тадқиқотҳои таҷрибавӣ дар соҳаи илм ва техника, соҳаи тандурустӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ, ба роҳ мондани тадқиқотҳои илмӣ, рушд додани илм, барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳим барои рушди илму иқтисодиёт зарурият дорад. Пешниҳод кардани маълумоти лозима барои ду ҷониб барои пеш бурдани тадқиқоти илмӣ, бахусус маълумот дар бораи лоиҳаҳои пешниҳодшуда, комёбиҳои илмӣ ва ихтироот, маълумоти муҳим оиди соҳаҳои интихобгардидаи илм, хазина, истифодаи маълумоти муҳими хориҷӣ оиди конфронс ва форумҳои илмӣ, инчунин истифодаи шахсони таҷрибадор дар соҳаи илм ва корҳои тадқиқотиву техникӣ барои навиштани мақолаҳои илмӣ, ба чоп расонидани корҳои илмӣ ва ба қайд гирифтани ходимони илмӣ ба воситаи курсҳои аспирантура ва докторантура ва омӯзиш аз рӯи таҷрибаи онҳо ба воситаи ташкили сафарҳои кории илмӣ, инчунин ташкил намудани конфронсҳо, симпозиумҳои илмӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Ҳамзамон, фароҳам овардани имкониятҳо барои коромӯзии мутахассисони тоҷикистонӣ дар марказҳои илмии Покистон ва баръакс, хондани лексияҳо аз ҷониби олимони ҳар ду кишвар дар марказҳои илмии ҳамдигар, ташкил намудани сафарҳои хизматӣ барои ҷамъоварии маводҳо дар бахши забону адабиёти урдую форсӣ ва таърихи Покистон, тарҷумаи асарҳои адибони маъруфи урдузабон ба тоҷикӣ ва тоҷикзабон ба урду, нашри маҷмӯаи мақолаҳои илмии олимони ҳар ду кишвар бахшида ба масъалаҳои илмӣ, забон, адабиёт ва таърих, табодули асарҳои илмию бадеӣ, ки аз ҷониби олимон ва адибони ҳарду кишвар навишта мешаванд, барои рушди илм ва ҳамкориҳои самаровари илмӣ муфид мебошад.

Албатта, илм яке аз муҳимтарин шаклҳои фарҳанги ҷомеа ба шумор рафта, рушди он омили муҳимтарини навсозии тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон мебошад. Аҳамияти ҳамкориҳои илмӣ дар он аст, ки ҷаҳонбинии шахсро ташаккул медиҳад, бо пешрафти технологӣ зич алоқаманд аст, барои пешгӯӣ дар бораи рушди ҷомеа ва таҳияи барномаҳо, ҳалли мушкилоти дар назди ду кишвар қарордошта кӯмак мерасонад.

Дар маҷмӯъ, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон имрӯз самарабахш идома дорад ва татбиқи пешниҳодҳо аз роҳбарияти олии ду кишвар вобаста буда, амалишавии он ба таъмини сулҳу амният дар минтақа ва ба рушду тақвияти илму фарҳанги халқҳои ду сарзамин мусоидат менамояд.

ДИПЛОМАТИЯИ ИҚЛИМИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ОН ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Шарипов Ш. – унвонҷӯи ИИТ-и ДМТ

Асосҳои дипломатияи иқлимӣ дар солҳои 1960-1970 асри XX гузошта шудааст. Дар он солҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиддӣ будани масъалаҳои экологиро дарк кард ва зарурати ҷустуҷӯи ҳалли ҳамаҷонибаи масоили экологиро дар миқёси ҷаҳонӣ ба миён гузошт. Идоракунии хатарҳои иқлим дар рӯзномаи умумиҷаҳонӣ дар сархати аввали мулоқоту музокиротҳои дуҷонибаву бисёрҷониба гузошта шуд ва ба ин васила нақши дипломатияро дар ин соҳа тақвият дод.

Созмони Милали Муттаҳид мақоми муҳимми рӯзмарраи муҳити зист мебошад. Соли 1972 Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP) таъсис дода шуд ва соли 1979 аввалин конфронси СММ оид ба иқлим дар Женева баргузор гардид. Қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 29 октябри соли 1982 № 37/7 "Хартияи ҷаҳонии табиат" муқаррар кардааст, ки принсипҳои дар Хартия инъикосёфта бояд "дар қонунҳо ва амалияи ҳар як давлат, инчунин дар сатҳи байналмилалӣ инъикос карда шаванд".

Соли 1988 ЮНЭП ва Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ (WMO) Гурӯҳи байниҳукуматӣ оид ба тағирёбии иқлимро (IPCC) таъсис доданд, ки имрӯз мақомоти асосии пешбарандаи байналмилалӣ дар арзёбии тағирёбии иқлим мебошад.

Дипломатияи иқлимии Тоҷикистон. Бо роҳандозии густурдаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об, ҳадафи бозидани нақши фаъол дар ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар сатҳи ҷаҳониро пайгирӣ мекунад. Дар доираи ин дипломатия ва дар пайравӣ аз ташаббусҳои созандаи марбут ба об («Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013»), ки мавриди истиқболи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтаанд, амалӣ намудани ибтикороти тоза дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, қабл аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид пешбинӣ мешавад. Ҳадаф аз ин ибтикорот таъкиди зарурати ҳамкории созанда дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об ҷиҳати бақои ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст. Вобаста ба ин, яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини нақши созандаи кишвар дар масъалаҳои марбут ба об дар минтақа ва дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки ҳам ба манфиатҳои миллӣ ва ҳам ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ созгор аст.

Зери ин чаҳор ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон заминаҳои меъёриву ҳуқуқии дипломатияи иқлимии Тоҷикистон ба амал омад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади пешгирӣ аз пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба он то имрӯз барои такмили қонунгузорӣ, сиёсати давлатӣ ва иҷрои тавсияҳои ҳамоишҳои тарафҳои Конвенсия тадбирҳои амалӣ андешида, бо шарикони байналмилалии худ дар ин росто фаъолона ҳамкорӣ менамояд.

Ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ ба муҳит дар миқёси олам ночиз мебошад, аммо дар масъалаи тағйирёбии иқлим яке аз давлатҳои осебпазир ба ҳисоб меравад. Имрӯз соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон бо пайомадҳои манфии вобаста ба тағйири иқлим рӯ ба рӯ гардидаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламраваш кӯҳсор аст, яке аз манбаъҳои асосии оби Осиёи Марказӣ буда, аз пиряхҳои он 60 фоизи захираҳои оби минтақа ташаккул меёбад.

ИССЛЕДОВАНИЕ ИСТОРИИ И ТЕОРИИ «ШАШМАКОМА» В НАУЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ В 50-80-Х ГОДАХ XX ВЕКА

Акрамова С. Х. – д.и.н., главный научный сотрудник НИИ ТНУ

После окончания Великой Отечественной войны по инициативе Первого секретаря ЦК КП Таджикистана Б. Гафурова и С. Айни была организована работа по второй записи «Шашмакома». В творческую группу входили мастера искусств, поэты, ученые - филологи, музыковеды. Группа занималась поиском всех новых материалов для нотной записи, всесторонним научным изучением этого феномена музыкального искусства. В Душанбе были приглашены такие деятели искусств, макомисты как Б.Файзуллоев, Ш.Сохибов и Ф.Шахобов. Ученые-музыканты учитывали все тонкости музыкального и песенного искусства, совместимости текста и музыки. Что касается исторического значения этой записи, то в истории развития и изучения «Шашмакома» она положила начало новому этапу. Но, здесь нельзя недооценить заслуги тех ученых-музыковедов, поэтов и писателей в успешном завершении уникальной записи. Нельзя отрицать и то, что в деле пропаганды классической музыки и в поддержке мастеров искусств во второй половине XX в. огромная заслуга принадлежит Герою Таджикистана, академику Б.Гафурову.

Среди других исследований по изучению формирования и развития «Шашмакома» немаловажное значение имеет монография «Макомлар масаласига доир» («К вопросу о макомах») И.Раджабова, опубликованная в 1963 г. В ней автор на основе широкого охвата проблем, изучения множества источников, научного анализа и обобщения предыдущих исследований, впервые наиболее полно рассматривает историю и теорию вокально-инструментального произведения «Шашмаком».

Исследованием истории развития и изучения народной и традиционной классической музыки Средней Азии, в том числе и «Шашмаком» на протяжении последних десятилетий занимались многие ученые-музыковеды. Проблемам истории музыкального искусства посвящена одна из работ Ф.Кароматова. Учеными- исследователями «Шашмакома» были изучены многие аспекты музыкального и песенного искусства. Например, социальные и исторические аспекты развития музыкальной культуры таджиков города Бухары изучены профессором Н.Нурджановым. В своей книге «Театральная и музыкальная жизнь столицы государства Саманидов (XIX-XX вв.)» он уделяет особое внимание исполнению «Шашмакома» при дворе и среди других социальных слоев населения. Кроме того, в его работе освещается творчество отдельных исполнителей этого жанра.

О важности изучения истории «Шашмакома» свидетельствует тот факт, что впоследствии традиционными стали проведение международных симпозиумов и форумов, посвященные народной классической музыке таджикского народа. К примеру, переломным этапом в развитии и изучении «Шашмакома» стало проведение первого в 1978 г., и второго в 1983 г. Международных музыковедческих симпозиумов в городе Самарканде. На этих мероприятиях на высоком профессиональном уровне рассматривались проблемы исследования «Шашмакома», мугама, мукама, раги, нуби и других направлений профессиональной традиционной музыки народов Ближнего и Среднего Востока.

Таким образом, как показывает историографический анализ изучения теории «Шашмакома», в 50-60-х годах XX века её история на страницах научной литературы были достаточно освещены. По различным вариантам нотной записи «Шашмакома» выпущены книги, записи мастеров искусств, защищены кандидатские и докторские диссертации. В них на основе богатых источниковедческих материалов освещены различные теоретические, исторические и эстетические аспекты «Шашмакома».

ДАВРАБАНДИИ ИЛМИИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ: ДАВРАИ ГУЗАРИШ АЗ АДАБИЁТИ АСРИМИЁНАГӢ БА АҲДИ ҶАДИД

Амирзода С. – д.и.ф., профессор, сарходими илмии ИИТ-и ДМТ

Асрҳои миёнаи мамолики Шарқ дар баробари ин ки як давраи хуҷастаи адабию фарҳангии тоҷикро (асрҳои X-XV) дар таърихи тамаддуни башарият падид овард, инчунин давраеро низ фаро гирифта буд, ки ба сабаби дар арзи зиёда аз чор қарн тӯл кашидани таназзули сохти ҷомеаи феодалӣ, дар таърихи адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик марҳилаи дуюми асримиёнагӣ (асрҳои 16-19) идома ёфт, ки дар илм бо номи адабиёти давраи бозмондаи асримиёнагӣ ва ё адабиёти баъдиклассикӣ маъмул аст. Ва инак, лозим омад ки ба самти адабиёти аҳди Ҷадид таҳаввул кардани адабиёти асримиёнагии тоҷикро маҳз дар адабиёти қарнҳои XVI-XIX ҷуё шавем.

Ба ин муносибат қаблан равшан кардани ҳудуди "давраи гузариш аз адабиёти асримиёнагӣ ба аҳди Ҷадид" ба миён меояд. Аз эътибори илмӣ дур гузаштани ин масъала боиси нодуруст ва яктарафа тасаввур шудани маншаъ ва моҳияти ба вуҷуд омадани тамоюлоти тозаи адабӣ мегардад.

Барои дуруст дарк намудани тағйирот ва таҳаввулоти адабии асрҳои XVI-XIX пеш аз ҳама табиати хоси сохти ҷомеаи феодалии Осиёи Миёнаро дар маддаи назар доштан лозим аст, ки хусусан протсесси таназзул ва инҳитоти он, бар хилофи мамлакатҳои Аврупо, дар давоми зиёда аз чорсад сол беш аз пеш чуқуртар гардида, бидуни сабзиши унсурҳои сохти буржуазӣ арзи вуҷуд намудааст. Ин ҳол зотан шароити ба Аҳди Ҷадид гузаштани адабиёти асримиёнагиро хеле ба таъхир гузошт. Аз ин вақҳ, тағйирот ва таҳаввулоте, ки ба сабаби

ҳодисаҳои таърихию сиёсӣ дар ҷараёни адабии асрҳои XVI-XVII ва XVIII ба амал омада буд, аслан хислати умумии асримиёнагӣ дошта, ба таҳозои табиати хоси ҷомеаи феодалии шарқӣ сурат гирифтааст. Ба ин маънӣ, нишонаҳои тағйирот ва таҳаввулот дар ҷараёноти адабии қарнҳои мазкур ба вуҷудомадаро ба давраи гузариш аз адабиёти асримиёнагӣ ба аҳди Ҷадид ҳамл намудан саҳеҳ нест, балки вобаста ба таназули хоси ҷомеаи феодалии шарқ дар шаклу самти нав идома ёфтани адабиёти асримиёнагӣ аст.

Пас, ҳудуди "давраи гузариш" аз адабиёти асримиёнагӣ ба аҳди Ҷадид дар адабиёти тоҷик таърихан ба асри XIX қоим меафтад. Таъбиру тафсири қиёсию типологии марҳилаҳои ҷудогонаи инкишофи ҳаёти иҷтимоию фарҳангии мамолики Ғарб ва Шарқ ҳаминро нишон медиҳад, ки агар Асрҳои Миёна дар Аврупо бо Ренессанс (Эҳё) хотима ёбад, дар Шарқ вазифаи онро ба ҳайси хотимадиҳандаи замони асримиёнагӣ "Аҳди Маориф" (Эпоха Просвещениё) ба ӯҳда мегирад. Бинобар ин, дар шароити Осиёи Миёна "давраи гузариш" бояд мантиқан қабл аз аҳди Маориф сурат бигирад ва аҳди Маориф бошад дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии халқи тоҷик ибтидои асри XX (аҳди Ҷадид) ба ҳисоб меравад.

Мутаассифона, адабиётшиносони замонаи шӯравии мо (ва адабиётшиносони муосири мо низ) тамоили тозае, ки дар нимаи дуюми асри XIX (манзурам Мактаби адабии Аҳмади Дониш) ба амал омад, чун падидаи аҳди Маориф баррасӣ карда, ба адабиёти маорифпарварӣ ҳамл намудаанд. Вале дар асл тамоюли мазкур таърихан равияи маорифпарварӣ набуда, балки як навъ тамоюли эҳёии типи аврупоӣ (ренессанс) ба шумор меравад, ки дар марҳилаи хоси давраи гузариш зуҳур кардааст. (Зимнан бояд таъкид намуд, ки мафҳуми "маорифпарварӣ" дар адабиётшиносии замонаи Шӯравӣ чун мақолаи илмӣ ва маҳсули аҳди Маориф истифода мешуд).

ҲАМКОРИҲОИ ИЛМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН (1991-2011)

Мирзоев Ҳ. – ходими илмии ИИТ-и ДМТ

Баъди дастёби ба истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба илм ва фарҳанги Хитой хеле зиёд шуда истодааст. Аз ин рӯ, сафи омӯзандагони забони хитоӣ сол то сол ба маротиб дар муассисаҳои оливу касбӣ ва миёнаи умумии ба маротиб меафзояд. Дар донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ гурӯҳҳои забони чинӣ амал мекунанд. Масалан дар назди Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон шурӯъ аз соли 2008 Институти Конфутсий ба фаъолият шурӯъ намуд, ки бозшавии ин марказ як таконе дар густариши робитаҳои илмии тарафайн бахшид. Ҳамасола аз ҷониби марказ барои идомаи таҳсил ва курсҳои омӯзишии забони чинӣ озмунҳо гузаронида шуда, ғолибон ба Хитой сафарбар мегарданд, ки онҳо бо стипендияи худи Институти Конфутсий ва дигар кумакпулиҳои ҳукумати Чин таъмин мешаванд.
Фаъолият, ҳамкориҳо дар самти илмию техникӣ дар асоси созишномаҳои байниҳукуматӣ ва бисёрҷонибаи байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ тавассути ташаккул додани барномаҳои байнидавлатӣ ва соҳаҳои илмӣ-техникӣ, ташкили сохторҳои якҷояи созмонҳои илмӣ, мубодилаи объектҳои илмӣ, омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳои илмӣ, мубодилаи мутахассисон, мубодилаи иттилооти илмӣ-техникӣ ва технология, конфронсҳои муштарак ва симпозиум ба роҳ монда шудааст. Таҳвият ёфтани робитаҳои илмӣ- тайёр намудани кадрҳо ин идомаи мантиқии муносибатҳои дӯстонаи байни ду кишвари бо ҳам дӯст буда, иқдоми нек дар пешрафти муносибатҳои дипломатии ду кишвари ҳамҷавор мебошад.

КРИЗИС ЛИБЕРАЛЬНОЙ ДЕМОКРАТИИ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Мунавваров М. – к.и.н., доцент, старший научный сотрудник НИИ ТНУ

В начале XX1 века в связи с мировым финансово-экономическим кризисом, притоком беженцев с Ближнего Востока и Африки, глобализации в Европе развернулась острая дискуссия по поводу миграции. Стали звучать призывы вернутся к социально-направленной политике по перераспределению доходов государства, политики протекционизма.

На сегодняшний день либерализм является одной из ведущих идеологий в мире. Концепция личной свободы, чувство собственного достоинства, свобода слова, всеобщие права человека, религиозная терпимосто, неприкосновенносто личной жизни, частная собственность, свободноий рынок, равенство, правовое государство, прозрачность правительства, власть народа, общественный договор, самоопределение нации, посвященной государственной политике получили самое широкое распространение. К либерально-политическим системам относятся такие разные по культуре и экономическим благополучиям страны, как Финляндия, Швеция, Испания, Эстония, Кипр, Словения, Тайвань. Во всех этих странах либеральные ценности играют ключевую роль в формировании цели общества.

В Западной Европе и Северной Америке большинство политических течений выражают солидарность идеалам либерализма. В США либералами называют социалистов и виолевых, в то время, как Западной Европе этот термин применяется к либернационалистам, а либералов называют социал-демократами.

В первые два десятилетия XX1 века ведется жаркая дискуссия между сторонами и противниками либерализма. В качестве политической системы левая сторона жесткого государственного регулирования предпочитают социализм, полагая что, только государственное регулирование и распределение доходов могут обеспечить справедливость в обществе. Главным недостатком либерализма с точки зрения марксистов является неравномерное распределение материальных благ в обществе. По мнению марксистов реальная власть в либеральном государстве находятся в руках небольшой группы людей, которые контролируют финансовые потоки. Равенство перед законом и равенства возможности в условиях экономического неравенства, по их мнению, остается утопией, они считают, что либеральная идеология поощряет эксплуатацию человека человеком. Марксисты критически относятся к теории общественного договора, считая что в ней государство рассматривается как отдельный от общества субъект.

Противоречие между обществом и государством марксисты сводят к противоречию между классами, в основном по отношению к средствам производства.

В развернувшейся дискуссии многие критики либеральной демократии предлагают переоценить ценностным принципам западной либеральной демократии. Многие ученые и аналитики считают, что современный либерализм не отвечает новым вызовам. К этой политике подключились лидеры некоторых западных стран и США. К примеру 27 июня 2019 года Президент России В.В.Путин в интервью в английской газете заявил: «Четь современная либеральная идея. Она по-моему просто себя изжила окончательно. Наши Западные партнёры признали, что некоторые её элементы нереалистичны. Либералы просто не могут больше что - либо диктовать подобно тому, как они пытались это делать на протяжении последних десятилетий».

В настоящее время либеральные идеи столкнулись со многими проблемами. Сейчас у этого миропорядка, которой был устроен после Второй мировой войны на Западе сеят некоторые проблемы. Это - миграция, популизм, национализм, цикличные экономические кризисы. С большой уверенностью можно сказать, что эти проблемы в ближайшие годы будут урегулированы, как раз с точки зрения того, какие будут правила, какие будут законы. Либерализм строится в правовом государстве, сильном государстве, эффективном, прозрачном, когда люди живут по правилам, а не так как каждый что хочет то и делает.

В данной статье говорится, что все высшее упомянутые проблемы привели к кризису либеральной демократии. Нынешний кризис либеральной демократии, это не катастрофа, это звонок либералам. Для победы либерализма общество должно быть просвещенным. Если нет идеи, то нет направления движения. Либерализация в ближайшие десятилетия будет востребован в постсоветских республиках Центральной Азии.

РАВОБИТИ ИЛМИИ ТОҶИКИСТОН БО МАМОЛИКИ ҶАНУБУ ШАРҚИИ АВРУПО

Муҳаммадиев Д. – унвонҷӯи ИИТ-и ДМТ

Солҳои 70-уми асри 20 илми Тоҷикистон ба проблемаҳои муҳимтарини илмӣ машғул буд, ки аксари Донишкадаҳои таҳқиқотҳои илмӣ худ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карданд. Олимони Донишкадаҳои илмии Тоҷикистон масъалаҳои глобалии ҷаҳониро ҳамаҷониба тадқиқот гузаронида, дар соҳаҳои омӯзиши иқлими Антарктида, экология, равандҳои растаниҳои табобатӣ ва дигар масъалаҳои муҳим муваффакиятҳои назаррас ба даст оварданд. Масалан, Донишкадаҳои физика, астрономия, физиология ва биофизика, Донишкадаи таърих, бостоншиносӣ ва бойгонишиносӣ, Донишкадаи ботаника, зоология ва празитология ба проблемаҳои- тематикаи мавзӯъҳои умумииттифоқӣ ҷалб карда шуданд.

Бо даъвати Партия ва Ҳукумати Советӣ соли 1976 ба 209 мавзӯи тадқиқотӣ банд буданд, ки аз ин 139 мавзӯъи он ба мавзӯъҳои умумииттифоқӣ пайваст буданд. Ин мавзӯъҳои тадқиқотӣ ва проблемаҳои мубрами олимони тоҷик имконият медод, ки раванди равобити олимони тоҷик ба олимони хориҷӣ аз ҷумла олимони мамлакатҳои сотсиалистӣ васеъ шаваду густариш ёбад. Аз соли 1980 то соли 1990 меҳмонони олимони тоҷик аз мамлакатҳои сотсиалистӣ 978 олимро ташкил дод, ки ба проблемаҳои актуалии талаботи илмҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буданд.

Олимони тоҷик ҳанӯз аз ибтидои солҳои 60-ум иштирокчии бевоситаи чорабиниҳои илмие, ки дар конгрессҳо, конфренсияҳо, симпозиюмҳо ва дигар чорабиниҳои мамлакатҳои сотсиалистӣ баргузор мешуданд иштироки фаъолона доштанд. Дар ин самт олимони тоҷик оид ба проблемаҳои илмии ҷаҳонӣ ба мисли омӯзиши коинот, сейсмология, геология, таъриху археология хусусун физиология ва биологияи растаниҳо, проблемаҳои инкишофи илмҳои хоҷагии қишлоқ таҳқиқотҳои муҳим мегузарониданд.

Олимони тоҷик нисбати ҳар як масоили таърихӣ бо олимони мамлактҳои хориҷӣ – мамлакатҳои Ҷанубу Шарқӣ табодули муҳими илмӣ анҷом медоданд. Аз соли 1971 то соли 1975 олимони тоҷик ба 28 мамлакати дунё асару мақолаҳои худро мефиристонданд. Аз ҷумла, 158 марказҳои илмии хориҷӣ асарҳои олимони тоҷикро дастрас мекардад. Дар навбати худ, дар ин солҳо олимони тоҷик имкониятҳои зиёде пайдо намуданд, ки вобаста ба он Институти таҳқиқоти илмии Тоҷикистон зиёда аз 10327 асрҳои олимони хориҷиро дастрас карданд. Дар ин самт Инстутҳои ботаника, астрофизика, сейсмология, математика пешсаф буданд. Дар солҳои охир аз соли 1969 то соли 1972 дар нашриётҳои хориҷӣ 156 асару мақолаҳои олимони тоҷик ба нашр расиданд.

Боиси хушнудӣ аст, ки дар қатори Донишкадаҳои таҳқиқотҳои илми лабораторияи тадқиқотӣ, чун Институти тадқиқотии биологии Помир, боғҳои ботаникии шаҳри Душанбе ва Суғд пайваста ҳар сол бо боғҳои мамлакатҳои сотсилистӣ дар табодули таҷриба қарор доштанд, ки ин боиси пешраваии илммҳои биологиро нишон медоданд.

Фанҳои ҷамъиятии Тоҷикистон - таърих, фалсаф, иқтисодӣ, иҷтимоӣ низ иштирок дар ҳамкорӣ бо олимон ва марказҳои илмии мамлакатҳои сотсиалистӣ дар канор набуданд. Аз ҷумла, доир ба илмҳои фалсафа ва таъриху бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, раванди ҳамкориҳо густариш меёфт, ки олимони дигар мамлакатҳо низ ба таҳқиқотҳои илмии олимони тоҷик дар пайвастагӣ бо олимони мамлакатҳои сотсиалисӣ дар алоқамандии зич қарор доштанд.

РОЛЬ ПАРЛАМЕНТСКОЙ ДИПЛОМАТИИ В РЕАЛИЗАЦИИ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Окилзода Н. Н. – соискательи НИИ ТНУ

В современном мире, где часто происходящие события резко меняют международную обстановку, направлением внешней политики в борьбе с негативными событиями, а также в защите национальных и государственных интересов может стать парламентская дипломатия.

Парламентская дипломатия играет особую роль в представлении позиции государства при решении международных конфликтов и выполнении международных обязательств на международной и региональной арене и открывает новые возможности для урегулирования и упорядочения возрастающего числа истоков нестабильности.

Парламентская дипломатия является одним из основных видов дипломатии и, несмотря на то, что она не изучена всесторонне, ее роль на международных площадках заметно возрастает. Она является инструментом, объединяющим два или более парламентов в решении ключевых международных вопросов в постоянных диалогах и переговорах.

Термины «международные отношения», «межпарламентские отношения» и «парламентская дипломатия» тесно взаимосвязаны. Впервые термин «парламентская дипломатия» был введен в политический лексикон американским юристом и дипломатом Филиппом Джессапом в 1956 г. Как следует из самого названия, в основу дипломатии такого типа был положен принцип парламентаризма, который наиболее ярко проявился в залах старейшего парламента Европы – английского. Впоследствии Ф. Джессап выделил ряд особенностей, позволяющих отнести 148 парламентских дипломатий к отдельной форме многосторонних переговоров».

Парламентскую дипломатию Республики Таджикистан сегодня можно отнести достижениям периода независимости. Именно после приобретения государственной независимости Таджикистану пришлось самостоятельно сформировать свою внешнюю политику и прилагать все усилия для признания его субъектом международного права, представить себя международному сообществу. Принятие Конституции являлось важным и необходимым для реализации внешней политики, так как в соответствующих главах и статьях Конституции четко определена компетенция органов в целях развития и реализации внешнеполитических курсов Парламента, Президента и Правительства.

Формирование межпарламентских отношений Маджлиси Оли Республики Таджикистан является очень важным аспектом. После создания двухпалатного профессионального парламента и выполнения ряда работ можно с уверенностью сказать, что формирование нового профессионального органа дало начало новому уровню сотрудничества парламентской дипломатии Таджикистана.

НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНҲОИ МИНТАҚАВӢ (ДАР МИСОЛИ СААД)

Сангинов Д. Н. – ходими илмии ИИТ-и ДМТ

Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ташкилоти байналмилалии минтақавӣ мебошад ва дар заминаи Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992 таъсис дода шудааст. 14 майи соли 2002 Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ табдил дода шуд. СААД созмони ҳарбию сиёсӣ буда, хусусияти мудофиавӣ дорад ва барои ҳамроҳ шудани аъзои нав, ки пайрави ҳадафҳо ва принсипҳои он мебошанд, кушода аст. Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон (аъзогии худро дубора 16 августи соли 2006 барқарор кард) аъзои СААД буда дар фаъолияти ин созмон нақши бориз дорад.

Дар ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ дар шаҳри Душанбе (28 апрели соли 2003) қарори сарони кишварҳои аъзо оид ба таъсис додани Ситоди муттаҳидаи СААД қабул гардид. Ба ин сохтори доимоамалкунандаи Созмон вазифаҳои фаъол сохтани кори СААД дар соҳаи ҳарбӣ вогузор карда шудаанд. Асоси фаъолияти ҳарбии низоми амнияти дастаҷамъиро гурӯҳу нерӯҳои муттаҳида дар минтақаҳо ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳҳо бо мақсади пешгирӣ ва ё рад кардани ҳуҷуми ҳарбӣ бар зидди кишварҳои аъзо ва инчунин гузаронидани дигар амалиёт таъсис дода шудаанд.

Дар чаҳорчӯбаи СААД гурӯҳҳои низомии минтақавӣ дар самтҳои Аврупои Шарқӣ ва Кавказ ва аз августи соли 2001 Нерӯҳои дастаҷамъии зудамал дар минтақаи Осиёи Марказӣ (Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳар кадоме як воҳиди низомӣ ҷудо кардааст) фаъолият мекунанд. Нерӯҳои зудамал вазифадор шудаанд, ки амнияти ҳарбии

давлатҳои аъзоро дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, боз доштани ҳуҷумҳои мусаллаҳона аз берун ва гузаронидани амалиёти муштараки зиддитеррористиро таъмин намоянд. Ин таҷрибаи нахустини таъсис додани нерӯҳои бисёрҷониба дар доираи СААД мебошад. Ситоди муттаҳидаи СААД ҳамкории худро бо шӯъбаи минтақавии Маркази зиддитеррористии ИДМ дар Бишкек тибқи тартиботи муқарраргардида амалӣ мекунад.

Моҳи октябри соли 2002 дар фурудгоҳи шаҳри Канти Ҷумҳурии Қирғизистон пойгоҳи ҳарбию ҳавоии Россия ҷойгир карда шуд. Мутобиқи қарори ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ дар шаҳри Душанбе (апрели соли 2003), ин пойгоҳ қисми таркибии Нерӯҳои дастаҷамъии зудамали СААД эълом гардид, ки он дар навбати худ ба имкониятҳои нерӯҳои дастаҷамъӣ тақвият мебахшад. Ҳамоҳангсозии мавқеи давлатҳои аъзо дар масъалаҳои ҳарбӣ ва такмили фаъолияти сохторҳои низомӣ, ташкили раванди ҳамкориҳо дар соҳаи тайёр кардани мутахассисон барои қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои аъзо, фароҳам овардани шароит барои истифодаи муштараки инфрасохтор ва иншооти марбута ба манфиати қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои аъзо, истифодаи низомҳои ягонаи мавҷудбуда ва таъсис додани чунин низомҳои нав (мудофиаи зиддиҳавоӣ, иттилоотӣ, идора ва алоқа) аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки ҳамкории ҳарбии давлатҳои аъзои СААД маҳсуб меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои иштироки худ дар фаъолияти СААД аҳамияти афзалиятнок медиҳад. Ҳамкорӣ дар доираи ин Созмон ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистон аст ва он имкон медиҳад, ки бар зидди тероризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва умуман ба хотири таъмини амният ва субот дар тамоми минтақаи Аврупо ва Осиё ва инчунин ҳимояи тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатҳои аъзо фаъолона тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд. Тоҷикистон манфиатдори он аст, ки СААД дар амал ба омили муҳими таъмини амнияти ҷаҳонию минтақавӣ мубаддал гардад.

Иштироки Тоҷикистон дар СААД амри зарурӣ ва кафили ҳимояи манфиатҳои миллӣ, соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии кишвар мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои фаъол намудани раванди ҳамгироии ҳарбию сиёсии давлатҳои аъзо ва ҳамоҳангсозии иқтидори онҳо, такмили соҳаи раванди ҳамгироии ҳарбию сиёсии давлатҳои аъзо ва ҳамоҳангсозии иқтидори онҳо, такмили соҳаи сиёсати ҳарбӣ ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ҳарбию техникии давлатҳои аъзоро аз ҷумлаи муҳимтарин вазифаҳои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ меҳисобад.

КНИГА ПРОФЕССОРА М.А. СУБХАНКУЛОВА «ТАУБЕРОВЫ ТЕОРЕМЫ С ОСТАТКОМ»

Срумова Ф. В. – д.ф.-м.н., главны научний сотрудник НИИ ТНУ

Автор книги «Тауберовы теоремы с остатком» Магалим Афамович Субханкулов родился 11 апреля 1920 года, ему в 2020 году исполнился бы 100 (сто) лет со дня рождения.
Профессор М.А. Субханкулов защитил докторскую диссертацию на тему «Тауберовы теоремы и их применения» в математическом институте имени В.А. Стеклова, получая ученое звание профессора.

Книга профессора М.А. Субханкулова повящена комплексным и действительным тауберовым теоремам. Книга изучена в Москве, в 1976 году. Теоремы, полученные М.А. Субхонкуловым весьма разнообразные, они расширяют и углубляют предмет исследования в разных направлениях.

М.А. Субханкулов с 1954 года по 1976 году заведовал в Таджикском Государственном Университете (нынче ТНУ) кафедрой математического анализа и теорией функций.
В книге «Тауберовы теоремы с остатком» М. А.Субханкулов ссылается на работы своих учеников, кандидатов физико-математических наук: АН Ф.И.Каримова, М.М. Толбаева, М.М. Израилова, Л.В. Любилова, А.И. Крайнова, Т. Сафарова, А. Гафарова, Дж. Камолиддинова, Г.Б. Бабаева.

Книга профессора М. А. Субханкулова популярна в России, Германии, Азербайджане. Его ученица Каримова М.М. издала свою книгу «Тауберовы теоремы с

остатком для кратных рядов Дирихле» в 1992 году в Таджикистане. Две книги профессора М.А. Субханкулова и профессора Каримовой М.М. спросом пользуются у студентов МГУ. М.А. Субханкулов, участник Великой Отечественной войны (1941-1945), имел 17 ранений. Его жизнь была короткой, он умер в 1976 году.

АСОСҲОИ КРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ТАШКИЛИ ИТТИҲОДИ ЭКСТРЕМИСТӢ (ИФРОТГАРОӢ)

Сафарзода А. И. – д.и.ҳ., профессор, сарходими илмии ИИТ ДМТ

Истилоҳои «экстремизм» аз калимаи лотинии «Extremitas» ва «Extremus» гирифта шуда, маънои «ифрот», «аз ҳад гузаштан»-ро дошта, мутобиқан ҷонибдори ақида ва чораҳои ифротиро ифода менамояд.

Таҳқиқи этимологии истилоҳи «экстремизм» нишон медиҳад, ки мафҳум ва мазмуни он барои ифодаи амале равона карда мешавад, ки аз доираи меъёрҳои иҷтимоӣ ва қонунгузории амалкунанда берун мебарояд.

Барои криминализатсия намудани ҷинояти таҳлилшаванда пеш аз ҳама таъсири меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳис карда мешавад. Аз ҷумла, Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои Шанхай «Оид ба мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» аз 15 июни соли 2001 нисбатан мафҳум ва намудҳои онро ба пуррагӣ муқаррар мекунад.

Дар ин санади байналмилалӣ «экстремизм» «..ин ё он кирдоре, ки бо зуроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зуроварӣ нигоҳ доштани он, инчунин бо роҳи зуроварӣ тағйир додани сохти конституцсионии давлат, таҷовузи зуроварона ба амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла бо ин мақсад ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ё иштирок дар он муқаррар карда шудааст.

Дар санади мазкур мафҳуму моҳияти «экстремизм» ошкор карда шуда, қайд мегардад, ки экстремизм новобаста аз ангезаи он, сафед карда намешавад, шахси дар содир намудани чунин кирдорҳо гунаҳгор бояд мутобиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Ҳамин тавр, Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои Шанхай чун намунаи ҳамкориҳои самараноки Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя дар самти мубориза бар зидди экстремизм баромад менамояд.

Дар Тоҷикистон бошад, заминаи мусоиди муқовимат бо зуҳуроти экстремизм ташаккул ёфта истодааст.

Новобаста аз ин, ки Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита мафҳуму моҳияти экстремизмро ошкор намесозад, дар худ меъёрҳоеро ҷой додаст, ки барои дигар соҳаҳо чун асоси ҳуқуқӣ дар самти муқовимат бо экстремизм ва ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) баромад менамоянд.

Хамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) бо ангезаҳои бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, ё динӣ, ҳамчунин аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гурӯҳи иҷтимоӣ пеш аз ҳама ба асосҳои сохтори конституцсионӣ, ки дар Конститусия мустаҳкам карда шудаанд -ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунии сиёсӣ ва идеологӣ дар ҷомеа ва амнияти давлат таҷовуз менамояд.

АСОСҲОИ КРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ДАЪВАТИ ОММАВӢ БАРОИ БО РОҲИ ЗӮРОВАРӢ ТАҒЙИР ДОДАНИ СОХТИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарипов Т. Ш. – д.и.ҳ., профессор, сарходими илмии ИИТ-и ДМТ

Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конституцсионӣ ва амнияти давлатро қонунгузор ба фасли XIII – ум “Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ” дохил намуда, ҳамчунин онҳоро дастаҷамъона дар боби алоҳидаи (боби 29) Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) пешбинӣ менамояд, ки дарбаргирандаи 12 таркиби (305-313) мустақили ҷиноят мебошад.

Даъватҳои оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ, ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани он, ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конституцсионӣ, ё бо роҳи зӯроварӣ вайрон кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз намудҳои ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конституцсионӣ ва амнияти давлат ба шумор меравад, ки дар моддаи 307 КҶ ҶТ мустаҳкам гардидааст.

Объекти чинояти мазкурро низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомотҳи ҳокимияти конституцсионӣ ва намояндагони қонунии он ташкил медиҳад.
Тарафи объективии ин ҷиноятро кирдорҳои зерин ташкил медиҳанд:
а) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ;
б) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо рохи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимияти давлатӣ;
в) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо рохи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конституцсионӣ;
г) даъвати оммавӣ ҷиҳати бо рохи зӯроварӣ вайрон кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҷинояти мазкур ба таркиби ҷинояти дар моддаи 306 КҶ ҶТ пешбини кардашуда монанди дорад, ки дар он ҷиҳати кирдоре, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ба ғасб кардани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият бар хилофи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст, ҳамчунин ба мақсади бо роҳи зӯроварӣ таггйир додани сохти конституцсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, гуфта шудааст, яъне дар моддаи 306 КҶ ҶТ оиди кирдори дар ҳақиқат содиркардашуда меравад. Дар моддаи 307 КҶ ҶТ бошад, факат сухан дар бораи даъват меравад.

Даъват чунин шакли таъсиррасонӣ ба шуур, ирода ва рафтори инсон мебошад, ки натиҷаи он ангезаи содир кардани фаъолияти конкретӣ мегардад. Дар ин ҳолати пешбинишуда бошад, мақсади таъсиррисонӣ конкретӣ ва муайян аст, яъне бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин холат бояд кайд кард, ки даъват характери оммавиро дорад, бо ин таркиб ҷинояти мазкур аз таҳриккунанда фарқ мекунад.

Оммавӣ будани он шакли кушода дошта ба ҳамагуна шахс равона карда шуда мебошад. Он бояд аз тарафи шахс қабулшаванда бошад.

Таркиби ҷиноят аз лаҳзаи даъвати кирдорҳое, ки дар ин модда пешбини карда шударо содир кардан тамомшуда эътироф карда мешавад.

Шакли даъват гуногун аст, ба монанди шифоҳӣ, хаттӣ, бо истифодаи воситахои техникӣ (баландгуяк, микрофон ва монанди инҳо) ва ғайра.

АСОСҲОИ КРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМ Ё ГУРӮҲИ ТАЪЛИМОТИ ХУСУСИЯТИ ДИНИИ ЭКСТРЕМИСТИДОШТА

Камолов З. А. – ходими пешбари илмии ИИТ-и ДМТ

Экстремизм – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конституцсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ;

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақсад ва амалҳояшон барои амалигардонии фаъолияти экстремистӣ равона карда шудааст, манъ карда мешавад.
Роҳ надодан ба чунин зуҳуротҳои манфӣ танҳо бо воситаи дар қонуни ҷиноятӣ айнан инъикос намудани ҳолати воқеии иҷтимоӣ амалӣ мегардад ва он дар сурате имконпазир хоҳад шуд, агар дар раванди криминализатсия донишҳои объективие, ки асоснок будани манкунии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муайян мекунанд, ба назар гирифта шаванд.

Асоси криминализатсия равандҳои дар ҳаёти ҷомеа рӯйдиҳандаро ифода мекунад, ки инкишофи онҳо зарурати объективии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии арзишҳои муайян ба миён меорад. Асоси криминализатсия ин ҳолатест, ки талаботи ҳақиқии ҷомеаро ба навгониҳои

ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, зарурати дохилии ба вуҷуд омадани меъёри ҳуқуқии ҷиноятиро ба миён меорад.

Ба чунин ҳолатҳо дохил шуда метавонад, масалан, тағйирёбии ҷиддӣ ва ногаҳонии вазъияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ё сиёсӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулода ё чунин инкишофи ҷамъият, ки хавфи зиёд доштани баъзе ҳаракатҳоеро, ки қаблан муросо кардан мумкин буд муайян менамояд.

Меъёрҳои нави аз ҷониби қонунгузори эҷодкарда ба дарки мувофиқ ва амиқи зарурати иҷтимоӣ асос меёбад. Дар бисёр маврид хулоса дар бораи ба мақсад мувофиқ будани тағйир додани қонуни ҷиноятӣ ба дарки ҳодисаи алоҳида, ки хусусияти тасодуфӣ дорад, асос меёбад.

Асоси криминализатсия, ин зарурати иҷтимоии истифодабарии чораҳои танзимшаванда ва огоҳикунандаи ҳуқуқи ҷиноятиро ба гурӯҳи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода мекунад. Сабаби криминализатсия бошад, ҳодисаи раванди криминализатсияро ба ҳаракат дароваранда мебошад.

Дар КҶ ҶТ зуҳуротҳое, ки бо фаъолияти экстремистӣ вобаста мебошанд, криминализатсия карда шуда, барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Яке аз амалҳое, ки бо фаълияти экстремистӣ алоқаманд мебошад, ин ташкили таълими хусусияти экстремистӣ дошта ба ҳисоб меравад.

Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2015 ҳаракатҳои бо ташкили таълим ё гурӮҳи таълимоти хусусияти динии экстремистидошта криминализатсия гардонида шуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он дар м.3074 КҶ ҶТ муқаррар гардид.

Ба сифати ҷиноятии мазкур амнияти давлат ва дахлнопазирии асосҳои сохти конституцсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Тарафи объективии ҷиноятӣ дар м. 3074 КҶ ҶТ муқарраршуда аз содир намудани ҳаракатҳои зерин иборат мебошад: 1) ташкили таълим; 2) гуруҳи таълимоти хусусияти динии экстремистидошта; 3) роҳбарӣ ба чунин таълим; 4) иштирок дар он новобаста аз ҷойи таълим. Ҷинояти мазкур аз лаҳзаи ташкили таълим ё иштирок дар он ва ё роҳбарӣ ба он хотимаёфта эътироф мешавад.

КРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТИ ЭКСТРЕМИСТӢ (ИФРОТГАРОӢ)

Мирзоахмедов Ф. А. – ходими пешбари илмии ИИТ-и ДМТ

Дар замони муосир яке аз намуди ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохти конституцсионӣ ва амнияти давлатӣ хавфи ҷиддӣ ба миён меоваранд, ин ҷиноятҳои хусусияти экстремисти дошта мебошанд, ки онҳо ба барангехтани кинаю адоват байни одамон, тағйир додани самти сиёсии давлат, тезутунд кардани шиддати иҷтимоӣ, коҳиш додани обрӯю нуфузи давлатҳо, равона карда шудаанд, ки муборизa бар зидди онҳо хусусияти байналмиллалӣ гирифтааст. Дар байни ҷиноятҳои мазкур ҷои махсусро ҷинояти ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгарой) ишғол менамояд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он дар моддаи 3073 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ гардидааст.Ҷинояти мазкур дар қисми 1 моддаи 3073 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташкили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдо карда, дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бо сабаби ба амал бароварданi фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, муайян шудааст.

Яъне сухан дар ин ҷо оиди ду аломати объективии ин ҷиноят меравад: Якум, эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи барҳамдиҳии ин ташкилот ё манъи фаъолияти он бо сабаби он ки фаъолияти онҳо экстремистӣ эътироф шудааст. Дуюм, пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ин қарори суд, гунаҳгор амалҳои гуногуни ташкилиро барои идома додани фаъолияти ин ташкилот иҷро мекунад, ки нисбат ба он қарори суд дар бораи барҳам додан ё манъ кардани фаъолияти он бароварда шудааст, ба монанди: амалҳои минбаъдаи ташкилотро ба нақша гирифтан, иштирокчиёни навро ҷалб кардан, машқҳои онҳоро бо усулҳои гуногун ташкил кардан ва ғайра.

Қайд намудан бамаврид аст, ки барои манъ кардани фаъолияти ташкилотҳо ва қабул намудани қарор оиди манъи фаъолияти онҳо асоси муайян лозим аст. Чунин асосҳо дар моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгарой)» аз 8-уми декабри соли 2003, № 69 пешбинӣ гардидаанд: а) ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конституционӣ ва халалдор сохтани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон; б) зарар расонидан ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон; в) ғасб ё тасарруфи салоҳияти ваколатҳои ҳокимият; г) ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ; д) амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ; е) ангезонидани муноқишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин муноқишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зуроварӣ ё даъват ба зуроварӣ алоқаманд аст; ж) паст задани шаъни миллӣ; з) ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ, авбошӣ ва харобкорӣ бо сабабҳои душманӣ ё бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ва ё бо сабабҳои бадбинӣ ё душманӣ нисбати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ; и) ташвиқоти ягона будан, бартарӣ доштан ё номукаммалии шаҳрвандон бо хусусиятҳои муносибати онҳо ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё забонии онҳо; к) даъватҳои оммавӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти мазкур ё иҷрои амалҳои номбаршуда; л) маблаҳгузорӣ ба фаъолияти мазкур ё расонидани кӯмак барои амалӣ гаштани он, ҷудо кардани манзил, базаҳои таълимӣ, полиграфӣ, моддӣ-техникӣ, алоқаҳои телефонӣ, факсӣ, хизматрасонии иттилоотӣ, дигар воситаҳои моддӣ-техникӣ барои амалӣ шудани ин фаъолият.

Хулоса, барои боз ҳам ҷоннок намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгарой), ба фикри мо, дуруст ва мақсаднок мебуд, агар дар қонуни ҷиноятӣ барои содир кардани ин кирдор аз ҷониби шахси мансабдор инчунин ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад.

ТАҲЛИЛИ АСОСҲОИ КРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ДАВЪАТИ ОММАВӢ БАРОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ (ИФРОТГАРОЙ) ВА САФЕДКУНИИ ОММАВИИ ЭКСТРЕМИЗМ

Холиқзода Ш. Л. – ходими пешбари илмии ИИТ-и ДМТ

Дар замони муосир яке аз намудҳои ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохти конституционӣ ва амнияти давлатҳо хавфи ҷиддӣ ба миён меоваранд, ин ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта мебошанд, ки мубориза бар зидди онҳо хусусияти байналмилалӣ гирифтааст. Аммо ба муқовимати ҳамаҷониба нигоҳ накарда, дар замони ҳозира ин намуди ҷиноятҳо ҳамоно зиёд шуда истодаанд.

Мувофиқи моддаи 8-и Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгарой, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конституционӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Мувофиқи моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгарой)» аз 8–уми декабри соли 2003, экстремизм – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конституционӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгарой, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ мебошад.

Фаъолияти экстремистӣ (ифротгарой) – ин фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ё динӣ, ё дигар ташкилотҳо, ё воситаҳои ахбори умум, ё шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр ва амалӣ намудани кирдорҳое мебошад, ки барои бо роҳи зуроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конституционӣ ва вайрон намудани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти экстремистӣ барои суст кардани амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғасб намудан ва аз худ намудани ваколатҳои ҳокимиятӣ ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунии амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ, барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ маҳалгарой ё динӣ равона карда мешавад.

Экстремизм тамоюли ба зуроварии хусусияти сиёсидошта дорад. Инчунин, он барои амалигардонидани сиёсат оид ба бо роҳи зуроварӣ тағйир додани сохти давлатӣ, ғасб

намудани ҳокимият, муқаррар намудани низоми фашистӣ ва ё дигар шаклҳои идоракунии диктаторӣ равона карда мешавад.

Ба зуҳуроти экстремизм, инчунин даъват барои мунтазам вайрон кардани ҳуқуқи инсон, дискриминатсияи одамон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба ягон миллат ё нажод мансуб аст.

Даъват ин ба шуур ва иродаи одамон таъсири фаъолона расонидан бо мақсади онҳоро ҷалб намудан ба ҳаракатҳои зуроварӣ оид ба ғасби ҳокимият, бо роҳи зуроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият тағйир додани сохти конституцсионӣ ва ғайра мебошад. Шаклҳои даъваткунӣ гуногунанд: шифоӣ, хаттӣ, бо воситаи таҷҳизоти техникӣ ва ғайра.

Аломати ҳатмии ин ҷиноят дар он ифода мегардад, ки даъват бояд хусусияти оммавӣ дошта бошад. Ин чунин маъно дорад, ки даъватҳо ба доираи калони одамон равона карда шудаанд. Мисол, баромад кардан дар маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, дигар чорабиниҳои оммавӣ, истифодаи шиорҳои экстремистӣ дар вақти раҳпаймоиҳо, гирдиҳамоиҳо ва ғайра.

ОМУЗИШИ ТАҶРИБАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН: ТАҲЛИЛИ УСЛУБӢ ВА РАВИШШИНОСӢ

Самиев Х.Д. – н.и.т., дотсент, ходими пешбари илмии ИИТ-и ДМТ

Омузиши масъалаи устувор шудани сулҳ дар Тоҷикистон ва таҷрибаи он аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими таърихнигории имрӯза буда, аз муҳаққиқон таҳлили амиқ ва фарогири услубиву равишшинохтиро талаб мекунад. Муҳимияти таҳқиқи сулҳ дар Тоҷикистон бо зарурияти омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи қонунмандиҳои пош хӯрдани давлатҳои бузурги бисёрмиллата, сабаб ва паёмадҳои чунин фоҷиаҳои таърихӣ алоқаманд аст. Яке аз паёмадҳои суқути давлатҳои сермиллат зуҳури кишварҳои тозаистиқлол будааст, ки ҳамроҳ бо ташдиди низоъҳои иҷтимоиву этнополитикӣ сурат мегирад.

Зуҳури давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ вазъи геополитикиро дар минтақа ба куллӣ дигаргун кард. Бо вуҷуди он ки пошхурии Иттиҳоди шуравӣ дар маҷмуъ дар муқоиса бо Югославия нисбатан оромтар гирифт, вале дар канорахо зиддиятҳо на танҳо бо роҳи осоишта ҳалли худро наёфтанд, балки баръакс ба низоъҳои мусаллаҳона оварда расонданд. Ва аз миёни ин низоъҳо хунинтарин ва давомноктарин низоъ ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо буд. Низоъи тоҷикон натиҷаи ба ҳам омадани як силсила авомили дохиливу берунӣ буд, ки омузиши онҳо таҳлил ва истифодаи услубу равишҳои гуногуни илмиро талаб дорад.

Падидаи гуфтушунидҳои байни тоҷикон ва дастёбӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ тадқиқоти ҷиддии фарогир ва муаррифиву тарғиби онро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ тақозо дорад. Ҳамзамон муваффақияти раванди сулҳ аз эҷоди механизми босамар ва муваффақи татбиқи қарорҳо ва созишномаҳои ба имзо расида, вобастагии калон дошт. Таҳлили ин механизмҳо нишон медиҳад, ки дар баробари механизмҳои маъмул, назири миёнаравӣ, гуфтушунидҳо байни ҷонибҳо, муколамаҳо, вохуриҳо, машваратҳо боз механизмҳои нав, ки пеш намуна надоштанд аз қабили Комиссияи оштии миллӣ, гурӯҳи робита ва амсоли инҳо ба роҳ андохта шудаанд.

Раванди сулҳи тоҷикон бори дигар исбот кард, ки ин раванд марҳилаи як лаҳзаина ва муваққатӣ набуда, амалу рафтори пайгирона, бомулоҳиза ва фарогири ҳама ҷанбаҳои хешро талаб дорад. Гуфтанист, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон боз муддати зиёде мавриди омузиши мактабу равишҳои гуногун қарор хоҳад гирифт, чунин низоъҳо ва ихтилофҳо низ ҳамроҳи ҷомеаи башарӣ буда, дар лаҳазоти гуногун бо симову мундариҷаи нави худ зуҳур карда, истифодаи роҳу усулҳои ҳаллу танзими хешро аз муҳаққиқон тақозо доранд.

ШАРОИТИ ТАЪРИХИИ ДАЪВАТИ ГУФТУШУНИД БАЙНИ ТОҶИКОН

Басиров Б. С. – ходими илмии ИИТ-и ДМТ

Ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити хеле печида ва мураккаб муяссар гардида, натанҳо бунёди давлати мустақил, балки зуҳури ҷанги шаҳрвандиро бо ҳам овард.

Имрӯз вақти он расидааст, ки сабабҳо ва омилҳои асосии пайдошавии ҷанги шаҳрвандиро муайян ва таҳлил карда, нақши ихтилофҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, динӣ ва омилҳои этникӣ, нобаробарӣ дар рушди минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, маҳалгароӣ қайд карда шаванд.

Расидан ба сулҳ кори басо душвор ва ниҳоят мураккаб буд. Баъд аз анҷоми Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ, Раиси нав интихобшудаи Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳ, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд.

Барои сарфаҳм рафтан ба моҳият, арзишмандӣ ва сабақҳои таърихии гуфтушуниди байни тоҷикон омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи шароити таърихии солҳои аввали истиқлолиятёбии Тоҷикистон зарур ва муҳим аст.

Пеш аз ҳама бояд дарк кард, ки муқовимати сиёсиву низомие, ки 5 майи соли 1992 байни неруҳои сиёсиву иҷтимоии кишвар оғоз гардид, охиран ба ҷанги таҳмилӣ шаҳрвандӣ оварда расонид.

Дар маҷмӯъ, дар натиҷаи музокироти тӯлонӣ, ки аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Туркманистон идома ёфтанд, муяссар шуд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои сулҳ 8 даври музокирот, 6 вохӯрии сарон ва 21 маротиба музокирот анҷом дода шавад, ки дар натиҷаи онҳо 40 санади тақдирсози миллат ба имзо расонида шуд. Дар ҷараёни гуфтушунидҳо тоҷикон ба хубӣ фаҳмиданд, ки ҷанги таҳмилӣ бояд фавран қатъ гардад, чунки ин даргирии бародаркуш миллати тоҷикро метавонист аз байн барад ва ба давлатдории тоҷикон хотима бахшад.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон, ки 27 июни соли 1997 дар ш.Москва ба имзо расид, ба ҷаҳониён нишон дод, ки миллати бофарҳанг, ватандӯст, сулҳхоҳ ва сулҳпарвари тоҷик дар он давраи сарнавиштсоз таҳти роҳбарии Пешвои худ сарҷамъ омада, роҳи музокироти сулҳро пеш гирифт, аз ақлу фарҳанги азалии хеш истифода намуд, аз роҳи ба тариқи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ даст кашида, сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлатро ба хотири таъмини сулҳи сартосарӣ самимона дастгирӣ намуд.

ТОҶИКИСТОН ВА ТАҶРИБАИ МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ГУРУҲҲОИ ИФРОТГАРО

Ғайратова Ф. А. – ходими илмии ИИТ-и ДМТ

Яке аз хусусиятҳои амали ҷомеаи ҷаҳонӣ, ва ҳаёти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон фаъолияти аҳзобу созмонҳо ва ҷунбишҳои сершуморест, ки аксаран кушиши ба даст овардани судҳои сиёсӣ, молиявӣ, маъмурӣ ва ғайраро бо роҳи латма задан ба ҳиссиёт ва шоистагии шаҳрвандони оддӣ доранд. Ҷузъи таркибии чунин равандҳои деструктуивӣ, ки ба стратегияи рушди Тоҷикистон таъсир мерасонанд, фаъолиятҳои экстремистӣ ва террористӣ гардиданд. Аз ин рӯ экстремизм ва ташдиди он дар шакли терроризм аз хатарҳои асосии амнияти миллии давлат буда, ниёз ба таваҷҷӯҳи ҷиддии ҷомеа ва давлат, бахусус мақомоти қудратиро дорад, ки боистӣ бо чунин падидаи номатлуб муборизаи оштинопазир баранд.

Дар шароити имруза ҷавононро метавон ҳамчун гуруҳи иҷтимоӣ муайян кард, ки дар асоси вижагиҳои хоси мавқеи иҷтимоӣ ва сифатҳои иҷтимоиву равонӣ, ки сатҳи инкишофи иҷтимоӣ-ӣктисодӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, иҷтимоишавӣ ҷудо шуда меистанд Нишонаҳои асосии ифротгароии ҷавонони имруза: созмонёбии босуръат, алоқамандии зичи ғояҳо ва ҳадафҳо,

муттаҳидии гуруҳбандҳо, шаклгирии ойинҳои идеологӣ дар онҳо, гуногуннавъии равишҳои расидан ба ҳадафҳо бо истифодаи технологияҳои навини иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, пурзур кардани чораҳои махфӣ мебошанд.

Дар раванди муқовимат бо ин зуҳурот на танҳо сохторҳои қудратӣ, балки ниҳодҳои дигари давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, воситаҳои ахбори умум ҳам бояд иштирок кунанд. Бо назардошти он ки минтақаи бесуботу ноором ба сарҳади Тоҷикистон тамоман наздик омадааст, зарурати қатъии пурзӯр кардани пешгирии хатарҳои ифротгароии динӣ-сиёсӣ мавҷуд аст. Умуман, бо назардошти дурнамои афзоиши таъсири омили исломӣ ба равандҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла тавассути исломи тундрав, барои Тоҷикистон имрӯз бо мақсадҳои таъмини босамари амнияти миллӣ дар назар гирифтани зарурати боло бурдани самаранокии абзорҳои мубориза бо таҳдидҳои ифротгароии динӣ-сиёсӣ, хусусан дар доираи созмон додани сиёсати дурусти динӣ муҳим мебошад.

Тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар шахсоне, ки ихтиёрӣ аз иштироки ғайриқонунӣ дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлато даст кашида, ба Ватан бармегарданд, агар дар кирдори онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд. Ҳамзамон барои ҳамгироии онҳо ба ҳаёти осоишта мусоидат карда мешавад. “Дар ин замина, - изҳор доштааст Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - мо аз хориҷи кишвар зиёда аз 300 нафар шаҳрвандони худро, ки ҷиҳати пайвастан ба гурӯҳҳои ҷангҷӯёни террористиву ифротгаро, бахусус “Давлати исломӣ”, ба минтақаҳои “даргир”-и Ховари миёна рафта буданд, ба Ватан баргардонидем.

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР УСТУВОРШАВӢ ВА ТАҲКИМИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

Мирзоев Х. Т. – ходими илмии ИИТ-и ДМТ

Дар марҳилаҳои тақдирсоз, даврае ки халқу миллат ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гашта, ҳаёти онро бенизомӣ фаро мегирад, зарурати пайдоиши шахсият ва ё шахсиятҳои ин ҳолатро тағйирдиҳанда ба миён меояд. Муаррихон бар ақидаанд, ки яке аз ҷанбаҳои асосии таърихи инсониятро роҳбарони кишварҳо муайян менамоянд. Албатта, аксари даврaҳои таърихии рушди давлатҳои қадим ва муосир бо номи сарварон алоқаманд мебошад, ки рифоҳи мардум, авҷи қудрати кишвар, густариши илму фарҳанг ва тиҷорат бо ному фаъолияти онҳо вобастагӣ доранд.

Метавон гуфт, ки эҷоди созиш ва эътимоди тарафҳои даргир дар ҷанги дохилӣ, базудӣ барқарор шудани сулҳу субот, барои дар муддати кӯтоҳ баргузор кардани як қатор чорабиниҳои муҳими сиёсӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд шароити мусоид фароҳам овард. Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи нодири даврони соҳибистиқлолии кишвар бо ирода ва сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои сарҷамъ намудани миллати дар ҳоли парокандашавӣ қарордоштаи тоҷик ва аз вартаи нестӣ раҳоӣ бахшидани давлати навини тоҷикон нақши басо бузургро иҷро кардааст.

Рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, яъне 27-уми июни соли 1997 барои кишвари мо, воқеан, оғози ҳамдигарфаҳмиву сарҷамъӣ ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии орому осоиштаи халқи тоҷик мебошад, ки меъмори он Эмомалӣ Раҳмон аст. Имрӯз бояд дар мафкураи мардум арзишу ормонҳоеро ҷой гирад, ки таҷассумгари ҳадафҳои созанда бошанд ва на танҳо омили таҳкимбахши суботи сиёсӣ, балки воситаи муҳимми ҳимояи рукнҳои давлатдорӣ дар кишвар қарор гиранд. Гузашти солҳо собит намуд, ки музокироти сулҳ роҳи асоситарини рафъи ихтилофоти дохилӣ ва асоси пешрафту ободии кишвар мебошад. Беҳуда нест, ки ҳоло таҷрибаи раванди сулҳофари Тоҷикистон мавриди омӯзишу истифодаи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ҷомеаи башарӣ қарор дорад.

Бо гузашти солҳо мо амиқан дарк кардем, ки ваҳдати миллӣ омили муҳимтарини рушди ҷомеа, шарти асосии пешрафти иқтисод ва иҷтимоиёту фарҳанги мардуми мо ба ҳисоб меравад. Маҳз самараи ваҳдати миллӣ ва тарғиби пайвастаи ғояҳои он буд, ки Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ба марҳалаи рушди устувор ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид.

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР МУЗОКИРОТИ МИЁНИ ТОҶИКОН

Муҳиддинова С. М. – ходими илмии ИИТ-и ДМТ

Омӯзиши таҷрибаи сулҳи тоҷикон аҳамияти байналмилалӣ дошта, аз мадди назари ҷомеаи ҷаҳонӣ дур нест. Имрӯз ин таҷриба дар ҳалли муноқишаҳои миллӣ дар дигар давлатҳои ҷаҳон ҳамчун намунаи ибрат истифода шуда метавонад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳлил, омӯзиш ва ҷамъбасти масъалаҳое, ки дар музокироти байни тоҷикон қарор доштанд, аз аҳамият холӣ нест. Махсусан омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқии музокироти байни тоҷикон яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва асосӣ ба ҳисоб меравад.
Тавре, ки аз маҷмӯи масъалаҳои муҳокимашуда бармеояд, масъалаҳои ҳуқуқӣ дар баробари масъалаҳои сиёсӣ ва низомӣ дар музокироти байни тоҷикон мавқеи махсус доштанд.

Мехоҳам диқататонро ба як санади ҳуқуқӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи иштирокчиёни муқовимати сиёсӣ ва низомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷалб намоям, ки танҳо баъд аз қабули ин санад тарафҳои мухолиф дар ҳайати Комиссияи оштии Миллӣ дар шаҳри Душанбе ба фаъолият шурӯъ намуданд. Ҳол он, ки дар давраи музокироти байни тоҷикон даҳҳо санадҳои ҳуқуқӣ ба имзо расида буданд, ки ҳар яке аз он барои расидан ба мақсадҳои ниҳоии Созишномаи Сулҳ мавқеи муайянеро дорад. Аз ин лиҳоз маълум мегардад, ки масъалаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва низомӣ дар музокироти байни тоҷикон дар як сатҳ қарор доштанд.

Савол ба миён меояд, ки масалаҳои ҳуқуқӣ дар музокироти байни тоҷикон кадом проблемаҳоро дар бар мегирифтанд. Омӯзиши маводҳои сулҳ ва қонуни қарорҳое, ки барои иҷро шудани Созишномаи умумӣ қабул шуданд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин масъала хеле васеъ буда, паҳлӯи гуногуни ҳаёти сиёсӣ, низомӣ ва иҷтимоии ҷомеаро дар бар мегиранд. Баробари ба имзо расидани Созишномаи умумии Тоҷикистон ба давраи нави оштии миллӣ дохил гардид, ки маҳз амалӣ намудани санадҳои ба имзорасида як давраи бисёр мураккаб, бомасъулият ва ҳассосро ба миён овард. Яъне, роҳи ҳалли мухолифатҳои ҷойдошта аз маҷмӯи санадҳои баимзорасида бармеомад.

ГУФТУШУНИДИ БАЙНИ ТОҶИКОН ВА ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГИИ КИШВАР

Яҳёева М. Н. – ходими илмии ИИТ-и ДМТ

Дар таърихи муосири Тоҷикистон гуфтушуниди байни тоҷикон ҳамчун саҳифаи нодир ва мавриди омӯзиш ворид шудааст. Таҷрибаи гуфтушуниди байни тоҷикон воқеан ҳам аз нигоҳи илмҳои иҷтимоӣ ва сиёсатшиносӣ нокакрор буда, механизм ва фарҳанги баргузорӣ ва татбиқи қарорҳои қабулшуда бояд мавриди омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи донишмандон қарор гирад. Воқеан ҳам омӯзиши санадҳо ва манбаъҳои расмӣ, ёддоштҳои иштирокчиёни гуфтушунидҳо нишон медиҳанд, ки танҳо дар сурати ташкили ҳамаҷонибаи механизму ойини гуфтушунидҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид, соҳиби фарҳанги баланди сиёсӣ будани роҳбарони ҷонибҳо музокирот ба натиҷаи ниҳоии худ ноил шуда метавонист.

Хусусан сатҳи баргузории гуфтушунидҳо (зина ба зина баргузор шудани онҳо – аввал гуфтушуниди ҳайатҳои ҷонибҳо бо иштироки намояндагони СММ, кишварҳои мизбон, кишварҳои нозир, вохуриҳои баландпоя – ширкати роҳбарони гурӯҳҳо ва теъдоди маҳдуди ҳайатҳо, мулоқоти сатҳи олӣ – бо иштироки президенти мамлакат ва роҳбари иттиҳоди мухолифини тоҷик) ва пешниҳоди мазвуъҳои гуфтушунид (аз баррасии чораҳои эътимод ва боварӣ, эълони оташбас, баргардондани муҳоҷирон то ҳалли масъалаҳои муҳими сиёсиву давлатӣ), инчунин ҳамроҳ бо ин баргузор кардани силсила машвараҳо бо ҷалби васеи

донишмандон, таҳлилгарон, экспертҳо, коршиносон, намояндагони дипломатии кишварҳои миёнарав ва ҳам созмонҳои байналхалқӣ аз СММ, САҲА то ИДМ ва СҲИ аз ҷумлаи заминаҳои воқеӣ буданд, ки муваффақияти гуфтушунидҳоро таъмин карданд.

Силсилаи гуфтушунидҳо, ки бештар аз 3 сол ва дар 8 марҳила анҷом ёфтанд, бе таъминоти заминаҳои ҳуқуқиву дипломатӣ (аз ҷумлаи тибқи муқаррароти байналмилалӣ баробар ба намояндагони дипломатӣ кардани мақом, ҳуқуқ ва имтиёзоти иштирокчиёни гуфтушунидҳо, ҳифзи ҷону молу макони музокиротчиён, ҳифзи санаду ҳуҷҷатҳо ва қарорҳои қабулшуда ва монанди инҳо) ғайриимкон буданд. Ва ниҳоят метавон гуфт, ки фаъолияти ҳайати дипломатии кишвар таҳти роҳбарии Вазири корҳои хориҷӣ ва сатҳи баланди дипломатияи фарҳангӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки бояд мавриди омузишу таҳлили донишмандон ва тарғибу ташвиқи сабақҳои таърихиву байналхалқии сулҳи тоҷикон қарор гирад. Аз ҷумла, дабири кулли СММ К. Аннан, ки он солҳо ба таври муназзам ва огоҳона раванди сулҳи тоҷиконро пайгирӣ мекард, пас аз анҷоми бомуваффақияти он дар яке аз ҷаласаҳои Шурои амнияти СММ таъкид намуда буд, ки «таҷрибаи сулҳи тоҷикон сазовори он аст, ки ҳаматарафа омухта шавад».

БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК

НАҚДИ ШЕЪРИ ҲАЗИНИ ЛОҲИҶӢ ДАР «ТАНБЕҲ-УЛ-ҒОФИЛИН»-И СИРОҶИДДИН АЛИХОНИ ОРЗУ

Мисбоҳиддини Н. – д.и.ф., профессори
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Сироҷиддини Алихони Орзу ва Шайх Муҳаммадалӣ Ҳазини Лоҳиҷӣ ҳар ду аз ҷумлаи шоирон ва суханшиносони машҳури ҳамзамони муаллифи тазкираи “Риёз-уш-шуаро” – Волаи Доғистонӣ (1712, Исфаҳон-1756-1757, Деҳлӣ) мебошанд, ки дар як мақтаи муайяни замонӣ ҳамроҳ дар муҳити адабии Деҳлӣ ба фаъолияти шоирӣ пардохтаанд. Волаи Доғистонӣ, ки аз ҷумлаи тазкиранигорони маъруф аст, ҳамчун ҳамзамони шоирони мазкур шоҳиди зиндагӣ, масири эҷодӣ ва муносибати миёни онҳо дар сатҳҳои гуногун, аз ҷумла рақобати касбӣ будааст. Бинобар ин, ахбори мавҷуд дар тазкираи Вола оид ба нақди ашъори Ҳазин аз ҷониби Орзу, ки дар ин мақола нияти баррасии онро дорем, дар бораи муносибати эҷодӣ ва ҳақиқати шоирии шоирони мазкур мустанад ва воқеӣ мебошад.

Манзури мо дар ин мухтасар баррасии масъалаи нақди шеъри Шайх Муҳаммадалии Ҳазин дар рисолаи “Танбеҳ-ул-ғофилин”-и Сироҷиддин Алихони Орзу мебошад, ки дар асоси матни мавҷуд дар тазкираи “Риёз-уш-шуаро”-и Алиқулӣ ибни Муҳаммадалӣ Волаи Доғистонӣ сурат мегирад. Ин рисола дар охири фасле омадааст, ки дар он зикри Шайх Муҳаммадалии Ҳазин ва намунаи ашъори ӯ рафтааст. Дар охири матни рисолаи мазкур, инчунин, қадре аз нақди Мир Муҳаммадазими Субот бар шеъри Ҳазин зикр шудааст, ки фарогири як байт аз Ҳазин ва байти дигар аз шоирони дигар, ба мисли Соиб, Тақии Авҳадӣ, Валӣ Муҳаммадхони Масрур, Ҷалоли Асир, Ҷомӣ, Шаҳидии Қумӣ ва дигарон мебошад, ки мазмуни ашъори онҳо аз ҷониби Ҳазин сирқат шудааст. Субот панҷсад байт чунин ашъорро аз девони Ҳазин, ки мазмунашон аз шоирони дигар аст, аз дохили девон ҷудо карда, ба ин восита ҳамин миқдор байтро зоеъ кардааст.

Қабл аз ҳама зикри ин нукта ҷоиз аст, ки назари Волаи Доғистонӣ ҳам ба Сироҷиддин Алихони Орзу ва ҳам ба Шайх Муҳаммадалӣ Ҳазини Лоҳиҷӣ ба сифати шоирони мумтози замони худ мусбат аст. Вола ҳангоми муаррифии Орзу дар тазкираи худ оид ба “дар тартиби назм табъе ба қудрат” доштан ва “қариб ба сӣ ҳазор байт” будани девонаш хабар дода, Ҳазинро чунин муаррифӣ кардааст: “дар баъзе улум маҳорат дораду хутутро ширин менависад. Дар ҳусни тақриру сафои таҳрир ягонаи аср ва дар суханварӣ фасонаи даҳр аст. Алҳақ, имрӯз сухандоне мисли ӯ дар рӯйи замин вуҷуд надорад. Пояи суханро ба ҷое расонида, ки шаҳбози андеша дар тасаввури рифъаташ пар мерезад. Ҷомиъи анвои тарзи сухан ва ҳовии ақсоми равиши ин фан дар аҳди худи ӯст”.

Дар бораи муносибати Орзу дар баробари Ҳазини Лоҳиҷӣ ва қареҳаи суханшиносии Орзу Вола чунин огоҳӣ медиҳад: “Аз девони Шайх Муҳаммадалии Ҳазин қариб ба понсад байти номарбуту маҳалли эрод баровард, чунончи аз он дар зимни аҳволи шайхи мазбур қаламӣ хоҳад шуд”.

Дар заминаи аҳволи шайхи мазбур, яъне Муҳаммадалии Ҳазин маънии мазкур чунин тафсил ёфтааст: “Сироҷиддин Алихони Орзу, ки аз шуарои ин шаҳр (яъне, Деҳлӣ – М. Н.) асту дар фазилату суханварӣ гӯй аз майдони ҳамгинон мерабояд, бисёр ашъори ғалат аз девони Шайх бароварда, рисолае мусаммо ба “Танбеҳ-ул-ғофилин” навишта ва абёти мазкурро як-як зикр кардаву таъризот намуда”.

Чунин муносибати Орзу дар баробари Ҳазин ва шеъри ӯ бесабаб нубудааст. Агарчи “подшоҳу умарову соири нос камоли муҳаббату муроот” нисбат ба Шайх маръӣ медошта, лекин аз он ҷиҳат ки “муруввати ҷибиллию инсофи зотии ҳазрати Шайх” буда, умуми аҳли диёри Ҳиндро “аз подшоҳу умаро ва ғайра ҳаҷвҳои ракик, ки лоиқи шаъни Шайх набуда, намуда”, бинобар ин, баъзе аз ғаюрони кишвари Ҳинд “камари интиқом баста, теғи ҳиҷо бар вай кашида, дар назари арбоби хирад хафифаш намуданд”. Аз ҷумлаи чунин ғаюрон яке

Сироҷиддин Алихони Орзу буд, ки рисолаи мавриди назарро дар нақди ашъори Ҳазин навиштааст.

Рисолаи “Танбеҳ-ул-ғофилин” нукоти зиёди мавриди таваҷҷуҳ дорад, аз ҷумла, аз назари нақди шеър ин рисола фарогири андешаҳои хуби интиқодӣ ва омӯзандаест, ба мисли зарурати камоли диққат дар овардани алфоз дар қолаби мисроъ, байт, роҳ надодан ба ҳашвҳои зиёди нолозим, ҳамнишинии вожаҳо дар маҳалли радиф, рабти алфози шеър бо ҳам ва ғайра, ки дар шеършиносӣ ва кори шоирӣ ҳамчун дастуруламали эҷодӣ дорои аҳаммияи назарию амалӣ ҳастанд.

ҲАМБАСТАГИИ ИЛМҲОИ ҚОФИЯВУ БАДЕЪ

Тоиров У. – д.и.ф., профессори
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Каломи мавзун, яъне шеър ҳамон вақт ба дилҳо роҳ меёбад, ки агар маънии барҷастаю таносубу қофияҳои дурусту ибороти матину саноеъи бадеъии дилкаш дошта бошад. Агар дар шеър яке аз аркони номбурда дуруст риоя нашуда бошад, каломи шоир нуқс пайдо мекунад ва табиист, ки таъсири он кам мегардад. Ҳамчунин, донишмандони илми бадеъ ва аҳли адаб ҳангоми истифодаи қофияву санъатҳои бадеъӣ дар каломи бадеъ ҳадди муайян гузоштаанд ва онро “ҳадди эътидол” номидаанд. Онҳо таъкид кардаанд, ки истифодаи қофияҳои дурусту зебо ва ба кор бурдани санъатҳои бадеъӣ далели маҳорат ва тавоноии гӯяндаи калом аст, аммо шарти асосӣ ин аст, ки аз ҳадди эътидол берун наравад. Барои ҳамин, Ҷомӣ шеърро ба рӯйи зебои маъшуқа ва саноъеи бадеъии онро ба холи ӯ ташбеҳ карда, ба хулоса омадааст, ки холи зиёди рӯйи маъшуқа ҳусни ӯро аз байн мебарад. Сӯйистифода кардани санъатҳои бадеъӣ дар калом низ ҳусни шеърро аз байн мебарад:

Хуш ояд дар сухан санъат зи шоир, лек на чандон,
Ки орад дар камоли маънии мақсуд нуқсонаш,
Хаёли хос бошад холи рӯйи шоҳиди маънӣ,
Чу хол андак фитад бар рух, диҳад ҳусни фаровонаш
В-агар гирад зи бисёрӣ ҳама рухсори шоҳидро,
Миёни содарухсорон сияҳрӯйӣ расад з-онаш.

Вобастагии илмҳои қофияю бадеъро дар асоси санъатҳои мураддафу мурдафу талаввуну радулқофия, зуқофиятайну зубаҳрайну зубуҳуру муассасу мудаххалу муқайяду мувассалу мухаррачу музайяду мунайяру зулқавофӣ, ҳудуди қавофӣ (Мутаковис, Мутарокиб, Мутадорик, Мутавотир, Мутародиф,), музайял, мусаммат, такрорулқавофӣ, зулқофиятайн, иъност, муфрад, тавсим ва ғайра бештар дидан мумкин аст. Масалан, дар ин байти Низомии Ганҷавӣ:

Лайлӣ зи бурун паранд медӯхт,
Маҷнун зи дарун сипанд месӯхт.

Калимаҳои “бурун” бо “дарун”, “паранд” бо “сипанд” ва “медӯхт” бо “месӯхт” қофия шудаанд, ки дар илми бадеъ ин навъи санъатро зуқавофӣ номанд.

Санъати лафзии музайял (доман дароз кардан) ба мавқеи қофия дахл дорад. Агар шоир шеъре гӯяд, ки қофияаш дар аввали мисраъ (дар садру ибтидо) ҷой гирифта бошаду боқии калимаҳои байт радиф шуда бошанд, санъати шеърии онро музайял меноманд. Мисол:

Кас хубтар аз ту дар ҷаҳон мумкин нест,
Пас хубтар аз ту дар ҷаҳон мумкин нест.
Мафъӯлу / мафоъилун/ мафоъӣлун/ фоъ
- v/ v – v -/ v - - -/ ~

Санъати ташреъ (қонунгузорӣ) низ ба тарзи қофиягузорӣ дахл дорад. Агар шоир байте бигӯяд, ки ду қофия дошта бошаду бо кадоме аз ду қофия хатм кунӣ, вазну қофияю маънӣ халал наёбад, санъати бадеъии онро ташреъ номанд. Мисол:

Соқиё, фасли баҳору мавсими гул вақти бустон,
Ҷоми май деҳ, ки то ба кай дорӣ таъаллул пеши мастон?

Агар аз байти боло рукни охирро ҳазф кунем, байти зерин бо як қофия берун меояд:

Соқиё, фасли баҳору мавсими гул,

Ҷоми май деҳ, ки то ба кай дорӣ таъаллул?

Чунин ҳамбастагии илмҳои қофияю бадеъро дар мавриди радиф, ридф ва санъатҳои мурдафу мураддаф низ баръало дидан мумкин аст. Агар як калима баъди қофия аз ибтидо то интиҳои шеър айнан такрор шавад, онро радиф меноманд. Дар илми бадеъ шеъре, ки дар он радиф омадааст, мураддаф мегӯянд. Санъати лафзии мурдаф ба яке аз ҳарфҳои қофия – ридф ҳамбастагӣ дорад. Агар дар решаи қофияи шеър ҳарфи ридф омада бошад, санъати шеърии онро мурдаф меноманд. Ҳам мураддаф, ҳам мурдаф дар ҳуруфи арабӣ як хел навишта мешавад. Агар кас радиф ва илми қофияро надонад, ба ҷойи мурдаф (ҳарфи ридфдор) мураддаф (радифдор) ва ё баръакс, ба ҷойи мураддаф мурдаф хонданаш мумкин аст. Мисол:

Ай сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад,

Он дил, ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад.

Дар ин байти Саъдӣ ҳам санъати мурдаф ва ҳам санъати мураддаф вуҷуд дорад, зеро ҳам радиф дорад (меравад), ҳам ҳарфи ридф (“о”-и “ҷонам”-у “дилситонам”).

Илмҳои қофияю бадеъ ба ҳам алоқаи ногусастание доранд. Агар шоирону муҳаққиқон аз нозукиҳои ин илмҳо огоҳии пурра дошта бошанд, шеъре ё мақолаи илмие эҷод мекунанд, ки ҳар гуна хонандаи хушзавқу нуктасанҷро қонеъ гардонида метавонад.

Муҳаққиқи асосии адабиёт касе нест, ки чи гуфтани шоирро донад, муҳаққиқи адабиёт бояд касе бошад, ки ҳам чи гуфтани шоир ва ҳам чи тавр гуфтани ӯро (дуруст ё нодуруст, саҳеҳ ё носаҳеҳ, матбӯъ ё номатбӯъии шеърро) донад.

БАРХУРДИ ҲАКИМ САНОӢ БО ШОИРОНИ МУОСИРАШ
(дар асоси маълумоти маснавии «Корномаи Балх»)

Солеҳов М. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Оид ба нахустмаснавии Ҳаким Саноӣ будани маснавии “Корномаи Балх” касе аз муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ, муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, шарқию ғарбӣ шубҳа накардаанд.

Маснавии мазкур дар шаҳри Балх эҷод шуда бошад ҳам, санаи таълифи он мушаххас нашудааст, вале чун асар зоҳиран ба ҳокими вақт Султон Масъуд ибни Султон Иброҳими Ғазнавӣ эҳдо шудааст, бояд миёни солҳои 492-508 таълиф шуда бошад.

Маснавии “Корномаи Балх” ва ё “Мутоибанома” дорои 491 байт буда, дар баҳри Хафифи мусаддаси махбуни аслам (аслами мусаббаг, махбуни маҳзуф, махбуни мақсур) эҷод шудааст. “Корномаи Балх” асари мутоибавӣ бошад ҳам, маводи хеле вофири шарҳиҳолӣ дорад, ки барои барқарорсозии зиндагиномаи илмии адиби ориф мусоидат хоҳад кард. “Муҳтавиёти дунявии “Корномаи Балх”, – менависад Т. Бройн, – онро аз маснавиҳои дигар мутамойиз мекунад” (286). Аз тарафи дигар, дар ҳамин замина метавон муносибати ҳаматарафаи Ҳаким Саноиро бо табақаҳои иҷтимоии замони ӯ ва, хосса, бо адибони муосираш қиёс ва шохис намуд.

Муҳим он аст, ки Ҳаким Саноӣ мутоиба ва ҳазли одию муқаррарӣ намекунад ва зиёда аз он, ӯ ҳазлро қиёсан бо ҷидд тарҷеҳ медиҳад ва сабаби риҷҳони онро дар системаи афкори иҷтимоии таълимоти адабӣ-фалсафии хеш комилан дигар маърифат мекунад. Ба ин маънӣ, дар “Ҳадиқа” мегӯяд:

Майли эшон ба ҳазл бештар аст,

Ҳазл алҳақ зи ҷидд азизтар аст.

Ва ё:

Ҳазли ман ҳазл нест, таълим аст,

Байти ман байт нест, иқлим аст.

Дар ашъори Ҳаким Саноӣ ному насаби шонздаҳ тан аз шуаро ёд мешаванд, ки адиби ориф бо эшон аз ягон ҷиҳат муносибат доштааст ва баъзе аз онҳо аз “имтиҳонаш нагузаштаанд”.

Дар “Корномаи Балх” таҳти унвони “Сифати шоирон” фасли хурде зикр шудааст, ки Ҳаким Саної шоиронро “амирони мулки ҷон” номида, ҳадаф аз эҷоди бадеъро бақои исм маърифат мекунад, ки қазовати илмист.

Бахши мазкур бо “Сифати сайидушшуаро Муҳаммади Носир” оғоз мешавад, ки назари Ҳаким Саної ба ин мард ва шеъри ӯ комилан нек аст:

Шарафи дин Муҳаммади Носир,
Хирад аз васфи мадҳи ӯ қосир...
Хатти ӯ асли зулмату нур аст,
Шеъри ӯ иқди гардани ҳур аст.

Чунин муносибати ҳасанаро бо бародари ин шоир Ҷамолиддин Ҳасан низ раво мебинад:

Базмашонро давом соқӣ бод,
Умрашон ҳамчу шеър боқӣ бод.

Вале назари Ҳаким Саної ба Ҳаким Хоҷаи Додбеҳи шоир тамоил ба ҳичо дорад, ки мегӯяд:

Боз хашмаш чу серхоб шавад,
Ҷон ба наздаш ба нархи об шавад.

Ё худ дар мадҳи Исмоили Хуҷастагӣ мефармояд:

Шоире тирарӯю равшандил,
Маънӣ аз сураташ ҳамеша хиҷил.

Дар ҳазл бо Мӯъҷазии шоир басо муносибати ҷолиб дорад:

Чун дурустӣ надид рӯҳ дар ӯ,
Лақаби хастагӣ ниҳод бар ӯ.
Дилаш андар миёни тан ҷовид,
Ҳамчу риши хизобкарда сапед.

Дар баъзе ҳолот бо коргирии бевоситаи вожаи ҳаҷв дар унвони шеър муносибати хешро ошкор месозад, чунончи, “Андар ҳаҷви Ҳаким Собунӣ” ӯ мегӯяд:

Ҷуз аз ӯ кас дар ошкор нуҳуфт,
Саҳли номумтанеъ наёрад гуфт.

Дар маҷмӯъ шуарои замони хешро “соҳибгуруру кони кина” унвон кардаву “хомтабъ” қаламдод мекунад:

Ҷуз аз ӯ низ дигарон ҳастанд,
К-аз шароби ғурур сармастанд.
Мадҳро пок ҳамчу зам дорад,
З-он ки собуни шеър ҳам дорад.

Умуман, тавассути ашъори ба шуарои муосири хеш бахшидаи Ҳаким Саної мо, пеш аз ҳама, муносибати эҷодкорро бо эҷодкорон – ҳампешагони ӯ мушоҳида мекунем, ки он на аз рӯйи рақобати эҷодӣ, балки ҳамчун шахсият ва муомилоти иҷтимоӣ маърифат мешавад. Аз тарафи дигар, Ҳаким Саної то андозае хисоли ҳамидаи ҳамкасбонро ситоиш ва аносири хисоли разилаи иддае аз эҷодкоронро интиқод кардааст.

Ҳаким Саної ба ин восита тавассути ҳазл-таълим ва аз интиқод- ҷиддиятро хостааст, ки боиси рушди шахсиятҳо ва маънавиёти ҷомеа аст.

ШОИРОНИ СӮФИМАШРАБИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР «НАСОИМ-УЛ-МУҲАББАТ»-И АЛИШЕРИ НАВОӢ

Мақсудов Б. – д.и.ф., профессори
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Мақола ба таҳқиқи қиёсии тазкираи «Насоим-ул-муҳаббат»-и Алишери Навоӣ (1441-1501) ва «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) оид буда, маълум карда мешавад, ки гарчи тазкираи мазкури Навоӣ тарҷумаи туркии тазкираи фавқуззикри Ҷомӣ маҳсуб аст, аммо онро тарҷумаи сирф шуморидан нашояд. Дар навиштаҳои Навоӣ баъзе тағйиротҳо, ҳазф карданҳо ва иловаҳо дида мешаванд. Мушаххас карда мешавад, ки худи

Навоӣ қасди таълифи чунин тазкираро дар дил доштааст, аммо хоксорона навиштани онро ба устодаш Ҷомӣ пешниҳод мекунад.

Ҷомӣ онро қабул намуда, китобро тасниф менамояд. Навоӣ хеле баъдтар, қариб пас аз 20 сол (901/1496), ба ин мавзӯъ бармегардад ва ба тарҷумаи туркии ин асар иқдом менамояд. Азбаски аз таълифи «Нафаҳот-ул-унс» фурсати бисёр гузашта буд, Навоӣ, тавре ки худаш паём медиҳад, баъзе иловаҳо дар мавриди машоихи Ҳинд, машоихи туркизабон ва баъзеи дигар, ки Ҷомӣ дар китоби хеш наовардааст, бар он зам намудааст. Ғайр аз ин, Навоӣ матни «Нафаҳот-ул-унс»-ро ба завқу табъи худ мувофиқ намудааст. Инак, агар Ҷомӣ дар «Нафаҳот» доир ба 618 авлиёву асфиё сухан ронда бошад, Навоӣ дар «Насоим» рочеъ ба 770 нафар иттилоот овардааст.

Натиҷаи таҳқиқ ҳокӣ аз он аст, ки дар воқеъ, Навоӣ дар «Насоим-ул-муҳаббат» дар бораи баъзе шоирони форсигӯ сухан кардааст, ки рочеъ ба онҳо дар «Нафаҳот-ул-унс» зикре нарафтааст. Чунончи, рочеъ ба Шайх Маҳмуди Шабистарӣ, Носири Хусрав, Шайхи Озарии Тӯсӣ, Имоди Фақеҳ, Мавлоно Ҷомӣ ва баъзе шоирони зуллисонайн, аз қабили Мавлоно Лутфӣ, Мавлоно Ашраф, Муқимӣ, Имодуддин Насимӣ ва дигарон Навоӣ иттилооти нав матраҳ намудааст. Дар бораи Низомӣ, Шайх Аттор, Амир Ҳусайнӣ, Ҳофиз бар навиштаҳои Ҷомӣ иловаҳои ҷолибе кардааст. Бинобар ин, асари мазкури Навоиро ҳамчун сарчашмаи алоҳидаи таърихи адабиёти форсу тоҷик бояд қабул кард.

ОИД БА ЯК ХУСУСИЯТИ СИТОШИ МАРДОН ДАР “ШОҲНОМА”.

Юлдошев А. – н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

1. Бино ба се нашри интиқодии “Шоҳнома” – Душанбе, Москва ва Холиқии Мутлақ, дар ҳаждаҳ ҳазору чандсад байти қисмати Сосониёни “Шоҳнома”... ғазал, яъне сифат ва ситоиши бонувон, ки ғолибан худашон ба шаҳзодагон дил мебастанд, ё сӯзу сози ошиқон инъикос наёфтааст. Ё мо надидаем.

1.2. Агар мо ба номҳои сӣ лаҳни Борбад, ки Низомӣ дар “Хусрав ва Ширин” овардааст, диққат диҳем ва агар эътимод кунем, ки ном ба мазмун метавонад далолат кунад, хоҳем дид, ки хотираи таърихӣ нишоне аз лаҳнҳои ошиқонаи тоисломии моро то ҷое нигоҳ доштааст.

Ба шаҳодати Низомӣ метавон тахмин кард, ки лаҳни нуҳум “Моҳ бар кӯҳон”, лаҳни даҳум “Мушкдона”, лаҳни понздаҳум “Сарвистон”, лаҳни шонздаҳум “Сарви сиҳӣ”, лаҳни бистум “Мушкуя” ва лаҳни бисту шашум “Ғунчаи кабки дарӣ” эҳтимол мазмуни ошиқона ҳам доштанд. Аз тахмин наметавон фаротар рафт, зеро ҳеҷ матне дар даст надорем.

1.3. Қиссаи Шабдиз аспи Хусрави Парвиз дар адабиёти арабу мусулмонӣ омадааст ва маълум ҳам ҳаст, ки, бино ба шаҳодати Ёқути Ҳамавӣ дар “Муъҷаму-л-булдон” яке аз шоирони на чандон ошнои араб Холиди Файёз (ваф.718) як шеъри мукаммале дар бораи Шабдизу мурдани вай гуфтааст.

1.3.1. Лаҳни “Кини Сиёвуш”, ки Наршахӣ дар “Таърихи Бухоро” гиристани муғонаш мегӯяд, дар Бухоро ҳар сол сари соли мотами Сиёвуш, суруда мешуд. Мо намегӯем, ки ҳусайнияҳои Ошуро ба таронаҳои кини Сиёвуш пайванде дорад, вале мехоҳем таъкид кунем, ки то нимаи аввали асри Х анъанаи сурудани марсияҳои мотами сари соли яке аз шаҳзодагони Каёнӣ дар Бухоро буд.

1.4. Ва агар гӯем, ки дар дарбори охирин подшоҳи маъруфи Сосонӣ Хусрави Парвиз анъанаи аз ҷониби шоирони араб пешкаш намудани шеър ба подшоҳ идома дошт, метавон ба як нукта ишора кард, ки эҳтимол маонии шеъри арабӣ чандон маъқул ва мақбул набудаад. Мо як далел дорем. Ибни Қутайбаи Диноварӣ (ваф.897), яке аз бузургони илми адаб дар “аш-Шеър ва-ш-шуаро” овардааст. Вақте шоири басо шинохтаи тоисломии араб Аъшои Маймун ба қавли Ибни Қутайба “усруд гӯяд ба тозӣ” дар оғози қасида то маънии басо густурдаи шеъри ошиқонаи араб ва сипас форсу тоҷик “шаби ошиқони бедил” мерасаду маънӣ тарҷума мешавад, Хусрав тааҷҷуб мекунад. Тааҷҷуб мекунад, ки агар мардро хобаш намебарад, пас ӯ бояд дузд бошад.

2. Аммо чанд нуктае, ки ба диққати донишмандону донишҷӯён пешниҳод мешавад, ба ғазал як монандие дорад, вале яқинан ғазал нест. Монандӣ дар лексикаи шеъри ошиқонаи давраи тоисломии араб асту пасон дар лексикаи шеъри ошиқонаи форсу тоҷик. Тағаззулу ғазал. Сухан дар бораи се пора матн меравад, ки ду пора дар бахши подшоҳии Баҳроми Гӯр ва як пора дар фароварди подшоҳии Қубоди Пирӯз падари Анӯшервон омадааст.

Бахши подшоҳии Баҳроми Гӯр хеле дарозоҳо дорад. Бахши подшоҳии Анӯшервон инчунин. Фирдавсӣ, ки амонатро риоят мекард, ҳарчӣ дар сарчамааш буд – ба эҳтимоли қавӣ "Шоҳнома"-и Абумансурӣ ба риштаи назм кашидааст. Албатта бо маҳорате, ки назир камтар дорад. Бахши подшоҳии Баҳроми Гӯр дар "Шоҳнома" дар 3188 байт омадааст.

2.1.Дар яке аз эпизодҳо, ки бо духтари ҷомазан (шоира ва навозанда) бастагӣ дорад, падари духтар: "Бад-ин ҷомазан гуфт,к-эй моҳрӯй, Бипардоз дил, чомаи шоҳ гӯй". Ва духтар дар ёздаҳ байт шоҳаншоҳро ситоиш мекунад. Дар ин ситоиш ҷомазан (Фирдавсӣ) нисбати Баҳром сифатҳоеро истифода мебарад, ки дар шеъри классикии форсу тоҷик хоси мардон намебошанд. Чунончи ҷомазан Баҳромро "хусрави моҳрӯй" мегӯяд. Дар байти дигар шоҳаншоҳро моҳи фалак гуфтааст. Дар байти дигар Баҳром чун " Ба дидор моҳу ба болой соҷ" тасвир шудааст. Чомазан шоҳаншоҳро камарборик ҳам мегӯяд: "Миён танг чун бабру бозу ситабр" ва боз Баҳромро чун гулрӯ сутудааст: "Ба гулнор монад ҳаме чеҳри ту".

2.2. Дар эпизоди дигар духтари дигар, ки Фирдавсӣ Орзуяш мегӯяд Баҳромро боз бо сифатҳое ситоиш мекунад, ки боз ҳам пасон хоси ситоиши мардон нашудаанд. Масалан: "Миёнат чу ғарв асту боло чу сарв, Хиромон шуда сарв ҳамчун тазарв" ва меафзояд, ки: "Рухонат ба гулнор монад дуруст, Ту гӯӣ ҳаме бар гулу лола руст".

2.3. Дар фаровади бахши подшоҳии Қубод чӣ дар чопи Душанбе ва чӣ дар чопи Москва чанд байте дар маънии "шикоят аз пирӣ" оварда шудааст. Ин байтҳо мусалламан ба "номаи шоҳон" пайванде надоранд.

Фирдавсӣ, ки ба қавли худаш ҳангоми ба риштаи назм кашидани қиссаи подшоҳии Анӯшервон шастсола будааст, аз ногузир ба ранҷҳои пирӣ гирифтор шудани инсон изҳори таассуф мекунад. Ин таассуф ҳам хусусияти меъёрӣ дорад ва чун шеър чандон аз маъниҳои шабобу машиб, ки ба шеъри классикии мо аз адабиёти араб гузаштааст, фарқ намекунад. Таваҷҷӯҳи моро дар ин "шикоят аз пирӣ" муроҷиати шоир ба худаш кашидааст: "Ало, эй дилорой сарви баланд, Чӣ будат, ки гаштӣ чунин мустаманд?" (б.387). Мусалламан чунин муроҷиат, ки мардро бо сифатҳои дар адабиёти классикӣ хосси занон тасвир мекунад, аз адабиёти араб наомадааст. Мардро ба сарв монанд накардаанд ва ӯро дилоро ҳам нагуфтаанд.

Шояд чунин анъана дар шеъри замони Сосониён вуҷуд дошт. Ва ба шаҳодати Фирдавсӣ чунин анъана то охирҳои асри Х ба шеъри классикӣ роҳ ҳам ёфта буд. Агар чунин одат намебуд, Фирдавсӣ худашро "дилорою сарви баланд" намегуфт.

РАВОБИТИ БАЙНОМАТНИИ ДОСТОНИ "ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО"-И ҶОМӢ ВА "АҲСАН-УЛ-ҚАСАС"-И АҲМАДИ ҒАЗЗОЛӢ

Низомӣ М. З. – д.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Байноматнийт (интертекстуальность) истилоҳест, ки дар охири солҳои 60-уми садаи ХХ аз ҷониби муҳаққиқи булғории сокини Фаронса Юлия Кристева дар заминаи назарияи гуфтугӯ (диалогизм) ва чандсадоӣ (полифония)-и М. Бахтин пешниҳод шудааст. Дар миёни муҳаққиқони постструктуралист ва постмодернист Юлия Кристева чун муассиси назарияи байноматнийт (интертекстуальность) шинохта шудааст. Баъди Кристева донишмандоне, чун Ролан Барт, Рифотер, Жерар Женетт, Натали Пего Гро… ва дигарон дар таълифоти худ назарияи байноматниятро такмил доданд. Дар ин миён таҳқиқоти Жерар Женетт густурдатару бонизомтар аст.

Мувофиқи назарияи "диалогизм"-и Бахтин ҳеҷ асари адабие бидуни робита бо асарҳои дигар ба вуҷуд намеояд ва бадеҳист, ки миёни осори аз нигоҳи мавзӯъ ва мундарича наздик робитаи матнӣ вуҷуд дорад.

Байноматнияти ё ҳамҳузурӣ аз муҳимтарин нишонаҳои равобити осори адабӣ мебошад ва ҳар гоҳ бахше аз як матн дар матни дигар ҳузур дошта бошад, робитаи ин ду матн робитаи байноматнӣ номида мешавад. Женетт ва муҳаққиқони дигар байноматниятро ба се навъ ҷудо кардаанд: сареҳ ва эъломшуда, ғайрисареҳ ва пинҳоншуда ва зимнӣ. Байноматнияти сареҳ ва эъломшуда иборат аз ҳузури ошкори як матн дар матни дигар ва муаллифи матни дуюм марҷаи худ, яъне матни аввалро пинҳон намекунад.

Метавон гуфт, ки равобити байноматнии достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Ҷомӣ бо "Аҳсан-ул-қасас"-и Аҳмади Ғаззолӣ аз навъи байноматнияти сареҳ аст, зеро шоир дар муқаддимаи достонаш ба "гуҳарсанҷони дарёи маонӣ" ва "варақхонони вайҳи осмонӣ" такя карданашро таъкид менамояд, ки муроди шоир аз ин шахсон муфассирони Қуръон аст. Дигар ин ки дар достони "Юсуф ва Зулайхо" лаҳзаҳои зиёди бадеӣ ҳаст, ки бо "Аҳсан-ул-қасас"-и Ғаззолӣ айнияти тамом доранд ва дар ин ки яке аз сарчашмаҳои асосии шоир дар сурудани достони мавриди назар ҳамин асар аст, тардид кам аст. Се бор Юсуфро дар хоб дидани Зулайхо, достони Бозиґа духтари Од, саҳнаи фирори Зулайхо аз Юсуф ва ғайра аз дар ҳарду асар шабоҳати тамом доранд ва ин лаҳзаҳо дар дигар тафсирҳои сураи « Юсуф», ба ғайр аз "ас-Ситтин"-и Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ дида нашудааст.

ТАСВИРИ ЗАМОН ВА МАКОН ДАР РУБОИЁТИ АБӮСАИДИ АБУЛХАЙР

Ҳоҷибоева Л. Т. – муаллими калони кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Замон ва макон, ки аз ҷумлаи мақулаҳои меҳварии фалсафа мебошанд, дар адабиёти ирфонии форсӣ-тоҷикӣ моҳияти дигаргуна ёфтаанд. Ин таҳаввул дар таъбир ва маърифати замон ва макон бо он чи орои фалсафиён аст, мутаноқиз дида мешавад, чун аз дидгоҳи ирфон, шинохти мабдаъ фарои маҳдудаи «кавну макон» мумкин аст, чи макон ишора ба асли моддии он аст ва зоти ҳақ дар ломакону «нокуҷо», яъне асли ғайримодда қобили маърифат бошад.

Мақулаи мазбур дар орои ирфонии Абӯсаиди Абулхайр (нимаи дувуми а. Х-нимаи якуми а. XI), ки ғолибан ба сурати ҳикоёт ва абёти манқул аз ӯ боқист, қобили шинохт аст. Мафҳум ва моҳияти замон аз дидгоҳи «ибнулвақт» будани сӯфӣ таъбир мешавад ва макон дар дараҷаҳои моддӣ ва ғайримоддӣ тарсим ва тасвир мегардад.

Дар ин мақола ба тасвири замон ва макон дар рубоиёте, ки бо номи Абӯсаиди Абулхайр пайванд хӯрдааст, пардохта мешавад. Муаллиф, бо мурур дар пешинаи таҳқиқ ва истинод ба пажӯҳишҳои муътабари муҳаққиқону мусташриқон дар ин замина, ба вижагиҳои тасвири ҳунарӣ ва паёми аслии мафҳумҳои марбут ба замон ва макон дар рубоиёти Абӯсаиди Абулхайр таваҷҷуҳ дорад.

Меҳвари консептуалии замон дар адабиёти ирфонии форсии тоҷикӣ, ки суханони Абӯсаиди Абулхайр марҳалаи оғозини онро шакл бахшидаанд, таъкид бар маърифати вақтест, ки дар ҳол аст. Дастае аз рубоиҳои ӯ ва истинод ба чанд ҳикоят аз мақомоти ӯ навъи тасвири замон ва шарҳи онро намоён мекунанд.

Нуктаи дигаре, ки дар ин мақола матраҳ аст, он аст, ки тасвири бадеъ ба унвони абзори аслии ҳунар дар маърифати меҳварҳои таълимоти ирфонӣ ва бозхонии паёмҳои рамзии он хидмат карда ва онро ба забони хос анҷом додааст.

Бино ба бардошти нигоранда, макон дар рубоиёти Абӯсаиди Абулхайр ба ду гуна тасвир шудааст: яке маконе, ки заминаи воқеии моддӣ дорад ва он номи Дашти Ховарон аст, ки дар 12 рубоӣ омадааст. Муаллифи мақола ба вижагиҳои тасвири ин мавзеъ дар контекстҳои гуногун таваҷҷуҳ дорад.

Мавриди дигари таъбири ирфонии макон усулан бо макони олами моддӣ мутаноқиз дида мешавад, яъне манзур аз макон дарвоқеъ ломакон аст. Ин дидгоҳ ва тарсими мавзӯъ марзи баҳси миёни фалсафа ва ирфон, моҳияти гуногуни мафҳумҳо ва мақулаҳои ҳамгун дар онро намоён месозад.

Муаллиф аз миёни рубоиёти Абӯсаиди Абулхайр силсилаеро ташхис медиҳад, ки ба гунае ба тасвири мақулаи мавриди назар ихтисос ёфтаанд. Дар ин намунаҳо абзор ва лавозим (атрибутсия)-и замон (дӣ, дӯш, рӯзи ҳашр, шаб, имшаб, он рӯз ва ғ.) ва макон

(Дашти Ховарон, даргаҳ, даргаҳи навмедӣ, ҳарду ҷаҳон, дари дайр, раҳи Каъба, фалаки атлас, ду саро, хона, водии ҳирмон, андар бари мо, саҳрои фиреб, гулшани кавн ва ғ.) ба манзури расондани паёми аслии ирфон ба кор рафтааст.

Дар мақола зимни тасниф ва таҳлилу шарҳи шуморе аз рубоӣ, ки дар ин замина аз Абӯсаиди Абулхайр манқул аст, ба арзиш ва аҳамияти адабӣ ва ҳунарии онҳо таваҷҷуҳ мешавад, ки ҳадафи пажӯҳишро таъйин мекунад.

ТАМСИЛ ДАР ДОСТОНИ «ҲАФТ ПАЙКАР»-И НИЗОМӢ

Нозимова Г. С. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Маснавии "Ҳафт пайкар"-и Низомии Ганҷавӣ бо ваҷҳи маъно ва шеваи баён аз дигар достонҳои "Хамса" тафовут дошта, масъалагузорӣ низ дар он вобаста ба ҷараёни мавзӯъ бо нигоҳи нав сурат мегирад. Шоир бо пардози сухан, тасвирҳои зебо ва сабки ба худ хос дар эҷоди "Ҳафт пайкар" аз усули достонии қисса андар қисса ба кор гирифтааст ва барои муҷассам намудани симои таърихии Баҳроми Гӯр қиссаҳои шоҳдухтарони ҳафт гунбадро ба он пайванд сохтааст. Дар достони "Ҳафт пайкар"-и Низомӣ дар баробари чеҳраи таърихии Баҳроми Гӯр, канизи ӯ низ муассиру андешамандона тасвир ёфтааст. Аз рӯйи тасвирҳои офаридаи Низомӣ дар баъзе қиссаҳои достони "Ҳафт пайкар" тарҳи равшане ҷилвагар аст, ки метавонад беихтиёр моро ба саёҳати он барад. Яъне, дар омезиши афсона бо таърихи гузашта офаридани чунин достоне, ки мақбулу матлуб гашта бошад, аз ҳунару эҷози суханварии Низомӣ дарак медиҳад.

Тарҳи достонии "Ҳафт пайкар"-ро хамсапажӯҳон лиро-эпикӣ муайян намудаанд, аммо рафти ҳодисаҳо ва анҷоми кори Баҳром нишон медиҳад, ки Низомӣ хатти сюжаи достонро сареҳан ғиноӣ ва ё ҳамосӣ интихоб накардааст. Андешаҳои ирфонии шоирро метавон вобаста ба ғояҳои бадеии ин асар тавзеҳ дод. Ҳарчанд дар сюжаи достон ноҳамвориву чандпаҳлугӣ ба мушоҳида мерасад, вале симои Баҳром дар меҳвари ин ҳукмфармоиҳо устувору намоён аст. Дар пардози афсонаҳое, ки аз забони шоҳдухтарҳои ҳафт гунбад барои Баҳромшоҳ қисса мегардад, муборизаи ҳамешагии унсурҳое, чун қувваи некию бадӣ - ранҷ кашидану ганҷ ёфтан, сахтӣ чашидану мақсуд дарёфтан, зери борони ғаму андӯҳи ишқ бурдбор шудану ком ба даст овардан, содиқу вафопеша будан дар роҳи дӯстиро бо оҳангҳои насиҳатомӯз талқин мекунад. Аз ин бармеояд, ки Низомӣ дар достони "Ҳафт пайкар", ки аз чаҳорумин маснавии дохили "Хамса" аст, як навъ таҷрибаҳои андухтаи худро ба василаи панду андарз, нуктасанҷона ва бо суд ҷустан аз достони бостон шаклу маънӣ мебахшад.

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии тамсил дар достони "Ҳафт пайкар" мақоми калидӣ дошта, бо баҳрабардорӣ аз ҳикмату омӯзаҳо ва паёми ахлоқӣ, метавон ҳамчунин вижагиҳои ҳунари мазмунофарии шоирро низ ба риштаи таҳқиқ кашид.

ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ «ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАРӢ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Дурманова С. Р. – унвонҷӯи кафедраи
таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Бадеият яке аз хусусиятҳои муҳимми каломи мавзун ба ҳисоб меравад, ки аз шоир ё нависанда маҳорати хуби эҷодиро талаб мекунад.

Истифодаи бомавқеи санъатҳои бадеӣ маҳорату истеъдоди шоирро дар ҷодаи шеър муайян менамояд ва истифодаи бамавқеи санъатҳои бадеӣ дар калом таъсири онро ба шунаванда ва хонанда зиёд мегардонад.

Абдурраҳмони Ҷомӣ аз зумраи шоиронест, ки бо истифодаи дурусти санъатҳои бадеӣ «Хирадномаи Искандарӣ»-ро ба қатори беҳтарин асарҳои адабиёти классикии форс-тоҷик ворид намудааст. Дар рафти таҳқиқу баррасии асари мазкур муайян карда шуд, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ бештар ба санъатҳои маънавии ташбеҳ, тазоду муқобала, тавсиф,

истиора, саволу ҷавоб, муболиға, талмеҳ, лафу нашр ва санъатҳои лафзии тарсеъ, такрор, мураддаф, зуқавофӣ ва ғайраҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Яке аз санъатҳои истифодашуда дар «Хирадномаи Искандарӣ» ташбеҳ мебошад. Ташбеҳ монанд кардан аст, нависанда ва шоир барои равшантар тасвир намудани чизе гоҳо ягон хусусияти онро ба ягон хусусияти предмети дигар монанд мекунад. Вале дар миёни ташбеҳшаванда ва монандкунанда аз роҳи сифат ё хусусият, ё кирдору атвор аз ягон ҷиҳат бояд як навъ монандие мавҷуд бошад.

Санъати ташбеҳ дар ашъори тамоми шоирони классик бо тарзу услубҳои хосса истифода гардидааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ низ бо истифода аз ин санъати маънавӣ маҳорати суханофаринии худро хеле барҷаста нишон додааст. Чунончи, шоир дар ин байт тани аз дарди ишқ лоғаршудаи писари подшоҳро чунин тасвир кардааст:

Рухаш буд бадри сипеҳри ҷамол,
Вале шуд зи коҳиш танаш чун ҳилол.

Ё худ, баромадани канизаки пӯшидарӯйро ба назди шоҳзода мегӯяд:

Зи ногаҳ яке моҳи мушкинниқоб,
Бурун омад аз парда чун офтоб.

Намоён шудани канизро ба баромадани офтоб ва рӯяшро ба моҳи мушкинниқоб монанд мекунад.

Ҷомӣ дар байти дигар Искандарро ба ганҷинаи роз ва гавҳари шабафурӯз ташбеҳ медиҳад:

Сикандар, ки ганҷинаи роз буд,
Дари ганҷи ҳикмат бад-ӯ боз буд.
Зи ҳикмат басо гавҳари шабфурӯз,
К-аз ӯ монда пайдост бар рӯи рӯз.

Дар байти зерин шодмонии устоди Искандар Арастуро ба хандидани ғунча ва шукуфтани гул ташбеҳ додааст:

Чу пир, он ҷӣ гуфтанд бо ӯ, шунуфт,
Чу ғунча бихандиду чун гул шукуфт.

Дар байти зерин Ҷомӣ аз ду санъат – ташбеҳ ва тазод истифода намудааст:

Бувад ӯ чу чӯпон, шумо чун рама,
Ба рӯзу ба шаб меҳрубони ҳама.

Искандарро ба чӯпон ва мардуми сарзаминашро ба рама ташбеҳ дода, калимаҳои “рӯз” ва “шаб”-ро чун тазод истифода намудааст.

АНВОИ ТАЛМЕҲ ДАР ДАФТАРИ ШАШУМИ «МАСНАВӢ»-И МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Расулов А. – унвонҷӯи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Талмеҳ яке аз санъатҳои бадеӣ ба шумор меравад, ки ишораи сабук ба қиссаву достон, ривоёту саргузаштҳои машҳур мебошад. Ин санъати бадеӣ, «ки аз пурмоятарин манобеи маъниофаринӣ» дар адабиёт аст, бо ду мақсад: аввалан, барои намакин ва дилнишин шудани сухан ва сониян, барои баёни маънии бисёр бо лафзи андак истифода мегардад.

Дар радифи корбурди дигар санъатҳои бадеӣ, истифодаи анвои талмеҳ аз ҷониби Мавлоно, хусусан дар «Маснавии маънавӣ», хеле назаррас мебошад.

Яке аз равишҳои баёни матлаби Мавлоно дар «Маснавӣ» бозгӯйии қиссаву ривоёт ва ҳикоёту саргузаштҳои гуногун мебошад. Бо овардани мисолҳои фаровони рӯшан дар охир ба хулоса расида, андешаи аслии худро баён менамояд, ки худи Мавлоно ин ҳолатро чунин баён намудааст:

Хуштар он бошад, ки сирри дилбарон,
Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон.

Қиссаву достонҳо ва ривоёту саргузаштҳоеро, ки дар «Маснавӣ» ба он ишораҳои фаровон шудааст, метавон чунин дастабандӣ намуд:

Талмеҳоти исломӣ (оёти қуръонӣ, аҳодиси набавӣ ва ривоёту қисас ва саргузашти ашхоси исломиву ирфонӣ). Яке аз асоситарин талмеҳоти «Маснавӣ»-ро ташкил медиҳад, ки дар ин маврид Сируси Шамисо дар пешгуфтори «Фарҳанги талмеҳот» чунин нигоштааст: «Бузургтарин шоири қарни ҳафтум, ки аз талмеҳоти исломӣ истифодаи шоёне кардааст, Мавлоно Ҷалолуддин Мавлавии Балхӣ аст. Ӯ ба таври куллӣ аз қисаси қуръонӣ истифода мекуна. Дар ашъори ӯ камтар талмеҳи қуръонӣ аст, ки дар байте бад-он ишора нашуда бошад».

Талмеҳоти таърихӣ. Навъи дигари талмеҳоти «Маснавӣ» талмеҳоти таърихӣ мебошад, ки ишораҳои фаровони Мавлоноро метавон оид ба шахсиятҳо, ҳодисаҳои таърихӣ, хусусан таърихи исломӣ, мушоҳида намуд.

Талмеҳоти асотирӣ. Мавлоно дар «Маснавӣ»-и худ «ҷуз ба нудрат аз асотири эронӣ суд намеҷӯяд, он ҳам ба сурати хом ва фақат бо зикри номи риҷоле маъруф, чун Рустам, бидуни ишора ба моҷарои хос». Масалан, дар мавриди шарҳи тавоноӣ ва қудрати воқеӣ ба паҳлавони асотирӣ Рустам ишора намудааст:

Пеши ин хуршед кай тобад ҳилол,
Бо чунон Рустам чӣ бошад зӯри Зол?

Талемҳоти достонӣ. Аз анвои дигари талмеҳот дар «Маснавӣ» ишора ба қисса ва саргузаштҳои машҳур мебошад, ки дар баробари дигар анвои талмеҳ ҷойгоҳи намоён дорад. Ҳадаф аз истифодаи ин гуна талмеҳот аз ҷониби Мавлоно ҳар чи фаҳмотар ва наздиктар баён намудани матлаб ба оммаи мардум будааст.

Аз таҳқиқ ва омӯзиши ин масъала, яъне истифодаи талмеҳ аз ҷониби Мавлоно дар «Маснавӣ» ва баррасии чанд мисоли боло метавон ба чунин хулоса расид:
Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз ҷумлаи он мутафаккиронест, ки барои такмили андеша, равшании баён, муассирии сухани худ ва бовар кунонидани хонанда аз анвои талмеҳ истифодаи фарвон намудааст.

Асареро пайдо кардан мушкил аст, ки аз ҷиҳати фарогирии анвои талмеҳ баробар ба «Маснавӣ»-и Мавлоно бошад.

Агарчи ҳамаи навъҳои талмеҳ дар «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ истифода шуда бошанд ҳам, бештар ишора ба оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ дорад. Яъне, талмеҳоти исломӣ дар ин асар ҷойгоҳи махсус доранд.

МАВҚЕИ ҲИКОЯ ДАР «АС-СИТТИН-АЛ-ҶОМЕЪ ЛИ-Л-ЛАТОИФИ-Л-БАСОТИН»-И АҲМАД ИБНИ ЗАЙДИ ТӮСӢ

Қаландаров Б. – докторанти Ph.D-и
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

“Ас-Ситтин-ал-ҷомеъ”-и Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ яке аз тафсирҳои маъруфи ирфонист, ки дар шарҳу тафсири сураи “Юсуф” навишта шудааст. Ин асар бо ҳадафи таълиму мавъиза, мабоҳиси ирфонӣ, динӣ ва ахлоқӣ таълиф ёфтааст. Муаллиф дар китобаш анвои гуногуни достону ҳикоятҳо, ривоятҳои таърихӣ ё гуфтори бузургони дину ахлоқу тасаввуфро овардааст, ки бо мазмуни оёт мутобиқ буда, барои шарҳу тавзеҳи васеи нукоти мавриди назари шореҳ аҳамияти зиёд доранд. Шеваи Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ дар овардани ҳикоятҳои ирфонию ахлоқӣ ба равиши “Кашф-ул-асрор”-и Майбудӣ хеле наздик аст.

Ҳадафи Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ аз овардани ҳикоёт табйин ва таълими масоили ахлоқию ирфонӣ буда, ба ин восита дидгоҳҳои ирфонию ҳикамии худро низ баён намудааст. Ҳикоя, ки яке аз жанрҳои хурди эпикист, дар он як воқеаи нисбатан хурд, аммо яклухту том инъикос меёбад. Лаҳзаҳо ва қисмҳои воқеъ бо ҳамдигар сахт алоқаманд буда, хеле кам воқеа мегардад, ки дар ҳикоя воқеаи асосӣ бо воқеаи пешин ва ё пасин вобаста тасвир ёфта бошад. Муҳимтарин хусусияти воқеаи ҳикоя ҳамин аст, ки он аз нуқтаи назари замону макон, ҳаҷму ҳудуд ва моҳияти худ яклухту мазбут мебошад.

Ҳикояҳои “ас-Ситтин-ал-ҷомеъ” дар қолаби як гуфтугӯйи сода ироа нашудааст, балки нависанда аз усулҳои гуногуни достонпардозию ҳикоясароӣ, чун танаввӯъ дар равиши баён

ва дигар авомили мутаассири достон, аз қабили тавсифҳои дарунӣ, муколамаҳои тӯлонӣ ё ба таъхир андохтани иллати баён ва монанди он баҳраманд аст.

Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ дар рафти тафсир намудани оятҳои сураи Юсуф (а) барои равнақ бахшидани сухан сарфи назар аз аҳодису қисса, назираю бисот, нуқтаю тамсил кӯшидааст, ки дар ҳар фасл аз як то се ҳикоя биорад.

Мақсади муаллиф аз овардани ҳикоятҳо дар асар ҷалб кардани диққати хонандагон, панду ибрат гирифтан ва равшантар сохтани мафҳуми оятҳои қуръонӣ бо роҳи тамсил задани ҳикоятҳо мебошад.

Аҳмад ибни Зайди Тӯсӣ дар асари мавриди назар панҷоҳу се ҳикояти манфиатноку таъсирбахш овардааст ва ин ҳикоятҳо марбут ба рафтору кирдори накуи пайғамбарону саҳобагон, олимону авлиё, адибону шоирон, ҳокимону волиён, дарвешону орифон мебошанд.

ЭҶОДИЁТИ ҲОМИДИИ ИСФАҲОНӢ

Исматзода Н. – унвонҷӯи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Дар ташаккули адабиёти классикии тоҷик саҳми хонадонҳои подшоҳӣ, ҳукуматҳо ва риҷоли таъсиргузори сиёсӣ хеле бузург аст. Тавассути ибтикороти шахсиятҳои сиёсӣ ва алоқаи онҳо ба забону адабиёти тоҷик (порсӣ, дарӣ) адабиёти тоҷик дар паҳнои ҷуғрофии васеъ доман паҳн кардааст. Дар натиҷа, дар қаламравҳои мазкур чеҳраҳои намоён ва адибони тавоно дар авҷи салтанати фарҳанг ва тамаддуни умумиэронӣ ба камол расида, осори арзишманде ба вуҷуд оварданд.

Масъалаи барои мо муҳим зуҳури адибони порсигӯи ҳавзаи адабии Осиёи Сағир ва шиносоӣ бо ҳаёту эҷодиёти онҳо мебошад, ки шумораашон хеле зиёд аст. Барои намуна мо як шоирро интихоб кардаем, ки бо халқи осори адабии манзуму мансур дар пайванди адабии адабиёти классикии форсу тоҷик бо эҷодиёти адибони қаламрави подшоҳии туркони Усмонӣ саҳми муносиб гузоштааст. Бинобар ин, дар ин мақола оид ба осори яке аз намояндагони адабиёти порсии асри XV Мавлоно Ҳомидии Исфаҳонӣ, ки дар ҳавзаи адабии Осиёи Сағир аз худ осори арзишманде ба забони форсии тоҷикӣ боқӣ гузоштааст, пажӯҳиш анҷом додаем.

Мавлоно Ҳомидии Исфаҳонӣ дар миёни тоҷикон чеҳраи адабии ношинохта аст. Бинобар ин, дар бораашу муҳаққиқони тоҷик чизе нанавиштаанд. Мо дар ҷусторамон аз пажӯҳишҳои баъзе донишмандони хоричӣ, ки перомуни эҷодиёти Ҳомидии Исфаҳонӣ ба таври куллӣ таҳқиқ анҷом додаанд, истифода кардем.

Бузургтарин ва ҷомеътарин осори адабии Ҳомидӣ «Куллиёт»-и ӯст, ки таҳти унвони «Куллиёти девони Ҳомидӣ» чоп шудааст. Ин асарро, ки шоир онро ба хатти худ истинсоху тадвин карда, ба Султон Муҳаммади Фотеҳ тақдим кардааст, наздик ба 8700 байт шеър дорад. Мавзӯъ ва мундариҷаи девони мазкур асосан аз мадҳ, наът, таҳният, насиҳат ва ҳаҷв иборат буда, аз назари басомад беш аз ҳама мадҳ мавқеи асосӣ дорад. Шоир ҳангоми сурудани муноҷот ва талабидани афву мағфират ва ҳидоят аз Худованд ба пайравӣ аз анъанаи муноҷотсароии классикӣ аз қолабҳои гуногуни шеърӣ истифода кардааст, ки ба иловаи тарзи махсуси баёни андеша аз муҳтавои махсус ва маҳорати шоирии вай дарак медиҳад.

Мероси боқимондаи Мавлоно Ҳомидии Исфаҳонӣ аз “Куллиёти “Девон”-и Мавлоно Ҳомидӣ”, китобҳои “Насиҳат ва васиятнома”, “Ҷоми сухангӯй”, “Таворихи Оли Усмон” иборат аст. Аксари эҷодиёти адибро дар таркиби девонаш анвои шеърии ғазал, қасида, маснавӣ, қитъа, рубоӣ, фардиёт ва таърихҳо ташкил медиҳанд. Мавзӯи шеърҳо ва асарҳои дастрас аз Ҳомидии Исфаҳонӣ гуногун буда, шоир гузашта аз он ки ба мавзӯъҳои анъанавии адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик иноят варзидааст, ба мавзӯъҳое низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, ки аз вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва маданию фарҳанги замони зиндагии адиб паём мерасонанд. Оҳангҳои ҳасбиҳолӣ ҳам дар эҷодиёти шоир зиёд матраҳ шудаанд. Аз ин ҷост, ки сарчашмаи асосӣ барои омӯзиши зиндагиномаи шоир осори манзуму мансури худи ӯ мебошад.

Дар ин мақола асарҳои мазкур аз назари сохтор, муҳтаво ва баъзе хусусиятҳои бадеӣ ба таври муфассал баррасӣ гардида, мавқеи ҳар кадом дар миёни мероси адабии боқимонда аз Ҳомидии Исфаҳонӣ муайян шуда, дар хусуси арзиши осори мазкур дар таърихи адабиёти форсу тоҷик андешаҳо баён шудаанд. Натиҷаи ниҳоӣ чунин аст, ки Ҳомидии Исфаҳонӣ бо офаридани асарҳои мондагори адабӣ суннати адабии адабиёти классикии форсу тоҷикро идома бахшида, ба ин восита дар ганӣ гардонидани хазинаи адабиёти форсу тоҷик дар қаламрави давлати Усмонӣ дар асрҳои миёна саҳми шоистаи хешро гузоштааст.

МУКОФОТИ АМАЛ ДАР «МАТЛАЪ-УЛ-АНВОР»-И АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

Ширинов А. – аспиранти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

“Матлаъ-ул-анвор” асари фалсафӣ-дидактикӣ ва тарбиявӣ-ахлоқӣ, таълимӣ буда, дар пайравии бевоситаи “Махзан-ул-асрор” эҷод шудааст. Дар маснавӣ нуфузи таълимоти ислом ва тасаввуфу ирфони исломӣ басо зиёд аст. Ин маснавӣ сермавзӯъ буда, яке аз масоили меҳварии он мукофоти амал, подоши ҳаёт, аҷри кирдори инсонӣ, ки қавитарин масоили мусовоти зиндагии башар аст, маърифат мешавад. Ин проблема, Аслан, чун мантиқи устувор аз ибтидо то интиҳои маснавӣ мутадовил аст. Вале бо ин қаноат накарда, адиби фозил боби сездаҳумро асосан ба ҳамин масъалаи меҳварии ҷомеаи инсонӣ ихтисос додааст, ки ниҳоят муҳим мебошад.

Масоили мукофоти амал, подоши ҳаёт, армуғони зиндагӣ аслан аз масоили мубрами иҷтимоӣ буда, дар сиёсат низ яке аз масъалаҳои калидӣ маърифат мешавад.

Амир Хусрав барои шинохти амалҳои инсон ва мукофоти он умуман ба омма рӯ меорад ва инсониятро ҳушдор медиҳад, вале зиёда аз он, адиб асосан сиёсатмадорон-ҳокимону амиронро огоҳ месозад, ки онҳо набояд аз мукофоти амалу подоши ҳаёт ғофил бошанд, зеро он чи ки набуду зуҳур кард, фоқидшаванда аст. Ба ин маънӣ адиб ҳушдор медиҳад, ки:

Оҳи касон хурд набояд шумурд,
Оташи сӯзон чи бузургу чи хурд.
Тири заифон, ки кушод аз камон,
Бигзарад аз нуҳ сипари осмон.

Истиораи изофии “оташи сӯзон” – киноя аз истиораи изофии соҳибии “оҳи касон” аст, ки дар кадом ҳаҷм ва дар кадом шакл зуҳур кунад, сӯзанда аст ва хосса аҳли ҳукком бояд аз он сахт эҳтиёт кунанд. Ин аст, ки Хусрави Деҳлавӣ арраро мояи адолат ва тешаро худхоҳ (эгоист) қаламдод мекунад:

Аррасифат қисматии рост бош,
На ҳама чун теша машав худтарош.

Амир Хусрав дар ин маснавии худ суннати устувори адабии проблемавии адлу додро пазируфта, дар айни замон тозакорӣ дар ҷузъиёти тасвир ва натиҷагириҳо аз онро дорад. Аз ин рӯ, Хусрави Деҳлавӣ мукофоти амал ва подоши ҳаётро аз мушкилоти аввалиндараҷаи ҷомеаи инсонӣ маърифат намуда, рӯзгори башарро бидуни он тасаввурнопазир мешуморад. Маҳз аз ҳамин сабаб, кирдори ҳамаи инсонҳо бидуни аҷр, подош ё мукофот нест ва проблемаи мазкур ногузир маърифат карда мешавад.

МАВҚЕИ МУАММО ДАР АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИКИ АСРИ XV

Маҳмадулоева Н. – унвонҷӯи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Маънои луғавии «муаммо» пӯшида ва гӯру нобино кардашуда ва макони пӯшида буда, дар истилоҳи адабиётшиносӣ каломест, ки ба воситаи рамзу имо, ишораю ташбеҳ, қалб, ҳисоби ҷумал ва ғайра номи одамон ва баъзан ашёи дигар пинҳон карда мешавад. Одатан, муаммо манзум ва аз як ё ду байт иборат мешавад. Вале аксари устодони ин фан, аз ҷумла Абдурраҳмони Ҷомӣ, қайд кардаанд, ки манзум будани муаммо аз мустаҳсанот аст, на шарт. Аз ин рӯ, муаммо метавонад, ки дар шакли мансур гуфта шавад. Ҷомӣ дар рисолаи худ

«Рисолаи сағир дар муаммо» ба исми Султон Ҳусайн муаммои мансур меорад. Аксаран, муаммои манзуму мавзун дар шакли фард, камтар дар қолаби рубоӣ ва қитъаҳои дубайтӣ навишта шуда, гоҳе адади байтҳои муаммо метавонад, ки аз ду зиёд ҳам бошад. Ҷомӣ дар ибтидои рисолаи худ «Рисолаи сағир дар муаммо» ғазалеро меорад, ки аз 12 байт тартиб ёфта, аз ҳар як байти он як рукни ном ва сифати подшоҳи замонаш ба тариқи «Шоҳ Абулғозӣ Султон Ҳусайн Баҳодурхон мадалЛоҳу таоло залола ҷалолаҳу алалоламина» истихроҷ мегардад.

Дар асри XV микдори муаммогӯён, муаммоҷӯён, муаммодӯстон ниҳоят зиёд буда, касоне будаанд, ки ба ҷуз муаммо ба навъҳои дигари сухан таваҷҷуҳ намеварзидаанд. Маҳз дар ҳамин аср чандин рисолаю дастури муаммо ба майдон омада, Ҷомӣ дар ин мавзӯъ чаҳор рисола дорад. Қабл аз ӯ дар мавзӯи эрод, усул ва тарзи ёфтани он Бадеи Табрезӣ, ки шогирди Камоли Хуҷандӣ буд, асари худ «ал-Аҳё фӣ ҳалли муаммо» ва Шарафиддин Алии Яздӣ рисолаи «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғз»-ро навишта буданд. Рисолаҳои Камолиддин Муҳаммади Бадахшӣ «Зобитаи ҳалли муаммо», Мир Ҳусайни Муаммоӣ-«Дастури муаммо», Навоӣ «Муфрадот», Шарифӣ-«Афкор-уш-шариф», Атоуллоҳи Ҳусайнӣ - «Ҷавоҳир-ул-асмо» дар ин фан машҳур буда, рисолаҳои Юсуфи Бадеӣ, Ҳақирӣ, Сайфии Бухороӣ, Мантиқӣ ва дигарон дар хусуси муаммо мақбули ҳамагон будаанд. Ҳамаи ин аз интишор ва шуҳрати муаммо дар асри мавриди баҳс гувоҳӣ медиҳанд.

БАРРАСИИ ТАНОСУБИ ВАЗНУ МУҲТАВОИ ШЕЪР ДАР БАҲРҲОИ АСЛИИ АВЗОНИ АРӮЗ

Наҷибулло Қаюм – докторанти
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ

Вазни ҳар шеър бо паёму мазмуни шеър муртабит аст ва он чи дар пайванди вазну муҳтавои шеър таъсир дорад, ҳам баҳрҳои арӯзӣ ва ҳам авомили дигаре монанди “сабукиву сангинӣ” ва “шитобу кундӣ”–и оҳанги авзон ҳастанд. Ҳамин вижагӣ аст, ки робитаи вазну муҳтаво дар шеър ошкор мешавад. Қаблан олимони Юнони қадим, аз ҷумла, Арасту ва ҳамчунин донишмандони Шарқ, монанди Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Хоҷа Насири Тӯсӣ аз ин назокатҳои каломи манзум бохабар буда, дар рисолаҳои худ ишороти гузарое доштаанд.

Аз дидгоҳи баъзе муҳаққиқон вазнҳои аслии шеъри форсии тоҷикиро метавон бар асоси ириботи онҳо бо мазмуну муҳтавои шеър табақабандӣ кард ва бисёр шоирони бузург ин таносубро риоя кардаанд. Аммо гоҳе ҳам шудааст, ки баъзе аз шоирон ва дар баъзе аз ашъорашон авзоне интихоб кардаанд, ки мазмуни шеър бо вазни онҳо таносубу созгорӣ надоранд. Ачаб ин аст, ки баъзе шоирон ҳатто гоҳе вазнҳои зарбӣ ва шодро барои сурудани марсия ба кор гирифтаанд ва пайдост, ки ин гуна шеърҳо зодаи авотифи шахси шоир набуда, ҷанбаи фармоишӣ доштаанд. Аз ҷумла, Хоқонӣ, Низомӣ, Виқорӣ ва дигарон ин гуна ашъор доранд.

МАКТАБИ ШАРҚШИНОСИИ ҚАЗОН ВА РУШДИ РОБИТАҲОИ АДАБИИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ ТОТОР

Зайниддинзода М. – н.и.ф., дотсенти кафедраи
назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Таърихи ба роҳ мондани таълими шарқшиносӣ ва илм оид ба Шарқ дар Россия, ҷараёнҳои асосии рушди он, зиндагинома ва фаъолияти илмиву амалии шарқшиносони академӣ ва донишгоҳӣ чун мавзӯи муҳимми пажӯҳишҳои гуманитарӣ боқӣ мемонад. Дар таърихи илму сиёсат, ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои Россия шарқшиносии академӣ ва донишгоҳӣ нақши муҳим бозидааст.

Саҳифаҳои дурахшони таърихи ин донишгоҳ ба ховаршиносии ватаниву ҷаҳонӣ алоқаманд аст. Шаҳри Қазон маркази бузурги таърихӣ ва илмии шарқшиносии назарӣ ва

амалии Россия ба ҳисоб рафта, ховаршиносии Донишгоҳи Қазон дар рушду такомули таърихи шарқшиносии асрҳои XIX-XX мақоми хосса дорад. Дар рушди мактаби шарқшиносии шаҳрҳои Қазон ва Санкт-Петербург дар қатори олимону донишмандони ватанӣ ҳаммаслакони ғарбии онҳо низ саҳм гузоштаанд. Дар ин миён саҳми олимони немис назаррас буда, аз «пешоҳанги ховаршиносии илмӣ» Христиан Данилович Френи (1782-1851)-шогирди мусташриқи номии немис Тихсен Олаус Герхард то Браун Иван Осипович (1778-1819 Австрия), Г.Л.Бюксмен, Фукс Карл Федорович (1776-1846) (асосгузори архиографияи шарқшиносӣ) ва Готвалд Иосиф Федорович (1813-1897) (профессори кафедраи забонҳои арабиву форсӣ ва баъд китобдори китобхонаи Донишгоҳи Қазон) дар пешрафти илми шарқшиносӣ ва соир илмҳо саҳм гузоштаанд.

Тадриҷан мактаби илмӣ ва таълимии ин ховаршиносон натиҷаи мондагор ба бор овард ва дар шумули ба пажӯҳиш кашидани масъалаҳои умдаи адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърих, ҷуғрофия ва этнография дар рушди робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор низ таъсир расонид.

ТАЪРИХИ ЭҶОДИ ДОСТОНИ «ҶОНИ ШИРИН»-И МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Кӯчарзода А. – д.и.ф., профессори кафедраи
назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Достони «Ҷони ширин» маҳсули давраи камолоти эҷодии устод Мирзо Турсунзода мебошад. Ин асар соли 1959 дар шаҳрҳои Маскав ва Сталинобод (Душанбеи ҳозира) эҷод гардида, дастхати он борҳо таҳрир дидааст. Мусаввадаи достон, ба иттилои адабиётшинос Рустам Ваҳҳобзода, аз 28 саҳифа варақҳои коғази ёддошт бо сарлавҳаи «Депутат Верховного Совета СССР» иборат буда, бо хатти арабиасоси тоҷикӣ китобат шудааст.

Достон аз ибтидои соли 1960 дар шакли мукаммал дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (№ 1) ва порчаҳои алоҳидаи он дар маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» (№ 3) ва рӯзномаи «Маориф ва маданият» (1 январ) дарҷ гардида, бори аввал соли 1961 дар ҷилди якуми «Асарҳои мунтахаб»-и дуҷилдаи шоир ба табъ мерасад. Ва матни чопии асар борҳо чоп шавад ҳам ,аз тарафи шоир таҳрир намебинад.

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО РОҶЕЪ БА ҲАҚИҚАТИ БАДЕӢ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР НАСР

Раҳмонов Ҳ. – муаллими калони кафедраи
назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Ҳақиқати бадеӣ аз муҳимтарин қонунмандиҳои эстетикии эҷоди бадеӣ ба шумор меояд. Ин мафҳум дар радифи мафҳумҳои «зебоӣ» ва «халқият» дар тӯли таърихи башарият асос ё бунёди зебоишиносии классикӣ ва фалсафаи ҳунарро ташкил додааст. Ин мафҳумро сухансанҷони тавонои ҳунар сифати ҷудонопазири эҷодиёти бадеии асил хонда, онро василаи пуртаъсири фаҳму дарки образнокии асари ҳунарӣ эътироф кардаанд. Бо таҳаввули тадриҷии каломи бадеъ дар сурату шаклҳои гуногунаш муносибат ба ин мафҳуми эстетикӣ тағйир хӯрда, ҳоло даҳҳо мактабу ҷараёнҳои ҳунарие ба вуҷуд омадаанд, ки нисбат ба таносуби ҳақиқати ҳаёт ва ҳақиқати бадеӣ назарҳои мухталифе доранд.

Аммо бо вуҷуди тағйир ёфтани муносибат ба мақому ҷойгоҳи адабиёт дар замони муосир, падид омадани даҳҳо равияҳо ва ҷараёнҳои нави ҳунарӣ, ки мухторияти касби нависандагӣ ва олами хосса ва фаҳму дарки ҷудо аз ҳаёти воқеӣ будани олами ҳунарро талқин мекарданд, адабиёт ҳамеша аз зиндагии иҷтимоӣ мавод мегирифт ва печутоби роҳи онро ба тасвир мекашид. Таҷрибаи эҷодии бузургтарин адибон, ки номгирифти онон чандин саҳифаро пур хоҳад кард, исбот мекунад, ки ҳаловат бурдан аз асари санъат ҳамон вақт арзиш пайдо мекунад, ки агар он мундариҷаи ҳаётӣ ва дарунмояи он ҳақиқати зиндагониро дошта бошад.

Мутафаккиру муҳаққиқи барҷастаи рус В.Г. Белинский ҳамин хислати адабиётро ба эътибор гирифта, менависад: «Ҳаловат бурдан кам аст, мо донистан мехоҳем, бидуни донишу маърифат ҳаловат маъние надорад». Аз ин нуқтаи назар ба таҳлил гирифтани раванди адабии солҳои 60-80-уми садаи 20-уми тоҷик ва қиёси бурду бохти он бо ҷараёни адабию бадеии дигар кишварҳои ҷаҳон маводи аҷиб ва барои натиҷагириҳо матлуберо дода метавонад. Андешаи меҳварӣ оид ба адабиёти ин давраи мушаххас ба таҳқиқ гирифтани консепсияи аз ҷиҳати фалсафию эстетикӣ асосноки адибони насри ин марҳила аст, ки ба савияи тафаккури илмию фалсафӣ ва биниши бадеию эстетикии аҳли қалам мутобиқат мекард ва бо вуҷуди фишори идеологии замона намунаҳое аз насри олӣ ба бор овард.

ТАҲАВВУЛОТИ МУНДАРИҶАВИЮ ҒОЯВИИ ҚИССАИ «МАРГИ СУДХӮР»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Қаландаров Н. А. – н.и.ф., дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Яке аз омилҳои асосии дар қатори асарҳои барҷастаи ҷаҳонӣ ҷой гирифтани қиссаи «Марги судхӯр» -и устод С.Айнӣ дар он зоҳир мегардад, ки чи матнҳои қаламӣ ва чи матнҳои чопии ин асар аз тарафи нависандаи он борҳо ба таври ҷиддӣ таҳриру такмил дидаанд. Масъулиятшиносии эҷодӣ ва таҳрирҳои пайдарпайи нависанда боиси он гардидаанд, ки хусусиятҳои ҳаҷвии қиссаи «Марги судхӯр» устувор гашта, асар то анҷом ёфтани матни ниҳоӣ (1953) аз ҳар ҷиҳат – забон, услуби нигориш, мазмун ва мундариҷаву ғоя такмил ёфта, мақбули мардуми мутолиакунандаи ҷаҳон гардад.

Ин аст, ки фаъолияти ҳаҷвнигории С.Айни маҳз тавассути қиссаи «Марги судхӯр» ба тасвирҳои ҳаҷвии А.С.Пушкин, В.Шекспир, О.Балзак, Н.В.Гогол, С.Шедрин, Ҳоҷӣ Содиқ барин нависандагони ҷаҳонӣ қиёс шуда, образи Қориишкамба ба образҳои барҷастаи хасисон дар адабиёти ҷаҳон, чун ритсари хасис, Шейлок, Гобсек, Плюшкин, Иудушка, Головлев, Хоҷи Оғо дар як радиф ва ҳатто болотар дониста мешавад.

ТАҶАССУМИ ВОҚЕАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР РОМАНУ ҚИССАҲОИ ҶУМЪА ОДИНА

Ёрова З. Н. – ассистенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Ба монанди дигар анвои ҳунар дар маҷмӯъ, асари бадеӣ ифодаи мундариҷаи ҳиссию фикрӣ, як навъ ваҳдати афкору эҳсос дар шакли образнок ва ё эстетикӣ низ ҳаст. Ба қавли дигар, асари бадеӣ ягонагии объективию субъективӣ, инъикоси воқеияти ҳаётӣ ва фаҳми муаллиф ба ин воқеият ё муносибати алоҳидаи муаллифро ба зиндагӣ ифода мекунад. Ё худ сухани адиб ва файласуфи рус Н.Г. Чернишевский аст, ки ҳадафи осори ҳунариро «на танҳо дар инъикоси ҳаёт, балки ҳукми нависанда ба раванди ҳаёт» мушаххас кардааст. Ҳамин навъ ҳукми нависандагони тоҷик ба равандҳои номатлуби ҳаёти иҷтимоӣ дар «Ёддоштҳо» ва «Ҷаллодони Бухоро»-и устод Айнӣ, «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ, «Восеъ»-и устод Улуғзода, «Палатаи кунҷакӣ»-и Ф. Муҳаммадиев ва даҳҳо намунаҳои дигари насри бадеии тоҷик ба хубӣ ба мушоҳида гирифта мешаванд.

Яке аз нависандагони воқеъбину фарохназари тоҷик, ки воқеан дар давраи рукуди адабиёт бо романи машҳураш – «Гузашти айём» як навъ инқилоби фикрие ба вуҷуд овард, устод Ҷумъа Одина ба шумор меравад. Ӯ аз нахустин қадамҳои худ ба майдони адабиёти тоҷик, чун як зумра адибони навовар, С.Улуғзода, П.Толис, Ф.Муҳаммадиев, аниқ дарк карда буд, ки танҳо бо сабку равияҳои маълуми насри реалистии солҳои сию панҷоҳ офариниши асарҳои гуногунжанри бадеӣ ба пешрафти минбаъдаи адабиёти тоҷик мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, ӯ ба кашфи сабку услуб ва образу типҳои нав машғул шуда, хост дар шаклҳои нав, бо обуранги нави бадеӣ асар эҷод намояд.

Ҷумъа Одина нависандагиро аз жанри ҳикоя оғоз бахшида, баъд ба эҷоди асарҳои калонҳаҷм, қисса ва роман мепардозад, ки намунаҳои хуби он «Авроқи рангин» (1964), «Иншо дар мавзӯи озод» (1968), «Чанбари оташ» (1973), «Гузашти айём» (1978) ва романи нотамоми таърихии «Искандари Мақдунӣ» (1987) будааст.

Ҳадафи асосии Ҷумъа Одина аз эҷоди асари бадеӣ орзуву мақсадҳои худро иброз доштан аст. Аз ин рӯ, адиб чи дар нахустин ҳикояҳо ва чи дар қиссаҳояш рӯҳи замонро инъикос месозад, ки ба сарнавишти ҷавонон, коргарон ва мактабиён тааллуқ мегирад.

МАНЗУМА ДАР ЭҶОДИЁТИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Миралиева С. – унвонҷӯи кафедраи назария
ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ

Як қисмати муҳимми шеърҳои калонҳаҷми шоир Рустам Ваҳҳобзодаро манзумаҳо ташкил медиҳанд. Сурудани манзума дар адабиёти муосири тоҷик, махсусан, дар шеърҳое, ки фарогири мотивҳои ватандӯстонаанд, расм шудааст. Аммо Рустам Ваҳҳобзода сохтори таркибии шеъри манзумаро фаротар аз фаҳмиши маъмулии он дарк карда, шеърҳои калонҳаҷмро ҳам манзума номидааст. Чи хеле ки дар сарсухани китоби “Салом” гуфта мешавад, “шеърҳои нисбатан калонҳаҷм дар бахши “Манзумаҳо” ҷой дода шудаанд, ки албатта, “манзума” дар мавриди бархе аз онҳо ба маънои мусталаҳи илмии он нест, балки манзур ба таври куллӣ – асари манзум мебошад”. Аз ин ҷост, ки ашъори калонҳаҷми дар қолабҳои маснавӣ, қасида ва мусаммат сароидаи шоир дар китоби “Салом” таҳти унвони умумии “Манзума” ҷой дода шудаанд.

Манзумаҳои шоир, ки дар китоби “Салом” дар бахши аввал ҷой дода шудаанд, аз 14 шеър иборатанд. Номи шеърҳо ва ҳаҷмашон чунин аст: “Лозуркӯҳ” – 46 банд, 92 байт ва 194 мисраъ, “Кӯҳистон” – 17 банд, 34 байт ва 68 мисраъ, “Оинаи якрӯӣ” – 3 қисми калон, 42 байт ва 84 мисраъ, “Соқинома” – 9 қисми калон, 106 байт ва 212 мисраъ, “Тоҷикистон” – 4 қисми калон, 59 байт ва 118 мисраъ, “Даврони офтоб” – 4 банд, 29 байт ва 58 мисраъ, “Наврӯз” – 2 қисми калон, 29 байт ва 58 мисраъ, “Наврӯзгоҳ” – 1 банди калон, 15 байт ва 30 мисраъ, “Бухоро” – 1 нақарот, 11 банд, 22 байт ва 44 мисраъ, “Дилнома” – 1 банд, 17 байт ва 34 мисраъ, “Шаҳри Хуршед” – 12 қисми калон, 62 байт ва 124 мисраъ, “Гуфтугӯ бо пайкари пардапӯши Ҳаким Фирдавсӣ”– 2 банд, 38 байт ва 76 мисраъ, “Кабки дарӣ” – 1 нақарот, 8 банд, 34 байт ва 68 мисраъ, “Паймон” – 3 банд, 11 байт ва 22 мисраъ.

Баъд аз эъломи бозсозӣ дар нимаи даҳаи ҳаштодуми асри гузашта, махсусан дар даҳаи охири он, ҷунбиши фикрию истиқлолхоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ки хеле авҷ гирифта буд, руҷӯи шоирон ҳам ба гузаштаи миллат авҷ гирифт. Дар ҳамин давра Рустам Ваҳҳобзода манзумае бо сабки “Соқинома” ва унвони “Соқинома” навиштааст, ки илҳом аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Соқинома”-и Ҳофизи Шерозӣ буда, аз ҷиҳати вазн низ ба инҳо шабоҳат дошта, дар баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур навишта шудааст.

Манзумаи ғиноии “Лозуркӯҳ” хеле қобили таваҷҷуҳ аст. Ин манзума ё достони ғиноӣ шеърест, ки ба сурати чорпора навишта шудааст. Дар шеъри “Кӯҳистон”, ки дар китоби “Салом” ва дар идомаи манзумаи “Лозуркӯҳ” меояд, ҳамин мавзӯъ ба гунаи дигар идома дода шудааст, ки ин ҷо бештар хусусияти тавсифӣ ва тасвирӣ дорад ва баёни эҳсосот дида мешавад. Солҳои 2000 солҳои дар муҳоҷират буданаш шоир як қасидае дар пайравии қасидаи Хоқонии Шарвонӣ “Айвони Мадоин” ё “Харобаҳои Мадоин” сурудааст, ки дар китоби “Салом” бо номи “Оинаи якрӯӣ” омадааст, ки ин ҳам асосан дар мавзӯи ҳифзи арзишҳои миллию таърихӣ ва бозгашт ба худшиносӣ, ба ҳувияти миллӣ аст.

Ҳамчунин, шеъри муфассал ва тӯлоние, ки дар мавзӯи ваҳдати миллӣ суруда шудааст, шеъри “Кабки дарӣ” мебошад, ки дар қолаби тарҷеъбанд гуфта шудааст. Шоир манзума ё достони кӯтоҳи ғиноии дигареро бо номи “Тоҷикистон” соли 1997 сурудааст. Аз назари худи шоир, аз ҳама дардноктарин шеъре, ки дар давраи муҳоҷират гуфта шудааст, ҳамин шеър аст, ки меҳвари маънавии онро даъват ба ваҳдат ташкил медиҳад.

Ба шумори шеърҳои вориди бахши манзума шудаи шоир ашъоре ҳам вориданд, ки онҳоро Рустам Ваҳҳобзода ҳангоми дар ғурбат, берун аз хоки Тоҷикистон буданаш

сурудааст. Аз ҷумла, дар ҳамин давра, яъне давраи муҳоҷират дар ғурбат шеъри “Бухоро”-ро навишт, ки рамзи худшиносӣ ва бозгашт ба асолати худ буд. Шеъри дигаре, ки дар давраи муҳоҷират гуфта шудааст, шеъри “Наврӯз” ва ҳамчунин, шеъри “Ошёни меҳр” аст.

«ҲАФТ ҚУЛЗУМ» ВА АНЪАНАИ ШАРҲИ ДАСТУРӢ ДАР ФАРҲАНГҲОИ ТАФСИРИИ ГУЗАШТА

Хоҷаев Д. – д.и.ф., профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Луғати «Ҳафт қулзум»-и Ғозиддин Бодшоҳи Ғозӣ, ки соли 1815 дар Ҳиндустон навишта шудааст, ба гурӯҳи фарҳангҳое дохил мешавад, ки дар онҳо шарҳи дастури забони тоҷикӣ дода шудааст.

1.Таърихи шарҳи дастурнависӣ дар забони форсии тоҷикӣ дар заминаи луғату фарҳанг ва рисолаҳои улуми адабӣ ва осори мантиқӣ сурат гирифтааст. Дар ин бобат як даста луғату фарҳангҳое маъмуланд, ки дар муқаддима ва ё боби алоҳидаи онҳо шарҳи дастури забон дида мешавад. Луғати «Ҳафт қулзум» яке аз луғатҳои муътабари асри XIX буда, қулзуми ҳафтуми он фарогири шарҳи дастури забони тоҷикӣ аст.

2.Анъанаи шарҳи дастури забони тоҷикӣ дар фарҳангҳои пешин ҳанӯз аз фарҳанги «Oim-evan» шурӯъ мешавад, вале бо ҷорӣ шудани ислом ин анъана қатъ мегардад ва баъд аз чандин аср аз нав ин анъана эҳё мешавад. Аввалин шарҳи дастури забони тоҷикиро мо дар муқаддимаи «Адот-ул-фузало»-и Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ (соли 1409 навишта шудааст) мебинем. Албатта, шарҳу эзоҳи муаллиф хеле мухтасар аст, аммо аз диди таърихӣ аҳамияти калон дорад.

3.То луғати «Ҳафт қулзум»-и Бодшоҳи Ғозӣ мо шарҳи дастури забони тоҷикиро дар фарҳангҳои пешин, ба мисли «Адот-ул-фузало», «Шарҳномаи Аҳмади Мунярӣ», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Анҷуманорои Носирӣ» дида метавонем.

4. Бояд гуфт, ки муаллифи луғати «Ҳафт қулзум», аз як тараф, анъанаи донишмандони пешинро идома дода бошад, аз сӯйи дигар, дар ин замина бисёр дигаргуниҳо ворид кардааст:

а). шарҳи дастури забони форсии тоҷикиро на дар муқаддима, балки дар қисмати охири луғат, яъне қулзуми ҳафтум овардааст; б). ӯ мисли муаллифони фарҳангҳои дигар масоили дастури забонро зимни истилоҳи «оин», «фоида», «ороиш» наоварда, балки истилоҳоти маҷозии баҳр, соҳил, обгир, маъбар, заврақ, сафина ва ғ. ба кор бурдааст.

5. Дар баҳри дуюми қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум» ба масъалаҳои марбути илми сарф таваҷҷуҳ шудааст. Ин баҳр аз 7 обгир иборат аст. Обгири аввал дар шарҳу тавзеҳи илми сарф, масдар ва шаклҳои замонии феъл бахшида шудааст. Масалан, ӯ мегӯяд: «Калима дар луғат махуз аст аз калим ба сакуни «лом» ба маънии реш кардан ва дар истилоҳ иборат аст аз лафзе, ки вазъ карда шудааст барои маънии муфрад. Ва лафз дар луғат ба маънии андохтан аст ва дар истилоҳ иборат аст аз чизе, ки бигӯяд ӯро одаме».

6. Дар поёни 12-уми қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум» шарҳи изофат оварда шудааст. Муаллифи луғат аввал изофатро ба 4 гурӯҳ ҷудо кардааст: 1. изофати баёния (рӯзи ҷумъа, дарахти ирок);2. изофати ташбеҳӣ (табли шикам, сандуқи сина); 3. изофати ҳақиқӣ (аспи Зайд, хонаи Амру); 4.изофати маҷозӣ ё истиора (сари ҳуш, қадами фикр).

Пас аз ин муаллифи луғат изофатро ба 18 навъ гурӯҳбандӣ намудааст. 1.тамликӣ: ганҷи Қорун, боғи Шадод, қалъаи шоҳ, ҳавлии вазир; 2. тахсисӣ: ёри ман, диёри ту, дӯсти ман, душмани ту; 3. тавзеҳӣ: шаҳри Ироқ, хитаи Табрез, салтанати Рум; 4. тавсифӣ: моҳи тобон, офтоби дурахшон, аспи тезрафтор, шутури борбардор, марди оқил; 5.табйинӣ: лавҳи симин, ангуштарини заррин, деги мисин, нони ҷавин; 6.ташбеҳӣ: аспи кӯҳ, савори коҳ, рӯйи гул, зулфи сунбул;7. маҷозӣ: саҳои Нил, фароши бод, камони абрӯ;8. зарфӣ: оби дарё, ҳавои саҳро, ҳарорати тобистон, сокини бозор; 9. фоъилӣ: кушандаи ҷон, сӯзандаи дил, нӯшандаи шароб, хӯрандаи кабоб; 10. мафъулӣ: куштаи ишқ, сӯхтаи оташ; 11. ҷузъ ба кул: барги дарахт; 12.алоқӣ: чокари подшоҳ; 13. фоъил ба феъл: марди гуноҳ; 14. забон бо замон: соати

рӯз; 15.макон ба макон: дарвозаи хона; 16. мамлук бо молик: ғуломи фалон; 17.молик ба мулук: оғои фалон; 18. феъл бо фоъил: гуноҳи ман.

Таснифоти фавқ, чунонки мебинем, нозуктарин ҷилоҳои маъноии муайянкунандаю муайяншавандаи забони адабии тоҷикиро фаро гирифта, барои назария ва амалияи ин мавзӯи муҳимми наҳв аҳамияти калон дорад.

Хулоса, шарҳу тавзеҳи «Ҳафт қулзум» идомаи анъанаи фарҳангҳои пешин буда, дар рушди афкори забоншиносии асри XIX тоҷик нақши муҳим дорад.

РОБИТАИ ДИАЛЕКТОЛОГИИ ҶОНИШИНҲОИ ШАХСИИ ХОРАЗМӢ, СУҒДӢ ВА ОЛОНӢ-ОСЕТИНӢ

Шарипова Ф. Х. – д.и.ф., профессори
кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Гурӯҳи забонҳои давраи миёнаи эронии шимоли шарқиро забонҳои хоразмиву суғдиву олонӣ-осетинӣ ташкил медиҳанд. Аз ин забонҳо осори начандон зиёд бо тафовути замони китобати онҳо боқӣ мондааст. Ҳамсоягии чандинасраи суғдиён ва хоразмиён боиси наздикии ин забонҳо гаштааст, аммо олонҳо, ки аз насли қабоили скифу сарматҳо буданд, ҳанӯз дар асри I п.м то асрҳои IV ба самти Қафқози Марказӣ ҳиҷрат кардаанд ва аз нигоҳи мавқеи ҷуғрофӣ аз манотиқи сукунати хоразмиёну суғдиён дур монданд. Дар ин асно, муносибати ин забонҳо дар давраи миёна ба ҳаvдигар на ҳамчун забонҳо, балки гӯйишҳо муайян мешавад ва минбаъд дар давраи нав забонҳои эронӣ аз ҳам дур шуда, робитаи онҳо аз рӯqи таҳқиқоти муқоисавӣ-таърихӣ муайян мешавад. Намунаи вожагони суғдиву хоразмӣ дар “Осор-ул-боқия”-и Берунӣ омадааст, ки бархе аз онҳо аз нигоҳи сохториву маъноӣ ҳамгун ё монанданд: Чунончи: суғдӣ: навсарз, ромн, воз, астоз; хоразмӣ: навсорчӣ, ром, воз, аштоз.

Дар давраи миёна афзоиши раванди табдили низоми аналитикӣ дар забонҳои эронӣ мушоҳида мешавад ва ин равандро метавон дар забонҳои мавриди назар низ дид. Муқоисаи забонҳои гурӯҳи шимоли шарқӣ имкон медиҳад, вижагиҳои мушобеҳи забонҳо аз нигоҳи типологӣ ва инкишофи таърихии онҳо муайян карда шавад. Чунин шабоҳату умумияти вижагиҳои забониро метавон дар мисоли ҷонишинҳои шахсӣ дид.

Ҷонишинҳои шахси якуми танҳо ҳолати номинатив хораз. nāz, суғд. azu/əzu/ zu, ос. æz идомаи ҷонишини авестоӣ azam/azəm бо тағйироти фонетикиву шаклӣ дар аксари забонҳои эронии шарқӣ боқӣ мондааст. Ҷонишини хоразмии – nāz, бинобар қавли М.Н.Боголюбов, бо ҳамроҳ кардани na- (усилительная частица) < ҷонишинҳои ишоратии nyn, n′n, сохта шудааст. Дар забони пашту чунин шакли ҷонишин дар шахси якуми ҷамъ ба назар мерасад: muž/munž.

Ҷонишини шахси якум дар ҳолати генетив хораз. mn′c, суғд. mana/man, ос. mæn аз ҷонишини шахси дуюми ҳолати генетиви эронии бостон mana маншаъ мегирад ва дар дигар забонҳои эронии нав низ боқӣ мондааст. Муқоиса шавад: курд. mən, форс. man, яғн.man, ишк.mən. Маълум мешавад, ки баромади ҷонишинҳои шахси якум ва дуюми шумораи танҳо дар ин забонҳо як аст.

БАРРАСИИ ЗАБОНШИНОСИИ ИДЕОНИМҲОИ ИСТЕҲСОЛИИ ДУШАНБЕ

Ҳомидов Д. – д.и.ф., дотсенти
кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Омӯхтану аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ мавриди баррасӣ қарор додани идеонимҳои марбути истеҳсолии ин ё он мавзеъ, аз ҷумла шаҳри Душанбе. дар айни ҳол хеле муфид аст. Дар ҳудуд ва дохили ин шаҳри зебову дилрабо ва шефтагари оламиён чандин раставу дӯкони бозаргонӣ, муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, театру толори синамо мавҷуд аст,

ки ин қабил унвонҳоро дар бахши ономастика идеонимҳо мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор медиҳад.

Идеоним ҷузъи ономастика ё гурӯҳи онимҳо буда, бо ин истилоҳ ҳоло шартан гурӯҳе аз исмҳои хос, аз ҷумла артионим, библионим, гемероним, геортоним, документоним, поэтоним, хрематоним ифода меёбанд. Ин истилоҳ аз забони юнонӣ буда, аз ҷузъҳои idea – «ғоя», «идея» ва onim – ном таркиб ёфтаанд.

Артионим навъи идеонимҳо (аз юн.idea-хаёл, фикри хуб ва onom-ном) буда, номи асари санъати тасвириест (лот. Artios – «санъат» ва onim-ном), ки эҷодкорона ва ҳунармандона мувофиқи табъу завқ ва бо тахайюли махсус омода гардидааст: тасвирҳои Камолиддин Беҳзод, осори рассомони муосири тоҷик С. Қурбонов ва чанде дигарон ба ҳамин гурӯҳ шомиланд.

Библионим, навъи идеонимҳо буда, маҷмӯи номи осори бадеиро фаро мегирад: «Шоҳнома», «Калила ва Димна», «Гулистон», «Ёддоштҳо», «Субҳи ҷавонии мо», «Фирдавсӣ», «Палатаи кунҷакӣ», «Гирдбод», «Аспи бобом» ва ғ.

Гемероним навъи идеонимҳо буда, номи нашрияву рӯзномаҳо ва марбути матбуоти давриро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Ин истилоҳ аз ҷузъҳои hemer – «рӯз», «шабонарӯз» ва onim–номи забони юнонӣ гирифта шуда, маъноияш маҷмӯи номи рӯзномаву нашрияҳо аст: «Ҷумҳурият», «Садои мардум»,«Садои Шарқ»,«Омӯзгор», «Минбари халқ», «Ба қуллаҳои дониш», «Паёми ДМТ», «Бонувони Тоҷикистон», «Адабиёт ва санъат», «Боҷу хироҷ» ва ғ.

Геортоним навъи идеонимҳо буда, номи иду ҷашнҳо, санаҳои таърихӣ, фестивалҳоро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ин вожа аз забони юнонии heort – «ид, ҷашн» ва onim – ном таркиб ёфта, маҷмӯи номи иду ҷашнҳо ва санаҳои таърихиро фаро мегирад: «Рӯзи Ғалаба», «Рӯзи Модарон», «Наврӯз», «Меҳргон», «Сада», «Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ» ва ғ.

Документоним навъи идеонимҳо буда, маҷмӯи ҳуҷҷатҳо, қонунҳоро ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро фаро мегирад: «Ахбори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ», «Бойгонии марказии давлати ҶТ», «Кодекси ҷиноятии ҶТ», «Бойгонии ҷумҳуриявии Сабти асноди ҳолатии шаҳрвандии ҶТ», «Бойгони ДМТ», «Хазинаи бойгонии миллӣ» ва ғ.

Поэтоним навъи идеонимҳо буда, номи эҷодкардаи шоирон ва маҷмӯи онҳоро фаро мегирад: Манижа, Сипеҳр, Нурофар, Зарнисор, Фаровон, Баракат, Меҳргон, Фаввора, Афсона, Боғи Фирдавсӣ, Боғи Рӯдакӣ ва м.инҳо.

Хрематоним навъе аз идеонимҳо буда, номи чиз ё ашёи фарҳанги моддии бо дасти инсон сохташударо фаро мегирад. Ин вожа юнонӣ буда, аз ҷузъҳои xrematos – чиз, ашё ва onim – ном таркиб ёфта, барои ифодаи номи ҷавоҳирот, асбоби мусиқӣ, сангҳои қимматбаҳо ва м.инҳо меояд: Тоҷи заррин, Ақиқа, Кристалл, Заргарӣ,

Мавзеъҳои марбут ба идеонимҳои Душанбешаҳр аз нигоҳи сохт низ гуногун буда, онҳоро метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд: сода - Ақиқа, Кристалл, «Ҷумҳурият»; сохта – «Фирӯза», «Сада», «Омӯзгор», «Гулистон», «Фирдавсӣ», «Заргарӣ», Меҳргон; мураккаб – «Ёддоштҳо», «Наврӯз», «Нурофар», «Гирдбод», «Зарнисор»; ибора-идеоним – «Калила ва Димна», «Субҳи ҷавонии мо», «Палатаи кунҷакӣ», «Аспи бобом», «Садои мардум», «Бонувони Тоҷикистон», «Адабиёт ва санъат», «Боҷу хироҷ», «Овози тоҷик», «Рӯзи Ғалаба», «Рӯзи Модарон», «Меҳргон», «Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ», «Ахбори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ», «Бойгонии марказии давлати ҶТ», «Кодекси ҷиноятии ҶТ», «Бойгонии ҷумҳуриявии Сабти асноди ҳолатии шаҳрвандии ҶТ», «Бойгони ДМТ», «Хазинаи бойгонии миллӣ», «Тоҷи заррин» ва м.инҳо.

Ҳамчунин, мавзеъҳои марбут ба идеонимҳои Душанбешаҳр аз нигоҳи мансубият ба забонҳо низ гуногун буда, онҳоро метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд: тоҷикӣ - «Шоҳнома», «Калила ва Димна», «Гулистон», «Ёддоштҳо», «Гирдбод», «Аспи бобом» ва ғ.; омехта ё гибрид – «Рӯзи Ғалаба», «Рӯзи истиқлолият», «Садои Шарқ», «Минбари халқ», «Ба қуллаҳои дониш» ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқ, омӯзишу баррасии идеонимҳои Душанбешаҳр ҳамчун ҷузъи чудонашавандаи ономастика ва тадриси он ба донишҷӯён аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки ба кадом забон мансуб будани идеонимҳо ва аз нигоҳи сохт шаклгириашон ошкор мегардад, ки бо ин

роҳ таъсири забонҳои эронӣ, хосатан тоҷикӣ, дар густаришу ташаккулёбии ҷойномаҳои ҷуғрофии ин мавзеи бостонии Тоҷикистони маҳбубамон боз бештар аён мегардад.

МАЪНОИ КОННОТАТИВИИ ФЕЪЛ ДАР ОСОРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Гулназарова Ж. – н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Калимаҳо дорои маъноҳои мухталиф мебошанд ва ҳар яке аз онҳо вобаста ба мавриди истеъмол ва қобилияти ифода кардани ин ё он маъно истифода мешаванд. Ба ғайр аз ин, қисми зиёди ин маъноҳо муносибат ва баҳодиҳии мушаххас (хуб ё бад)-ро ба объекти номбаршуда ифода мекунанд ва ифодаҳои фразеологӣ ҳатто қобилияти дар худ ифода кардани маълумоти муассиру гурӯҳиро доранд.

Вобаста ба ин масъала Ҳ. Маҷидов мегӯяд: “Дар нутқи ҳамарӯзаи мардум мумкин аст, ин ё он маъное ба кор бурда шавад, ки характери лаҳзавӣ дорад. Чунин маъноҳо бештар дар зери қалами адибони ҷудогона тавлид меёбанд ва одатан бо номи «истеъмол» маъруфанд. Истеъмоли ҷудогонаи маъноӣ, мумкин аст, рафта-рафта умумихалқӣ шуда, ба унсурҳои доимии системаи забон табдил ёбанд».

Маънои коннотативӣ маънои иловагии маъмулӣ нест. Дар ин падида дар заминаи маънои луғавии калима гӯянда ё истифодабаранда маънои ҳиссиётӣ, услубӣ, муассирӣ, баҳодиҳиро вобаста ба шароиту мавқеъ нисбат ба объекти ифодашаванда ба кор мебарад.

Вобаста ба дараҷа ва ҳаҷму доираи таҳқиқ коннотатсия ба маънои васеъ ва ба маънои нисбатан маҳдуд қабул шудааст. Коннотатсия ба маънои васеъ он хусусияти маъноии калимаро, ки ба шарофати ворид кардан, илова намудани маълумот (маъно) ва имконияти тасвири воҳиди луғавӣ падид омадааст, ифода мекунад.

Маънои коннотативии феъл хусусияти худро дорост.

Масалан, феълҳои рафтан, гузаштан коннотатсияи маънои мурдан, феъли неш задан коннотатсияи маънои сухани бад гуфтан, киноя задан, феълҳои сӯхтан, мурдан коннотатсияи маънои ҳоли табоҳ доштан, зинда шудан коннотатсияи маънои ҳоли беҳ доштан мебошанд.

Ман месӯзам зи орзуяш,
То кист нишаста пеши рӯяш.

Ман мемирам зи иштиёқаш,
То кист мулозими висоқаш.

Гаҳе дар гиря, гаҳ дар ханда мешуд,
Гаҳе мемурду гоҳе зинда мешуд.

Коннотатсия дар феълҳо бештар дар ҳамнишинӣ бо дигар калимаҳо дар заминаи иттиҳодан дарк кардани воқеият муайян мегардад.

Пеша кун афв ба хубию хвашӣ,
Бугзар аз нохушию кинакашӣ.

Вобаста ба хусусияти системавӣ-функсионалии феъл таҳлил намудани коннотатсияи феъл имкон медиҳад, ки тарзи ифода ва вижагии коннотат дар дарки луғавӣ-маъноии олами воқеӣ нишон дода шавад ва воҳидҳои фразеологии феълӣ дар ин маврид таъсири нишонраси худро мегузоранд.

Ҳар кӣ гӯяд хону нони ман, бикаш
Пойи хеш аз хону даст аз нони ӯ.

Дар ин байт пой кашидан ба маънои парҳез кардан, қатъ кардан, тарк кардан ва феъли даст кашидан ба маънии аз баҳри чизе гузаштан, тарк кардан, парҳезидан омадааст. Бояд гуфт, ки «феълҳо дорои обуранги услубӣ ва эмотсионалӣ буда, муносибатҳои гуногуни мутакаллим ва ҳиссиёту ҳаяҷонро табиӣ ва барҷаста ифода мекунанд».

Вобаста ба матн таҳлил намудани маънои коннотативии феъл имкон медиҳад, ки на танҳо хусусияти ин навъи маънои феълҳоро, балки махсусияти мавҷудияти онҳоро ба сифати ҷузъи системаи воситаҳои нутқи инсон нишон диҳад, зеро махсусан дар матн алоқамандии

семантика, наҳв ва прагматика, пайванди эпидигматикӣ, прагматикӣ ва синтагматикии вожаҳо инъикос меёбад.

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР МАСНАВИҲОИ БА ҲУНАРМАНДОН БАХШИДАИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Ҳалимова С. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Сайидои Насафӣ дар боби истифодаи воҳидҳои устувори забон беназир аст. Вай ин дурдонаҳои забонро аз забони мардум ва аз осори хаттӣ гирифта, вобаста ба ҳар як касбу ҳунар бомавқеъ кор мефармояд ва ба онҳо ҷилоҳои нави маъноӣ мебахшад.Унсурҳои устувори дар маснавиҳои ба ҳунармандон бахшидаи шоир истифодашуда ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1.Воҳидҳои фразеологии изофӣ. Ин воҳидҳо унсурҳои забониеанд, ки таркиби онҳо аз ду ё се вожаи ба воситаи бандаки изофии -и алоқамандшуда иборатанд ва зоҳиран ба ибораҳои озоди синтаксисӣ монанд мебошанд, вале бо устуворӣ, иваз нашудани аъзоҳои худ аз онҳо фарқ мекунанд. Инчунин ин воҳидҳо “бо ягонагии маънои худ” аз дигар унсурҳои забон фарқ мекунанд: нигоҳи гарм (самимият, меҳр), нони ҳалол (музди бо меҳнат бадастовардашуда), дили сахт (бераҳм, номеҳрубон).

2. Воҳидҳои фразеологии феълӣ. Воҳидҳои фразеологии феълӣ дар маснавиҳои ба ҳунармандон бахшидашудаи шоир ба таври фаровон корбаст гардидаанд. Ибораҳои фразеологӣ унсурҳое мебошанд, ки дар забони тоҷикӣ ҳамчун моли тайёр ба кор мераванд ва аз ин ё он пеша ба вуҷуд омадаанд. Ба ибораи дигар, бештари ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ номи амалҳои ҳунармандианд, ки баъдтар дар забон ба маъниҳои маҷозӣ ба кор рафта, эҳсос ва рӯҳияи гуногуни одамонро ифода кардаанд: ба сар бардоштан (азизу гиромӣ доштан), устухон орд шудан (ғаму андӯҳ), нони касе дар равған афтодан (пешрав шудан, ривоҷу равнақ ёфтани кори касе), пухтакорӣ кардан (хирадмандӣ, доноӣ).

Вобаста ба ҳар як касбу пеша кор фармуда шудани воҳидҳои фразеологӣ дар маснавиҳои ба ҳунармандон бахшидашудаи шоир боиси муайян шудани таърихи пайдоиши ин унсурҳои забонӣ гардидааст. Фаровон истеъмол гардидани ин унсурҳо дар ашъори шоир далели ғановат ва сарватмандии забони адабии мо мебошад.

УМУМИЯТ ВА ТАФОВУТИ ЗАРФ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Камолов Х. М. – н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Зарф ҳиссаи мустақили нутқ аст. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ зарф, дар муқоиса ба ҳиссаҳои дигари нутқ, умумияти бештар дорад. Тафовути зарф аз нигоҳи вазифа, гурӯҳҳои маъноӣ ва сохт дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хеле кам аст. Дар мавриди вазифаҳои зарф дар дастурҳои ҳар ду забон тақрибан шарҳи яксон ба назар мерасад, танҳо роҳи ифода дигар аст. Масалан, дар забони тоҷикӣ: “Зарф ҳиссаи мустақили нутқ буда, аломати амал, предмет ва аломати аломатро мефаҳмонад”. Дар дастурҳои забони англисӣ: “Adverbs are words that modify verbs, adjectives, or other adverbs” – “Зарфҳо калимаҳое мебошанд, ки феълҳо, сифатҳо ва ё зарфҳои дигарро шарҳ медиҳанд”. Дар шарҳи англисӣ танҳо бар эзоҳи исм омадани зарф зикр нагардидааст, дар забони тоҷикӣ бошад, дар мавриди як зарфро эзоҳ додани зарфи дигар таъкиде ба назар намерасад, ҳарчанд ин ҳолат вуҷуд дорад.

Вазифаи зарф дар забони англисӣ: 1) шарҳи феъл: I will come back early (Ман барвақт бармегардам); 2) шарҳи сифат: The boy is really smart (Писарак воқеан доно аст); 3) шарҳи зарф: He was running very fast (Ӯ хеле тез медавид). Дар забони тоҷикӣ ба шарҳи сифат омадани зарф дар матн муайян мегардад. Дар ҷумлаи дуюм (The boy is really smart) калимаи smart (доно) сифат аст ва зарф (really) онро эзоҳ медиҳад, лекин дар тарҷумаи тоҷикӣ (Писарак воқеан доно аст) доно ҷузъи номии феъли таркибии доно будан ба ҳисоб меравад. Пас, зарфи воқеан ин ҷо бар эзоҳи феъл омадааст, на сифат. Намунаи бар эзоҳи сифат

омадани зарф дар забони тоҷикӣ: Онҳо роҳи хеле дарозро тай карданд (дар ин гуна ҷумлаҳо зарф (хеле) бар шарҳи сифат (дароз) меояд. Зарфи миқдор дар забони тоҷикӣ бар эзоҳи исм низ меояд: ба вай қадре мис ва биринҷӣ дод.

Нишонаҳои умумии зарф дар ҳар ду забон: бо калимаҳои дигар ҳамеша бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ алоқаманд мешавад; асосан ба феъл вобаста мегардад ва гоҳо ба сифат, зарф ва исм тобеъ мегардад; шакли ҷамъ надорад.

Дар ҳар ду забон зарф дараҷа дорад. Дар забони англисӣ зарф дорои дараҷаҳои қиёсӣ ва олӣ аст. Дараҷаҳои қиёсию олии зарф, чун сифат, бо пасвандҳои -er, -est ва вожаҳои ёвари more, most ифода мегардад. Дар забони тоҷикӣ зарф (баъзе навъҳои он) танҳо дараҷаи қиёсӣ дорад.

Гурӯҳҳои маънои зарф: дар забони тоҷикӣ – тарзи амал, монандӣ, миқдору дараҷа, замон, макон, сабаб, мақсад; дар забони англисӣ – Manner, Number, Degree, Time, Location or direction, Reason.

Калимасозии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мувофиқат дорад. Дар ҳар ду забон зарфҳо аз рӯйи сохт ба навъҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо мешаванд.

ВОЖАЮ ИСТИЛОҲОТИ БОФАНДАГИЮ ДӮЗАНДАГӢ ДАР «ХАМСА»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Муминова К. – унвонҷӯи кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ

Дар таркиби луғавии забонамон истилоҳоти бофандагию дӯзандагӣ мавқеи муайянеро ишғол намуда, аз давраҳои қадим мавриди истифода қарор доранд, зеро ин гурӯҳи вожаҳо калимаҳои ҳаётан муҳимми рӯзгори мардум маҳсуб ёфта, ба қисмати лексикаи фаъоли забони тоҷикӣ шомиланд.

“Саноати бофандагию дӯзандагӣ яке аз қадимтарин соҳаҳои истеҳсолот маҳсуб ёфта, он дар зиндагии мардум мавқеи муҳим дорад. Бофандагию дӯзандагӣ яке аз касбҳои суннатии халқи тоҷик буда, дар шаҳру навоҳии тоҷикнишини Осиёи Марказӣ аз замонҳои қадим маъмул мебошад. Аз ҷумла, шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор (Қаратоғ) ва ғайра дар гузашта марказҳои касби бофандагӣ ба шумор мерафтанд. Дар ин ҷойҳо садҳо ҳунармандони пешаи бофандагӣ зиндагӣ ва фаъолият мекарданд».

Бо талошу ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ба даст овардани Истиқлолият сулҳу субот ва оромиву осоиштагӣ дар кишвар мустаҳкам гардид ва ин имконият дод, ки дар ҷумҳурии мо шумораи корхонаҳои дӯзандагӣ зиёд гардида, тамоми расму анъана ва сару либоси миллии халқи тоҷик аз нав эҳё гардад.

“Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ махзани дурдонаҳои луғавӣ мебошад. Дар “Хамса” дар баробари дигар вожаҳо шоир дар ифодаи матлаб аз истилоҳоти бофандагию дӯзандагӣ, ба монанди пӯстин, сайфур, салаб, даққ ва амсоли инҳо моҳирона истифода кардааст.

Пӯстин – ҷомае, ки аз пӯсти ҳайвонот монанди рӯбоҳ, санҷоб, буз, гӯсфанд ва ғ. дӯхта мешавад. Пӯстин вожаи тоҷикист ва иборат аст аз решаи пӯст ва пасванди –ин.

Ба чӣ оҳу, ки асб зин накунанд,
Чӣ сагеро, ки пӯстин накунанд.

Сайфур – матои абрешимини нафис.

Ситода малик зери заррин дирафш,
Зи сайфур бар тан қабои бунафш.

Салаб: дар луғат ба маънии навъе аз либоси ҷангӣ ҳамчун ҷавшан ва хафтон; 2. Пӯшок, либос, пӯшиш.

Даққ як навъ матои нафиси қиматбаҳо; даққи мисрӣ як навъ қумоши нафиси мисрӣ.

Рафту бардошт як ба як салабаш,
Даққи мисрӣ, амомаи қасабаш.

ТОБИШҲОИ МАЪНОИ ИЛОВАГИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ САБАБ ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Абдулазизов В. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Ҳодисаи сермаъноӣ на танҳо дар қисмати лексикаю фразеология, балки дар воҳидҳои сарфу наҳв, аз ҷумла, дар ҷумлаҳои пайрав низ мушоҳида гардида, яке аз хусусиятҳои хеле муҳимми гипотаксиси забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ин ҳодисаи муҳимми синтаксисии аз назари наҳвшиносони тоҷик дур намонда бошад ҳам, проблема то ҳанӯз мавриди тадқиқи амиқу мукаммал қарор нагирифтааст. Иддае аз муҳаққиқони синтаксиси забони адабии тоҷик (Атобуллоев С., Асоев Р, Зикриёев Ф., Рустамов Ш., Тоҷиев Д., Хоҷаев Д., Абдулазизов В., Абдураҳмонова М.) роҷеъ ба сермаъноии баъзе аз анвои ҷумлаҳои пайрав фикру андешаҳои худро изҳор кардаанд, вале тобишҳои маънои иловагии ҷумлаҳои пайрав дар осори манзум (хосатан дар ашъори Камоли Хуҷандӣ) ҳанӯз мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст.

Бояд зикр кард, ки гипотаксиси ашъори шоири маъруфи тоҷик Камоли Хуҷандӣ хеле ҷолиб буда, вижагиҳои зиёде дорад, ки ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб яке аз онҳост. Ин навъи ҷумлаҳои дар ашъори шоир хеле зиёд истифода шуданд ва баъзеашон дорои тобишҳои иловагии маъноиянд.

Таҳлилу баррасии маводи забони адабии тоҷик нишон медиҳад, ки тобиши маънои иловагӣ гирифтани ҷумлаи пайрави сабаб ба омилҳои гуногун вобаста аст.

I. Яке аз ин омилҳои сермаъноӣ истифодаи пайвандакҳо (-и семантикӣ- синтаксисӣ: чун, то) мебошад. Чунончи, пайвандаки чун (чу).

1. Маънои иловагии замон. Наҳвшиносон (Қосимова М.Н., Рустамов Ш., Ҳусейнов Х., Тоҷиев Д.Т., Абдулазизов В.) дар алоқаи наҳвии ҷумлаҳои пайрави замон, сабаб, шарт ва монандӣ истифода шудани пайвандаки «чун» ва шаклҳои дигар (-и мураккабу таркиби)-и онро нишон додаанд. Ин пайвандак дар ашъори Камоли Хуҷандӣ ҳамчун воситаи асосии ҷумлаи пайрави сабаб буда, дар баъзе мавридҳо маънои луғавии замонии он низ то андозае маҳфуз аст, бинобар чунин ҷумлаҳо дорои маънои иловагии замонанд:

Чу ҳама ранҷи ғарибиву ғами танҳоӣ,
Чун ғами ишқи туам муниси ҷон аст, чӣ ғам (К.Х. Девон, ҷ.2, Д., 1985, с.137).

Пайвандаки то ҳам аз ҷумлаи пайвандакҳои семантикӣ – синтаксисӣ ба шумор меравад. Наҳвшиносон (Рустамов Ш., Ҳусейнов Х., Тоҷиев Д., Абдулазизов В.) дар алоқаманд кардани ҷумлаҳои пайрави замон, сабаб, мақсад ва пуркунанда истифода шудани пайвандаки то ва вариантҳои он (то ки, то ин ки, ки то) –ро дар асарҳои илмиашон зикр карда, мисолҳои дақиқу возеҳ овардаанд. Ин пайвандак дар осори манзум, хосатан, ашъори Камоли Хуҷандӣ хеле зиёд истифода шудааст:

То ғами андӯҳи ӯ ғамхору мунис шуд маро,
Фориғу осудаам аз мунису ғамхор ҳам.

Дар мавриди вазифаҳои грамматикӣ мақолаҳои алоҳидаи забоншиносон (Асоев Р., Абулазизов В.) дар маҷмӯаҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ баъзе ҷумлаҳои сабаб, ки ба воситаи пайвандаки то ба сарҷумла алоқаманд шудаанд, дорои тобишҳои маънои иловагии замонанд:

Дорам аз меҳри ту гаҳ равшану тира ду чашм,
То сари зулфи сияҳ дориву рухсори чу маҳ (К.Х. Девон, ҷ.2, Д., 1985с.294).

II. Таҳлилу баррасии маводи забони адабии тоҷик нишон медиҳад, ки омили дигари тобиши маънои иловагӣ гирифтани ҷумлаи пайрави сабаб семантикаи хабари сарҷумла ва ҳамчун воситаи алоқаи грамматикӣ истифода шудани пайвандаки «ки», инчунин шакли замонию сиғаҳои феъл аст. Чунончи:

Табиби шаҳр чӣ тасдеъ медиҳад моро,
Ки кас наёфт ба ҳикмат илоҷи савдоро (К.Х. Девон, ҷ.1., Д., 1983,с.40).

2. Маънои иловагии шарт. Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ ҷумлаҳои пайраве низ истифода шудаанд, ки аз ҷиҳати сохтор, тарзи алоқа бо сарҷумла ба ҷумлаи пайрави шарт

монанданд, вале аз рӯйи муносибати маънои ҷузъҳо, хосатан, феъл – хабари ҷумла пайрав (баъзан ҳам хабари сарҷумла ва ҳам хабари ҷумлаи пайрав) маънои сабаб асосӣ аст. Маъмулан, агар хабари ҷумлаи пайрави сабаб ба замони ҳозира –оянда далолат кунад, он маънои иловагии шартро низ ифода мекунад:

З-он лабам май надиҳад дил, ки назар баргирам,

Чашми сӯфӣ нашавад сер зи ҳалво, чӣ кунад (К.Х. Девон, ҷ.1., Д., 1983, с.374).

3. Маънои иловагии муайянкунанда. Дорои маънои иловагии муайянкунанда шудани ҷумлаи пайрави сабаб бештар ба семантикаи калимаи муттако вобаста аст (Хоҷаев Д., с.20):

Заҳмати он дар мадеҳ, эй сар, ки хоки дӯстро

Ин гаронӣ бас, ки ҷон бар остини хидмат аст (К.Х. Девон, ҷ.1., Д., 1983, с.374).

ВОЖАҲОИ ФАРДӢ (ФАРДВОЖАҲО) ДАР ЭҶОДИЁТИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Музофиршоев М. О. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Дар забоншиносӣ як ақидаи умумишуда нисбат ба пайдоиши вожа мавҷуд аст, ки гӯё калима дар забон бо хости худи забон пайдо шуда, аз тарафи халқ тавлид мегардад. Ба назари мо, ин ақида он қадар дақиқ, дуруст ва собитгардида нест. Дуруст аст, ки қабул кардан, ҳазм ва маъмул намудани вожа аз тарафи умум сурат мегирад, аммо сохтан ва мавриди истифодаи аввалин қарор додани он фардӣ аст. Яъне, ҳар як калимае, ки дар дилхоҳ забон вуҷуд дорад, муаллифе дорад, аммо муайян кардани он, махсусан дар забони классикӣ, он қадар кори осон нест. Хушбахтона, дар забони адабии муосири тоҷикӣ дақиқ кардани офарандаи вожае, ки маҳз дар садаи гузашта (XX) ва ё XXI дар забонамон ба вуҷуд омадааст, имконпазир аст.

Вожаҳои соҳибмуаллифро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) калимаҳое, ки аз тарафи адибе сохта шуда, дар забони адабии имрӯза мустаъмал гардидаанд; б) вожаҳое, ки адибе сохтааст ва доираи истеъмоли онҳо аз як матн ва ё эҷодиёти ҳамон адиб берун нарафтаанд.

Мавриди баҳси ин мақоларо вожаҳои гурӯҳи дуюм, ки фардвожаҳо (окказионализмҳо) ном гирифтаанд, ташкил медиҳад.

Шоир Лоиқ Шералӣ адибе буд, ки эҷодиёташ ҳанӯз дар замони зиндагиаш мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирифта буд ва ин тадқиқ асосан дар доираи адабиётшиносӣ сурат гирифта будааст. Шоир дар баробари сурудани шеъри ноб ва баландмазмун, донандаи хуби забон низ буд. Ба қавли А. Сатторзода, «манбаъҳои боэътимоди шоир дар ин ҳолатҳо осори гузаштагон, луғатномаҳо, забони зиндаи халқ, адабиёти шифоҳии мардумӣ буданд ва онҳо, ба эътиқоди ӯ ҳаргиз ба хато роҳ надодаанд. Лоиқ кони шеъру кони луғатҳои нодир ва сараи форсии тоҷикӣ буд ва ҳамаро аз ёд медонист ва дар зарурат бадоҳатан далел меовард».

Дар мавзӯи наввожаҳои эҷодиёти Лоиқ Ю. Нурмаҳмадов кореро анҷом додааст ва аксар мисолҳое, ки барои «неологизмҳои услубӣ-фардӣ»-и шоир мисол овардааст, кайҳо ба таркиби луғавии забони адабии имрӯзи тоҷикӣ ворид шудаанд ва аз ин доира берун рафтаанд. Аз ин ҷиҳат лозим шуморидем, то оиди вожаҳои сохтаи Лоиқ Шералӣ, ки имрӯз ҳам ба қатори фардвожаҳо шомиланд, чанд сухан ироа намоем.

Пешмарги корзори умр будӣ солҳо,

Ҳамчунон омодаи сад корзор астӣ ҳанӯз.

Байт аз ғазале, ки бо мисраи «Зинда бош, эй дил, ки бо ман созгор ҳастӣ ҳанӯз» сар мешавад ва соли 1991 эҷод шудааст, оварда шуда, вожаи «пешмарг», ки дар луғатномаҳои маъмул ва дастраси мо дучор наомад, диққатро ба худ ҷалб намуд. Калима аз ду решаи аслан тоҷикӣ сохта шуда, маънои «ҳомӣ, муҳофиз; оне, ки дар муборизаҳо ҳамеша дар сафи пеш аст»-ро медиҳад. Калима бо ҳамин маъно дар эҷодиёти шоир чаҳор маротиба истеъмол гардидааст. Берун аз эҷодиёти Лоиқ вожаи мазкурро дар ҷойи дигар дучор наомадем.

Дар байти поён калимаи «хокхуфта», ки он ҳам дар фарҳангҳо зикр нагардидааст, ба маънои «аз дунё рафта, мурда, шаҳид; ҷавонмарг» ба кор бурда шудааст:

Ин хок мисоли модарон мегиряд,

Дар мотами хокхуфтагон мегиряд,

Чунонки ба назар мерасад, ин вожа низ аз ҷиҳати сохти грамматикӣ мураккаб буда, аз исми «хок» ва сифати феъли «хуфта», ки ҳар ду аз лиҳози маншаъ аслии тоҷикианд, таркиб ёфтааст. Яъне, шоир кӯшиш ба харҷ додааст, ки вожаҳои эҷоднамудааш сирф тоҷикӣ бошанд. Ин амали наҷибонаи шоирро дар сохтани калимаҳои офаридаи ӯ дар байтҳои баъдӣ низ равшан мушоҳида кардан мумкин аст:

З-одамистони ҷаҳони ноқис

Як туро одами комил дидам.

Вожаи «одамистон» маънои «аҳолӣ, халқ, мардум»-ро дорад. Аммо, азбаски матлаби шоир танҳо аҳолии дунё нест ва ӯ бояд ҳатман инсон будани халқро таъкид кунад, калимаи таҳти назарро офаридааст.

Гарчи ман кӯтоҳдастам, кӯтаҳармон нестам,

Гарчи ман кӯтоҳумрам, кӯтаҳимон нестам.

Умуман, шоири шаҳир ва зиндаёд – Лоиқ Шералӣ вожаҳои зиёде худ офаридааст, ки қисмати зиёди онҳо имрӯз дар забони адабӣ мустаъмаланд ва моли забони тоҷикӣ ва ҷамъияти он гаштаанд, аммо қисмати калони онҳо аз доираи эҷодиёти Лоиқ берун нарафтаанд, ки луғати махсуси фардвожаҳоро ташкил дода, ҳамаи хусусияти фардвожаҳоро, ки пештар оварда шуда баданд, доро мебошанд ва минбаъд таҳқиқи ҷиддитар ва густурдатарро мехоҳанд.

МАЪНОИ ЗАБОНӢ ВА НАВЪҲОИ ОН

Дӯстзода Ҳ. – н.и.ф., дотсент, мудири
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Маъношиносии муосир на танҳо системаи маънои калимаҳои забон, балки маъноҳои ҷудогонаи дигар воҳидҳои забон, аз қабили овоз, ибораҳои озоду устувор, ҷумла ва навъҳои гуногуни онро низ таҳқиқ мекунад. Бояд ба инобат гирифт, ки дар ин миён ҳар воҳиди забонӣ вобаста ба фазои маъноие, ки ифода мекунад, мавриди омӯзиш қарор мегирад ва ҳамаи ин амалиётҳо, дар маҷмӯъ, системаи маънои забонро ба вуҷуд меоранд. Системаи маънои ҳар як забон дар заминаи махсусиятҳои хосси овозиву талаффузӣ ва истеъмолии он инкишоф ёфта, баъдан ба ҳар як воҳиди забонӣ мансуб мегардад. Масалан, дар атрофи калима муайян намудани маъноҳои луғавию маҷозӣ ва калимасозию грамматикӣ, дар мавриди ибораву ҷумла бошад, муқаррар сохтани маъноҳои сарфию наҳвӣ имконият медиҳанд, ки нишонаҳои маъноии воҳидҳои мазкур дар ҳудуди сохториву истеъмолии онҳо муайян гардад. Аз ин ҷост, ки маъноҳои алоқаманди ҳар як воҳиди забонӣ дар доираи аломатҳои фарққунандаи онҳо омӯхта мешаванд.

Дар забоншиносии муосир доир ба маънои забонӣ ва навъҳои он ақидаҳои гуногун мавҷуд буда, ҳар як мутахассис ба таври худ онро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Чунончи, масъалаҳои денотат денотатсия, референт, конотатсия, сигнификатсия, десигнат, десигнатсия, консепт, консептуалият ва ба инҳо монанди дигар, ки ба мафҳуми маъно ва маъноҳои лингвистӣ робита доранд, миёни забоншиносон назарияҳои мухталифро ба вуҷуд овардаанд. Мувофиқи ақидаи забоншиноси рус Шмелев Д.Н. (Очерки по семасиологии русского языка. – Москва: Просвещение, 1964. – 244 с.): «Масъалаи табиати маъно дар забон мураккаб боқӣ мемонад. Истилоҳи «маъно» дар забоншиносӣ бисёрсамта мебошад. Аз ин рӯ, дар мавриди муносибати маъно бо мафҳум ва маъно бо ашё миёни муҳаққиқон ягонагии ақида дида намешавад». Ё ин ки забоншинос Асперян Ю.Д. ба таври умумӣ маъноро ҷузъи муҳимми фаъолияти забонии инсон дониста, калимаро ҳамчун ифодакунандаи он дар меҳвари воҳидҳои забон медонад. Яъне, калима, ки маъноро мефаҳмонад, дар созмони ибораву ҷумла вобаста ба дарку фаҳмиш ва қобилияти ҷумласозии шахс, ки дар чаҳорчӯбаи меъёрҳои савтиву луғавӣ ва сарфиву наҳвӣ шакл мегиранд, истифода мешавад [Асперян Ю.Д. Лексическая семантика. Синонимические средства языка. – Москва: Наука, 1974. – 368 с.].

Забоншинос Новиков Л.А. бошад, маънои луғавӣ ва грамматикии калимаҳоро дар шакли қатори амудӣ ва уфуқӣ нишон дода, таъкид мекунад, ки дар маънои луғавӣ

хусусиятҳои маъноии калима аз нуқтаи назари ифодаи шайъии онҳо фаҳмида мешавад. Дар қатори уфуқӣ бошад, хусусиятҳои маъноии калимаҳо бо қолабҳои сохтории онҳо умумият пайдо мекунанд. Ба ин қолабҳо бошад, граммемаҳо, шаклҳои гуногуни морфологӣ, ки ҷузъҳои категорияҳои морфологӣ мебошанд, дохил мешаванд [Новиков Л.А. Семантика русского языка. – Москва: Высшая школа, 1982. – 272 с.].

Вобаста ба ин мушкилот, мо кӯшиш намудаем, ки дар мақолаи мазкур масъаларо аз нигоҳи забоншиносӣ то ҳадде ҳаллу фасл намуда, маънои забониро ба ҳайси як унсури муҳимми ифодаи мафҳум, воқеият ва ашёву ҳодисот дар калима ва дигар воҳидҳои забон баррасӣ намоем.

ТАСНИФОТИ МАЪНОИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Мирзоёров Ф. Н. – н.и.ф., муаллими калони
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Зарбулмасалу мақолҳо як гурӯҳи воҳидҳои рехтаи забон мебошанд, ки маънои махсус ва мавқеи муайяни истеъмол доранд. Зарурати пажӯҳиш ва таснифи маъноии ин воҳидҳои муассири нутқ аз он иборат аст, онҳо дар қолабҳо ва маънҳои гуногун дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ корбаст мешаванд.

Аз пажӯҳишҳои анҷомшуда дар соҳаи паремология маълум аст, ки зарбулмасалу мақолҳо қонуниятҳои забонии худро соҳибанд. Онҳо мисли дигар жанрҳои эҷодиёти шифоҳии халқ забони зиндаи гуфтугӯииро инъикос мекунанд.

Ба сабаби он ки калима унсури муҳаррик ва тағйирёбандаи забон мебошад, дар зарбулмасалу мақолҳо низ бештар тағйироти лексикӣ ба вуҷуд меоянд. Асоси зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикиро забони умумихалқии зиндаи шева ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ ташкил медиҳад.

Маврид ба таъкид аст, ки зарбулмасалу мақолҳои муосири тоҷикӣ дар заминаи ташаккулу рушди забон ба вуҷуд меояд ва инъикосгари тағйироту дигаргуниҳои иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа мебошанд.

Зарбулмасалу мақолҳо ҳамчунин вазифаи муайяни иҷтимоиро ҳам соҳибанд, ки он барои муайян намудани менталитет ва рафтору тарзи ҳаёти ин ё он халқу миллат муҳим мебошад.

Аз таҳқиқ маълум шуд, ки зарбулмасалу мақолҳои муосири тоҷикӣ фарогири маънои хислатҳои неку бади инсонӣ, ҷавонмардӣ, ҷавонию пирӣ, гапу кор, дӯстиву душманӣ ва ғайраҳо мебошанд. Корбурди ин воҳидҳои муассирсози нутқ барои ташаккули нутқи комил вобаста ба вазъу ҳолат хеле муҳим мебошад. Соҳибони забон барои таҳвияти нутқ ва таъсирнок гардидани сухан аз зарбулмасалу мақол фаровон истифода мекунанд. Аз ин рӯ, таснифи маъноӣ кардани зарбулмасалу мақолҳои муосири тоҷикӣ барои боз ҳам амиқтар омӯхтани имкониятҳои маъноии ин воҳидҳои муассирсози нутқу баёни тоҷикӣ муҳим ва зарур мебошад.

ДАРАҶАИ ИФОДАИ ОҲАНГҲОИ ПАСТУ НОҲИНҶОР ДАР КАЛИМАҲОИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Ҳайдаров М. М. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ калимаҳо аз бобати ифодаи дараҷаи оҳангу ҷилоҳои мусбати эҳсосӣ ба гурӯҳҳои поэтизмҳо, лиризмҳо, калима ва маънҳои нарму гӯшнавоз (эвфемизмҳо), калимаҳои муаддаб, калима ва маънҳои нав (неологизмҳо), калима ва маънҳои куҳнашудаву таърихӣ (архаизм ва историзмҳо) ва калимаҳои ифодагари мафҳумҳои нодир (экзотизмҳо) ҷудо карда шудаанд. Калимаҳои ифодагари оҳангу ҷилоҳои манфиро низ ба монанди калимаҳои ифодагари оҳангу ҷилоҳои мусбат ба гурӯҳҳои алоҳида

чудо кардан мумкин аст. Зеро ки ифодаи оҳангҳои пасту ноҳинҷор дар онҳо низ якранг набуда, дараҷа ба дараҷа аз ҳам фарқ мекунанд.

Калимаҳоеро, ки оҳангу ҷилоҳои манфиро як дараҷа сабук ифода кардаанд, забоншиносон «калимаҳои ифодагари бепардагӯйӣ» ном бурдаанд. Албатта, миёни одамон шарму ҳаё, ҳурмату эҳтиром, тарс ва монанди инҳо барин пардаҳо мавҷуд ҳастанд, ки ҳангоми муносибатҳои бисёр наздик ва ё маҳрамона баъзеи онҳо бардошта шуда, дар натиҷа истифодаи калимаҳои ифодагари оҳангу ҷилоҳои манфии як дараҷа сабук ба миён меоянд. Ин қабил калимаҳо оҳангҳои масхара ва пастзаниро хеле сабук ифода мекунанд. Мисол, калимаҳои каллаварам, каллакаду, бефаҳм, аҷина, аҷуза ва ғ.

Ифодаи оҳангу ҷилоҳои то андозае аз калимаҳои ифодагари бепардагӯйӣ вазнинтар дар вожаҳои ифодагари мафҳумҳои даҳалу дурушт ва дашномҳои раво ифода гардидааст. Ин гурӯҳи калимаҳо нисбати дигар вожаҳои ифодагари оҳангу ҷилоҳои манфӣ зиёдтар ба чашм мерасанд. Дар навбати худ ин гурӯҳро боз ба чор қисмати дигар ҷудо кардан мумкин аст:

Калимаҳои ифодагари оҳангҳои даҳалу дурушт: кӯр- «нобино», ӯйнош- «ҷазман», ҷалаб- «сабукпо», туалет- «ҳалоҷо, дастшӯ» ва ғ.

Калимаҳои ифодагари дашномҳои раво: лаънатӣ, модарбахато, даюс, ҳаромхӯр ва ғ.
Калимаҳои ифодагари дашномҳо бо номи махлуқоти ғайриинсонӣ: хар -«одами беодоб», гов- «одами беақл», саг- «одами лаққӣ», мор- «одами ҳилагар» ва ғ. Қайд кардан бамаврид аст, ки ин гурӯҳи калимаҳо дар ташаккули воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ хеле фаъоланд.

Калимаҳои ифодагари дашномҳои нораво. Ин қисмати калимаҳо гурӯҳи махсусро ташкил медиҳанд. Адибон бо мақсадҳои услубӣ онҳоро дар шакли ихтисора истифода мебаранд. Яъне, ҳарфи аввали дашномро оварда боқимондаи онро ба худи хонанда ҳавола мекунанд.

Хулоса, дараҷаи ифодаи оҳангҳои пасту ноҳинҷор дар калимаҳои ифодагари оҳангу ҷилоҳои манфӣ якранг набуда, онҳо аз рӯйи дараҷа аз ҳам фарқ мекунанд. Адиб низ бо мақсадҳои услубӣ аз рӯйи дараҷаи ифодаи оҳангҳо ин қабил вожаҳоро дар асарҳояш мавриди исчтифода қарор медиҳад.

ТАСНИФОТИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСӢ ДАР НОМАҲОИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

Мавлонзода Ш. М. – н.и.ф., дотсенти
кафедараи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Мукотибаи адибон барои омӯхтани зиндагинома, фикрҳои иҷтимоӣ, назари онҳо ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва маҳорати забондонии онҳо манбаи боэътимоданд.

Адабиётшинос Хуршеда Отахонова дар хусуси номаҳои адибон чунин қайд кардааст: «Аз номаҳо доир ба шахсияти нависанда, хислатҳои инсонии ӯ, таърихи эҷоди ин ё он асар, коргоҳи эҷодии адиб ва ҳодисаҳои дигар феълан маълумоте ба даст меояд, ки аз ягон асари бадеӣ, аз ягон мақолаи илмӣ дарёфтан мумкин намешавад».

Дар ҳақиқат, аз номаҳои адибон он маълумотҳоеро ёфтан мумкин аст, ки аз дигар манбаъ ёфтан ғайриимкон аст. Ҳаминро бояд, қайд намоем, ки забони номаҳои адибон ҳам аз осори онҳо фарқ карда меистад. Устод Лоҳутӣ яке аз адибоне мебошад, ки дар рушд ва инкишофи забони адабии муосири тоҷикӣ нақши муассир гузоштааст. Ба андешаи муҳаққиқон, Лоҳутӣ бештар бо устод Айнӣ мукотиба кардааст. Мукотибаи Лоҳутӣ ва устод Айнӣ нишон медиҳад, ки онҳо аввалин хонанада ва мунаққиди осори якдигаранд.

Мавқеъ ва дараҷаи инкишофи таркиби луғавии забон дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо тағйироти муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳаёти иҷтимоию иқтисодии одамон сахт алоқаманд аст.

Аз як забон ба дигар забон ворид шудани калимаҳои ғайр низ талаботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ба шумор меравад. Ба таркиби луғавии забони адабии муосири тоҷикӣ ворид шудани калимаҳои иқтибосӣ сабабҳои муайяни таърихӣ дорад.

Дар ҳақиқат, калимаҳои забони адабии муосири тоҷикӣ аз ҷиҳати баромад, қабатҳои гуногунро ташкил мекунанд. Дар таркиби луғавии забонамон баробари калимаҳои аслии

тоҷикӣ инчунин миқдори зиёди калимаҳои аз забонҳои дигар воридшударо мушоҳида кардан мумкин аст.

Адибон ҷиҳатҳои таърихию сиёсии осорашонро ба назар гирифта, дар навиштаҳои хеш аз калимаҳои иқтибосӣ истифода мебаранд.

Роҳ ва усулҳои иқтибосшавии калимаҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар таҳқиқотҳои забоншиносон муайян карда шудаанд. Бинобар ин мо дар хусуси роҳҳои иқтибосшавии калимаҳо таваққуф накарда, мавқеъ ва истифодаи калимаҳои иқтибосиро дар мукотибаи Абулқосим Лоҳутӣ дида мебароем.

Абулқосим Лоҳутӣ дар номаҳои таҳиякардааш аз калимаҳои иқтибосии зерин истифода кардааст:

Калимаҳои иқтибосии арабӣ: Ду ариза (бо ин 3-то) фиристодам ва як телегроф задам. Ба пиндори ин, ки шояд бо нишони нашриёти Тоҷик ба Шумо нарасад, ин якеро тавассути рафиқ Саидризо Ализода мефиристам. Аз масъалаи талаби банда ва васотати Шумо ҳеҷ хабаре нест. Рафиқи муҳтарам ва устоди муаззам Садриддин Айнӣ!

Калимаҳои иқтибосии лотинӣ:

Ман чунончи навишта будам, дар санатория машғули муолиҷа ҳастам.

Лоҳутӣ калимаи санаторияро дар шакли санатурӣ низ истифода кардааст: Фардо, ки рӯзи ҳафтуми апрел аст, ба санатурӣ меравам, ки як моҳ бимонам. Дар ин ҷо донишманди муҳтарам профессор Бертелсро мулоқот кардам.

Калимаи иқтибосии юнонӣ:

Инак, ман саводи телеграммаеро, ки ба Душанбе фиристодам, хидмати Шумо тақдим мекунам, дасти Шуморо маҳкам ва дӯстона мефишорам ва Шуморо аз таҳти дил табрик менамоям. Ман бо телефон ба ӯ гуфтам, ки ба Шумо мактуб менависам.

Калимаи иқтибосии фаронсавӣ: Мазмуни хат, махсусан обзорҳоро коркунони Кумитаи Марказӣ писандидаанд ва таъриф кардаанд, инро бовар кунед. Соли 1916, ки ӯрдуи подшоҳии рус дар Эрон бар зидди ӯрдуи Туркия меҷангид, ман бо коммунистҳои рус ошно шудам ва онҳо маро бо осор ва мафкураи Маркс ва Ленин ошно карданд.

Хулоса, дар номаҳои устод Лоҳутӣ калимаҳои зиёди иқтибосӣ истифода шудаанд, ки онҳо дар соҳаҳои гуногун ҳамчун истилоҳ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар номаҳои Лоҳутӣ, агар аз ҷиҳати басомад дар мавриди истифодаи калимаҳои иқтибосӣ назар афканем, чун дар осори дигар адибон ҷойи намоёнро калимаҳои иқтибосии арабӣ ишғол менамоянд.

УСУЛҲОИ БОСАМАРИ ТАЪЛИМИ АЛОМАТИ НОХУНАК ҲАНГОМИ ТАДРИСИ НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

Камолова Г. Р. – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Нохунак (« »), ки дар нутқи айнан нақлшуда ва барои нишон додани сохту таркиб ва ҳудуди ҷумлаи иқтибосӣ истифода мешавад, вазифаҳои дигаре низ дорад.

Муаллифони китоби «Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» (Шокиров Т.) истифодаи аломати нохунакро дар се маврид нишон додаанд. Х. Ҳусейнов чор вазифаи аломати нохунакро нишон додааст. Забоншиносони рус Г. И. Блинов, А. В. Дудников, Г. П. Фирсов, С. И. Абакумов, А. Ф. Ломизов ва дигарон дар китобҳои худ дар бораи аломати нохунак баҳс карда, вазифаҳои онро дар чор маврид нишон додаанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми таълими нутқи айнан нақлшуда ба муаллим лозим аст, ки дар бораи вазифаи нохунак сухан ронад ва хонандагон бояд донанд, ки нохунак ҷуз аз вазифаҳои дар боло зикршуда ду вазифаи дигар ҳам дорад:

1. Барои ҷудо кардани калимаю ибораҳое меоянд, ки ба маъноҳои маҷозию киноямез кор фармуда шудаанд. Мисол: Вай маҷлисро «душмани вақт» мешумурду театрро «намоиши лухтакҳои зинда» (А. Деҳотӣ).

2. Номи муассисаҳо, идора ё корхонаҳо, колхозу совхозҳо, китобҳо, маҷаллаю рӯзномаҳо дар нохунак гирифта мешаванд. Мисол: Бинобар ҳамин ҳам таҳсили синфи

дуюми мо бо хондани китоби «Таҳзиб-ус-сибён» оғоз шуд. Машинаи «ёрмандии таъҷилӣ» омада онҳоро бурд (С. Айнӣ).
Таҷриба нишон дод, ки ҳангоми истифодаи нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда талабагон ҳам дар навишт ва ҳам дар нутқи шифоҳӣ хатоҳои зиёди грамматикӣ содир менамоянд. Барои рафъи ин хатоҳо аз ҷониби талабагон омӯзгор дар ҷараёни тадриси ин мавзӯъ аз роҳу усулҳои методӣ, ташкили машқу супоришҳо, таблитсаҳо ва навъҳои гуногуни аёнят истифода кунад. Тадриси ин мавзӯъро дар синфи IX «а» тафриқавӣ ва IX «б» санҷишӣ ташкил намудем.

Омӯзгор дар синфи IX «а» (тафриқавӣ) роҷеъ ба ин мавзӯъ чунин корҳоро бояд ба сомон расонад:

1. Оид ба мавзӯи «Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда» чор ҷумла дар аёнят пешниҳод намояд, ки дар он сухани муаллиф бо ранги сиёҳ ва нутқи айнан нақлшуда бо ранги кабуд навишта шуда бошад. Аломатҳои китобат (нохунак, тире, вергул, аломати савол ва хитоб) бо ранги сурх нишон дода шуда бошад:

А. «Ба Бухоро аз болои Шаҳрисабз гузашта мераванд ё бо роҳи дигар?» – пурсид Восеъ (С. Улуғзода).

Б. «Хез,баро аз қафояш, ҷеғ зан! – фармуд Амин» (С. Улуғзода).

В. «Гап задан нахоҳад, – ба дили худ мегуфт Қушбегӣ, – мақсадаш маълум шуд».

Г. Боз удайчӣ савол дод: – «Ба Қорӣ чӣ амал медиҳед тақсир?» (С. Улуғзода).

2. Баъд аз шиносоӣ ва ҷумлаҳоро дар дафтар навиштани хонандагон аз рӯйи мисолҳо қоидаи нутқи айнан нақлшуда бароранд.

3. Омӯзгор аз китоби дарсӣ бори дигар қоидаи нутқи айнан нақлшударо хотиррасон намояд.

4. Бо супориш ва ёрии омӯзгор хонандагон мисолҳо тартиб дода, баъдан дар тахтаи синф нависанд.

5. Муаллим барои хона супориш медиҳад, ки аз китоби дарсӣ қоидаи мавзӯъро хонанд ва аз ягон асари бадеӣ чор ҷумла нависанд.

Муаллим ҳангоми таълими нутқи айнан нақлшуда, калимаву ҷумлаҳои иқтибосӣ ва муколама бояд чунин корҳоро ба назар гирад ва хонандагон бояд:

1. дар бораи нутқи айнан нақлшуда дониши назариявӣ дошта бошанд;

2. аломатҳои китобатиро дар нутқи айнан нақлшуда, ки пеш ва ё пас аз сухани муаллиф меоянд, дуруст гузошта тавонанд;

3. истифодаи навъҳои аломатҳои китобатро;

4. нутқи айнан нақлшударо аз иқтибосҳо ҷудо карда тавонанд;

5. истифодаи дурусти аломатҳои пунктуатсиониро дар иқтибосҳо фаҳманд;

6. аломатҳои китобатиеро, ки дар муколама (диалог) истифода мешаванд, ҳангоми навишт гузошта тавонанд.

ГУНАНОКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ВА ОФАРИНИШИ ОБРАЗҲОИ ТОЗА

Худоёрова Н. – муаллими калони
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Гунаҳои фразеологӣ дар ифодаи тафаккури рангини нависанда имкониятҳои фаровони забониро фароҳам оварда метавонанд. Гунаҳои мухталифи воҳидҳои фразеологӣ дар забони асарҳои Ӯрун Кӯҳзод бо роҳҳои гуногун ба вуҷуд оварда шудаанд. Нависанда бештар бо усули ивазкунӣ, иловакунӣ ва партофтани унсурҳои лексикиву грамматикии фразеологизми умумиистеъмол гунаҳои фразеологии хосси худро ба вуҷуд овардаст, ки онҳо ба нутқ ва гуфтори ӯ таровати махсус бахшидаанд. Чунончи, дар мисолҳои зайл дар натиҷаи ивази ҷузъҳо гунаҳои воҳидҳои фразеологии димоғи чоқ доштан, сари касеро ҷуфт кардан, дар бадани касе мурғак дамид гунаҳои тозаи худ димоғи хуш доштан, сари касеро дуто кардан ва дар пӯсти касе мурғак дамид-ро ба вуҷуд овардааст, ки хеле рангину муассиранд: Сарпаноҳат бошад, хӯрданию пӯшиданӣ бошад, димоғата хуш дошта кайф карда гард! (Ӯ. Кӯҳзод, Бандии озод, саҳ. 76). Ҳоло гапи дигар, бо чашмат мебинӣ, аз миёнаш дошта

мераксӣ, ба оббозӣ мебарӣ, баъд маъқул ки шуд, саратро дуто кун (Ӯ. Кӯҳзод, Кини Хумор,саҳ. 225). Аз пайи пойи онҳо бадани ҷавони паҳлавон ваҷаррос мезад, дар пӯсташ мурғак медамид, аъзои баданаш мехорид, вале ӯ илоҷе надошт… (Ӯ. Кӯҳзод, Бандии озод, саҳ. 46).

Омили дигари тавлиди гунаҳои воҳидҳои фразеологӣ ин аст, ки ба таркиби воҳиди фразеологӣ калима ё унсури нави грамматикӣ илова мегардад. Аз ин хосияти воҳидҳои фразеологӣ Ӯрун Кӯҳзод хуб истифода карда, дар мавридҳои зиёд бо илова кардани ҷузъҳои тоза таркибу ибораҳо ва ҷумлаҳои рехтаву устувори нав ба навро ба вуҷуд овардааст.

Ҳамин тариқ, гунаҳои воҳидҳои фразеологии забони асарҳои Ӯрун Кӯҳзод дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, ба рангинтару ҷозибтар ифода гаштани хаёли бадеии адиб мусоидат кардаанд.

МАВҚЕИ ЗАДА ДАР КАЛИМАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Аловиддинов Б. Д. – ассистенти
кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Маълум аст, ки фонемаҳо масолеҳи асосии сохтмонии калима ба шумор раванд ҳам, алоқаи муттасилии онҳо наметавонанд бевосита калимаро ба вуҷуд оварад. Барои шаклгирии калима дар баробари алоқаи муттасили овозҳо, иштироки зада ҳам муҳим аст. Маҳз зада дар таркиби калима овозҳоро муттаҳид намуда, дар яке аз садонокҳои таркиби калима мавқеъ гирифта, ин маҷмӯаи муташаккили овозиро ҳамчун воҳиди маънодор ба вуҷуд меорад. Дар забони тоҷикӣ зада дар созмон ва таҳаввули маъноию ҳиссаи нутқии калимаҳо нақши муҳим дошта, ҳамчун воҳиди забарзанҷирӣ ду вазифаи асосиро иҷро менамояд: 1) вазифаи калимасозиро; 2) вазифаи калимафарқуниро.

Дар зери мафҳуми «вазифаи калимасозии зада» дар заминаи фонемаҳо ба вуҷуд овардани калима дар назар дошта мешавад, ки ин дар тамоми забонҳои дунё вазифаи аввалиндараҷаи зада мебошад. Вале вазифаи калимафарққунии он бошад, ба воҳидҳои лексикии аллакай шаклгирифтае, ки ҳам маъно ва ҳам мавқеи зада дар онҳо маълум аст, марбут мебошад. Дар ин маврид калима дар зери таъсири вазифаи якуми зада аллакай шакл гирифта, он ба маънои муайян далолат мекунад ва мавқеи зада дар яке аз садонокҳои ҳиҷоҳои аввал ё охири калима муайян аст. Ҳамин ки дар рафти талаффуз мавқеи зада тағйир дода шуд, ҳам маъно ва ҳам мансубияти ҳиссаинутқии онҳо дигар шуда, аз як гурӯҳи лексикӣ ба гурӯҳи дигар ва аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар мегузарад. Бо роҳи тағйири мавқеи задаи калима дар забони тоҷикӣ калимаҳои зиёдеро аз як хиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар табдил дода, шаклҳои ба ҳам омоними калимаҳоро метавон ба вуҷуд овард:

Зада дар сохтани гурӯҳҳои лексикию морфологии калимаҳои зайл ба мушоҳида мерасад: – аз асосҳои замони гузаштаи феъл исм месозад: да’ромад –дарома’д, ба’ромад –барома’д; – гурӯҳҳои лексикию морфологии калимаҳоро, ки новобаста аз якдигар вуҷуд доранд, фарқ мекунонад: са’нҷид –санҷи’д, са’рой –саро’й; – шаклҳои бавоситаи феъліро аз сифатҳо фарқ мекунонад: ха’ндон –хандо’н, та’рсон –тарсо’н, сӯ’зон сӯзо’н; – шаклҳои феъліро аз шаклҳои дигари грамматикии исмҳо ва шаклҳои замони ҳозираи феъли ҳол фарқ мекунонад: ко’р кунон –коркуно’н, ко’р фармо –корфармо’; – шаклҳои феъліро аз шаклҳои замони ҳозираи феъли ҳол фарқ мекунонад: ро’ҳ равон –роҳраво’н, суҳба’т кунон –суҳбаткуно’н, маслиҳа’т кунон –маслиҳаткуно’н.

ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ДУТАРКИБА ВА ХОСИЯТҲОИ ФОНАТСИОНИИ ОНҲО

Ҳасанов М. М. – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Ҷумлаҳои фразеологии дутаркиба аз хелҳои сермаҳсули ҷумлаҳои сода дар забони адабии тоҷикӣ дониста мешаванд. Яке аз хусусиятҳои савтии чунин ҷумлаҳо маҳз дар

такрорёбии овозҳои садоноку ҳамсадо дар байни мубтадову хабар ва аъзоҳои пайрави он мебошад. Аз ин рӯ, ин навъи ҷумлаҳои фразеологӣ аз лиҳози хусусиятҳои савтӣ хеле инкишофёфта мебошад. Масалан, дар ҷумлаи «дарди касе ба ҷон (аст)», пеш аз ҳама, ҳамвазнии ҷузъҳо хуб ошкор мегардад. Дар баробари ин, дар ҷузъҳои мустақили ҷумла дард ва ҷон иштирок доштани овозҳои ҷарангдор, зич ва пешизабонии д ва ҷ ва шавшувдор (ё сонори)-и р ва н мушоҳида намудан мумкин аст. Тамоми хосиятҳои фонатсионии ҷумлаҳои фразеологии дутаркиба дар заминаи ҳодисаи аллитератсия падид меоянд.

Ҳодисаи аллитератсия бошад, худ ҳодисаи махсуси фонетикӣ мебошад. Дар забоншиносии муосир ҳодисаи аллитератсия аз масъалаҳои тадқиқшудаи савтиёт маҳсуб мешавад. Ин ҳодисаро дар илми адабиётшиносӣ, махсусан, шеършиносӣ бо нағмаи хуруф ва занги хуруф низ ном бурдаанд, ки он дар забоншиносии муосири тоҷик бо истилоҳи аллитератсия корбурд мегардад. Аз рӯйи иштироки садонокҳо онҳоро ба ассонанс ва ҳамсадоҳо ба консонанс ва таркибҳои овозии ҳамгуни садоноку ҳамсадоҳо дар як ҷо ба аллитератсия омехта, якҷоя омадани ҳамсадоҳои якхела ва садонокҳои гуногун дар ҷузъҳои ҷумлаҳои фразеологӣ ба аллитератсияи ноқис гурӯҳбандӣ карда мешавад. Чунончи, дар фразеологизми «Худо пешонаашро кушояд», таркибҳои овозии уд, еш, уш ва гапи касе гурехт такроршавии овози г метавонад далели гуфтаҳои боло бошанд: Ҳама гапҳояшро гуфтам, Худо пешонаашро кушояд (Сорбон, Ҳикояҳо, 49). Модар гӯё бо ӯ гапаш гурехта бошад, ба пеш нигоҳ карда хомӯш менишаст (Ф. Муҳаммадиев, Ҳикояҳо, 335).

Ҳамин тариқ, чунин хусусиятҳои фонатсионӣ ба такрорёбии овозҳои ҳамгуни садоноку ҳамсадоҳо дар мавқеъҳои гуногуни ҷумлаҳои фразеологии дутаркиба сабаб гардида, дар натиҷа ба ҳамвазнию ҳамқофиягӣ ва ҳамоҳангии ҷузъҳои онҳо бетаъсир намондааст.

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКИИ ОРОНИМҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ

Шарипова Ш. Ш. – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Дар низоми оронимҳои забони тоҷикӣ дар баробари калимаҳои аслӣ ва қадимаи тоҷикӣ як гурӯҳ оронимҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки қисман ё пурра заминаи иқтибосӣ дошта, мансубияти арабӣ доранд ё аз дигар забонҳои сомӣ тавассути забони арабӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд. Аксаран, онҳо калимаҳои ифодагари номи одамон буда, бо мурури замон ба туфайли номи одамон ба гурӯҳи калимаҳои ифодагари мавзеъҳои оронимӣ гузаштаанд. Гурӯҳи дигари онҳо ҳамчун калимаҳои мустаъмали забон дар забони зиндаи халқ машҳур гашта, номгузорӣ бо ин гурӯҳ калимаҳо ба ҳукми анъана даромад. Ё қисми дигари онҳо бо роҳи калимасозӣ дар сохтани номи мавзеъҳои оронимӣ дар забони тоҷикӣ иштирок намуда, аз мавҷудият дар ин бахши умдаи калимаҳои забони тоҷикӣ дарак додаанд. Ба ин гурӯҳи вожаҳо оронимҳои зеринро дохил намудан мумкин аст: Ҷиндара, Бақодара, Мавлонҷар, Кӯҳи Хӯҷа Исҳоқ, Кӯҳи Хӯҷа Муъмин, Тали Оби Мазор, Кӯҳи Қоф, Дараи Рачабфақир, Дараи Ҳакимӣ, Ҳасандара ва ғайра.

Оронимҳои арабиро вобаста ба таркиби сарфиашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

а) оронимҳо танҳо бо калимаҳои арабӣ:

Ба ин гурӯҳ оронимҳоеро дохил намудан мумкин аст, ки танҳо аз калимаҳои арабӣ иборатанд: дараи Рачабфақир, кӯҳи Қоф, дараи Ҳакимӣ.

б) оронимҳои омехтаи тоҷикӣ-арабӣ, арабӣ-тоҷикӣ:

Ба гурӯҳи оронимҳои омехтаи тоҷикӣ-арабӣ ва арабӣ-тоҷикӣ вожаҳои зерин дохил мешаванд: Мавлонҷар, Хӯҷа Исҳоқ, Хӯҷа Муъмин, Оби Мазор, Сари Мазор, Ҳазрати Шоҳи Акоша, Тали Ғозиён, Ҳасандара, Хайробод, Мирзоравот, Ҳалқачар.

Хулоса, аз мисолҳои ҷамъоварда маълум гашт, ки дар забонамон оронимҳо (қӯҳвожаҳо) бо калимаҳои арабӣ низ саҳм дошта, байни ин номвожаҳо бештар калимаҳои арабию тоҷикӣ ё тоҷикию арабӣ истифода шудаанд.

ГУНАНОКӢ ДАР КАЛИМАҲОИ РУСИВУ АВРУПОИИ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ИҚТИБОСГАРДИДА (аз рӯйи маводи сарчашмаҳои солҳои 20 ва 30-юми садаи XX)

Холова М. – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Дар баробари калимаҳои фонди асосии забони тоҷикӣ калимаҳои зиёди иқтибосии русиву аврупоӣ ҳанӯз дар солҳои аввали воридшавиашон дар заминаи тағйиротҳои савтӣ ва талаффузи мардумӣ гунанокӣ пайдо намудаанд. Чунончи, афтумубил, утумубил, ӯтумӯбил, ӯтӯмӯбил (автомобил), губирнотур, губернот, губурнат, губурнотур, ғубарнотур (губернатор); октобр, октабр, октёбр, уктобир, уктубр (октябр).

Сабабҳои гунанокшавии калимаҳои русиву аврупоӣ дар забони тоҷикӣ гуногунанд. Аз ҷумла, чунин калимаҳо ҳамчун ифодакунандаи мафҳумҳои нави дар ҷомеа пайдошуда, миёни мардум роҳ меёфтанд. Ва мардум тавре ки онро аз якдигар мешуниданд, талаффуз мекарданд. Дар чунин раванд тафовути хатҳо низ саҳм гузошта буд, зеро хатти арабиасоси форсӣ, ки дар он на ҳамаи садонокҳо навишта мешаванд, имконият медод, ки калимаҳои иқтибосӣ аз асолати хеш дур рафта, мувофиқ ба талаффузи маҳаллӣ навишта шаванд: Амрико, Амриқо, Амрик, Амрика, Амриқ, Омрика (Америка); англис, инглиз, инглис (англичанин); Фаронса, Фаранса, Фаронсия, Фарансия, Фаронсуз (Франсия).

Гунаҳои калимаҳои русиву аврупоӣ асосан савтианд. Дар онҳо тағйирёбии овозҳо, аз ҷумла, саднокҳо аксар вақт дар як ҳиҷо зиёдтар ба мушоҳида мерасанд: аируплон, аероплон, айруплон, айроплон аэроплан, аэруплон (аэроплан); материол, мотириёл, матириёл (материал).

Мутаассифона, бархе аз калимаҳои иқтибосии русиву аврупоии таркиби луғавии забони тоҷикӣ новобаста аз гунаҳои шинаму нусхаи тоҷикӣ доштанашон ҳанӯз дар қолаби аслӣ ба кор бурда мешаванд. Таҳқиқ шудани ин масъала ва ҷудо намудани гунаҳои ба забони тоҷикӣ мувофиқ шояд дар кори мутобигардонии чунин унсурҳо кумак расонанд.

РОҲҲОИ ТАВЗЕҲИ МАЪНО ДАР «ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ» (2008)

Иматшоева С. – унвонҷӯи кафедараи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (2008) дар асоси дастовардҳои навини фарҳангнигории ҷаҳон таҳия шудааст.

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ аз пешгуфтор (ба хатти форсӣ ва кириллӣ), мундарича ва сохти фарҳанг, номгӯйи ихтисораҳо, қисмати асосӣ–тафсири вожаҳо ва мифтоҳи арабӣ иборат аст.

Ҷилди якум аз 950 ва ҷилди дуюм аз 945 саҳифа иборат буда, 80000 калимаро дар бар мегирад.

Вожаҳои фарҳанг мувофиқи тартиби алифбои муосири тоҷикӣ оварда шудаанд. Ҳарфҳои баъдӣ ҳам бо тартиби алифбо оварда шудаанд.

Шакли ҷамъи калимаҳо дода шуда, баъд шакли танҳои онҳо хотиррасон карда мешаванд:

ХАВОНИН а.وخانين ҷ.хон I [ФТЗТ, ҷ.2, с. 417].

Инчунин, шаклҳои ҷамъи дугонаи арабӣ низ ҷо дода шудаанд:

КАВНАЙН а. نينوک 1. кит., шакли дугонаи кавн. 2. д.ду ҷаҳон, ду олам, ду дунё; ин дунё ва он дунё (охират) 576.

ЛАВЗАТАЙН а. ولزتين 1. ҷ. дугонаи лавз. 2. ду бодомаки гулӯ [ФТЗТ, ҷ.1, с. 706].

Баъди сарвожа шарҳи грамматикии он оварда шудааст. Ишораи ҷинс, яъне ҷинси занона будани он таъкид мешавад:

ҚАБЕҲА а. هحيبة муаннаси қабеҳ [ФТЗТ, ҷ.1, с.649].

Баъди он маънои услубии он дода шудааст:

НАДАМ а.دنم кит. пушаймонӣ, надомат, афсӯс [ФТЗТ, ҷ.1, с.883].

Маъноҳои гуногуни калима бо рақамҳои арабӣ ҷудо карда шуда, баъди рақам нуқта гузошта шудааст:

УЛВӢ ولعي кит. 1. боло, баланд; болоӣ, фавқонӣ. 2. он чи дар осмон аст, осмонӣ; муқоб.сифлӣ; олами улвӣ олами боло [ФТЗТ, ҷ.2, с.366].

Феълҳо асосан дар шакли масдар оварда шудаанд:

ТАЛАБИДАН 1ن دبيلط. пурсидан, хостан (чизеро). 2. талаб кардан; орзу намудан. 3.даъват кардан, ҷеғ задан. 4. хоҳиш кардан. 5.ҷустуҷӯ кардан, кофтан [ФТЗТ, ҷ.2, с.300].

Ибораву ифодаҳои фразеологии зиёде низ шарҳ дода шудаанд.

Калимаҳои сохта ва калимаҳои мураккаб дар фарҳанг хеле фаровон истифода шудаанд.

Дар фарҳанг қайду ишораҳое дохил шудаанд, ки ба шакли калима дахл доранд (арабишуда, кӯтоҳшуда ва ғ.) ё ба ягон соҳаи дониш мансуб будан ва ба маънои истилоҳии он ишора мекунанд (грамматика, адабиётшиносӣ, тиб, забоншиносӣ, нуҷум, ҳуқуқ ва ғ.):

ТАОМУЛа. لماعة расм, қоида, одат [ФТЗТ, ҷ.2, с.310].

ТАЛМЕҲ а. تحيمط... 2. адш. ишора кардани шоир дар шеъри худ ба қисса ё масали маъруфе [ФТЗТ, ҷ.2, с.300].

Маънои маҷозии калима баъди маънои аслии он шарҳ дода шуда, бо аломати ихтисории маҷ. (маҷозан) ишора гардидааст:

НАВРӮИДА ونورديئه ниг. навруста [ФТЗТ, ҷ.1, с.881].

Агар калима гунаи зидмаънои худро дошта бошад, он дар охири шарҳ бо ҳарфи хурди ғафс ва бо ишораи муқоб. (муқобили) зикр гардидааст:

ҶУЗЪ а. ء1 زج. пораи чизе, ҳисса, қисм; муқоб.кул(л). 2. ниг. ҷузв [ФТЗТ, ҷ.2, с.607].

РОБИТАИ МАЪНОИВУ СУВАРИИ ИШТИҚОҚУ МУШТАҚОТ

Кабиров Ш. – д.и.ф., профессори кафедраи забони
тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Дар мақола назару андешаҳои мутафаккирону фарҳангнависони пешин оид ба иштиқоқу муштақот мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки эшон ин навъи калимасозиро хосси вожаҳои арабӣ ба қалам дода ва бо шикастани решаи калимаҳои арабӣ ҳосилшавии муштақотро аз иштиқоқ (реша ё моддаи калима), ки хосси забонҳои флективӣ мебошад, қайд намудаанд. Як зумра муҳаққиқони муосир бошад, ташаккули муштақотро дар доираи вожаҳои тоҷикӣ тавассути вандҳо ва калимаҳои мураккаб низ манзур намудаанд, ки ихтилофи андешаҳо ба назар мерасад.

Сониян, бо далелҳо дар мисоли ду вожаи арабӣ: катаба ва ҳакама ташаккули муштақоти ҳарду вожа ва робитаи маънӣ ва суварии иштиқоқу муштақоти ҳар яки онҳо муайян карда шудааст.

Тавре зикр шуд, иштиқоқу муштақот хосси вожаҳои иқтибосии арабӣ буда, тавассути шикастани решаи калимаҳо, ки аз ҳамсадоҳо ташаккул меёбанд, сурат гирифта, ин навъи калимасозӣ ба забонҳои дорои сохтори флективӣ, аз ҷумла арабӣ хос мебошад. Чунончи, аз феъли КаТаБа вожаҳои: КиТоБ, маКТаБ, маКоТиБ, маКТуб, КоТиБ(а), муКоТиБа, КиТоБат, КаТБӣ ва ё аз решаи ҲаКаМа вожаҳои: ҲуКМ, маҲКуМ, маҲКаМа, ҲоКиМ, ҲиКМат, ҲиКаМ, ҲоКиМ, ҲуКуМат, ҲоКиМият, ҲуККом, МаҲКам, таҲКиМ, истеҲКоМваг. муштақ, яъне ҳосил шудаанд.

Чуноне ки аз намунаҳои фавқ бармеояд, иштиқоқу муштақот ҳам аз лиҳози маънӣ ва ҳам аз лиҳози суварӣ иртибот доранд. Яъне, вожаҳои муштақшуда маъноҳоеро ифода мекунанд, ки бунёди ҳамаашон ба решаи ягона тааллуқ дошта, ё худ аз як реша маншаъ гирифтаанд. Лекин лозим ба зикр аст, ки наздикӣ ва иртиботи маънои муштақот ва қаробату ҳаммаънои муродифот дар як сатҳ қарор надоранд. Дар чаҳорчӯбаи робитаи парадигматикӣ (интихобӣ, амудӣ) барои муродифот дар занҷираи гуфтор робитаи

синтагматикӣ (ҷонишинӣ, уфуқӣ) қоидаи « ё ин, ё он», «или-или» ҷорӣ буда, лекин муштақот бо ифодаи маъно дар занҷираи гуфтор наметавонанд, ки ҷойи якдигарро иваз намоянд. Аммо аз лиҳози иртиботи шаклӣ (суварӣ) бошад, дар тамоми вожаҳои мисоли аввал ҳамсадоҳои к, т, б ва дар вожаҳои мисоли дуюм ҳамсадоҳои ҳ, к, м, ки решаро ташкил додаанд, чун сутуни (склети) вожаҳои мавриди назар ҳатмӣ буда, аз ҳам шаклии онҳо далолат мекунанд, ки ин гунаро робитаи суварӣ дар муродифот ба назар намерасад.

Ҳамин тариқ, дар муродифот иртиботи суварӣ ба назар нарасида, танҳо ба асоси иртиботи маънои силсилаи муродифиро ташкил намуда, муродифот дорои сарсилсила мебошанд. Аммо дар муштақот ҳам робитаи маъноӣ ва ҳам робитаи суварӣ ба мушоҳида расад ҳам, лекин силсилаи маъноӣ ва сарсилсила надоранд ва аз як калимаи решагӣ, аслӣ (иштиқоқ) маншаъ гирифта, ба асоси қолабҳои (вазнҳои) гуногуни калимасозии арабӣ вожаҳои нав сохта мешаванд ва метавон гуфт, ки ин усул ё амалия назарияи шаҷарараро мемонад.

ВОЖАИ ҲАРФ ВА ТАВСИФҲОИ ОН ДАР ЗАБОН

Анварӣ С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Вожаи ҳарф бо мурури замон ва ба касрати истеъмол аз доираи маҳдуди мафҳуми фонетикии худ-нишона ё аломати шартии овоз баромада, нахуст чун муродифи калимаҳои забон, сухан, калом ба кор рафтааст. Вобаста ба таҳаввули рушди забони форсӣ-тоҷикӣ ин вожаи арабӣ низ маъниашро густардатар кардааст. Баъдан дар радифи вожаҳои пуркорбурди забон ҷой гирифта, ба маънии мазкур дар таркибҳои муродиф (ҳарфу савту гуфтор, ҳарфу дам – Ҷалолуддини Балхӣ) омадааст. Дар манобеи илмӣ ба сифати истилоҳоти таъриху забоншиносиву адабиётшиносӣ (ҳарфи абҷад, ҳарфи сифат, ҳарфи адад, ҳарфи нисбат, ҳарфи изода, ҳарфи ҷамъ, ҳарфи робита, ҳарфи ташбеҳ, ҳарфи мутаҷоннис ва ғайра) муаррифӣ дорад. Аммо ин мавқеъ мехоҳем, дар мавриди тавсифҳои калимаи ҳарф дар осори манзуму мансури форсӣ-тоҷикӣ сухан биронем.

Пажӯҳиши осори хаттии пешин ва муосир тақрибан 120 далелро бо вожаи ҳарф ва сифатҳои ҳарф ва сифатҳои он, монанди ҳарфи баланд, сард, хушк, хубу зишт, ҳақ, саҳл, ғайбӣ, мағздор, подарҳаво, наҳангосо, барҷо, насанҷида ва ғайра рӯйи даст овард, ки онҳо аз ҷиҳати пайдоиш ва сохтор мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ЯК ВОЖА

Каримов Н. С. – н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Дар забони тоҷикӣ баъзе вожаҳое ҳастанд, ки таърихи пайдоишашон номаълум боқӣ мемонад. Масалан, вожаи арабии аниқ ба маънои 1. рост, дуруст, муайян: далелу рақамҳои аниқ. 2. фаҳмо, равшан: равшан ва аниқ нишон додан; аниқ кардан ва ғайра (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2008. –С.74) дар забонамон мавҷуд аст, вале чӣ гуна ва аз кадом вақт бо ин маънӣ корбаст мешавад, норавшан аст. Дар ҳоле ки вожаи аниқ дар тамоми фарҳангҳои гузашта, аз ҷумла: «Ғиёс–ул–луғот», «Чароғи ҳидоят», «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) ва фарҳангҳои форсии «Муъин», «Амид», «Деҳхудо» ва ғайра маънои дар боло зикргардидаро надошта, балки ба маънои зебо, хушрӯй, қашанг, аҷиб (Фарҳанги забони тоҷикӣ. –Душанбе, 1969. –С.77.); зебо ва писандида, хушоянд, хуб ва аҷиб, шигифтовар (Фарҳанги форсии Амид. –Теҳрон, –1384ҳ.к) корбаст гардидааст.

Ба гумони ғолиб, вожаи аниқ ҳангоми тарҷума шудани калимаи русии точн||ый,-ая,-ое (-на, -но) 1. аниқ, саҳеҳ, дуруст, дақиқ; ~ые весы тарозуи дақиқ;~ое время вақти аниқ; 2.аниқ, дуруст; ~ый перевод тарҷумаи дуруст; ~ая стрельба тирандозии бехато (аниқ); 3. аниқ, муайян; ~ый учёт ҳисобу китоби аниқ; ~ый адрес адреси аниқ 4. дақиқ, боинтизом,

ботартиб; ~ый человек одами дақиқ; ~ые науки фанҳои дақиқ (Луғати русӣ-тоҷикӣ. –Москва: «Русский язык», 1985. –С.1110) ва аз тоҷикӣ ба русӣ тарҷума шудани вожаи аниқ 1. точный, чёткий, ясный; 2. точно; чётко; ясно; баёноти~ясное изложение;~ кардан уточнить, уяснить;~ тасаввур кардан чётко представлять;~ фаҳмидан точно узнать (Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. – Душанбе: «Дониш», 2004. –С.37) ба забони адабии китобӣ ворид гардидааст. Шояд дар гузашта низ ин калима корбаст мегардидааст, аммо нафарони закитабъ онро ба маъное, ки ҳоло фаҳмида мешавад, дар фарҳангҳо, аз ҷумла «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (–Душанбе, 1969) зикр накардаанд.

Ба ақидаи инҷониб, вожаи аниқ дар забонамон ба ҷойи вожаи арабии амиқ ба маънои: чуқур, жарф (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2008. –С.59) ба ҳодисаи монандшавии овозҳо гирифтор шуда, минбаъд умумиистеъмол гардидааст. Вожаи аниқ танҳо дар луғатҳои аз русӣ ба тоҷикӣ ва аз тоҷикӣ ба русӣ тарҷумашудаи солҳои гуногун ба маънои рост, дуруст, муайян зикр гардидааст.

ТАҲЛИЛИ МАЪНОИИ БАЪЗЕ АЗ ИСТИЛОҲОТ ДАР «ЗАХИРАИ ХОРАЗМШОҲӢ»

Тураҳасанов К. Ш. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Масоили ҳифзу ҳимояву нигоҳдории забони расмии давлатӣ дар замони истиқлолият дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва дигар қонунҳое, ки дар робита ба ин масъала дар кишварамон қабул шудаанд, мавқеи хоссаро ишғол менамояд. Бинобар ин, масъалаи риояи меъёрҳои забони адабӣ ва ҳамзамон забони илм ва поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ яке аз масъалаҳои хеле муҳим маҳсуб меёбад. Ҳангоми истифодаи забони давлатӣ бояд қонуну қавоид ба таври ҳатмӣ риоя карда шавад. Дар ин бора олимону донишмандони тоҷик фикру андешаҳои хешро ба таври муфассал баён намудаанд.

Таъкид бояд намуд, ки забони тоҷикӣ дар миёни забонҳои сершумори олам яке аз забонҳои пурғановат ба шумор меравад. Миқдори зиёди истилоҳоти тахассусӣ ва мавридҳои бешумори истифодаи онҳо дар он зоҳир меёбад, ки истилоҳоти бостонии мо барои баёни бештари мафҳум ва маъниҳои мухталифи илмӣ ба қадри кофӣ имкон ва қудрату тавоноии беназире дорад. Ин гуна истилоҳоти илмӣ дар нахустосори тиббии тоҷикон ҷойи намоёнеро касб намудаанд.

Яке аз ин гуна сарчашмаҳои боэътимоде, ки дар ҳифз ва нигоҳдории истилоҳоти тиббии тоҷикӣ нақши босазо дошта, ҳамчун беҳтарин ганҷинаи илму адаби бостон дар илми тиб маҳсуб мешавад, «Захираи Хоразмшоҳӣ» ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки «Захираи Хоразмшоҳӣ» маҷмӯае аз дониши тиббии донишмандоне, чун Абӯалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Ҷолинус ва дигар табибони маъруфи ҳамон замон бо ҳамроҳии фикру андешаҳои ҷолиб ва пешрафтаи муаллифи донишманд ва пажӯҳишгари нуктасанҷаш Саид Исмоили Ҷурҷонӣ мебошад.

«Захираи Хоразмшоҳӣ» ҳамчун асари гаронмоя бо сабабҳои мухталиф мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, мо саъй намудем, ки баъзе аз истилоҳоти тиббиро дар «Захираи Хоразмшоҳӣ», ки дар кору фаъолияти тиббии тоҷикон мавриди истифода қарор доранд, баррасӣ намоем.

ИШҚ ВА ЭҲСОСУ АВОТИФИ ОШИҚОНА ДАР ШЕЪРИ ҚАТРОНИ ТАБРЕЗӢ

Бобобеков А. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Мавзӯи ишқ ва эҳсосу авотифи ошиқона дар қасоиди Қатрон мавқеи муҳим дорад, ки дар қисмати тағаззулот баён гардидааст. Дар тағаззулоти ӯ асосан ишқи табиӣ ва маъшуқаи воқеӣ, хушгузарониву лаззатҳои моддӣ тасвир шудаанд. Қаҳрамони лирикии шоир, ки аслан

худи ӯст, комрону шодком ва аз васл бархӯдор аст, маъшуқаи ӯ дастрас ва дар бисёр ҳолатҳо дар фармони ӯст.
Баъзан дар тағаззулот Қатрон сухан аз ҳичрон, азоби чудоӣ, номеҳрубонии маъшуқа мегӯяд ва аз дарду ғуссаи фироқу сахтии ҳоли худ лаб ба шиква мекушояд:

Гаҳи баҳор ҳама халқ чуфти ёр бувад,
Маро зи ёр чудоӣ гаҳи баҳор бувад.
Кунун ки халқ ҳама дар анор дорад ёр,
Ба чойи ёр маро ашк дар канор бувад.

Дар осори Қатрон тағаззулоте ҳам ба чашм мерасанд, ки ба он оҳанги мусиқӣ даровардан мумкин аст. Аз чумла, чунин равонӣ ва хушоҳангиро дар тағаззуле, ки ба абёти зайл оғоз меёбад:

Эй рӯи ту аз чашмаи хуршеди само беҳ,
Дар рӯйи замин ёр наёбӣ, ту зи мо беҳ
Эй сарви сиҳӣ қадди ту аз сарви равон беҳ,
В-эй моҳи замин рӯйи ту аз моҳи само беҳ

Метавон гуфт, ки Қатрон мавзӯи мазкурро аз лиҳози мундарича, ҳунари шоирӣ ва мазмунофарӣ ривоч дода, нақши муассир аз худ боқӣ гузоштааст.

МАЪНОҲОИ НАВИ КАЛИМАҲОИ АРАБӢ ДАР ДОХИЛИ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АСАРҲОИ АДИБОНИ ТОҶИК

Муслимов М. У. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик ДМТ

Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ дар мавридҳои зиёд хусусияти сермаъноии худро нигоҳ доштаанд. Калимаҳои арабӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ на фақат сермаъноии худро нигоҳ доштаанд, балки доираи маъноҳои худро васеъ низ намуда, ба маъноҳои нав истеъмол гардидаанд. Масалан, калимаи арабии рамақ маънои «тобу тавони охирин, нафаси охирини инсон»-ро дорад. Дар дохили воҳиди фразеологии рамақе аз чон он маънои «каме, андаке»-ро ифода мекунад. Калимаи арабии адаб маънои «хулқи нек ва писандида»-ро дорад. Дар таркиби воҳидҳои фразеологии бо ду дасти адаб, он тобиши маъноии «камоли майл»-ро ифода мекунад: Калимаи арабии нуқта дар забони имрӯзаи тоҷик бо маъноҳои «марказ, мавқеи буриши ду хатти рост, аломати китобатии охири чумла» дар истеъмол аст. Воҳиди фразеологии ба чизе нуқта гузоштан, ки дар он ин калима истифода шудааст, ба маънои яклухти «коре, чизеро ба анчом расондан» истеъмол мешавад:

Инчунин, калимаҳои арабӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ бо маъноҳои тамоман нав мавриди истифода қарор мегиранд. Масалан, калимаи арабии салавот маънои чамъи калимаи салот-ро ифода мекунад, ки он маънои «дуои намоз»-ро дорад. Дар таркиби воҳиди фразеологии ба гузашта салавот ин калима ба ташаккули маънои умумии он- «гузашт кардан, фаромӯш кардан» ҳисса гузошта, сифатан ба маънои нав соҳиб шудааст.

Ҳамин тариқ, бештарини калимаҳои арабии таркиби воҳидҳои фразеологии забонамон калимаҳои мустақилмаъно мебошанд. Як гурӯҳ аз ин қабил калимаҳо робитаи маъноиро аз асли худ наканда бошанд ҳам, дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ба тағйироти маъноӣ дучор шудаанд.

ТАРАННУМИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ДАР ШЕЪРИ ИМРӮЗИ ТОҶИК

Ҳафиззода Д. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Дар шеъри поёни садаи бистуми тоҷик вожаи сулҳу ваҳдат ҳамчун вожагони серистеъмол фаровон корбурд шудаанд. Шеъри ин давра рӯйдоди нобасомони даврро дар худ инъикос намуда, расидан ба сулҳу ваҳдатро чун як паёми хуш бо шодмонӣ ва самимияту хушҳолӣ тараннум менамояд. Ин матлабро дар шеъри Лоиқ, Бозор, Гулрухсор, Ашӯр Сафар,

Меҳмон Бахтӣ, Гулназар, Камол Насрулло бо тасвири ҷаззобу дилчасп ва оҳангу навиди ватандӯстонаву ватанпарварона, чун як паёме аз худшиносӣ ваҳадафҳои миллӣ метавон бархонд. Қобилиқайди хосса аст, ки корбурди вожаҳои сулҳу ваҳдат яъсу ноумедӣ ва изтиробу ҳаяҷон нохуши ҳамагонро бартараф намуда, дар зеҳни хонанда расидан ба як рӯзи саидро бедор намуд. Ин аст, ки чун таронаи меҳр ҳамнавои қалби ҳамагон гашта, бо самимияту садоқат тарбиятгар ва роҳнамои қавмҳо дар қарнҳо хоҳад буд.

ЛИРИКАИ ИҶТИМОИИ А. МУРОДӢ

Ҳасанов И. – ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Лирикаи иҷтимоӣ яке аз мавзӯъҳои асосии адабиёти ҳазорсолаамон ба ҳисоб рафта, имрӯз низ дар адабиёти муосирамон ҷойгоҳи ба худ хосро доро мебошад. А. Муродӣ дар ҳамон жанрҳои суннатӣ (ғазал, рӯбоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, достон) ва муосирамон (шеъри озод, чаҳорпора, хусравонӣ) ба ин мавзӯъ дахл кардааст. Махусан дар жанри ғазал мо ин мавзӯъро бештар мушоҳида менамоем. Агарчи ғазалҳои шоир дар қолаби классикӣ эҷод гардида бошанд ҳам, дар онҳо навъпардозиҳои зиёд ба чашм мерасанд. Барои исботи гуфтаҳои боло ғазали «Шаббодаи ҳузн»-и шоирро дида мебароем:

Шаббодаи шӯх ин саҳар маҳзули маҳзун меравад,
Нокарда гулҳоро назар аз боғ берун меравад.
Шохи ниҳолон хам зада чун пири қоматхамзада,
Аз барги гул ғам мечакад, аз чашми гул хун меравад.

Дар ғазали мазкур калимаи «меравад» радиф буда, калимаҳои маҳзун, бурун, хун ҳамқофия шудаанд.

Дар ин ғазал шоир тавонистааст, ки ҳамагӣ дар ҳаҷми панҷ байт матлабро хеле баланд ироа кунад. Дар ғазал ҳусни матлаъ ва ҳусни мақтаъ хеле хуб риоя шудаанд.

ВОЖАҲОИ МУРАККАБИ ОМЕХТА ДАР ДОСТОНИ «СИЁВУШ»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Акбарова Д. Н. – муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Вожасозӣ воситаи асосии ғановати забон буда, роҳу усулҳои гуногуни он имрӯз муайян гардидаанд. Вожасозии сарфӣ аз усулҳои сермаҳсули калимасозист, ки бо вандҳо сохта шудани вожаҳо ва вожаҳои мураккабро дар бар мегирад. Вожаҳои мураккаб барои рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ аҳамияти бағоят муҳим дошта, барои кӯтоҳу муъҷаз ифода кардани фикр мусоидат менамоянд. Онҳо на танҳо ибораҳо, балки ҷумлаҳоро низ метавонанд иваз намоянд.

Ба андешаи забоншинос Д. Саймиддинов, «…қолабҳо ва равиши мураккаби вожасозӣ дар форсии бостон яке аз равишҳои маъмулӣ ва мутароиҷ» будааст, ки ин раванд дар забони форсии Эрон [Пейсиков, 1973; Амонова, 1982; Рубинчик, 1983] ва забони адабии ҳозираи тоҷик низ [Ниёзӣ, 1956; Муҳаммадиев, 1966; Рустамов, 1981; ГЗАҲТ, 1985; Байзоев, 2010, Амлоев, 2016] идома меёбад.

Профессор Н. М. Шанский дар асараш «Очеркҳо доир ба калимасозии забони русӣ» ҳангоми таҳлилу таҳқиқи вожаҳои мураккаб таъкид менамояд, ки «як навъи калимаҳои мураккабро, ки дар заминаи баҳамоии асосҳо ва пасванд сохта мешаванд, бояд фарқ кард». Таркибу табиати ин вожаҳоро омӯхта, Н.М. Шанский онҳоро вожаҳои «сложносуфиксальный» (мураккаби пасванддор) ва шарқшиноси машҳур Пейсиков Л.С. «сложнопроизводные» (мураккаби сохта) ном бурданд.

Забоншинос Шавкат Ниёзӣ вожаҳоеро, ки «аз исму феъл иборат буда, бо пешоянд омадаанд, ба воситаи пасванди –ӣ сохта шуда метавонанд»,мураккаб номидааст, монанди азнавсозӣ, барқароркунӣ ва ғ.

Вожашиноси машҳур Ш. Рустамов вижагиҳои ин навъи калимаҳоро омӯхта, ба хулосае меояд, ки вожаҳои мураккаберо, ки бо васлшавии асосҳо тавассути пасванд сурат мегирад ва ё аз ибораҳо бо пасванд корбаст мешаванд, «ин усули калимасозиро омехта номидан мумкин аст».

Дар мақолаи худ вижагиҳои сохториву забонии вожаҳои мураккаби омехтаи достони «Сиёвуш»-и «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро аз рӯйи қолабҳои шаклгирифтаашон тасниф ва баррасӣ намудем, ки дар зер намунаи чанде аз онҳоро пешниҳод намудем:

Исмҳои мураккаби омехтаи бо пасванди -а таркибёфтаи достони мавриди таҳқиқ дар қолабҳои зерин ба мушоҳида расиданд:

а) ибораи исмӣ + феъли замони гузашта+ пасванди -а+пасванди ҷамъсози -гон: доғидилбурдагон;

б) исм+феъли замони гузашта+пасванди -а: рӯйпӯшидагонро, ҷаҳондида, шоҳзода, номварзода, гавзода;

в) сифат+феъли замони гузашта+ пасванди -а: сергашта.

Сифатҳои мураккаби омехтаи бо пасванди -а таркибёфта дар чунин қолабҳо вохӯрданд:

а) исм+феъли замони гузашта+пасванди -а: хирадёфт, кордид, ҷаҳондидаро, ҷаҳондида, бехбарканда, солхӯрда, корозмуда, ранҷдида, оҳордода, сарафканда ;

б) сифат+феъли замони гузашта+пасванди -а: куҳангашта, наврасида;

в) шумора+исм+пасванди -а: даҳчӯба;

г) шумора+шумора+пасванди –а: дуҳафта;

ғ) зарф+феъли замони гузашта+пасванди -а: пурхоста;

д) ҷонишин+исм+пасванди –а: худкома.

Зарфҳои мураккаби омехтаи бо пасванди –а таркибёфтаро дар достон дар қолабҳои зерин мушоҳида ва тасниф намудем:

а) шумора +исм + пасванди -а: чиҳилрӯза, якрӯза, ҳафтсола, даҳсола, яксара, якбора, дубора;

б) ҷонишин+исм+пасванди-а: ҳамасола, дигарбора;

в) исм+феъли замони гузашта+пасванди -а: дастбаста, сарафканда, камарбаста, миёнбаста;

Ҳамчунин, дар асар вожаҳои мураккаби омехтаи бо дигар пасвандҳо таркибёфтаро дар қолабҳои зерин вохӯрдем, ки каммаҳсуланд:

а) аз такрори калима дар қолаби исм+исм+ӣ: сарсарӣ;

б) дар қолаби шумора+исм+ пасванди -агӣ: якборагӣ;

в) дар қолаби исм+феъли замони ҳозира+пасванди -иш: сарзаниш.

Ин мисолҳо далели онанд, ки вожаҳои мураккаби омехта дар осори Фирдавсӣ мавқеи хос дошта, аслан бо пасвандҳои калимасози «-а» ва «-ӣ» сохта шудаанд ва то имрӯз асолати маъноиву услубӣ ва шаклии хешро ҳифз намудаанд. Вижагиҳои сохториву забонии вожаҳои мазкурро омӯхта, ҳамчунин, аз дидгоҳи корбурд ва муқоиса бо забони адабии тоҷик ва забони гуфторӣ таснифу баррасӣ намудем.

ОИД БА ТАҲИЯИ «ВОЖАНОМА»-И ОСОРИ БЕДИЛ
(Дар заминаи маснавии «Ирфон»)

Одиназода М. – муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ
ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Мирзо Абдулқодири Бедил яке аз он мутафаккиронест, ки бо такя ба ганҷинаи вофири вожагони забони форсӣ-тоҷикӣ, аз як сӯ, аз сӯйи дигар, бо халқи унсурҳои луғавӣ “маънии баланд” (“Маънии баланди ман фаҳми тунд мехоҳад” гуфтани ӯ ба ҳамин ҷиҳат аст) офарида, дар заминаи инкишофи маънавиёт ва такомули захираи луғавии забон саҳми беандоза гузоштааст. Бо вуҷуди ин, таҳиягарони фарҳангномаҳо аз ғановати забони эшон камтар суд бардоштаанд. Ин вазъро дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мушоҳида кардем. Ба далели маъруфияти ҷойгоҳои ин адиби суханвару суханофар дар ҳавзаи адабии Хуросону

Мовароуннаҳр мебоист, мураттибони ин фарҳанг зимни шарҳи мақулаҳои луғавӣ аз забони осори Абдулқодири Бедил бештар кор мегирифтанд, то ҷое тафсири мафҳуми бисёр калимаҳо ҳолӣ намемонд.

Мо аз доираи эҷодиёти шоир хусусан аз маснавии “Ирфон”, ҳудудан 1688 моддаи луғавӣ ба даст овардем, ки эътобори ба вожанома ворид шуданро доранд ва дар гузориш роҷеъ ба вижагиҳои забони онҳо маълумот хоҳем дод.

ҚОНУНИЯТҲОИ ШАКЛГИРӢ (Ё ИНКИШОФИ) ТАВОНМАНДИИ КОММУНИКАТИВИИ КӮДАК

Сайдалиева М. – ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ

Қонуниятҳои инкишофи тавонмандии коммуникативии кӯдак гуфта мо чиро дар назар дорем? Дар ин маврид ҳамон раванд ва маҳорати ноаёни кӯдаконро, ки забонро дар муддати кӯтоҳ аз худ мекунанд, фаҳмидан мумкин аст. Баъдтар ба коммуникатсия истилоҳи маҳорати забонӣ ворид гардид. Тибқи маълумоти А.А. Леонтев, маҳорати забонӣ механизми психофизикӣ буда, таъминкунандаи азхудкунӣ мебошад.

Кӯдакон вақте таваллуд мешаванд, тавонмандии забонӣ надоранд, аммо дорои майнаи сари инсонӣ ҳастанд, ки қобили рушд буда, имкони фаъолият ва муоширатро дар ҷамъият медиҳад. Чанд механизми раванди ташаккули барвақтии нутқи кӯдакро қайд кардан мумкин аст. Н. Ҳомский чунин қайд мекунад: “Маҳорати забонӣ (language competence) фонди қоидаҳои умумие аст, ки аз замони тифлӣ дар инсон пайдо мешавад, дар худ бавуҷудоварандаи асосҳои фаъолияти нутқии инсонро таъмин менамояд”.

Механизми нутқи тифл дар якмоҳагӣ бо барномаи меросӣ амал менамояд, ки таъминкунандаи вазифаҳои ҳолати равонӣ дар шакли пайдоиши овозӣ мебошад. Яъне, ташаккули дарккунӣ ва ҳосил намудани овозҳои нутқӣ дар якмоҳагии тифл бо мувофиқати барномаи генетикӣ зери таъсири овозҳои нутқӣ пайдо мешаванд.

Имову ишора ва мимикае, ки калонсолон ҳангоми нутқ истифода мебаранд, дар нутқи кӯдакон низ ба хубӣ дида мешаванд ва ҳамон ритмро, ки дар диалоги ду нафар дида мешавад, дар байни диалоги кӯдакони дусола дидан мумкин аст. Пас, маълум мегардад, ки онҳо аллакай медонанд, ки гуфтор дар шакли ду тараф сурат мегирад ва монологи онҳо ба таври диалог сурат мегирад.

Дар синни яксолагӣ кӯдакон, аллакай, даҳон, бинӣ, чашмон, модар куҷост ва ғайраро бо ангушти ишора ва мимикаи чеҳра нишон дода метавонанд ва ҳамин муоширатро муоширати когнитивӣ ва коммуникатсионии кӯдакон гуфтан мумкин аст.

РОҲҲОИ ТАВЗЕҲИ МАЪНО ДАР «ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ» (2008)

Иматшоева С. – унвонҷӯи кафедараи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (2008) дар асоси дастовардҳои навини фарҳангнигории ҷаҳон таҳия шудааст.

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ аз пешгуфтор (ба хатти форсӣ ва кириллӣ), мундариҷа ва сохти фарҳанг, номгӯйи ихтисораҳо, қисмати асосӣ–тафсири вожаҳо ва мифтоҳи арабӣ иборат аст.

Ҷилди якум аз 950 ва ҷилди дуюм аз 945 саҳифа иборат буда, 80000 калимаро дар бар мегирад.

Вожаҳои фарҳанг мувофиқи тартиби алифбои муосири тоҷикӣ оварда шудаанд. Ҳарфҳои баъдӣ ҳам бо тартиби алифбо оварда шудаанд.

Шакли ҷамъи калимаҳо дода шуда, баъд шакли танҳои онҳо хотиррасон карда мешаванд:

ХАВОНИН а.وخانيذ ҷ.хон I [ФТЗТ, ҷ.2, с. 417].

Инчунин, шаклҳои ҷамъи дугонаи арабӣ низ ҷо дода шудаанд:

КАВНАЙН а. نينوك 1. кит., шакли дугонаи кавн. 2. д.ду ҷаҳон, ду олам, ду дунё; ин дунё ва он дунё (охират) 576.

ЛАВЗАТАЙН а. ولزنيت1. ҷ. дугонаи лавз. 2. ду бодомаки гулӯ [ФТЗТ, ҷ.1, с. 706].

Баъди сарвожа шарҳи грамматикии он оварда шудааст. Ишораи ҷинс, яъне ҷинси занона будани он таъкид мешавад:

ҚАБЕҲА а. ەحيبة муаннаси қабеҳ [ФТЗТ, ҷ.1, с.649].

Баъди он маънои услубии он дода шудааст:

НАДАМ а.دنم кит. пушаймонӣ, надомат, афсӯс [ФТЗТ, ҷ.1, с.883].

Маъноҳои гуногуни калима бо рақамҳои арабӣ ҷудо карда шуда, баъди рақам нуқта гузошта шудааст:

УЛВӢ ولعي кит. 1. боло, баланд; болоӣ, фавқонӣ. 2. он чи дар осмон аст, осмонӣ; муқоб.сифлӣ; олами улвӣ олами боло [ФТЗТ, ҷ.2, с.366].

Феълҳо асосан дар шакли масдар оварда шудаанд:

ТАЛАБИДАН ان1 ديبلط. пурсидан, хостан (чизеро). 2. талаб кардан; орзу намудан. 3.даъват кардан, ҷеғ задан. 4. хоҳиш кардан. 5.ҷустуҷӯ кардан, кофтан [ФТЗТ, ҷ.2, с.300].

Ибораву ифодаҳои фразеологии зиёде низ шарҳ дода шудаанд.

Калимаҳои сохта ва калимаҳои мураккаб дар фарҳанг хеле фаровон истифода шудаанд.

Дар фарҳанг қайду ишораҳое дохил шудаанд, ки ба шакли калима дахл доранд (арабишуда, кӯтоҳшуда ва ғ.) ё ба ягон соҳаи дониш мансуб будан ва ба маънои истилоҳии он ишора мекунанд (грамматика, адабиётшиносӣ, тиб, забоншиносӣ, нуҷум, ҳуқуқ ва ғ.):

ТАОМУЛа. لماعة расм, қоида, одат [ФТЗТ, ҷ.2, с.310].

ТАЛМЕҲ а. حيملت... 2. адш. ишора кардани шоир дар шеъри худ ба қисса ё масали маъруфе [ФТЗТ, ҷ.2, с.300].

Маънои маҷозии калима баъди маънои аслии он шарҳ дода шуда, бо аломати ихтисории маҷ. (маҷозан) ишора гардидааст:

НАВРӮИДА ونورديئه ниг. навруста [ФТЗТ, ҷ.1, с.881].

Агар калима гунаи зидмаънои худро дошта бошад, он дар охири шарҳ бо ҳарфи хурди ғафс ва бо ишораи муқоб. (муқобили) зикр гардидааст:

ҶУЗЪ а. زج1ء. пораи чизе, ҳисса, қисм; муқоб.кул(л). 2. ниг. ҷузв [ФТЗТ, ҷ.2, с.607].

ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

МАВҚЕИ ТАРКИБУ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР МАТБУОТИ ИМА

Наврузшоев Б. Х. – н.и.ф., дотсенти кафедраи
забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Омӯзиш ва таҳлили типологии забони маводҳои тарҷумавии расонаҳои англисӣ яке аз мавзӯъҳои актуалист. Қобили қайд аст, ки таъбирҳои рехта барои ҳамаи забонҳои дунё сарвати умумии забон ба ҳисоб меёбанд. Бесабаб нест, ки қисми бештари ибораҳои фразеологӣ дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ ифодаҳои ҳамсохт, ҳаммаъно ва ҳамвазнро доранд.

Бояд гуфт, ки забони матбуот услуби хос дорад. Дар ин бахш мо дар бораи бурду бохти тарҷумаи маводи тарҷумавӣ дар сомонаҳои иттилоотии англисӣ, дар асоси маводи (The USA Today; The Times; International Herald Tribune; International New York Times) маълумот медиҳем.

Матнҳои ҷамъиятии сиёсӣ ҷиҳатҳои хос доранд. Дар онҳо вожаҳои сиёсӣ, реалияҳои хусусияти ҷамъиятӣ дошта, ифодаҳои стереотипӣ ва калкаҳои бегона зиёд мушоҳида мешаванд.

Дар баъзе нашрияҳо калима ва ибораҳои сохта ва ё таҳтуллафзӣ тарҷумакардаи худи муаллифон истифода мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо тарҷумон кӯшиш мекунад, ки онҳоро бо дарназардошти раванди ҷамъиятӣ баргардонад, чунки онҳо хусусияти ҷамъиятию сиёсӣ доранд.

Таркибу ибораҳои рехтаи фразеологӣ дар забони матбуоти англисӣ бо мақсад ва тақозои услуби жанрҳои гуногуни публитсистика истифода бурда мешаванд.

Ҳоло мо доир ба тарз ва мавқеи истифодаи воҳидҳои фразеологии матбуоти англисзабон баъзе мулоҳизаҳои худро баён мекунем:

Historically, a large turnout meant that reformist candidates had the upper hand (The Times. 2019, 10.03).

Ибораи have (gain, get) the upper hand on sb/ sth. чи дар забони адабӣ ва чи дар гуфтугӯйи англисӣ маъмул буда, дар саҳифаҳои матбуот серистеъмол аст. Он дар фарҳанг чунин тафсир шудааст: зафар кардан, муваффақ (комёб) шудан, ноил гардидан, ба дасти худ гирифтан, зери итоати худ гирифтан.

Муодили он дар забони тоҷикӣ ибораи рехтаи дасти касе боло гардид - ғолиб шудан, муваффақият ҳосил кардан, ғалаба кардан мебошад.

The investigations come to light yesterday at the Oxford Media Convention (International Herald Tribune. 2019, 25.09).

Дар саҳифаҳои матбуоти англисзабон таркиби феъли come to light серистеъмол буда, ба маънои ба чизе рӯшанӣ андохтан, чизеро ошкор кардан корбаст мешавад. Таркиби come to light дар ягон фарҳанг зикр нашуда бошад ҳам, дар мисоли боло маъниро равшан ифода намудааст.

ТАРТИБИ ҶОБАҶОГУЗОРИИ МАВОД ДАР ЛУҒАТҲОИ ТАФСИРӢ ВА ДУЗАБОНА

Мамадназаров А. – д.и.ф., профессори кафедраи
забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Бо вуҷуди он ки навъҳои гуногуни луғатҳо вуҷуд доранд, аксарияти онҳо аз назари шаклбандию сохтор ва тартиби баррасии мавод хусусиятҳои умумӣ низ доранд. Аз рӯйи сохтор, луғатҳои навини забони англисӣ одатан аз шаш ва зиёда аз он бахши асосӣ иборат мебошанд, ки тартиби ҷойгиршавии онҳо маъмулан чунин аст: 1) пешгуфтор ё муқаддима; 2) бахши «Тарзи истифодабарии луғат» ё «Раҳнамои луғат»; 3) талаффуз ва рамзҳои фонетикӣ, яъне шарҳи низоми транскрипсия, ки дар луғат истифода шудааст; 4) феҳристи ихтисораҳои

шартӣ ва шарҳи онҳо; 5) луғатнома, яъне кулли вожаҳою мақолаҳои луғавии худи луғат; 6) маводи иловагӣ, яъне замимаҳои мухталиф.

Ҳар яке аз ин бахшҳо, вобаста ба навъи луғат, метавонанд аз ҷиҳати сохтор ва тартиби ҷойгиршавии мавод хусусиятҳои худро дошта бошад ва ё тартиби ҷойгиршавиашон метавонад каме фарқ кунад. Масалан, сохтори бахшҳои луғати тасвирии машҳуртарини забони англисӣ Оксфорд – Oxford Advanced Learner's dictionary. Seventh edition. Oxford University Press (2005) чунин сохтор дорад, ки аз маъмулии луғатҳои англисӣ каме фарқ дорад:

1). Ихтисораҳо ва рамзҳои лексикографӣ дар луғат (Abriviations and symbols in the dictionary); 2) калид ба шаклҳои феълӣ (key to the verb patterns; 3) пешугфтор (Forword); 4) калид ба мақолаҳои луғавӣ (Key to the dictionary entries); 5) луғатнома (the Dictionary); 6) замимаҳо (Supplements): а) харитаҳо (maps); б) саҳифаҳои мазвӯъҳои аксии ранга (color topic pages); в) бахши омӯзиши грамматика ва имло (reference section); 7) талаффуз ва рамзҳои фонетикӣ дар луғат (Pronounciation and phonetic symbols in the dictionary). Бахшҳои асосии луғатҳои англисиро аз рӯйи тартиби дар аксарияти луғатҳо мавҷуда баррасӣ менамоем.

Пешгуфтор ё муқаддимаи луғат. Пешгуфтор аксаран тарзи истифодабарии луғатро дар бар дорад, ки бе он истифодабарии самараноки луғат ва гирифтани иттилооти бештар имконнопазир мебошад.

Раҳнамои луғат ё тарзи истифодабарии он. Одатан, дар ин бахш иттилооти муҳим дар бораи сохтори мақолаи луғавӣ, тарзи коркарди лексикографии вожаҳо, тарзи ҷобаҷокунии ибораҳо ва ибораҳои фразеологӣ, ишораҳои услубӣ, ишораҳои грамматикӣ ва касбии дар луғат истифодашуда, хусусиятҳои грамматикии вожаҳо ва ғ. пешниҳод мегардад.

Калиди талаффуз. Нишон додани таллафузи вожаҳои забони англисӣ яке аз вазифаҳои калидии луғатҳои тафсирӣ ва дузабонаи забони англисӣ мебошад. Мушкилот дар он зоҳир мешавад, ки талаффузи вожаҳои забони англисӣ баъзан бо тарзи навишти онҳо мутобиқат намекунад.

Феҳристи ихтисорот ё кӯтоҳнавиштҳо. Кӯтоҳнавиштҳо ва рамзҳо, ки дар луғатҳо истифода мешаванд, ба луғатнависон имконияти ба тарзи сарфакорона ва қулай баррасӣ намудани иттилоотеро медиҳанд, ки аз вожа ба вожа, ё аз мақолаи луғавӣ ба мақолаи луғавӣ такрор мешаванд.

ИХТИСОРАҲО ВА МУШКИЛОТИ ОНҲО ҲАНГОМИ ТАРҶУМАИ МАТНҲОИ ДИПЛОМАТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Абдулфайзов С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Аббревиатура ё ихтисораҳоро (кӯтоҳкунӣ) ҷариб тамоми халқҳои дорои хат истифода мебаранд. Аббревиатура аз калимаи лотинии «brevis» гирифта шуда, маънои кӯтоҳ кардани ибора ва калимаро дорад. Он аз гурӯҳи ҳарфҳои аввали калима ва ибора сохта мешавад. Ихтисораҳо баъд аз пайдоиши дастхатҳои қадима ба вучуд омадаанд. Мақсади асосии ихтисораҳо сарфа кардани вақту фазо мебошад. Аввалин аббревиатураҳо ё худ ихтисораҳо дар замони атиқа пайдо шудаанд ва баъдтар онҳоро дар навиштаҷотҳо истифода мебурданд. Дар аввал римиҳо танҳо исмҳои хосро кӯтоҳ мекарданд, баъдтар дигар намуди намуди калимаҳоро низ ихтисор мекарданд.

Такрори ҳамон як ҳарф шумораи ҷамъро нишон медод. Ихтисораҳо аввалин бор дар папирусҳо ва тангаҳои юнонӣ дида мешуданд. Юнониҳои қадим барои кӯтоҳ кардани воҳидҳои дарозӣ, вақт ва вазн, барои кӯтоҳ кардани номҳои муқаддас аз ихтисораҳо васеъ истифода қарор доштанд. Дар замони империяи Рим низ ихтисораҳо мавриди истифода буданд. Дар шароити кунунӣ ихтисораҳо серистеъмол мебошанд. Онҳо ҷариб дар ҳамаи соҳаҳо ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Ихтисора гуфта (shortening of words, abbreviation) калимасозии морфологиро меноманд, ки дар он як қисми таркиби овозии калимаи асосӣ сарфи назар карда мешавад.

Новобаста аз он ки ин усул дар забони англисӣ мутаносибан пеш (тахминан аз нимаи дуюми асри 18) вуҷуд дошт, дар замони мо он нақши пешбарандаи калимасозиро иҷро менамояд. Пурмазмун будани ихтисораҳо- хусусияти адабиёти махсус, инъикоскунандаи яке аз усулҳои асосии муносибгардонии маълумот мебошад. Аз тарафи дигар, гуногуншаклии ташаккули ихтисорот дар забони англисӣ ба мушкилот дар интиқоли онҳо ба забони тоҷикӣ, махсусан дар мавриде, ки муаллифон дар навиштаҳои худ ихтисораҳоро рамзкушоӣ намекунанд, оварда мерасонанд. Хангоми кор бо онҳо бояд дар хотир дошт, ки бинобар набудани меъёрҳои ягонаи байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ихтисораҳо бисёр аз ихтисораҳои забони англисӣ дар забони тоҷикӣ муродифҳои худро надоранд.

Дар раванди таҳаввулотҳо ихтисораҳо умуман ҳамчун шакли ассимилятсияи калимаҳои туфайлӣ паҳн шудаанд, ки ба туфайли ин калимаҳои хориҷии додашуда аз рӯйи шакли овозӣ ба калимаҳои англиси наздик мешаванд. Калимаи қадимаи фаронсавии desporter-дилхӯшӣ кардан-дар забони англисӣ кӯтоҳ шуда, ба калимаи sport табдил ёфтааст, ки на танҳо шакли овозӣ, балки маънои худро тағйир додааст. Калимаи туфайлии лотинии permanent wave дар нутқ ба perm табдил ёфтааст.

Аз ибораи пурраи лотинии mobile vulgas-издиҳоми номуназзам – дар охири асри XVII тавассути ихтисоркунӣ калимаи mob – саводкорӣ ташкил ёфтааст. Калимаи fan-мухлис, дӯстдоранда, пайрав, fanatic-fanaticus дар натиҷаи ихтисоршавии калимаҳои лотинии fanatic-fanaticus ба вуҷуд омадааст. Дар маводҳои рӯзномаву маҷаллаҳо аксар вақт номҳо дар шакли ихтисора истифода мешаванд.

СТРУКТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕРМИНОВ МИГРАЦИИ В СОПОСТАВЛЯЕМЫХ ЯЗЫКАХ (английский и таджикский)

Дададжанова И. Б. – к.ф.н., доцент кафедры
английского языка и сравнительной типологии ТНУ

В настоящее время все большее значение приобретает сопоставительное изучение родственных и неродственных языков, позволяющее выявить такие морфологические, синтаксические особенности, которые остаются нераскрытыми при исследовании отдельного языка. Оно требует необходимость постижения сопоставляемых явлений как в теоретическом, лингвистическом плане, так и в чисто прикладных целях, в связи с потребностями преподавания английского языка, потребностями перевода с одного языка на другой, в сфере лексикографии для составления двуязычных словарей.

В современной лингвистической литературе, посвященной вопросам образования новых слов, обычно употребляется термин «словообразование». Словообразование - это образование новых слов путем различных словообразовательных средств, действующих в данном языке в данный период его развития и базовыми способами словообразования являются словопроизводство и словосложение.

Словообразование как самостоятельный раздел науки о языке неразрывно связано с другими его разделами: морфологией, синтаксисом и лексикологией. Словообразование тесно связано с лексикой и с грамматикой. Связь словообразования с лексикой заключается в том, что каждое вновь возникшее слово становится единицей словарного состава языка. А связь словообразования с грамматикой заключается в том, что каждое вновь созданное слово включается в тот или иной лексико-грамматический разряд слов, называемый частью речи. Важнейший способ словообразования является морфологический, при котором новые слова создаются путём сочетания морфем. Рассматривая простые слова, нет необходимости вводить дефиницию данного типа, но необходимо отметить, что существуют разновидности простых слов в сопоставляемых языках. Прибавление словообразовательного аффикса усложняет структуру английского слова, но, тем не менее, оно сохраняет свою относительную простоту, так как аффиксация, точнее суффиксация, не указывает на морфологические признаки, кроме указания частей речи.

Простые непроизводные слова, то есть простые корневые слова являются базой для образования новых слов в английском языке: family - оила (семья); alien - муҳоҷир

(иностранец); group - гурӯҳ (группа); age - синну сол (возраст); couple - зану шавҳар (супружеская пара); boom - инкишофи тез (бум, быстрое повышение); kin - хеш (родня, родственники); control - идоракунӣ, батартибандозӣ, тафтиш, назораткунӣ (контроль); branch - хат, шохаи хешутаборӣ (род, семья, ветвь); Простые корневые слова в таджикском языке: муҳоҷир - migrant emigrant (мигрант, эмигрант), бахт - happiness (счастье); шахс - person (личность); никоҳ - marriage (брак); синнусол - age (возраст); ҷинс - sex (пол); оила - family (семья); фарзанд - child (ребёнок); зан - woman (женщина); мард - man (мужчина); писар - boy, son (мальчик, сын); духтар - girl,daughter (девочка, дочь); хона - house (дом); қад - height (рост); умр - life (жизнь); ҷуфт - couple (супружеская пара); ёр - beloved, friend (возлюбленный человек, друг); шавҳар (шӯ) - husband (муж); хеш - relative (родственник); кӯдак - child (ребёнок); падар - father (отец); модар - mother (мать).Суффиксальный способ образования (R+suf) в сопоставляемых языках продуктивно используется для всех частей речи. Данный способ является характерной чертой словообразования в сопоставляемых языках.

АНАЛИЗ ТЕРМИНОВ-АББРЕВИАТУР ПРОГРАММНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Мусоямов З. М. – к.ф.н., доцент кафедры английского языка и сопоставительной типологии ТНУ

Аббревиация является весьма продуктивным способом образования новых слов и терминов в английском языке. В таджикском языке способ аббревиации образования новых слов и терминов является малопродуктивным. Таджикский ученый терминовед Т. К. Джураев отмечает, что аббревиация как «способ образования в таджикской технической терминологии развивается медленно. В основном используются таджикские эквиваленты русских сокращений» [9, 31]. Несомненно, способ аббревиации по сравнению с другими языками как английский и русский в таджикском языке развивается медленно и данный способ словообразования в таджикском языке начал развиваться в течении прошлого столетия под непосредственным влиянием русского и других европейских языков. До недавнего времени большая часть аббревиатуры в таджикском языке функционировала в непосредственном виде, сохраняя свои языковые свойства с русского языка и в некоторых случаях в калькированной формы: Госстрой, СССР, ГОСТ, ЧШС в терминологических словарях по строительству зафиксированы некоторые из них: КТК – корхои таҷрибавию конструктори.

Аббревиация получила достаточно широкое распространение в современном английском языке и в этом плане выделяют следующие типы аббревиатур как в английском, так и сегодня в современном таджикском языке:

1. Инициальная аббревиатура – составлена из алфавитных названий начальных букв слов, образующих исходное словосочетание. Например, ALC – [эй–эл–эс] – список управления доступом. Аббревиатуры – инициальные буквенные сокращения, так называемые инициальные графические или графо–лексические сокращения. Лексическая аббревиатура может существовать в дискурсе наряду со своим прототипом, может вытеснить его из употребления или стать основой для образования новых терминов. Аналогию большинства аббревиатур англиского языка пока мы еще не можем находит в совремнном таджикском языке, например, аббревиатура «HTTP» (http) – Hypertext Transfer Protocol, можно передать в форме протоколи интиколи забарматн (ПИЗ), но так как в компьютерной технологии данная аббревиатура употребляется в англоязычной форме, то передачи данного термина в переведенной форме так особо не трубется.

Инициальная аббревиатура – это способ восприятия и отражения профессиональной концептосферы, часть ментальности англоязычных специалистов в сфере компьютерных технологий, которая отличает их от носителей других языков. Поэтому, понимание и расшифровка аббревиатур представляет определенную трудность ввиду возможной многозначности и отсутствия практического знания предмета: PC = Personal Computer – компютери фардӣ – персональный компьютер; Printed Circuit – нақшаи чоп; – печатная схема

Process Control – идоракунии раванд – управление процессом; Programmable Control – идоракунии барномавӣ – программное управление.

2. Аббревиатура звуковая (аббревиатура акрофонетическая) – образована из начальных букв элементов исходного словосочетания, но читаемая не по алфавитным названиям букв, а как обычное слово, например, АСУ – автоматизированная система управления [асу], а не [а–эс–у] или ОДУ – обыкновенное дифференциальное уравнение [оду], а не [о–дэ–у]. Что касается акронимов, то их не следует смешивать с инициальной аббревиатурой. Например: IQ – Intelligence quotient (коэффициент интеллекта) – инициальная аббревиатура; BIOS – Basic Input–Output System (основное устройство ввода – вывода системы) – акроним.

САРЧАШМАҲО ВА САБАБҲОИ АСОСИИ ПАЙДОИШИ ОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Собирова У. – муаллими калони кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Омонимҳо чунин калимаҳое мебошанд, ки ҳам аз рӯи талаффуз ва ҳам аз рӯи шакли овозӣ бо ҳам мувофиқ омада, вале аз ҷиҳати маъно аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд ва ҳатто маънии якеро аз дигаре муайян кардан ғайри имкон аст.

Натиҷаи овозҳои бо ҳам наздик омили асосӣ дар пайдоиши омонимҳо мебошад. Бисёрии омонимҳо дар натиҷаи ҳаммовоз шудан, ки ба ҳамҷур шудани ду ё зиёда калимаҳое, ки дар даврaҳои пеш овозҳои фонетикиашон монанд шуданд, пайдо шуданд. Масалан, OE. ic ва OE. eaze дар талаффуз ҳамсон шуданд (MnE. I [ai] ва eye [ai]). Як миқдор омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ дар натиҷаи ҳамсон шудани овозҳои феъл ба исм пайдо шудаанд (cf. MnE. love — (to) love ва OE. lufu — lufian). Калимаҳои аз дигар забонҳо иқтибосшуда тавассути ҳамсон шудани овозҳои фонетикӣ омоним шуданд. ON. ras ва Fr. race дар даврaи Modern English (cf. race1 [reis] — ‘running’ ва race2 [reis] — ‘a distinct ethnical stock’). Як сарчашмаи пайдошавии омонимҳо ин тағйироти фонетикӣ мебошад, ки дар ҷараёни тараққиёти таърихӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар натиҷаи чунин тағйиротҳо ду ё зиёда калимаҳое, ки гуногун талаффуз мешаванд, шакли талаффузи якхела гирифта омоним мешаванд.

Сарчашмаи дигари омонимшавӣ-иқтибосшавӣ мебошад. Калимасозӣ низ ба пайдоиши омонимҳо мусоидат мекунад ва шакли муҳими ин ҷараён бе шубҳа конверсия мебошад. Кӯтоҳкунӣ –шакли дигари калимасозӣ мебошад, ки ба зиёдшавии миқдори омонимҳо оварда мерасонад. Масалан, fan, n. кӯтоҳшудаи калимаи fanatic мебошад. Сохти шаклҳои мухталифи грамматикӣ метавонад сабаби пайдоиши омонимҳо шаванд: ихтисораҳо, шахси сеюми шумораи танҳо, масдари замони гузашта, сифати феъли замони гузашта, исмҳои шумораи ҷамъ, ҷонишинҳо, калимаҳо бо суффиксҳо.

Арнольд И. В. ду сабаби пайдоиши омонимҳоро нишон додаст: 1) омонимҳо метавонанд дар натиҷаи бо ҳам наздикшавии овозҳо, ки бо ҳам монанд мешаванд, пайдо шаванд; 2) дар натиҷаи сермаъношавии калима (полисемия) метавонад омонимҳо пайдо шаванд. дар ин ҳолат яке аз маъноҳо метавонад омоним шавад.

Аз сермаъноӣ пайдо шудани омонимҳоро дар мисоли калимаи «hand» низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки «hand» дар маъноии аввал «даст» аст ва дар маъноии дуюм ёрдамчи аст. Олимони зиёде дар бораи сарчашмаҳо ва сабаҳои пайдоиши омонимҳо ақидаҳои худро баён карданд, аз ҷумла Гинзбург Р.С. ақида дорад, ки ҷараёни дур шудани маъноҳои гуногуни як калима аз якдигар ба пайдоиши омонимҳо оварда мерасонад.

Қайд бояд кард, ки баъзе забоншиносони машҳур полисемияро (сермаъноӣ) эътироф накарданд ва онро зуҳуроти махсуси диахронӣ ҳисобиданд. Масалан А.А. Потебня ақида дорад, ки алоқаи маъноии сохта бо аввала танҳо дар марҳилаи таркиб додани маъноии сохта ва баъдан шакли дохилӣ (суст» шуда, маъноии сохташуда аз асли худ мустақил шуда ба омоним мубаддал мегардад.

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРВ ВА ГРАММАТИКИИ ҶОНИШИНҲОИ ТАЪИНӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳакимова С. – ассистенти кафедраи
забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Тадқиқи ҷонишину навъҳои он, хусусан ҷонишинҳои таъинӣ хеле мураккаб ва сертаркиб буда, мавриди баррасии муҳақиқону олимони соҳаи забон қарор гирифтаанд. Оиди ҷонишинҳо, хусусан ҷонишинҳои таъинӣ ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забонҳои хоричӣ чандин мақола, рисола, асарҳои илмию тадқиқотӣ интишор шудааанд. Метавон роҷеъ ба ин мавзӯъ кори забоншиноси рус Татьяна Камяноваро зикр намуд, ки оиди ин мавзуъ дар китобаш “Грамматика английского языка: теория и практика” маълумоти пурра оиди ҳама гуна навъҳои ҷонишин махсусан ҷонишинҳои таъинӣ овардааст. Забоншиносони дигареро низ метавон зикр намуд, ки оиди ин мавзӯъ дар асарҳои таълифнамудаашон маълумоти муфассал додааанд. Инчунин аз интернет бо маъхазҳои зиёде низ метавон рӯ ба рӯ шуд, ки барои омӯзиш ва дарки ҷонишинҳо кумак мерасонанд.

Ҷонишинҳо аз ҷиҳати миқдор нисбат ба дигар гуруҳи калимаҳо камтар бошанд ҳам, дар забони тоҷикӣ мисли дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ мавқеи муҳим дошта, барои шакл гирифтани фикр мавқеи калон доранд ва далелҳои зерин ин фикрро тасдиқ мекунанд. Ҷонишинҳо дар ҷумлаҳои мураккаб ҳам мақоими хос доранд. Ҷонишинҳо дар ҷумла мисли дигар гуруҳи калимаҳо мавқеъ ва ҷойи муайян доранд. Онҳо мисли категорияи дигари калимаҳо инчунин хусусияти вобастакунӣ доранд. Онҳо дар намуди муайян омадани калимаҳоро тақозо менамоянд. Ин хусусият аслан дар забонҳое, ки флексияи номӣ доранд, равшантар мушоҳида мешавад.

Ба ҳамин тариқ, ҷонишинҳо ба худ калимаҳоро тобеъ карда, инчунин ба дигар калимаҳо вобасташуда меоянд. Масалан:

All I know is that young boys sleep late and hard.(page 26).

Фақат медонам, ки писарони ҷавон дер бедор мешаванд, хобашон сангин аст.(саҳ.27).

Дар ҷумлаи додашуда, ҷонишини таъинии all истифода шуда онро тарҷумон ба маънои аслии худ, яъне ҷонишини таъинии тоҷикӣ ҳама наовардааст, балки мазмунан дар дохили ҷумла тарҷума кардааст.

All my life the early sun has hurt my eyes, he thought (page 38).

Тамоми умр офтоби саҳроӣ чашмонамро мезад, фикр мекард ӯ(саҳ. 39).

Дар ҷумлаи додашуда ҷонишини таъинии забони англисӣ all ба маънои ассоси худ омада тарҷумааш ба забони тоҷикӣ ҳама, тамоми мебошад ки дар фарҳанги англисӣ тоҷикии профессор Абдусалом Мамадназаров ҷонишини таъинии all чунин стифода шудааст:ҳама чиз, ҳамагӣ, ҳама,ҷамъ,тамоми ва ғайра. Аз гуфтаҳои боло бар меояд,ки тарҷумон чумларо дуруст ва бо марид тарҷума кардааст.

He lived along that coast now everynight and in his dreams he heard the surf roar and saw the native boats come riding through it.(page 26)-Ӯ ҳар шаб ҳамон соҳилҳоро хоб медид ва дар хобаш садои ғурриши мавҷҳоро мешунид, ки ба сахраҳои соҳил бармехӯрдандва заврақҳои мардуми таҳҷоиро медид, киаз байни амвоҷ пеш мерафт.

Чунон ки маълум шуд, мавқеи ҷонишинҳо дар ҳар як забон, аз ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хеле ҳам бузург аст.

ТАҲЛИЛИ ЛЕКСИКОГРАФИИ ҚАЙДҲОИ УСЛУБИИ ФАРҲАНГИ ТОҶИКӢ-АНГЛИСӢ

Диёров Ш. – ассистенти кафедраи
забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Омӯзиши таҳлили муқоисавии забонҳо дар миёнаҳои асри гузашта ба амал омада, ба чандин комёбиҳо ноил шудааст, вале то ҳол баъзе мавзӯҳо мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтаанд. Албатта, чунин тадқиқоҳои илмӣ роҷеъ ба таҳлили муқоисавии забоншиносӣ

дар ояндаи наздик ҳалли худро хоҳанд ёфт. Дар масъалаи таҳлили муқоисавии фарҳангҳои дузабона низ диққатии олимон дар миёнаҳои асри бист дода шудааст ва корҳои илмӣ анҷом пазируфтаанд, вале то кунун он ҳам ба як хулосаи муайян омада нарасидааст.

Услубшиносӣ ки яке аз бахшҳои забоншиносӣ аст, бо ҳама шохаҳои илмӣ забоншиносӣ алоқамандӣ барпо менамояд. Барои гӯйиши забонӣ, ифода ва истифодаи нутқу калом мавқеи бузургро иҷро мекундад ва инчунин дар фарҳангнигорӣ масъалаи калидро мебозад. Олимон оиди масъалаи муқосиавии услубӣ низ даст заданд, зеро ин воҳиди забонӣ нафосату фасоҳати ҳар як нутқро ба расмият медарорад. Савол ба миён меояд, ки илми услупшиносӣ чигуна бо лексикография муносибат барпо мекунад? Ва ё чигуна нақши услубро дар илми фарҳангнигорӣ муайян кардан зарур аст? Барои ҷавоб гуфтан ба саволҳои боло, албатта ба худи илми услубшиносӣ муроҷиат кардан лозим меояд, зеро ки онро меҳвари забонӣ гуфтан лозим аст. Он тамоми калимаҳое, ки дар забон мавҷуданд ва ё дар асоси имли лексикологӣ гурӯҳбандӣ мешанду онҳо мувофиқи илми фарҳангнигорӣ ба расмият дароварда шуда дар луғатномаҳо аз рӯйи тартиботи муайян ҷой меёбад, омӯхта мешаванд.

Дар луғатномаҳои дузабонаи омӯзишӣ нақши қайдҳои фарҳангнигорӣ хеле калон аст ва хонанда ҳар чи зудтар омӯхтан ва ё чи гуна ба кор бурдани онҳоро ба таври автоматӣ бо ёрии қайдҳои махсус меомӯзад. Инчунин мавриди истифодаи онро дуруст дарк намуда, ҳангоми корбасти он кам ба хатогиҳо рӯ ба рӯ мегардад. Чунин қайдҳои луғатнависӣ метавонад, забон ва сохтори мисолҳоро ба як қолаби устувор медарорад. Чи тарзе ки дар боло гуфта гузаштем, фасоҳату нафосати нутқро бо ишораи дурусти калимаҳо ба тартиб медарорад.

Дар фишурдаи маскур танҳо истифодабарии қайдҳои услубӣ дар фарҳанги точикӣ-англисии Маматов Ҷ. ва дигарон мавриди муқоиса қарор мегиранд. Дар масъалаи луғатшиносӣ ва махсусан оиди истифодаи қайдҳои услубӣ дар фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи точик нақши забоншинос, фарҳангнигор ва тарҷумон А.Мамадназаров бениҳоят бузург аст. Мувофиқи илми луғатнигорӣ намудҳои гуногуни қайдҳои фарҳангнигорӣ мавҷуданд, ки аз ҳама маъмултарини онҳо қайдҳи грамматикӣ, услубӣ ва махсус мебошанд. Ҳамаи қайдҳои луғатнигорӣ бо воҳидҳои махсуси худ дар фарҳангҳо ишора мегарданд. Он гуна ишораҳо бештар бо ихтисораҳо оварда шуда ба кадом услуби нутқ таълуқ доштани калимаҳоро нишон медиҳанд. Масалан барои муайян намудани як вожа ки ба кадом услуби нутқ таълуқ дорад, бо ҷунин ишораҳо оварда мешаванд: lit. literally =адабӣ., colloq. Colloqual =гуфтугӯй., poet poetic=шоирона., Fig. figurative=маҷозӣ., dial. dialect =лаҳҷавӣ., phr. phrase =ибора ва ғ.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЗАБОНШИНОСИИ ИНТЕРНЕТВ

Шайдуллои Ҳ. – муаллими калони кафедраи
забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Сарфи назар аз баъзе камбуди ва нуқсонҳои ҷойдошта, истилоҳоти интернети дар забоншиносии точик рушду нуму карда истодаанд. Истилоҳоти забоншиносии точик то ин дам нишебу фарозҳои зиёдеро паси сар намудаанд. Дар марҳилаи аввал олимони маъруфи форсу-точик, Абуали ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ бештар аз дастовардҳои забони арабӣ истифода кардаанд. Нахустин китобҳои грамматикии забони точикӣ таҳти таъсири дастурҳои ин забон таълиф ёфтаанд, пас он истилоҳоти русӣ ва ба воситаи он истилоҳоти забонҳои Аврупо, хусусан забони англисӣ ба забони точикӣ ворид шудаанд. Агар имрӯз ба сайри таърихии инкишофи истилоҳоти забоншиносии точик назар кунем, хоҳем дид, ки сарчашмаи асосии он ҳамин ду забон-забони арабӣ ва русӣ мебошанд.

Соли 2007 забоншиноси рус Е. И. Горошко дар мақолаи худ пешнищод намуд, ки дар доираи омӯзиш ва тадқиқотҳо, метавон аз забоншиносии муосир як шохаи алоҳидаеро бо номи “забоншиносии-Интернет” ҷудо кард. Аммо аз тарафи ин забоншинос баъд аз чопи мақолааш, ки ба ин масоил бахшида шуда буд, дигар пажуҳише дақиқ нашудааст. Баъдан, соли 2008 дигар забоншиноси рус, Л.Ф. Компанцева истилоҳи “забоншиносии Интернет”-ро

пешниҳод кард ва назарияи худро дар ин самт пешниҳод кард. Инчунин Дэвид Кристал пешниҳод менамояд, ки тамоми самтҳои таҳти пажуҳиши ҳамаҷониба қарордошта, номгузори карда шаванд.

Имрӯзҳо дар ҳама шохаҳои забоншиносии тоҷик, хусусан дар бахши забоншиносии интернетӣ зиёд истилоҳоте вохурда мешавад, ки бевосита ва ё бо роҳи тарҷумаи таҳтулафзи аз забони англисӣ ва ё русӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардидаанд. Мисол: blog – блог - вебнавишт, chat – чат - гап, daily – дневной - якрӯза, data – данный - додаҳо, go to ... - перейти к... – бирав ба ..., wireless – беспроводный – бесим, like – лайк – лайк (писанд аст), log in,login - войти – даромадан, enter – ввод – даровард, online, on-line – онлайн – онлайн (бархат), download – загрузка файлов - файлкашӣ ва ғара.

Вобаста ба корбасти истилоҳот ва истилоҳнигории тоҷик бисёре аз забоншиносон тоҷик фикру ақидаҳои худро нигоштаанд. Яке аз забонштносони маъруфи тоҷик, профессор Мирзо Ҳасани Султон роҷеъ ба корбасти истилоҳоти забони тоҷикӣ чунин андеша дорад “Бояд таъкид кард, ки мо имрӯз дар масъалаи корбасти истилоҳот ва истилоҳнигории забони модарӣ ба мушкилот дучор омадаем, зеро дар даврони пешрафти беназири илму фан истилоҳнигори ба сифати омили тавонбахш ва ғаноафзои забон дар ҷомеаи мо аҳамияти бештар пайдо кардааст.

Аз ин хотир моро зарур аст, ки барои ифодаи мафҳумҳои навтарину нозуктарини илму техника аз ҳамаи имконоти забони модарӣ самаранок истифода барем. Ба воситаи эҳёи қолабҳои суннатии истилоҳнигорӣ шохраги пӯёии забони модариро ба таҳрик оварда, ғаноафзоии забонро ҳам аз ҳисоби вожасозии дохилизабонӣ ва ҳам аз ҳисоби иқтибосгирии оқилонаи истилоҳот таъмин намоем”.

ON EARLY TRANSLATIONS OF PERSIAN POETRY IN AMERICA

Nazirova H. A. – senior lecturer, department of English and Comparative Typology TNU

In Orientalism, as in many other matters, the first standards of taste were set for American readers by their British counterparts. American journals early began to advertise the great linguistic and literary discoveries of Sir William Jones and his associates. In fact, most of the periodicals contained a mere paraphrase of material already published in British and French books and magazines. However, although they did not reveal any in-depth knowledge of the subject, they had a striking favoritism for the lyrical Persian poet Hafiz.

For example, an Oriental “Tale of Hafez” was published in the first volume of the New York Magazine or Literary Repository which appeared in 1790. Numerous versions of Hafiz were printed by the Philadelphia journal Portfolio in 1806-08. By the second decade of the century the Portfolio was printing translations from the Persian directly.

The New England cultural center also made its contribution to these early American Oriental studies. In 1833, Boston’s Select Journal of Foreign Periodical Literature published a survey of English translations of Shahnamah of Firdausi (including Jones’s, Champion’s and Atkinson’s) from various British journals. Thus, the last of the three best known Persian poets were brought to the attention of American readers.

In 1856, William R. Alger published the first American anthology of Oriental literature. The National Quarterly Review of 1861published a general discussion of Persian poetry that dealt mainly with Firdausi, Jami and Rumi. In 1865, Emerson wrote a preface to a reissue of Gladwin’s translation of Sadi’s Gulistan.

With the commitment to Persian poetry of American essayist, philosopher and a poet Ralph Waldo Emerson (1803-1882), American literature made a genuinely original contribution to the history of Persian studies in the West. Altogether, Emerson translated some 700 lines of Persian verse, excluding prose paraphrases.

English scholars who served the interests of their country in India made a significant contribution to the study of Persian literary heritage in Britain. They own a huge number of scientific publications, as well as translations from Persian classical poetry.

In this regard, we should first mention the famous “Grammar of the Persian Language” by William Jones, published in London in 1771. Two Persian quatrains, later attributed to Omar Khayyam, appeared for the first time in an English translation without the author’s name. In it, William Jones first published his translation of the famous Hafiz gazelle called “The Hafiz Persian Song”.

According to the grammar of William Jones mentioned above, the Persian language was taught by Edward Fitzgerald, author of the famous poem Rubayat Omar Khayyam (1859), which marked the beginning of the worldwide fame of the medieval poet, formerly known as a mathematician and astronomer.

The works of William Jones had a significant impact on the work of most English poets - romantics. The figurative lyrics of Persian poets, especially Hafiz, inspired poets such as Wordsworth, Coleridge, Southey, Byron, Shelley and Keats, who sought to move away from the aesthetic norms of neoclassicism.

Since the last quarter of the 18th century, entire volumes of historical texts and collections of translated excerpts from Persian primary sources have been published. A lot of grammar textbooks appeared, several large and small dictionaries were published, and a huge number of manuals for learning the Persian language.

ТЕРМИНЫ И ПОНЯТИЕ ТРАДИЦИОННОЙ ОДЕЖДЫ

Камоли Н. Б. – ассистент кафедры английского языка и сравнительной типологии ТНУ

Изучение термина и понятия традиционной одежды является специфическим фактором в определении обычаев, традиций, развитие социально-культурных связей определенной нации. Как правило, национально-культурная жизнь народов тесно связано с их ценностями, традициями, обычаями и религией. В данной статье исследуется термин и понятие традиционной одежды наиболее ярко выраженное в художественных произведениях, что может способствовать определению национальной своеобразие культуры народа-носителя.

Следует отметить, что на основе сопоставления термина и понятия традиционной одежды также можно выявить аналогичность и отличие в области традиционной одежды.

Термины можно классифицировать по содержанию. Как правило выделяют теоретические термины и термины наблюдения. Теоретические термины представляются абстрактным понятием, понятие которого обусловлено определеннойконцепцией или теорией. Термины наблюдения — это классы реальных объектов. Обычно по сферам знаний и деятельности классифицируют термины, которыми они имеют отношения. Подобная классификация также может происходить по принципу содержания. Третья классификация происходит по логической категории, то есть в данном случае можно выделить термины предметов, величин, единиц, процессов, свойств и признаков. В зависимости от сферы применения также термины могут быть классифицированы по применению, как универсальные и используемые в определенных смежных областях, уникальные и концептуально авторские термины. Существует много классификаций термина, которое осуществляется логически, лингвистически и по другим признакам.

В настоящее время имеется различные объяснения слову «одежда». В словаре С. И. Ожегова слово «одежда» поясняется следующим образом: «совокупность предметов которыми покрывают облекают тело».

В словарях слово «одежда» интерпретируется аналогически, однако труднее её классифицировать. Как правило ЛО в каждом обществе классифицируется в зависимости от «гендерной (половой), возрастной и социальной принадлежности, от её формы, размера, материала, кроя, от выполненных ею функций и назначений, времени (сезонности) и места функционирования. Само слово «одежда» в «Толковом словаре» Владимира Даля определено таким образом: «одежа, одёж; одежка, одежонка, одежища; одеянье, одёва, одёвка, все, чем человек одевается, платье, облаченье, окрута; или кроме шапки, рукавиц и

обуви. Одежда всегда дифференцировалась на мужскую и женскую. Народная одежда – это основная часть культуры, отражающая традиции, образ жизни, в целом в ней выражается этническая история. Ввиду этого при изучении этнической истории народа и его культуру можно определить социальные отношения, традиции, эстетические нормы, также можно будет определить изменения формы одежды в исторический период.

Материалы, связанные с одеждой в соответствии с прежним исследованием в европейской литературе, началось в средние века в период первых путешествий. В среднеазиатские регионы приезжали многие послы, путешественники, купцы и т.п., которые в своих воспоминаниях описывают нашу среднеазиатскую одежду, характеризируют её и представляют необходимую информацию, связанную с одеждой. Особенно в XIX веке, когда установились тесные связи России со Средней Азией, русские все чаще посещали наши места и оставили важные для истории воспоминания о культуре, одежде, производстве определенных городов, районов.

БАЪЗЕ МАХУСУСИЯТҲОИ ОВОЗӢ ДАР ФАРҲАНГИ ТОҶИКӢ-АНГЛИСИИ Р. ОЛСОН

Маликова У. М. – ассистенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Мушкилии асосӣ дар он аст, ки калимаҳои англисӣ аз рӯйи тарзи навишташон талаффуз намешаванд. Имлои забони англисӣ хеле ҳам консервативӣ буда, дар хондан ва талаффуз кардани калимаҳои англисӣ мушкилӣ ба вуҷуд меорад. Инчунин, маънои дар фарҳангҳо додашуда бояд ба ҳамагон фаҳмо ва равшан бошад.

Дар замони муосир дар забонҳои англисӣ ва америкоӣ ду навъи додани талаффузи калима мавҷуд аст. Аввалан, додани тарзи талаффуз бо ёрии тартиб додани алифбои фонетикӣ – яъне транскрипсияи фонетикии умумихалқӣ аст. Имрӯзҳо ин методро дар тамоми фарҳангҳои ҷаҳон истифода мебаранд.

Дуввум, додани талаффуз бо ёрии алифбои англисӣ, одатан баъди додани имло ҳар як калима аз нав бо ёрии баъзе ишораҳо навишта мешавад.. Ин метод дар фарҳангнигории русӣ ва тоҷикӣ истифода бурда намешавад, аммо дар фарҳангнигории америкоӣ ва англисӣ-арабӣ васеъ истифода бурда мешавад. [Ориёнпур, 2004]. Бояд таъкид кард, ки дар ҳар оилаи ин фарҳангҳо системаи махсуси рамзҳои овозӣ истифода шудаанд, ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд. [Webster's. 1990] Дар "Фарҳанги тоҷикӣ-англисии Олсон" ягон намуди талаффуз дода нашудааст. Масалан:

ҷамол - adj.beauty, elegance, grace, charm.
Ҳусну ҷамоли духтар беҳамто буд, зебо, хушрӯ.
ҷастухез n. jumping, hopping, skipping.
Духтарон бо ресмон ҷастухез мекарданд. паридан, ҷаҳидан
ҷаҳондида adj..experienced traveler.
Ӯ як пири ҷаҳондида буд. (ҷаҳонгашта)
ҷодугар n. magician, witch, sorceress, conjurer
Дар маҳаллаи онҳо як ҷодугаре зиндагӣ мекард.(афсунгар,
аҷузакампир) [саҳ. 610].
ҷосусӣ n. spying, espionage
Маълум шуд, ки ӯ таи чанд сол дар ин давлат ҷосусӣ мекард.
Баъзан муаллиф ду намуди хондани калимаҳоро додаст:
Масалан:
бар // барр n. (land, continent)
Тамоми баҳру барро гаштам, вале чун ту касеро пайдо накардам.
дароздаст // дастдароз adj. (longarmed, aggressive, bold)
Вай марди дароздаст аст.(тавоно, забардаст, золим, ситамгар)
Нишалло //нишолло n. A Tajik sweet
Ман як пиёла нишолло хӯрдам.

пагаҳ // пагоҳ n. adv. (morning, in the morning, tomorrow)
Пагоҳ мо ба маркази шаҳр меравем. субҳ, саҳар, сабоҳ, фардо, рӯзидигар, барвақт
раҳ // роҳ n. road, way, means,mode
Ин роҳ ба кучо мебарад? гузаргоҳ, ҷода, кӯча, масофа, восита, васила, маслак, тариқ, тарз, расм, қоида, бор, маротиба, карат
сават // сабад n. basket
Ин мӯйсафед сабадбофи машҳури шаҳр буд.
сароидан // сурудан vt. to sing
Ман суруданро дӯст медорам. (суруд хондан)

ИСТИЛОҲОТИ ИҚТИБОСИИ СОҲАИ МАОРИФИ ТОҶИК

Мирзоева П. В. – аспиранти кафедраи
забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Калимаҳои иқтибосие, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил гардидаанд, асосан иқтибосоти арабӣ, русӣ-байналхалкӣ мақоми хосе доранд. Дар ҳоли ҳозир калимаҳои иқтибосие, ки ба фонди луғавии забони тоҷикӣ ворид гардида истодаанд, аз забони англисӣ иқтибосшуда ба ҳисоб мераванд. Махсусан, афзуншавии иқтибосотро бештар дар соҳаи маориф вохӯрдан мумкин, зеро баъд аз қабул намудани системаи Балония (2005-2006), яъне низоми кредитӣ ба соҳаи маориф истилоҳоти нав ворид шуданд. Донишманди рус Н. М. Шанский дар мавриди иқтибосшавии калимаҳо чунин ибрози ақида намудааст: «иқтибосгирӣ як раванди қонунии пешрафти ҳар як забон буда, ҳеҷ як халқ, хоҳ он соҳиби забон бошад, хоҳ офарандаи ин ё он забон, ҳаргиз дар ҳолати алоҳида ва дурафтода аз забони дигар зиндагӣ карда наметавонад» Муҳаққиқ ва арабшинос Т. Бердиева бошад, оиди зарурати иқтибосшавии калимаҳо ва истифодаи онҳо дар забон чунин қайд мекунад: «зарурати истеъмоли иқтибос аз он бармеояд, ки ин ҳодиса хосияти забонӣ надошта, балки он бо омилҳои ичтимоӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, фарҳангӣ ба миён меояд».

Э. Хауген се навъи асосии иқтибосотро шарҳ медиҳад: калимаҳои иқтибосӣ, калкаҳо ва калимаҳои иқтибосие, ки бо роҳи семантикӣ (маъноӣ) иқтибос мешаванд. С. В. Гринев бошад, калимаҳои иқтибосиро аз рӯи чор аломат тасниф мекунад:

1. Вақт ва ё замони иқтибосшавии калимаҳо.
2. Забон – манбаи иқтибос.
3. Соҳаи истифодаи калимаҳои иқтибосӣ.
4. Хусусияти маводи иқтибосшаванда.

Мафҳумҳои асосие ки айни замон дар системаҳои таълимӣ ва маорифи мо истифода шуда истодаанд, истилоҳоти донишгоҳ (university), донишҷӯ (student), декан (dean), мудири кафедра (the chairman of department), хориҷ кардан (exclude), дохил шудан (enter to university) ва ғ. мебошанд, ки онҳоро ба гуруҳи истилоҳоти кӯҳнашуда метавон дохил кард, зеро аллакай муддати ним аср аст, ки онҳо мавриди истифода қарор гирифта истодаанд ва мафҳумҳои он ба ҳама маълум аст.

Ба истилоҳҳои байналмилалие, ки ба фонди истилоҳоти соҳаи таҳсилоти олӣ ворид гаштаанд, истилоҳоти стандартикунонӣ (standartisation), ҳамоҳангсозӣ (harmonize), ҷаҳонишавӣ (globalisation), системаи кредитӣ (credit system) ва ғайра ба шумор мераванд, ки ҳар яке аз ин истилоҳот шарҳи маъноиро талаб менамоянд, зеро онҳо мафҳумҳое ҳастанд, ки на ба ҳамаи ашхоси ҷомеа маълум ҳастанд.

Баъд аз таҳлилҳо маълум гардид, ки истилоҳоти иқтибосие, ки ба соҳаи маорифи мо солҳои наздик ворид шуданд ва фонди луғавии забони моро ғанӣ гардонида истодаанд, истилоҳотҳое мебошанд, ки баромади англисӣ доранд ва то ҳол бисёри аз ин истилоҳот эквиваленти тоҷикии худро дар забони тоҷикӣ пайдо накардаанд, ки ин чунин мафҳумҳо мебошанд: бюллетен-(bulletin), шаҳраки донишҷӯён (campus), кандидат (candidate), коллеҷ (college), кредит (credit), дидактика (didactics), диплом (diploma), аудит (audit), аудитор (auditor), аксиома (axiom), тест (test), курс (course), семинар (seminar), портал (portal).

ИБОРАҲОИ СИФАТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСИВУ ТОҶИКӢ

Абдулҳақов С. – докторанти Ph.D-и кафедраи
забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Яке аз хусусиятҳои муҳим ва зарурии инкишофи забоншиносии муосир аз он иборат аст, ки олимони забоншинос ба масоили таҳқиқи муқоисавии забонҳо таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Ин усули таҳқиқ имкон медиҳад, ки проблемаҳои муҳимтарини забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар натиҷаи тафовуту монандии забонҳо муқаррар гардад. Таҳқиқи муқоисавии забонҳо барои нишон додани пайвастагӣ ва мувофиқати далелу бурҳони забонҳои гуногунсохт аҳамияти бузург дорад.

Мақсади мақолаи мазкур аз омӯзиши муқоисавии иборaҳои сифатӣ дар забонҳои англисиву тоҷикӣ иборат буда, барои муайян намудани хусусиятҳои мутобиқати шаклӣ ва айнияти шаклӣ, қолабӣ ва дар баробари ин барои муайян намудани ҷузъҳои асосии он иборат мебошад.

Зарурати усули таҳқиқи муқоисавӣ ҳамаҷониба омӯхтани масъалаҳои синтаксис, лексикаи тоҷикиву англисӣ дар сурати ба назар гирифтани хусусиятҳои миллии онҳо аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ дорад, иброз мекунад забоншинос А. Мирзоев дар китоби “Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ”. Душанбе, Деваштич 2002”. Синтаксис яке аз қисмати асосии грамматика буда, бо воҳидҳои аз ҳамин калима мураккабтар сарукор дорад.

Воҳидҳои асосии синтаксис ибора, ҷумлаи содда ва ҷумлаи мураккаб ба шумор мераванд. Аҳамияти тартиби калимаро мисолҳои зерин собит мекунанд. Дар забони англисӣ пеш аз исм истодани сифат нишондиҳандаи ибораи артибутивӣ мебошад a red apple агар сифат баъди исм истад, яъне дар ҳолати постпозиция бошад, ҷумлаи унвонӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он сифат вазифаи предикатро адо мекунад: An apple is red. Ба забони тоҷикӣ бошад, ин хусусият хос нест, ҳам дар ибораи (себи сурх) ва ҳам дар ҷумлаи номӣ (себ сурх аст) ҷойи компоненти тобеъ тағйир намеёбад. Бо вуҷуди ин тарафдори ақидаем, ки ҳангоми муайян кардани масъалаҳои хелҳои ибора ҳамчун “воҳиди муқоиса” ин хусусият низ ба қатори меъёрҳои ҳатмӣ дохил карда шавад. Ҷамъбасти гуфтаҳои боло ба хулосае меорад, ки дуаъзогии ба алоқаи тобеъ асосёфта бо хусусиятҳои зерин байни ҳам алоқаманд (муайян) мешавад:

бо характери муносибатҳои синтаксисӣ ва атрибутивӣ, объекти холӣ;

бо тарзи ифодаи алоқаҳои синтаксисии мувофиқати вобастагӣ, ҳамроҳӣ;

Мавқеи калимаи тобеъ нисбат ба меҳвари худ дар ҳолати препозиция ва ё постопазиция мебошад. Пайвастагии ин меъёрҳо ҳамчун система маҷмӯи нишонаҳои устувореро ташкил мекунад, ки бо асоси таъиноти “хелҳои ибора ҳамчун воҳиди муқоиса” гузоштан мумкин аст.

Last year I lived at the Muhammad Alikhoja madrasah (p. 57)

Ман порсол дар мадрасаи Муҳаммадалӣ - ҳоҷӣ меистодам, дар он ҷо як муллобача буд, ки ӯро махдуми ҳайрат мегуфтанд ва ӯ ҳам мисли шумо аз дилаш ғазал мебаровард (с, 48).

ИСТИЛОҲОФАРИНӢ ДАР ТАРҶУМА (ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ)

Алимов Ф. Х. – докторанти Ph.D-и кафедраи
забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Истилоҳ калимаи хос, мушаххас ва дақиқест, ки вазифаи муайнеро дар ин ё он соҳаи ҳаёт иҷро менамояд. Дар робита ба мафҳум ва вазифаи истилоҳ аз ҷониби забоншиносону муҳаққиқон таърифҳои гуногун пешниҳод гардидаанд. Масалан, дар мақолае, ки соли 1970 нашр шудааст, Б.Н. Головин ҳафт таърифи ин консепсияро оварда, онҳоро барои хатогиҳои мантиқӣ ва номутобиқатии хусусиятҳо бо хусусиятҳои истилоҳ, ки бо таърифҳои воқеӣ, забонӣ ва нутқии он муқаррар шудаанд, интиқод мекунад [Головин 1970, саҳ. 18-19]. Дар як китоби худ В.П. Даниленко, ки соли 1977 нашр шудааст, В.П.Даниленко 19 таърифи

истилоҳро оварда, таъкид мекунад, ки ин рӯйхати ҳанӯз ҳам нопурра аст, ки идома доданаш мумкин аст [Даниленко 1977, сах. 83-88]. Ин фаровонии мафҳумҳои мухталиф, албатта, на танҳо ба он далолат мекунанд, ки дар замони таҳияи онҳо низоми илмӣ вуҷуд надошт, ки мавзӯи он истилоҳ ва ё истилоҳофаринӣ бошад, балки бо он далел, ки ин истилоҳ объекти як қатор илмҳо мебошад ва ҳар як илм кӯшиш мекунад бо аломатҳои истилоҳӣ, ки аз нуқтаи назари он назаррасанд, фарқ гузорад.

Истилоҳот унсурҳои дастгоҳи илмии назария ва консепсияҳо мебошанд, ки самтҳои дониш ва фаъолиятро дар якҷоягӣ бо дигар воситаҳои шиносоӣ тавсиф мекунанд: асбобҳо ва воситаҳои илмӣ. Илова бар ин чунин воситаҳои рамзӣ ба монанди номенклатура, номҳои мувофиқ, аломатҳо, нишондиҳандаҳо ва инчунин комбинатсияи онҳо дар шакли шифоҳӣ, формулаҳои рамзӣ, диаграммаҳо ва ғайра.

Забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ дар рушди забоншиносии муосир нақши муҳиме дар тадқиқи забонҳо дорад. Дар заминаи ин метод хусусиятҳои нодиру бемисл ва ё муштараки ин ё он забон ошкор мегарданд. Забоншиносӣ дар навбати худ бахшҳои мухталифи баҳси худро дорад, ки истилоҳшиносӣ ҷузъе аз онҳост. Рушди бесобиқаи илму технология ба он оварда расонд, ки ҳамарӯза даҳҳо калимаву истилоҳоти нав ба лексикаи забонҳо ворид мегарданд. Зимнан, мушкилоти омӯзиш, тарҷума, стандартикунонӣ ва муайян намудани ҳудуди истифодабарии истилоҳот ба миён меоянд. Агар ба мавзӯи истилоҳшиносӣ ва ё истилоҳофаринӣ дар маҷмуъ назар афканем, дармеёбем, ки ҳар соҳаи илм ба худ истилоҳоти мушаххасеро дорост.

Муҳаққиқону забоншиносони ҳам хориҷӣ ва ҳам ватанӣ дар ин ҷода мақолаҳову рисолаҳои илмӣ, китобҳои таълимӣ ва ё фарҳангҳои истилоҳоти соҳавӣ таҳия намудаанд, ба мисолӣ: Т.Ф, Нелюбин Л. Л, Тимофеев Л. И, Федеров А. В, Ференци Д, Ширяев А. Ф, Ю. В. Рождественский, В.В.Виноградов, А. О.Смирницкий, А. А.Уфимцева, Брунот Ф., Эсперсен О. А., Саворий Т. Н., В. Н. Сольнцева, Ю. С. Степанова, С. Д. Ю. Д. G.O. Винокур, Апресян, АслиддиноваР.Н, Баротов Ф.К, Бекмуродов М.М, Валиева З.А, Гайнутдинова А. Г, Ҷоматов С. С, Ҷамшедов П., Ҷураев Т. К, Камолова С. Д, Каримов Ш. Б, Мамадҷанова Л. М, Мирзоев З, Мирзоев Х. Х, Муродбекова М.Х, Муҳаммадиева З. А, Наврузшоев Б. Х, Нагзибекова Б.М, Назарова Н.С, Наимов Р, Пулатова Н. Ю, Раззокбердиев Ш, Саидов Ҳ. А, Собирова С. Г, Солиева М. А, Сулаймонов С, Султонова Р. М, Фатҳуллоев И. Б, Мирзо Ҳасани Султон ва дигарон.

Таълифоти дар боло зикр шуда хоси ин ё он соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд, ки бештари аз онҳо рисолаҳоеанд, ки ба таври муқоисавӣ истилоҳоти ин ё он соҳаи илмро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Тарҷумашиносӣ низ дар қатори дигар соҳаҳои илм дорои истилоҳоти махсус мебошад.

ИБОРАҲОИ ШИГИФТАНГЕЗ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Шерхон С. – докторанти Ph.D-и кафедраи
забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ

Пажӯҳишу ҷусторҳои зиёди олимону донишмандони соҳаи забоншиносӣ ба хусус олимони рус ва англис ба монанди Анохин П. К., Апресян Ю. Д., Аракин В. Д., ДарвинИ., Джемс У. М., Mesquita B. and Fridja N. H. ва дар осори донишмандону нависандагони классику муосири тоҷик ба монанди Саъдии Шерозӣ, А. Ҷомӣ, Ҷ. Румӣ, Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода ва дигарон ки дар истифода ва омӯзишу пажӯҳиши ибораҳои шигифтангез хело назаррас мебошад ва аз ҷумла дар осори адабии донишмандони ҷаҳон ибораҳои шигифтангез ба таври васъ истифода шудааст. Дар ин мақола ҷустори қисмате аз ибораҳои шигифтангез дар асоси маводҳои гуногун дар адабиёти тоҷик, англис ва рус мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Кушиш намудем, ки дар се забон (тоҷики, англисӣ ва русӣ), ки ба оилаи забонҳои ҳинду-аврупоӣ дохил мешаванд маъноҳои бо ҳам наздики ибораҳои шигифтангезро пайдо намуда, мавриди омӯзиш қарор диҳем.Дар мақолаи мазкур диққати вижа ба он дода шудааст, ки дар кадом маврид бештар ва дар кадом ҷумлаҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ ибораҳои тааҷҷубовар ё шигифтӣ ба кор бурда шудаанд. Мо низ

ҳамарӯза ба чунин ибораҳо вомехурем ва дар мавриди гуфтугу бо ҳам истифода мебарем. Ин ибораҳо бештар дар суҳбатҳои озод байни мардум истифода мешаванд ва дар забони илмӣ ва адабӣ камтар ба назар мерасанд.

Мо ҳамеша суҳбати дӯстонро дӯст медорем. Аз ин рӯ, дар ҳамагуна сӯҳбат ба суханони ҳамсӯҳбат посух додан лозим аст, ва ӯро ба худ ҷаб карда, кушиш кунем то суҳбатро ҷолибу ҳайратовар намоем, то ҳарчи завқмандона ба сӯҳбати мо гуш диҳад. Чанд намунае аз ибораҳои шигифтангезро дар се забон- тоҷикӣ, англисӣ ва руси инҷо меорам:

№	Ибора дар забони тоҷикӣ	Ибора дар забони англисӣ	Ибора дар забони русӣ
1.	Хело аҷоиб!	That's amazing!	Это поразительно!
2.	Чи ногаҳонӣ!	What a surprise!	Какая неожиданность!
3.	Намедонам чи бигӯям!	I'm speechless!	Я не знаю, что сказать!
4.	Ии номумкин аст!	It can't be true!	Это невозможно!
5.	Дар ҳақиқат!	Really?	Правда? В самом деле?
6.	Не бовар намекунам!	I don't believe it!	Я не верю!
7.	Мутмаинед! Рост мегӯед!	Are you serious?	Ты это серьезно?

СЕРМАЪНОГИИ ВОЖАҲО ҲАНГОМИ ТАРҶУМА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Замонов З. И. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

Дар илми забоншиносӣ муайян кардани маънои калима мавқеи муҳим дорад. Ин қисмати асосии илми забоншиносӣ семасиология ё семантика ном дошта, таҳлили ҳаматарафаи қисмати асосии забон - маънои калимаро меомӯзад. Қайд кардан ба маврид аст, ки нисбати ин шохаи илми забоншиносӣ дар байни муҳаққиқон ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Чанде аз олимон бар он ақидаанд, ки семасиология ва семантика дар илми забоншиносӣ вазифаи баробар, яъне маънои асосии калимаро дар забон ифода менамоянд. Гурӯҳи дигари олимон бо роҳҳои гуногун истифодабарии маънои калимаро дар забон дастгирӣ менамоянд.

Дар китоби «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (1985) ин калима чунин шарҳ дода шудааст: семасиология, семантика - як соҳаи илми забоншиносӣ, ки аз маънои калимаҳо баҳс мекунад (98.с.1003). Дар китоби «Лексикологияи забони немисӣ» (1998.с.86) бошад, чунин навишта шудааст: Die Teildisziplin der Lexikologie, die Bedeutungen der Wörter und die Bedeutungsbeziehungen im Wortbestand untersucht, heißt die Semasiologie.

Ҷустуҷӯйи калимаи ҳаммаъно усули аз ҳад зиёд истифодашавандаи тарҷумаи истилоҳҳо мебошад. Калимаи ҳаммаъно – мувофиқати доимии луғавӣ мебошад, ки маънии калима айнан мувофиқ меояд. Истилоҳҳое, ки дорои калимаҳои ҳаммаъно дар забони тарҷумашаванда мебошанд, ҳангоми тарҷума мавқеи муҳим доранд ва шарҳи аниқу возеҳро медиҳанд. Аз ин истилоҳҳо дарки маънии дигар калимаҳо вобастагӣ дорад ва онҳо имконият медиҳанд, ки мазмун ва характери матн дарк карда шавад. Лекин баъзан тарҷумон на ҳамеша метавонад мазмуни ибтидоии матнро бо ёрии дигар системаи истилоҳот нишон диҳад. Ин масоил дар навбати аввал бо он шартнок карда шудааст, ки системаи забони истилоҳҳо дар умум ба монанди системаи луғавӣ нотакрор ва гуногунмаъно мебошад. Сабаби нодурии системаи забони иистилоҳҳо воқеиятҳои зерин мебошанд:

Системаи истилоҳҳо қисмати системаи луғавии забони миллӣ мебошад, ин бошад маънии онро дорад, ки дар ин ва ё он дараҷа махсусияти миллӣ-фарҳангии онро инъикос менамояд.

Системаи истилоҳҳо соҳаи мафҳумҳоро дар соҳаи аниқи фаннӣ инъикос менамояд, ки дар фарҳангҳои гуногун дорои фарқият мебошад.

Ҳангоми вуҷуд надоштан иимконияти ёфтани калимаи ҳаммаънои мувофиқ тарҷумон кӯшиш менамояд, ки мазмуни истилоҳро бо усулҳои дар боло дарҷгардида пешниҳод созад. Таърихи ҳар як забон оиди тағйиротҳои доимӣ дар таркиби луғавии забон бо сабаби

тағйиротҳои доимӣ дар зиндагӣ, ки бо рушди истеҳсолот, фарҳанг ва илм алоқаманд аст, шаҳодат медиҳад .

Аз таърихи забон маълум аст, ки аксарияти калимаҳои хориҷие, ки дар аввал барои тарҷума хеле мушкил арзёбӣ мегардиданд, минбаъд тарҷума шуда, инъикоси худро пайдо намуданд, ва тарҷумон бо чунин калимаҳо дар матни аслӣ рӯ ба рӯ гардида, бояд дигар дар ҷустуҷӯй набошад ва ё калимаи нав ба вуҷуд орад ва аз воситаҳои тайёри интиқоли он истифода барад. Аксар вақт луғате, ки дар забони дигар дорои калимаи ҳаммаъно намебошад, воқеиятҳоеро инъикос менамояд, ки дар асл зери мафҳуми онҳо «номгӯи қисматҳои ҳаёти рӯзмарра, таърих, фарҳанги халқияти мансуб дар назар дошта шудааст, ки дар дигар халқиятҳо, дар дигар мамлакатҳо ва мавзеъот ҷой надоранд» . Дар тамоми давру замон метавон саъю кӯшиши навиштани калимаҳои бегоназабонро бо воситаи забони модарӣ пайгирӣ намуд, ки бо садодиҳии он наздик аст.

Лекин, ин раванд на танҳо бо гуногунсистемавии фонологии забонҳо, инчунин бо мавҷуд набудани дарки илмии ин падида дар умум мураккаб мегардид.

НАЗАРЕ БА КОРИ ТАРҶУМА

Ҷумаев Т. Б. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

Тарҷума аз замонҳои қадим дар таҳкими муносибатҳои бисёрҷабҳаи қавму миллатҳои гуногунзабон хизмат кардааст ва карда истодааст. “Тарҷумаи бадеӣ дар забони тоҷикӣ таърихӣ беш аз шастсола дорад ва дар ин муддат дар соҳаи тарҷумаи бадеӣ хеле тағйирот, таракқиёт ва такомулот ба вуқуъ омад”. Тарҷума кори сахлу осон нест.

Барои он ки асари бадеӣ аз забони франсавӣ ба забони тоҷикӣ баргардон шавад, пеш аз ҳама чиро бояд донист? Асари ин ё он нависандаро пеш аз тарҷума намудан, бояд ақаллан ду маротиба хонд; сипас ифодаву ибороти номафҳуми онро вобаста ба ҳар як саҳифа тарҷума намуд; пас аз сурат гирифтани тарҷумаи хом онро гаштаву баргашта бо забони модарӣ бояд хонд; худро дар ҷойи шахси мутолиагари асари тарҷумашудаи хеш гузоред ва бубинед, ки он ба шахси хонанда фаҳмо ҳаст ё не; порчаҳои матнро аз ҷиҳати грамматикӣ ба забони тоҷикӣ мутобиқ намоед, то ин ки замонҳои феъл ва ҷумлаҳои тарҷуманамудаи шумо бо ҳам пайваст ва як мафҳуми дурустро ифода намоянд; пас аз чор маротиба тарҷумаи хешро хонда, онро ба ягон муҳаррири бахши адабӣ супоред, то услуби онро дурусттар намояд; тарҷумаи тарҷумон бояд аз тарафи гурӯҳи тарҷумонҳо мавриди назар қарор гирад ва сипас нуктаҳои норавшани он пеш аз ба дасти чоп расидан мавриди муҳокима қарор бигирад.

Ҳамзамон тарҷумаи романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ ва як ғазали Ҳофизи Шерозӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.«Dilorom et sa petite fille traversent la deuxième cour ou se trouvait les habitations de servants et la mihmankhana pour les invites de petites noblesse.» Масалан калимаи «меҳмонхона» дар забони франсавӣ тарҷума нашудааст. Ҳол он ки тарҷумон метавонист «меҳмонхона»-ро бо калимаҳои «chambre d’hote» ё «la salle de sejour»-баргардон намояд.

Ғазали «Солҳо дил талаби Ҷоми Ҷам аз мо мекард» -ро тарҷумонҳо баргардон намудаанд. Ин ҷо мо маҳорати баланди шарқшинос, олим ва мутарҷиму донандаи хуби забони форсӣ Генри Фушекур ва Мансур Монтейро танҳо дар таркиби “Ҷоми Ҷамшед”, дида мебароем. Фушекур ин ибораро айнан тарҷума намудааст яъне «La couple de Djamchid» ва Мансур Монтей бошад, калимаи мифологии «Graal»,ки ба мо робитае надорад мавриди истифода қарор медиҳад.

ТАҲЛИЛИ ДУ РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ ДАР ТАРҶУМАИ Ф. БОДЕНШТАТ

Шарипова Г. Ҷ. – муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

Мардуми соҳибзавқи олмонӣ бори нахуст соли 1879 бо рубоиёти Умари Хайём ошно гардиданд. Мутарҷими бузург Ф Боденштат рубоиёти шоирро ба 10 қисмат мутобиқи мавзуъ ва муҳтаво тақсим ва номгузорӣ кардааст, ки дарки онҳо, тартибу танзими онҳо ниҳоят аҳамиятнок аст. Ӯ дар дарки рубоиёти Хайём ӯро мутафаккир, бедордил ва оқил меҳисобад ва дар ҷаҳони Ғарб бо рубоиёташ шинохта шудааст. Ҳар яке аз ин қисматҳо миқдори муайяни рубоиётро соҳиб буда дар умум 467 рубоиро дар бар мегирад.

Тарҷумаи рубоиёти Хайём аз тарафи Фридрих Боденштет «Суруд(тарона) ва панду андарзхои Умари Хайём (Die Lieder und Sprueche des Omar Chajjam)» соли 1881 дар Бресфау чоп шуда, 467 рубоиро дар бар гирифта намуна ва нусхае аз он дар Китобхонаи миллии Душанбе низ ҷой гирифтааст, ки аз нашри нахустин буданаш дарак медиҳад.

Бояд қайд кард, ки дар тарҷумаи Боденштет махсусият ва мазмуни панду андарзии рубоиёти Умари Хайём нигоҳ дошта шудааст. Мисолҳои зер гувоҳи онанд.

Хайём:

Эй дӯст, биё, то ғами фардо нахурем

В-ин як дама умрро ғанимат шумарем.

Тарҷумаи Боденштет:

Komm, Freund,wir wollen nicht sorgen um morgen,

Wir halten als Beute das Gute von heute geborgen.

Мутарҷим дар тарҷумаи калимаи ғам- der Gram, die Schwermut, die Trauer бо забони олмонӣ нозукиеро нигоҳ доштааст, ки ба хонанда фаҳмо аст ва он бошад sorgen am morgen – ғамхори кардан ба фардоаст.

Қадимтарин нусхаи чопии рубоиёти Хайём ба забони форсӣ нусхаест, ки касе ба номи Башор Таалли дар 64 саҳифа дар Калкута ба соли 1836 мелоди мутобиқ ба 1252 ҳиҷри қамари ба чоп расонидааст.

Шоир дар рубоии зер андешаи дигар кардани шакли хаёти зисти харрузаро водор месозад. Боденштет нуқтаи назари этникии Хайёмро, ки виҷдон ҳокими қавии инсон дар фаъолияти у аст нишон додааст.

Боденштат:

Dieser Krug ist wieich unglucklich lebendig gewesen,

In schoene Locken und Augen verliebt unversaendig gewesen.

Хайём:

Ин куза чу манн ошики зоре будаст,

Дар банди сари зулфи нигоре будаст.

Дар ин рубои шакл ва мазмун ба мисли ҷисму ҷон мувофик омадааст, ки ибораи рехтаи зеринро ба хотир меорад «die den Nagel durch Herztreibt-ба қалб ҷо гирифтан», дар тарҷумаи калимаи зулф-Locken мутарчим калимаи-Augen-ро ҳамкофия овардааст, ки он мазмуни рубоиро ба хонанда дуруст фаҳмонидааст. Умари Хайём падар ва мутахасиси дастнораси рубои аст, наметавон касеро ба у хамвазн хисобид.

Ёдрас метавон намуд, ки дар шакли пурраи мақола тахлили пурраи рубоиёт бо забони олмонӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

РОЛЬ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ЭВОЛЮЦИИ ФРАНЦУЗСКОЙ ДРАМАТУРГИИ

Махмудов Д. – старший преподаватель
кафедры иностранных языков ТНУ

В начале Нового времени и Эпохи великих географических открытий, исследователи и путешественники по странам Востока, представлявшие самые разные социальные слои от дипломатов, ученых, купцов, военных до просто авантюристов, внесли свой значительный вклад в эволюцию представлений французов о Востоке.

Трагедия Габриэля Бунена (Gabriel Bounin;1535-1604) о трагических событиях, связанных с «первой леди» Османской империи Роксоланой – «Султанша» (La Soltane; 1561) заслуживает упоминания лишь в той мере, что она, наряду с пятью новеллами, объединенными в книгу «Весна Ивера» Жака Ивера была первым во Франции произведением на восточную тематику и с неё зародился новый жанр, впоследствии получивший название «ориентальная литература».

За «Султаншей» появляются десятки трагедий, по большей части, которые были лишь подражанием пьесе «Сулейман» итальянского поэта, драматурга и писателя Просперо Бонарелли делла Ровере (1582-1659), имевшей грандиозный успех. Многие французские авторы другие варьировали сюжет пьесы по своему усмотрению.

С точки зрения драматургии, к тому времени французские писатели «прекрасно поняли большое преимущество, которое театр мог получить от экзотических трагедий. Некоторые считали, что экзотические сюжеты позволяли придать героям необходимое достоинство».

Один из пионеров, приближенных к реальности восточной драматургии Франции XVII века, Жан-Батист Расин (1639-1699), обратившийся к восточной тематике веком позже, стал первым, кто разработал на театральной сцене восточный сюжет из современной XVII веку жизни.

Между тем, некоторые недоброжелатели Расина во главе с «отцом французской трагедии» Пьером Корнелием (1606-1684) говорили, что герои Расина – турки лишь по одежде, а по чувствам и поступкам – французы. Данный факт впоследствии позволил исследователям их творчество сказать, что «Корнелий рисует людей такими, как они должны были бы быть, а Расин – такими, каковы они в действительности».

В 1672 г. Корнелий предлагает свои восточные мотивы в своей героической трагикомедии «Пульхерия» (1672). Ему вторит крупнейший из теоретиков французского классицизма, французский поэт Николя Буало-Депрео (1636-1711), который подчеркивал, что содержанием трагедии «должна быть судьба нации, а героями могут являться лишь короли, военначальники, представители высшей знати, так как жизнь только таких людей неразрывно связана с судьбой государства».

Другой французский писатель, мыслитель и моралист Себастьен-Рок Никола де Шамфор (1741-1794) пишет пятиактную трагедию на восточную тематику «Мустафа и Зеангир» (1776), которая пользовалась успехом скорее не у публики, сколько при дворе.

Среди бесчисленного множества подобных мертворожденных псевдовосточных творений следует упомянуть другого французского драматурга, рассматриваемого периода времени, члена Академии Антуана Мариен Лемьера (Lémierre; 1723-1793), который на основе античных сюжетов («Hypermnestre», 1758; «Terée», 1761; «Idomenée», 1764 и др.), пишет пьесу «Вдова Маламбара» (La veuve de Malambar), основное действие в которой перенесено в Индию.

Жанр комедии, вслед за быстро исчерпавшим себя жанром трагедии, также оказался весьма благодатной почвой для впитывания восточных сюжетов: «Благодаря итальянской комедии широкая публика получила инициализацию, через которую она была подготовлена к восприятию комедий на восточные сюжеты, которые развивались в XVIII веке под влиянием «Тысячи и одной ночи» и «Тысячи и одного дня». Лесаж, который принял участие

в обработке «Тысячи и одного дня», облегчил доступ на французскую комическую сцену сюжетов восточных сказок».

ТАЪСИРИ АДАБИЁТИ ФАРОНСА БА АДАБИЁТИ ФОРСУ-ТОҶИК

Маҳмадов Ҷ. Ш. – ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

Аз охири асри Х1Х дар илми ховаршиносии Аврупо давраи нав сар мешавад. Мусташриқон бештар ҳамон асарҳоеро мавриди тадқиқу тарҷума қарор доданд, ки дар замонҳои пеш ё омӯхта нашуда буданд ё худ баргардонишҳои аввала ба завқи хонандаи рӯз ҷавоб намедоданд. Давраи бо ёрии мутахассисон ҳунармандони сухан – шоиру нависандагон омаданд. Акнун бештар тарҷумаҳои бадеӣ қадр ёфтан гирифтанд. Тадқиқотҳои мусташриқон шакру мазмуни нав касб карданд, чаро барои нигоштани онҳо муаллифон аз услубҳои навини адабиёт шиносии замон истифода бурда буданд.

Ин ҳолатҳоро мо дар навиштаҳои шарқшиносони фаронсавие, ки дар саргаҳи қарни бист зистаю эҷод кардаанд, эҳсос мекунем. Нигоҳи нав ба моҳияти асарҳои Фирдавсию Хайём, Аттору Румӣ, Саъдию Ҳофизу Ҷомӣ хоси асарҳои Қ. Юар, Болыше, А. Корбен, Э. Бенвенист, А. М. Гуашон, А. Ги мебошад. Андешаҳои Юар оиди осори Румӣ, Низомӣ, Афлакӣ, Асадии Тусӣ ва тарҷумаҳояш аз эҷодиётҳои суханварони форсу тоҷик сифати баланд доранд. Блошэ барои тадқиқи паҳлуҳои наомӯхташудаи «Авесто» ҳисса гузоштааст. Феҳрасти ӯ таҳти унвони «Каталоги дастхатҳои форси китобхонаи миллии Париж» (1905-1934) имрӯз ҳам арзиш дорад.

Анри Корбэн умри худро баҳри омӯзиши мероси фалсафии шоирони Аҷам сипарӣ кард. Имрӯз асарҳои ӯ «Таърихи фалсафи исломӣ» (1964-1971), дар ду ҷилд «Дар Исломи Эронӣ» (1971-1973), дар чаҳор ҷилд барои муҳаққиқони осори Носири Хисраву Сӯҳраварди китобҳои рӯи мизӣ гаштанд. Хонум Амали Мари Гуошан тамоми зиндагии худро барои омӯзишу тарҷумаи осори Ибни Сино сарф намуд. Олимаи фаронсавӣ дар байни синошиносони ҷаҳон обрӯю эътибори бузург дорад. Тавассути Ги фаронсавӣ на танҳо аз осори шеъри Хайём воқиф шуд, балки тарҷумаҳои фаронсавии ӯро аз шоири ишқсаро (1927) ва хирадманди фалсафа гуфтор (935) қироат кард. Солҳои 1900-1930 хонандаи фаронсавӣ ашъори Фирдавсию Хайём, Аттору Руми, Саъдию Ҳофизу Ҷомиро тавассути тарҷумаҳо мутолиа намуд

МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ МАВҚЕИ ОСОРИ ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ АЗ ҶОНИБИ МУҲАҚҚИҚОНИ АВРУПОӢ

Иброҳимов З. Н. – ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

Шоиру орифи бузург Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар таърихи назми башар ба ҳайси хуршеди олами ирфон пазируфта шудааст ва «Маснавии маънавӣ»-и ӯ яке аз машҳуртарин ва мондагортарин осори назми форсу тоҷик буда, маҷмуае аз ҳикояту достонҳои ибратомӯз аст, ки метавонад дар ҷиҳати рушду такомули ҷомеа ба кор гирифта шавад. Аз ин рӯ, мо ворисонаш вазифадорем, ки дар омӯзишу таҳқиқ ва шинохти беҳтари рӯзгору осораш чуствиву чолокӣ кунем, аз шоҳкори пурғановати «Маснавӣ», ки бар ҳаҷ, хазинаи маърифат аст, ҳикмати зиндагӣ биомӯзем.

Ба қавли мусташриқи варзида Анна Мери Шиммел, ки дар таҳқиқи рӯзгор, осор ва афкори Мавлоно, инчунин тарҷумаи осори ӯ ба забони олмонӣ заҳмати фаровон кашидааст, «осори Ҷалолуддини Балхӣ метавонад моро ба сарчашмаи ҳақиқат ҳидоят кунад. Таърих ҳақиқати содаеро меомӯзад, ки агар ба усули маънавӣ ва инсонӣ такя дошта бошем, метавонем аз душвориҳо ва мазоиқи он бигзарем... Вақте дар донишгоҳ будам, ҷанги дуюми дунё оғоз шуда буд ва дар он шароити сахт осори Мавлавӣ ба манн қудрат дод, то бар аъсе, ки рӯҳамро ошуфта карда буд, чира шавам... Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мардест, ки ҳатто

дар шароити бисёр сахту тира ҳаргиз ноумед намешавад ва аз даруни мусибатҳо ва фаҷоеъ аносири умед ва хушбиниро берун мекашад, дунёро накӯҳиш мекунад, вале аз ин марз фаротар меравад ва ба роҳи раҳоӣ ишора мекунад.

Албатта, Мавлоно бо ишқи хеш тавонист теъдоди аъзами одамони маҷрӯҳу ҳиҷрондидаро мудавво кунад. Чунончи, Миша Рутенберг хунёгари ботаҷриба, аҳли Сан Франсискои иёлоти Калифорнияи Амрико бар он бовар аст, ки маҳз сурудаҳои Мавлоно ӯро шӯҳрат додааст. Ба андешаи мо, маҳбубияти мақбулияти Мавлоно аз сӯи табақаи мухталифи ҷомеа ин аст, ки Мавлоно хешро моли ҳама медонад ва миллатгаро нест. Мардумро ба сӯи ваҳдату сулҳ даъват менамояд.

АДАБИЁТИ ЗАМОНИ СОМОНИЁН АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОНИ ФАРОНСА

Назиров Ш. Б. – асситенти кафедраи забонҳои хориҷии
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

Адабиёти давраи салтанати Сомониён дар Фаронса асосан дар нимаи дуюми садаи гузашта кашф гардид, ҳарчанд оиди рӯзгор ва осори баъзе намояндагони он, пеш аз ҳама устод Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, фаронсавиён барвақт, ҳануз дар охири қарни XVII тавассути “Библи-отек Ориентал”-и Д' Эрбело ошноӣ доштанд. Вале ахбори д'Эрбело ва ҳамчунин овардаҳои дигар сарчашмаҳои фаронсавӣ (қомусҳои дар асрҳои XVIII- нимаи якуми садаи XIX нашрдида) перомуни султони шуарои замони Сомониён ва ҳамасрони ӯ ночиз буданду ба хонанда оиди адабиёти ин давра дониши амиқ дода наметавонистанд.

То солҳои ҳаштодуми асри пешина хонандагони фаронсавӣ асосан чанд пора аз осори Рӯдакӣ дар лафзи хеш қироат карда буданду халос. Адабиёти давраи Сомониён, ки дар он давра шеъри форсӣ-тоҷикӣ ибтидо мегираду дар он хирад ситоиш ёфта, тараннуми он то ба дараҷаи конспексияи файласуфи қарни XVII Рене Декарт (1595-1650) мерасад, тавассути мусташриқи намоёни фаронсавӣ Жам Дармстетер (1849-1894) кашф гардид. Асари Ж Дармстетер “Пайдоиши назми форсӣ” (Париж, 1887) унвон дошта, дар он, ба қавли ироншиноси муосири фаронсавӣ Жилбер Лазар, адабиёти замони Сомониён аз болои асари ховаршиноси Олмон Ҳ. Эте “муаррифи зебо” шудааст.

Воқеан, то Дармстетер касе аз ҳамкасбони ӯ перомуни шеъри форсӣ, бахусус оиди оғози он, зайле мутарҷими русии “Пайдоиши назми форсӣ” Л. Жирков ҳам барҳаҚ ишора кардааст, сухани самимӣ нагуфта буд. Шаш фасли ин китоб ба шеъри замони Сомониён бахшида шудааст. Пас аз тарафи рӯзгор ва осори Рӯдаки дар боби “Нашъунамои шеър дар давраи Сомониён”—Рӯдакӣ Ж. Дармстетер ба сифаткунии ҳамасрони ӯ мегузарад ва боби махсусеро ба Шаҳиди Балхӣ бахшида, онро ба таври зайл оғоз менамояд.

“Дар атрофи Рӯдакӣ армияи калони шоирон гирд омада буданд. Мо ба ном яке аз онҳо – бо ситояндаи бо ваҷди ӯ – Шаҳиди Балхӣ вохӯрдем. Мегӯянд, ки Рудакӣ ӯро аз худ боло мегузошт. Чаҳор ё панҷ порае, ки аз ӯ боқӣ мондааст, фурӯтании устоди ӯро сазоворанд. Шаҳид фарди рӯҳафтодаи замонаш буд. Дар баробари таҳаммулу зуҳуроти навозишҳои латиф дорои фантазияи маъюсу мӯҳтамиш аст.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ФЕЪЛҲОИ МОДАЛӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Талабов Т. С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии
факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

Модалият (аз лот. Modus-меъёр, тарз, восита) дар забоншиносӣ категорияест, ки муносибати гӯяндаро нисбат ба мазмуни фикри гуфташуда, муносибати мундариҷаи фикри гуфташударо ба воқеият ифода менамояд. Модалият маъноҳои тасдиқу инкор, фармону хоҳишмандӣ, илтимос, ризоӣ ва ғайраро ифода мекунад. Модалият барои возеҳии баёнот аҳамияти муҳимеро дорост. Тобишҳои модалӣ тавассути сиғаҳои феълӣ (хабарӣ, амрӣ, эҳтимолӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ), калимаҳои туфайлӣ, ки тобиши модалӣ доранд (албатта,

ҳатман, эҳтимол ва ғ.) зада, оҳанги гуфтор, умуман ба воситаҳои мухталифи грамматикӣ сурат мегиранд. Дар ҳар як забон тарзи хоси ифодашавии модалият вуҷуд дорад. Масалан, дар забонҳои тоҷикӣ, олмонӣ, англисӣ ва русӣ феълҳои модалӣ вуҷуд доранд, ки ҳар якеи онҳо тарз ва роҳи ба худ хоси ифодашавӣ доранд.

Феълҳои модалӣ гурӯҳи махсуси феълҳоро ташкил медиҳанд, ки ҳамчун феъли ёридиҳанда низ шинохта шудаанд. Онҳо маънои луғавӣ ва моҳияти грамматикии худ ва муносибати ба воқеият доштаи мазмуни суханро ифода мекунанд ва аз ин ҷиҳат дорои тобишҳои сиғавӣ мебошанд. Ба гурӯҳи феълҳои модалии забони тоҷикӣ феълҳои зерин мансубанд: тавонистан, хостан, боистан, шоистан.

Дар забони олмонӣ низ ин гурӯҳи феълҳо бо таърифи дар болобуда мувофиқат намуда, сиғаҳои гуногунро, ба монанди хоҳишмандӣ ва эҳтимолӣ ифода менамоянд. Дар забони олмонӣ ба гурӯҳи феълҳои модалӣ чунин феълҳо дохил мешаванд: wollen, sollen, können, dürfen, mögen, müssen.

Ин феълҳо дар забони олмонӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: Ҳатмӣ; Эҳтимолӣ;

Ба гурӯҳи феълҳои модалии ҳатмӣ, wollen, können ва müssen дохил мешаванд. Гурӯҳи феълҳои модалии ҳатмӣ ба он мусоидат менамоянд, ки амал хоҳу нохоҳ иҷро карда мешавад ва барои иҷрои амал ҳеҷ гуна мамониат дида намешавад. Мисол: Er will in den Ferien arbeiten- Ӯ мехоҳад дар вақти таътил кор кунад.

Дар ин мисол феъли модалии “хостан” истифода гардида, ҳамчун модалитет ва сиғаи ҳатмӣ-хоҳишмандиро ифода намудааст. Феъли wollen, ки дар ҷумла дар шакли тасрифии шахси якуми танҳо омадааст, дар ҳама ҳолат сиғаи ҳатмӣ хоҳишмандиро ифода менамояд. Феъли дигари модалӣ, ки ба гурӯҳи ҳатмӣ дохил мешавад, können ба ҳисоб меравад. Ин феъл дар забони тоҷикӣ мафҳуми “тавонистан”-ро ифода менамояд.

Феъли “тавонистан” низ дар забони тоҷикӣ ҳамчун феъли модалӣ шинохта шудааст. Агар дар муқоиса ба забони олмонӣ ин феълро нишон диҳем, пас гуфта метавонем, ки ин феъл ҳамчун феъли модалии ҳатмӣ ба шумор меравад ва ҳангоми истифода гардидан дар матн ва ё ҷумла, амалро ба шакли модалитет ва ё ҳатмӣ нишон медиҳад: Wir können am Wochenende im eine Versammlung teilnehmen (Мо метавонем охири ҳафта дар як ҷласае иштирок намоем). Феъли тавонистан дар таркибҳои гуногуни феълӣ ва синтаксисӣ омада, имконпазир будан ё набудани иҷрои амалро ифода мекунад.

ТАСВИРИ БАРХӮРДҲОИ МАЗҲАБӢ ДАР ҲИКОЯИ ХОҶА АҲМАД АББОС «ХАНДАИ ПЕШ АЗ МАРГ»

Раҷабов Ҳ. – д.и.ф., профессори
кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ

Хоҷа Аҳмад Аббос (1914-1987) аз ҷумлаи он шахсиятҳои маъруфи Ҳиндустон мебошад, ки ба хотири саҳми арзанда дар инкишофи адабу фарҳанги ин мамлакат гузоштааш, дар қатори аввалин адибон сазовори чунин мукофоти баланд ба мисли мукофоти “Падма Шрӣ” (Ордени нилуфар) шудааст. Адиб, ҳамчун аъзои Анҷумани адибони пешқадами Ҳиндустон, бо фаъолияти бисёрҷонибааи худ, ки аз бе тамаъ хизмат кардан ба мардум иборат буд, фарқ мекунад. Дар олами фарҳанг ӯро пеш аз ҳама ба ҳайси муаллифи сенарияҳо мешинохтанд. Дар тамоми ҷаҳон “Ҷаноби 420”. “Оворагард” ва даҳҳо чунин филмҳои ҳиндӣ машҳур шудаанд, ки сенарияҳои онҳоро маҳз Хоҷа Аҳмад Аббос навиштааст.

Адиб дар Ҳиндустон ва берун аз он ҳамчун сенариянавис, ҳикоянавис, романнавис ва кинорежисёри бомаҳорат шӯҳрат пайдо кардааст. Лекин бояд ёдовар шавем, ки Хоҷа Аҳмад Аббос на танҳо шоҳиди авҷгирии муборизаи тудаҳои васеи мардум муқобили аҷнабиён, балки шоҳиди вазнинтарин бадбахтии ҳиндувону мусулмонҳо - бархӯрдҳои мазҳабӣ низ буд, ки дар арафаи тақсим шудани Ҳиндустон дар ин сарзамин мушоҳида шудааст. Вақте ки дар соли 1947 чун хабари ба ду давлат тақсим шудани Ҳиндустон дар саросари кишвар дақиқ муайяну чун барқ паҳн гардид, пас аз пушти он чӣ фоҷиае ба сари мардуми ин сарзамин

омаданаш мумкин буд,, онро пеш аз ҳама адибони пешқадам эҳсос намуданд. Онҳо бо ҳар роҳ бо ҳамон имконият ва нерӯе, ки доштанд, кӯшиш мекарданд, то ин нияти ҷудошавӣ сурати амалӣ нагирад, вале душманони ин кишвар тавонистанд ҷабҳаи ягонагии мардумони Ҳиндустонро дучори шикаст кунанд ва ба ҳадафҳои зиддиинсонии худ бирасанд.

Мошини шикастофарини ба ҳаракат омада дигар ба ғайри пеш рафтан, азми таваққуф кардан ва ё пас гаштан надошт. Адибони пешқадам ба мисли Хушвант Синҳ, Яшпал, Бҳишма Саҳнӣ, Иброҳим Ҷалис, Хоҷа Аҳмад Аббос, Вишну Прабҳакар, Амритрай, Моҳан Ракеш ва садҳо нафарҳои дигар задухӯрдҳои шадиди мазҳабӣ ва оқибатҳои хонумонсӯзи ин айёми ҷаҳолатро дида, маҳкум мекарданд. Ҳар кадоме аз ин адибон бо ҳамон андозае, ки задухӯрдҳои мазҳабиро дида буданду шунида буданд, бо ҳамон андоза акси ин воқеаҳоро дар саҳифаҳои асарҳои худашон ҷой медоданд. Ҳангоми сар шудан ва идома ёфтани ин бадбиниҳо, задухӯрдҳо, хунрезиҳо, оташзаниҳо ва тороҷгариҳо ашхоси баёни ақли солимро гӯш мекардагиҳо хеле кам буданд. Дар он замони пурдаҳшат аксарияти мардум фақат ҷоҳиливу ваҳшониятро медонисту ҳамин силоҳро ба кор мебурд.

Пас чун ду давлати соҳибистиқлол – Ҳиндустону Покистони озод бунёд шуданд, бо гузаштани чанд муддате каме оромӣ низ пеш омад, вале нишонаҳои дарду алами ҷудошавӣ ва ҷаҳолати бадбинӣ аз ҳар ҷониб намудор мешуданд. Адибон ба хотири мардумонро ҳушдор кардан ва пешгирӣ намудани задухӯрдҳои нави мазҳабӣ дар замони истиқлолияти Ҳинду Покистон низ ба масъалаҳои муноқишаҳои мусулмонҳову ҳиндувон тоза ба тоза бармегаштанд. Ин ҷараён ҳанӯзам идома дорад. Ҳоло ҳам захмҳои соли тақсимшавии Ҳиндустон пурра муолиҷа нашудааанд. Душманони ягонагии Ҳиндустон аз ниятҳои шуми худ даст накашидааанд.

Агар ҳамин таҳдид намешуд гумон аст, ки Камлешвар (1932-2005) барин адиби замони нав романи “Чанд Покистон”-ро наменавишт. Дар андак вақт даҳҳо маротиба аз нав чоп шудани ин асар далели он аст, ки мавзӯи бархӯрдҳои мазҳабӣ мавзӯи доғи рӯз шудааст. Хоҷа Аҳмад Аббос – намояндаи насли калонсоли адибони Ҳинд, як муддати задухӯрдҳои мазҳабиро, ки ифодаи дараҷаи олии ҷаҳолат аст, дар ҳикояи “Хандаи пеш аз марг” реалистона ба қалам додааст. Ва ҳамин манзараи тасвиршуда кофист, ки насли имрӯза оид ба зиддиятҳои фоҷиаовари соли 1947 тасаввури равшан дошта бошад.

МАВҚЕИ ЖАНРИ ҒАЗАЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ АҲМАД ФАРОЗ

Қурбонов Ҳ. А. – н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ

Аҳмад Фароз дар замони пурошӯбе, ки кишварҳои гуногуни олам ва махсусан, ватани шоир – Покистонро парешониву кашмакашҳо фаро гирифта буданд, эҷод намудааст. Осори шоир аз маҷмӯаҳои " تنہا تنہا " (Танҳо танҳо), "درد آشوب" (Дардошӯб), "نایافت" (Ноёфт), "جانان" "جانان(Ҷонон ҷонон), "شب خون" (Шаби хун), "میرے خواب ریزہ ریزہ" (Хобҳои ман реза-реза), " بے آواز گلی کوچوں میں (Дар тангкӯчаҳои беовоз), "نابینا شہر میں آئینہ " (Оина дар шаҳри нобино), " پس انداز موسم" (Фасли раҳоӣ ёфта), "سب آوازیں میری" (Ҳама овозҳо аз мананд), "خواب گل پریشان ہے" (Хоби гул парешон аст), "بود لک" (Будлак) ва маҷмӯаи ғазалиёташ "غزل بہانہ کروں" (Ғазал баҳона кунам) иборат мебошад. Ҳамон навъе, ки аз таҳлили мазмуну мундариҷаи ғазалҳои шоир бармеояд, муҳимтарин масъалаҳои марбут ба ҳаёти мардум, ҳодисаву рӯйдодҳои замон, бурду бохтҳои ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии кишвар ва дигар масъалаҳои ҳассоси он даврон дар ашъораш инъикос ёфтаанд. Сабку услуби нигориш ва махсусан забони ашъори адиб аз рӯйдодҳои муҳимми замон таъсир гирифтаанд.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки Аҳмад Фароз аз зумраи шоирони маъруфи асри ХХ дар адабиёти урду ба шумор меравад ва як қисми эҷодиёти ӯро ғазал ташкил медиҳад. Ғазалҳои Фароз бештар дорои анъанаҳои қадимии ин шакли шеър мебошанд. Ғазалҳои ӯро аз ғазалҳои шоирони пешин фарқ кардан душвор аст, зеро шакли образҳо ва тасвирҳо ҳама яксону монанданд. Аз ҷумла, дар ғазалҳояш, яъне дар тасвири дунёи муҳаббат Фароз ҳамон анъанаи пешинро идома додааст:

اس عشق و ترک عشق میں ناصح کہاں سے آ گیا
یہ اختیار آنکھوں کا ہے یہ فیصلہ ہے دل کے پاس
سعدی و حافظ بھی سہی مسندنشینان غزل
لیکن کلید میکدہ ہے غالب و بیدل کے پاس(А.Ф.-1556)

Дар ин ишқбозиву тарки ишқ Носиҳ зи куҷо омад,
Он дар ихтиёри чашмҳост, дар қарори дилҳост.
Дуруст аст, ки Саъдиву Ҳофиз шоҳони ғазаланд,
Лекин калиди маҷлисгоҳ дар дасти Ғолибу Бедил аст.

Фароз дар ғазалсаро̄й на танҳо анъанаҳои назми урдузабонро идома додааст, балки суннатҳои ғазалсароии форсиро низ пайрав̄й кардааст. Ин пайрав̄й ҳам дар мавзӯъ, шакли образҳо ва ҳам дар шаклу сохти ғазалҳои Фароз зоҳир мегардад. Ғазале, ки бо матлаи зер анҷом меёбад, аз ҳар лиҳоз ба ғазалҳои шоирони форсизабон шабоҳат дорад:

اس کی نوزشوں نے تو حیران کر دیا
میں میزبان تھا مجھے مہمان کر دیا
اک نوبہار ناز کے ہلکے سے لمس نے
میرے تو سارے جسم کو گلدان کر دیا (А.Ф.-1565)

Навозишҳои ӯ маро ҳайрон кардааст,
Мизбон будам, маро меҳмон кардааст.
Аз маҳси нозуки як навбаҳори ноз
Тамоми ҷисми ман мисли гулдон гаштааст.

Ғазалҳои Аҳмад Фароз, умуман, бо услуби мутантан ва дар айни ҳол то андозае сода навишта шудаанд. Махсусан, истифодаи калимаву ибора ва таъбиру ҷумлаҳои араб̄й-форс̄й ишораҳои зиёд ба дунёи дигар, зикри ҳодисаву воқеа ва номи ашхоси таърихиву ривоят̄й, услуби ғазали Фарозро ғанитар кардаанд. Омезиши калимаҳои араб̄й-форс̄й ба ғазалҳои адиб як ҳусну таровати зебое бахшидаанд, ки дар онҳо ба пуррагӣ хусусияти инфиродӣ ва таъсирбахшӣ эҳсос мешавад.

МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАЪЛИФОТИ МАМТА КАЛИЯ

Раҳматуллоева З. А. – н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ

Дар ҳиндшиносии тоҷик пажӯҳиши зиндагинома ва фаъолияти адабии бонуи суханвари адабиёти муосири ҳинд̄й Мамта Калия саҳифаи тозае мебошад. Мамта Калия бо неруи зеҳн̄й, бо сухани тоза ва бо дили саршор аз меҳру эҳсоси поки инсон̄й ба адабиёт ворид шудааст.

Мамта Калия 2 ноябри соли 1940 дар Вриндаван таваллуд шудааст. Адиба дар хонаводае ба камол расидааст, ки ҳамаи аъзоёнаш бомаърифат буда, ба таъриху адабиёт дилбастагии зиёд доштанд. Маҳз ҳамин фазои солими фарҳангиву маърифат̄й барои Мамта Калия боис гашт, ки ӯ дар оянда соҳиби маълумоти ол̄й гашта, баъдан касби муаллимиро интихоб кунад. Нависанда 24 соли умри пурбаракати худро ба касби муаллим̄й бахшида, дар баробари ин, боз ба кори эҷод̄й, яъне навиштани роману ҳикояҳо саъй мекунад. Мамта Калия яке аз нависандагони маъруф ва боистеъдоди адабиёти муосири ҳинд̄й ба шумор меравад. Маъруфияти ӯ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари интихоб кардани масоили мубрами ҷомеа чун мавзӯъ, дар ҳалли онҳо низ кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Дар адабиёти ҳинд̄й Мамта Калияро бештар ҳамчун ҳикоянавис шиносанд ҳам, вале ӯ дар навиштани романҳо низ қувваозмо̄й намуда, дар ин ҷода ҳам дастболо шудааст. Адиба 5 роман: “Бехона” (“बैघर”1971), “Дӯзах дар болои дӯзах”)“नरक दर नरक”,(1975, “Қиссаи муҳаббат”)“प्रेम कहानी”,(1980, “Духтарҳо”)“लड़कियाँ”,(1984, “Огоҳии зан”)“एक पत्नी के नोट्स”,(1995 ва маҷмӯаи ҳикояҳо: “Озод̄й”)“छुटकारा”,(1970, “Курсии № 6”)“सीट नम्बर छह”,(1975, “Як нафар зан” (“एक अदद औरत”,1976), “Ҳар рӯз” (“प्रतिदिन”,1983), “Ҷавонии ӯ” (“उसका यौवन”,1985),“Тафтишот ҳоло идома дорад”(“जाँच अभी जारी है”,1989),“Ҳикояҳои

машҳур”(“चर्चित करहानीयाँ”, 1989),“Зани сергап” (“बोलनेवाली औरत”,1998) иншо намудааст.Бар замми ин, боз ду маҷмӯаи ашъори адиба ба забони англисӣ чоп шудаанд.

Дар таълифоти хеш Мамта Калия бештар ба мавзӯоти иҷтимоӣ рӯ меоварад. Нобаробарии иқтисодӣ, ноадолатӣ, нодориву камбизоатӣ, беқадрии инсон ва мақоми пасти занон дар ҷомеа ва оила маҳаки асосии мавзӯъҳои осори нависандаро ташкил мекунанд. Масъалаи дигаре, ки Мамта Калияро бисёр дар ташвиш андохтааст, ин муносибати дурушти аъзоёни оила ба якдигар мебошад ва ин масъала мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаву амиқи нависанда Мамта Калия дар навиштаҳояш (“Таваллуд”, “Зани сергап”, “Тиреза”) қарор дорад. Мамта Калия чун инсони нексиришт муқобили ҳама гуна зӯровариву хушунат дар оила мебошад. Зӯроварӣ бо тамоми намудҳояш (хоҳ равонӣ бошад, хоҳ ҷисмонӣ) фазои хонаро ғуборолуд намуда, аъзоёни оиларо аз ҳам дур ва ҷудо мекунад.

Дигар падидае, ки дили пурҳассоси нависандаро ба дард меоварад, ин фақру бенавоӣ ва бекорӣ мебошад. Надоштани шароити хуб барои зист ва инкишофи зеҳнӣ ҷавононро рӯҳафтодаву маъюс мегардонад.

Хулоса, мазмун ва мундариҷаи таълифоти Мамта Калия зеҳни хонандаро барангезонида, дар сиришти онҳо қобилияти андеша кардан, дар ҳалли баъзе масъалаҳои иҷтимоӣ бачуръатӣ ва рӯҳи мубориз доштанро тақвият мебахшанд.

ИНЪИКОСИ МУҚОВИМАТИ ЗАНИ МУСУЛМОНИ ҲИНД ДАР ҲИКОЯИ «ОСМОНИ ХОМӮШ» («GUNGA AASMAAN»)-И НОСИРА ШАРМА

Нурова М. А. – д.и.ф., дотсенти
кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ

Рӯйхати асарҳои мансури адабиёти муосири ҳиндӣ сершумор аст. Ҳар як ҳикояи нависандагони ҳинд, сарфи назар аз гуногунии сатҳу дараҷаи бадеияти худ, ба ягон ҷиҳати инкишофи таърихии насри ҳиндӣ дахл доранд ва маҷмӯи ҳамаи онҳо ҷараёни хеле мураккаби инкишофи жанрҳои мансурро мунъакис менамоянд. Худи ҳамин гувоҳи он аст, ки ҳикоя як жанри муҳимми насри муосири ҳиндӣ буда, масъалаи инкишофи ин жанри насрӣ яке аз масъалаҳои муҳимми эҷодӣ ва адабӣ мебошад.

Дар адабиёти муосири ҳиндӣ адибаҳои зиёде ба майдони адабиёти жанрҳои мансур ворид гаштаанд, ки дар саҳифаҳои асарҳои худ мушкилоту талаботи зани ҳиндуро аз дидгоҳи зан ҳаллу фасл намуда, мақоми худро дар оила ва ҷомеаи муосири Ҳиндустон ишғол карда истодаанд. Дар сафи ин адибаҳо Носира Шарма (с.т. 1948) ва дигар намояндагони жанрҳои мансур, алалхусус ҳикояи ҳиндӣ, чун офарандагони асарҳои пурмазмуну хонданибоб номи худро дар таърихи адабиёти ҳиндӣ абадӣ нақш бастаанд. Занҳои ҳикоянавис аз қабили насрнависоне ҳастанд, ки дар асарҳои худ қаҳрамони марказиро соҳибмаълумот ва ҳам бесавод, доро ва нодор, зани оиладор ва зани бевамонда, хизматгор ва коргар, зани деҳотию шаҳрӣ, умуман қаҳрамонзани асари худро аз ҳар табақаю синфи ҷомеаи муосири Ҳинд интихоб кардаанд.

Дар саросари мамлакат Носира Шарма чун ҳикоянависи боистеъдод машҳур аст. Носира Шарма муаллифи қариб 40 асар мебошад. Эҷодиёти Носира Шармаро Гопал Рой чунин баҳо додааст: «Носира Шарма дар ҳикояҳои худ ҳақиқати ҳаёти мусулмонони Ҳиндро аз ҳар паҳлуяш инъикос кардааст. Вале хусусияти муҳимми эҷодиёти ӯ тасвири симои зан дар оилаи мусулмон ва истисмори беҷавоби он аст. Ҳикояҳои ӯро «Оинаи ҷомеаи мусалмон» метавон гуфт».

Ҳикояи «Осмони хомӯш» шашумин ҳикояи маҷмӯаи «Сангсор» (1933) аст. Дар аввал чунин ба назар мерасад, ки қаҳрамони марказии ҳикоя афсари пулис бо номи Фаршед аст. Ӯ ба ватани маҳбубаш софдилона хизмат мекунад. Аммо чун ба анҷоми ҳикоя менигарем, маълум мешавад, ки Фаршед бо қаҳрамонию ҷасорат, меҳанпарастию далерӣ барин хислатҳои мардона ҳеҷ умумияте надорад. Ҳамсари якуми Фаршед Меҳрангез муқобили шавҳари беадолату беинсоф, бемеҳру фасодкор ҷуръат намуда, сар боло кард. Танҳо

Меҳрангез бо қудрату тавоноии худ барои аз дасти Фаршед озод кардани занҳои бадбахт баромад.

Аз як тараф, чунин амали Меҳрангез, пеш аз ҳама, барои бахти хеш буд, зеро ӯ вақти ба шавҳар баромадан, албатта, чун занҳои дигар хонаю дари обод, шавҳари меҳрубону дӯстдорро орзу мекард. Аммо дар ҷомеае, ки дар он мақому манзалати мард садҳо маротиб болотар аз мавқеи зан дар оила мебошад, амалӣ шудани ин орзуи занҳо ғайриимкон аст.

ТАСВИРИ МАВҚЕИ ЗАН ДАР РОМАНИ «ХОНАИ Ӯ» («УСКА ГҲАР»)-И МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ

Латифов А. Д. – муаллими калони
кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ

Меҳруннисо Парвиз низ аз қабили он нависандагоне мебошад, ки дар офаридаҳои худ занро дар маркази тасвири эҷодии худ қарор додааст. Романи «Хонаи ӯ» («Уска гҳар», 1972) яке аз романҳои арзишманди ӯ мебошад, ки дар он зан мавзӯи марказӣ интихоб гардидааст. Дар роман аз тақдири як зани бехату савод, бехонаю бенаво бо номи Эмла қисса мешавад. Баьди якчанд муддате аз тӯи арӯсӣ бо сабаби доштани бемории диққи нафас шавҳараш ӯро талоқ дода, зани дигар мегирад: «Вақте ман ба шавҳар баромадам зебо будам, танҳо бемории диққи нафасам хусуру хушдоманамро ба ташвиш оварда буд. Шавҳарам чунин фикр кард, ки ман аҳли хонаводаи ӯро фиреб додаам».

Аз танҳоию мушкилоти рӯзгор ба танг омада барои вақтро каме ҳам бошад хуш гузаронидан ба як мактаби назди хонаашон ба кор меравад. Бародараш бошад, ӯро бо афсари худ Аҳуҷа ба сайру гашти бегоҳирузӣ мефиристонад ва дар ивазаш суратҳисоби бонкии бародараш рӯз то рӯз зиёд гаштан мегирад. Эмла ҷуръати рад кардани хоҳиши бародарашро надошт. Аз ин рӯ, хоҳад нахоҳад ҳам бо Аҳуҷа ба саёҳат меравад.

Дар муқобили симои Эмла нависанда чеҳраи дигареро бо номи Решмаро офаридааст. Ӯ духтари якрав, боҷуръат ва қавиирода мебошад. Решма бо як профессор бо номи Дев муносибати маҳрамона дошт, аммо бо сабаби аз модараш нагирифтани иҷоза ақди никоҳ баста наметавонист. Лекин бо вуҷуди якрав буданаш намехост муқобили хоҳиши модараш барояд. То дами марг, модар Решмаро ягон бор барои иҷрои коре маҷбур насохта буд. Барои ҳамин хомӯшии модарро нишони ризоият дониста, баьди марги ӯ Решма ба ҳамон бачаи ҳинду ба шавҳар баромада, аз рӯйи қоидаҳои дини ҳиндуӣ тӯӣ менамояд.

Қаҳрамони дигаре, ки дар роман мавқеи марказӣ дорад, София мебошад, ки бар хилофи Эмла ва Решма андеша дорад, ки пайванди ягона байни зану шавҳар ин робитаи шаҳвонӣ мебошад. Ӯ ба шавҳар баромада, бо вуҷуди дар ҳар ҳолате қарор доштанаш, бо он ки бо шавҳараш мебошад, худро хушбахт меҳисобад.

Меҳруннисо Парвиз дар симои се қаҳрамонзан ҳаёти хонаводагии занону ҷавондухтарони ҷомеаи муосири Ҳиндустонро тасвир намуда, поймол гаштани ҳуқуқу озодиҳои онҳоро дар шаклҳои гуногун нишон додааст.

Ба ақидаи муҳаққиқи адабиёти муосири ҳиндӣ П. Мини, нависанда дар романи худ гуфтан мехоҳад, ки яке аз сабабҳои парокандагиву ноустувории оилаҳои ҷомеаи муосири Ҳиндустон зери таъсири анъанаҳои аврупоӣ рафтани онҳо мебошад. Яъне, парокандагиву бесарабонии оилаҳои бузург ба рӯзгори ҷавондухтарон низ бетаъсир намемонад. Ноустуворӣ дар оилаҳову хонадонҳо ба ҳаёти осоиштаи қишри осебпазири ҷомеа - занону духтарон бетаъсир намемонад.

Инчунин, дар роман дар симои Эмла ҳаёти мардуми масеҳимазҳаби ҷомеаи Ҳинд тасвир ёфтааст. Робитаи намояндагони мазҳаби мазкур низ дар роман бо ҷомеаи ҳинду, оила барпо намудани ҷавонони ҳар ду мазҳаб ҳам равшан инъикос шудааст. Фишори муҳити хонавода ба ҳуқуқу озодиҳои онҳо монеа шуда, садди роҳи бо якдигар хонадор шудани онҳо мегардад.

Ҳамин тавр, Меҳруннисо Парвиз пайваста дар офаридаҳои худ мавқеъу ва ҷойгоҳи зани ҳиндустониро ба қалам дода, вазъи воқеии зиндагии онҳоро нишон медиҳад.

МУХТАСАР ОИД БА ТАЪРИХИ ЗАБОНИ ҲИНДӢ

Рафиуддин – докторанти Ph.D-и
кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ

Забони ҳиндӣ – аз лиҳози гӯяндаҳо ва истеъмолкунандагонаш дар ҷойи дуюм қарор дорад. Гӯяндагони он бештар аз 500 миллион нафарро ташкил медиҳад. Дар Конституцияи Ҳиндустон тибқи Қарори ҳукумати Ҳиндустон таҳти №343-А аз соли 1949 забони ҳиндӣ ҳамчун забони давлатӣ қабул шудааст. Бинобар ин, ҳар сол рӯзи забони ҳиндӣ дар таърихи 14 сентябр, дар Рӯзи таваллуди Виваҳар Рачендра Синҳ ва 10 январ ҳамчун рӯзи байналмилалии забони ҳиндӣ ҷашн гирифта мешавад. “Ҳиндӣ” калимаи форсӣ буда, ба маънои “забони ҳиндӣ” ва худи кишвари Ҳиндустон омадааст.

Дар асл калимаи “ҳиндӣ”, шакли тағйирёфтаи калимаи “синдҳу” мебошад. Синдҳ номи як дарёест, ки аз ин ном истилоҳи “ҳинду” ва дертар “ҳиндӣ” пайдо шудааст. Ба ин забон номи “забони ҳиндӣ”-ро эрониён ва мусулмонони Ҳинд гузоштаанд. Ҳанӯз дар асри VI адибони дарбори шоҳ Анӯшервон забони асари қадимаи ҳиндувон “Панчатантра”–ро забони ҳиндӣ номида буданд. Дар асри XIII, дар соли 1227 шоири форсизабони Ҳинд бо номи Авфӣ дар асарҳояш истилоҳи “забони ҳиндӣ”-ро истифода бурдааст. Дар китоби Амир Хусрави Деҳлавӣ “Халиқбарӣ” бошад, калимаҳои “ҳиндӣ” ва “ҳиндавӣ” хеле васеъ истифода шудаанд. Калимаҳои “ҳиндӣ” ва “ҳиндавӣ” калимаҳои ҳаммаъно мебошанд ва ба маънои “забони ҳиндӣ” ба кор бурда мешаванд.

Алифбои забони ҳиндӣ “деванагарӣ” ном дорад ва аз 52 ҳарф иборат мебошад. Забони ҳиндӣ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил шуда, аз тарафи чап ба тарафи рост навишта мешавад. Аз сабаби он ки ин забон дар филмҳо, расонаҳои хабарӣ, дар ҳалқаи пешвоёни ҳаракатҳои миллӣ–озодихоҳии Ҳинд ва садҳуҳо (диндорони оворагард) васеъ истифода мешуд, хеле тараққӣ ва рушд кардааст. Дар ин забон ҷо-ҷо калимаҳои забони санскрит низ вомехуранд. Аслан, забони ҳиндӣ аз забонҳои санскрит, пали ва пракрит апабҳрамша сарчашма гирифтааст.

Мутахассисони забоншинос забони ҳиндиро ба се давра ҷудо кардаанд: Давраи аввал, давраи қадима мебошад ва солҳои 1000 то 1500 мелодиро дар бар мегирад. Дар ин давра аслан роҷеъ ба баҳодуриву шуҷоат, саховату ишқу ошиқиҳои подшоҳон, навобон ва сарватмандон асарҳо эҷод шудаанд.

Давраи дуюм, давраи миёна ном дошта, солҳои 1500 то 1800-и мелодиро дар бар гирифтааст. Дар ин давра, Аслан, масъалаҳои тоату ибодат кардан ба Худо, ба илми нуҷум ва риёзиёт рӯ овардан мушоҳида мешавад.

Давраи сеюм аз соли 1880 то имрӯзро дар бар мегирад. Ин давраро давраи ҷадид номидаанд. Дар ин давра жанри роман, ҳикоя ва драма, инчунин, ашъори танқидӣ, ки дар онҳо масъалаҳои иҷтимоӣ, ислоҳоти забон, ватанпарастӣ, муборизаҳо бар зидди англисҳо, нодориву бечорагӣ, баробарӣ, ҳуқуқи зан, ҳаёти деҳот инъикос ёфтаанд, мустаъмал буданд.

ҶОЙГОҲИ РОМАНИ «ҒАБАН» ДАР ЭҶОДИЁТИ ПРЕМЧАНД

Ёрова С. Н. – ассистенти кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ

Премчанд (1880 - 1936) яке аз маъруфтарин адибони Ҳиндустон дар асри XX, дар таърихи адабиёти ҳиндӣ ва урду бо ҳикояҳои сершумор ва романҳои пуарзиши замонавӣ саҳми назаррасе гузоштааст. Замони зиндагии Премчанд ба замони авҷгирии ҳаракатҳои миллӣ – озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон рост омадааст. Вазъияти фарорасида, пеш аз ҳама, таҳозо мекард, ки адибон ба мавзӯи муборизa ба муқобили мустамликадорони англис пайваста эътибор диҳанд ва дар ин мавзӯъ мақолаҳо ва асарҳои бадеӣ иншо намоянд. Асарҳое офаранд, ки дар қалби мардум ғурури ватанхоҳӣ беш аз пеш зиёд шавад.

Премчанд аз оғози фаъолияти эҷодии худ маҳз ба ҳамин масъала эътибор додаст. Премчанд дар баробари асарҳое, ки дар онҳо масъалаҳои муборизаи озодихоҳӣ матраҳ мешуданд, боз асарҳое эҷод менамуд, ки дар онҳо масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла зиндагии

пурмашаққати мардуми одӣ, занҳои беҳуқуқ ва аҳволи мардуми аз илму таҳсил дурмонда, инъикос мешуданд. Яке аз ҳамин гуна асарҳо романи “Ғабан” (“Камомад”) мебошад, ки масъалаҳои зикршударо дар бар мегирад.

Романи “Ғабан” соли 1930 иншо шудааст. Солҳои бистум ва сиюми асри ХХ дар Ҳиндустон солҳое буданд, ки муҳимтарин масъалаи вақт мубориза ба муқобили мустамликадорони англис буд. Модоме ки Премчанд барин адиби мубориз ва озодихоҳ, маҳз дар ҳамин солҳо ба масъалаҳои иҷтимоӣ–ахлоқӣ эътибор додааст, инро як амали тасодуфӣ дар эҷодиёти адиб гуфтан дуруст нест. Дар вақти навиштани ин роман Премчанд нависандае буд, ки аллакай дар тамоми Ҳиндустон чун адиби мубориз шуҳрат дошт. Ҳам хонандагон ва ҳам аҳли адаб аз ин адиб дар интизори он буданд, ки ӯ асарҳои замонавии барои мардум боманфиат меофарад.

Муҳаққиқони адабиёти ҳиндӣ оид ба бурду бохти ин асар назари хешро изҳор намуда, дар эҷодиёти Премчанд ва дар тамоми адабиёти ҳиндӣ дар замони нав ҷойгоҳи хос доштани романи “Ғабан”–ро зикр кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Кришначандр Лал роҷеъ ба ин роман дар китоби “Премчанд” (Деҳли, 1980, с.156) сухан ронда, чунин гуфтааст: “Премчанд дар роман ҳадафҳои худро ба воситаи баёни масоили иҷтимоиву психологӣ дар қолаби реализм бомуваффақият анҷом додааст”. Дар роман образи хотирмон, қабл аз ҳама, образи ҳамсари Раманатҳ Ҷалпа мебошад.

Маҳз бо фаҳмиш, андеша, дурбинӣ ва талошҳои Ҷалпа дар зеҳни шавҳараш Раманатҳ дигаргуниҳое ба амал меоянд, ки дар маҷмӯъ тамоми зиндагии ин ду ҷавонро дигар месозанд.

Ҳамин тариқ, романи “Камомад” ки аз замони иншо шуданаш то ба имрӯз чандин маротиба такроран ба забони ҳиндӣ чоп шудааст, инчунин ба забонҳои дигари ҳиндустонӣ ва хориҷӣ тарҷума ва ба табъ расидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин асар ҳам дар замони эҷод шуданаш ва ҳам дар замони муосир дорои аҳамияти бузурги ғоявию ахлоқӣ мебошад.

ХОҶА АҲМАД АББОС ВА АДАБИЁТИ ТАРАҚҚИПАРВАРИ ҲИНД

Амиршоева М. П. – муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ

Дар таърихи фарҳангу адаби Ҳиндустон конференсияи Иттиҳодияи нависандагони тараққипарвари Ҳиндустон, ки моҳи апрели соли 1936 дар Лакнҳнав баргузор гардид, рӯйдоди арзишманде маҳсуб мешавад. Ҷараёни кори конференсияро нависандагони саршинос Премчанд (1880-1936), Саҷҷод Зоҳир (1905-1973) ва Мулк Рач Ананд роҳбарӣ менамуданд. Ногуфта намонад, ки ба ин созмон шуъбаҳои мухталифи аҳзоби гуногун ва нависандагони зиёде, ки ба забонҳои гуногун эҷод мекарданд, ҳамроҳ шуда буданд, вале бештари нависандагонро нависандагони урдузабон ташкил мекарданд.

Ҳадафу мароми тамоми ширкаткунандагони ин конференсия пешрафту боландагии миллӣ буд. Премчанд зимни суханронӣ хотирнишон намуда буд, ки барои беҳтару хубтар шудани адабиёт мо бояд кӯшишии зиёд ба харҷ диҳем, то битавонем адабиётро ба марзҳои тоза бикашонем: «Мо бояд он адабиётеро офаринем, ки дар он равшанфикрӣ, озодихоҳӣ, ҳиссиёти дилангез, рӯҳи офаранда, дараҷаи дарккунии ҳақиқат инъикос ёбад. Адабиёти мо дар мо бояд қувваеро бедор созад, ҳавои тоза бахшад… зеро хоб барои мо баробари марг аст».

Пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба саҳнаи адабиёт бисёр нависандагони ҷавон ворид гардиданд, ки баъдан дигаргуниҳои азиме дар адабиёти муосири урду падид оварданд. Ба ин гурӯҳ Саодат Ҳасан Манто (1912-1955), Кришан Чандр (1914-1977), Ҳоҷа Аҳмад Аббос (1914-1987), Раҷендра Сингҳ Бедӣ (1915-1987) ва чанд тани дигар мансубанд.

Нависандагони мазкурро дар адабиётшиносии муосири Ҳиндустон ба сифати адибони тараққипарвар шинохтаанд. Аз ин миён махсусан нақши Хоҷа Аҳмад Аббос бисёр равшан аст. Мазкур соли 1947 ба майдони адабиёт ворид гардид. То расман пазируфта шудан дар ҷомеаи адабии Ҳиндустон ӯ ҳикоёте дар атрофи мушкилоту нобасомониҳои зиндагии

мардум эҷод намуда буд. Баррасии ин ҳикоёт, ки сабку шеваи хос ва бештар ҷанбаи рамзӣ доштанд, аз вуҷуди нависандаи боистеъдоду ҳунарманд дарак медод.

ТАВОНОИИ ЗАБОНИ ПОРСИИ ТОҶИКӢ

Абдулҳадов Ҷ. З. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи филологияи Эрони ДМТ

Перомуни зебоӣ, ширинӣ, ганҷинаи адабӣ ва дигар хубиҳои забони порсии тоҷикӣ сухан бисёр шунидаем. Акнун шояд гоҳи он расида бошад, ки бо дурустнигарӣ ба пажӯҳиши тавоноиҳои забони порсии тоҷикӣ бипардозем ва бубинем, ки оё ин забон метавонад посухгӯи ниёзҳои замони имрӯз бошад. Оё дар он костиҳое ёфт мешаванд ва агар ёфт мешаванд, пас чӣ гуна метавон онҳоро дуруст кард.

Яке аз вижагиҳои забон зоёӣ ё офаринишгарии он аст. Ҷустори мо дар ин ҷо ба зоёӣ ё офаринишгарӣ дар вожагони забон каронапазир мешавад. Зеро зоёии вожагонӣ ба хоҷагони забон тавоноӣ медиҳад, то ҳамроҳ бо дигаргуниҳое, ки дар ҷомеаи онҳо рух медиҳад, вожаҳои нав бисозанд ва короии забони худро бо ниёзмандиҳои худ оҳангину барозанда гардонанд.

Забоне, ки пешиниён ба кор бурдаанд, ҷавобгӯи ниёзҳои он рӯзи ҷомеа будааст. Мо бояд андухтаеро, ки онҳо барои мо гузоштаанд дастмояи хеш созем, гарчи наметавонем танҳо ба он басандагӣ кунем.

Забон бояд зоё бошад, то битавонад реша бидавонад ва шоха бизанад. Як намунаи нозосозӣ ё беборсозии забони порсии тоҷикиро дар ин ҷо меоварем, то дониста гардад, чӣ гуна вожаҳои тозӣ ба даруни забони порсии тоҷикӣ рахна карда ва дар гузари замон, монанди печак раванди зоёиро хушкондааст. Ин вомгирӣ ва рахнаи вожагон танҳо аз як вожаи «илм» («дониш») баромадааст: олим (донишманд), уламо (донишмандон), улум (донишҳо), маълум (дониста), таълим (омӯзонидан), аллома (бисёрдон), муаллим (омӯзгор), мутааллим (донишомӯз)…

Ин номаш вомгирии вожагонӣ аст ё тохтутози вожагонӣ?! Аз ин рӯ, ҳангоме, ки сухан аз поксозии забон меравад, набояд ин пиндор ба ёд ояд, ки мурод арабизудоӣ аст.

Бар ин поя, бисёре аз вожагони арабиву муғулӣ дар забони порсии тоҷикӣ зӯрвожа ҳастанд, на вомвожа. Барои намуна, ҳангоме ки забони порсии тоҷикӣ вожаҳои зебои “пизишк”, “сипос”, “ҳамсуд” ва“саранҷом”-ро дорад, дигар ниёзе ба вожаҳои “табиб”, “ташаккур”, “муштаракулманофеъ” ва “оқибатуламр” надоштааст ва ин вожагон танҳо ба миёнҷии чирагии сиёсии гурӯҳи пирӯз ба забони порсии тоҷикӣ зӯровар шудаанд.

Намунае аз саранависӣ ва сарагӯии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ: «Маст бошу махурӯш, гарм бошу маҷӯш, шикаста бошу хамӯш, ки сабӯи дурустро ба даст баранд ва шикастаро бар дӯш».

З-ин рӯ, ба кор бурдани вожаҳои арабӣ ба ҳангоми сухан гуфтан, нишонаи тавонмандӣ дар забони арабӣ нест, балки нишонаи нотавонӣ дар забони порсӣ аст.

Бояд инро ёдоварӣ кард, ҳар гоҳ нависанда дар навиштор ба фаровонӣ аз вожагони арабӣ баҳра гирад, метавон гуфт ӯ забони арабиро обёрӣ карда ва забони порсии тоҷикиро хушкондааст.

ШАБОҲАТИ ЗИНДАГИИ ЗАНОН ДАР АСАРИ МАҲМУДИ ДАВЛАТОБОДӢ «ҶОЙИ ХОЛИИ САЛУҶ» ВА УМАР САФАР «САДОЕ АЗ ХИЛВАТ»

Тоҳирзода С. Т. – н.и.ф., муаллими кафедраи филологияи Эрони ДМТ

Барои кашфи раванди воҳиди басту такомул ва вижагиҳои мушобиҳатҳои адабиёти форсизабони қарни XX, ба таври муқоиса мавриди таҷзияву таҳлил қарор додани ҳунари халлоқона ва насри достонии нависандагони кишварҳои ҳамзабон - Эрону Тоҷикистон ҳоизи аҳамияти бузургест.

Мушкилоти иқтисодӣ ҳамеша бистари муносиб барои эҷоди тағйиру таҳаввулоти иҷтимоӣ будааст. Дар ин миён нависандагоне, ки худро ҷузъе аз мардум ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ медонанд, бо сабт ва гоҳ вақт нақди ин таҳаввулот, рисолат ва ҳувияти иҷтимоии худро ҳифз мекунанд. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар баррасии робитаи байни адабиёт ва ҷомеа вуҷуди шабоҳатҳоест, ки дар он нависандагони мухталиф бо миллиятҳои мутафовити нигариши адабии мушобеҳе ба баъзе аз ин таҳаввулоти иҷтимоӣ нишон додаанд.

Барои мисол, Инқилоби Сафед истилоҳоти арзӣ дар Эрон ва пайомадҳои нофарҷоми он аз чашми тезбини Маҳмуди Давлатободӣ достоннависи муосири эронӣ пинҳон намонда ва дар романи «Ҷойи холии Салуҷ» тасвири воқеагароёна аз паёмадҳои пинҳон аз чашми ин таҳаввули сиёсӣ – иқтисодӣ ироия намудааст. Дар самти дигар Умар Сафар- нависандаи тоҷик, ки дар даврони Истиқлоли кишвар рӯ ба наср кардааст. Яке аз ҷанбаҳои фаъолияти ӯ нависандагиро ташкил медиҳад, дар арсаи адабиёти тоҷик дар муддати кӯтоҳ сабку усули хешро пайдо кардааст, асари «Садое аз хилват» намунаи ин навиштаҳост. Мавзӯи аслии асар масъалаҳои мубрами зиндагии имрӯза, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ишқу муҳаббат, зебоӣ, мақоми зан, муҳити оилавӣ яъне мавзӯи иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Тааммулу андеша ба ҷойгоҳи зан дар конуни хонаводагӣ, мазлумияти зан, муносибати мард ба зиндагии ӯ аз думраи мавзӯотест, ки дар адабиёти даврони муосир барҷастагӣ, ташаххус пайдо менамояд. Махсусан, мавзӯи бедории зан дар таъйини сарнавишти хеш, ҳимоят аз ҳаққу ҳуқуқ, талошу саъйи хастагинопазир барои раҳоӣ аз банду завлонаи ҷомеаи куҳансиришт, шикасти дидгоҳҳои суннатии шахшуда, дар романҳои ин давра чеҳраву пӯёии тоза пайдо менамояд.

Ташбеҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва бештар аз ҳама иқтисодии ин ду воқеа, яке давраи рукуди бузурги Инқилоби Сафед ва дигаре тоза қомати худро рост кардани кишваре, ки танҳо ба марҳилаи тоза ба дунё омаданро пушти сар мекунад, бар вуҷуди нохудогоҳии ҷамъе барои навиштани романҳои иҷтимоӣ назди бузургони адабиёти кишварҳои мухталиф даст мегузорад.

АНДЕШАҲОИ НИМО ДАР ПЕШГУФТОРИ БАРХЕ АЗ МАҶМӮАҲОИ ШЕЪРӢ

Сафаров У. Р. – д.и.ф., профессори кафедраи филологияи Эрони ДМТ

Нимо бахше аз андешаҳову дидгоҳҳои хешро зимни нашри дафтарҳои алоҳидаи шеъри хеш ва дигарон дар муқаддимаҳо баён доштааст, ки қимати зиёди адабӣ доранд.

Яке аз куҳантарин муқаддимаи шоир соли 1925 барои маҷмӯаи «Хонаводаи сарбоз» навишта шудааст, ки фарогири назариёти вай дар бораи ҳунари шеъру шоирӣ мебошад. Ба гумони Нимо, шояд ашъори маҷмӯа аз ҷониби мухотабон пазируфта нашавад ва шояд бисёриҳо мункири он гарданд. Аммо қазия аз ин қарор аст, ки оқибат онҳо ҷойи худро дар зеҳнияти мардум пайдо менамоянд. Зеҳнишин гаштани ашъор тадриҷан сурат мегирад ва ин як амри табиӣ аст. Ба қавли ӯ, «оқибат чизе, ки истеъдоди нуфуз дар он вуҷуд дорад, нуфуз мекунад. Он чиз дар ин китоб хаёлоту тарзи санъатии шоир аст».

Нимо қабл аз нашри манзумаи «Афсона» низ муқаддимае барои он навишта дар матни он вижагиҳои навпардозонаашро равшан сохта буд. Баъдҳо бархе аз муҳаққиқон онро манифести шеъри нав номида буданд. Ин муқаддимаи Нимо хитоб ба шоири ҷавон навишта

шудааст. Барои таъйиди андеша бахше аз онро нақл мекунем: «Эй шоири ҷавон!» Ин сохтмон, ки «Афсона»-и ман дар он ҷо гирифтааст ва як тарзи муколамаи табиӣ ва озодро нишон медиҳад. Шояд барои дафъаи аввал писандидаи ту набошад. Ин сохмон ин қадар гунҷоиш дорад, ки ҳарчи бештар матолиби худро дар он ҷо бидиҳӣ, аз ту мепазирад».

Муқаддимаҳои Нимо бештар барои ҳимояти шеъри пайравон аз ҳамлаҳои ногаҳонии мухолифони шеъри нав иншо шудаанд.

Яке аз муқаддимаҳои ӯ ба мачмӯаи «Ҷарақа»-и Манучеҳри Шайбонӣ ихтисос дорад. Лозим ба ёдоварист, ки замоне ки ин муқаддимаро менавишт, ҳамроҳи М.Шайбонӣ бо ҳизби Тӯдаи Эрон алоқа доштанд ва ҳарду дар нахустин конгресси нависандагони Эрон ширкат ва суханронӣ намуданд. Нимо дар ин муқаддима зимни хотирнишон сохтани ошноии хеш аз ашъори Шайбонӣ таъкид менамояд, ки мавсуф ба розу рамзи кори вай пай бурда ва баёни шеърашро ба табиати калом наздик намудааст. Нимо ҳамзамон бо ишора ба шеъри Шайбонӣ аз таҷаддудхоҳоне мисли Юсуф Эътисомӣ, Толибов ва амсоли эшон ёд мекунад, ки дар осорашон пешрафту тараққии Эронро мехостаанд.

Нуктаи ҷолиб дар ин муқаддима интиқоди Нимо аз назарияпардозони Ҳизби Тӯдаи Эрон аст, ки реализми иҷтимоиро таблиғ мекарданд ва ҳама ҷо бӯю атри иҷтимоиро ҷустуҷӯ менамуданд. Нимо менависад: «Баъзе аз руфақо мувофиқанд, ки агар шоиру нависанда сурфа ва атса ҳам мекунад сурфа ва атсаи ӯ иҷтимоӣ бошад ва ҳатман ба он андоза, ки табақаи муайян мехоҳад, дар он фоида пайдо кунад, дар сурате ки агар асари ҳунарӣ дорои фоида барои мардум буд, албатта, ҳарфе аст. Вале, агар дорои ин фоида набуд ва зарфе ҳам надошт, боз ҳам чизе аст. Ҳар чизро бояд ба ҷойи худ санҷид ва қазоват кард, чун вобаста ба зиндагӣ аст ва аз ҳеҷ кас ҳаққу ихтиёри зиндагиро намешавад қатъ кард».

Нимо дар ин муқаддима норизояту эътирози хешро ба муқобили мубаллиғони адабиёти реализми иҷтимоӣ баён медорад.

ИШОРАЕ БА ФАЪОЛИЯТҲОИ СИЁСИИ СОЯ ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР АШЪОРИ Ӯ

Қосимов Ҷ. С. – н.и.ф., муаллими калони кафедраи филологияи Эрони ДМТ

Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя яке аз маъруфтарин шоирони адабиёти муосири Эрон маҳсуб мешавад. Мавриди зикр аст, ки ӯ яке аз ғазалсароёни муваффақи адабиёти форсӣ дар давраи муосир шинохта шудааст. Бояд таъкид кард, ки ашъори шоир дорои мазомини гуногун ва вижагиҳои хос аст. Шоир дар шеърҳояш дар баробари васф кардани маъшуқу Маъбуд, ҳамчунин ҳолу зиндагии инсонҳои ранҷуру дардкашидаро низ ба хотир оварда, ба онҳо ваъда медиҳад, ки ояндаи хубу неке мову шуморо интизор аст ва набояд аз доштани чунин ҳолат ноумед шуд, чаро ки пушти ҳар сахтиву нокомӣ ҳатман осониву комёбӣ ҳаст. Дар ғазале ишора мекунад, ки имрӯз оғозу анҷоми ҷаҳон нест, пушти пардаҳои ин зиндагӣ ғамҳову шодиҳои зиёде нуҳуфтаанд ва агар мардонавор дар роҳи мубориза қадам бардорӣ, ҳатман ба ҳадафҳои хеш мерасӣ. Чанд байте ҳамчун мисол аз ин ғазали зебо оварда мешавад, ки ба қарори зеранд:

امروز نه آغاز و نه انجام جهان است،
ای بس غم و شادی که پس پرده نهان است.
گر مرد رهی غم مخور از دوری و دیری،
دانی که رسیدن هنر گام زمان است...

Гуфтан бамаврид аст, ки даҳсолаи панҷуми қарни гузаштаи милодӣ, даҳаи таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ дар Эрон дониста шудааст, ки фарозу нишебҳоеро дар тамоми арсаҳо ба дунбол дорад. Вазъияти ошуфта, зиндагии сомонёфтаро дар ҳам мекӯбад ва шоир низ, ки узве аз ин ҷамъият аст, бо омӯзишу шинохти ин падидаҳо роҳу равиши зиндагӣ ва рафтору гуфтори хешро тағйир дода, ояндаи худро хоставу нохоста бармегузинад.

Соя дар чунин вазъияте ба унвони шоир, бо афкору андешоти инқилобии Муртазо Кайвон ошно мешавад ва аз хондани онҳо мутаассир шуда, вориди дунёи наве мешавад, ки дар он зуҳури мардум ва нақши онҳо ҷойгир аст. Минбаъд шеъри Соя, мисли ашъори дигар мутафаккирони шеъри муосири форсӣ, монанди Нимо Юшиҷ, А. Шомлу, М. А. Солис, М. Шайбонӣ, Ф. Фаррухзод, Ф. Муширӣ, С. Касроӣ ва дигарон ҷанбаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар

худ мегирад. Дар як шеъре ба ҷаллодону бадкорони замонаш ишора карда, таъкид мекунад, ки бо вуҷуди ин ки шумо чеҳраҳои худро бо дастони хунолудатон пинҳон кардаед, лекин мардум шуморо мебинаду мешиносад:

بشنو، ای جلاد!
و مپوشان چهره با دستان خون‌آلود!
می‌شناسندت به‌صد نقش و نشان مردم].

Сояи ҷавон аз оғози инқилоби сиёсӣ ва истибдоди паҳлавӣ, ки ба ҷанги шадиду хунрезиҳои зиёд мубаддал гашт, дар ашъораш масъалаҳои сиёсиву иҷтимоиро ҳамеша баррасӣ мекард. Аз ҳамон лаҳзаҳои аввал, шоир ба кори худ шурӯъ карда, вориди сиёсат шуд, ки баъдан ин фаъолиятҳо ӯро ба зиндон кашонд ва чанд соли сангини ҳаёти худро дар сахтиҳову ранҷуриҳо пушти сар кард.

Хулоса, Соя аз аввали бухронҳои сиёсии замони Паҳлавиён то охири он ба кори сиёсат даст зада, ҳамвора дар шеъраш ин гуна масоилро баррасӣ мекунад, ки ба эҷодиёташ рангу бӯйи тозаву бикр мебахшад.

ШАРҲИ ЛИНГВИСТИИ НОМИ ҶУҒРОФИИ ФАРХОР

Шодиев Р. А. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи филологияи Эрони ДМТ

Ин ном дар осори таърихнависони араб дар чанд шакл ё имло сабт гардидааст: Farγār (فرغار), Fārγar (فارغر), Farxār (فرخار). Фархор ҳамчун шаҳри Хутталон дар ноҳияи кунунии Фархор дар Кӯлоб байни рӯдҳои Сурхобу Панҷ ҷойгир буда, бо вилояти Тахори Афғонистон ҳаммарз аст. Фархор сарзамини таърихии давлати Юнону Бохтарӣ маҳсуб мегардид, ки ёдгориҳои аз ин ҷо бадастомада ба асри биринҷ, тақрибан садаҳои XII-X то милод мансубанд. Фархори дигар дар вилояти Тахори Афғонистон вуҷуд дорад, ки такрори ҳамин ном дар вилояти Тахор мебошад.

Дар мавриди номи Фархор (Farxār) чанд назар вуҷуд дорад. Дар «Бурҳони қотеъ» Фархор чунин маънӣ шудааст: «Фархор (فرخار) номи шаҳре аст… ва номи бутхона ва буткадае ҳам ҳаст ва ба маънои ороиш ва оростагии ҳар чиз бошад ва чанд шаҳр Фархор ном ҳаст» [Бурҳони қотеъ, ҷ. 3, 1452]. Дар поварақи М.Муин ба «Бурҳони Қотеъ» бар асоси манобеъ ва осор тавзеҳоте чанд дар маънои ин ном оварда шудааст. Ба таври мисол: farxār – форсӣ ба маънии дайр ва маъбад (бутхона); farxār –ро муҳаққиқон аз суғдии βrγʹr[farxār]<санскритии vihāra, дар форсии нав ба шакли bihār (биҳор) медонанд.

Дар ҳамин ҷо М.Муин аз қавли В.Минорский ба истинод ба Э.Бенвенист овардааст, ки суғдии farxār (Barghār) калимаест эронӣ аз решаи *paru- xvāthra ба маънои «пур аз шодӣ». Ҳамчунон ки М.Муин нигоштааст, В.Минорский дар тарҷумаи Hudud ul-ālam оварда, ки «Фархори бузург дар Тибет аст. ва андар вай бутхонаҳои бузург ҳаст, онро фархори бузург хонанд (Hudud ul-ālam c.48) ва низ Фархор номи шаҳрест дар Толиқон. Дар миёни шаҳрҳои Хуттал яке Фарғор ё Фархор аст, ки дар канори рӯде ба ҳамин ном ҷой дорад» [Ҳошияи М.Муин ба Бурҳон с. 1452; дар мавриди манбаи суғдӣ: Gharib 1995, 2741].

Аз рӯди Фархор дар чанд манбаъ ёд мегардад, ки он баъдан ба номи дигар табдил шудааст. Ду шакли ин ном – яке Фарғор (Farγār) ва дигаре Фархор (Farxār) баёнгари гунаҳои овоии он ба ду лаҳҷа мебошад. Дар забони суғдӣ, бинобар осор табдил ё таъвизи x ва γ дар гурӯҳе аз вожаҳо дар сатҳи гӯиш роиҷ аст [Ниг.: Gershevitch 1954, §55, 164; § 57, 250; §395; Лившитс, Хромов 1981, 396-397]. Чунин табдили овоӣ дар мисоли номи Farxār ҳам дар минтақаи таърихии Хуттал ва ҳам дар Бохтар (вилояти Тахори Афғонистон) вуҷуд дорад, ки ҳарду минтақа низ сарзаминҳои густариши забони бохтарӣ ва лаҳҷаҳои он маҳсуб мешаванд.

Дар ёддоштҳои сайёҳи чинӣ Сюан Сзян қарни VII милод аз вилояте бо номи По-ли-хо ёд мешавад, ки онро муҳаққиқон ноҳияи Фархори Ҷумҳурии Тоҷикистон донистаанд [Ғафуров, 1972, 227].

Дар мавриди Фархор назари дигар низ вуҷуд дорад, ки тибқи он ин ном шакли муарраби Порғар тахмин мешавад [Алимӣ, 1995, 89]. Ҳамчунон ки дар боло нигошта шуд,

номи мазкур бар асоси манобеи суғдӣ, яъне ßrγ’r аз нигоҳи пайдоиш собит гардидааст ва номи Порғар ба Фархор аз нигоҳи решашиносӣ ва таърихӣ наметавонад иртибот дошта бошад. Дар шарҳи суғдии rγr «паҳнои кӯҳ», дар осори ҷуғрофии арабӣ فرغر، برغر ё шаклҳои баъдӣ فالغر/فلغر [ниг.: Боголюбов, Смирнова 1963, 106-107; p’r – дар суғдӣ ҳамчун пасванд дар маънои «сӯй, тараф»: Gharib 1995, 7103].

ВАСФИ ТАБИАТ ДАР АШЪОРИ ҚООНИИ ШЕРОЗӢ

Ҷобиров Д. Ю. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи филологияи Эрони ДМТ

Мирзо Ҳабибуллоҳи Шерозӣ мутахаллис ба Қоонӣ яке аз бонуфузтарин шоирони асри XIX-и Эрон маҳсуб мешавад. Қариб ҳамаи адабиётшиносону донишмандони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Маликуш- шуаро Баҳор, Иброҳим Сафоӣ, Яҳёи Ориянпур, Е. Э. Бертелс, Э. Броун табъи латифу истеъдоди Қооониро эътироф кардаанд.

Ӯ тақрибан аз 13-14 солагӣ ба шеъргӯӣ шурӯъ кардааст. Девони ашъори шоир аз жанрҳои мухталифи шеърӣ, мисли ғазал, рубоӣ, қасида ва таркиббанд иборат аст.

Қасида дар ашъори шоир мақоми махсус дошта, аз ҷиҳати теъдод ва мавзӯъ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Қасидаҳои Қоонии Шерозӣ аз нуқтаи назари шакли шеърӣ дар ҳамон қолаби маъмулии қасидасароён суруда шудаанд. Мавзӯъҳои асосии ашъори Қооониро, пеш аз ҳама, масъалаҳои умумиву анъанавии адабиёти форс, аз қабили ишқ, мадҳ, тасвири табиат, шикоят аз замона ташкил медиҳанд. Тасвири табиат яке аз мавзӯъҳои асосии ашъори Қоонӣ ба шумор меравад. Дар тасвири зебоиҳои нотакрори табиат дар фаслҳои гуногуни сол, тасвири падидаҳои дилкашу назаррабо санъати баланди суханвариро ба кор бурдааст. Ба офаридаҳои дилнишини Қоонӣ, ки ба тасвири манзараҳои гуногуни табиат бахшида шудаанд, муҳаққиқон, аз ҷумла донишманди эронӣ Лутфалии Суратгар баҳои баланд додааст.

Аз ашъори Қоонӣ бармеояд, ки ӯ, пеш аз ҳама, ба фасли баҳор майл дошта, ки ин мавсим ба завқи ӯ хушоянд будааст. Табиат ҳарчанд хеле зебову дилкаш аст, вале бе вуҷуди инсон зебоиву латофати он комил нест. Зебоиҳои табиат танҳо дар алоқамандӣ бо инсон арзиши воқеӣ пайдо мекунанд. Аз ин ҷост, ки дар тамоми ашъори ба васфи табиат сурудаи Қоонӣ робитаи инсон бо табиат возеҳ ифода шудааст. Зебоии табиат бо зебоии маъшуқи шоир ҳамнаво аст. Аз ин ҷост, ки гоҳо ашёву падидаҳои табиат ва узвҳои маъшуқ ва баръакс ба ашёҳои табиат монанд мешаванд:

Густурда баҳор дар замин дебо,
Чун чеҳраи нигор чаман зебо…
Эй иди ман, эй баҳори рӯҳонӣ,
Эй моҳи ман, эй нигори беҳамто.
Наврӯз туиву навбаҳорон ту,
К-аз талъати ту ҷавон шавад дунё.

Ва дар ҷойи дигар, шоир масъалаи робитаи инсон ва табиатро аз мавқеи зебописандӣ ба миён гузошта, пеш аз ҳама, зебоиву таровати баҳоронро тасвир кардааст. Аммо ин ҷо Қоонӣ бартариву афзалияти ҳусни инсонро бар зебоии табиат нишон додааст:

Диҳанд мужда навгулон, ки навбаҳор мерасад,
Ба шири ӯ зи булбулон на як ҳазор мерасад.
Насим чун қаравулон зи ҳар канор мерасад,
Ба гӯши ман зи сулсулон хурӯши тор мерасад.
Ба мағзи ман зи сунбулон насими ёр мерасад,
Вале зи навбаҳорҳо беҳ аст, навбаҳори ман.

Тасвири Қоонӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки манзараҳои табиатро шоир бисёр нозукбинона дар ашъораш ба қалам додааст.

ФИКРУ НАЗАРИ МУҲАҚҚИҚОН ДАР КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ «ЛАҲҶА» ВА «ЛАҲҶАШИНОСӢ»

Сулаймонӣ У. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи филологияи Эрони ДМТ

Истилоҳи “лаҳҷа” дар фарҳангҳои қадим ба маънии: “забон ва муҳовара ва вазъ ва такаллум ва овози хуш ва луғат” ба кор рафтааст ва баҳс дар бораи он ва ҳадду марз бо забон, аз баҳсҳое аст, ки тибқи маълумоти манбаъҳои забоншиносӣ, то ба имрӯзҳо низ идома дорад. Муҳаққиқони забон сари ин масъала кӯшишҳои зиёде кардаанд, вале ҳеҷ кадоме натавонистаанд дар байни онҳо марзи охиринеро мушаххас кунанд. Бино ба ишораи онҳо истилоҳи лаҳҷа куллан ба ду маънӣ ба кор рафтааст ва яке мафҳуме аст, ки дар забоншиносӣ аз он ирода мешавад ва дигаре мафҳуме аст ки омма аз ин калима идрок мекунанд, ки тақрибан муодили такя (аксент) мебошад.

Лаҳҷа дар аксар манбаъҳои форсӣ ба гурӯҳи тафовутҳое, ки дар як ҷомеаи забонӣ вуҷуд дорад ва ба шахси сухангӯ марбут аст, гуфта мешавад ва ин тафовутҳо аз вазъе иборат аст, ки шахс дар иҷтимоъ дорад. Ва аз тарафи дигар, омилҳои ғайризабоние низ вуҷуд доранд, ки дар фард сабаби пайдоиши лаҳҷа мешаванд. Муҳимтарин омили ғайризабонии эҷоди лаҳҷа, минтақаи ҷуғрофиёӣ аст, яъне ҷое ки фард дар он ба дунё меояд ва бузург мешавад. Омили дигар, табақаи иҷтимоӣ аст. Тибқи нишондоди маводи забонӣ, лаҳҷаҳои иҷтимоӣ метавонанд аз марзҳои ҷуғрофиёӣ гузаранд ва касонеро, ки дар гӯшаву канори як ҷомеаи забонӣ ба он табақа тааллуқ доранд, фаро гиранд.

Забоншиносони рус дар асоси маводи забоншиносони аврупоӣ истилоҳоти дигареро низ ба кор бурдаанд, ки ҳамаи онҳоро лаҳҷашиносӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар забоншиносии тоҷик дар баробари истилоҳоти “лаҳҷа” ва “лаҳҷашиносӣ” истилоҳоти дигар: “шева” ва “шевашиносӣ” низ ба кор меравад. Вожаи “шева”, тибқи ишораи фарҳангҳо, бо каме тағйирот ба маъниҳои зер ба кор рафааст: “Шева- бо йо- и маҷҳул бар вазни мева, ба маънии нозу карашма ва тавру амал ва тарзу равиш ва қоидаву қонун бошад.” (Бурҳон.Ҷ.3,С.1329; Баҳори Аҷам Ҷ.2, С. 1443; Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.2, С. 579).

Шарҳи вожаҳои мазкурро забоншинос Р. Ғаффоров дар мақолааш, ки дар ҷилди ҳаштуми Энсиклопедияи Советии Тоҷик ба нашр расида буд, чунин овардааст: “Шева қисми калонтари забони маҳаллӣ. Гурӯҳи лаҳҷаҳоеро фаро мегирад, ки баробари фарқҳои ҷузъӣ хусусиятҳои умумӣ низ доранд. Калимаҳои шева ва лаҳҷа дар адабиёти илмӣ то солҳои 70 ҳамчун муродиф бетафовут ба ҷойи ҳамдигар истифода мешуданд. Ҳоло фарқи истилоҳии онҳо таъйин шудааст. Лаҳҷа мафҳуми танг, шохаи хурд. Шева мафҳуми васеъ, маҷмӯаи чанд шохаеро, ки аломатҳои якхела доранд, ифода мекунад...”. Шевашиносӣ (диалектология) як қисми забоншиносӣ аст, ки лаҳҷаҳо ва шеваҳои маҳаллии забонро меомӯзад ва ду навъ мешавад, ки шарҳи муфассали онҳоро дар қиёс бо форсӣ, дар маърӯза зикр хоҳем кард.

НАҚШИ ГУСТАРИШИ МАЪНОӢ ДАР ОФАРИНИШИ ВОЖАҲОИ НАВИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

Муҳаббатов А. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи филологияи Эрони ДМТ

Маълум аст, ки ҳар забоне ҷиҳати пойдорӣ ва рушду такомули худ аз имконот ва зарфиятҳои дохилии худ истифода мекунад.

Густариши маъноӣ яке аз василаҳои муҳимми рушд ва такомули забон шумурда мешавад, дар баробари соир роҳ ва василаҳои ганӣ гардонидан ва зимнан бароварда сохтани ниёзмандиҳои забон бо мафоҳими ҷадид нақши хеле муассир ифо мекард ва ҳанӯз ҳам ифо мекунад. Моҳияти густариши маъноӣ дар он зоҳир мегардад, ки вожа ё калима аз дер замоне дар забон мавриди корбурд қарор дорад. Вале бинобар авомили зиёде, ки дарбаргирандаи таҳаввулоти ҷиддӣ дар зиндагии рӯзмарраи одамон ба вуқӯъ мепайванданд, вожа таҳти

авомил маънии фарохтареро ба худ касб карда, чун вожаи мустақилмаъно талаққӣ мегарданд.

Дуруст аст, ки миёни забоншиносон дар мавриди ташхиси густариши маъноӣ ихтилофҳои назари ҷиддӣ ба назар мерасанд. Дар забоншиносии тоҷик ғолибан онро чун падидаи «сермаъноӣ» арзёбӣ мекунанд. Дар забоншиносии шӯравӣ ва забоншиносии муосири рус онро чун «расширение лексического значения» дониста, мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор медиҳанд.

Дар забоншиносии худи Эрон қаблан ба нудрат «густариши маъноӣ»-ро «тавсеаи маъноӣ» пазируфта, фикру назарҳои зидду нақз иброз медоштанд. Вале, ахиран дар таълифоти забоншиносони эронӣ истилоҳи «густариши маъноӣ» ба таври собит мавриди истифода қарор гирифта, роҷеъ ба он фикру андешаҳои ҷолиб иброз мегарданд. Ҳамзамон, дар таълифоти бархе аз пажӯҳишгарони эронӣ истилоҳи «таҳаввул ва дигаргунӣ дар вожаҳо» дида мешавад, ки мутолиа ва таҳлили онҳо баёнгари «густариши маъноӣ» мебошанд.

Баррасӣ ва мутолиаи вожаҳои «Фарҳанги вожаҳои мусавваби Фарҳангистон» дар даҳ ҷилд, ки аз сӯйи Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ ба табъ расидааст, нишон медиҳад, ки густариши маъноии вожаҳо, чи дар гузашта ва чи дар ҳоли ҳозир, яке аз васоили пурғанават гардидани таркиби луғавии забони форсӣ будааст ва мебошад.

Лозим ба таъкид аст, ки ҳарчанд густариши маъноӣ як василаи муассири бароварда сохтани ниёзмандиҳои забон ба мафоҳим ва мазомини ҷадид дар забони форсӣ шумурда мешавад, камтар таваҷҷуҳи пажӯҳишгаронро ба худ ҷалб кардааст.

Омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи он аз аҳамияти зиёди назариву амалӣ бархӯрдор аст.

АВВАЛИН ТАРҶУМАИ «ДОНИШНОМА»-И ИБНИ СИНО БА ЗАБОНИ РУСӢ

Сулаймонов С. – д.и.ф., профессори кафедраи филологияи араби ДМТ

Дар шароити кунунии истиқлолияти сиёсӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷума, бозгардон, таҳқиқ ва тарғибу ташвиқи мероси илмӣ ва фалсафии халқи тоҷик аз вазифаҳои муҳимми илмӣ, фарҳангӣ ва ҷаҳоншиносии миллат мебошад. Имсол ҷомеаи ҷаҳонӣ 1040- солагии яке аз саромадони андешаи миллии тоҷикон - табиби фарзона ва файласуфи бузург Шайхурраис Абӯалӣ Синоро ҷашн мегирад. Дар алоқамандӣ бо ин масъала мехостем, роҷеъ ба тарҷумаи русии яке аз асарҳои муҳимми фалсафии ӯ ба забони форсӣ (тоҷикӣ) "Донишнома"-и Алоӣ таваққуф намоем.

"Донишнома"-и Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино дар таърихи илм ва фарҳанги тоҷик аз ҷумлаи асарҳое мебошад, ки Ибни Сино, чунонки худи ӯ дар муқаддимаи асараш ишорат мекунад, ба забони "порсии дарӣ" пояҳои асосии истилоҳоти фалсафиро дар забони тоҷикӣ бунёдгузорӣ кардааст. Ин асарро бори аввал файласуфи шинохтаи тоҷик академик А.М. Баҳоваддинов ба забони русӣ тарҷума карда, бо ин иқдоми меҳанпарастонаи худ заминаи ояндаи тарҷумаи осори илмӣ ва фалсафии донишмандони форсизабонро аз забонҳои арабӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ пайрезӣ кард.

Шайхурраис Абӯалӣ Сино мисли файласуф ва табиатшиноси бузурги Юнони қадим Арасту аз зумраи он шахсиятҳои шинохтаи фарҳангии ҷаҳон аст, ки дар бораи мақому мартабаи илмӣ ва фалсафии ӯ ҳазорҳо мақолаю китобҳо ва таҳқиқот дар ховаршиносӣ ва илми ҷаҳонӣ навишта шуда, ҷойгоҳ ва мартабаю манзалати ӯ дар қатори нобиғаҳои фарҳехтаи ҷаҳон қадршиносӣ шудааст. Вале ҳанӯз ҳам мероси гаронбаҳои ӯ бо пешрафти равандҳои илмии ҷомеаи ҷаҳонӣ диққати андешамандон, файласуфон, табибон ва забоншиносонро ба худ ҷалб сохта, донишмандони ҷаҳон дар жарфои мероси гаронбаҳои ӯ нуқтаҳои нав ба нави илмиро кашф менамоянд. Дар ин ҷо мо ба омӯзиши паҳлуҳои мухталифи мероси ҷовидонаи ӯ даст назада, танҳо дар бораи тарҷумаи русии яке аз асарҳои машҳури ӯ "Донишнома"-и Алоӣ чанд андешаи худро баён месозем. Ин асар ба забони русӣ аз ҷониби яке аз файласуфони шинохтаи тоҷик академик Алоуддин Маҳмудович Баҳоваддинов ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, соли 1957 аз чоп баромадааст.

А.М. Баҳоваддинов ғайр аз ин ки аз файласуфони шинохтаи тоҷик ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва яке аз асосгузорони илми фалсафаи навини тоҷик ба шумор мераванд, ҳамчунин

аз ҷумлаи он фарзандони барӯманди халқи тоҷик будаанд, ки дар тарҷума, тарғиб ва пажӯҳиши мероси фалсафӣ ва фарҳангии мутафаккирони форсу тоҷик ҳиссаи босазо гузоштаанд. Пеш аз баёни матлаб ин нуқтаро ишора бояд кард, ки иқдоми ватандӯстонаи академик А.М. Баҳоваддинов дар тарҷумаи "Донишнома"-и Ибни Сино барои тарҷума ва таҳқиқи осори мутафаккирони форсу тоҷик аз забони форсӣ (тоҷикӣ) ва забони арабӣ дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравии собиқ заминаи созгор омода карда, баъди он иқдомот ва чорабиниҳои муҳим барои тарҷумаи осори худи Шайхурраис ва дигар мутафаккирони арабизабони форсу тоҷик андешида шуданд. Дар шароити кунунӣ дар пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АМИТ "Маркази Синошиносӣ" таъсис ёфтааст, ки он бевосита ба тарҷума, тарғиб ва таҳқиқи осори ӯ машғул буда, дар ин ҷода дастовардҳои қобили мулоҳиза ба даст омадаанд, ки шарҳу баёни онҳо аз ҳадафҳои гузориши мо берун аст.

Бо вуҷуди ин ки ин асар аз ҷониби А.П. Колпаков ва И.А. Ализода тарҷума гардида буд, вале А.М. Баҳоваддинов ин тарҷумаро таҷдиди назар намуда, ба он ислоҳоти ҷиддии илмӣ ва тарҷумавӣ дароварда, онро дар шакли нав ба муҳаққиқон пешниҳод намуд. Аз ин ҷо: 1) А.М. Баҳоваддинов бо тарҷумаи ин асар барои тарҷумаи осори ниёгон аз забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ ба русӣ ва дигар забонҳо замина гузошт; 2) ӯ бо ин тарҷума дар шинохти осори Ибни Сино дар ҳавзаҳои илмии Иттиҳоди Шӯравӣ хизмати босазо кард; 3) тарҷумаи "Донишнома" аз ҷониби А.М. Баҳоваддинов намунаи беҳтарини тарҷумаи осори фалсафӣ дар ҳавзаҳои илмии собиқ Шӯравӣ гардид; 4) тарҷумаи ӯ Ибни Синоро чун яке аз созмондиҳандагони истилоҳоти фалсафӣ дар забони форсӣ (тоҷикӣ) муаррифӣ кард.

«1001 ШАБ» ВА «СИРАТ ЗОҲИР БЕЙБАРС» ҲАМЧУН САРЧАШМА БАРОИ ОМӮХТАНИ ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЛАҲҶАҲОИ АСРИМИЁНАГИИ АРАБӢ

Исаева Ф. А. – н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Асарҳои адабиёти халқии арабии давраи мамлукҳо (“1001 шаб”, “Сират Зоҳир Бейбарс”, “Сират Антара” ва диг.), ки дар забони онҳо таъсири забони гуфтугӯӣ дида мешавад, сарчашмаи муҳим ва қариб ки ягона барои омӯхтани лаҳҷаҳои асримиёнагии арабӣ мебошанд. Ин адабиёт дар натиҷаи коркарди адабии навиштаҷоти матнҳои фолклорӣ асосан дар асрҳои 12-16 пайдо мешавад. Дар асрҳои миёна асарҳои адабиёти халқии арабӣ аз тарафи ровиёни касбӣ шифоҳӣ интиқол дода мешаванд.Ва ин забони асарҳои манқул дар тамоми сарзамини интишори забони арабӣ мафҳум буд. Замони ташаккулёбии ниҳоии онҳо ба давраи “таназзул” дар таърихи забони арабӣ рост меояд.

Дар ин марҳилаи инкишоф забони арабӣ дар зери таъсири забони арабии “миёна” ва лаҳҷаҳои ҳудудии арабӣ монда, аз меъёри классикӣ дур мешавад. Китобати осори номбурда, ки то рӯзҳои мо омада расидааст, дар асрҳои 13 - 19 анҷом дода шудааст. Ҳамчун сарчашма барои ин маърӯза нашри аврупоии “1001 шаб” ва дастхати “Сират Зоҳир Бейбарс”, ки ба асри 18 тааллуқ доранд, истифода бурда шудааст. Барои муайян кардани маъниҳои калимаҳо ва муқоисаи онҳо нашрҳои дигари “1001 шаб” ва фарҳангу қомусҳои гуногун истифода шуданд.

Дар ин асарҳо чунин аҷзои лексикӣ дида мешаванд:

1. Калимаҳои умумиарабӣ, ки баъзеи онҳо дар шакли лаҳҷавӣ истифода шудаанд: احنا «мо», فين «куҷо, дар куҷо».مرايه «оина»,جا «омадан” , баъзе маъноҳои дигари он калима аз маънои забони адабӣ фарқ мекунанд: احمر“динор”, طيب “зинда” ва ғ.

2. Калимаҳои умумилаҳҷавии арабӣ, ки дар ҳамаи лаҳҷаҳо ё дар аксарияти лаҳҷаҳои муосири арабӣ арзи вуҷуд доранд ва дар истеъмоланд: شويه “каме, андак”, شاف “дидан”, جاب“овардан”, بوسه “бӯса” ва ғ.

3. Инчунин, бо калимаҳое вохӯрдем, ки танҳо ба лаҳҷаи мисрӣ хосанд: شريفي “динор”, بوزه “пиво”, زغروته “нидои хурсандӣ”, كويس “хуб” ва ғ.

4. Дар ин матнҳо нисбат ба забони адабӣ калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои бегона бештар дида мешаванд. Ҷойи хосро калимаҳои аз забони форсӣ иқтибосшуда ишғол мекунанд. Қисми ин калимаҳо танҳо дар ин асарҳо ё дар асарҳои бахшида ба таърихи

мамлукҳо дучор мешаванд ва ба фонди умумии лексикаи забони арабӣ дохил нашудаанд, мисол جمدان ”ҷомадон”,شادروان “фавора”,بشخانه “пашшахона”. Баъзе калимаҳои иқтибосӣ дар луғатҳо дар шакли тағйирёфта сабт шудаанд: اطلسين“номи либос”(дар луғатҳо:طيلسان), баъзеи дигарашон дар забони адабӣ ба маънои дигар истифода бурда мешаванд: мисол, بهلاون (ҷ. بهالوين). Баъзе иқтибосотро мо дар лаҳҷаҳои муосири арабӣ, мисол, дар лаҳҷаи мисрӣ, дар худи ҳамон шакл ё дар шакли андаке тағйирёфта, дида метавонем:شاه بندر “сардор”, خواجه “тоҷир”, صارميه “сармоя” ва г. Ба ғайр аз калимаҳои алоҳида, инчунин ибораҳои форсиии алоҳида дучор мешаванд, мисол:حاضر باش тайёр бош! شاد باش Офарин!

Таҳлили ҳаматарафаи таркиби луғавии ин асарҳо нишон медиҳад, ки онҳо дар омӯзиши лексикаи лаҳҷаҳои асримиёнагии арабӣ сарчашмаи муҳим ҳастанд.

ТАҶАССУМИ ОҲАНГҲОИ ЭРОНӢ ДАР ТАЗКИРАИ «ХАРИДАТ-УЛ-ҚАСР»-И ИМОДУДДИНИ ИСФАҲОНӢ

Раҷабова М. Т. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи филологияи араби ДМТ

Қобили тазаккур аст, ки дар ашъори васфии садаҳои XI-XII низ дар пайравӣ аз асрҳои қаблӣ як қатор оҳангҳое роиҷ гаштанд, ки ба таври мустақим бо анъанаву суннатҳои адабиёти тоисломии халқҳои эронӣ алоқаманд буда, дар тазкираи “Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ таҷассуми боризи худро пайдо кардаанд.

Дар робита ба ин оҳангҳо мавқеи асосиро мавзӯоти марбут ба фасли баҳор–нигориши манзараҳои табиат, васфи зебогии боғу роғ, сифати гулҳо ва ғайра ишғол мекунад. Дар ин қабил ашъор шоирон кӯшидаанд зебоиҳои табиатро бо сеҳри сухан ба ҷилва оранд. Ба силки тасвир кашидани боғу бӯстонҳо, токзорҳои ангур, васфи меваҷоти мухталиф, аз қабили афлесун, биҳӣ, рӯдҳои обшор низ таҷассуми боризи робитаи шоирон бо фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Яке аз беҳтарин қасидаҳои ба мавзӯи баҳору табиат бахшидашуда 10 байт қасидаи баҳорияи Имод ибни Шараф Ансории Исфаҳонӣ бар қофияи “лом” мебошад, ки манзараи табиати ин фасли эҳёи табиатро хеле устодона таҷассум намудааст.

Осори мансури арабизабон низ аз гулу раёҳинро парастиш кардани эрониён шаҳодат медиҳад. Биноба маълумоти адиби араб ал-Ҳисрӣ ал-Қайравонӣ дар “Заҳр-ал-адаб” Хусрави Анӯшервон шефтаи наргис буд ва онро чунин васф мекард: “Наргис ба ёқути зарди байни марворидҳои сафед мемонад, ки болои зумурради сабз насб шудааст”. Ҳамин гуна дар радифи тавсифи нилуфар, ҳамзамон васфи гулҳои “райҳон”, садбарг, садбарги зард, гули ашрафӣ, заъфарон низ дар ашъори шоирон ба мушоҳида мерасад.

Дар адабиёти арабизабони давраи мавриди назар тараннуми ҷашнҳои қадимаи форсӣ-тоҷикӣ–Наврӯз ва Меҳргон ба чашм мерасад. Дар ин шеърҳо расму одатҳои қадимаи марбут ба идҳои мазкур тасвир ёфтаанд. Аз ҷониби дигар, таҷлили ин ҷашнҳо дар дарбори хулафои Аббосӣ ба ҳукми анъана даромада буд. Миёни форсҳо-тоҷикон идҳои Наврӯз, Меҳргон бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардиданд. Шеърҳо, махсусан қасоиди ба шарафи ин идҳо сурудашуда дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ хеле зиёд ба чашм мерасанд.

Ашъори ба ифтихори идҳои мазкур иншогардида дар осори шуарои арабизабон низ дучор мешаванд. Наврӯз ба арабӣ “найруз” ва шеъри ба муносибати он сароидашуда найрузия хонда мешуд. Шоирони арабизабон низ дар наврӯзиёти худ дӯстонашонро бо ин иди аҷдодӣ таҳнийат намудаву аз фазилатҳои он сухан кардаанд. Афзун бар ин, дар “Харидат-ул-қаср” 17 байт таҳниятномаи наврӯзии Афзалуддин ибни Ҳайсам бо қофияи “дол” ба амӯи муаллифи тазкира Азизуддин иқтибос гардидааст. Дар канори ин, дар тазкира ҳамчунин намунаи наврӯзномаи Абӯ Исҳоқ Фуровӣ бо қофияи “дол” муштамил бар 8 байт оварда шудааст.

Аз баррасии ашъори васфӣ дар тазкираи “Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ бармеояд, ки воқеан ҳам дар он анъанаву суннатҳои эронӣ инъикос ёфтаанд. Тасвири табиати фасли баҳор, манзараҳои нотакрори боғу бӯстонҳо, васфи гулу раёҳин, таҷассуми иду ҷашнҳои қадимаи форсӣ-тоҷикӣ аз оҳангҳои маъмули васфияҳои

давраи мазкур маҳсуб мешаванд. Шоирон саъю талош меварзиданд, ки бо эҷоди чунин васфияҳо суннатҳои қадимаи мардуми эрониро дар шеъри арабӣ маҳфуз доранд. Фаъолияти шоирони арабисарои қаламрави Эронзамин дар ин самт идомабахши анъанаҳои шоирони арабизабони қарнҳои VIII-X маҳсуб меёбад.

ШУМОРА ДАР «КИТОБ-УЛ-АСНОМ»-И КАЛБӢ

Худойдодова С. – муаллими калони
кафедраи филологияи араби ДМТ

Ҳишом ибни Муҳаммад ал-Калбӣ муаррихи маъруфу тавонои асри миёнаи арабҳо мебошад.

Ҳишом ибни Муҳаммад дар илми таърихдониву таърихнависӣ идомадиҳандаи роҳи илму олимии бобоёну падари шинохтаи муҳити илмии сарзамини интишори забону адабиёт ва илми арабизабон мебошад.

Ҳишом ал-Калбӣ перомуни таърихи пешазисломии арабҳо осори зиёде ба мерос мондааст. "Китоб-ул-асном" ("Китоб оид ба бутҳо") дар муҳити илмии ҷаҳони забони арабӣ муаллифашро муътабару муҳтарам гардонидааст.

"Китоб-ул-асном" аз рӯзгори қаблазисломии араб, эътиқоду парастиш ва муроот мегардидаи арабҳо, воқеаҳои вобаста ба бархӯрдҳои афкори иҷтимоӣ ва ҷангу ҷидолҳо атрофи муқобилиятҳои афкори ғояҳои наву куҳан қисса мекунад.

Табиист, ки дар зиндагии нав низои куҳанро ихтилофи назари ниёгонро бо навоварон ба вуҷуд меоварад. Ва ин ҳама гуногунии рӯзгори араб бо ҳама гунаи рангҳову бӯйҳо тасвири худро дар "Китоб-ул-асном" ёфтааст.

Баёни зиндагии мухталиф корбурд ва истифодаи лексикаи айни муддао ва айни муҳтаворо тақозо мекунад. Ва дар анҷом додани чунин талаботи услуб нақши шумораҳо хеле баръало мебошад. Чун таърих худ маънои санагузорӣ кардан ва қайди таърихи ин ё он давра аст, шумораҳо чун калимаҳо хеле ба ҷо ва калимаҳои даркории баёни мазмуну мундариҷаи таърихӣ муқаррар ва мавқеи худро соҳибанд.

Шумораҳо дар "Китоб-ул-асном" дар мавридҳои зер оварда шудаанд:

1. Дар мавриди баёни вақту замони мушаххаси таърихӣ, мисол:

أخبرنا أبو جعفر محمد بن أحمد بن المسلمة في سنة 463.

Ба мо Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Аҳмад ибн ал-Муслима соли 463 хабар дод.

قرأتُ على هشام بن محمد الكلبي في سنة 201.

Ман (ин китобро) бо Ҳишом ибни Муҳаммад ал-Калбӣ соли 201 хондам.

2. Дар мавриди ченаки масофа аз маконе то маконе. Ин ҷо қайд кардан лозим аст, ки дар "Китоб-ул-асном" ченаки масофа аз ҷое то ҷое бо истифодаи исмҳои шабу рӯз чен карда шуда, мувофиқати шумора бо исми шуморашаванда (адад ва маъдуд), синтаксиси хосси классикӣ риоя гардидааст. Мисол:

فكان بقرية لهم يقال لها حيوان من صنعاء على ليلتين مما يلي مكة.

Он дар яке аз деҳаҳои онҳо, ки он Ҳайвон номида мешуд, ба масофаи ду шабона роҳ аз Санъо ба самти Макка ҷойгир буд.

Дар мисоли зерин шумораи 2 бо роҳи илова намудани пасванди дутогӣ дар эъроби ҷар(р) аз исми "ليل"-шаб сохта шуда, синтаксиси мувофиқати ададу маъдуд риоя гардидааст.

РАМЗ ДАР АДАБИЁТИ ИРФОНӢ (ДАР МИСЛИ ОСОРИ МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ)

Шодиев М. – н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Дар матнҳои ирфонӣ вожаҳо ва таъбироти фаровоне мушоҳида мешаванд, ки дур аз маънии зоҳирии худ буда, маъноии рамзӣ доранд. Дарки рамзҳо дар андеша ва афкори ин ва ё он шахсу мактаби фикрӣ, танҳо аз ҷониби ошноёни он роз мумкин аст. Чунонки шоирон,аз ҷумла Ҳофиз бар ин нукта таъйид мекунад:

Муддаӣ хост, ки ояд ба тамошогаҳи роз,

Дасти ғайб омадаву бар синаи номаҳрам зад.

Пас рамз чист? «Ҳар аломате чун ҳарф, адад, шакл, аломати ихтисорӣ, калима, қавл ва ҳатто ҳаракат, ки нозир ба мафҳуми махсус ва раъйи зоҳири намоишии худ бошад, як рамз маҳсуб мегардад. Дар осори хаттӣ, ки бо калима ва каломи сирр ва кор дорем, бо маънои хосе аз рамз мувоҷеҳ ҳастем, монанди ишора, роз, имо, дақиқа, нукта, муаммо, нишона, аломат, ишора кардани пинҳон, нишонаи махсусе, ки аз он матлабе дарк шавад, чизи нуҳуфта миёни ду кас чанд кас, ки дигаре бар он огоҳ набошад ва баёни мақсуд бо нишонаҳо ва алоими қарордодӣ ва маъҳуд». Агар мо ба маънии онҳо мулоҳиза намоем, пас дармеёбем, ки ваҷҳи муштараки онҳо, набудани сароҳат ва пӯшидагӣ аст.

Ҳар адиб ва ё шоир дар баёни афкори хеш дар осораш аз забони хоси худ истифода мекунад. Забони ӯ вобаста ба давру замон ва пайвастагии вай ба ин ва ё он ҷараёну равиш аз забони омма фарқ мекунад. Табиист, ки забони шеър аз забони наср низ бо вежагиҳои худ тафовут дорад. Забони шеъри ғиноӣ ва забони шеъри ҳамосӣ ва динию ирфонӣ низ гуногун мебошанд. Тасаввуф, ки яке аз ҷараёнҳои динӣ-ирфонӣ дар ислом аст ва аз оғози ислом то ба имрӯз арзи вуҷуд дорад, дар рушду нумӯи адабиёт ва фарҳанги мардуми мусулмон, бавижа араб ва форсу тоҷик нақши боризе дорад. Аҳли ирфон андешаҳои (асрори) хешро, ки баъзан бо шариати исломи суннатӣ мухолифат мекарданд, як навъ пӯшида ва рамзогин иброз медоштанд. Оғоз аз асри 9 адибони ориф саъй мекарданд, то барои ифодаи андешаи ирфонии худ аз калимот ва мусталаҳоти махсус ва ё рамзҳо, ки аксаран худи онҳо ихроъ мекарданд, истифода намоянд.

Ҳамин тавр, рамз яке аз муҳимтарин вижагиҳои забони ирфонӣ аст ва истифодаи забони рамз дар миёни ҳамаи орифон, ки мехостанд таҷрибаҳои ирфонии хешро баён созанд, муштарак аст.

Дар адабиёти ирфонии араб Мансури Ҳаллоҷ яке аз аввалин орифонест, ки дар ихтироъ ва истифода аз ин гуна истилоҳот ва румуз саҳм дорад. Агар мо бо осори насрӣ ва назмии ӯ ошно шавем, пас мебинем, ки ӯ дар аксари ашъор ва навиштаҷоти насрияш, бавижа, «Китоб-ут-тавосин» аз шаклҳои гуногуни рамз истифода кардааст.

Ҳаллоҷ дар забони осори хеш аз се навъ - ҳуруф, вожа ва истилоҳоти шаклҳои ҳандасӣ истифода кардааст. Масалан, дар ашъораш истифодаи ҳарфҳо ҳамчун рамз, мисли «мим» ва «ъайн», ки маънои «маа»-«бо»-ро дорад ва ишора ба қурби илоҳӣ ё ҳузури илоҳӣ дар тамоми ҳастӣ мебошанд, ба назар мерасанд.

Ирҷаъ илаллоҳи ан ал-ғоя ҳува Аллоҳ,
Фало илоҳа изо болаґта илло ҳува.
Фаиннаҳу ламаъа ал-халқа аллазина лаҳум
Филмсими валъайни ваттақдиси маъноҳу.
Фалмиму яфтаҳу аълоҳу ва асфалаҳу
Валайну фатаҳа аксоҳу ва адноҳу (Девон, с.350).

Ҳамчунин нуқта, ки онро барои ифодаи мафҳуми «ваҳдат» истифода кардааст.

Ё «баҳр» ва «ям», ки дар забони ӯ ифодакунандаи дунё ва Худованд низ мебошад.

Дар китоби Тавосин ашколи ҳандасии зиёде ворид шудаанд, ки ҳамаи онҳо ифодагари маънои мушаххас дар андешаи Халлоҷ мебошанд. Дар замони минбаъда мо дар адабиёти ирфонии араб ва форсу тоҷик истифода аз ин гуна вожагон ва мафҳуму истилоҳоти рамзогин ва ишоротро фаровон мушоҳида мекунем.

ЖАНРҲО ВА ҶАРАЁНҲОИ ШЕЪРӢ ДАР АДАБИЁТИ АРАБ АЗ НАЗАРИ ШАВҚӢ ЗАЙФ

Нуриддинова Ш. И. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи филологияи араби ДМТ

Шавқӣ Зайф - яке аз адабиётшиносони машҳури араб буда, дар рушду нумӯи адабиёти араб, нақди адабӣ, илми забоншиносӣ, балоғату фасоҳат саҳми босазое гузоштааст. Шавқӣ Зайф дар мавриди назм ва наср дар адабиёти араб таҳқиқотҳои илмии хеле назаррас ва муътамадро ба анҷом расонидааст. Дар мавзуи жанрҳо ва ҷараёнҳои шеърӣ дар адабиёти

араб бо унвони «الفن ومذاهبه في الشعر العربي» зери роҳбарии адабиётшиноси машҳури мисрӣ – Тоҳо Хусайн ба гирифтани дараҷаи докторӣ ноил гардидааст. Шавқӣ Зайф ба ин иктифо нанамуда, асарҳои дигареро, аз ҷумла, «الشعر والغنى في المدينة ومكة في عصر بنى أمية», « التتوروالتجديد في شعر أمية», « الشوقي- شاعر العصر الحديث», «دراسات في الشعر العربي المعاصر» ва ғайраро маҳз ба омӯзиши шеъру ҷараёнҳои шеърӣ рушду таҳаввули он ва шоирони араб бахшидааст. Эҷоду ҷустуҷӯҳои пайдарпайи Шавқӣ Зайфро дар мавриди назми араб метавон бозгӯкунандаи шавқи Шавқӣ Зайф нисбат ба омӯзиши шеър ва ҷараёнҳои он донист, ки дар умум осори пурарзиши адиб инъикоскунандаи таваҷҷуҳ ва меҳри беандозаи ӯ нисбат ба пажӯҳиши адаби араб ва таърихи он мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки Шавқӣ Зайф ба шеъру адаби муосир низ таваҷҷуҳи хос дошт. Пажӯҳиши мунаққидонаи Шавқӣ Зайф доир ба шеъри муосири араб ва шоирони ин равия дар китобҳои таҳлиливу омӯзишии ӯ бо номи «دراسات في الشعر العربي المعاصر» (Омӯзиши шеъри муосири араб) ва « البارودي رائد شعر الحديث» (Борудӣ – пешвои шеъри нав) хеле умдаву амиқ, бо амонату баҳси илмӣ навишта шудааст. Аз таҳлилҳои ӯ бармеояд, ки дар мавриди мафҳуми шеър, хусусан шеъри мансур (шеъри сафед) афкори адабиётшиносон ва шоирони араб гуногун аст. Онҳо ба шеъри нав аз як дидгоҳ назар намекарданд, аз ҷумла, Азиз Аббоза муътақид бар он аст, ки шоир бояд ба усул ва қоидаҳои шеъри арабӣ пойбанд бимонад ва аз ин қолаб баромадани шоирро омили нобудии шеър медонад.

Манфалутӣ дар баёни иртиботи вазн ва қофия бо ҷавҳари шеър иброз менамояд, ки дунёи хаёли шоир бевазну беқофия аст ва қофияву вазн танҳо рангу луобе ҳаст, ки ба шеър ориз мешавад ва ҳеҷ иртиботе бо ҷавҳару ҳақиқати шеър надорад. Агар отифаву эҳсоси шоир ӯро ба шӯр дарнаёварад, ҳеҷ шеъре суруда намешавад. Тоҳо Хусайн бошад, дар ин андеша бо Азиз Аббоза мувофиқ буда, аммо аз тарафи дигар муътақид аст, ки вуҷуди мазҳабҳои дигари мухталиф, агар муносиб ба табиат ва завқи хонанда ояд, бо тасовири нав ҳам ки бошад, вуҷуди он амри табиӣ аст. Зеро шеър танҳо қолаб ва тақлид нест, он инъикосгари асрори дилҳост, ки аз аъмоқи қалби инсон содир мешавад. Тоҳо Ҳусайн раҳоӣ аз банду қофия ва вазнро барои шоир танҳо дар сурате муҷоз медонад, ки шоир дар шеъри худ содиқ бошад, аз қолаби сохтакорона ва тақлид дурӣ ҷӯяд ва баргирифта аз отифаи дарунии хеш шеъри худро эҷодкорона бинигорад.

Шавқӣ Зайф на монанди Манфалутӣ вазну қофияро беарзиш ва вуҷуди онро дар шеър ғайризарурӣ донистааст ва на ҳам монанди бисёре аз шоирони дигар, чун Азиз Аббоза шеъри бидуни қофияро наср медонад, на ҳам монанди бисёре аз тарафдорони шеъри нав вазну қофияро чун либоси куҳан медонад, ки бояд иваз шавад. Шавқӣ Зайф бо тақлид аз мактаби Тоҳо Хусайн шеъри муосир ва гароишҳои онро ташвиқ мекунад ва муътақид аст, ки шеъри муосир ҳам, ҳамчун ҳар ҳунари дигаре дар ибтидо навоқисе дорад, ки ба мурур он бартараф хоҳад шуд ва бо эҷоди татобуқ ва ҳамоҳангӣ байни завқи хонандаи араб ва асли адабиёти мероси арабӣ, шеъре эҷод хоҳад шуд, ки бо табъи асили шеъри араб зина ба зина созгор мешавад.

АҲАМИЯТ ВА ЗАРУРАТИ ФАРҲАНГНИГОРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

Солиҳов Н. Ҳ. – н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Фарҳангнигорӣ ҳамчун илм ба таълифи луғатномаҳо гуфта мешавад. Он равандест, ки бо падидаи қобили мушоҳидаи вожагон ва ҳам бо усули назарии вожашиносӣ марбут аст, ки аз тариқи онҳо метавон вожагонро таҳлилу баррасӣ намуд.

Тадвини фарҳанг асосан фаъолияти амалӣ аст, ки ба андозаи таваҷҷуҳи башар муносибат дорад. Ба назар мерасад, ки нахустин кӯшишҳои пардохтан ба вожагон фехристи кӯтоҳ аз вожаҳои аккадӣ аз сарзамини Байнаннаҳрайн мебошад, ки марбут ба қарни ҳафтуми пеш аз мелод аст. Чиниҳо, юнониҳо ва ошӯриҳо пешгомони таълифи фарҳангҳои забон ҳастанд ва чиниҳо пешгомтар аз бақия будаанд, ба гунае ки қарнҳо пеш аз мелод бо фарҳанги вожаҳо ошно буданд. Ошуриҳо ҳам дар ҳудуди қарни ҳафтуми қабл аз мелод ба далели тарс аз нобуд шудани забонашон луғатномаҳоеро бар хиштҳои пухта тадвин карда,

дар китобхонаҳо нигоҳдорӣ мекарданд. Юнониҳо низ луғатномаҳоеро, ки шомили тафсир ва тавзеҳи баъзе аз вожаҳои китобҳои Афлотун мебошанд, таълиф кардаанд.

Фарҳангнигорӣ, Аслан, аз рӯйи иштибоҳ шохае аз забоншиносӣ тасаввур мешавад. Ҳол он ки фарҳангнигорӣ худ риштаи мустақил аст. Риштае, ки талошҳояш бо назарияҳо ва фаъолиятҳои улуми иттилоърасонӣ, адабиёт, фалсафа ва забоншиносии таърихӣ, татбиқӣ ва корбурдӣ шакл гирифта, равшан мешавад.

Баъзе муътақиданд, ки фарҳангнигориро метавон муодили вожашиносии амалӣ донист, зеро фарҳангнигор бояд бидонад, ки вожа чист ва чӣ чиз бояд дар тавсиф ва таърифи як вожа ҷой дода шавад. Дар натиҷа метавон тасаввур кард, ки ҳар кори фарҳангнигорона ҳадди ақал то ҳудуде назарияҳои забоншиносиро ба сурати сареҳ ва зимнӣ ба кор мегирад. Ба унвони мисол дар вожашиносӣ ба вожаҳои муродиф ва омоним таваҷҷуҳи вижае зоҳир мегардад. Албатта, ҳамон тавр ки фарҳангнигорӣ аз баррасиҳои назарии вожашиносӣ истифода мекунад, метавонад бар ин назарияҳо таъсири мутақобил низ дошта бошад ва ба полоиши онҳо кумак кунад. Танҳо вожашиносӣ ба унвони шохае аз забоншиносӣ нест, ки барои фарҳангнигорӣ чорчӯбаи назарӣ фароҳам мекунад, барои мисол, забоншиносии иҷтимоӣ низ на танҳо дар баррасӣ ва интихоби тафовутҳои забоние, ки бояд дар фарҳанг истифода шаванд ва ё дар иттилооте, ки дар бораи маонии мутафовит, ки дар корбурди калима дар мавқеъ ва заминаи хос низ бояд ғунҷонида шавад, низ таъсир дорад.

Дар даврони муосир дигар вожаи "фарҳанг" танҳо маҷмӯае аз луғоти гирдомада ва мураттабшуда нест, балки фарогири ҳазорон нуктаи ошкору ниҳон дар мавриди маонӣ, сохт ва корбурди вожагони забон ва муаррифии онҳо аз ҷанбаҳои мухталиф ва ба шеваҳое мебошад, ки дар доираҳои мухталифи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва адабӣ ба кор меравад. Истифода аз фарҳанги вожаҳо имрӯз танҳо барои маъношиносӣ ба кор намеравад, балки барои шинохти манзуре, ки суханварони як забон аз корбурди вожае дар матн ё гуфтор доранд, низ ба кор меравад. Бинобар ин, барои фарҳангнавис кофӣ нест, ки дар заминаи адабиёт, забоншиносӣ ва фалсафа коршинос бошад, балки бояд бо усул ва шеваҳои илмии фарҳангнависӣ низ ошноии кофӣ дошта бошад.

Ҳадафи фарҳангнавис тадвини фарҳанг ё вожанома аст, ки дар они воҳид мавзӯи фарҳангнигории назарӣ ва кори амалии фарҳангнигорӣ мебошад. Имрӯз низ ин масъала яке аз равандҳои шинохта дар фарҳангҳо ва вожаномаҳои умумӣ мебошад. Омили дигаре, чун идғоми фарҳангҳо, ки бештар аз муҳоҷиратҳо, ҷангҳо, фаъолияти мубаллиғони мазҳабӣ, тиҷорат ва ғайра аст, ки дар асри ҳозир густариши иртибототи ҷаҳонӣ ва тахассусӣ шудани улум зарурати тадвини фарҳангҳои дузабона, чандзабона ва тахассусиро ҷудонопазир кардааст. Аз сӯйи дигар, нопайдорӣ ва бесуботии хусусиятҳои маъноӣ ва корбурди луғатҳо, ки вожаҳои як забон ҳамзамон дастхуши таҳаввулоти замонӣ, маконӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳатто сиёсӣ мешаванд, на танҳо маъно, балки корбурди онҳо низ дучори таҳаввул мешавад, ниёзмандиҳоеро барои бознигарии пайваста дар фарҳангҳо ва тадвини фарҳангҳои ҷадид эҷод мекунад.

ЯК САРЧАШМАИ АРАБИИ «БӮСТОН»-И САЪДӢ

Латипов М. М. – муаллими калони кафедраи филологияи араби ДМТ

Ин китоб ба таври умум яке аз сарчашмаҳои «Бӯстон» ва ба таври вижа аз як масдари муҳимми ҳикояҳои сӯфиёнаи ин китоб мебошад. Саъдӣ дар ҳикояҳои гуногунаш аз ин рисола истифода кардааст. Ӯ барои муассир сохтани сухани худ аз шасиятҳои машҳур, ба мисли шоҳону амирон ё донишмандону орифон бидуни зикри номи онҳо ё бо андаке ёдоварӣ аз номи онҳо истифода мекунад. Масалан, аз ҷумлаи ин қаҳрамонон Яъқуб ибни Лайси машҳур, ки яке аз амирони саркарда дар Хуросон (247-259ҳ) мебошад. Аммо вақте муҳаққиқ дақиқтар дар сарчашмаҳо сайри маънавӣ мекунад, дармеёбад, ки масдари ин ҳикоёт бо зикри ном дар кутуби мутасаввифин омадааст.

«Рисолаи Қушайрӣ», ки аз сарчашмаҳои асосии адабиёти тасаввуфӣ ба шумор меравад, сарчашмаи адабиву илмии аксари донишмандону орифони баъд аз худ будааст. Барои намуна ҳикоятеро аз ин рисола меоварем: «Абӯалии Даққоқ мегуфт: Яъқуб ибни Лайс

гирифтори дарде шуд, ки табибон аз давои он оҷиз монданд. Ба ӯ гуфтанд, ки дуои Саҳлро, ки марди накукоре ҳаст, бигирад, шояд Худованд пазирад. Пас, Саҳлро оварданд, ӯ гуфт: Чӣ гуна дуои ман пазиро шавад, вақте ки дар шаҳр маҳбусони бегуноҳанд. Аз ин рӯ, Яъқуб ҳама маҳбусонро озод кард. Баъд аз дуои Саҳл Яъқуб тандуруст гашт.

Метавон дид, ки Саъдӣ ин ҳикояро дар боби адл устодона овардаву барои ишора намудан ба мақсади худ аз он нек баҳра бурдааст. Ин ҳикояро барои тарғиби хайру шафқат намудани подшоҳону амирон бар мардум овардааст ва дар дили онҳо дони муҳаббати орифони парҳезгори сӯфиро киштааст:

Якеро ҳикоят кунанд аз мулук,
Ки бемории ришта кардаш чу дук.
Надиме замини малик бӯса дод,
Ки мулки Худованд ҷовид бод.
Дар ин шаҳр марде муборакдам аст,
Диле равшану даъвате мустаҷоб.
Бихон, то бихонад дуое бар ин,
Ки раҳмат расад з-осмони барин.
Бифармуд, то меҳтарони хидам
Шунид ин сухан пири хамбида пушт,
Ба тундӣ баровард бонге дурушт,
Дуои манат кай шавад судманд,
Асирони муҳтоҷ дар чоҳу банд?
Ту нокарда бар халқ бахшоише,
Куҷо бинӣ аз давлат осоише?..
Биранҷиду пас бо дили хеш гуфт,
Чӣ ранҷам? Ҳақ аст он чи дарвеш гуфт.
Бифармуд, то ҳар кӣ дар банд буд,
Ба фармонаш озод карданд зуд.
Пас Саҳл дуо мекунад:
Ки эй Барфарозандаи осмон,
Ба ҷангаш гирифтӣ, ба сулҳаш бимон.
Вале ҳамчунон бар дуо дошт даст,
Ки шаҳ сар бароварду бар пой ҷаст
Зи Саъдӣ шунав, к-ин сухан рост аст,
На ҳар боре афтода бархостаст.

Дар «Бӯстон» ҳикояҳои зиёде оварда шудаанд, ки "Рисолаи Қушайрӣ" аз сарчашмаҳои асосии он ба ҳисоб меравад. Барои татбиқи ин гуфта бояд китоби мазкур мавриди пажӯҳишу омӯзиши ҳаматарафа бо муқорана ба китоби "Бӯстон"- и Саъдӣ қарор гирад.

МАЪНОҲОИ ИСТИЛОҲИИ «МУВАЛЛАД» ВА «МУҲДАС» ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

Тураев А. – ассистенти
кафедраи филологияи араби ДМТ

Кишваркушоиҳои араб ва алоқаҳои он бо қавму миллатҳои бегона сабаби пайдо шудани калимаҳои «муваллад» дар забони арабӣ мебошад. Ин истилоҳ дар забон нав набуда, ҳанӯз аз даврони қадим дар забони мардум мавриди истифода қарор гирифта буд. Калимаҳое, ки аз дигар забон вориди забони арабӣ мегардиданд, барои арабҳо бегона буда, талаффузи онҳо душвор буд. Бинобар ин, замона онҳоро водор кард, ки ин калимаҳоро истифода баранд. Барои аз байн бурдани ин мушкили он калимаҳое, ки дар забон истифода намегардиданд, дубора боз ба забон оварданд, вале бо маънои нав.

«Муваллад» исми мафъули навъи дуюми وَلَّدَ мебошад, ки дар фарҳангномаҳо ба маънии тавлид ё пайдо шудани чизи нав мебошад.

Истилоҳи «муваллад» ҳанӯз дар даврони қадимаи забоншиносии араб истифода гардида, баромади бегона дорад.

Ҷалолиддин Суютӣ дар китоби «ал-Музҳир фи ъулуми-л- луға ва анваъиҳ» мувалладро ба ду навъ тақсим кардааст:

«Муваллади сохта» - дар ин навъ калимаҳое дохил мешаванд, ки аз фонди луғавии забон гирифта шудаанд.

«Муваллад» дар ин навъ бошад, калимаҳое дохил мешаванд, ки аз дигар забонҳо ба забони арабӣ дохил шудаанд, ки дар баъзе мавридҳо ин навъро «дахил» ё «иқтибос» низ меноманд.

«Муҳдас» исми мафъул аз навъи чоруми феълӣ гирифта шуда, дар фарҳангномаҳо ба маънои нав меояд.

Ин истилоҳ бошад, дар забоншиносии араб, баъд аз истилоҳи «муваллад» пайдо шуда, он калимаҳоеро мегӯянд, ки муродифи калимаҳои «муваллад» мебошанд. Чунки давраи баохиррасии истилоҳи «муваллад» ба пайдошавии истилоҳи «муҳдас» наздик мебошад. Яъне, ҳамон калимаҳое, ки дар забон ҳамчун «муваллад» истифода мешуданд, бо каме тағйирот «муҳдас» номгузорӣ шудаанд. Бояд қайд кард, ки истилоҳи «муҳдас» монанди истилоҳи «муваллад» ҳамон калимаҳое мебошанд, ки дар забон дубора мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Мавриди зикр аст, ки миёни ин ду истилоҳ ҳеҷ фарқияте вуҷуд надорад. Танҳо метавон ин ду истилоҳро аз замони пайдошавияшон дар забон фарқгузорӣ кард.Масалан, истилоҳи «муваллад» аз асри чоруми ҳиҷрӣ шурӯъ шуда, то замони хилофати Муҳаммад Алӣ Пошшо, яъне соли 1805 мелодӣ, идома ёфтааст, ки ин замон нуҳ асрро дар бар мегирад. Ва баъд аз ин давраи «муҳдас» шурӯъ мешавад, ки то ҳол идома ёфта истодааст.

Ногуфта намонад, ки барои истифодаи ин се истилоҳе, ки дар боло зикр кардем, яъне «муарраб», «муваллад», «дахил» забоншиносони муосир боз як падидаи нави дигарро мавриди истифода қарор доданд, ки дар маҷмӯъ ба ҳамаи ин истилоҳот номгузорӣ карда мешавад, яъне «истиъмол ҷадид».

ҶОЙГОҲИ АДАБИИ АВФ ИБНИ МУҲАЛЛИМИ ХУЗОӢ ДАР АҲДИ ТОҲИРИЁН

Юсупов Ф. У. – ассистенти кафедраи филологияи араби ДМТ

Вақте сухан аз адабиёти форсу тоҷик дар аҳди Тоҳириён меравад, танҳо ном ва чанд пора шеъри бозмондаи Маҳмуди Варроқу Ҳанзалаи Бодғисӣ ёд гашта, равнақи адабиёти арабизабон ва фаъолияти шоирону нависандагони арабигӯ ба гунае нодида гирифта мешавад. Ҳол он ки адабиёти арабизабони аҳди Тоҳириён аз лиҳози мазмуну муҳтаво баёнгари рӯҳи шикастнопазири халқҳои эронӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи онҳо ба анъанаҳову суннатҳои қадимаи миллат аст. Сарфи назар кардан аз омӯзиши адабиёти аҳди Тоҳириён ба маънои тарки як марҳилаи таърихии адабиёти форсу тоҷик буда, муҷиби ба таври бояду шояд омӯхта нашудани адабиёти классикист. Замони ҳукмронии нимасраи давлати Тоҳириён (821-873) барои эҳёи забони форсии тоҷикӣ ниҳоят давраи муҳимму сарнавиштсоз ба шумор меравад. Чун пас аз ду қарни кишваркушоиҳои араб хонадони ҳукмрони нахустине, ки дар роҳи таҷдиди ҳаёти забону адабиёти форсу тоҷик гом бардошт, ин хонадони Тоҳириён аст.

Аз зумраи адибони забардасти аҳди мазкур Абулминҳол Авф ибни Муҳаллими Хузоӣ маҳсуб меёбад, ки ба ҳайси Маликушшарои доираи адабии Тоҳириён маъруфият дошт. Номбурда адиб, шоир, қасидасаро ва донандаи ахбору ансоб буда, соли 753м. ба дунё омадааст. Аз ҷумлаи марҷаъҳои қадим, ки дар хусуси шоир маълумот додааст, «Табақот-уш-шуаро»-и Ибни Муътаз аст.

Аз ҳаёту фаъолияти адабии Авф ибни Муҳаллим дар дарбори Тоҳириён метавон ба чунин хулоса расид, ки намояндагони барҷастаи ин сулола бо пайравӣ ба суннатҳои гузаштагони хеш анъанаи гузиниши сардори шоирон ва ё ба таъбири дигар, мақоми маликушшуароиро дар доираи адабии худ роиҷ карда буданд.

ТАЪСИРПАЗИРИИ МАСЪУДИ САЪДИ САЛМОН АЗ АДАБУ ЗАБОНИ АРАБӢ

Сайдализода Ш. А. – н.и.ф., муаллими калони кафедраи филологияи араби ДМТ

Ба касе пӯшида нест, ки забону фарҳанги арабӣ баъд аз гузашти садсолаҳо имрӯз низ дар забону адабиёти форсу тоҷик ҷойгоҳи хоссае дорад. Дар бораи таъсирпазирии шоире мисли Масъуд Саъди Салмон, ки дар замони шукуфоиву камоли таъсирнамоии забони арабӣ зиставу эҷод намудааст, ҷойи баҳс ҳам нест. Дар баҳсҳои илмӣ вақте аз шоирони дузабона ва арабигӯ сухан дар миён меафтад, аз Масъуди Саъди Салмон ҳамчун шоире, ки девони ҷудогона ба забони арабӣ дошта, ёд мешавад.

Дар таърих тазкираву мақолоти ҷудогонае перомуни рӯзгору осори ин шоири шаҳир маълумотҳо дода шуда ва мусаллам аст, ки ба пайванду иртиботаш ба забони арабӣ ишора шудааст. Аз ҷумла, дар «Лубоб-ул-албоб»-и М. Авфии Бухороӣ дар бораи Масъуди Саъди Салмон маълумот дарёфтан мумкин аст.

Соли 2006 дар ҷумҳурии мо китоби шарқшиноси тоҷик Т. Мардонӣ таҳти унвони «Масъуди Саъд Салмон ва шеъри араб» ба забони русӣ ба нашр расид. Ба андешаи мо, монографияи мазкур асари ҷомее мебошад, ки иттилооти илмиро перомуни шеъри арабии шоир ва таъсиргузории ӯ аз фарҳангу адаби араб фарогир аст.

Мавсуф дар ин китоби худ талош варзида, то нақши шоирони таъсиргузор бар эҷодиёт шоирро баён намуда, ҳамчунин мабдаъ ва сарчашмаҳои илҳому мазмунгирии Масъудро нишон диҳад.

Албатта, масъалаи таъсиргузорӣ ва таъсирпазирии фарҳангу адабҳо масъалаи густурдаест, вале дар ин миён набояд аз тақлид, истиқлол ё пайравӣ фаромӯш кард. Шоирони форсӣ дар хилоли замон дар бисёр маворид ба шеъри араб шеваи кори шоирон ва жанрҳои марсуми адабиёти араб тақлид мекарданд ва ин раванде буд, ки умри тӯлонӣ дошт. Ба навиштаи Ян Рипка, «тақлид аз назми арабӣ, ки шинохташ барои шоири форсигӯ замони вазифаи мубрам маҳсуб мешуд, ки суннати шеъриии қадими ватанӣ (ба истиснои эҷодиёти фолклорӣ) аз байн рафта буд ва ин ба шаклу мухтавои шеър низ бастагӣ дошт. Аз ашъори араб аслан усули истифодаи авзон, шеваҳои қофияпардозӣ, ороишоти адабӣ иқтибос мешуданд, дар даврони нахуст ба таври ҷузъӣ ва баъдан доманаву густурдагӣ пайдо мекарданд. Аз шоирони давраи Аббосӣ, ки ба шоирони форсӣ таъсири муаасир дошт, метавон Мутанаббиро ном бурд».

Сирус Шамисо низ дар иртибот бо ин мавзӯъ андешаи ҷолибе дорад. Ӯ бар ин назар аст, ки густариши пайвандҳои фарҳангиву адабӣ гоҳо вобаста ва зери таъсири суннатҳои адабӣ ба вуҷуд меояд. Яъне, суннатҳо ба таври мустақим ба адабиёт дахолат менамоянд. Масалан, яке аз шоирони даврони нахустини форсӣ, агар мазомини шеъриро ба таври мустақим аз шеъри арабӣ мегирад, шояд шоирони баъдӣ ба эҷодиёти шоирони пеш аз худ бармегарданд ва ҳамин тавр силсила идома пайдо мекунад. С. Шамисо ба ин масъала равшанӣ бахшида, таъкид мекунад, ки «албатта, масъала ба ин содагӣ нест, ки сирф ин мазоминро ахз карда бошанд. Тасарруфоте, ки карданд ва зарофатҳое, ки ба харҷ доданд, ҷойи шигифтии бисёр дорад ва ҳазор нуктаи бориктар аз мӯ инҷост. Нудратан бархе аз шоирони қадим ба ин тафовутҳои зариф ишора кардаанд… Муизӣ, ки бисёре аз мазоминро чи мустақим ва чи ғайримустақим аз адаби араб ахз карда, гӯяд:

Бар араб ҳаст, зи баҳри ту аҷамро тафзил,
Ки аҷам васфи ту кардаст ва араб васфи талал».

Монандӣ ва мушобиҳатҳои мазмунӣ миёни шоирони форсиву арабӣ доманаи васеъ дорад, ки ҳоҷат ба шарҳу тафсири бештар нест. Танҳо ҳангоми дидани чунин монандиҳо набояд чунин пиндошт, ки моли ин шоир ё он шоир комилан баргирифта ё сирқат аз дигарест. Комилан табиист, ки ҳамҷаворӣ дар заминаҳои гуногун ба ҳукми қонунҳои табиат, муҳити зист, шароити ҷуғрофиёӣ ба ҳама риштаҳои ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла ба адабиёт низ таъсир мерасонанд.

ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ РУС

КОММУНИКАТИВНЫЕ ОСНОВЫ ГРАММАТИЧЕСКОГО СТРОЯ (ЯЗЫК, РЕЧЬ И ПРОЦЕССЫ РЕЧЕМЫСЛИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ)

Абдуллоева Т. М. – к.пед.н., доцент кафедры методики преподавания русского языка и литературы ТНУ

Обособление понятий языка как системы и речи, как формы обнаружения элементов языка поставило в порядок дня лингвистических исследований проблему соотношения языка и речи.

Со времен Гумбольдта в теории языкознания продолжался процесс кристаллизации понятий «система языка» и «речь». Важнейшими вехами в отработке этих важных понятий явились после Гумбольдта работы Штайнталя, Габеленца, Потебни и Бодуэна де Куртенэ. Итоги всему развитию подвел Ф. де Соссюр, в острой и парадоксальной форме отчеканивший понятие «языка» (langue) и «речи» (parole) как двух полярных форм существования многообразных и противоречивых в своей совокупности «речевых явлений» (у Соссюра language).

Анализируя процесс употребления языкового кода, Соссюр, согласно Годелю, выделял в нем три звена или фазы: 1) отбор «означаемых» применительно к данной ситуации и сочетание их с акустическими образами; 2) конструирование фраз из комбинаций словесных знаков и 3) фонационное исполнение комбинаций знаков с помощью голосового аппарата. Но только центральное звено — конструирование синтаксических цепочек - он считал существенным в лингвистическом плане для понимания перехода от языка к речи.

Речь есть процесс (или результат процесса) выражения мысли средствами языка. Это признавал и Соссюр, характеризуя речь как «комбинации, при помощи которых говорящий субъект пользуется языковым кодексом с целью выражения своей личной мысли». Вместе с тем, определяя отношение речи к языку, он видел в ней реализацию языковой потенции, своего рода «исполнение» языка. «Язык,— писал он,— можно сравнить с симфонией, реальность которой не зависит от способа ее исполнения; ошибки, которые могут сделать разыгрывающие ее музыканты, ничем не нарушают этой реальности».

Реализация мысли с помощью языка и «исполнение» языка как готового произведения, разумеется, не одно и то же. Но для Соссюра язык был совокупностью «значимостей», т. е. абстрактных элементов системы, отношение которых к мысли и к звучанию не входило, по его мнению, в систему языка. Ограждая язык от «посторонних» влияний, Соссюр последовательно удалял из него все субстанциональное, все, что, по его трактовке, относилось к ведению психологии, акустики или физиологии. В итоге в языке оставались только знаки, состоящие из абстрактных «означающих» и «означаемых». Реализация этих знаков в речевой цепи и составляла сущность речи, по Соссюру.

Р. Годель писал: «Но если речь — это акт передачи мысли с помощью языковых знаков, а не просто знаки, состоящие из членораздельных звуков, то удивительно, что Соссюр постоянно называет ее исполнением (execution), этот термин представляется особенно неподходящим. Для этого имеются, быть может, два основания. Прежде всего он не занимался тем, что он называл реализацией означаемого, т. е. употреблением общего знака применительно к конкретной ситуации. Иногда кажется, что он подразумевал это, говоря о „потребностях речи“, о связанных с ней обстоятельствах.

К ВОПРОСУ О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ ИЗУЧЕНИЯ МНОГОЗНАЧНОЙ ЛЕКСИКИ СТУДЕНТАМИ-ТАДЖИКАМИ

Абдурасулов З. А. – старший преподаватель кафедры методики преподавания русского языка и литературы ТНУ

На всех этапах обучения русскому языку основным показателем уровня владения языком считается глубина и качество усвоения лексики. Общеизвестно, что слово, как лексическая единица представляет собой одну из основообразующих единиц языка, которая изучается практически всеми разделами современной лингвистики, это и лексикология, и морфология, и словообразование. Между тем, что касается смысла (значения) слова, то оно рассматривается составной частью лексикологии, а именно семасиологией. Одним из основных признаков слова считается наличие у него лексического значения. Способность слова иметь одновременно несколько значений называется полисемией (от греческого poly – много, сема от греч. sema – знак; минимальная, предельная единица плана содержания). Явление полисемии обусловлено природой самого языка и зависит от закономерностей процесса познания человеком объективного мира. Следует отметить, что изменение значения слова считается одним из ведущих способов образования новых терминов в национальных терминосистемах. Изменение семантической структуры слова относится к качественному пополнению словарного состава национального языка.

Работа по изучению многозначной лексики в отличие от других категорий слов языка имеет свою специфику и представляет одну из сложных проблем обучения лексике русского языка в таджикском вузе. Сложным является, прежде всего, усвоение студентами национальных групп слов, представляющих собой совокупность взаимосвязанных и взаимообусловленных значений, каждый из которых обладает конкретным лексическим значением, чем и обусловлена характерная особенность функционирования его в системе языка.

Работа над семантикой слова представляет собой один из наиболее эффективных путей обогащения лексического запаса студентов, а тем самым - развития их речи. Таким образом, обогащение словарного запаса студентов гуманитарных факультетов должно идти не только путем активизации новой лексической единицы в речи, но и более глубокого усвоения семантики многозначного слова и актуализации этих смыслов в их речи.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТЕХНИКО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ПРИ ОБУЧЕНИИ РУССКОМУ ЯЗЫКУ

Амирова П. Н. – ассистент кафедры методики преподавания русского языка и литературы ТНУ

Постоянное внимание к эмоционально-волевой стороне личности студента в процессе педагогического общения — необходимое условие успешного решения методических проблем на любом этапе обучения русскому языку. Учебный принцип активной коммуникации предполагает всесторонний учет личностно-мотивационного аспекта в познавательной деятельности. Творческая активность студента, проявляющаяся в процессе овладения языком, свидетельствует о высоком уровне внутренней мотивации. Создать условия для возникновения такого уровня мотивации помогает комплексное использование информационно-коммуникационных средств. Они компенсируют отсутствие языковой среды или расширяют и углубляют контакты с ней, способствуя созданию атмосферы естественного общения, которое осуществляется как в деловом, так и межличностном плане. И деловые, и межличностные отношения сопровождаются сложным процессом формирования и формулирования мысли средствами изучаемого языка, и чем совершеннее владение этими средствами, тем больше возможностей дается личности раскрыть себя в процессе общения. В целом это стимулирует стремление студента глубже изучать русский язык, постигать его красоту и богатство выразительных средств.

Теоретическое положение находит свое практическое воплощение в организации учебной познавательной деятельности. При этом важно отметить, что речевая деятельность рассматривается в данном случае как объект обучения, следовательно, студенты должны овладеть не только языковыми средствами, но и основными способами формулирования мысли с помощью языковых средств, т.е. внутренней, внешней устной и письменной речью.

Этим объясняется органическое единство всех основных форм учебной работы: аудиторных занятий под руководством преподавателя с целесообразным использованием информационно-коммуникационных средств; самостоятельной работы в языковой лаборатории, выполнения домашних заданий с использованием информационно-коммуникационных технологий, а также внеаудиторной работы с языковой и страноведческой установкой, существенную роль в которой играют источники средств массовой информации и Интернет. В результате реализации названных форм работы в их методическом единстве, студенты должны овладеть всеми видами речевой деятельности и достичь необходимого уровня коммуникативной компетенции.

На продвинутом этапе обучения особую роль приобретает содержательная часть высказывания, речевые произведения, позволяющие говорящему, пишущему в полной мере раскрыть свою мысль, а слушающему и читающему понять собеседника или текст, как в главном, так и в существенных деталях и тонкостях. Глубокий по смысловому содержанию учебный материал, вызывающий живой непосредственный интерес студента, создает благоприятные условия для формирования профессиональной речи. Такой материал, как правило, соответствует естественным формам речевого общения: получение нужной информации, обмен мнениями по взаимно интересным вопросам в диалоге или полилоге, личная оценка волнующих событий, художественных произведений, анализ явлений и фактов и т.п. В связи с этим на продвинутом этапе обучения на первый план выступают используемые в учебных целях информационно-коммуникационных средств, широко и многообразно отражающие практически все явления действительности.

НОВОЕ В МЕТОДИКЕ ПРЕПОДАВАНИЯ РУССКОГО ЯЗЫКА В ВУЗЕ И ШКОЛЕ

Атакуллаев У. И. – к.пед.н., доцент кафедры русского языка для нефилологических факультетов ТНУ

Обучение русскому языку в вузе и школе направлено, в конечном счете, на овладение учащимися культурой речевого поведения, на формирование умений пользоваться правилами речевого этикета и коммуникативными стратегиями в разных сферах общения, достигая определенного коммуникативного эффекта.

Новые формы и методы преподавания русского языка обусловлены, таким образом, коммуникативной концепцией языка. Интенсивная разработка этой концепции характерна для современной лингвистики, которую называют "антропологической", "когнитивной", "коммуникативной", "лингвистикой текста". Новая научная лингвистическая парадигма не отрицает представления о системно-структурном устройстве языка и его историческом развитии и изменении. С этим связано выдвижение в качестве ключевых понятий текста и "стоящей за ним языковой личности". Языковая личность трактуется и как активный субъект - носитель языка, творчески воспринимающий и реализующий его ресурсы и законы, и как "совокупность способностей и характеристик человека, обусловливающих создание и восприятие им речевых произведений (текстов)". Текст в коммуникативном аспекте определяется как "коммуникативная система речевых знаков и знаковых последовательностей, воплощающая сопряженную модель деятельности адресата и отправителя сообщения".

Дар ин самт оҷилияту табиати иттилоотӣ муқаддам боқӣ мемонанд. Албатта, зуҳуроти дар боло мисоловардашуда марбут ба фаъолияти комилу доимии иттилоотии нашрияҳо нест ва он ҳама танҳо хусусияти ҷашнномаро касб менамоянд. Яъне, ба тиражи нисбатан бузург нашр гардидан, ба монанди матбуоти якшанбегии олами ғарб зуҳуроти доимӣ нест. Матбуот аз ҷанбаҳои дигар ба монанди теъдоди зиёди нашр, қолаби нашр, шакли коғаз, даврияти чашмраси нашр, шаклу намуди зоҳирӣ, банду басти қобили қабул ва дигар сифатҳо низ шинохта мешавад. Мубрамият, расмият, дар давраи муайян нашр гардидан, оммавияти баланд, хосияти маҷмӯӣ, оҷилияту зудпаҳншавӣ, ба ҳама дастрас будан ва оҳанги иҷтимоии амиқ доштан ҷузъиёти дигари ин шинохтҳо ба шумор мераванд.

ПРОБЛЕМАҲОИ МУОСИРИ ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Мирзоалӣ С. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ

Дар мақола пайдоиш ва давраҳои ташаккули журналистикаи байналхалқӣ таҳқиқ гардида, навгониҳои соҳа ва вазъи имрӯзаи он таҳлил гардидааст. Таъсири интернет ба журналистикаи байналхалқӣ муайян карда шуда, бурд ва бохти соҳа ошкор шудааст. Инчунин дар мақола мушкилоти актуалии журналистикаи муосири байналхалқӣ қайд гардидааст.

Муайян карда шудааст, ки пайдоиши Интернет дар ибтидо ба буҷаи ВАО-и байналхалқӣ аввалин зарбаи калони иқтисодӣ расонид, зеро дар бозори реклама мавқеи онҳо коҳиш ёфт ва танҳо пас аз ташкилёбии сомонаҳои ВАО-и байналхалқӣ вазъият каме беҳтар гардид. Паҳншавии иттилои ройгон тавассути интернет як зарбаи дигар ба ВАО-и байналхалқӣ гардид, ки барои ҷамъоварии ахбори байналхалқӣ маблағи зиёд сарф мекарданд. Дар натиҷа намояндагиҳои ВАО-и байналхалқӣ дар саросари олам рӯ ба камшавӣ ниҳоданд ва танҳо агентиҳои иттилоотӣ ва ВАО-и байналхалқии кишварҳои қудратманд намояндагиҳои худро ҳифз карданд.

ВАО-и байналхалқӣ вобаста ба зарурат мухбирони худро ба кишварҳо равон менамоянд, ки ин ҳолат аз журналистони байналхалқӣ омодагии 24 соатаро талаб менамоянд. Доштани раводид ва иҷозати фаъолият дар якчанд кишвар, донистани чандин забон аз талаботи навин ва мушкилоти муосири журналистони байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Журналисти байналхалқии муосир бояд ҳамқадами замон гардад ва аз навтарин техника ва технологияи иртиботӣ огоҳ бошад ва малакаи кор дар шароити журналистикаи чандрасонаиро дошта бошад, яъне маводро бо усули мултимедиавӣ омода намояд.

Дар журналистикаи байналхалқии муосир масъалаҳои аккредитатсияи журналистони байналхалқӣ ва масъалаи озодии сухан, рақобат миёни ВАО-и байналхалқӣ, миллӣ ва журналистикаи шаҳрвандӣ, риоя нагаштани этикаи касбӣ, шинохти чеҳраҳо ва кишварҳо, истифодаи ВАО-и байналхалқӣ ба ҳадафҳои геополитикӣ, масъалаи ҷанг ва сулҳ дар журналистикаи байналхалқӣ, коҳишёбии объективият дар журналистикаи байналхалқӣ, нақши журналистикаи байналхалқӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, таъсири глобализатсия ба журналистикаи байналхалқӣ ва баррасии якҷонибаи проблемаҳои глобалӣ аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мераванд, ки бартараф намудани онҳо кори дастаҷамъонаи давлатҳо ва созмонҳои байналхалқию журналистӣ мебошад.

ИНЪИКОСИ МАВЗӮИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ДАР НАШРИЯИ СОҲАВИИ «ИНСОН ВА ТАБИАТ»

Яқубов Ҷ. – н.и.ф., дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ

Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор оид ба масъалагузориҳои обӣ шинохта шудааст. Дар давоми ду даҳсолаи охир пойтахти тоҷикон ба макони баргузории ҳамоишҳои сатҳи баланд оид ба масоили об табдил ёфт. Дар қатори роҳбарони кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ намояндагони расонаҳои иттилоотии кишварҳои зиёд дар конфронсҳои обӣ иштирок намуданд ва аз рафти баргузории чорабиниҳо тавассути ВАО-и кишварҳояшон иттилоъ пахш намуданд. Дар соли 2020 баргузории якчанд чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ дар пойтахти кишварамон дар назар аст. Айни замон инъикоси омодагиҳо ба ин чорабиниҳо дар ВАО-и кишвар ҷараён дорад.

Мақолаи мазкур фарогири мавзӯи инъикоси баргузории чорабиниҳои сатҳи баланд ва муваффақияти дипломатияи тоҷик дар масъалаҳои об дар ВАО, дар мисоли нашрияи соҳавии “Инсон ва табиат” мебошад. Муаллифи мақола бо овардани мисолҳои мушаххас аз маърӯзаҳои коршиносон ва маводи нашрия муваффақ шудани дипломатияи тоҷикро барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд дар масъалаҳои обӣ нишон додааст.

Калидвожа: Об, дипломатия, чорабинӣ, коршиносон, соҳавӣ, конфронс, муаллиф, мақола.

МОҲИЯТ, АРЗИШ ВА НАҚШИ ОБ ДАР НАЗМИ ИҶТИМОӢ

Самадова М. – ассистенти кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ

Каломи воқеъгароёна дар шаклҳои гуногун, жанрҳои худи соҳа, адабиёт, кино, театр, санъатҳои рассомӣ, карикатураҳо, нутқу маърӯзаву мавъизаҳо ва амсоли он вуҷуд дошта метавонад. Аз рӯи таҳқиқот ва таҷрибаҳо бармеояд, ки қолаби назм шакли классикитарини публитсистика ба ҳисоб меравад ва то ҳол новобаста аз ташаккули бесобиқаи намудҳои гуногуни ВАО вазифаҳои мушаххасро ба дӯш дорад. Бо иллати набудани минбарҳо дар гузашта дар қолаби назм баён кардани ҳадафу андешаҳо фавритару бештар ба омма таъсиргузортар ба назар мерасанд. Дар шароити имрӯза ин омил равшану маълум собит намудааст, ки тариқи назм тавсифу таблиғи мавзӯот мақсаднок аст. Чунин ба назар мерасад, ки як зуҳуроти нисбатан нигаронкунанда нисбати шеъри публитсистии имрӯза он аст, ки

таваҷҷуҳ дар чанд соли охир ба он ҷиддӣ нест. Намунаҳои нав ба нави васоити иртиботӣ доманаи таваҷҷуҳро маҳдуд гардонидаанд.

Мазмун ва моҳияти иҷтимоии назми имрӯза бештар қимати заҳмати адибонро нишон дода, то андозае бозгӯи мавқеи онҳо мегардад. Муъталқидсозиву боварбахшӣ аз ҷониби адиби воқеъгӯ аксар масъалаҳоро дар сатҳҳои мухталиф барои хонанда ошкор менамояд. Ин гуна адибон дар замони шӯравӣ ва як қисмати даврони сохибистиқлолӣ тавонистаанд, ки назари воқеии худро ба зиндагӣ зоҳир намоянд. Тулқин Хоҷа аз зумраи ҳамин гуна адибон аст, ки як мавзуъро дар андозаҳои мухталиф барои хонанда дилчаспу хотирмон пешниҳод карда метавонад. Мавзӯи об дар эҷоди ӯ мавқеи хос дорад. Дар истифода, тарҷеҳ ва тавсифи ин неъмат адиб аз равзанаҳои гуногун кор мегирад. Ифодаҳои шустан, баҳр, борон, дарё, чашма, шаршара, ҷуй, руд, сел, зулол ва ғайра дар доираҳи гуногуни маъниву маром истифода мешаванд. Ҳар кадом барои ифодаи мақсади адиб дар мавқеъ ва ҷойгоҳи хос истифода мешаванд.

СОСТОЯНИЕ ЖАНРА ИНТЕРВЬЮ В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ ТАДЖИКИСТАНА (НА ПРИМЕРЕ ГАЗЕТ «ДЖУМХУРИЯТ» И «ВЕЧЁРКА»)

Якубова М. – ассистент кафедры печати факультета журналистики ТНУ

В статье рассматривается состояние жанра интервью в периодической печати Таджикистана на примере газет «Джумхурият» и «Вечёрка». Анализ состояния интервью «Джумхурият» и «Вечёрка» предоставляет нам возможность анализа взаимодействия интервью-метода и интервью – жанра. Публикации газеты «Джумхурият» служат общенациональным интересам, ориентированным на укрепление единства общества. Исследование интервью в официальной газете “Джумхурият” выявило тот факт, что издание имеет большую степень информационного и организационного взаимодействия с властью, что в целом также свидетельствует о близости и к этому сегменту аудитории. Столичная общественная газета «Вечёрка» была создана в Душанбе, столице Таджикистана, в 2011 году. На наш взгляд, данная газета независимое и сравнительно автономное издание, миссия которого в контексте модели социально- ангажированной журналистики предполагает, что СМИ являются орудием защиты гражданских прав отдельных лиц и средством выражения интересов всех звеньев гражданского общества, а также рассматривает нормативные положения социальной ответственности, где журналист обязан быть бесстрастным информатором и сознательно отказываться от собственной гражданской позиции. Важной составляющей редакционной концепции газеты "Вечёрка" является поддержка русского языка в Таджикистане. Газета не только выходит на русском, но и активно продвигает необходимость его изучения молодыми таджиками, способствует укреплению влияния русского языка в стране.

РУШДИ МАЛАКАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТИ ЖУРНАЛИСТИКА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Баҳромзода М. З. – ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистикаи ДМТ

Дар асри XXI омӯзиши забони англисӣ чун яке аз воситаҳои ворид шудан ба ҷомеаи муосири иттилоотӣ тақозо мекунад, ки таваҷҷуҳ ба он сол то сол бештар шуда, роҳҳои нави аз худ кардани он нишон дода шавад. Бахусус, дар шароите, ки яке аз афзалиятҳои асосии ҳар як мутахассиси соҳа, сатҳи забондонии ӯ ва истифодаи он дар фаъолияти касбӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи журналистика чун соҳаи бо иттилоот сарукордошта, забони англисиро аз ҷумлаи забонҳои расонандаи иттилоъ ба ҷомеаи байналмилалӣ эътироф менамояд. Аз ин рӯ, рӯзноманигорони оянда, яъне донишҷӯёни факултети журналистикаро мебояд аз роҳу воситаҳои гуногуни омӯзиши забони англисӣ истифода намуда, барои навиштани хабарҳои ба аудиторияи байналмилалӣ нигаронидашуда ҳамаҷониба омода шаванд.

Ба андешаи мо барои рушди малакаҳои фаъолияти мустақилонаи донишҷӯёни факултети журналистика дар навиштани мавод бо забони англисӣ, қабл аз ҳама захираи луғавии ӯ аз истилоҳоти соҳавӣ (аз ҷумла хабарҳои расмӣ) бояд бой бошад. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯ мустақилона аз луғатҳои азбарнамудааш ибораҳоеро, ки дар хабар истифода мешаванд, тартиб дода, ҷумлаҳои кӯтоҳи хабарӣ созад. Роҳи дигари рушди малакаи рӯзноманигори оянда дар навиштани хабарҳо бо забони англисӣ, ин сайқал додани одати хониши рӯзномаҳои англисзабон дар ӯ мебошад. Маҳз хониши ботакрори маводҳои хабарии рӯзномаҳои англисӣ, имкон медиҳад, ки донишҷӯи факултети журналистика ба хабарҳои англисӣ завқ пайдо карда, аз пайи тарҷумаи он ва ҷустуҷӯи калимаҳои нави соҳавӣ гардад.

Истифода аз китобҳои таълимӣ, ки фарогирандаи дарсҳои муҳим ва машғулиятҳои шавқовари тарзи навиштани маводи хабарӣ бо забони англисӣ мебошанд дар дарсҳои англисии донишҷӯёни факултети журналистика аз манфиат холӣ нест. Тавассути чунин китобҳо рӯзноманигорони оянда метавонанд, дониши заминавии худро дар навиштани хабар бо забони англисӣ ташаккул дода, онро дар амал татбиқ намоянд. Албатта дар асри XXI, ки асри технология мебошад, такя ба шабакаи ҷаҳонии Интернет барои рушди малакаҳои фаъолияти мустақилона дар навиштани хабару гузоришҳои англисӣ барои донишҷӯёни факултети журналистика хеле муҳим мебошад. Бо истифода аз маводи сомонаҳои хабарии англисзабон рӯзноманигорони оянда метавонанд бо таҷриба ва роҳҳои гуногуни омода кардани маводи хабарӣ бо забони англисӣ фарогир шаванд.

МУҲТАВОИ ОСОРИ ПУБЛИТСИСТИИ МАТБУОТӢ (ДАР МИСОЛИ МАҶАЛЛАИ «САДОИ ШАРҚ» СОЛИ 2018)

Кучарова Н. – и.и.ф., дотсенти кафедраи матбуоти ДМТ

Соли 2018 дар дувоздаҳ шумораи нашрияи миллии адабии Иттифоқи нависандагониТоҷикистон – «Садои Шарқ» дар қатори осори бадеӣ, пажуҳиш, тақризу китобиёт оид ба назму наср, робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар рубрикаи «Ичтимоиёт» 13 очерк ва мақолаи публитсистӣ дарҷ гардидааст. Ин очерку мақолаҳо ба муҳимтарин мавзӯъҳои доғи рӯз дар Ҷумҳуриитоҷикистон ва кулли сайёра бахшида шуда, муаллифон таваҷҷуҳи хонандаи имрӯзро ба масъалаҳои асосии иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир ҷалб мекунанд.

Бузургтарин воқеае, ки соли 2018 дар ҷумхурии азизи мо рӯй дод, ба кор даромадани чархи аввалини Неругоҳи барқии обии Роғун мебошад, ки ба ин муносибат дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик ва берун аз он, аз ҷумла дар маҷаллаи «Садои Шарқ» матолиби зиёде ба табъ расидаанд. Дар мақолаҳои Камол Насрулло («Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст»- №9), Шералӣ Мӯсо («ДостониРоғун»- №11), Бахтиёр Муртазо («Аз осиёб то нерӯгоҳ»- №11) сухан дар атрофи ин сохтмони бузурги аср ва қаҳрамонони арсаи меҳнат меравад. Симоҳои асосии очерки Шералӣ Мӯсо – Файзалӣ, Николай Малтсев, Сармад, Ҳомид Ойев ҳама баҳодурони майдони меҳнатанд ва ҳаёти худро, қувваву ҳунари худро ба сохтмони азими Роғун бахшидаанд. Танқиди симоҳои асарҳои «Роғун рамзи шуҷоатҳои миллат аст» ва «Аз осиёб то нерӯгоҳ» низ тақдири худро ба тақдири нерӯгоҳҳои Тоҷикистон, махсусан НБО-и Роғун пайвастаанд.

Замони Истиқлолияти Тоҷикистон тақозо дорад, ки шаҳрвандони ҷумхурӣ ифтихори амиқи миллӣ дошта бошанд ва ба сарватҳои табиӣ ва фарҳангии кишвари худ бо масъулияти баланди ватандорӣ муносибат намоянд, то дар шароити ҷаҳонишавӣ симои миллии худро аз даст надиҳанд. Мақолаҳои публитсистии «Садои Шарқ» ба мазмуну муҳтавои фарҳангии худ ба хонанда рӯҳи озодандешӣ ва ҷуръати мамлакатдорӣ илҳо менамояд. Дар мақолаҳои «Об ва муаммоҳои он» (Х. Аброров), «Об ва кишоварзӣ» (Х. Асоев), «Тағйири иқлими сайёра» (Д. Шариф) мақоми байналмиллалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи об мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Хамин тариқ, очеркҳо ва мақолаҳои публитсистии соли 2018 дар маҷаллаи «Садои Шарк» ба табъ расида, ҷанбаи амиқи илмӣ ва тарғиботӣ дошта, тавассути роҳбарии

оқилонаи Пешвои миллат – асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кору пайкори содиқонаи сокинони кишвар дар арсаи байналхалқӣ рӯз то рӯз нуфуз пайдо кардани Точикистонро басо равшан таъкид намудаанд.

ТАҲАВВУЛОТИ ГРАММАТИКӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Шодиев Б. Ғ. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии ДМТ

Дар мақолаи мазкур бори аввал таҳаввулоти грамматикӣ дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла таҳаввулоти унсурҳои грамматикӣ дар назму насри шоирони классику муосир ва матбуоти даврӣ нишон дода мешавад.

Аслан, шаклҳои грамматикӣ тағйирпазир ва ё тағйиротнопазир мешаванд, яъне нисбат ба гузашти замон зуд ё дер ба таҳаввулот дучор шудан ё нашудани қоида ва шаклҳои грамматикӣ забон ба ҳисоб гирифта мешавад.

Меъёрҳои забони адабӣ низ бо гузашти замон оҳиста-оҳиста ба таҳаввулот дучор шуда, сохти грамматикиашон боз ҳам такмил меёбад. Ҳолати имрӯзаи забон натиҷаи тараққиёту инкишофи чандинасра ва такмили шаклҳои он аст.

Дар ҷараёни дуру дарози инкишофу тараққиёти таърихии забони тоҷикӣ сохтори пешоянду пасояндҳо ба тағйироту таҳаввулоти ҷиддӣ дучор шудаанд, чунки тамоми қисматҳои забон ҳамеша дар инкишоф ва тағйирот мебошанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии таҳаввулоти пешояндҳо аз давраи қадим (классикӣ) то имрӯз васеъ шудан ва пайдо шудани маъноҳои нави онҳо мебошад. Инчунин яке аз таҳаввулотҳои назаррасе, ки дар забони матбуоти имрӯзаи тоҷик мушоҳида мешавад, тадричан танг гардидани доираи маънои грамматикии як миқдор пешояндҳо ва пайваста кам шудани дараҷаи истифодаи онҳо дар ибораю ҷумлабандӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки ҳамаи қисматҳои забон як хел рушду инкишоф намеёбанд, зеро қисмати сохти грамматикии забон хеле устувор буда, асрҳо ба тағйироту таҳаввулот дучор намешавад, вале баъзе тағйиротҳои ҷузъӣ ба назар мерасад, ки он сохти грамматикии забонро дигар намекунад, аммо таркиби луғавии забон бошад, мунтазам дар инкишофу тараққиёт ва тағйирот мебошад. Таҳаввулоти забон бо таърих, фарҳанг ва зиндагии мардум зич алоқаманд аст ва тамоми тағйироту дигаргуниҳо ва навигариҳое, ки дар ҳаёти ҷамъият рӯй медиҳанд дар худ инъикос менамояд.

РОВИЁНИ СОҲИБМАКТАБИ ТОҶИК АБДУҚОДИР МАНИЁЗОВ

Ализода А. Х. – н.и.ф., дотсенти
кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ

Омӯзишу таҳқиқи маводи хазинавии ровиёну наттоқони соҳибмактаб, ошкор сохтани маҳорату таҷриба, муайян кардани сабку услуб, вижагиҳои қироат, ҳамчунин муқаррар намудани мақоми онҳо дар телевизиону радио аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Таҷрибаи ғании онҳо барои муҳаррирон – барандаҳо, ровиёну наттоқони ҷавон хеле муҳим буда, барои дарёфти тарзу усули қироат ва дар касби интихобкардаашон мавқеи сазоворро ёфтани онҳо мадад мерасонад.

Яке аз ҳамин гуна ровиёни соҳибмактаби тоҷик, ки осори овозиашон дар «Хазинаи тиллоӣ»-и радио ва телевизиони Тоҷикистон ҷойи муҳимро ишғол менамояд, муҳаққиқи пухтакор, тарҷумони маъруф, устоди сухани бадеӣ, ровии суханфаҳму сухансанҷу сухандон Абдуқодир Маниёзов мебошад. Ба эътирофи адабиётшиносон, забоншиносон, адибон ва муҳаққиқони маъруфи тоҷик ашъори шоирони мумтози гузаштаву имрӯзаи тоҷик дар хониши ӯ ба ниҳояти дилпазириву гӯшнавозӣ садо дода, гардишҳои оҳанг ва нозукиҳои маънии шеър олами вуҷуди шунавандаро фаро мегираду ба шӯр меоварад. Санъати баланди

шеърхонии А. Маниёзов, ба замми овози марғуладори дилнишинаш ба маънирасиву нозукбинии хосаи ӯ сахт пайвастагӣ дорад.

Миёни сабтҳои овозии А. Маниёзов асари “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ (39 гуфтор) ва Аъзам Сидқӣ “Пайроҳаи қисмат” (22 гуфтор) ҷойгоҳи махсуси худро доранд, ки дар мақола мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор гирифтаанд.

Шунидани сабти намоишномаҳои радиоӣ аз силсилаи «Театр дар назди микрофон», «Радиотеатр», «Радиоинсенировка» ва «Радиоком - позитсия» аз рӯи асарҳои драманависи Хитой Тсао Юй «Раъду барқ», тарҷумаи А. Деҳотӣ (1958), Сотим Улуғзода «Рӯдакӣ» (1959), Шароф Рашидов «Таронаи Кашмир», тарҷумаи М. Турсунзода (1959), Расул Ҳодизода «Танбӯри дилкаш» (1965), Ғанӣ Абдулло «Сарбозони инқилоб» (1970), Садриддин Айнӣ «Ғуломон» (1987), Ҷамшед Раҳматов «Ровӣ ҳикоят мекунад» (1989), ки дар онҳо ҳамчун баранда иштирок кардааст, муаллифи мақоларо ба чунин хулоса меорад: А. Маниёзов натанҳо дар шеърхонӣ, қиссахонӣ, қироати насри бадеии классикони тоҷику форс, балки дар барандагии намоишномаҳои радиоӣ низ маҳорати баланд доштааст. Ӯ ҳаракати актёрон ва рӯйдодҳои саҳнаро барои шунавандаҳо бо овози муассир қироат карда, барои ҷолибу шуниданбоб гаштани намоишнома оҳанги хонишашро ба вазъияту ҳолати қаҳрамонони асар мувофиқ мегардонидааст. Аз ин рӯ, ба шунаванда таъсири сухани ӯ баръало эҳсос мегардид.

НАЗАРЕ БА ТАҲҚИҚИ ДОНИШМАНДОНИ ЭРОНӢ ДАР БОРАИ ФИЛМИ МУСТАНАД

Бобоев Д. – н.и.ф., дотсенти факултети журналистика, кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ

Филми мустанад, ки як рукни ВАО аст ҳам тавассути асарҳои публитсистӣ ва ҳам мақолаҳои ҷудогона дар дохил ва хориҷи Эрон буда, аз ҳар лиҳоз аз ҷониби донишмандони дохил ва бурунмарзии эронӣ омӯхта шудааст. Тавассути китобҳо, рисолаҳои гуногуни илмӣ , мақолаҳои ҷудогона дар ҷаридаву маҷаллаҳои касбиву илмӣ доир ба мустанади кишвари ба мо ҳамзабон ва ҳамфарҳанг, киногарони он маълумоти муфассал дода,0 моро аз раванди киношиносии на танҳо кишвари худ, балки аз раванди киномустанадҳои кишварҳои пешрафта мисли ИМА, Фаронса, Британияи Кабир, Олмон, Итолиё, Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ, Ҳинд, Суис ва ғайра низ ошно месозанд.

Ҳамин нукта моро водор намуд, ки доир ба киношиносии мустанади эронии дохили кишварӣ ва дар баробари он мустанади берун аз Эрон аз ҷониби киношиносонӣ эронӣ анҷом дода шудааст, назаре афканем ва то он ҷое даст медиҳад, ба киношиносии ҳамзабонон баҳо бидиҳем. Дар ин росто киношиносони ҳамзабон аз ҳусну қубҳи кинои мустанади Эрон маълумоти хуберо тавассути рисолаҳо, мақолаҳо ва китобҳои худ пешкаши хонанда намуданд. Дар ин радиф метавонем китоби «Филми мустанад, усули синамойии мустанад»-и Ҳамид Нафисӣ, «Чашмандози муттағайир барои татбиқи синамои мустанад ва достонӣ дар осори Аббоси Киёрустамӣ»-и Саид Аҳиқӣ, «Аз филми мардумнигорӣ то шибҳи мустанад»-и Ҷаббор Раҳмонӣ, Ёсин Фаррухзод, «Омӯзиши муқаддимоти синамо»-и Масъуд Ҷавоҳирӣ, Аҳмад Зобитӣ «Нигориши тиорик ба филми мустанад»-и Аҳмад Зобитӣ ва тарҷимаҳои китобҳои Оллан Розентел «Мустанад аз филмнома», тарҷумаи Ҳамиризо Аҳмад, «Мустанад аз филмнома то тадвин», тарҷумаи Ҳамидризо Аҳмади Лорӣ, Салимон Солиҳ «Ҳуқуқи рӯзноманигорон дар сарзаминҳои арабӣ», тарҷумаи Самиа Тайибӣ Киристафор Ҳарпер «Расонаҳои навин» Б. Ҳанстро «Шиносоӣ ва баррасии филми мустанади санъатӣ ва зергунаҳои он», тарҷумаи доктор Алиасғари Киё, Бори Ҳамп «Сохтани филми мустанад», тарҷумаи Ҷамол Олӣ Аҳмадро номбар намуд, ки мавриди омӯзиши мо қарор гирифт.

Филми мустанад, ки маъмулан аз тарафи ҷои хосе ба филмсоз супориш дода намешавад ё агар супориш дода шуда бошад ҳам, филмсози он қадаре озодии амал дорад, ки онро мутобиқи салиқа ва нигоҳи худ бояд созад ва ниҳоят онро ба шакле даровард, ки на танҳо хостаи супоришдиҳандаро бароварда сохта тавонад, балки рӯйкард ва нигоҳи шоиронаашро низ дар он ворид кунад. Намунаи дурахшони ин навъи филми мустанад, филмҳои мустанади Иброҳими Гулистон мебошад. Дар асоси китобҳо ва мақолаҳои ин

киношиносон ба мо маълум гашт, ки мустанади таърихӣ яке аз пурхазинатарин анвои филмҳои ҳуҷҷатӣ аст, ки маъмулан дар бораи мавзӯъҳои таърихӣ, мисли инқилоби Фаронса, нақши калисо дар Қуруни Вусто, муқовимати эрониҳои шарқиву ғарбӣ дар баробари ҳамлаи муғул ва ё шахсиятҳои таърихӣ, мисли Куруши Кабир, Ардашери Бобакон, Сомониён, Чингизхон, Спартак, Амири Кабир, Наполеон ё Ҳитлер, Ленин, Сталин сохта мешавад.

Маъмулан қисматҳое аз ин навъи мустанадҳо бозсозии саҳнаҳои таърихӣ ва гузаштаанд. Чун ҳеч тасвире аз даврони Наполеон вуҷуд надорад ва филмсоз маҷбур аст он давраи таърихиро бозсозӣ кунад. Мустанадҳои телевизионии Чингизхон ва террори Абраам Линколн намунаҳои хубе аз мустанадҳои таърихии ҷаҳонанд.

ОСОРИ Ӯ ДАРХӮРИ ҲАМАИ ДАВРУ ЗАМОН АСТ

Иноятова З. П. – унвонҷӯи
Институти илмию таҳқиқотии ДМТ

Дар адабиёти гузаштаву муосир кам нестанд асарҳое, ки мазмуну муҳтавояшон фақат ҷавобгӯи замони нависандагони ин асарҳо буда, дар айёми дигар аҳамияти худро гум мекунанд. Адибони асил он адибонеанд, ки офаридаҳояшон дархӯри ҳамаи замонҳо бошанд. Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ устод Фазлиддин Муҳаммадиев аз зумраи ҳамин адибон аст. Роману қиссаҳо ва ҳикоёти ба қалам додаи ӯ кору зиндагонии мардумони даврони Иттиҳоди Шӯравиро ба таври муҷаз ва возеҳу равшан инъикос намуда, дар баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ хизматҳои босазое кардаанд. Агарчанде айни замон ҷамъият ва мафкураи мардум дигар гаштааст, асарҳои нависанда имрӯз низ хонданбобу ибратомӯз буда, барои омӯзиш ва баҳрабардорӣ хеле ба кор меоянд. Зеро дар ҳамаи асарҳои устод тасвир ва тавсифи ахлоқи инсони бофарҳанг дар ҷойи аввал меистад. Барои таҳвияти фикр ду ҳикояи ӯ – «Хиёбони Нодир» ва «Сози Мунаввар»-ро намуна меорем.

Бояд гуфт, ки мазмуну муҳтавои ҳар дуи ин ҳикоя аз як маънии бикр манша мегирад: поквиҷдонӣ, ба паймон хиёнат накардан. Қаҳрамонони асосии ҳар ду ҳикоя дар эътиқоду парастиши фитрати поки инсонӣ устувор буда, рафтору гуфтор ва кирдори онҳо намунаи ибрати дигарон мебошад.

Қаҳрамони асосии ҳикояи «Хиёбони Нодир» Абдулвоҳид-амак дилбастаи халқу диёр, табиати афсункори он буда, меҳру муҳаббат ба ватану ҳамдиёрон дар мағз андар мағзи равони ӯ реша давонидааст.

«Вай дар хиёбони барҳавои тӯлонӣ қадамзанон, ба сафедороне, ки бари ҳам қад афрохтаанд, хаёлан муроҷиат карда мегӯяд:
-Хушрӯед, сафедорон Чаро ки сарбаландед боғуруред.

Ин сафедоронро шахси дигар - Нодир - ҳамдеҳаи Абдулвоҳид-амак шинонидааст. Нодир низ мисли Абдулвоҳид-амак иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанист, мисли ӯ аз фронт ҷароҳатҳо бардошта, маъюбу маслуқ баргаштааст. Дар ин ҷанги хонумонсӯз Абдулвоҳид-амак аз як пой, Нодир бошад, аз як даст маҳрум гаштаанд. «Хиёбони сафедорон пештар, айёме ки ҳар ду ҷавон буданд, барои Абдулвоҳид-амак фақат пораи манзараи зодгоҳ буду бас. Акнун, дар пиронсолӣ гӯё як ҷузъи рӯзгори худаш шудааст. Ҷузъи дилкаш ва дилкушо».

Ҳикояи машҳури «Сози Мунаввар» аз қиссаи ғамангези мутрибе нақл мекунад, ки тақдир ишқи нокомро насиби ӯ гардонидааст. Мунавваршоҳ сараввал мутриб набуд. Марги фоҷиавии маҳбубааш –Мунаввабегим ӯро аз вартаи ноумедиҳо ба олами созу мусиқӣ афканд.

«Ишқе, ки ибтидо дораду поён надорад. Мунавваршоҳ ҳар дафъа бе сухан, бо забони торҳои симини асбоби сеҳрноки худ аз дунёи эҳсосоташ равшану дилпазир ҳикоят намуда, асрореро ба сомеони худ ифшо мекард. Мазмуни савту навои ӯ аз шикоят дида ба гилагузорӣ шабоҳат дошт- гилаи сабук аз рӯзгор».

Зимнан симои қаҳрамонони асарҳои устод Фазлиддин Муҳаммадиев ҷавобгӯи ин суолест, ки имрӯзҳо ҳар яки мо пеши худ мегузорем: «Ахлоқи инсони бофарҳанг чӣ гуна бояд бошад?». Ва омӯзиши рафтору гуфтор ва кирдори ибратомӯзи ашхоси маърифатпеша, ба

мисли Абдулвоҳид-амаку Мунавваршоҳ, дар адабиёт пайваста талқин намудани поктинатӣ ва иффати инсонӣ, бешак, барои тарбияи насли ҷомеае, ки онро ба истилоҳ «ҷамъияти демократию ҳуқуқбунёд» арзёбӣ менамоянд, хеле зарур аст.

АЙНӢ ВА ТАҲРИРИ АСАРҲОИ РАҲИМ ҶАЛИЛ

Алиева Ҷ. Ф. – аспиранти кафедраи
услубшиносӣ ва таҳрири адабии ДМТ

Романи «Одамони ҷовид»– и Р. Ҷалил яке аз асарҳои маъруфу ҷовидонии адабиёти муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Шояд барои камтар касоне маълум бошад, ки ин асари бузург аз таҳрири С. Айнӣ гузаштааст. Тавре ки маълум аст, романи «Одамони ҷовид» дар чопи аввал «Гулрӯ» ном дошт. Ба навиштаи худи Р. Ҷалил, устод зимни муҳокимаи қисми якуми роман, ки соли 1939 бо номи «Пӯлод ва Гулрӯ» ба чоп расид, ширкат намуда, муддати чаҳор соат романро бо диққат гӯш мекунад ва ба ӯ камбуду норасоиҳои асарро бозгӯ менамояд. Р. Ҷалил дар асоси раҳнамудҳои С. Айнӣ асари худро аз нав таҳрир мекунад.

Соли 1949 бахши дуюми «Одамони ҷовид» мунташир мегардад. Устод С. Айнӣ асарро саросар таҳрири ҷиддӣ намуда, қайду мулоҳизот ва андешаҳои нодири худро дар ҳошияи он китоб менависад. Ба навиштаи Х. Отахонова, «ин қайдҳо аҳамияти калони адабӣ дошта, симои С. Айниро ҳамчун нависандаи барҷаста, мураббии нависандагони тоҷик, мунаққиди бузурги замони мо нишон медиҳанд».

Баъди аз назар гузаронидани қайдҳои устод метавон ҳадафу талаботи С. Айниро нисбат ба осори баъдӣ ва вазифаи нависанда гурӯҳбандӣ намуд. С. Айнӣ, пеш аз ҳама, аз нависандагон воқеиятнигориро тақозо мекунад. Нависанда аз нигоҳи ӯ бояд ҳаргиз аз омӯхтан даст накашад, ҳамеша дар пайи омӯзиши ҷузъиёти зиндагӣ бошад, зеро зимни бозтобу тасвири падидаҳои зиндагӣ ҳама ҷузъиёт коромаду муҳиманд.

Маҳз ҳамин костагиҳо дар тасвирҳои «Одамони ҷовид» С. Айниро вомедорад, ки бахши зиёди эродҳояшро дар ҳошияи онҳо бинависад. Мисол, дар асар чунин манзарае тасвир шудааст: «Вай аз тиреза барфи лаклакии бо шамол бозӣ доштаистода, галаи зоғонро, ки дар кӯча саргин тит мекарданду аз ҳар қадаммонӣ ва ҳаракати кӯчагузарон дар ҳарос буданд, тамошо мекард ва Рачаб бошад, ғарқи хаёлот шуда, чашм аз тахтапушти Саидов намеканд». Қайди устод: «Дар вақте ки барфи лаклакӣ меборад, саргин дар зери барф мемонад. Дуввум, дар вақти барфбозӣ зоғон аз саргин зиёдтар барфро тит карда, сарашонро ба вай тиққонда бозӣ мекунанд» .

Нуқтаи дигаре, ки аз қайдҳо бармеояд, таваҷҷуҳ намудан ба ҷузъиёту тафсилот аст, ки дар «Одамони ҷовид» ба таври лозим ба он диққат дода нашудааст. Барои дарку фаҳми мазмуну ҳадафи нависанда ҳар як ибора ниҳоят муҳиму зарурӣ мебошад.

Мисол: «Ин аз рӯйи одоб нест, ки Шумо – рафиқ муаллим, ба дастамон об резед. Охир худи ман…»

Устод дар зери ин ҷумла хат кашида чунин изҳор доштааст: «Олим дар аввали ҳамин мусоҳиба тамоман ба имову ишорат гап мезад. Чӣ шуд, ки якбора забон бароварда монд?».

С. Айнӣ дар як номаи худ дар атрофи ин ҷиҳати масъала, яъне бетаваҷҷуҳии нависандагон ба Р. Ҷалил чунин навишта буд: «Манбаи бисёр хатоҳои нависандагони ҷавон дар хотирпарешонӣ, фаромӯшхотирӣ ва дар бедиққатӣ аст»

Ҷумлаҳои духӯра, ночаспон дар романи «Одамони ҷовид» зиёданд ва С. Айнӣ ба аксари онҳо эрод гирифтааст. Махсусан, ба ҷумлаҳои мантиқан норасо.

Матн: «Дар миёни даҳлезу хона девор бардошта, дари дуюм шинонда шуда буд».

Қайди устод: «Одатан, дар миёнаи даҳлезу хона девор мешавад. Дар ин ҷо чаро сонӣ девор кашидаанд?»

КАФЕДРАИ УМУМИДОНИШГОҲИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

ГРАММАТИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА КОНСТРУКЦИЙ С МОДАЛЬНЫМИ ГЛАГОЛАМИ БОИСТАН И MUST, ВЫРАЖАЮЩИЕ НЕОБХОДИМОСТЬ СОВЕРШЕНИЯ ДЕЙСТВИЯ

Исмоилзода Э. С. – к.ф.н., доцент кафедры общеуниверситетского английского языка ТНУ

Модальный глагол боистан, исторически подвергаясь изменениям, сохранил отдельные формы - боядимебоист, которые широко используются в таджикском литературном языке. В функциональном отношении модальный глагол боистан выступает в роли служебного глагола в глагольных конструкциях, а основное лексическое значение конструкции выражает основной глагол.

Синтаксически модальный глагол боистан, входя в состав сказуемого, образует сложное модальное сказуемое.

По своему семантическому значению он является многозначным глаголом, который выражает различные оттенки значения необходимости говорящего к совершению действия. Модальный глагол боистан в глагольных конструкциях не выступает как глагол модификатор, т.е. он не является показателем ни времени, ни действия, ни состояния. Грамматическим центром в конструкциях с модальным глаголом боистан является основной глагол, который употребляется в соответствующей форме в зависимости от времени, лица, числа и залога. Различные оттенки значения модального глагола боистан ассоциируются с грамматическимиформами глаголов, сочетавшихся с ним.

В английском языке из группы глаголов, имеющих модальное значение, которые выражают необходимость, первым следует назвать модальный глагол must, что является первым аналогом модального глагола боистан. В функциональном отношении модальный глагол must так же является служебным, поскольку основное значение выражается основным глаголом, а он выражает лишь отношения необходимости к совершению действия основного глагола. В сочетаниях основной глагол располагается после модального глагола must в форме инфинитива без частицы to.

Модальные глаголы боистан и must по грамматическим формам ограничены, поэтому и являются дефектными.

Из значений, выражаемых модальными глаголами боистан и must, необходимость - их общее значение, но в разных условиях контекста могут усилиться и другие их оттенки, такие как долженствование, обязательность, неизбежность, предположение, запрет, совет.

Модальный глагол боистан не имеет неличных форм глагола: причастия прошедшего времени, причастия настоящего времени, кроме инфинитива, который служит только для начальной формы словаря. В современном таджикском языке в глагольных конструкциях эта форма не употребляется.

Сходство модального глагола боистан заключается в том, что в английском языке модальный глагол must также называют дефектным глаголом. Его дефектность определяется отсутствием неспрягаемых форм глагола, т. е. он не имеет ни форму инфинитива, ни Participlel (причастие настоящего времени) и ни форму Participlell (причастие прошедшего времени).

Отсутствие неличных форм у модального глагола must надлежит, с одной стороны, считать следствием его дальнейшего исторического развития со времен древнего языка, которое привело к утрате имевшихся неличных форм вместе с утратой первоначальных, более конкретных значений и, с другой стороны, закономерной особенностью модальных глаголов в языке.

ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ СИНТАКСИСИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР АСОСИ МУҚОИСА БО ЗАБОНИ ТОЧИКӢ

Саидзода Ҳ. А. – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ассогузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф аҳамияти махсус дода қайд менамоянд, ки Ҳукумати мамлакат бо мақсади рушди босуботи соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд. Аз ҷумла ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, русӣ ва англисӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шавад.

Методикаи таълими забони хориҷӣ чун фанни мустақил дар нимаи аввали асри 20 эътироф карда шудааст. Барои ташаккул ва тараққиёти ин фан саҳми олимони рус академик Л.В. Шерба, профессорон В.Д. Аракин, И.В. Рахмонов, А.А. Миролюбов, А.В. Монигетти, З.М. Светкова, В.С. Сетлин, И.Я. Зимняя, Г.В. Рогова, И.Л. Бим, С.Ф. Шатилов, Е.И. Пассов ва дигарон бузург аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони англисӣ, забони олмонӣ, забони фаронсавӣ дар тӯли 50-60 соли охир дар мактаби миёна ва дар мактаби олӣ омӯхта мешавад. Имрӯзҳо аҳли уламою омӯзгорон хуб дарк кардаанд, ки барои баланд бардоштани сифати таълими забони хориҷӣ истифодаи усули коммуникативии таълими забони хориҷӣ тақозои замон аст (Шерба 1965, Аракин 1977, Рахмонов 1967, Миролюбов 1967, Монигетти 1959, Светкова 1949, Сетлин 1965, Зимняя 1984, Рогова 1991, Бим 1989, Шатилов 1986, Пассов 1991).

Барои тайёр намудани муаллимони забони англисӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар савияи баланд таълим додани фанни «методикаи таълими забони хориҷӣ» аҳамияти калон дорад. Бо вуҷуди он ки ҳар дуи забонҳо ба қатори шохаи аналитикии забонҳои типи флективӣ дохил мешаванд, дар сохти синтаксисии онҳо тафовутҳои зиёде ба назар мерасанд, ки боиси мушкилоти таълим мегарданд. Онҳоро як ба як номбар ва шарҳу таъбир мекунем.

Дар ибораҳои исмии забони англисӣ бар хилофи забони тоҷикӣ муайянкунанда пеш аз муайяншаванда меистад. Муқоиса кунед: alongpencil – қалами дароз, alotofdifficulties – мушкилоти зиёд, father'stask – вазифаи падар, citylibrary – китобхонаи шаҳрӣ. Вақти таълими ин ҳодисаҳо хонандагонро аз чунин тафовут бояд огаҳ сохт ва тавассути машқҳои мухталиф, аз он ҷумла қолибҳои синтаксисии навъи Adj + N малакаҳои заруриро ҳосил намуд.

Ҷои саръазоҳои ҷумла низ қисман фарқ мекунад. Бо вуҷуди дар ҳар ду забон ҷои аввалро ишғол кардани мубтадо хабари забони англисӣ пас аз мубтадо меояд, ҳол он ки ин аъзои ҷумлаи тоҷикӣ мавқеи ниҳоӣ дорад. Муқоиса кунед: The girl opened the door slowly – Духтар оҳиста дарро кушод. Хонанда метавонад ин малакаи забони модариро бо забони англисӣ кӯчонад, ки ин сабаби ғалати дағал мегардад. Барои рух надодани чунин хатогӣ омӯзгорро зарур аст, ки пеши роҳи онро гирад, ки ин тавассути машқ – дастур ва машқҳои гуногуни сохторӣ бояд амалӣ гардад.

Ҷои аъзоҳои пайрави ҷумла низ дар ин ду забон баҳадде фарқ мекунад. Билхоса ҳол дар забони англисӣ бештар дар охири ҷумла меояд, вале дар забони тоҷикӣ он ҷои дуюмро ишғол менамояд. Муқоисакунед: Зимистони имсол хеле хунук буд. – The winter has been very cold this year. Such trees grow in South America. – Чунин дарахтон дар Амрикои Ҷанубӣ месабзанд. Ин тафовут низ боиси сар задани хатоҳо дар нутқи англисии хонандагон мегардад. Барои роҳ надодани онҳо омӯзгор бояд ба ин номувофиқи таваҷҷӯҳи шогирдонро ҷалб намуда, машқҳои муносибро созад ва истифода барад.

Хулоса кардан шояд, ки дигар ҳодисаҳои грамматикии забони англисиро, ки дар забони тоҷикӣ муродифе надоранд ё доранду ба ҳадде тафовутҳои шаклӣ ё маънавӣ хосашон аст, тавассути машқҳои созмонӣ, маънавӣ ва билохир муоширатӣ омӯзонидан талаб карда мешавад.

ОПРЕДЕЛЕНИЕ РЕАЛИЙ ПРИ ПЕРЕВОДЕ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Асадова М. Р. – ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка ТНУ

Каждая страна имеет собственные традиции и обычаи и их соблюдают веками, которые считаются своего рода гордостью, национальным достоянием народа. Это на первый взгляд кажется странным человеку, который мало знаком с историей данной страны и с развитием отношений между странами происходит обмен и сопоставление культур и языков. Описание элементов, не имеющих аналогов в другой стране, представляло особую трудность, и эти элементы точно передают самобытность и колорит страны. Они называются реалиями. В лингвострановедении реалиями считают слова, которые обозначают предметы и явления, связанные с историей, культурой, экономией и обиходом государства изучаемого языка, которые отличаются целиком от лексических определений слов сравниваемого языка. Язык - это часть культуры и появление реалий в материальной жизни общества ведет к возникновению реалий в языке. Каждая реалия содержит какой-нибудь элемент культуры, который отражает специфику страны, и ее отсутствие за пределами страны представляет трудность в ее описании и передаче. Географические реалии являются одним из важнейших тем нашего параграфа, к ним относятся:

1. Названия объектов физической географии и метеорологии: canyon – дараи чуқур (каньон, глубокое ущелье); village – деҳа, қишлоқ (населенный пункт, деревня); Pomerania – Поморе (ноҳияи таърихӣ қад-қади соҳили баҳри Балтик, байни дарёҳои Одер ва Висла) (Поморье (историческая область вдоль побережья Балтийского моря между реками Одери Висла)); steppe – дашт (степь), prerie – дашти васеъ (прерия), nipple – теппа (сопка), syrt - бахшгох (сырт), salt-marsh – шӯрзамин (солончак), simoom – боди самум (самум), mistral – мистрал (боди хунуку хушки шимолӣ) (мистраль), tornado – гирдбод (торнадо);

2. Названия географических объектов, связанных с человеческой деятельностью: causeway – роҳи болои хоктеппа (дорога по насыпи); limited-access road – роҳи маҳдуд (дорога ограниченного доступа); high-speed autobahn – роҳи автомобилгарди калон (скоростная автострада); Polder – полдер (польдер), Krieg – криг (крига), Yazovira – язовир (язовир), Grid – грид (грид);

Например, слово steppe (степь) согласно краткой географической энциклопедии имеет такие значения:

1. «Vegetation type presented herbaceous communities of more or less xerophilous plants» – намуди растание, ки намояндаи гурӯҳи растаниҳои алафии ксерофилӣ мебошад (тип растительности, представленный травянистыми сообществами из более или менее ксерофильных растений) (это и есть реалия);

2. «Steppe characterized by temperate zones of both hemispheres» - даштҳо ба минтақаҳои мӯътадили ҳарду нимкура хос мебошанд (степи свойственны умеренным поясам обоих полушарий) (тоже реалии);

3. «Steppes of North America are devided into grass land prairie, real prairie and low protein prairies – даштҳои Америкаи Шимолӣ ба марғзорҳои сералаф, марғзорҳои ҳақиқӣ ва марғзорҳои ғалладонагиҳои паст ҷудо мешаванд (степи Северной Америки подразделяются на луговые прерии, настоящие прерии и низко злаковые прерии) (реалия);

4. «Steppe is called pampas in South America» - дашт дар Америкаи Ҷанубӣ пампа номида мешавад (степь Южной Америки называется пампа) (типичная реалия).

Получается, что степь имеет значение как родовое понятие, термин, а не реалия, а ее виды - пушта, прерия и пампа – реалии. Как географическое понятие слово «степь» путем транскрипции вошла в другие языки, такие как английский и французский steppe и немецкий Steppe, то есть типичный как для терминов, способ передачи для реалий. Когда Антон Чехов писал свою книгу «Степь» он не имел ввиду «тип растительности, представленный травянистыми сообществами», а характерный русский ландшафт, а другими словами, безусловную реалию

ИСТИФОДАИ ФЕЪЛҲОИ МОДАЛӢ ДАР ЗАРБУЛМАСАЛҲО ВА МАҚОЛҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ёралиева Н. – муаллимаи калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТ

Рушди нутқи шифоҳии донишҷӯ ҳонгоми таълим додани забони хориҷӣ масъалаи мубрами замони вусъати муносибаҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои дунё ва технологияи муосир арзёбӣ мегардад. Забондонӣ воситаест барои баланд бардоштани фарҳанг, сатҳи зиндагонӣ, пойдории ваҳдату осоиштагии миллат замина эъҷод мекунад. Аз омӯзгори замони муосир мутахасиси ба тақозои замон ҷавобгӯ, сафарбарии том ба тахассус, омодагии лингвистӣ-забонӣ ва технологӣ, мушаххасан мобилӣ будан талаб карда мешавад.

Барои ҷавобгӯ будан ба чунин талаби замон рушди нутқи шифоии хориҷии донишҷӯ аз аспектҳои боқимондаи сохтори забон дар зинаи болотарин меистад. Ҳар як донишҷӯ новобаста аз тахассус биолог, кимиё, таърих, иқтисодиёт дорусоз ҳуқуқшинос бояд ду “дар як” ҳам мутахасиси соҳаи худ ва ҳам тарҷумони ягон забони хориҷӣ бошад.

Намуди нутқи шифоӣ, ки дар хусуси он сухан меравад, ин машқ кардани сухани хориҷӣ дар ҳама гуна ҳолатҳои фаъолияти ҳаррӯза мебошад. Ба ибораи дигар донишҷӯ ҳангоми ичрои супориши муоширатӣ-шифоӣ ҳама гуна воситаҳои забонро мавриди кор қарор медиҳад. Муҳимаш он аст, ки супориши давом додани фикр ё ба итмом расондани он бояд намуде бошад, ки донишҷӯ аввалан шавқ ва пасон хоҳиши давом додани онро дошта бошад. Ин аст мушкиле, ки баҳри ҳалли он муаллим усул, омодагии касбӣ ва ҳавасмандии инфиродии худро сафарбар менамояд. Се сабаби калидӣ мавҷуданд, дар бобати чаро фикри хуб аст ба донишҷӯ супориши шифоӣ додан, ки завқу хости онҳоро баҳри ифодаи фикри худ бо истифодаи забони хориҷӣ барангезонад, онҳоро водор намояд.

Тамрин ва машқ омилҳои асосии рушди суханварӣ мебошанд.

Фароҳам овардани муҳити мусоиди муҳокима ва мусоҳибаи озод ба донишҷӯ баҳри тамрини муҳокимаронӣ берун аз дарс имкон эъҷод менамояд. Равона кардани таваҷҷӯъи донишҷӯ ба мусоҳибаи ҷуфт, ичрои нақш дар дӯкони озуқаворӣ ё дар қабулгоҳи фурудгоҳ, дар китобхона ё дар дӯкони китобфурӯшӣ боис мегардад чунин воқеаҳои зиндаи ҳаётиро, дар муҳити мусоид барои сӯҳбат дар синфхона машқ кунанд. Ин ба машқ ва тамрине, ки дар онҳо омӯзиши чуқури муфассал ҷой дорад, монанд намебошад баръакс ин усуле барои донишҷӯ мебошад, ки ба чӣ монанд будани лаззати ҳақиқии муошират кардан бо забони ғайрро ҳис карда тавонад.

Тарзи дигари барангезондани завқи сӯҳбатороӣ ва ҳусни тафоҳум байни донишҷӯён гузарондани саволу ҷавоб ва мушоҳидаю тафсир мебошад. Агар донишҷӯён ин мушоҳидакориро худашон ба нақша гиранд, машғулият тарафайн муфид хоҳад шуд. Ин намуди машғулиятро муаллим пас аз истифодаи замони ҳозираи мутлақ, бо ҳадафи мустаҳкам кардани мавзӯъ ва ҳам рушди муошират тавассути машқи шифоӣ мегузаронад. Хости муаллим дар ин лаҳза фаъолгардонии дониши забонии донишҷӯён буда худро қаноатманд меҳисобид, агар ин усул истифодаи табии замони мутлақро барангезонад. Интихоби мавзӯъ барои тафсир ва мушоҳида озод мебошад. Масалан истилоҳи шарм, тарс, ҳарос, хоб, таҳсил ва ғайраҳо. Муаллим авввал дар бораи тарс, сабабҳои ба он вобаста аз таҷрибаи худаш, аз таҷрибаи донишҷӯён нақл мекунад. Супориш оид ба номбар кардани луғатҳо, ибораҳо марбут ба истилоҳи «тарс» ба миён меояд. Гурӯҳҳо ё ҷуфти донишҷӯён саволномаро тартиб медиҳанд.

What is fear? What are you afraid of? Are you afraid of darkness? Have you ever felt fear? What is the biggest fear? Are you afraid of insects, snakes, dogs, nightmares? Ҷавобҳои « yes » ва « no » барои давом додани мусоҳиба ба маврид мебошанд.

ПРОИЗВОДСТВЕННО-ТРУДОВОЕ ВОСПИТАНИЕ СТАРШЕКЛАССНИКОВ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ ГОРОДА ДУШАНБЕ

Олимова Г. С. – ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка ТНУ

Уроки в учебных мастерских служат как основная форма организации про ориентационные работы в процессе трудового обучения. Следующие профориентационные задачи должны быть решены на уроке в зависимости от его содержания: развитие у учащихся правильного понимания сути профессионального самоопределения; воспитание у них ответственного и активного отношения к осознанному выбору профессии, выявление и формирование правильной мотивации и профессиональной деятельности; позитивное и равное отношение к разным видам работы; развитие познавательной активности, инициативности и научного мышления.

Замечательным примером применения принципов хозяйственного расчета в организации производственно-трудового воспитания учащихся служит опыт учебно-производственных мастерских средней школы № 56 района Сино города Душанбе. С момента их организации школьные мастерские специализируются на выпуске оборудования для лингафонных кабинетов общеобразовательных учреждений.

Ещё одним примером отличной организации производственно-трудового воспитания в обычной средней школе является опыт школы №89. В 2012 году там были созданы хорошо оснащенные учебно-производственные мастерские. Вскоре в них было организовано производство товарной продукции. Ребята стали выпускать различные швейные изделия, кухонные гарнитуры из шести предметов и некоторые другие изделия.

У этой школы не было, и нет шефствующего предприятия. Поэтому учебно-производственные мастерские годами находятся на полном хозяйственном расчете, и по сути дела, представляют собой небольшое промышленное предприятие, имеющее все важнейшие элементы заводской структуры: производство, сбыт, снабжение и другие службы. Все это позволяет учащимся близко знакомиться с основными принципами организации современного производства.

Как уже отмечалось, одна из основных задач, стоящих перед учителем и перед школой, является формирование у школьников положительного отношения к труду. Эффективность трудового обучения связана с развитием мотивационной сферы ученика.

Существуют всевозможные связи между требованиями родителей и особенностями отношений родителей и ребенка. Преподаватели, например, высоко ценят образование родителей и особенности отношений родителей и детей. Педагогически целостное требование содействует созданию такого типа взаимоотношения, при котором воспитываются активность и умение. Нарушение единой формы требования ведет к неустойчивому типу отношений. Жестокому педантичному приказанию (требованиям-запретам) часто соответствует «авторитарное отношение», нацеленное на полное подчинение детей без учета их интересов, возрастных и индивидуальных особенностей. Любой из названных видов зависимости характеризует соотношение двух диалектически взаимосвязанных сторон: уважение к личности воспитанника и требовательности к нему.

Суметь построить отношения в любви и взаимопонимания – один из вызовов, который бросает человеку жизнь, так как каждый человек – это человек сердца. Благодаря тому, что у человека есть сердце, жизнь требует от человека, чтобы он испытывал любовь. Человек – это разумное и любящее существо. Именно сердце подталкивает человека искать радость в отношениях. У человека есть глубоко укоренявшееся желание жить ради других людей, и независимо от того, может ли человек осуществить это желание или нет, оно остается.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИДЕОГРАФИЧЕСКИХ СИНОНИМОВ

Имомова М.Н. – старший преподаватель
общегоуниверситетской кафедры английского языка ТНУ

С помощью идеографических синонимов носители таджикского языка могут передать тончайшие оттенки в значениях слов. Подбирая при этом все новые и новые лексические единицы, позволяющие с предельной точностью детализировать представления о наблюдаемых фактах и предметах. Сравним еще: угрюмый, мрачный, хмурый, сумрачный пасмурныйна таджикском языке ғамгин, маъюс, хафа, андуҳгин, маҳзун, пажмурда. Все перечисленные слова характеризуют человека, его характер, вид, настроение и передают общее значение «отличающийся суровостью, необщительностью». При этом «угрюмый значит «отличающийся суровостью, замкнутостью, необщительностью»; «мрачный» – «погруженный в тяжелые, безрадостные мысли и потому замкнувшийся в себе, не склонный к общению», «хмурый» указывает на несколько меньшую суровость, угрюмость. подавленность, «сумрачный» и 'пасмурный» означают «охваченный тягостными мыслями, находящийся в подавленном состоянии»: оба последние обозначают обычно временный, а не постоянный признак, свойство.

Сравним текстовые их реализации: Это был угрюмый человек, не любивший даром терять слова. Ideographic synonyms denote different shades of meaning or different degrees of a giving quality. They are nearly identical in one or more denotational meanings and interchangeable at least in some contexts, e.g. beautiful - зебо, fine - нозанин, handsome - хушсимо, pretty - моҳрӯ. Beautiful conveys, for instance, the strongest meaning; it marks the possession of that quality in its fullest extent, while the other terms denote the possession of it in part only. Fineness, handsomeness and prettiness are to beauty as parts to a whole. ideographic synonyms - differ in shades of meaning, between which a semantic different is statable.

Noun synonyms sometimes mean exactly the same thing. A Dalmatian is a coach dog - same dog. A bureau is a chest of drawers. And if you ask for a soda on the east coast of the city you'll get the same drink that asking for a pop will get you farther west. The object referred to remains constant. But forest and wood, though often interchangeable, have different shades of meaning: a forest tends to be larger and denser than a wood. And when we move from nouns to other parts of speech, we almost always find subtle but important differences among synonyms: although the meanings overlap, they differ in emphasis and connotation. A sunset might be described equally well as beautiful or resplendent, but a beautiful baby would not usually be described as resplendent, which implies an especially dazzling appearance.

Древнего периода в английском языке существовало много синонимов. Говорящие часто не довольствовались выразить свою мысль как можно точней употреблением одного слова, а прибавляли к нему синоним, который с их точки зрения должен был уточнять первое слово. Такое употребление двух синонимов и привело к образованию устойчивых синонимических сочетаний, носящих название парных синонимов.

В среднеанглийский период можно существовало некоторые новые черты в употреблении парных синонимов: вследствие широкого проникновения в английский язык скандинавских и французских заимствований. В состав парных синонимов начинают включаться слова французского или скандинавского происхождения. Такие парные синонимы складываются уже в XII веке, но распространяется в XIУ-XV веках. В некоторых из них одна из составных частей парного синонима французского происхождения, другая составная часть английского происхождения, а бывало еще парного синонима французского происхождения.

НИШОНАҲОИ МУҲИМТАРИНИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Гадоев Б. – муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТ

Феълҳои сохтаи забони англисӣ ба воситаи пасванду пешванд сохта мешаванд, ки ин пасванду пешванд ба баъзе исмҳо, сифатҳо, зарфҳо ҳамроҳ шуда, феъл месозанд, ё бо худи феъл ҳамроҳ шуда, феъли нав месозанд. Мисол: special (махсус)-specialize (махсус гардонидан), fright (тарс)-frighten (тарсонидан). Феълҳои сохтаи забони тоҷикӣ, калимаҳое мебошанд, ки онҳо аз феълҳои содда бо илова намудани пешванд (префикс) ва пасванд (суфикс) сохта шудаанд: бар+омад, дар+омад ва ғ.

Дар забони тоҷикӣ феълҳои мураккаб вуҷуд надоранд, аммо дар забони англисӣ мушоҳида карда мешаванд. Мисол: «outbid», «outdo», «outnumber», «outsmart» ва ғ.

Феълҳое, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва феълҳои ёридиҳанда таркиб ёфта, ҳамчун воҳидҳои ҷудогонаи лексикаи феълӣ маъниҳои алоҳида ва баъзе тобишҳои грамматикию услубиро ифода мекунанд, феълҳои таркибӣ номида мешаванд. Масалан: “кор кардан”, “тайёр шудан”, “ба ҳисоб гирифтан” ва амсоли инҳо.

Назаре ба феълҳои мураккаби забони англисӣ намуда мушоҳида намудем, ки феълҳои мураккаби забони англисӣ иборат аз ду калима мебошанд: “Sit down» - (шинед), «go away» - (равед), «give up» - (монед) ва монанди инҳо.

МАВҚЕИ КАТЕГОРИЯИ ШАХС ВА ШУМОРА ДАР НИЗОМИ КАТЕГОРИЯҲОИ ГРАММАТИКИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳусайнова Ф. – ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Айни ҳол мо дар хусуси мавқеи категорияи шахс ва шумора дар системаи категорияҳои грамматикии феъл сухан меронем. Бояд қайд намуд, ки дар ин мавзӯъ на дар забоншиносии тоҷикӣ ва на хориҷӣ, аз ҷумла дар забони англисӣ, тадқиқоти густурдае анҷом наёфтааст. Яке аз паҳлӯҳои норавшани ин категория ҳамин мебошад, ки ҳадафи мо равшанӣ андохтан ба ин мавзӯъ аст. Воқеан, категорияи шахсу шумора нақши басо муҳимро дар системаи грамматикии феъл ишғол менамояд. Дар забони англисӣ феъл ду шумора ва се шахс дорад: 1-st person– шахси якум ё гӯянда. Нафаре, ки худаш бевосита амалро иҷро мекунад. Мисол: «I felt that I knew him. Where ever I turned my face in the universe, I saw that man». ~ «Эҳсос мекардам, ки ӯро медонам. Ба куҷое рӯямро дар ин олами вуҷуд наметофтам, рӯи ҳамин шахсро медидам».

2-nd person – шахси дуюм ё ҳамсуҳбати шахси якум аст: 3-rd person- шахси сеюм онест, ки дар суҳбат ҳамроҳ нест.

Ҳамин тариқ, байни шахсони якум ва дуюм ҳамчун иҷрокунандаи амал ва шахси сеюм ҳамчун шахси ғоиб фарқият аён аст. Ҳар як забон шаклу системаи худро дошта, аз дигар забонҳо фарқияти гуногун дорад. Бар замми ин баъзе паҳлӯҳои норавшани ин категорияро мо дарҷ менамоем, ки он аҳамияти амалӣ ва назариявиро дорост. Дар забони тоҷикӣ шахсу шумораҳои феъл бо роҳи флективӣ, (яъне бо воситаи бандакҳои хоси феълӣ), ифода карда мешаванд. Ин бандакҳо дар айни замон шахс ва шумораро далолат мекунанд. Дар забони англисӣ бошад, дар феъли «to be» дар шумораи танҳо метавонем ин бандакҳоро вохӯрем. Дар дигар ҳолатҳо ҷонишинҳои шахсӣ нақши бандакҳоро иҷро мекунанд. Бандакҳои феълӣ дар феъл ду шумора (танҳо ва ҷамъ) ва се шахс (шахси якум, дуюм ва сеюм)-ро далолат мекунанд.

Категорияи шахс дар системаи феъл на танҳо дар «объекти» муқоисаи шахс ва мубтадо, ҳамчун дар доираи исм, бозгӯии тафовути субъектии шахси гӯянда, ҳамсуҳбат ва иҳотакунандаи дунёи шахси сеюм ва ашё алоқамандӣ дорад, балки бо ин усул категорияи шахс бо шумораи «объектӣ-субъектӣ»-и категорияи феъл алоқаманд аст, ба таври дигар баъзан онро «шакли хабарӣ» низ меномем. Дар ин мақсад категорияи феълии шахс ба таври воқеӣ ба категорияҳои замону сиға ва бо нуқтаи назари гӯянда ҷуфт алоқаманд мешаванд.

Аммо он ва дигар категорияҳои [замон ва сиға] дар системаи феълҳои тоҷикӣ бениҳоят наздиканд ва органикӣ бо категорияи намуд, дар бисёр замонҳо ва маънои модалӣ берун аз намуд фарқ кардан дуруст нест. Бинобар ин категорияи намуд пештар шурӯъ намудани таҳлили шакли замон ва сиға баррасӣ карда шавад, дар ҳоле, ки худи категорияи намуд бевосита на ба шакли шахс ва шумора, на бо ҷинс алоқаманд шуда метавонад.

Категорияи морфологии шахси феъл ба таври анъанавӣ ба шумораи категорияи синтаксисии муайян ва аллакай нишондодашуда мансуб мебошад, ки дар ҳамҷоягӣ бо сиға ва замон хабарияти ҷумларо ташкил менамоянд. Маънои луғавӣ-грамматикии феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ, ифодакунандаи амал ё ин ки ҳолат ва вазъи ҷараён ба таври пурра маҳз дар шакли миноӣ [финитӣ] истифода карда мешавад, ки ба сифати хабарият номбар мегардад ва ҳамчун амал шарҳ меёбад. Шакли миноӣ [финитии] аз ҷониби тадқиқотчиёни забони тоҷикӣ ба таври анъанавӣ дар як маҷмӯи ягона муттаҳид мегардад. Категорияи хабари феълӣ алоқаманд бо мафҳумҳои «сиға», «замон», «шахс» ва «шумора» мебошад. Ин чор категорияи иштироккунанда дар тасрифи феъл вобаста ба мазмуну мундарича, шаклҳои ифодакунандаи дар пайвастагӣ бо ҳамдигар алоқаманданд, ҳамдигарро пурра менамоянд ва хабарияти ҷумларо ташкил медиҳанд.

КАФЕДРАИ УМУМИДОНИШГОҲИИ ЗАБОНҲОИ ОЛМОНӢ ВА ФАРОНСАВӢ

МЕТОДҲОИ МУОСИРИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Қарахонов М. С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавии ДМТ

Солҳои зиёд мақсади анъанавии таҳсилоти мактабӣ иборат аз азхуд намудани кулли донишҳое буд, ки асоси илмро ташкил мекарданд. Хотираи хонандагон бо далелҳо, номҳо ва мафҳумҳои зиёд пур мегардид. Маҳз аз ҳамин сабаб хатмкунандагони мактабҳои Тоҷикистон аз рӯи сатҳи дониши воқеъиашон аз ҳамсолони бисёр мамлакатҳои дигар болотар меистанд. Аммо натиҷаи тадқиқотҳои муқоисавии байналмилалӣ, ки дар даҳ соли охир гузаронида шудаанд, моро ба мулоҳизакорӣ водор месозанд. Мактаббачагони Тоҷикистон аз мактаббачагони бисёр дигар мамлакатҳо дида, вазифаҳои характери репродуктивӣ (тазаккурӣ) доштаро, ки инъикоскунандаи азхуд намудани донишҳои фаннӣ ва маҳорат мебошанд, беҳтар иҷро менамоянд.

Аммо натиҷаи онҳо ҳангоми иҷрои супориш оиди истифодабарии донишҳои андӯхта дар ҳолатҳои амалӣ ва ҳаётӣ, ки мазмунашон дар намуди ғайриоддӣ ва ғайристандартӣ дарҷ гардидаанд, хеле паст буд. Оиди ин натиҷаҳо бояд, ки маълумотҳо таҳлил ё шарҳ дода шаванд, хулосаро кутоҳ ифода намудан ва ё оқибатҳои ин ё он дигаргунӣ номбар карда шаванд. “Мактаббачагони тоҷик дар вақти иҷрои машқҳои иртибот бо фаҳмиши методологии ҷанбаҳои дониши илмидошта, истифодабарии методҳои илмии назоратӣ, тасниф (классификатсия), муқоиса, ифода намудани фарзияҳо ва хулосабарорӣ, банақшагирии озмоиши (санҷиши) шарҳи маълумотҳо ва гузаронидани тадқиқотҳо, натиҷаҳои хеле пастро сазовор гаштанд”. Аз ҳамин сабаб масъалаи сифати таҳсилот мубрам (актуалӣ) аст ва хоҳад монд. Сифати таҳсилот айни замон ҳамчун сатҳи маҳорати махсуси фанҳои иловагӣ, ки иртибот ба худмуаянкунӣ ва худамалисозии шахсӣ дорад, фаҳмида мешавад.

Донишҳои андухташуда бояд на барои “захира”, балки дар контексти модели фаъолияти оянда, вазъиятҳои ҳаётӣ ҳамчун “барои омӯзиши дар инҷо ва ҳозир зиндагӣ кардан” мебошад. Предмети ифтихори мо дар гузашта – ҳаҷми зиёди донишҳои мубрам – дар ҷаҳони ивазшаванда арзиши худро гум кард, аз он сабаб, ки дилхоҳ ахборот тез куҳна мешавад. На худи дониш, балки дониш дар бораи он, ки чи гуна ва дар куҷо онро истифода бояд бурд.

Аз ин ҳам заруртар ин чӣ гуна маълумотро дастрас, шарҳу тафсил ва ё маълумоти навро бояд сохт, мебошад. Чӣ ин, дигарӣ ва сеюминаш ҳам – натиҷаи фаъолият мебошад, ва фаъолият ин ҳалли масъала мебошад. Ҳамин тариқ, дар соҳаи маориф асосан такя ба азхудкунии дониши воқеӣ (натиҷа – дониш), азхудкунии усули мутақобила бо ҷаҳон (натиҷа – маҳорат) намуда мо ба дарки зарурати иваз намудани характери раванди таълим ва усулҳои фаъолияти хонандагонро дарк месозем.

Бо чунин тарзи муносибат ба омӯзиш элементи асосии кори хонандагон ин ҳалли масъала мебошад. Яъне, азхудкунии фаъолият, маҳз намудҳои нави фаъолият: таълимӣ–тадқиқотӣ, кофтуковӣ–конструкторӣ, эҷодӣ ва ғайраҳо. Дар ин сурат донишҳои андӯхтаи воқеӣ натиҷаи кор бо масъалаҳое, ки дар системаи ба мақсад мувофиқ ва таъсирбахш ташкил кардашуда, мегардад.

Параллелӣ бо аз худ намудани фаъолият хонанда метавонад системаи арзишҳои худро созад, ки аз тарафи сотсиум дастгирӣ меёбад. Аз истеъмолкунандаи ғайри фаъоли дониш, хонанда субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ мегардад. Ҳамин тариқ, бо азхуд намудани хонандагон намудҳои муайяни фаъолияти инсониро тариқи азхудкунии фаъолияти таълимӣ ва ташкили муносиби интихоби мазмун – фазои таълимӣ худмуаянкунии аввалини хонандагон ба вуҷуд меояд, ки дар оянда метавонад самти муаяйни ҳаётро пешкаш менамояд. Категорияи фаъолият бо чунин муносибат ба таҳсил қисми фундаменталӣ ва маънодори тамоми раванди омӯзиш мебошад.

ТЕХНОЛОГИЯ ФОРМИРОВАНИЯ СОЦИОКУЛЬТУРНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ ЧЕРЕЗ ПРИМЕНЕНИЕ УЧЕБНЫХ ИНТЕРНЕТ-РЕСУРСОВ ПРИ ОБУЧЕНИИ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ В ВУЗЕ

Гараева А. К. – к.пед.н., доцент общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков ТНУ

Изменения, произошедшие в последние годы в экономической, политической и культурной жизни как внутри республики, так и в области международных отношений, существенно расширили функции иностранного языка. Интеграция в процессе обучения иностранного языка различных образовательных услуг в сети Интернет значительно увеличило возможность использования современных методов преподавания. Это в свою очередь, предполагает поиск наиболее эффективных учебных Интернет-ресурсов для обучения иностранному языку, способствующих формированию у студентов социально - культурной компетенции.

Говоря о социокультурной компетенции, необходимо отметить, что это тот фактор, который во многом определяет и обусловливает использование языка в конкретных ситуациях и, таким образом, влияет на иноязычную коммуникативную компетенцию. Социокультурная компетенция является комплексным понятием и включает в себя набор компонентов, относящихся к различным категориям.

Обучение межкультурному общению на иностранном языке, включающее в себя изучение культуры конкретного социума, предусматривает работу обучаемых над собой в качестве участников такого общения и приобретение с этой целью соответствующих умений автономной деятельности. При этом непременным условием является обеспечение взаимопонимания коммуникантов, базирующиеся на осознании специфики изучаемых культур, функционирующих в определенных ситуациях общения, черт сходства и различия этих культур. Решение этой задачи - ознакомление с иноязычной культурой - осуществляется в соотнесении с конкретными ситуациями коммуникации.

Важным фактором формирования социокультурной компетенции является применение учебных Интернет-ресурсов. Как показывают исследования ученых, технология критического мышления, проектная деятельность, обучение в сотрудничестве с игровыми технологиями, технология развивающего обучения развивают интерес к иноязычному общению, расширяют его предметное содержание.

Наиболее продуктивной считаю современную методику преподавания -аудирование с применение учебных Интернет-ресурсов, так как она создает уникальную возможность слушать тематические тексты на иностранном языке самими носителями языка, изучать фонетику и культуру общения.

Материалом для обучения аудированию служат аутентичные тексты информационно-справочного характера: аудиоинформация в галереях и музеях, путеводители для туристов, объявления в аэропорту, вокзале, в транспорте. Кроме этого студентам предлагаются тексты, которые могут встретиться в реальной жизни при обучении или при посещении страны изучаемого языка: прогноз погоды, новости, спортивные репортажи, инструкции, интервью и т.д..

Овладевая при помощи учебных Интернет-ресурсов социокультурными знаниями и умениями, студенты расширяют свои лингвострановедческие и страноведческие за счет новой тематики о стране изучаемого языка, ее науке, культуре, реалиях, известных людях в различных видах речевой деятельности: аудировании, говорении, чтении и письме.

Кроме того, усвоение иностранного языка и культуры должно происходить через сопоставление культур и выделение как общего, на которое можно опираться в процессе приобретения новых знаний, так и различного. Подобный подход позволяет расширить кругозор, совершенствовать языковые и страноведческие знания в родном и изучаемом языках, лучше понимать среду и атмосферу, в которой живут представители данных культур.

ИЗУЧЕНИЕ МНОГОЗНАЧНОСТИ ТЕМЫ В ТАДЖИКСКОЙ И ФРАНЦУЗСКОЙ ЛИНГВИСТИКИ

Абдуллоев Т .З. – старший преподаватель общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков ТНУ

В оттечественных и зарубежных исследованиях посвященных теме многозначности, таких как Муъминов А, Маджидов, Бободжонова, В.Г. Гак, П.Н. Денисов, А.П. Чудинов и других рассматривались разные проблемы данной темы в разных языках (таджикском, английском, русском, французском) удостоившие нас необходимым материалом и благоприятной обстановкой. Особенно, причины появления дополнительных значений в словах, соотношение многозначности с синонимами, омонимами и особенностями полисемии в зависимости от группы исследуемого языка и др. с этой точки зрения стали достойной опорой.

По мнению языковеда Д.Н. Шмелева, многозначность лексических едениц (полисемия) охватывая два или более значений «среди значений лексических многозначных едениц, - пишет он,- установлена смысловая (семантическая) связь, которая выражается посредством частей имеющих сем смысловую общность».

Тема полисемии лексических едениц таджикского литературного языка (как с точки зрения диахроническо, так и с синхронического) в таджикской лингвистике несколько повергнута дискуссии и рассмотрению. Таджикские ученые-лингвисты на данный момент выбрали темой своей дискуссии и целью анализа и рассмотрения некоторые стороны и особенности многозначных лексических едениц, и в этом русле завершили ряд исследований, определение и оценка которых имеют своевременное научное значение.

Таким образом, под термином фонетики мы понимаем слово или словосочетание, манифестирующее основное понятие фонетики звука речи (son de la parole). В фонетической терминологии французского и русского языков многозначность репрезентирована несколькими типами. Первый тип: процесс – результат процесса. Данный тип многозначности развивается преимущественно у однословных фонетических терминов в сопоставляемых языках. Они представлены отвлечѐнными существительными, имеющими основное значение действия или процесса, сочетаемого со значением абстрактной предметности.

Во французском языке, как правило, это отглагольные существительные с суффиксами – -tion, -ment, -aison, -ure. Например: accomodation (аккомодация), arrondissement (округление), assimilation (ассимиляция), assourdissement (оглушение), délabialisation (делабиализация), dénasalisation (деназализация), désaspiration (деаспирация), détente (рекурсия), dévocalisation (девокализация), diphtongaison (дифтонгизация), dissimilation (диссимиляция), durcissement (отвердение), éjection (толчок), gémination (геминация), grasseyement (грассирование), labialisation (огубление), liaison (явление), mouillement (смягчение), nasalisation (назализация), palatalisation (палатализация), sonorisation (озвончение), vélarisation (веляризация), vocalisation (вокализация), inspiration (вдох), expiration (выдох), aperture (раствор), ouverture (открытость), degré d"aperture (степень раствора), aperture minimale (минимальный раствор), aperture maximale (максимальный раствор) и некоторые другие.

Как видно, группа терминов, характеризующая данным типом многозначности, представляется довольно обширной. Приведѐм некоторые иллюстративные примеры из русского языка: аккомодация, приспособление, огубление, округление, ассимиляция, оглушение, делабиализация, деназализация, дезаспирация, отступ, девокализация, расподобление, дифтонгизация, диссимиляция, расподобление, отвердение, эйекция, толчок, геминация, удвоение, преломление, грассирование, лабиализация, огубление, льезон, соединение звуков,

ТЕХНОЛОГИЯИ ЛОИҲАВӢ

Раҳимов Н. Ё. – муаллими калони кафедраи
умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавии ДМТ

Технологияи лоиҳавӣ «қариб ба ҳамаи комплексҳои таълимӣ-методии муосирро дар марҳилаи ниҳоии кор оид ба мавзӯъ ё масъала дохил карда шудааст». С. С. Куклина инро чунин шарҳ медиҳад: ин технология шароити муносиб барои фаъолияти муоширатӣ бо забони хориҷиро дар муҳити мактаб ба миён меорад. Зеро бе муошират фаъолияти муштараки хонандагон барои амалӣ гардонидани лоиҳа имконнопазир аст. Илова бар ин, натиҷаҳои фаъолияти лоиҳа дар рафти баррасии фаъоли тарафҳои мусбату манфии он аз рӯи маводи ҷамъоварда анҷом дода мешавад. Барои муайян намудани технологияи лоиҳавӣ таърифи додаи И. И. Петричукро мисол меоварем: «лоиҳа - ин ҳама шакли фаъолияти хонанда (инфиродӣ ё гурӯҳӣ), ҳам синфӣ ва беруназсинфӣ мебошад, ки унсурҳои худидоракунӣ (ҷамъоварӣ, таҳлил ва синтези маълумот оид ба мавзӯъ), шаклбандии маводи ҷамъоварда ва дар ниҳоят тарҳрезии он ба «маҳсулот», ки, чун қоида, дар шакли презентатсияҳо, лексияҳо, муҳокимаҳо, намоишҳои театрӣ, пахши барномаҳои радио ва ғайраҳо ҳифз мешаванд, дар бар мегирад» .

Инро М. П. Клименко дастгирӣ намуда, қайд мекунад, ки яке аз муҳимтарин лаҳзаҳои ин лоиҳа «муаррифии натиҷаҳои фаъолияти лоиҳаи хонандагон» аст. Вай менависад, ки дар анҷоми лоиҳа хонандагон бояд ба даст «маҳсулоти моддӣ» ованд, барои мисол, рӯзномаи деворӣ, коллажхо, клипи видеоӣ ва ғ. Бо дарназардошти таҷрибаи тӯлонии муаллимони гуногун, мо ба хулоса омада метавонем, ки ҳам мавзӯи лоиҳа ва ҳам «маҳсулоти ниҳоӣ»-и он метавонад ғайричашмдошт бошад. Масалан, муаллимон оид ба маҳсулоти ба монанди видео, бозии рӯимизӣ, сомона иттилоотӣ, мултфилм, ва ҳатто экскурсияи аз тарафи хонандагон ташкилшуда навиштаанд. Мавзӯъҳои бештар маъмули лоиҳаҳоро метавон номбар кард: ҳайвоноти хонагӣ, ҷойҳои тамошобоби шаҳр ё кишвари муайян, тарҷимаи ҳоли шахсиятҳои барҷаста, воқеияти фарҳангии кишварҳои гуногун.

Муаллим бояд дар бораи зинаҳои асосии лоиҳа тасаввурот дошта бошад, ки аслан фаъолияти лоиҳа аз инҳо иборат аст. И. И. Петричук се зинаи асосии кор бо лоиҳаро ҷудо мекунад:

1) Зинаи аввал аз ду зерзина иборат аст:

а) муайян намудани намуди лоиҳа, «ҳуҷуми фикрӣ». Ин пешниҳоди идеяҳо, тақсимоти ӯҳдадориҳо байни хонандагон аст.

б) кори фардӣ доир ба ҷамъ, интихоб ва қолаббандии маълумот. Инҷо хонандагон он чизе, ки ба лоиҳаи умумӣ дохил кардан мехоҳанд, интихоб менамоянд, ҳамчунин маводи расмдор.

2) Зинаи дуввум — ин қолаббандии ҳамаи маводи ҷамъомада аз тарафи хонандагон ва натиҷабарори ба «маҳсули» умумӣ.

3) Зинаи саввум — намоиши шифоҳии лоиҳа.

Дар бораи арзиши технологияи лоиҳавӣ ҳамчун методи фаъоли таълим сухан ронда, метавон қайд кард, ки ин на танҳо яке аз методи бештар маъмул аст, балки чи тавре пештар қайд намуда будем, ба хонандагон имкони дар амал нишон додани хусусиятҳои шахсиятиашон, нуктаи назар ва ақидаро медиҳад. Махсусан ин барои хонандагони синфҳои болоӣ зарур аст, аммо барои хонандагони синфҳои миёна низ лоиҳа омилест, ки онҳоро водор мекунад то ақидаи шахсии худро пайдо ва асоснок карда тавонанд. Чи тавре ки И. И. Петричук менависад, «мақсади асосии таълими забони хориҷӣ дар мактаби миёна ин ташакккул дар хонандагон муоширати байнифарҳангӣ аст». Аз ин рӯ, лоиҳа яке аз методҳои беҳтарин аст, ки ба ташаккули гуногунҷанба, озод ва эҷодии хонандагон кӯмак мекунад.

УСУЛҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ДИКТАНТ ВА НАМУДҲОИ ОН

Сафаров О. И. – муаллими калони кафедраи
умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавии ДМТ

Дар дарсҳои забонҳои хориҷӣ ҳар чи бештар истифода кардани воситаҳои аёнӣ яке аз усулҳои самарабахши таълими грамматика, луғат, фонетика, имло ва аломатҳои китобатӣ дониста шудааст, ки принсипи умумидидактикии аёнят низ маҳз ҳамин нуқтаро таҳлил мекунад. Аз воситаҳои айёнӣ пеш аз ҳама дарс додани дониши нав ҳангоми баёни мавзӯи нав ва баъдан дар дарсҳои такрору мустаҳкам намудани дониши хонандагон (дарсҳои такрори боб, авали сол ва такрори солона) истифода бурда мешавад. Хусусан хангоми баёни мавзӯъ бо ҳам пайвастани нақли муаллим ва ё сӯҳбат бо воситаҳои аёнӣ яке аз роҳҳои эътироф шудаву бошуурона аз худ кардани маводи назариявӣ - таърифу қоидаи он дар китоби дарсӣ додашуда маҳсуб меёбад.

Мавқеи диктант ва корҳои хаттӣ дар таъкиду бартараф намудани хатоҳои имлоӣ хеле калон аст. Диктант ва корҳои хаттӣ пас аз гузоштани ҳар як боб ва мавзӯи алоҳида, инчунин баъди ҳар як чоряк гузаронида мешавад. Усулҳои ҳамфаъоли омӯзиш бошад, дар алоқаи бевоситаи хонандагон бо мавзӯю мазмуни маводи омӯхташаванда мегузарад ва дар ин ҳолат омӯзгор дониши тайёрро пешниҳод накарда хонандагонро барои мустақилона аз худ кардани он водор месозад. Муаллим баъди гузаштани мавзӯи калон ё бобби алоҳида диктанти биноӣ мегузаронад. Мақсади гузаронидани ин намуди диктант ба воситаи узви босира, яъне чашм дар хотири бачагон нақш бастани тарзи навишти калимаҳо мебошад.

Ҳангоми гузаронидани диктанти биноӣ навишти калимаҳо бо 2 роҳ таъкид карда мешавад. Аввал калимаҳои душвор ба тахтаи синф навишта мешавад ва баъдан он калимаҳо аз ҷиҳати ҳиҷо таҳлил мегарданд. Гоҳо ҷумлаҳои алоҳида низ ба тахтаи синф навишта, таҳлил карда мешавад. Баъди навишта шудани калимаҳои душворталаффуз муаллим тахтаи синфро бо латаи сафед ё қоғази сафед мепушонад. Сипас ӯ матнро бозгӯ мекунад. Талабагон низ он матнро ба дафтарашон менависанд. Баъди навишта шудани диктанд, муаллим болои калимаву ҷумлаҳои дар тахтаи синф бударо мекушояд ва талабагон матни навиштаашонро ба навишти тахтаи синф муқоиса карда хатоҳои содир кардаашонро ислоҳ менамоянд. Боз як бори дигар он калимаҳои душворталаффуз таҳлил ёфта, сабабҳои содир гардидани хатоҳо фаҳмонида мешавад.

Диктанти шунавоӣ. Ин диктант бо усулҳои гуногун гузаронида мешавад. 1) муаллим мехонад ва талабагон онро ба дафтарашон менависанд. 2) муаллим як ҷумларо аз матн мехонад, талабагон онро якҷоя такрор мекунанд ва баъд ба дафтарашон менависанд. Аҳмияти диктанти шунавоӣ дар он аст, ки талабагон дар навиштани калимаҳо мустақил мебошанд. Баъд аз навиштани ҳар як ҷумла муаллим онро такрор мекунад, то ки талабагон хатогиашонро ёфта, ислоҳ кунанд.

Диктанти биноиву шунавоӣ. Ин намуди диктант ҳамон вақт гузаронида мешавад, ки агар ҷумлаҳои истифодашуда навишта, бисёр калимаҳо мувофиқи талаффузашон мебошанд. Дар ин маврид муаллим чунин калимаҳои душворталаффузро ё пешакӣ ба тахтаи синф навишта мемонад ва ҳангоми хондани матн ба зери он калимаҳо хат мекашад, то ки хонандагон шакли дурусти онро нависанд. Ё ин ки муаллим вақти хондани диктант калимаҳои душвор навиштро ба тахтаи синф менависад ва хонандагон онро навишта мегиранд.

ҶОНИШИНҲОИ САВОЛӢ

Мискинова Т. Х. – ассистенти кафедраи
умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавии ДМТ

Ҷонишинҳои саволӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ категорияи алоҳидаю фаъоли калимаҳо буда, миқдоран кам бошанд ҳам, мақоми муҳим доранд. Онҳо махсусан дар муколамаю баҳсҳо ва сӯҳбатҳои мухталифи одамони зиёд истеъмол шуда, дар кашфу дарк

кардани олами моддӣ ёрии калон мерасонанд. Ҷонишинҳои саволӣ аз нигоҳи пайдоиш, маъно ва вазифа калимаҳои ҳамгурӯҳ бошанд ҳам, хусусиятҳои хос дошта, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Воҳидҳои мазкурро аз нигоҳи пайдоишашон ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Ҷонишинҳое, ки дар давраи кӯҳантарин аз ҳиссачаҳои ишоратӣ ҷудо шуда, дар марҳалаҳои инкишофи забони тоҷикӣ-форсӣ аз бостон то кунун ҳамчун ҷонишини саволӣ истеъмол шуда истодаанд. Ҷонишинҳои саволии кӣ?, чӣ? ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.

2. Ҷонишинҳои саволие, ки тақрибан баъдтар ташаккул ёфтаанд. Ба ин гурӯҳ ҷонишинҳои саволии кадом? чанд? дохил мешаванд.

3. Ҷонишинҳои саволие, ки дар давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ-форсӣ сохта шудаанд. Ҷонишинҳои киҳо?, чиҳо? кадом?, чандин? чандон? чи гуна? чи хел? чи нав? чи қадар? ва амсоли инҳо ин гурӯҳро ташкил медиҳанд.

Ҷонишинҳои саволӣ аз нигоҳи маъно ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Ҷонишинҳои саволии исмӣ. Воҳидҳои кӣ? чӣ? Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.

2. Ҷонишинҳои саволии сифатӣ. Воҳидҳои кадом?, кадомин?, чи гуна?, чи тавр?, чи хел? чи нав? ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.

3. Ҷонишинҳои саволии миқдорӣ. Калимаҳои чанд? чандин? чандон? чи қадар? Ин гурӯҳро ташкил медиҳанд.

4. Зарфҳои ҷонишинӣ ё ҷонишин - зарфҳо. Ба ин гурӯҳ, воҳидҳои кӣ? чаро? кай? куҷо? дохил мешаванд. Дар забони тоҷикӣ ба воситаи ҷонишинҳои саволи категорияи шахс, ғайри шахс ва муштараки калимаҳо ифода шудааст;

а) ҷонишини кӣ? фақат нисбат ба одамон истеъмол мешавад;

б) ҷонишини чӣ? ба исмҳои ҷондори ғайри шахс ва беҷон оид аст,

в) ҷонишинҳои кадом?, чанд? нисбат ба ҳамаи предметҳо бетафовут истеъмол мешаванд.

Ҷонишинҳои саволӣ аз хусуси категорияи шумора низ гурӯҳи муқобилро ташкил мекунанд. Дар ин ҷо се масъалаи муҳим аст:

1) Системаи категорияи шумораи ҷонишинҳои саволӣ

2) Роҳу усули ҷамъбандии ҷонишинҳои саволӣ

3) Фарқи категорияи шумораи ҷонишинҳои саволӣ аз ҷонишинҳои шахсӣ ва исмҳо.

Дар забони тоҷикӣ категорияи шумора дар доираи ҳиссаҳои нутқ аз ҷумла дар ҷонишинҳои саволи системаи ягона дорад. Вай дуаъзогӣ мебошад: шакли танҳо ба шакли ҷамъ муқобил гузошта мешавад: кӣ- киҳо, чӣ- чиҳо, кадом- кадомҳо.

Шакли ҷамъи ҷонишинҳои саволӣ ҳамчун исмҳо ва шакли ҷамъи бавоситаи ҷонишинҳои шахсӣ ба воситаи суффиксҳои - an ва - ha сохта шудааст. Категорияи шумораи ҷонишинҳои саволӣ аз категорияи шумораи ҷонишинҳои шахсӣ аз баъзе ҷиҳатҳо фарқ дорад. Ин категория дар ҷонишинҳои шахсӣ, агар шакли ҷамъи бавоситаи онҳоро истисно кунем, ба воситаи калимаҳои алоҳида ифода мешавад, вале шакли ҷамъи ҷонишинҳои саволӣ баръакс аз шакли танҳояшон сохта шудааст. Аз ин нигоҳ онҳо ба исмҳо ҳамгун мебошанд. Бо вуҷуди ин, тарзи ифодаи категорияи шумораи ҷонишинҳои саволӣ аз исмҳо низ фарқ мекунад чунки категорияи шумораи исмҳо бевосита ифода мешавад, ки ин ба маънои исмхо вобаста аст.

ШАКЛГИРИИ ЗАМОНҲО БА ВОСИТАИ ФЕЪЛИ «БУДАН» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ФЕЪЛИ «ÊTRE» ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ
(дар мисоли повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ)

Хуҷамқулов С. Х. – ассистенти кафедраи
умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавии ДМТ

Тамоми калимаву вожаҳои дар забон мавҷудбуда, новобаста аз он ки мавриди истеъмол қарор мегиранд ё не фонди луғавии забонро ташкил медиҳанд. Минҷумла феълҳо ҳам дар баробари дигар воҳидҳои луғавии забон гурӯҳи калони фонди забон ба шумор мераванд ва дорои хусусиятҳои гуногуни дастуриву маъноӣ ҳастанд.

Одатан, ҳар як калима ду ҷанбаи омӯзишӣ дорад, яъне аз ду ҷиҳат таҳлил карда мешавад: 1) грамматикӣ (дастурӣ); 2) лексикӣ (луғавӣ). Ба ибораи дигар, вожаҳо ҳам маънои луғавӣ доранд ва ҳам маънои грамматикӣ. Омӯзиши маънои лексикии калима доираи маънооҳарию сохториро нишон медиҳад. Дар зери маънои грамматикии калима бошад ҷойгоҳи он дар шаклгирию бавуҷудоии ин ё он аломати морфологию синтаксисии забон фаҳмида мешавад.

Феъли «будан» дар забони тоҷикӣ ва «être» дар забони фаронсавӣ баробармаъно мебошанд, яъне онҳоро метавонем муродифи ҳамдигар номем. Дар баробари он ки феълҳои мазкур мустақилмаъно ҳастанд ва аз мавҷудияти предмет хабар медиҳанд, ҳамчунин дорои вазифаҳои зиёди грамматикӣ мебошанд. Алалхусус дар сохташавии баъзе аз замонҳои феъл онҳо нақши калидиро мебозанд.

Дар забони тоҷикӣ феъли “будан” ҳамчун феъли ёридиҳанда асосан дар шаклгирии замонҳои гузашта хизмат мерасонад. Аз ҷумла, замонҳои гузаштаи дур, гузаштаи дури нақлӣ, гузаштаи дури давомдор (муайян), гузаштаи дури давомдори нақлӣ аз сиғаи хабарӣ ва замони гузаштаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ бевосита бо феъли мавриди назар сурат мегиранд ва маънои дар гузашта иҷрошавии амал ҳам маҳз дар ҳамон зоҳир мегардад.

Одина ба синни дувоздаҳсолагӣ аз падару модари худ ҷудо шуда, ятиму бекас монда буд (С.Айнӣ, Одина, саҳ. 5).

Ҷумлаи болоӣ дар замони гузаштаи дур ифода шуда, феъли “будан” дар шахси сеюми танҳои асоси замони гузашта (буд) аз лаҳзаи иҷрои амал то ҳангоми нутқ фосилаи зиёд гузаштанро инъикос мекунад. Бояд гуфт, ки дар таркиби замонҳои гузашта маънои луғавии феъл гум мешавад ва танҳо вазифаи ёридиҳандагии он намоён мегардад.

...мавҷҳои сабзагиро танҳо харсангҳое, ки ҷо-ҷо аз камари кӯҳ барҷаста истода буданд... (С.Айнӣ, Одина, саҳ. 7).

Амали ҷумлаи овардашуда дар замони гузаштаи дури давомдор ё муайян зикр гардидааст ва натиҷаи он нотамом ифода шудааст. Тасрифи феъли “будан” дар шахси сеюми ҷамъи замони гузаштаи наздик (буданд) аз фосилаи зиёд гузаштан ва сифати феъли феъли “истодан” (истода) аз давомнокии амал хабар медиҳанд.

“Être” ҳам дар забони фаронсавӣ ба қатори феълҳои ёридиҳанда дохил мешавад. Чун феъли “будан” вай асосан дар сохтани замонҳои гузашта, монанди Passé composé, Plus-que-parfait ва Passé antérieur истифода мегардад. Дар қатори замонҳои гузашта вай дар шаклгирии замони Futur antérieur (замони оянда дар гузашта) истифода мегардад. Ин чунин замонест, ки иҷрошавии амал дар оянда дар назар дошта шудааст, вале фоили он дар гузашта оид ба амалисозиаш сухан рондааст.

Odina crut que le troupeau était attaqué par les loups… (S.Aini, La mort de l’usurieur, 217).

Ҷумлаи навишташуда дар замони Plus-que-parfait (замони гузаштаи дур) омада, фосилаи зиёд гузаштан аз иҷрошавии амалро нишон медиҳад. Шакли тасрифии феъли «être» дар шахси сеюми танҳои замони Imparfait (замони гузаштаи давомдор-était) ва феъли маънодори ҷумла дар шакли сифати феълӣ (attaqué) ифода гардидаанд.

ПЕШОЯДҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Ибрагимов А. Қ. – ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавии ДМТ

Таҳлили муқоисавӣ ё худ тадқиқоти типологӣ шабоҳат ва тафовути хусусиятҳои сохтори забонҳои ба ҳам наздик ё бегонаро дар робитаи дутарафаи онҳо меомӯзад. Худи мукоисаи ду забон, новобаста аз он ки онҳо забонҳои хеш ё бегонаанд, масъалаи мубрами забоншиносӣ аст ва дар атрофи он то ҳол баҳс давом дорад. Чунончӣ маълум аст, ки омӯзиши забони дигар аз донистани грамматикаи забони модарӣ вобастагии зич дорад, зеро грамматика ба забон як зебогӣ ва таровате медиҳад, ки шахсро мебояд то забони дигарро дар муқоиса бо забони худ аз худ кунад. Ҳангоме, ки мо забони модарии худро бо як забони

хоричӣ муқоиса мекунем, забони модарии мо ҳамчун забони ченкунанда мавриди истифода карор мегирад, аммо сохти забони модарӣ ҳаргуна шуданаш мумкин, барои он ки ҳар забон сохти хоси худро доро мебошад.

Маҳз бо ҳамин восита мо метавонем фарқият ва монандии грамматикаи забонҳои дигарро нисбат ба грамматикаи забони модарии худ аз худ намоем. Аз ин ҷо бармеояд, ки муқоиса методи асосии омӯзиши забон ба ҳисоб меравад. Пешояндҳо дар забонҳои муқоисашаванда, яъне дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз маъноҳои лексикӣ тамоман маҳрум нестанд. Лекин маънои луғавӣ дар ҳамаи онҳо як хел зоҳир намешавад: баъзе пешояндҳо мафҳуми мустақили луғавӣ надошта, фақат вазифаҳои ёридиҳандагиро иҷро мекунад, баъзеи дигарашон чун форманти грамматикӣ ба назар мерасанд.

Пешоянд (аз калимаи лотинии praepositio гирифта шуда, маяноаш prae-, пеш ва positus муайян, муқаррар мебошад. Ва ба забони фаронсавӣ preposition) ва ҳамчун калимаи ёридиҳанда хизмат мекунад. Одатан исмҳои пешинаро ё ин ки маънои синтаксисиро ифода намуда ва дар баъзе ҳолат аз паи онҳо зоҳир гардида метавонад бо чаҳор аъзои ҷумла феъл, исм, сифат ё ин ки зарф олоқаи зич барпо намояд. Пешоянд калимаи тағйирнаёбандаи ёрирасон буда, дар ҷумла функсияи пайвасткуниро иҷро мекунад. Пешояндҳо ва пасояндҳо калимаҳои ёридиҳанда мебошанд, ки бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳо ифода менамоянд. Онҳо дар ибора ва ҷумла муносибатҳои масоҳа, замон, сабаб, мақсад, соҳибият, тарз, мукоисаю монандӣ, объект ва ғайраро нишон медиҳанд. Чунонки аз мисолҳо ва тарҷумаи онҳо дида мешавад, пешоянди аз дар забони фаронсавӣ бо пешояндҳои гуногун тарҷума шудааст.

Масалан avant – пеш аз, avec - ҳамроҳи, chez – дар назди, concernant –дар (аз) хусуси, дар (аз)бобати, contre - зидди, dans - дар, de - ба , depuis –дар муддати , дартулӣ, derrière – дар паси, dès - аз, devant –пеш аз , durant – давомноки, en - дар, entre – дар байни, envers – бо муносибати, hormis– ба ғайр аз,hors– берун аз, jusque - то, malgré –нигоҳ накарда, moyennant – бо ёрии, nonobstant – назар ба, outre – аз болои, ғайр аз, par - барои, parmi - байни, pendant - муддати, pour - барои, près - назди, sans - бе, sauf –ба ғайр аз, selon – вобаста ба, мувофиқи, sous – дар зери, suivant - мувофиқ, sur – дар болои , touchant – дар(аз) хусуси, дар (аз) бобати, vers – ягон самт, via – таввасути, à cause de – азбарои, à côté de – дар назди, дар паҳлуи, à défaut de –аз ҳама кам , afin de – барои он ки, бо мақсади, à force de – бо шарофати, à la merci – бо раҳмати, à la faveur de – таҳти назорати, таҳти ҳимояи, à l'égard de – бо (ба)муносибати, à l'encontre de – бар зидди, à l'entour de – дар гирди, à l'exception de – бачуз, ба истиснои, à l'instar de – ба мисоли, ба мисли, à l'insu de – бе шакку шубҳа, à même – дар ҳамон, à moins de – ба шарти, хушку холи, беаҳамият, à partir de – бо гузашти, à raison de – бо сабаби, à seule-танҳо, fin de – охири, дар охир, à travers – бо гузашти, au-dedans de – дар даруни , au défaut de – ҳамроҳи ва амсоли онҳо мебошад.

ИСТИФОДАИ «PRÄTERITUM» (ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ НАҚЛИ ҲИКОЯГӢ) ДАР ЗАБОНИ ОЛМОНӢ ВА ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Саидов Д. С. – ассистенти кафедраи
умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавии ДМТ

Забон бо ҷамъият алоқаи зич дорад, онро бе ҷамъият ва ё ҷамъиятро бе забон тасаввур кардан мумкин нест. Забону ҷамъият ду омили асосие буданд, ки ба туфайли онҳо инсон ба амал омад, яке аз инҳо намебуд, инсон низ ба вуҷуд намеомад. Забон ба аъзоёни ҷамъият чун воситаи муносибат, чун воситаи ба вуҷудоварандаи фикр, чун воситаи ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷон ва идрок хизмат мекунад. Забон баробари ҷамъият инкишоф меёбад, тараққӣ мекунад.

Забони олмонӣ таърихи зиёдеро аз сар гузаронида ҳоло ҳамчун, забони миллии олмониҳо ва инчунин ба як чанд халқияти дигар ҳамчун забони миллӣ хизмат мекунад. Маҳз истифодабарии замони «Präteritum» дар ҳама давраҳои забони олмонӣ якхел мебошад ва ҳар як нависанда ба худ услуби хосаеро доро аст, ки дар офариниши асарҳои хеш ба қонунҳои

забон махсусан ба грамматиакаи он такя намуда, кори худро дар тарзу усулби хосе менависад.

Яъне имеперфект замони гузаштаи нақли ҳикоягӣ бештар ҳангоми навиштани ҳикоя, воқеа ё ягон ҳолат истифода мегардад. Имперфект мефаҳмонад, ки гӯянда воқеъ гардидани амалро аз руӣ шунидаш ё дигар сарчашмаҳо нақл мекунад, инчунин дар ин соҳа бештар услуби бадеи ба кор меравад, ки он ҳам хоси адабиёт аст. Тасвир ва баёни мавзӯъҳои басе гуногун дар адабиёт боиси он мешавад, ки дар ин услуби забон, унсури услубҳои дигар фаровон ба кор раванд.

«Präteritum» дар адабиёти Олмон ба таври васеъ истифода гашта, онро бештар дар услубшиносии адибони муосир низ мушоҳида кардан мумкин аст ва чигунае, ки зикр кардем, ҳар як нависанда бо услуби хоси хеш ин замонро дар кори худ истифода менамояд. Агар мо бигуем, ки замони « Präteritum» дар адабиёти Олмон истифода бурда намешавад, хато мекунем, зеро ғайр аз ин «Präteritum» дар қиссаву достон ҳамчун амали дар гузашта ба амал омадаро нишон медиҳад, ки ба замони ҳозира ҳеч алқомандие надорад. Мисол: Vor zwei Jahren war ich in Deutschland und aß ich dort Italienische Pizza. Ду сол пеш ман дар Олмон будам ва дар он ҷо Пиззаи Итолёвӣ хурдам. [Арсенаев М.Г.;124].

Бояд қайд кард, ки ҳамаи қисматҳои забони олмонӣ ва тоҷикӣ як хел инкишоф намеёбанд. Масалан, қисмати сохти грамматикии забони олмонӣ устувор буда, лекин бо мурури замон ба баъзе тағйирот дучор мешавад. Ин тағийротҳои ҷузъи ба назар мерасанд, лекин он сохти грамматикии забонро пурра дигар намекунанд. Нуқтаи дигаре, ки боиси қайд аст, дар хусуси ба ҳам омехта шудани замонҳои «Präteritum» ва “Perfekt” мебошад. Ба ҳам омехта шудани замонҳои «Präteritum» ва “Perfekt аз назари мутахассисони зиёди забон омӯхта ва таҳлил гардидааст, вале бо вуҷуди ин ҳама кӯшишҳо, масъалаҳое вуҷуд доранд, ки таҳлил ва омӯзишро ба миён меоранд.

Омӯхтани мавзӯъӣ «Präteritum» аҳамияти калони илмиро доро мебошад. Зеро маълум аст, ки ба гуфтугӯ ҳама - ҳам хурду ҷавону пир, ҳам дорою камбағал ва ҳам зану ҳам мард эҳтиёҷ доранд. Аз ин ҷониб одамон дар вақти (раванди) меҳнат ва маишат асосан ба воситаи забон фикри худ, ҳиссиёту ҳаяҷон ва хоҳиши худро ба дигарон баён мекунанд.

Бояд қайд кард, ки одамон бо ёрии воситаҳои дигар, аз қабили имову ишора, сигналҳо ва аломатҳои гуногун бо ёрии мусиқӣ, нақшӣ низ фикри худро баён мекунанд, вале ҳамаи инҳо дар назди забон ёрирасон ва маҳсули забон аст. Нуқтаи дигареро бояд қайд намуд, ки забон ба предмету ҳодисаҳои ҳақиқати объективӣ як хел ном мегузорад, ки он барои ҳамаи аъзоёни ҷамъият ба мансабу синфи онҳо нигоҳ накарда, ягона аст.

ИСТИФОДАИ НАМОИШҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Абубакров Ш. Ҷ. – ассистенти кафедраи
умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавии ДМТ

Баъд аз биступанҷ соли Истиқлолият дар солҳои охир истифодаи технологияи нави информатсионӣ дар макотибҳои олӣ ва миёнаи Ҷумҳурӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ зуд-зуд масъалагузорӣ карда мешавад. Ин пеш аз ҳама на танҳо воситаҳои нави технологӣ, балки шаклу методҳои нави таълим, нигоҳ ва диди нав нисбат ба раванди таълим мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки компютерикунонӣ ва истифодаи технологияи информатсионӣ имконият медиҳад, то системаи нави маориф ташкил карда шавад.

Воситаҳои компютерии таълим яке аз воситаҳои ин навоварӣ мебошанд. Дар ҳолати дуруст ташкил намудан технологияи компютерӣ раванди таълимро мӯътадил мегардонад, ташаккули донишҳои чуқурро таъмин менамояд, маҳорат ва малакаҳоро мустаҳкам мекунад, ва ҳамчунин ҳиссаи худро дар раванди тарбияи мутахассиси оянда мегузорад.

Дар дарси забони хориҷӣ манобеъи таълимии рақамии зерин истифода мешаванд: намоишҳо дар Power Point, таҳриргарҳои матн, ҷадвалҳои электронӣ, тестҳо, китобҳои дарсии электронӣ, манобеъи таълимии интернетӣ.

Истифодаи технологияи информатсионӣ-муоширатӣ дар раванди таълиму тарбия барои мунтазам ва мушаххас кардани таълим кӯмак мекунад, шавқи хонандаро нисбати фан зиёд мекунад, барои аз хатогиҳо холӣ шудан ёри медиҳад.

Алоқаи телекоммуникатсионии компютерӣ мутобиқ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти имрӯза ворид шуда истодааст, махсусан дар соҳаи савдо, иқтисодиёт, воситаҳои ахбори умум ва илму дониш. Инчунин истифода бурдани технологияи компютерӣ вақтро тақозо мекунад.

Истифода бурдани тахтаи электронӣ, ва нишон додани филмҳо дар он ба хотираи хонанда нақши бориз мегузорад. Ҳамин тариқ, нишон додани филмҳо тариқи тахтаи электронӣ ба шахсият як қатор малакаҳо тақвият мебахшад. Чунин намоишҳо имконият медиҳанд:

Диққати хонандагонро ба лаҳзаҳои муҳими маълумоти пешниҳодшуда ҷалб мекунанд;

Намунаи айёниятҳои маҳсулнокӣ дар шакли схемаҳо, диаграммаҳо, ва ғ. тайёр мекунанд;

Ҳамзамон ба чанд намуди хотира таъсир мерасонанд: биноӣ, шунавоӣ, эмотсионалӣ.

Яке аз барномаҳои муфид барои тайёр кардани намоишҳо ин Microsoft Power Point мебошад. Вай ба муаллим имконият медиҳад, то дар муддати кӯтоҳ намоишҳои худро созад. Намоишҳои рангоранг шавқу завқи хонандаро зиёд мекунанд. Онҳо масъалаҳои истифодаи маводи аёниро ҳал мекунанд [4:36-40].

Дар дарси забони хоричӣ асосан намоишҳои таълимӣ нишон дода мешаванд. Онҳо аз рӯи фаъолияти нутқӣ фарқ карда мешаванд (ҳамгоми омӯзиши хониш, хат, суханронӣ ва ё шунавоӣ); аз рӯи намудҳои нутқ (ҳангоми омӯзиши лексика, грамматика ва ё фонетика); аз рӯи навъҳои такягоҳ (пурмазмунӣ, маъноӣ, шифоҳӣ, тасвирӣ).

Тайёр кардани намоиш аз тарафи омӯзгор нигоҳи эҷодӣ, корҳои зиёди тайёрӣ ва дониши хуби компютериро талаб мекунад: тайёр кардани слайдҳо, ки ҳар кадоми он бояд мантиқан дар доираи мавзӯи дарс бошад. Тайёр кардани дарс-намоишҳо ин омили эҷодӣ барои муаллим аст. Муаллим дар ин радиф нақши ёридиҳандаро мебозад ва вазифаи асосии ӯ ташкил ва шавқоваркунонии раванди таълим мебошад.

Истифодаи намоишҳои PowerPoint дар раванди таълим истифодаи машқҳои гуногуни забонӣ ва нутқиро осон мекунад: муқаллидӣ, гузоришӣ, трансформатсионӣ, тазаккурӣ.

ДОМАШНЕЕ ЧТЕНИЕ НА УРОКАХ НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКА В ВУЗЕ

Эшонова Ш. Б. – ассистент общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков ТНУ

На сегодняшний день в методике преподавания иностранного языка появилось много технологий и приёмов, в которых их авторы и приверженцы видят эффективное средство сделать усвоение учащимися иностранного языка максимально удобным, лёгким и комфортным. Редко уроки проходят без ИКТ, о которых М. Ж. Расулова пишет: «Применение ИКТ на уроках дает возможность в любой момент извлечь из памяти и использовать языковой материал, относящийся к разным разделам изучаемого иностранного языка, проводить углубленное структурирование данного материала, располагать его в любой приемлемой форме, использовать цвет, анимацию, графические и звуковые возможности, регулировать динамическую последовательность их предъявления».

Также современными преподавателями взяты на вооружение активные методы обучения: они играют с учениками, устраивают дискуссии, мозговой штурм, ставят перед ними проблемы, то есть «переходят от преимущественно регламентирующих, алгоритмизированных, программированных форм и методов организации дидактического процесса к развивающим, проблемным, исследовательским, поисковым, обеспечивающим рождение познавательных мотивов и интересов, условий для творчества в обучении». Всё это несомненно справедливо, но зачастую, увлекаясь красочной, зрелищной стороной процесса обучения, мы забываем о содержании.

Мы семантизируем лексику, отрабатываем её употребление по определённым речевым образцам, формируем навыки письменной и устной речи в рамках заданных ситуаций. Это

касается как школы, так и вуза. Но не секрет, что не все выпускники школ свободно владеют устной речью, поэтому испытывают трудности с коммуникацией на иностранном языке. Им не хватает словарного запаса, фактических знаний. Им бывает сложно сформулировать свою точку зрения, потому что они не привыкли анализировать.

Вспомним, что чтение - «сложный вид рецептивной коммуникативной деятельности, в основе которой лежит определенная последовательность интеллектуально-познавательных действий, направленных на извлечение и понимание информации, содержащейся в письменном тексте».

Работа над текстами нацелена не только на контроль понимания прочитанного, отработку лексического материала и анализ содержания романа, но и служат развитию речевых умений и навыков, помогают апеллировать к своему собственному опыту, сравнивать, анализировать, являются стимулом к дальнейшему развитию личности студента. В целом можно сделать вывод, что домашнее чтение должно быть направлено на становление умений чтения и постепенно подвести учащихся к умению читать самостоятельно оригинальную литературу.

Таким образом, домашнее чтение на немецком языке обеспечивает формирование у учащихся навыка ознакомительного чтения, навыка наиболее общего охвата и удержания в памяти большого объёма информации по прочитанному тексту, умения воспроизведения и критической оценки читаемого.

Под домашним чтением мы понимаем аутентичные тексты, тематически связанные с лексической тематикой уроков, соответствующие уровню языковой подготовки обучающихся и комплекс упражнений и заданий к ним. Для школьников это могут быть аутентичные высказывания подростков-ровесников по той или иной проблеме, для студентов-бакалавров неязыковых профилей - интервью или опросы молодых людей, для студентов профиля «Иностранный язык», будет целесообразным включать в блок задания не к нескольким небольшим аутентичным текстам, а к одному аутентичному художественному произведению. Причём этот блок заданий предполагает как самостоятельную работу, так и выполнение некоторых типов заданий на занятиях.

ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ПАЖӮҲИШ

БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

АКТИВНЫЕ МЕТОДЫ И СРЕДСТВА РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ

Нагзибекова М. Б. – д.ф.н., профессор, главный научный сотрудник НИИ ТНУ

Процесс формирования опыта творческого мышления заключается в целенаправленном взаимодействии, сотворчестве педагога и учащихся в адекватных специально организованных условиях с применением необходимых механизмов, форм и методов организации занятий. Формы и методы организации занятий используются в комплексе и зависят от задач конкретного этапа формирования. Можно выделить следующие группы методов, направленных на формирование опыта творческого мышления: по способу организации учебной деятельности: структурно-логические, задачные методы. Они характеризуются поэтапной организацией постановки дидактических задач, выбора способов их решения, диагностики и оценки полученных результатов от простого - к сложному, от теории - к практике.

По формирующей направленности: методы развития опыта творческой деятельности: методы с применением затрудняющих условий: метод временных ограничений, метод внезапных запрещений, метод новых вариантов, метод информационной недостаточности, метод абсурда; методы группового решения творческих задач; методы коллективного стимулирования творческих поисков: метод мозгового штурма, синектики. Обобщенная мысль людей, направленная в единое русло, неизбежно сталкивается, переплетает десятки разномастных идей, рождая при этом оригинальные жизнеспособные решения. Один предлагает, другой развивает, третий формирует. Но каждый включается в творческий процесс придумывания.

Для прочного усвоения учебного материала целесообразно использовать такие творческие приемы как решение головоломок, составление тестов самими учащимися, отгадывание и составление кроссвордов, чайнвордов, диктанты, заполнение немой карты, саморассуждение, решение триады, создание самодельной карты, творческий рисунок по теме. Еще одной формой стратегии развития креативного мышления является техника «пятистишье», или синквейн который способствует творческому развитию ученика, заставляет его самостоятельно мыслить, творить. Данную стратегию можно использовать в качестве речевой зарядки для отработки звуков.

Элементы новизны содержатся в методических приемах, которые ориентируются на создание условий для свободного развития каждой личности. У каждого человека есть потребность в самовыражении. Это возможно через рисунки, «каракули», «зарубки» или составления «идейных сеток».

Итогом целенаправленной работы учителя должно стать воспитание творческого человека, отличающегося индивидуальностью, стремлением опираться на собственные силы, эмоциональной подвижностью, уверенностью в себе, уравновешенностью, напористостью. Как пишет Г.А.Ушаков, «социальному заказу общества наиболее полно соответствует воспитание самодостаточной личности, которая способна самореализоваться в цивилизованных рамках» [Ушаков:181].

ПРИОРИТЕТЫ ТЕСТОВОЙ ТЕХНОЛОГИИ КОНТРОЛЯ

Мухаметов Г. Б. – д.пед.н., профессор, главный научный сотрудник НИИ ТНУ

Комплексное использование тестовых и традиционных форм контроля над учебной деятельностью студентов, в конечном счете, направлено на повышение качества обучения. При продуманной организации тестовый контроль воспринимается испытуемыми как

обычный элемент учебного процесса и не вызывает отрицательных эмоций. Более того, как показывают отечественные и зарубежные психологические исследования уровень стресса при тестовом контроле значительно ниже, чем при традиционных (особенно устных) формах субъективного контроля.

К приоритетам тестовой технологии контроля относятся:

Индивидуальный характер контроля, возможность осуществления контроля над работой каждого школьника и студента, за их личной учебной деятельностью.

Возможность регулярного систематичного проведения тестового контроля на всех этапах процесса обучения.

Возможность сочетания ее с другими традиционными формами педагогического контроля.

